
Баҳроми Фирӯз
Саҳнаи гардон



## БАҲРОМИ ФИРӮЗ

# САҲНАИ ГАРДОН

### Мақола ва очеркҳо



ДУШАНБЕ
“АДИБ”
1993

ББК 84 Тоҷик 7 — 4
Ф 74

Муҳаррир Маҳбуба Сироҷева

Ф 74 Фирӯз Баҳром. Саҳнаи гардон. Маҷмӯаи мақола ва очеркҳо. Душанбе, “Адиб”, 1993, 352 саҳ.
ISBN 5—8362—0566—3

Рӯзгор худ саҳнаи гардон аст. Адиби маъруф, дорандаи ҷоизаи ба номи Айнӣ Баҳроми Фирӯз солҳост, ки дар саҳифаҳои матбуот ба аҳли маънӣ бо мақолоту мусоҳибаҳои худ дар мавзӯъҳои мухталифи рӯзгор ва вазъи кунунии ҳунар ва адабиёт, фарҳангу китоб маъруфият дорад. Хонандагони бориксанҷ “Ҳикоят чист ва чӣ тавр онро менависанд?, “Қатраҳо аз садафи андеша”, “Киро довар кунам?”, “Ғалатҳои кӯҳнаву нав” ва ғайра мақолаву очеркҳои ӯро хеле хуш пазируфтаанд.

Ин китоб аз ин зайл мақолоти адабӣ ва очерку публицистикаи шеворо фароҳам кардааст, ки адиб дар онҳо китобхонро бо асрори заҳмати адабӣ, сухан ва суханварӣ ва проблемаҳои рӯзгори иҷтимоӣ ва сиёсӣ ошно мекунад.

**Фируз Бахром**. Вращающая сцена.

Писатель, часто выступает в периодике со статьями, рецензиями о наболевших проблемах нашей жизни и литературы. Читатели хорошо помнят его статьи “Как пишется рассказ?”, “Что за тайны в поэзии Гулчехры”, “Так не делают словарей”, “В мастерской литературы”, “Не знаю кто будет судьёй”, “Новые и старые ошибки”, “Что значит хорошее стихотворение?” и т.д.

Главный замысел этой книги познакомит читателей с литературным замыслом, секретами художественного слова, взлётами и падениями, заблуждениями и открытиями в литературе и словесности. В некоторых статьях писатель разбирает рассказы и стихи начинающих литераторов, рассказывает о жизни и творчестве любимых писателей

**Ф 4702540201—311 12—93**
**М 503 (12)—93** **84 Тоҷик 7-4**
ISBN 5—8362—0566—3

©Нашриёти “АДИБ”, 1993



# МАҚОЛА, ТАҚРИЗ ВА ГУЗОРИШОТИ ДОИР БА АДАБИЁТ

# БА ИСМИ НАКӮКОРӢ

Китоби адиб аксаран бо саргузашти ӯ, бо зодгоҳи ӯ, бо одамони атрофи ӯ алоқамандии ҳавасангезе дорад. Агар шумо аз ҳаёти нависанда огоҳӣ надоред, ва ё зодгоҳи вайро надидед, мардумонеро, ки аз миёни онҳо адиб ба арсаи эҷодкорӣ омадааст, нашиносед, гумонам бисёр нуктаҳои китоби ӯро возеҳу амиқ идрок нахоҳед кард.

Махсусан, ин китобе, ки ҳоло, шумо фозили мӯҳтарам, дар даст доред, бо рӯзгори адиб сахт марбут аст.

Он намунаҳои маҳсули қариб биступанҷсолаи нигорандагии ӯро дар чандин риштаҳои номашҳури адабиёт — тарғибу ташвиқ, тақризу таҳлил, мусоҳаба, мақолоти дар мавзӯҳои мухталиф навишташударо фароҳам кардааст, ки ҳама бо рӯзгори талху ширини мо марбутанд…

Ман якуми ноябри соли 1938 дар шаҳраки Нуратои тобеи вилояти Самарқанд дар хонаводаи муаллим ба дунё чашм кушодаам. Айёми кӯдакиам дар боғи бобоям, ки пеш аз инқилоб яке аз давлатмандони маъруфи шаҳр будаанд, гузашт.

Солҳои мактабиам дар деҳаи кӯҳсори падарам — Устук гузаштааст. Дар ин ҷо ман ҳаёти деҳқононро, зиндагии бенавоёнаи мардуми деҳотро, беҳуқуқии ғуломонаи онҳоро дар ҷони худ озмудаам. Агар дар деҳа кони тилло набуд, дар солҳои ҷанг ва баъди ҷанг кулли мардуми он атроф аз гушнагӣ талаф гаштанашон як амри воқеӣ буд. Аммо мардуми бенаво баҳору тобистону тирамоҳ ҳуқуқи заршӯӣ ҳам надоштанд, ғуломони колхоз буданд. Онҳо фақат дар зимистони қаҳратун аз кори колхоз фориғ гашта заршӯӣ мекарданд.

Ман баъди хатми мактаби ҳафтсолаи деҳа ба шаҳри Самарқанд омада дар омӯзишгоҳи педагогӣ таҳсили илм кардам. Донишҷӯён дар он айём зиндагии сахт бенавоёна ва беҳуқуқона доштанд. Хӯроки мо асосан, чойу нону қанд буд. Аз деҳа дар халтаҳо нони қоқ меовардем. Ҳар сол ти-

рамоҳон ду моҳ ба пахтачинӣ мерафтем. Аксар то миёнаҳои моҳи декабр дар сармои шадид бе либоси гарм, бе пойпӯши дуруст дар азобу уқубати тоқатфарсо пахта мечидем. Музди корамон ба пули хӯрокамон мерасиду бас…

Бо ин ҳама ман аз он айёми донишҷӯиам мамнунам. Омӯзишгоҳ, китобхонаи бузургу ба тартибе дошт. Ман саравввал ҳамаи китобҳои тоҷикии онро хонда фуровардам. Чун китоби тоҷикӣ дигар намонд, китобдор, ки зани ҳалиму баҳуше буд, ба ман хондани китобҳои ӯзбекиро пешниҳод кард. Соле, ки омӯзишгоҳро хатм мекардам, дар китобхона дигар китоби ӯзбекии нахондаам ҳам намонда буд ва ман ба забони русӣ хондани китобҳои бадеъро оғоз карда будам…

Дар анҷоми охирин соли таҳсилам дар омӯзишгоҳ қабл аз имтиҳони давлатӣ маро боз як имтиҳони ҷиддӣ — рӯбарӯшавӣ бо бюрократияи беинсофи он айём пеш омад. Рӯзҳои истироҳати иди май мо чор-панҷ нафар ҳамсабақон ба деҳаҳои худ рафтему дар намоиши 1-Май иштирок накардем. Баъди бозгашт ҳамаи шариконам чун дастовез ба хонаи мудири қисми илмӣ Орифӣ — чор панҷ килогӣ ғӯлунг, мавиз, биринҷ, бурда доданду ман “гӯшам — кар, солам — хар”, гӯён тоқиро нимта монда гаштам. Рӯзи панҷуми май мудир маро ба идорааш даъват намуду истинтоқ сар кард, ки чаро ман дар чунин як маъракаи сиёсиву якдилӣ иштирок накардаам, ин аломати нопойдории маънавӣ пӯла-шӯла... Ҳангоми гуфтугӯзорам бо мудир дар хона Муллоқандов ном муаллими математика низ ҳузур дошт.

Ман саравввал адаб нигоҳ дошта хомӯш будам, аммо мудир ҳамвора таҳқиру таҳдидашро зиёд мекард. Оқибат ба ночор “кафидам”:

— Чаро шумо ҳеҷ яке аз онҳоеро, ки ҳамроҳи ман ба деҳа рафта буданд, ба ин ҷо даъват накардед. Онҳо ба шумо дастовезе оварданд! Падари яке аз онҳо раиси колхоз, падари дигаре мансабдори район… Падари ман му-

аллим аст, ба шумо хока биёрам?! — гуфтам.

Орифӣ мизро сахт муште фуровarду бо фарёду фиғон аз ҷо бархест.

— Муаллим, шунидед, ин бача маро таҳқир кард, тӯҳмат кард!.. — вай бо Муллоқандов хитоб дошт. — Баро рав, масъалаи туро педсовет ҳал мекунад…

Ман берун рафтам.

Дар воқеъ ҳам, баъди ду рӯз шӯрои педагогӣ масъалаи мудирро ҳақорат додани маро муҳокима карду директори омӯзишгоҳ Юнусӣ пешниҳод намуд, ки ман сазовори касби муаллимӣ нестам, аз сафи донишҷӯён бояд хориҷ карда шавам.

Дар тасаввур оваред, ки ман чор сол аъло хондаам, суратам дар аввали тахтаи аълочиён аст. Дар пеш фақат имтиҳони давлати мондааст!..

Он муаллимоне, ки дар имтиҳонҳо аз дониши ман мамнун, таҳсинам мекарданд — ҳама хомӯш ва сарафканда буданд… Ёдашон ба хайр, фақат муаллимаи забони русиамон Мария Аванесовна Хамперова ва муаллими адабиётамон Наимӣ оҷизона шафқат талаб карданд. Аммо аксар барои пешниҳоди директор раъй доданд. Дар он айём одат чунин буд, ки аз пешниҳоди сарвари идора сар печидан баробари тарки кори он идора буд…

Ана, аз ҳамон айём дар сиришти ман нафрат ба ҳаромхӯрӣ, ноҳақӣ, дурӯғу даға гӯё махлут гашта бошад, дар ҳар як ҳикояву қиссаам бар алайҳи ин гуна хабисон қалам мекашам, симои манфури онҳоро ба мардум ошкор менамоям.

Баъди хатми омӯзишгоҳи педагогӣ ман худи ҳамон сол ба донишгоҳи педагогии шаҳри Хуҷанд дохил гаштам. Бахши таъриху филологии донишкадаро хатм карда, як-ду сол дар он донишкада дарси адабиёт гуфтам.

Айёми донишҷӯӣ нахустин шеърҳоям дар маҷаллаву рӯзномаҳо интишор гаштанд.

Баъди ба шаҳри Душанбе омадан ба кори адабиёт

ва рӯзноманигорӣ ҷиддан машғулӣ кардам.

Шеър менавиштам, мақолаву очеркҳо интишор мекардам, ба китобҳо тақриз менавиштам, тарҷума мекардам, аз ҳеҷ як "кори сиёҳ"-и адабиёт сар намепечидаам. Дар киностудияи "Тоҷикфилм" матни қариб панҷоҳ филми комили бадеъро ба тоҷикӣ гардондаам.

Лекин он ҳама кӯшишҳои худро ман тайёрӣ ба кори ҷиддии адабӣ меҳисобам. Ҳатто баъди он, ки ҳамчун шоир ба узвияти Иттифоқи Нависандагони СССР қабул шудам, шеърҳоямро дӯстдорони шеър аз бар мехонданд, ман ҷиддан ҳикоянависӣ мекардам. Балки аз ҳамин сабаб вақте ки нахустин ҳикояамро дар маҷаллаи "Садои Шарқ" интишор кардам, аз мутолааи он хосу ом мамнуният изҳор намуданд. Ҳар як асари каму беш пухта ва бетақлид, агар онро адиб бо хуни дил навишта бошаду дарди ҷонкоҳи мардумро баён карда бошад, ногузир сабаби гуфтугузорҳо хоҳад гашт. Асаре, ки аз арзи вуҷуди худ монанди кӯдаки навзод бо фиғон огоҳӣ намедиҳад хоҳу нохоҳ асари мурда аст.

Аммо ман ҳанӯз ҳам дар сари ин ақидаам, ки агар адиб истеъдоди фитрӣ дорад, ҳамаи шаклу жанрҳои адабиёт барои ӯ ҳамчун василаи изҳори матлаб хидмат хоҳанд кард. Яъне, агар адиб истеъдоде дорад, ҳам шеъраш, ҳам мақолааш асоснок, дилнишин ва шево хоҳад буд...

Ба ҳамин нуктаи истинод такя карда ман дар ин китоб на шеъру ҳикоя, балки мақолаву тақризҳо, мусаҳабаву очеркҳои худро фароҳам кардаам, ки назари маро ба зиндагӣ ва адабиёт ифода мекунад.

Кадоме аз фозилоне давр гуфта аст, ки инсон табиатан ба зӯру нерумандии ҷисмонӣ ҷаҳд менамояд. Аммо ҳеҷ кас накӯкориро машқ намекунад. Ба фикрам, фарзанди инсонро накӯкорӣ бояд омӯхт. Ман дар ҳар як китоби деҳқонии худ ба дилҳо тухми накӯкорӣ мепошам. Вассалом.

***2 декабри соли 1991***

# ҲИКОЯТ ЧИСТ ВА ЧИ ТАВР ОНРО МЕНАВИСАНД?

(матни фишурдаи сӯҳбат бо адибони ҷавон)

“Агар ту аз ҳунар ва осори бадеъ баҳра бардоштан хоҳӣ, мебояд сараввал инсони бомаърифат бошӣ”. Ин суханонро Карл Маркс навиштааст.

Бе ҳеҷ шаке хонандае, ки маърифат ёфтааст ва завқи худро бо мутолааи нағз парваридааст, ҳар як асари адабиёти бадеъ ва санъату ҳунари нафисро аз чандин паҳлу ва ҷиҳати он дарк мекунад. Яъне, чунин хонанда баробари мутолааи як ҳикоят ҳам ба маънию ҳам ба ҳусни баёну забони нигоранда ва қаҳрамонҳо сарфаҳм меравад ва ҳамчунон ба мантиқи воқеъаҳою ақидаи муаллиф ва самти ҳаракати афкори вай диққат додан метавонад. Чунин хонандагони борикфаҳм ҳатто нуқтаҳоеро, ки адиб ошкоро нанавиштааст, хоҳанд дарёфт. Аз миёни ин гуна хонандагони борикфаҳм, қаламкашон ба миён меоянд.

Ҳар як шуғлу ҳунар, ва пешаи каму беш арзанда аз ҳаваскор тайёрӣ металабад. Ҳеҷ инсоне килки сураткаширо ба даст гирифта, ба як бор тасвире мукаммал накашидааст ва ё ҳеҷ шогирде аввалбор теша ба даст гирифта шаҳсутуни нақшине насохтааст. Ҳар як ҳунар сирри худро дорад, ранҷи машқ ва заҳмати таълим металабад. Мегӯянд, ки касби назму наср устод надорад. Хамаи адибони пешин ва имрӯзӣ устоди қаламкаши ҳаваскоранд, раҳбаладҳи беминнати ӯянд, агар вай дидаи ибратбине дорад. Ӯ аз мутолааи осори онҳо касби суханварӣ хоҳад омӯхт, ҳамаи асрори ин ҳунарро хоҳад дарёфт.

Ба ҷуз омӯхтан ва машқу таълим дар касби суханварӣ истеъдоди фитрӣ яке аз шартҳои зарурӣ аст. Истеъдоди ҳаваскор баъди навиштани ду-се шеър ва ё ҳикоя зуҳур хоҳад ёфт ва зуд ба назарҳо бармехӯрад. Бинобар

он, ҳаваскорон ҳеҷ хавотир набошанд, ки аз истеъдоди онҳо, агар он бошаду зуҳур кунад, бе ҳеҷ шаке хабар хоҳанд ёфт. Агар адиби ҳаваскор дониш ва маърифати зарурӣ дошта бошад ва аз қонуну қоидаи сухан ва суханварӣ огоҳ аст, баъди иншои ду-се ҳикояте истеъдоди ӯро пай бурдан душвор нест.

Дар таърихи адабиёт гумроҳоне кам набуданд, ки ба истеъдод надоштани худ тан надода, умри азизро сарфи нависонавис кардаанд. Агарчи баъзе мунаққидон осори онҳоро таҳсин ҳам кардаанд, вале навиштаҳои онон ба ҳеҷ кас даркорӣ надоранд. Масалан, як тан аз ҳамзамонони Чехов қаламкаши номаъруф Н.Лейкин, ки ӯро каммаърифат гуфтан натавон, қариб даҳ ҳазор ҳикоят навиштааст, вале дар адабиёт ҳеҷ таъсир ва мақоме наёфта аст ва имрӯз номи ӯро китобхонони пурмутолиа ҳам ёд надоранд.

Инак, агар шарти аввали ҳикоянависӣ — огоҳӣ аз навиштаҳои адибон, донистани забон ва қоидаи иншо бошад, шарти дигар ва асосиаш истеъдод аст. Истилоҳи “истеъдод” тафсири домандоре дорад, ки мо ҳоло аз эзоҳи он худдорӣ мекунем, то ки аз такрори гуфта хонандагони азизро дилгир насозем.

Бигирем, ки шумо ин ду шартро гузаштед, яъне аз адабиёт огоҳед ва истеъдод доред. Агар ба наср машғулед, ҳатман ҳикоят менависед. Ҳикоятнависӣ барои адиби ҷавон сармашқи суханварӣ ва пухтагӯию рехтабаёнӣ аст.

## ҲИКОЯТ ЧИСТ?

Ба ин савол адибони дунё, ҳар кадоме ба тарзи фаҳмиш ва биниши худ, вале асосан, ба як маънӣ ҷавоб додаанд, ки гуфтаи як тан аз онҳо — адиби англис Сомерсет Моэмро иқтибос мекунам. Ӯ мегӯяд: “ҳикоятро вобаста ба тӯли он аз даҳ дақиқа то як соат мутолаа ме-

кунанд ва хонанда дар он бо як шайъи (предмети) ягона ва мушаххасу муайяне, ки дар воқеоту ҳодисот печидаасту як чизи яклухтро тасвир мекунад, сару кор дорад. Ҳикоятро ба тарзе бояд навишт, ки ба он имкони ҳарфе афзудан ва кам кардан набошад". Дар ин гуфта кулли сифатҳои ҳикоят зикр шудааст. Чунон ки адиб мегӯяд, ҳикоят як лахти ибратомӯзи зиндагӣ аст.

Ҳикоят шаклу тарзҳои гуногун дорад: сюжетнок ва бесюжет, фалсафӣ, андарзӣ, дилхушкунанда ва ё ба усули муколама ё андеша, воқеӣ, хаёлӣ ва ғайра… Қаҳрамони ҳикоят гоҳ инсони некирода, гоҳе бадкирдор, ҳайвон, ашё ва ғайра хоҳад буд. Адибон гоҳе дар ду варақ ҳикоят як ҳаёти тамомро мекунанд, гоҳи дигар дар сӣ варақ як лаҳзаина ҳодисаро.

Адиб дар хусуси ҳар чизе, ки нависад, дар зимни он симои худи вай — хоҳӣ дили бузургу соф дорад, хоҳӣ ночизу нокиро, ҳамеша аён аст. Аз ин ҷиҳат метавон бо эътимоди қавӣ гуфт, ки одамони пасттинат ҳикояти хубу аъло навишта наметавонанд. "Ҳар як адиб дар осори худ ғайриихтиёр каму беш худашро тасвир мекунад." Ин суханро Ҳёте гуфтааст.

Биёем ба сари ҳ и к о я т с о з ӣ. Ҳар як воқеа ба сари худ ҳикоят нест. Қаламкаш дар асоси ҳикоят воқеаи оддӣ, вале ибратомӯзро бояд гузорад. Зиёда аз он, вай воқеаи зиндагиро аз хаёл ва таҷрибаи рӯзгори худ такмил диҳад, иловаҳо бандад, ба мақсад мувофиқ созад. Он гоҳ воқеа равшан, симои қаҳрамонҳо таъин ва барҷастаю мушаххас хоҳад буд.

Як-ду сухан оид ба тарзи иншо ва қисматбандӣ. Чунон ки пеш аз ин гуфта шуд, агар аз ҳикояти хуб ҷузъеро кам кунанд ва ё чизе бар он афзоянд, бояд дар бунёди он харобию ноқисӣ ва дар аркони он ноҷӯрию кӯтаҳӣ сар занад. Ба назари ман, ҳар як ҳикояти пухтаю саҳеҳ харсанги суфтаеро мемонад, ки тарҳу шакли хоси худро дорад ва ба он чизе афзудан ва кам кардан натавон.

Роҷеъ ба рукнҳои асосии ҳикоят. Аз дарсҳои адабиёт мо ҳама ёд дорем, ки ҳар як асари бадеъ аз се рукн ва ё қисмат иборат аст: оғоз, авҷи воқеа ва фарҷом.

Оғоз — воқеае, ки аз он дар ҳикоят амалу ҳаракат ибтидо мегирад ва рӯйдодҳои дигар сар мезананд.

Авҷ — ва ё кулминация (аз калимаи лотини "кулмен" қулла) — лаҳзаи шиддати баланди воқеа дар асар аст.

Фарҷом — вазъи ҳол ва мақому манзалати каҳрамонони асар дар саҳнаи охир ва хулосаи матлаб.

Ҳанӯз дар асри IV пеш аз мелод Арасту дар китоби маъруфи худ "Шеършиносӣ" чунин оварда аст: "Яклухт ҳамон аст, ки ибтидо, миёна ва охир дорад."

Вале аз замони Арасту то имрӯз касби суханварӣ низ такомул дид. Ҳоло адибон хуб медонанд, ки пайдарҳамии қисматҳои пешниҳоди Арасту дар ҳикоя зарур нестанд. Имрӯз адибон ҳикоятҳое навиштаанд, ки аз авҷи воқеа оғоз гирифта, сипас шарҳи он меравад. Ва ё дар баъзе ҳикоят қисмати фарҷом ба тарзи анъанавӣ вуҷуд надорад.

Аз ин ҷиҳат метавон ба ҳикояти имрӯз эзоҳи дигар дод: ҳикоят иборат аст аз баёни воқеа ва истиноду асоснокии хоса ба он.

Истиноду асоснокӣ чист? Ин таъбир силсилаи далелу ҷузъҳои хулосавиро дарбар мекунад, ки бо тасвири онҳо нигоранда моҳияти воқеаҳоро ба хонанда ба тарзи тоза ва чуқур мефаҳмонад. Агар вокеа — дили ҳикоят аст, истинод — ҷони вай аст. Истинод шаҳодат медиҳад, ки нигоранда мавзӯъ ва воқеаи ҳаётро то куҷоҳо амиқ ва возеҳ медонад.

Оид ба сухан. Бузургони илму адаб аз таъсири сухан ҳар чӣ гуфтаанд, ба назарам боз ҳам кам аст. Агарчӣ дар урф мегӯянд "ҳалво гуфтан катӣ даҳон ширин намешавад", вале агар "ҳалво"-ро чунон ки боистӣ бигӯед, даҳон ширин мешавад.

Рӯзе буд духтури ҷавоне аз ин боб ҳамсӯҳбати ман шуд. Вай аз паи таҷриба ба ду дасти ман ду ҳароратсанҷро дод. Ҳар ду ҳам 36,6 дараҷа — ҳарорати муқаррарии ҷисми инсонро нишон медод. Духтур ба ман гуфт, ки аз сари сидқ ба худ тасаввур кунед ва ба такрор гӯед, ки дасти рости шумо дар офтоб аст ва он аз офтоб гарм мешавад. Ман бо зӯри қувваи хаёл дасти худро дар офтобрӯ тасаввур карда, он суханонро такрор мегуфтам. Чӣ мегӯед, ки ҳарорати дасти рости ман аз сию ҳафт дараҷа гузашт. Баъд аз ин ба чӣ забон мегӯед, ки "ҳалво гуфтан катӣ даҳан ширин намешавад?!"

Оре, қудрати сухан андоза надорад. Ҳайфо, ки қаламкашони ҷавон ва баъзан солдидаю деринкор ҳам дар ин боб ҳанӯз саҳлангорӣ мекунанд ва дар сари ҳар каломе, ки менависанд, намеандешанд, суханро сайқал намебахшанд. Боре як нафаре, ки худро муҳаққиқи адабиёт мешуморад ва солҳост, ки аз паи ин шуғл дар такопӯст, дастнависи ҳикояти маро хонда, дар зери калимаи "дабба" дилпур аз худ хати ғафс кашида дар ҳошия эзоҳ додааст: "Бисёр дағал!" Аввало "дағал" не, муҳаққиқ калимаи "дағал"-ро ба маънии "дурушт" овардааст, ки ин ғалати машҳур аст. Маънии калимаи "дағал" қалбакӣ, сохта, макр, сақат аст. "Дағал" ва "қалбакӣ" калимаҳои ҳаммаънианд. Яъне, маро ба сохтакорӣ ва сухани ғайритабиӣ гунаҳгор кардан ҳам нашояд.

Хуб, бигирем, ки ӯ калимаи "дабба"-ро дар адабиёт дурушт гуфтанист. Ба чӣ далел? Ин калима дар урфи қариб аксари минтақаҳои тоҷикнишин ҳаст ва ба адабиёти пешину луғатҳо ҳам ворид гашта ва ҳамчун истилоҳ ва номи беморӣ дар китобҳои тибб низ омадааст.

Нигаред, ки мо як калимаи зарурии забонамонро ки ҳам дар даҳони мардум ҳасту ҳам дар осори адибони пешин ва табибон чи гуна фаромӯш кардаем.

Агар қаламкашони ҷавон бештар ба мутолаа машғул мегаштанд, маънии ҳар як калимаи кор фармудаа-

шонро боре ба таҳқиқ аз китобҳои луғат менигаристанд, аз хотирҷамъӣ ва худбоварии беҳуда гузар мекарданд, бо ин кор барои худ хеле манфиат мебардоштанд. Дар воқеъ, агар суханро мисли дурру алмос суфтан натавонем ва ё мисли марҷон ба шадда чидан аз дастамон наояд, чӣ мешуд, ки фикри худро возеҳ ва беғалат навиштанро меомӯхтем. Ин ҳунари шоистаест.

Дар иншои бисёре аз қаламкашони ҷавон, ки ба идораи рӯзномаю маҷаллаҳо фиристодаанд, тасвири тозаву мушоҳидаи амиқ ва афкори дурахшанда ҳанӯз камтар дучор меояд. Вале он навиштаҳоро хонда кас умедвор хоҳад гашт, ки аз байни онҳо суханварони дақиқкор мерасанд, агарчӣ имрӯз ном гирифтани инчунин навмашқон муҳол аст. (“Маҳол” не! Маънии “маҳол” ҷамъи “маҳал” аст). Ва ин ҳол маро агарчи каме мушавваш ва хотирпарешон медорад, вале боз ҳам умедворам ҷавонон ин панди гаронмояи Муҳаммади Иқболро дастури амал хоҳанд кард. Шоир гуфтааст:

Хештанро во намудан зиндагист,
Зӯри худро озмудан зиндагист.

***1980***

# ЧАРОҒИ МӮЪҶИЗА

(Матни суханронӣ дар маҷлиси шӯрои адабиёти бачагон)

Имрӯз аз ҳафтсола то ҳафтодсолаи мардуми тоҷик китобхон шудаст ва ҳоло ӯ он китобхони солҳои пешин нест, ки бетафовути неку бад, ҳар чизе ба дасташ афтад, бихонад. Китобхони имрӯзӣ чӣ пир аст, чӣ ҷавон ҳар яке мавзӯи мутолиа ва адибони писандидаи худро дорад, аз осори пучу беранг, аз сухансозиҳои бетаъсир парҳез мекунад, доир ба ҳар як китоби хондагиаш ақидаи худро дорад. Хулоса ӯро ба ҳеҷ ваҷҳ фирефтан мумкин нест. Чунин хонандаи зирак ва борикфаҳм ҳам адибони моро ва ҳам ноширонро хурсанд мекунад.

Нашриёти “Маориф” барои бачаҳои то ҳабдаҳсола имсол қариб чил номгӯй китоби бадеӣ нашр кард. Ин шумора дар насбати китоби бачагонаи республикаҳои дигар хеле кам бошад ҳам, нисбат ба вазъи чор-панҷ соли қабл хеле зиёд аст — даҳ-понздаҳ номгӯй китоби бачагони мо афзудааст. Боиси шодмонии мо ин аст, ки нашри китоби бачагона пайваста тамоили афзудан дорад ва агар кор ба ин сурат давом кунад, мо аминем дар солҳои наздик талаботи хонандагони мо ба китобҳои хубу марғуб ба андозае қонеъ хоҳад гашт. Нашриёт қариб сол дар миён осори ҳар яке аз адибони писандидаи тоҷикро нашр мекунад. Китобҳои Мирзо Турсунзода, Миршакар, Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Толис, Шукӯҳӣ, Гулчеҳра, Ғаффор Мирзо, Баҳорӣ, Убайд Раҷаб, Б.Ортиқов пайваста ба табъ мерасанд. Дар солҳои охир ба адабиёти бачагонаи тоҷик як гурӯҳ адибони пурғайрат омадаанд, ки имрӯз адабиёти бачагонаи моро асарҳои онҳо ғанитар кардааст ва рангу бӯи тозае бахшидааст. Инҳо Мавҷуда ва Гулрухсор, Нӯмон Розиқ, Наримон Бақозода, Озод ва Алӣ Бо-

боҷон мебошанд. Нашриёт дар солҳои охир китоби нахустини як гурӯҳ адибони ҷавони умедбахшро ба хонанда пешкаш кард ва чанд китоби дигар имрӯзҳо ба табъ мерасад, ки хонандагон ҳоло аз ин адибони ҷавон асарҳои пурмазмун чашмдоранд. Инҳо Ҷӯра Ҳошим, Муҳаммад Ғоиб, Латофат, Маҳбуба ва иддае аз ҳамсолони онҳоянд. Сифати китобҳо, мундариҷаи маънавӣ, бадеъият ва ороиши китобҳо низ пайваста беҳтар мешавад.

Бачагони Тоҷикистон ҳоло ҳар сол ба андозаи 250 ҷузъи нашрӣ китоб мегиранд, ки қариб 30 фоизи онро адабиёти рус, хориҷӣ ва китобҳои беҳтарини адибони республикаҳои бародарӣ ташкил мекунанд. Дар солҳои охир як силсила китобҳое, ки ба хазинаи адабиёти ҷаҳонӣ дохил шудаанд, ба забони тоҷикӣ дастраси хонандагон шуданд. Асарҳои Горкий — "Бачагӣ", "Ҳикоя ва афсонаҳо", Крилов — "Маймун ва айнак", Лермонтов — "Қаҳрамони даврони мо", Алексей Толстой — "Калидчаи тилло ва ё саргузашти Буратино", Ч.Родари "Саргузашти Чипполино", Лев Толстой — "Бандии Кавказ", Короленко "Мусиқачии нобино", асарҳои Гайдар, Мянд, Гауф, Мало, Пришвин, Франко ва дигар адибони маъруфи олами тамаддун нашр шудаанд, тарҷумаи ин китобҳоро аксар адибони хушсалиқа ва тарҷумонҳои моҳир ба субут расонидаанд.

Мо кам китоб нашр намекунем, бараъкс хеле кам китоб мехонем. Аз ваҷҳи ба фурӯш рафтану нарафтани китобамон. Хеле кам меандешем. Ҳатто адибонамон аз бехаридории китоби худ заррае хиҷолат намекашанд. Дар роҳи тарғибу ташвиқи китобхонӣ кӯшише намекунем.

Дар солҳои охир асарҳои зиёде аз осори адибони республикаҳои бародар ба тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудаанд. Бачагони тоҷик ҳоло китоби Абу Бакар, Янка Брил, Оганесян, Цвирка, Георгиу, Смуул, Ҷонғозиев ва дигаронро ба забони тоҷикӣ мехонанд.

Нашриёти “Маориф” соли 1978 нашри “Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик”-ро ба нақша гирифта буд ва соли 1979 хонандагон ҷилди нахустин ва ба қарибӣ ҷилди дуввуми онро ба даст гирифтаанд, ки он осори манзуму мансури давраи советиро дар бар кардааст. Ин кори пурзаҳмати нашриёти “Маориф” ба аҳли адаб равшан намуд, ки дар адабиёти бачагонаи мо ҳанӯз саҳифаҳои холӣ, мавзӯъҳои ба диққату эътибори адибон нигарон чӣ қадар бисёранд! Бале, норасоиҳо кам нестанд. Ҳанӯз ҳам шеърҳои пучу обшуста ва ба касе нодаркор, ба дили хонандаи имрӯз, ба ҳиссиёти он бетаъсир бисёранд. Аз ҷиҳати нафосат ва назокати калом ашъори бачагонаи мо хеле такмил металабад. Дар насри бачагона вазъият боз ҳам беҳӣ мехоҳад — асарҳои яклухти бачагона, ки ҳаёту таҳсили бачагони имрӯзи тоҷикро тасвир созад, ҳанӯз ба вуҷуд наомадааст. То ҳол мо аз ҳаёти мактаб ва мактабиён ки инсони ҷамъияти фардои мо, асосан дар он ҷо ба камол мерасад, дониш ва ахлоқ, ақида ва ҷаҳонбинии солим пайдо мекунанд, асари шоистае надорем. Чун сухан ба сари мактаб омад, дар ин хусус чанд андешаи худро гуфтаниам. Аввало, бояд иқрор кард, ки аксар адибони мо мактабро аз рӯи хотираҳои бачагӣ ва наврасии худ мешиносанд. Ҳол он ки мактаб ҳам баробари соҳаҳои дигари ҳаёт зуд ва қатъиян тағйир меёбад. Бинобар он ҳам, агар баъзе адибон аз ҳаёти мактаб чизе навиштанӣ бошанд, қаҳрамони худро зуд аз мактаб берун — ба лагери пионерӣ, ба деҳа ба назди бобояш, ба оғӯши табиат ва ё ба саёҳату шикор мебаранд. Дар натиҷа боз ҳамун асарҳои қолибрез, сохтаю бофта ба вуҷуд меоянд.

Мактаби мо имрӯз хеле пеш рафтааст. Программаи таҳсилро сол аз сол такмил медиҳанд, чуқуртар ва пурратар мекунанд ва асосан программа бештар ба тарафи дониш ва малакаи техникӣ майлон кардааст. Ин кор як ҷиҳати дигаре дорад, ки имрӯз бисёр муаллимони фозил

ва падару модаронро хавотир мекунад: бачаҳо ҳама чизро рӯякӣ омӯхта, дониши чуқуру асоснок намегиранд, ба андозае қобилияти мустақил фикркуниро фаромӯш мекунанд. Агар мо ба бачаҳо дар ивази маълумоти зиёду сатҳи мустақил фикркунӣ, китобхонӣ, таҳлили мустақилро меомӯхтем, барои андеша ва мулоҳиза имконият медодем, беҳтар буд. Дар саҳифаҳои матбуоти марказӣ чанд сол аст, ки мутахассисон роҷеъ ба гаронбории талабагони мактаб менависанд ва басо мулоҳизоти судманд баён мешавад. Талабагони синфҳои болоӣ ҳар рӯз 7-8 соат дар сари мизи мактабӣ менишинанд. Боз вазифаи хонагӣ. Ин аз кори якрӯзаи коргари баркамол зиёдтар аст. Ба замми ин маҷлису маҳфилҳо, машғулиятҳои дигар… Рӯзи шанбе ҳам, якшанбе ҳам онҳо ба кор банд, дар андешаи дарсу вазифаҳои хонагианд. Аз ин ҷиҳат бисёр бачагон нисбат ба мактабу дониш бепарво, асабонӣ, инҷиқ ва зудранҷанд.

Ҳам муаллимон ва ҳам адибоне, ки барои бачаҳо менависанд, имрӯз хуб медонанд, ки дар мактаб кор кардан мушкил гардидааст. Беҳтарин тамомкунандагони донишгоҳҳои олӣ ҳаракат доранд, ки ба кори муаллимӣ нараванд. Дар мактаб муаллимони мард заруранд. Бачаҳо бештар ба онҳо тақлид мекунанд, аз онҳо ибрат мегиранд. Вале дар мактабҳои пойтахтамон шумораи муаллимони мард рӯз аз рӯз кам мешаванд. Чаро ин гуна вазъият ба миён омадааст? Сабаб бисёр аст. Яке аз сабабҳо, ба фикри мо он аст, ки дар синфҳои мактаби шаҳр ҳоло 40 нафарӣ ва аз он ҳам зиёд хонандагон дарс мехонанд. Ингуна синфро дониш омӯхтан як сӯ истад, идора кардан номумкин аст. Сарфаи маблағе, ки аз ингуна синфҳои чилнафарӣ ба даст меояд, ногузир ба чораҷӯиҳои дигар — барои хонаи милицияи бачаҳо, суд ва колонияи меҳнатӣ харҷ мегардад.

Хулоса, ман гуфтаниам, ки мактаб диққату эътибори ҷиддии ҳамаи моро мӯҳтоҷ аст. Дар ин кор таъхир кардан ҳаргиз нашояд. Дар ин бобат адабиёт метавонад таъсирбахштарин василае гардад. Китобҳое даркоранд, ки на фақат аз мадҳу санои зиндагии соф бенуқсон, қаҳрамонони аз норасоиҳо ба тамом полуда — филтронидагӣ иборатанд, балки асарҳои таъсирбахши шавқовар, пурмазмун даркоранд, ки дар онҳо тасвири ҳаёти имрӯз равшан воқеӣ акс ёфта бошад. Дар паҳлӯи ҳамон бачаи аълохону фаъоли корҳои ҷамъиятӣ ва баодоб бигзор, наврасони ҳарзагард, авбошу тамокукаш, дузду риёкор, ки дар вуҷуди ҷамъияти мо хори гулзорро мемонанд, воқеӣ тасвир гарданд. Мо ба бачагон бештар ғизои ширину болаззати маънавӣ медиҳем, баъзан фаромӯш мекунем, ки нони сиёҳ ҳам хӯрдан даркор аст.

Дар ин бобат нигарони қарордоди ҳукумат ва ё идораҳои роҳбарӣ нашояд гашт. Агарчи қарордодҳо кам набуданд. Рӯзномаи “Правда” аз 17-феврали соли 1918 зери сарлавҳаи “Силоҳе, ки фаромӯш гаштааст” дар хусуси адабиёти навини бачаҳо мақола чоп карда буд. Аз сарлавҳаи он фаҳмидан душвор нест, ки ҳукумати нав адабиёти бачаҳоро дар мубориза барои идеалҳои коммунистӣ чӣ василаи тавоное мешуморад. Адабиёти бачаҳо имрӯз ҳам дар маркази диққати ҳукумат қарор гирифтааст. Қоғазеро, ки аз дигар соҳаҳо сарфа мекунанд, барои нашри китобҳои бачагона медиҳанд. Ба вуҷуди ин дар республика ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба республикаҳои дигар кам китоб нашр мешавад. Масалан, агар дар республикаҳои соҳили Балтика ба ҳар сари аҳолӣ 12-13-тогӣ китоби бачагона чоп шавад, дар мо ҳамагӣ 1-2-тогӣ китоб мерасад. Дар ин боб республикаи мо, ки кишвари дорои маърифати қадима ба шумор меравад, имрӯз аз ҳамаи республикаҳои иттифоқӣ қафо мондааст.

Аксар хонандагон савол мекунанд, ки сабаби танқиси китоб дар чист? Ҳар кас ҳар хел ҷавоб медиҳад. Гурӯҳе истеҳсолотро сабаб меоранд, ки дар ҳақиқат кораш пешрав нест, баъзеҳо қоғаз намерасад мегӯянд, тоифаи дигар адибонро гунаҳкор медонанд. Матбаа ҳоло ба талаб ҷавоб намедиҳад, аз ин рӯ китобҳои сари вақт ба чоп имзо шудагӣ муддатҳо ба табъ намерасанд, дар плани нашриёт аз сол ба сол мегузаранд. Вале қоғаз надорем гуфтан ба фикри ман чандон дуруст нест. Ҳоло ҳар як нашриёт барои ба сомон овардани хароҷоти худ як-ду китоби серхаридорро ба забони русӣ бо тиражи калон чоп мекунад. Масалан, нашриёти "Маориф" соли 1979 китоби Фенимор Купер "Охирин аз Магикан"-ро чоп кард. Агар барои сомони хароҷоти молиявӣ нашриёт ба чопи ин китоб эҳтиёҷманд намебуд, дар ивази он, яъне ба қоғази ин китоби даромадовар қариб панҷоҳ номгӯй китоби бачагона чоп мекард ва ҳар яке ба ҳисоби миёна 6-ҷузъӣ! Ин адад аз шумораи тамоми китобҳои дар як сол барои бачаҳо нашр мекардагии нашриёт афзунтар аст.

Барои афзудани адади нашри китобҳо ва бо китобҳои даркорӣ таъмин намудани бачаҳо имкониятҳои дигар низ ҳастанд, ки онҳоро ба кор андохтан манфиати зиёде меоварад. Чаро дар дӯконҳо баъзе китобҳои бехаридор мондаанду баъзе китобҳоро дастрас кардан душвор аст? Чаро адади нашри китобҳои серхаридор ва камхаридор то ҳол, асосан баробар аст?! Комиссияи таъини адади нашр дар назди Комитети Давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои матбуот, полиграфия ва савдои китоб мебояд ба ин ҷиҳати масъала ҷиддан эътибор диҳад. Зеро дар мо умуман китоб танқис нест, балки китоби хуб танқис аст.

Ба ғайр аз ин, барои бачаҳо дар республика нашри китобҳои рангаю офсетиро қатъиян зиёд кардан зарур аст. Дар ин бобат низ мебояд саъю кӯшиши зиёде ба кор барем.

Китобфурӯшӣ дар деҳот ғолибан ба ихтиёри шахсони дар ин кор бевуқуф афтоданаш кайҳо боз мо — адибонро дар ташвиш овардааст. Ҳар замон аз гӯшаю канорҳои мухталифи кишварамон хабар мерасад, ки фалон китоби нодир, ки дар дӯконҳои пойтахт ду-се рӯзе беш набуд, дар фалон деҳа ва ё касаба зери ғубор мондааст. Дарвоқеъ ҳам ин ҳол аламовар аст. Китобе, ки ҳазорҳо хонандагон дар ҷустуҷӯи он овораанд, дар гӯшае бехаридор хорӣ мекашад.

Агар ин китобҳо ҳеҷ набошад, дар дӯкони маркази рай-онҳо мебуданд, аз чашми китобдӯстон пинҳон намемонданд.

Роҷеъ ба ороиши китобҳои бачагона имрӯз эродҳо кам нестанд ва гиламандии хонандагон дар ин хусус ҷоиз аст. Аввало, матбааҳои мо суратҳоро чунон ки дар асл ҳаст, хушсифат чоп намекунанд. Чопи китобҳои ранга баъзан солҳо тӯл мекашад. Бо муқоваҳои сахту бадошт ҳам ҳол ҳамин аст. Ба ғайр аз ин то ҳол рассомон-ороишгарони китобҳои тоҷикӣ хеле каманд. Рассом ҳамон вақт суратҳои пуртаъсири мазмуни китобро пурра мекардагӣ мекашад, ки агар вай забони асарро фаҳмад, онро худаш хонда тавонад. Афсӯс ки бисёр рассомони мо аз рӯи нақли муаллиф ва ё муҳаррир барои китоб сурат мекашанд.

Имконияти нашри китоб ҳар қадар фаровон бошад, ҳар кадаре, ки бисёртар китоб нашр кунем, ба ҳамон андоза китоби мо, гуногунжанрии он зиёд мешавад. Чунон ки дар урфият мегӯянд, аввал гала кун, сонӣ сара кун. Ҳеҷ чизе ба дили бачагон, ба шуури онон ба мисли китоби хубу пурмазмун таъсири амиқ ва бардавом расонда наметавонад. Рост гуфтаанд, ки китоб чароғи мӯъҷиза аст. Аммо ин чароғи мӯъҷиза ҳоло мисли чароғи Аловаддин ноёб бошад...

***1980***

# МУСОҲИБА БО МУХБИРИ РӮЗНОМАИ “КОМСОМОЛИ ТОҶИКИСТОН”

## ПАЙВАНДИ ГУЛМУРОД

Мухбир: Қабл аз ҳама, ҳаминро пурсидан мехостам, ки хонандагони шеъри шумо кам набуданд…

Адиб: Чаро ба насрнависӣ шурӯъ кардам?

Мухбир: Бале, хонандагони рӯзнома сабаби инро мепурсанд.

Адиб: Ба адабиёти мардуми ҷаҳон нигаред: хеле бисёр адибон ҳам шеър гуфтаанд, ҳам наср навиштаанд, дар ҳамаи жанрҳо ва навъҳои адабиёт асар эҷод кардаанд. Шеър бештар эҳтироси гармро мепарварад ва ман дар айёми ҷавонӣ асосан шеърҳоямро ба нашр мерасонидам. Чунон ки гуфтед, хонандагони шеъри ман кам набуданд. Боре шоир Гулназар духтараки донишҷӯеро ҳамроҳаш ба идора оварду ба ман шиносо карда гуфт: “Ин кас китоби шеъри шуморо аз ёд медонанд”. Он духтар, ки донишҷӯи дорулфунун будаст, дарвоқеъ аксари кулли шеърҳои китоби аввалини ман “Розҳои маҳтобшаб”-ро аз ёд медонист. Сонитар ман ингуна ҳаводорони шеъри худро дар маҳалҳои дигар ҳам пайдо кардам. Ҳар матоеро харидорест, шеъри ҳар як шоир талабгоре дорад, яке бештар, дигаре камтар.

Мухбир: Бо ин ҳама шумо чаро шеъргӯиро бас кардед, сабаби ин ҳол фақат ҷозибаи наср аст?

Адиб: Ҳанӯз тамоман бас накардаам. Мехоҳед як шеъри тоза хонам?

Мухбир: Кошкӣ.

Адиб: Ҳар гоҳе мавзӯъи шеър ояд, шеър мегӯям. Ашъори чоп нашуда бисёр дорам. Аммо наср машғулияти ҷиддӣ менамояду бештар маро ҷазб кардааст.

Мухбир: Ба хонандагони худ аз қадамҳои нахустинатон ба арсаи адабиёт хабар медодед.

Адиб: Дар ҷавонӣ ҳар яке аз мо андаке шоир аст. Агар феълан шеър нагӯяд ҳам, эҳтирос ва шавқу завқи ҷӯшоне дорад. Ин эҳсоси сӯзон мубтадои ҳар як эҷодкорию бунёдкорӣ аст. Ман ҳам дар ҷавонӣ як ҷуволи пурпур аз орзу будам. Он солҳо қариб нисфи донишҷӯёни факултети филологии дорулфунуни шаҳри Хуҷанд адибони ҳаваскор ба шумор мерафтанд. Вале дар дили ман нисбат ба шеъру шоирӣ орзуҳои дигар устувортар буданд. Ин қисса дароз аст ягон бори дигар, чун мавридаш ояд мегӯям. Хуллас, ман ба касби шеър сонитар машғул шудам. Сараввал устод Раҳим Ҷалил ва сонитар устоди шодравон Боқӣ Раҳимзода ва инчунин дигар шоирони он давр дасти маро гирифта дар ин ҷода басо дилпуриам бахшиданд.

Мухбир: Дар хусуси аз назм ба наср гузаштанатон чӣ мегӯед ?

Адиб: Ба фикрам, шеър меваи эҳсос аст. Шеър суруд аст, ҳикмат аст, ҳар чӣ гӯед, ҳамон аст, вале тасвири возеҳи зиндагиро дар он намебинед. Шеър хулосаест аз зиндагӣ, вале на худи зиндагӣ аст. Романҳои Балзакро хонда, сурати зиндагии асри ӯро равшан мебинед, вале шеъри ҳеҷ як шоир портрети асру замони ӯро бо ин возеҳӣ намеёбед. Дар назари ман наср тӯпи дурзанеро мемонад. Хонандаро ташвиқ насохта, балки ба воситаи тасвир бовар мекунонад, дар қалби ӯ эътиқоди чуқур ба вуҷуд меорад.

Овони ҷавониам, қабл аз шеъргӯиҳо ман як-ду ҳикоя навишта будам. Аз афти кор, норасогии таҷрибаи зиндагӣ дар ҷавонӣ кори худро кард. Ҳикояи нахустини маро як нафар муаллими ҷавони адабиёт хонду гуфт: “Шумо ҳанӯз аз қоидаҳои наср бехабар барин. Образи манфиро кӣ ин хел портрет додааст?” Сипас вай ҷумлаи маро

хонд: — “Ҷавони хушандом, лабонаш ҳамеша ба табассум моил, дар ҳузури калонсолон ҳамеша дасташ ба сина — боодоб...” Ин тавр намешавад, — ҳукм кард муаллим”. Ман оҳиста эътироз кардам: “Агар риёкориаш дар авзояш аён бошад, вай мардумро фирефта наметавонист”. Вале дар даъвои худ устувор набудам. Сонитар донистам, ки ингуна усул дар адабиёт маълум будаст ва онро “вобастагии акс” мегуфтаанд. Вале дар он айём бо ситеза дастгоҳи нависандагиро бастам. Баъди он ки ду китоби шеърам чоп шуд, шавқи ҳикоянависиам боз маро беқарор кард. Ин дафъа устодони мӯътабари ман Фазлиддин Муҳаммадиев ва Муҳаммадҷон Шукуров бо сабру тоқати зиёд нуқсонҳои маро ислоҳ мекарданд, ба ман дарси нависандагӣ медоданд. Оқибат, рӯзе Фазлиддин Муҳаммадиев баъди хондани дастнависи як ҳикояи ман ба идораи журнали “Садои Шарқ” омада, маро табрик карданд ва гуфтанд, ки бо ин ҳикоя ман расман ба сафи нависандагон даромадам. Ин воқеа соли 1971 буд ва он ҳикоя “Бобо” ном дошт.

Мухбир: Дар хусуси повести “Рухсора” ҳам хонандагон ва ҳам мунаққидон фикру ақидаи гуногун доранд. Гурӯҳе мегӯянд, ки ин қисса қисман аз саргузашти худи шумо аст. Дар ин хусус чӣ мегӯед ?

Адиб: Баъзе адибон мегӯянд, ки саргузашти худро ҳаргиз навишта наметавонанд, воқеаи ба он монандро менависанд. Баъзе баръакс, саргузашти худро ҳамеша бо иштиёқ менависанд ва аз фошофош баён кардани он намеҳаросанд. Ман бештар ба гурӯҳи дуюм тааллуқмандам. Аммо танҳо саргузашти як нафар инсон, бе обу ранги тахайюл ҳаргиз асари бадеъ нахоҳад шуд.

Биёем ба сари қиссаи “Рухсора”. Он фақат қиссаи ошиқона нест, балки дар он масъалаҳои гуногуни ахлоқ, маърифат, коргузорӣ дар бобати усули таълим, одату анъана, муҳофизати муҳит ба муҳокимаи хонанда гузо-

шта шудааст. Ба фикрам, хонандаи соҳибтаҷриба аз он қонеъ хоҳад гашт, бинобар он, баъди интишори он қисса дар маҷаллаи “Садои Шарқ” хонандагон бетоқатона китоб шудани онро интизорӣ кашиданд. Инак, порча аз мактуби як нафар хонанда аз шаҳри Кӯлоб: (айнан).

“...Ҳар як донишҷӯ баъди хонда шудани повест ба фикру андеша ғӯта мезанад. Мақсад аз ин мактуби ман он аст, ки чаро дар давоми як солу ду моҳ повест дар шакли китоби алоҳида чоп нашуд, донистан мехостам...”

Доир ба повести “Рухсора” ман аз хонандагон мактуби зиёд гирифтам. Аз мамлакатҳои хориҷӣ, ҳатто аз китобхонаи конгресси ШМА талабнома гирифтам. Вале мактуби хонандагони оддӣ, деҳқону донишҷӯ, муаллиму коргар, инженеру духтурон барои ман аз ҳама азиз аст ва ният дорам ягон рӯз аз навиштаҳои онон китобе мураттаб созам. Китоб аз номаҳои хонандагон!

Чун сухан аз номаҳои хонандагон рафт, аз мактуби як гурӯҳ духтарони районии Совет нақл кардан мехоҳам, зеро онҳо бо ман сари баҳс доранд. Раҷабгул Раҳимова ва дугонаҳояш навиштаанд:

“...Повести “Рухсора” хонандагонро беандоза хурсанд кард. Ба фикри мо шумо ғалабаи ишқро ба ҷаҳолат, нодонӣ, урфу одатҳои кӯҳна дар повест дақиқ ва устокорона ба қалам додаед. Вале... на духтар ва на писар дар асар иродаи қавӣ надоранд... тақдирашонро худашон ҳал накарда, ба кадом як тақдирҷунбон нигоҳ карда меистанд...”

Нақли мактуби онҳоро дар ин ҷо қатъ карда, мехоҳам ба ин эрод ҷавоб гӯям: қаҳрамонони повест чандон беирода нестанд. Агар сустирода мебуданд, аз ин қадар сахтӣ ва нобарориҳо ноумед гашта, аз баҳри ин савдо мегузаштанд. Иродаи онҳо намоишкорона зоҳир наёфтааст, ба монанди ҳамаи ҷавонони фурӯтан ва сидқӣ орому пуртамкинанд, зоҳиран хомӯш, вале дили пуртуғён

доранд. Рухсора дар аввал андаке дудилагӣ дошт, вале дар охир тамом дигар шуд. Дар ҳаёт ҳамаи духтарон ба як меъёр фаъолу ҳақталош ва раҳбалад нестанд-ку! Рухсора духтари шармин, вазнин, мулоҳизакор аст.

Раҷабгул Раҳимова ва дугонаҳояш дар номаи худ пурсидаанд: "...оё ин асарро давом додан мункин аст?" Қаҳрамонони ман зиндаю саломат, ҳаёти онҳо ҳанӯз дар пеш аст. Бинобар он, қиссаи муҳаббати онҳоро идома додан мумкин, вале ман алҳол нияти ба ин мавзӯъ баргаштанро надорам.

Духтарон дар охир навиштаанд:

"...Маълуми мо нагашт, ки повест фикри хаёлии нависанда аст ё воқеаи ҳақиқӣ?"

Бо ин савол дар оғози сӯҳбат ҷавоб додам.

Мухбир: Соли гузашта дар шумораҳои 5-6-уми маҷаллаи "Садои Шарқ" повести дигари шумо "Ту танҳо не" чоп шуд. Мавзӯъ ва материали ин қиссаро хонандагон аз шумо чашмдошт набуданд. Зеро шумо шахси аз илми маъданшиносӣ ва кори маъданҷӯён дур ҳастед. Повест дар бригадаи маъданҷӯён рӯй дода, қаҳрамони шумо кӯҳкану геологҳоянд.

Адиб: Ин қисса ҳам саргузашти воқеӣ аст. Тирамоҳи соли 1975 ман ҳамроҳи як дастаи маъданҷӯён ба кӯҳҳои Тавилдара, соҳилҳои рӯди Оби Хингов, то наздикиҳои пиряхи Гармо рафта будем. Ба ман муяссар шуд, ҳамкоронам дар асл кию чӣ буданамро надонанд. Агар нависанда буданамро медонистанд, ман хеле чизро бой медодам. Ин қисса аз таъсироти ҳамин ҳамкорӣ. Албатта бе тайёрӣ, илми геологияро наомӯхта танҳо аз материали зиндагӣ образҳои каму беш мукаммал ва асари ҷиддӣ офаридан амри муҳол аст.

Қаҳрамонони асосии ин қисса ҷавони аз конкурси Институти тиббӣ нагузашта, дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрон истодааст. Ҳар сол ҳазорон ҷавонон ба ин ҳол дучор ме-

шаванд. Баъзе рӯҳафтода ва малул, гурӯҳе аз бахту барори худ ноумед ҳам мегарданд. Ман барои ингуна ҷавонон, барои онҳое, ки дар ҳаёт мавқею мақом ва ҷодаю ҷавлонгоҳи худро меҷӯянд, ин қиссаро навиштаам. Қаҳрамони ман Илҳоми бебарор кору эътибор ёфт, ба худ боварию эътимод пайдо кард, умеди қавӣ, муҳаббат ва саодат ёфт, ман ӯро ба роҳи мақсад андохтам.

Мухбир: Баъзе аз хонандагон баъди мутолиаи ин қисса ба чунин ақида омадаанд, ки дар роҳи баландкӯҳ Илҳомро танҳо монда пеш рафтани ҳамроҳонаш дилсахтии ба одамони мо хос нест. Шумо ба ин чӣ мегӯед?

Адиб: Одамоне, ки дар чунин муҳити сахт кор мекунанд, андаке нотарошидаанд, бетакаллуф ва бебоку ҷасуранд. Ман ин лаҳзаро набофтаам, балки воқеист. Дар кӯҳсор баъзан дилсахтиҳои аз ин ҳам дилфишортарро гувоҳ будам.

Мухбир: Шумо вазифаи адабиётро дар замони мо аз чӣ иборат мешуморед? Масъалаи асосие, ки дар назди он истодааст, ба фикратон аз чӣ иборат аст?

Адиб: Адабиёти солим, адабиёти пешқадами равшанфикрон дар ҳамаи давру замонҳо барои некӣ ва накӯкорӣ, барои тавфиқ ва такмил ёфтани инсон, аз ҳар олоише пок гаштани он мубориза дошт. Адабиёти мо ин анъанаи муқаддасро давом медиҳад. Имрӯз, ба фикри ман, адабиёт беш аз ҳар вақт бояд барои тарбияи ҳиссӣ-маънавии инсон, барои пойдории накӯкорӣ, ростию поктинатӣ, дӯстию рафоқат талош созад. Ман аз навиштаҳои худ ҳамин талабро дорам. Ҷаҳдам бар он аст, ки дар ин мубориза сухани бурро ва таъсирбахштаре гӯям, зеро ҳар асаре, ки бо шавқу рағбат хонда намешавад, сарфи назар аз ғояи олӣ, фикри бикр, мавзӯи обнарасида ва ё фасоҳату назокату муҳиммияти мавзӯяш вазифаи худро адо карда наметавонад. Дар мусобиқа бо кино ва телевизион

барин васоили пуртаъсир адабиёт бояд мақоми худро аз даст надиҳад.

Мухбир: Саволи охирин ҳамчун одат доир ба нақшаҳои эҷодиатон. Дар ин бобат агар ба шунавандагон ва хонандагони худ сарахборе менамудед…

Адиб: Аз нақшаҳои худ сухан гуфтан ҳамеша мушкил аст. Чунон ки адиби маъруф Расул Ғамзатов фармудааст, камон ба даст ба раҳи шикор баромада, кас намедонад чӣ сайде мегирад. Ман ҳам пайваста ҷустуҷӯ ва takопӯйҳо дорам, орзумандам монанди дӯстон ва ҳамқаламони пуркорам китобҳои дилписанд нависам. Алҳол, ҳамин қадар гуфта метавонам, ки имрӯзҳо повести наверо навишта анҷом додам. Ин қисса, ки “Тору пуд” унвон кардаам, аз садоқат ва фидокории зани тоҷик ҳикоят мекунад. Зани оддӣ, ки аз дигарон ҳеҷ тафовуте надорад, ҳамин ки дар зиндагиаш сахтие пеш омад, чунон хислатҳои ҳайратангез, сифатҳои оличанобе зоҳир мекунад, ки ҳар яке аз моро ба андеша водор месозад то муносибати худро ба атрофиён боре амиқтар биандешем.

Ба ғайр аз ин, ман адиби ҳикоятнависам ва пайваста ҳикоя менависам. Ҳикоя дар насри солҳои охир мақоми хосае дорад. Дар назар чунин меояд, ки адабиёти тоҷик фақат аз рӯи ҳикоя бо адабиёти пешқадами дигар миллатҳо ҳамсарӣ кардан метавонад. Ҳайфо, ки муҳаққиқону мунаққидони тоҷик ҳанӯз аз ин равнақ ё огоҳӣ надоранд ва ё фурсати таҳқиқи онро наёфтаанд. Ҳаками мӯътабар боз ҳам айём аст ва хонандагони мӯътабаранд.

Мухбир: Ба шумо сиҳатӣ ва барори кор орзумандам.

Адиб: Ташаккур ба шумо.

***1981***

# МАРДИ КӮҲДИЛ ВА КӮҲПАЙКАР

Муаллим Мирсаид Миршакарро дар Тоҷикистон аз ҳафтсола то ҳафтодсолаи мардуми тоҷик мешиносанд. Ҳама аз хурдӣ бо шеърҳои шоир ошноем. Осори муаллим борҳо ба забони русӣ ва забони халқҳои дигар тарҷума шуда, дар кишварҳои дуру наздик интишор ёфтааст. Муҳаққиқони адабиёт мақоми шеъри шоирро дар адабиёти тоҷик кайҳо муқаррар кардаанд. Ман дар ин мавзӯъ сухани тозае надорам.

Шоирон бисёранд ва бисёр касон худро шоир мепиндоранд, бехабар аз он, ки шоир қаблан инсони комил, инсони бузург аст. Муаллим Миршакар на фақат шоири ҳассос, балки инсони бузургдиланд, ки ҳар як амали он кас барои мо шогирдон ҳавасангез ва ибратомӯз аст.

Шоирони сухансанҷ кам нестанд, вале на ҳамаро метавон бо меҳр ва эҳтироми самимӣ ном бурд. Дарвоқеъ, агар шоири шаҳир осори муосирони худро нахонад ва аз ӯ ба онон маслиҳате барнаояд, ба бурду бохт, ба дарди адабиёти давр бепарво бошад, чи гуна метавон ӯро адиб ном бурд? Ё худ бигирем, агар шоири номвар фақат дар ғами худ аст, ӯ чӣ шеъри дилрас гуфта метавонад?! Бузургон гуфтаанд, ки инсон дар ҳаёт ҳар чизеро писандад, ба ҳамон чиз табдил меёбад.

Аз ин лиҳоз муаллим Мирсаид Миршакарро мо ҳама адибони ҷавону миёнсоли тоҷик бо эҳтироми тамом “устод” мегӯем.

Аз он айёме, ки толеъ маро мадад карду ба шиносоии муаллим шарафманд шудам, хуб медонам, ки устод осори ҳамаи адибони тоҷикро чӣ пиру чӣ ҷавон ба тааммуқ мутолиа мекунанд.

Борҳо воқеъ афтодааст, ки ман таҳсин ё сарзаниши лутфомези эшонро шунидаам ва ҳар боре баъди он суханон рӯзу шабҳо андешидаам, ба навиштаҳои худ ҷидди-тар, аз дур назар афкандаам. Мехоҳам чанд лавҳаеро хотира кунам:

Соли 1968 буд. Баъди симпозиуми назми мардумони форсизабон, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гашта буд, шоирони ҷавони тоҷик дар пайравии ба ном “шеъри нав”-и шуарои Эрон шеър гуфтан оғоз карданд. Мисраъҳо дарозу кӯтоҳ, бандҳо бенизом, қофия харобу нотаъин, мазмун - гаҳ аз осмон меомаду гаҳ аз ресмон. Дигаронро намедонам, вале ман ҳис мекардам, ки ин тарзи гуфтор аз талабҳои ботини ман сар назадааст ва ин суханон сухани дили ман нестанд. Ба дил инчунин шубҳа шеър мегуфтам, вале равшан намедонистам, ки хонандагон меписанданд ё не. Ҳаводорони шеъри тоҷик ба ҷӯр ва ҳамоҳанги мисраъҳо, ба зарбу оҳангдории қофияи мураттаб ва маъниҳои ба воқеият наздикро меписанданд ва завқи ононро бо инчунин шеър парвардаанд.

Устод Мирсаид Миршакар аз ҳама пештар ба кӯмаки ман расиданд. Боре ду-се шеъри ба ин равия гуфтагиамро хонданду норозиёна сар ҷунбонда гуфтанд:

— Лӯккаро ёд мегирам гӯён аз йӯрғаат намонӣ… Аввал дар усули анъанавӣ ба пояе бирас, агар имконияти он тангӣ кунад, вазну қофия ва тартиби мисраъҳо барои баёни маънӣ монеъ шаванд, сипас озмой…

Дарвоқеъ, ман он айём муддате сарҳисоби корамро гӯё аз даст дода будам, заминаи шеъри тоҷикиро гум карда, саргардон худро ба ҳар сӯ мезадам. Суханони муаллим маро дубора ба даври меҳварам — ба кӯи шеъри асили тоҷикӣ боз оварданд.

Оре, муаллим марди некбин ва оқибатандешанд ва аз ин рӯ ба бурду бохти адибон беparво нестанд.

Чунон, ки гуфта шуд, дар адабиёти тоҷик адибоне, ки осори муосирони ҷавону ҷавонтарини худро аз пеши худ пайваста мутолаа кунанд, хеле каманд ва муаллим аз ҷумлаи он нодирони давранд.

Соли 1970 дар маҷаллаи “Садои Шарқ” нахустин ҳикояи ман ба унвони “Бобо” нашр шуд. Доир ба он ҳикояи нахустин пеш аз ҳама метавон гуфт, ки муаллим Миршакар изҳори ақида карда буданд. Як хислати ҳамидаи муаллим ин аст, ки пайваста осори шоиронро ва нависандагонро, чӣ хурду чӣ бузург мутолаа мекунанд. Дар чунин айёме, ки баъзе адибони мансабдор мусаввадаи адибонро барои хондан мегиранду гум мекунанд, дар ягон ҷо фаромӯш мекунанд, ман ин сифати оличанобии муаллимро, ки вазифадор набошанд ҳам, аз пеши худ осори шогирдонро мехонанд, фикрашонро мегӯянд, агар он асар писандашон ояд, сидқан табрик мекунанд, дар ҳар як мавриди мувофиқ аз ин хусус сухан мегӯянду диққати аҳли маъниро ба он ҷалб кардан мехоҳанд, махсус зикр кардан мехоҳам. Дар замони мо хеле кам касон чунин хислати ҳамидаро доранд.

Дар айёми мо, ки аҳли маънӣ инқилоби илмию техникӣ ном кардаанд ва суръати амал бағоят тунду тез аст, андаке сухани дилбардор ва қадршиносӣ ба бузургу ба хурд зарур аст. Ҳайфо, ки бисёр касон ин ҳақиқатро ба ёд намеоранд. Муаллим Мирсаид Миршакар ҳамеша аз рӯи ҳамин ақида амал мекунанду сухан мегӯянд.

Устод Миршакар солҳост, ки ҳамчун раиси Шӯрои адабиёти бачаҳо ва наврасон ин адабиётро аз олоиши навиштаҳои беҳунарона зиракона ва босубот нигаҳдорӣ мекунанд. Вале баъзе аз адибони мо, чунон ки мегӯянд бо ҳазор нағмаи дутор осори хому халтураи ҷӯраю ҳамдиёрони худро нашр карданӣ мешаванд ва аксаран ба ин мақсади худ ноил ҳам мегарданд. Вагарна шеъри бачагон

имрӯз ин қадар беқадру бехонанда намегашт, китоби адибон касод намешуд.

Боре дар шӯрои адабиёти бачаҳо Убайди Раҷаб китоби ашъори Нақиб Саид ном шоирро ба чоп пешбарӣ кард. Муаллим бар асари бетобӣ онро нахонда буданд, бинобар он, аз ман пурсиданд:

— Ту дастнависро хондӣ? Фикрат чист?

— Нахондаам ва намедонам, — гуфтам ман.

Муаллим ба аъзои шӯро рӯ оварданд:

— Баҳром хонад, сонӣ пешниҳод кунем...

Дарвоқеъ, шубҳаи муаллим ин бор ҳам асоснок будаст. Он китоб ҳанӯз шоёни ба чоп пешбарӣ кардан набуд. Бо маслиҳати рафиқон муаллиф онро як-ду бор гаштаю баргашта аз нав таҳриру такмил кард.

Муаллим Миршакар ҳамчун адиби ҳунарвар, ҳамчун инсони бузургдил ҳамеша дар пешсафи мубориzонанд. Барои осори пухтаву солим, барои мазмуни баланду борик талош мекунанд, бо беҳунарону коҳилон, номпарварону худписандон аз як тараф, аз тарафи дигар бо дарду бемории солмандона пайваста талош доранд. Чунон ки яке аз файласуфони пешин гуфтааст, ҳунарвар будан ва бемор набудан имкон надорад. Ман дар ин талоши муборак ба устоди кӯҳдилу кӯҳпайкар ҳамеша зафармандӣ хоҳонам.

***1982***

# КИРО ДОВАР КУНАМ?

Тарҷумаи осори бадеъ аз як забон ба забони дигар хизмати шоиста ва кӯшиши хуҷастаест. Тарҷумон имрӯз ба масал чун пули азим дилҳоро ба дилҳо ва зиёда аз он халқҳо ва кишварҳоро ба ҳам пайванд мекунад ва ошноию қаробат медиҳад. Мӯъҷиби хурсандист, ки солҳои охир тарҷумонҳои адабиёти бачаҳо ва наврасон хеле пуркоранд. Осори зиёде аз назму насри адабиёти рус ва халқҳои дигари Иттифоқи Советӣ ҳамчунон аз осори адибони мамолики дигари олам ба тоҷикӣ тарҷума шуданд ва ин амал рӯзафзун аст.

Рӯзномаи “Маданияти Тоҷикистон” дар боби сифати тарҷумаи адабиёти бадеъ гуфтугузори судманде оғоз кард. Тарзи муайян ва мушаххаси ин гуфтугӯҳо умедворӣ мебахшад, ки андаке бошад ҳам, садди селоби харобкори тарҷумаҳои камсаводон мегардад.

Тарзи баёни хароб ва дағали хеле аз осори тарҷима пеш аз ҳама ба хонандагони ҷавон ва наврас таъсири касофатбор дорад. Ва баръакс, ҳар як ҷумлаи рехтаю суфта, ҷарангдор ва дилрас ба дилу ба хотираи хурдон нақше аз завқи солим мениҳад. Зеро каломи модарӣ барои бачаҳо сароғози меҳри ватан, ибтидои садоқат ба мардум аст: Педагоги заковатманд Сухомлинский ин маънӣ гуфта аст: “Инсоне, ки забони модари худро дӯстдор нест, инсоне, ки дили ӯро каломи модарӣ ба туғён намеоварад — бадзотест, ки аз тоифаи худ ҷудо афтода аст”. Барҳақ, дар ҳамаи замонҳо ва давронҳо мардони соҳибдил ва оқибатандеш, ватанпараст ва мардумпарвар ба ҳар васила каломи модариро аз харобӣ ва олудагиҳо покиза доштаанд.

Дар муколамаи худ бо мутарҷим Шариф Шараф муҳаққиқи адабиёт Ҳамроқул Шодиқулов дуруст овардааст, ки дар нақшаи нашриёти “Маориф” адабиёти

тарҷумавӣ мақоми шоиста дорад. Инак, миқдоран равнақи дилхоҳи китоби тарҷумавӣ барои бачаҳо насиби мо гаштааст.

Мутарҷим Шамсӣ Собир аз чӣ бошад “вазъияти тарҷумаи адабиёти бачаҳо (шояд “адабиёти тарҷумавӣ барои бачаҳо” гуфтан сеҳеҳтар будагист? — Б.Ф.) аз ҳама ташвишовар аст”, мегӯяд. Ба гумонам, ӯ сифати тарҷумаро ба назар гирифта аст, киислоҳи он ҳамдастӣ ва фаъолиятмандии ҳамаи моро тақозо мекунад. Шамсӣ Собир дар боби сифати тарҷума ҷиддан, дилсӯзона басо афкори муфид баён кардааст. Мақолаи мутарҷим бештар диққати маро ба худ гирифт. Шамсӣ Собир тарҷумони бориксанҷ ва пухтакор аст ва хизмати ӯ дар ин арса ба назар намоён аст. Вале баъзе аз афкоре, ки дар мақолааш ӯ баён кардааст, бо ҳақиқат ҷуфт наомад ва аз ин хусус ба тариқи иҷмол гумони худро изҳор карданиам.

Чунин тарҷумони кордида мебоист дар домони мубоҳаса низ андешаҳои пухтаву санҷида баён мекард. Бубинед, ки мутарҷим аз рӯи тарҷумаи як ҳикоя, ки он ҳам дар матбуоти рӯз ба нашр расида аст, адиби ҷавон Саттор Турсунро “хусусиятҳои услубии нависандаи бузургро (Лев Толстой — Б.Ф.) дар тарҷума нигоҳ дошта тавониста аст” мегӯяд. Баъди инчунин даъво, ман бори дигар он тарҷумаро варақ задам ва иқрор кардам, ки он матн чандон пухтаю саҳеҳ наомадааст. Зотан, пай бурдам, ки барои ҳамаи сифатҳои зубдаи асари чун Толстой суханвари заковатмандро дар тарҷума нигоҳ доштан мебояд, ки тарҷумон ҳеҷ набошад чоряки иқтидори он бузургворро дошта бошад. Аз далел қотеътар чӣ ҳаст?!

Дар матни асл: “— Погода поправится, может быть, путь установится, и тебе бы лучше стало: мы бы поехали все вместе”.

Тарҷума: “— Зимистон дарояд, роҳ айни муддао мешавад. Худат ҳам то он вақт дам гирифта сабукӣ меёбӣ. Баъд, ана, ҳамаамон меравем”.

Инак, худатон мулоҳаза фармоед: дар матни асл на “зимистон дарояд” ҳасту на “роҳ айни муддао мешавад” ва на “дам гирифта сабукӣ меёбӣ”.

Инак, боз чанд ҷумларо иқтибос мекунам:

Дар матни асл: “— Эх, сапоги важные! Дай помажу… Даром отдал?”

Дар тарҷума: “— Мӯзаи нағз! — гуфт. Биё, равған кунам.”

Тарҷумон саволи фойтунчӣ “Даром отдал?”-ро билкул партофтааст. Ҳол он ки давоми сухан, яъне, кинояи фойтунчии дигар маҳз ба он савол марбут аст. Чунин беэътиноӣ ба матни адиби заковатманд беҳурматист ба адабиёт, хоса агар инчунин беҳурматӣ аз ҷониби нависанда сар зада бошад, гуноҳи азим аст.

Аз ин мисолҳо метавон хулоса бардошт, ки дар тарҷумаи Саттор Турсун “хусусиятҳои услуби нависанда” камтар дар назар меоянд. Тарзи баёни Лев Толстой сеҳрнигориест, ки аҳли маънӣ дар ҳама ҷаҳон эътироф кардаанд, вале хонандаи тоҷик аз ин қабил тарҷумаҳо ҳатто мазмуни асарро ба дурустӣ пай намебарад ё пай бурданаш сахт мушкил аст, зеро ҷузъҳои зарурӣ аз он афтодаанд.

Маро ба Шамсӣ Собир сари даъво ва нуктагирӣ аз адаб нест, вале боз ҳам тааҷҷуб дорам ва ангушти ҳайрат ба дандон мегазам: ҳеҷ намедонам, ки ӯ барои тарҷумаи “Анна Каренина”-ро, ки ба қалами устоди сухансанҷ ва борикбин Раҳим Ҳошим мансуб аст, такмилталаб гуфтан асосе дошта бошад ё не ?

Ман аз овони наврасӣ то ба имрӯз тарҷумаҳои ин суханвари донишманди хушзавқро бо иштиёқи тамом мутолаа мекунам. Аммо Шамсӣ Собир иддао доранд, ки

тарҷумаи Раҳим Ҳошимро барои тасҳеҳ ва такмил ба дасти тарҷумоне диҳанд. Ҳайронам, чаро он нусхаи шоистаро ба бало гирифтор кунем?!

Биёем ба сари баҳси асосӣ:

Хушнидиовар аст, ки адибон ва тарҷумонҳои маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода, Раҳим Ҳошим, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҷумъа Одина, Шамсӣ Собир ҳоло барои бачаҳо китоб тарҷума мекунанд. Дар миёни онҳое, ки солҳои охир ба тарҷумаи китоби бачаҳо даст задаанд, Ҷумъа Азизқулов ҷиддан ва пурсамар кӯшиш дорад.

Дар силки ин ҳама тарҷумонҳои ҳар яке ба ҳадди худ сухансанҷу пухтагӯй ҷавононе низ ҳастанд, ки басо суботкорӣ зоҳир месозанд ва дар паи омӯзиш ва таҷриба такопӯй доранд, ки бурду бохти эҷоди онҳо ба таҳлили ҷиддӣ эҳтиёҷманд аст. Оре, ҳоло дар адабиёти мо ҷавононе, ки ба кори тарҷумаи осори адабӣ даст задаанду аз ранҷу заҳмати ин шуғл дилгир нестанд, хеле бисёранд. Вале бархе аз ин қаламкашони ҳанӯз ҳаваскор ва камтаҷриба агарчӣ дар касбу камол ба нуқсони азим мубталоянд, маслиҳати устодонро шунидан намехоҳанд ва агар чору ночор гӯш диҳанд ҳам, ба он гуфтаҳои чун дурру гавҳар азим амал намекунанд. Нашриёт, шӯрои тарҷумаи бадеъ сидқан ба ин касон кӯмак кардан мехоҳанд, вале ҷаҳди онон бар он аст, ки матои хоми худро ҳар чӣ зудтар ба нашр расонанд. Яке аз он китобҳои пурнуқсони тарҷумавӣ “Афсонаҳои Тими куҳан” аст, ки имрӯзҳо сари дасти китобхони тоҷик аст. Тарҷумони ин нусха Э.Ҳасанов ба маслиҳати беғараз ва бетаасуби устодон ба тариқи мазкур беэътиноӣ зоҳир кард. Инак, ба ин ҷумлаҳо мулоҳаза фармоед:

“Здесь нет мокрых гнилых болот, воды рек прозрачны как капли дождя, по сухой земле человек пройдет всю страну вдоль и поперек”.

“Дар ин сарзамин аз ботлоқзор ному нишоне нест, оби дарёҳояш мисли марворид шаффоф, одам аз як канори ин сарзамин то канори дигари он бе ҳеҷ монеа гузашта метавонад”.

“Любил богатырь дочь, ничего для нее не жалел. Были у нее меха отливавшие серебром, соболинные шкуры, темнее ночи, одежда бисером расшитые. Только сама была прекраснее всего на свете. В голубых глазах её будто утонуло синее небо, в косах словно играл лунный свет, ноздри тонкого носа вздригивали, как у чуткого лося, а щеки горели, как весеняя заря.”

“Паҳлавон духтарашро беҳад дӯст медошт, ҳар коре, ки аз дасташ меомад, барои ӯ мекард. Духтараш бисоти даҳ кас медидагӣ дошт. Худаш бошад чунон зебо, чунин нозанин буд, ки кас ӯро маҳликои ягона гӯяд ҳам, меарзид. Аз симои ӯ ҳусну латофат ҳувайдо буд.”

Ин ду порча аз як саҳифа бидуни интихоб иқтибос шуд ва тамоми китоб ба ин усул тарҷума шудааст, агар онро тарҷума гуфтан ҷоиз бошад. Вале ин чиз ба ҳеҷ ваҷҳ тарҷума нест, балки нақли камсаводона асту бас. Агар муаллифи китоб забони тоҷикиро хонда мефаҳмид, ба ҷурми ин таҳқир бешак мутарҷими моро ба маҳкамаи суд мекашид.

Дар аҷабам, ки муҳаррири китоби мазкур А.Қодирӣ аз ин ҳама ҳарзабаёнӣ чигуна бехабар монда ва нашри онро ба имзо расонида аст.

Аз назму насри адибони кишварҳои дигар осори адабии фасеҳ ва писандидае, ки аз ғояи баланд ва ҳунари суханварӣ саршоранд, бояд ба тоҷикӣ тарҷума шаванд. Дар ин бобат ба саррофии ноширони кишварҳои дигар ҳасад мебарам ва аз қобилияти маънирасӣ ва суханшиносии онон басо мешавад, ки ангушти ҳайрат мегазам: ҳар он китобе, ки асил асту бетақлид, онҳо сари вақт пай мебаранд, бетаъхир тарҷума ва интишор мекунанд.

Вале тарҷумонҳои мо баъзан осореро, ки аслан дар диёри адиб ба дурусти эътироф нашудааст, тарҷума мекунанду ба хонандаи тоҷик онро ҳамчун меъроҷи адабиёти он кишвар пешкаш менамоянд. Ин гуна матои тасодуфро баъзан рӯзномаҳои мо низ бе ҳеҷ шакке, зарурате ва муносибате интишор мекунанд. Масалан, рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” 19-июли соли ҷорӣ ҳикояи Бобониёз Кайюмов ном касро ҳамчун намунаи насри туркман ба ҷавонон пешкаш кард. Бигирем, ки рӯзнома хонандагонашро бо насри Туркманистони бародарӣ ошно карданист, сипас аз осори адибони ибратомӯзи ин кишвар дар гузашта, ба навиштаҳои як нафари дар адабиёти он мардум ҳанӯз номаълум рӯ оварданаш боиси ҳайрат аст. (Мо дар нашри охирини китоби иттилооти адибони советӣ, ки дар ҳамин рӯзҳо дастрас гардид, номи ин адибро дучор накардем). Тарҷумаи он ҳикоя ба ҳадде камсаводона сурат гирифта аст, ки дар ин саҳифа аз он намуна овардани мо зарурате надорад.

Чун мавриде сухан аст, бояд арза дошт, ки баъзе рафиқони мо вазифаи муқаддаси худро дар назди адабиёт ва хонандаи тоҷик фидои хотири ҷӯраю ошноён мекунанд. Боре як нафар рафиқ китоби нависандаеро, ки ҳанӯз дар диёри муаллиф ба нашр нарасида аст ва нависандагии муаллифро дар он кишвар касе эътироф намекунад, ба тоҷикӣ тарҷума ва нашр кардан мехост…

Осори тарҷумавие, ки дар саҳифаҳои матбуоти рӯз ба табъ мерасад, аксаран фардо китоб хоҳад шуд. Бинобар он, балоғати осори тарҷумавиро аз саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо такмил ва танзим бояд кард. Дар ин бобат ходимони матбуоти бачаҳо, бояд махсусан, серталабӣ ва дақиқбинӣ кунанд.

Тарҷумаи осори мансур барои бачаҳо ҳоло равнақ дорад ва рӯзафзун тавфиқ меёбад. Вале дар боби тарҷумаи осори манзум инчунин гуфтан муболағаи маҳз аст.

Дар ин хусус сахтгирӣ ва серталабӣ махсусан зарур аст, зеро тарҷумони безавқ метавонад дили кӯдакону наврасонро бар олитарин шеъри замон ҳам хунук кунад. Дилмондагии хонандаро бартараф кардан, дигарбора ба назми тарҷума рағбатнок кардани ӯ аз ҳар мушкиле мушкилтар аст.

Дар боби фасоҳати осори тарҷумавӣ дар саҳифаҳои матбуоти мо аҳён-аҳён мақолае чоп шавад ҳам, дар бештарин маврид онҳо аз таассуб холӣ нестанд. Гоҳе чунин ба назар мерасад, ки баъзе аз мақолот сирф ба амри нуқтагирӣ ва тақсирбинӣ иншо шудаанд ва тарҷумаҳои хому харобкор як сӯ мемонанду муаллиф ягон тарҷумаи миёнхелро саркӯбӣ мекунад. Инчунин, борҳо ба мушоҳида расида аст, ки ба амали саррофӣ ҷавонони ҳанӯз дар ин ҳунар камвуқуф даст мезананд ва  хотири хонандаро озурда месозанд.

Инак, салоҳи кор дар чист?

Чунин менамояд, ки дар ин шуғл бе сахтгирии вазифадорони нашриёту матбуот ҳеҷ коре ба сомон намерасад. Мутарҷимони осори бадеъ ҳам ҷавони навкор ва ҳам пирони корозмуда бояд бе ҳеҷ рӯихотир ба сахтгирии муҳаррирон дучор гарданд.

Барои тавфиқи кори тарҷума таҳқиқ ва танқиди адабии одилона зарур аст. Агар аҳли илму адаб бо иштироки хонандагони нуктафаҳм роҷеъ ба ҳар як китоби тарҷума сари вақт, фошофош изҳори ақида кунанд, осори тарҷумавӣ ногузир эътибори худро меёбад ва мақоми шоиста касб хоҳад кард. Чунон ки Хоҷа Ҳофиз фармуда “Доварӣ дорам, намедонам киро довар кунам”.

***1982***

# ОИНАИ ФАРДОИ ФАРЗАНДОН

Боре духтарчаи ман, ки он сол дар синфи дуюм мехонд, аз мактаб омаду хушнуд ба ман хабар дод, ки имрӯз дар синф нақли хаттӣ навишта, баҳои аъло гирифт. Пурсидам:

— Аз чӣ хусус навиштед?

— Дар бораи баҳор навиштем, — гуфт вай.

— Хуб, ту роҷеъ ба баҳор чиҳо навиштӣ?

— Ана дафтарамро бинед, — вай бо ифтихор дафтарашро ба ман пешниҳод кард.

Ман дафтари ӯро кушодаму хондам: “Дар аввалҳои феврал барфҳои саҳро об мешаванд. Дар зери партави офтоб буғи замин мебарояд. Садҳо трактор ба заминронӣ медароянд. Дар заминҳо гандуми баҳорӣ кишта мешавад...” ва ғайра. Сипас аз ӯ савол кардам:

Калимаи “партав” чи маънӣ дорад медонӣ?

— Ҳа... партав... ин нур... нури офтоб.

— Дуруст гуфтӣ, партав нур аст, нури офтоб, нури маҳтоб, чароғ... Аммо партав ҳарорат нест, чаро аз он буғи замин мебаромадаст?

— Намедонам, — гуфт духтарча китф боло кашида.

Ман “истинтоқамро” идома додам:

— Сонӣ ту ин қадар дурӯғро аз куҷо ёфта навиштӣ? Охир, имсол зимистон дар диёри мо аввали моҳи январ оғоз ёфту то миёнаҳои моҳи март барф борид-ку! Солҳои дигар ҳам аввали моҳи феврал одатан сармо мехурӯшад. Агар рӯзҳои офтобӣ бошанд ҳам, замин лой мешаваду трактор “заминронӣ” карда наметавонад. Фақат баъзе солҳое, ки зимистон хушк меояд...

— Ман дурӯғ нанавиштаам... — маҳзун сар аз хиҷолат боло набардошта худро сафед мекард духтарча. — Муаллима ҳамин хел хонданд. Мо бо диққат гӯш кардему сонӣ навиштем. Ҳама ҳамин хел навиштанд.

Пай бурдам, ки духтарчаро аз банду басти шаблони мактабӣ озод кардани ман мушкил аст. Сипас, “китоби хониш”-и ӯро кушода дидам. Ин ҷумлаҳои харобу беранг

айнан дар китоби саридастии кӯдакон сабт буданд.

Инак, наметавонам аз гуфтани он худдорӣ кунам, ки ин гуна матнҳои аз ҷиҳати маънию мантиқ хароб, аз назокату салосати забони фасеҳи тоҷикӣ бебаҳра, безавқу гӯшхарош дар сар то сари китобҳои дарсии кӯдакони мо дучор мешаванд. Намунае аз саҳифаи 28 “Китоби хониш”-и синфи ду:

“Бевазан пай бурд, ки ин ҳамон фароштуруки табобат кардаи худи ӯ мебошад. Бевазан тухми кадуро дар полиз корид ва аз он чунон як кадуи калон рӯид, ки бевазан ин хел кадуро дар умраш надида буд.

Вақте ки каду пухта расид, бевазан онро...”

Дар се ҷумлаи пай дар пай, чор бор бевазан, дар як ҷумлаи он се бор каду ва ду бор бевазан такрори гӯшхарош аст, охир! “Гар нашнидӣ, зиҳи димоғе, ки туростˮ. Ҳар касе, ки андаке аз назокати каломи тоҷикӣ воқиф аст, оҳангҳои нафису борики онро эҳсос мекунад, хуб мефаҳмад, ки ин ҷумлаҳо чи қадар дурушту пурнуқсонанд.

Ҳар як китоби дарсӣ пеш аз ҳама мебояд, ки дастури завқи солим ва ҷаҳонбинӣ бошад. Аммо матни китобҳои забону адабиёти синфҳои поёни мо аксаран аз суханони печу обшуста иборатанд, бачаҳоро дилгир мекунанд, ба онҳо ғизои рӯҳию маънавӣ намебахшанд, ба ҳайрат ва андеша намеоваранд, пеши назари онон оҳанг, рангу бор ва ҳусну назокати каломи модариро собит намекунанд. Инак, мулоҳаза фармоед:

“Рӯзи Якуми Май иди байналхалқии ҳамаи меҳнаткашон аст. Дар атрофи чойхонаи колхоз гулҳои хушруй бисёранд. Ман ҳар рӯз пас аз шустушӯй мӯйҳоямро шона мекунам, чой менӯшам ва дар вақти муайян ба мактаб меравам. Ҳар бегоҳӣ дарсамро тайёр мекунам. Аз пеши дари мо ҷӯй мегузарад...”

Ин ҷумларо аз ҳар ҷо чида нагирифтаем, балки аз як пора матни саҳифаи 13 китоби “Забони тоҷикӣ” аст, ки шогирдони синфи сеюм аз он забономӯзӣ доранд ва

қариб тамоми матни китоб ба ҳамин минвол кӯрсаводона аст.

Ин гуна матнҳо ҷаҳонбинӣ ва завқи кӯдаконро заррае инкишоф намедиҳанд, дили онҳоро ба хурӯш намеоваранд. Чаро ин ҳол рӯй додааст, медонед? Дар китоби “Забони тоҷикӣ”-и синфи сеюм фақат 16 пора матн аз эҷоди адибон аст. (Ҳашт порча аз Айнӣ, ду пора аз Ҳаким Карим, як порагӣ аз Улуғзода, Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Деҳотӣ, Ниёзӣ ва Толис.) Ин порчаҳои адибон ҳам намунаи забони адабиёти имрӯзи мо не, балки ба осори адабии то солҳои панҷоҳум мансуб аст. Наход ки муаллифони китоб тағйиротеро, ки баъди солҳои панҷоҳум то имрӯз дар забону адабиёти тоҷик ба вуқӯъ пайваст, мушоҳида накарда бошанд?!

Ба ҳамин минвол, агар ин шонздаҳ порчаро истино кунем, боқӣ як китоб матн аз рӯзномаҳо ва ё бофтаи мураттиби китоб аст. Яъне, метавон хулоса бардошт, ки бачагони мо забони тоҷикиро аз адибони нуктадон, бониёну эҷодкорони забони фасеҳи мо не, балки аз рӯзноманигорон меомӯзанд. Ба фикрам, аз ин аст, ки тамомкардагони мактабҳои тоҷикӣ саводи кофӣ надоранд, бо ҷумлаҳои қолибзада, хушку берӯҳ иншо менависанд, сухан мекунанд, фикри худро саҳеҳ ифода карда наметавонанд.

Дарвоқеъ, баён ва имлои шогирдони мактабҳои мо иморатеро мемонад, ки аз деворҳои қолибрези сементӣ месозанд. Дар онҳо баёни афкори худӣ, рӯҳу эҳсоси инсони мушаххасро камтар мебинед.

Чун бо диққат мулоҳиза кунем, мебинем, ки китобҳои дарсӣ аз боби луғати забони тоҷикӣ фақиртарин интишори айёми моанд. Агар гӯям, ки ними луғати фаъолу пуристеъмоли забонамонро дар саҳифаҳои ин китобҳо дучор намекунем, ҳаргиз муболиға нахоҳад буд. Мураттибон ва муҳаррирон баъзан “инро бача намефаҳмад” гӯён аз донистани оддитарин калимоти забон кӯдаконро маҳрум кардаанд. Дар ҳайратам, ки бачаҳо

кай он луғатҳоро мефаҳманду идрок месозанд. Ман аминам кӯдакон агар дар синни кӯдакӣ он луғатҳои заруриро нашиносанд, дар умр дигар ҳаргиз нахоҳанд шинохт. Дар гузаштаи начандон дур падару бобоёни мо дар ин синн “Гулистон”-и Саъдиро хонда, ҳифз мекардаанд. Прог-раммаи мактабҳои русиро боре нигаред, кӯдакон дар синфҳои чору панҷ “Левша”-и Лесковро мехонанд.

Боист ба назари эътибор гирифт, ки солҳои охир дар синфҳои поёни мактаб илми пешинаи ҳисоб не, математика меомӯзанд, ки дорои унсурҳои алгебра аст. Фанҳои ҷуғрофия ва табиатшиносиро ҳам хеле мураккаб ва фарохтар таълим медиҳанд. Аммо аз чи бошад, ки ин пешравӣ, ки махсуси айёми инқилоби дуюми техникӣ аст, ҳанӯз ба китобҳои дарсии забону адабиёти тоҷик асар накарда аст. Дар саҳифаҳои китобҳои дарсии бачагонаи мо мазмун ва рӯҳи имрӯзии забон ва адабиёти тоҷикро эҳсос намекунед. Ҳанӯз ҳам ба кӯдакон бо ҷумлаҳои хандаовари аз қабили “Ман талаба мебошам, вай талаба мебошад” каломи тоҷикӣ меомӯзем.

Муродам аз ин гуфтаҳо аслан ва мутлақан ба фазлу камоли мураттибону муҳаққиқони адабиёт шак овардан нест, вале китобҳои дарсӣ, ки ҳар яки моро ба равнақи фардо ва отияи миллату ватани азизи худ умедвор мекунад, бо нуқсону норасоиҳо дили маро ҳам мехарошад, ҳар гоҳе агар аз ин боб биандешам, хеле авқот хотирпареш мешавам. Ҳар сол чандин ҷавонро ба узвияти Иттифоқи нависандагон ҳамчун мунаққид қабул мекунанд, аммо ба китобҳои дарсӣ, дарсии тарҷимавӣ сари вақт ҳеҷ кас тақризе наменависад. Гурӯҳе аз мунаққидону муҳаққиқони мо ба ночизтарин осори якдигарӣ мақолаҳои иғроқомез менависанд, аммо ба ин кори муҳим даст намезананд. Ба фикрам, мо дили бузург ва виҷдону масъулиятмандии азими граждани надорем.

Ҷамъияти мо имрӯз имкони комил дорад китобҳои хуби дарсӣ тасниф созад, ки ба талаби ҳамзамонони мо

мувофиқати тамом дошта бошад.

Миёни китобҳои дарсии имрӯз ман аз маърифат бо “Адабиёти ватан” барои синфҳои чорум хеле қаноатманд будам. Ин китоб ба назари ман пухтатар расид. Эроди ман ба ин китоб ҳамин аст, ки аз осори Лоҳутӣ манзумаи “Офтоб дар қатра”, агарчӣ мазмунан ба кӯдакони ин синн фаҳмрас ва мувофиқ аст, аммо вазни шеър барои қироати дурусти бачаҳо мушкилӣ дорад. Ба ғайр аз ин, дар боби “Хониши мустақилона” агар аз тозатарин падидаҳои адабиёти мо намунае чанд барои бачаҳо пешниҳод мегашт, беҳтар буд.

Азбаски рӯи суханам ба ҷониби китобҳои дарсии кӯдакон аст, дар боби “Алифбо” сухан нагуфтан наметавонам. Ин китоб солиёни дароз ба нафъи миллати мо хидмати шоиста дорад, дар тӯли ин солҳо хеле такмил ва тавфиқ ёфтааст, аммо талаби имрӯзро пурра қонеъ намесозад. Дар матни он ҳанӯз ҳам нуқсонҳо кам нестанд, махсусан, аз ваҷҳи услуб, маънии тозаву ибратомӯз ва шавқоварию рағбатангезӣ.

Ман аз мобайни ин китоб таваккалан пай дар пай чор варақро гирифтаму ҷумлаҳои ғалат ва ба қоидаи забони мо хилофи онро навиштам. Инак, мулоҳаза фармоед:

“Раҳим ба гурба оши угро хӯронд”. (саҳ. 42).

“Салим ва Егор — ду дӯст”. (саҳ. 43).

“Онҳо дар сайр”. (саҳ. 45).

“Колхози мо пахта кишт. Онро нағз парво карданд”. (саҳ. 48).

“Онҳо майна қапида ба пеши мо омаданд”. (саҳ. 50).

Иллати ин ҷумлаҳо азбаски аён аст, ба таҳлил ҳоҷат набудагист.

Шеър, панду ҳикмат ва чистонҳои “Алифбо” ҳам хеле умумӣ, камтаъсир, баъзе сохтаву бофта ва сахт ноқи санд. Ин аст намунаи чистони ин китоб:

“Худаш сандуқча барин,
Сандуқи думдор лекин.
Гап намезанад, мехонад,

Ашӯлаҳои ширин".

Дар ин чор мисраъ на нишони шеърият, на бадоҳат ва на лутфу маънии шӯху аломатҳои нозуку хотирнишини чистон ҳаст.

Дар илми химия катализатор ном мафҳуме ҳаст. Як намуди оддию биологии он хамиртурши нонвой, ки мо — ҳама медонем. Хамир чигуна мерасаду нони мо чи сифате хоҳад дошт, ба ҳамин як пораи хурди хамиртурш вобаста аст. Дар электротехника онро агар ангеза гӯем, ҷоиз будагист. Масалан агар ба агрегатҳои бузурги ГЭС-и Норак ҳамчун ангеза ба воситаи батареяҳо андаке заряди электрикӣ надиҳанд, чархҳо беҳосил давр мегарданду бас. Китобҳои нахустини мактабӣ ҳам барои инсон ҳамчун катализатори ангезадор аст, фардои фарзандони моро ин китобҳо таъин мекунанд.

Боре аз паи таҷриба кӯдаконро нигаред: ҳазор гуна китобҳои дигарро бо шавқ ба даст мегиранду мехонанд, аммо китоби дарсии худро, ки соли дароз дар даст доранд, боре аз пеши худ кушода, варақ намегардонанд. Ҳатто рӯзи аввали ба даст гирифташон ҳам онро варақ намезананд. Аз ин бобат мебояд ҷиддан биандешем.

Дар китоби дарсӣ барои кӯдакон мебояд, ки аз хулосаҳои тайёр даст кашид. Зеро фақат он китобҳое як умр раҳнамои инсонанд, фарзанди одамиро ноаён аз паи худ мебаранд, ки агар аз онҳо худи ӯ хулосае бардошта бошад. Китобҳои аввалин ба муҳаббати нахустини мо монанданд. Мебояд ки ин китобҳо аз сидқу самимият ва ҳусну назокат саршор бошанд ва моро ҳаргиз нафиребанд.

Китоб ғизои рӯҳ ва сарвати маънавии мост. Дар тамаддуни башарӣ мақому манзалати ҳар як миллатро аз рӯи он муққарар мекунанд, ки он чӣ миқдор китоб мехараду мехонад. Машъали меҳри китобро дар синаҳои кӯдакон ҷовидонӣ фурӯзон бояд дорем.

Дар охир пешниҳоде дорам: минбаъд ба рӯйхати мураттибони китобҳои дарсӣ баробари олимону педагогҳо адибонро ҳам дохил кардан зарур аст. ***1983***

# МУРҒИ ПУХТАГӢ ЧАРО МЕХАНДАД?

Баҳсе, ки дар саҳифаҳои “Тоҷикистони Советӣ” роҷеъ ба танқиди адабӣ ба вуқӯъ пайваст, имрӯзҳо дар сӯҳбату маҳфили ҳаводорони адабиёт ривоҷ дорад. Ақидаи аксар дар сари ин нукта ҳамҷиҳат аст, ки танқиди адабии мо аз ҷараёни имрӯзии адабиёт ҷудо мондааст ва оҷизона аз паси он кашола аст. Инчунин ҳукм бешак ба мунаққидони мо хуш намеояд ва онҳо дар ҷавоб аз рӯи одати қаламронии худ ба сабукхезӣ мешӯранд, вале чи чора, ҳукме, ки аз далелу мантиқ сар задаст, ҳамеша бе риояи хотир бувад.

Муддате аз ин пеш мо — як гурӯҳ адибон дар шаҳру деҳоти вилояти Ленинобод сафар мекардему бо китобдӯстон гуфтугӯҳо доштем ва ҳамчунон дар Кӯлоб иди китоб барпо гашту мо дар онҷо бо хонандагон вохӯрда, сӯҳбат оростем. Чун ба ҳар як мавзеъ по мениҳодам, ман саравval ба ҷустуҷӯи дӯкони китоб мерафтам. Не, маро ба дӯконҳои китоб ҳисси кунҷковии адиб накашид. Китоби нави ман (бино ба шаҳодати идораи китобфурӯшии республика) дар дӯконҳо аз як-ду ҳафта бештар намондааст. Ман ҳоло ҳамчун ходими нашриёт қасди он доштам, то талаботи мардумро ба китобҳое, ки интишор месозем, бифаҳмам ва бидонам. Сипас ман чӣ ҳолро дидам ва чӣ хулосае бардоштам?

Дар шаҳри Ленинобод, дар дӯкони китобфурӯшии маркази шаҳр то се номгӯи китоби баъзе адибон бехаридор мондааст. Баъзеи ин китобҳо 7-8 сол боз дар дӯкон, дар пеши назари мардум ранги зард овардаанд! Инчунин вазъият ҳам дар Кӯлоб ва ҳам дар шаҳру деҳоти дигар ба назар мерасид.

Гумон мекунед ҳамаи ин китобҳо аз назари мунаққидон афтодааст? Бешак бахше аз муаллифони ин китобҳо кайҳо аз назари доварон афтодаанд. Аммо муаллифони баъзе аз он китобҳоро бе муболиға нозпарварди танқиди адабии мо ҳисобидан ҳам равост. Ба баъзеи ин ки-

тобҳои имрӯз ба касе нодаркор замоне тақризҳои дабдабанок хонда будем, дар мақолаҳои мунаққидон мавқеи тавсиф ёфта буданд. Чаро ин касон китобҳои “дилписанди” худро солҳои сол дар рафи дӯконҳои китобфурӯшӣ дида, хиҷолатзада нестанд, шармсорӣ намекашанд?!

Чаро адибоне, ки чандин номгӯй китобҳояшон имрӯз касод аст, дар пеши назарҳо офтоб хӯрда, рангзардӣ мекашад, бо ҳар баҳонае худро тасаллӣ медиҳанду андешаи камтар нашр карданро ҳаргиз ба хотир намеоваранд.

Ба ин ҳама дӯлобӣ ва касодии бозори китоб бемасъулиятии мунаққидон ҳам сабаб аст! Дар корхона ОТК ном шӯъбае ҳаст, киривоҷи молу ашёи сақатро пешгирӣ мекунад. Магар кори танқиди адабӣ аз як ҷиҳат ба амали он шӯъба монанд нест?

Мунаққидони мӯҳтарам, шумо дар ҷавоби ин савол ҳар чӣ хоҳед гӯед, вале ҳукми инсоф аст, ки имрӯз хонанда ба ҳукми шумо бепарво аст ва ё мақолаҳои шуморо умуман намехонад, зеро шумо ба хотири ёру ҷӯра, дар паи тамаллуқ борҳо китобхононро фирефтаед.

Оре, мо имрӯз хонандаи хушзавқу ҷиддӣ ва серталаб дорем. Вай осори Шукшин, Айтматов, Распутин, Амираджибӣ, Быков, Маркэс, Хейли ва ин тоифаро мутолаа дорад. Диққати инчунин хонандаро соате аз мутолиаи ин бузургон боздошта ба асари худ кашидан заҳмат ва истеъдод металабаду бас.

Ҳоло биёед ба шеъри тоҷик назар афканем: назми пуч ва бетаъсире, ки солҳои панҷоҳум дар баробари ашъори соддаю дилчаспи Мирзо Турсунзода гоҳе садои хиррӣ мебаровард, имрӯз ҳам аз арсаи вуҷуд нарафтааст, балки бештар ба назар мерасад. Фарқ танҳо дар он аст, ки муаллифони баъзеи ин асарҳо (агар асар гуфтан ҷоиз бошад) аз баҳри қолибҳои классикӣ гузашта ба назми худ гӯё либоси замонавӣ додаанд, яъне, мисраъҳоро шикаста ба ном “шеъри сафед” сохтаанд. Дар асл, ин ҳамон назми пучу бетаъсир асту бас. Ман даҳ сол қабл аз ин дар як шеъри худ роҷеъ ба ингуна назми берӯҳ фикри худро гуфта будам:

Сатрҳо бефурӯғу безинҳор,
Маъниҳо обшустаю беранг,
Шеъри дилнописанд шуд бисёр,
Омад аз шеъру шоириам нанг.

Чаро танқиди адибии мо то ҳол кӯшише надошт, ки онро пешгирӣ кунад? Ашъори ҷавоншоирони имрӯзаро боре бо назари таҳқиқ нигаред. Барои таҷриба шеъри якеро ба дигаре нисбат диҳед, ҳеҷ кас аҷаб намекунад. Чаро? Ин ҷавонон дар шеър садои хос ва симои худро надоранд. Садои хосу симои худро надоштани эҷодкорон далели он аст, ки онон истеъдод надоранд. Ба фикрам, шеъри мо даҳ соли охир дар як ҷо пойкӯбӣ дораду қадаме ба пеш нанизҳодааст. Аммо мунаққидон ба тавсиф саргарманд ва агар ба танқид даст бардоранд ҳам, мушти онҳо ба сари ягон тан ҷавоншоирони бечора ва ё шахси бемансабе мефарояд.

Баъзе мунаққидони мо азбаски ба касбу кори худ бетайёрӣ ва қобилияти зарурӣ шурӯъ намудаанд, баъзан асарро саросема, бе андешаи амиқ аз рӯи фаҳмиши танг, гоҳе ғалат ва яктарафа, гоҳе аз рӯи ҳукми ҳамсӯҳбатону ҳамнишинони худ баҳо медиҳанд. Ин ҳол танқидро бетаъсир кардааст. Ҳар он чи мунаққид менависад бояд одилона, пухтаю санҷида бошад, саҳеҳ шавқовар, гиреҳкушои асари адиб бояд бошад. Мунаққид бояд асрори ҳусни асарро, барои хонанда кашф кунад. Агар аз ҳукми ӯ бӯи ғараз ва нотандеҳӣ ояд, хонанда ҳақ дорад дигар ба навиштаҳои ӯ бепарво монад.

Кадоме аз адибони пешин гуфтааст, ҳоло ёд надорам, вале ҳақ аст, ки танқиди адабӣ баъзан чӯткаи дуруштеро мемонад, ки он барои тоза кардани либоси нафис ҳаргиз ба кор намеояд. Вай онро лах-лах мекунад. Ҳикмати ин суханон дар он аст, ки ба ҳар як асари комили адабиёти бадеъ танқиди адабӣ мебояд бо эҳтиёт кордор гардад.

Имрӯз афкори бебунёд ва сабуксорона эътибори сухани баъзе мунаққидони моро хеле паст задааст. Ақида-

ҳои дархам-барҳам, соддалавҳона ва зуд тағийрпазири онҳоро дида, мурғи пухтагиро ханда мегирад. Ростӣ аз ҷониби онҳо хиҷолат мекашед. Чаро ин гурӯҳ аз мунаққидони борикбину дақиқсанҷ, одил ва ғамхори адабиётамон ибрате намегиранд? Муҳаммадҷон Шукуров ба ман ҳаққи устодӣ доранд, зеро аксар повесту ҳикоятамро қабл аз ба табъ расидан он кас хондаанд ва дарислоҳу пухта кардани онҳо ба ман басо кӯмак расондаанд. Чун ҳар як китобам ба чоп расад, бисёр мехоҳам, ки эшон онро хонда ақидаашонро гӯянд ё нависанд. Дар шахсияти ин марди фозил ва инсони одил ман ҳамеша он касеро мебинам, ки маро аз хомкорӣ, аз хатою саҳви ҷиддӣ сари вақт огоҳ мекунад, ҳамеша ҳаками мӯътабар ва устоди дастгир аст.

Афсӯс, ки чунин ҳакамҳо дар адабиёти мо хеле каманд. Беҳтар каломи дурушту худбоварона ва оқибат ранги беҳаёӣ ва густохӣ гирифтаи баъзе даллолони бозорчаи адабиёт маро ҳайрон мекунад. Онҳо хеле асарҳоро шоҳкори беназир эълон карданд, вале аллакай имрӯз аксари он осорро касе намехонад ва барҳақ ба рӯи онҳо ғубори фаромӯшӣ нишастааст.

Аҳли адаб, зиёда аз он китобхонони ҷиддӣ ва пурмутолиа имрӯз он мунаққидонеро, ки дар банди гурӯҳбозӣ ё маҳалпарастӣ вомондаанд, нек мешиносанд ва ҳамчунон онҳоеро, ки худро адабиётшинос вонамуд карда, вале амалан мустақилона неку бади осори адибро ҳаргиз фарқ кардан наметавонанд, низ медонанд. Баъзе аз ин тоифа аз афти кор барои раҳбарони адабиёти мо муваққатан бошад ҳам, даркоранд, зеро гоҳе обзори осори адабии солро ба ин шахсон вогузор карданашонро ҳама гувоҳанд. Сипас чора чист?

Бояд худи адибон қатъитар ба танқиди адабӣ даст зананд. Алҳол илоҷи корро дар ҳамин мебинам. Агар як гурӯҳ адибоне, ки имрӯз беҳуда ба шеъргӯию ҳикоянависӣ умрфарсоӣ мекунанд, ба ин кор даст мезаданд, шояд барои адабиёт хидмати шоиста менамуданд. ***1983***

# ТАЪСИРБАРДОРӢ

*(Тирамоҳи соли 1986 муҳаққиқи маъруф устод Муҳамадҷон Шукуров аз як гурӯҳ адибони тоҷик ба чанд савол ҷавоб навиштанро хоҳиш карданд)*

Таъсири мутақобила дар адабиёт ҳодисаи нав нест ва адабиёти пешини форсу тоҷик ҳамвора аз осори адабии мардумони дигар — арабҳо, ҳиндуҳо, туркҳо, юнониҳо таъсир мегирифт ва ба онҳо таъсир бахшидааст.

Одатан, баъди ҳар як дигаргунии ҷиддӣ дар ҷамъият рӯзгори мардумон рӯи ҷодаи нав, пайрави идеал ва ҷараёни дигаре оғоз мегирад. Дар ин марҳала осори адабӣ ҳам каму беш тағйири ҳадаф мекунад ва адабиёт аксаран ба тақозои рӯз эҷод мешавад ва бештар шиору хитобагузор аст. Бинобар он, тадқиқи амиқи табиати инсон асосан бо равшан кардани симои иҷтимоии он маҳдуд мегардад. Дар ин сурат алоқамандии фалсафию психологии наслҳо сусттар ифода меёбад. Аз ин ҷо хавфи тасвири илюстративӣ пеш меояд.

Он чӣ барои солҳои бистуму сиюми адабиёти мо хос буд, ба назари ман аст, ки осори адабӣ рӯҳи романтикии даврро ифода мекард, дилу фикри одамонро туғён мебахшид. Ҳоло адибони мо аз он реализме, ки бештар хусусиятҳои романтизмро доро буд ва қаҳрамонони рӯҳпарвару нерӯманд, бенуқсон ва хастагиnописанд дошт, дар солҳои ҳафтодум ба реализми қатъиян ҳаётӣ, воқеӣ ва амиқ наздик мешавад. Адабиёти тоҷик баробари адабиёти халқҳои бародар ҳоло аз талқини дидактикӣ ба тасвири таҳлилӣ мегузарад. Ин усул имкон медиҳад, ки адибон инсонро амиқтар, возеҳтар тасвир кашанд, нуқсу камоли вай, ихтилофи ботину мураккабии хислати ӯро чунон ки ҳаст, табиӣ акс намоянд.

Дар солҳои бистуму сиюм, баъди интишори асарҳои М.Шолохов, А.Серофимович, Ю.Лебединский, Вс.Ива-

нов, Б.Лавренов, Л.Леонов, К.Федин, Ф.Гладков ва дигарон як қатор адибони республикаҳои бародар дар пайравии онҳо повесту романҳо навиштанд. Вале имрӯз доираи таъсирбардорӣ ва омӯзишу ангезагирии адибон ончунон доман густурда, хусусияти эҷодкорӣ гирифтааст, ки агар навмашқонро истисно кунем, қариб ҳеҷ яке аз адибони баркамол ва соҳибистеъдод он пайравии тақлидии адибони солҳои сиюмро касб накардаанд. Осори охирини Айтматов, Бондарев, Распутин, Быков, Думбадзе, Астафьев агарчи осори баланди адабии даврони моанд ва мӯҷиби валвалаю таҳсин гардидаанд, ҳеҷ як тан аз адибон бевосита ба пайравӣ ва тақлиди онон асаре нанавишт. Агар дар ин миён асари пайравӣ ва омӯзишу ангезише ба назар расад, он ҳам на дар боби мавзӯъ ва образҳо, балки андар усул ва тарзи нигоришу тасвир аст. Ҷавонони соҳибҳунар агар мавзӯи устодони муқаддамтари худро даст зананд, ба он аз паҳлӯи дигаре, аз тарафи норавшан мондаи он менигаранд ва ҷаҳдашон бар он аст, ки онро ба тарзи тозатар аз пеш таҳлил ва тасвир кунанд. Инчунин ҳол агарчӣ дар адабиёти тоҷик ҳанӯз камтар ба назар мерасад (баъзе ҷавонон тақлид ва пайравии бебарор доранд, вале он асарҳо ба гуфтугӯ намеарзанд), дар адабиёти рус ва дигар халқҳои бародар дучор меоянд. Масалан, баъди чандин соли интишори қиссаи Айтматов “Рӯ ба рӯ” Распутин дар ҳамин мавзӯъи гуреза романи “То зин-дай, фаромӯш накун”-ро навишт ва ин образро хеле амиқ ва ба тарзи нав, бо рӯҳи тоза ва гирумони имрӯзӣ тасвир кард. Айтматов баъди мутолааи романи Распутин ҷавонмардона иқрор кард, ки агар қиссаи “Рӯ ба рӯ”-ро имрӯз менавишт, маҳз монанди Распутин ва ё ба ҳамин минвол эҷод мекард.

Дар назари ман, хусусиятҳои тозаи равобити эҷодӣ ва тағйирот дар ин ҷода имрӯз ба ҳамин минвол сурат мегирад.

Адибоне, ки ман осори ононро ба рағбати азим мехонаму меомӯзам ва китобашон муддатҳо сари дасти ман аст, метавон гуфт ҳар сари чанд сол дигар мешаванд. Агар аз ин бист сол муқаддам адибони дилписанди ман аз классикони ҷаҳон Балзак, Тургенев, Мопассан, Ҷек Лондон, Горкий буданд, солҳои охир бештар осори Гогол, Диккенс, Достоевскийро такрор мехонам. Аз насри имрӯзӣ ҳар чи ба даст оварам, ба тааммуқ ва озмоиш мутолаа дорам, вале осори Шукшин, Амирадҷибӣ, Айтматов, Быков, Бондарев, насри адибони кишварҳои Америкаи Лотинӣ ва Японияро такрор мехонам.

Адибоне ҳастанд, ки ҳар гоҳ агар ман ба мутолиаи осори онон шурӯъ кунам, худ ягон чизе навиштан мехоҳам, илҳоме, ангезише маро фаро мегирад, вале дар навиштаҳои худ баъзан таъсири онҳоро намебинам. Шояд инро дигарон пай баранд.

Дар адабиёти ҷаҳон китобҳое ҳастанд, ки ман қариб ҳар сол як маротиба такрор мехонам ва ҳар бор маро изтироби азиме рух медиҳад. “Қисмати инсон”-и Шолохов, “Хислати мардуми рус”-и Алексей Толстой, “Буми сафеди сияҳгӯш”-и Троеполский ва чанд китоби дигар аз осори таъсирбахши мананд. Осори Шукшинро бе изтироби шадид мутолиа кардан наметавонам.

Дар навиштаҳои ман таъсири кадоме аз бузургон бештар аст, муқаррар карданам мушкил менамояд. Агар бигӯям, ки таъсир ва таълими ҳамаи адибон, чи хурд ва чи бузург дар навиштаҳои ман аксандозанд, муболаға нахоҳад буд. Ин ҳолро сабаб ин аст, ки аз паи тақлид ва татаббӯъи яке рафтани адиб нишони каммутолиагии ӯст. Ба назари ман чунин мерасад, ки ҳоло адибони тоҷик “позаву сипори нависандагиро” ба майлу усули худ кор фармуданро омӯхтаанд.

Равнақи осори тарҷумавӣ дар адабиёти рус ба адабиёти тоҷик бетаъсир набуд. Осори хубу пурмаънӣ, услубҳои

гуногуни адабӣ, мудохилаи ҷиддӣ ба зиндагӣ фикри адибони тоҷикро ковиш дод, агарчи бисёре аз ин асарҳо баъди тарҷума ба тоҷикӣ ба китобдӯстони тоҷик камтаъсир буданд, зеро аз ҳаёти мардумони аз мо дур ва сирф ноошно ҳикоят доштанд ва баъзан услуби нигориш ҳам ношинос ва бегона ба назар мерасид. Ин аст, ки ҳанӯз ҳам китобҳои тарҷума камхаридоранд.

Имрӯз дар адабиёти тоҷик сабку услубҳои гуногун зуҳур доранд. Агар насри бадеиро ба диққат мутолаа кунед, аз усули оддию примитиви насри навболупар сар карда то услуби анъанавии қиссапардозӣ ва ниҳоят то ба насри образноки имрӯзиро дучор мекунед. Китобхоне, ки аз адабиёти имрӯзӣ фақат бо мутолиаи шеър қаноатманд аст, агар гӯям, ки ӯ содалавҳона аз хеле ғизои рӯҳию маънавӣ худро марҳум кардааст, маломати беҳуда нест, зеро ӯ дар назарҳо он марди деҳотиро мемонад, ки чойники электрикӣ мехарад, ба он об андохта рӯи алави пурдуд меҷӯшонад. Дарвоқеъ, ман шахсонеро дучор кардаам, ки шеъри зиёд ҳифз кардаанд, аммо бениҳоят нодонанд ва доираи фикру бинишашон хеле танг аст.

Навиштаҳои ман гарчи аз воқеа ва сюжети устувор холӣ нестанд, маро ҳаргиз воқеа ва сюжет ба навиштан илҳо намекунад. Бинобар он ҳам вақте, ки мегӯянд "сюжети соз ёфтам" ё "воқеаи қиссабоб", ба ман ин суханон ҳеҷ таъсире надоранд. Ман даҳҳо сюжети тайёр ва воқеаҳои шавқоварро метавонам ба хостгорон ҳадя кунам. Маро образ, образи фасеҳи дар фикрам пухтарасида, дар пеши назарам муҷассам ба навиштан илҳо мекунад. Бигирем, ҳикояи "Бобо"-ро. Агар аз паи воқеаи шадид ва сюжети риққатангез меафтодам, аз ҳаёти деҳа ва пирони айёми ҷанг чи қадар воқеаҳо ногуфтаанд! Вале маро образи бобои кӯфтаю хастаи солҳои пуразоби ҷанг ва умеди бардавоми вай машғул медошт, ӯро дар ҳикоя бе ҳеҷ обу ранги диққатрабо тасвир намудаам.

Фикри ман ин аст, ки характери равшан, образи дилнишину ибратомӯз худ адабиёт аст. Воқеа бояд, ки барои муҷассам гардидани характер кӯмак кунад, ҳикоя ва қиссаро хонову шавқовар созад. Шавқоварӣ аз сифатҳои умдаи насри бадеъ аст ва бе он олитарин андеша ва ғояи мо монанди фарёдест дар шамол — ба гӯши хонанда намерасад. Ман дар қиссаву ҳикояҳои худ ҳаргиз аз пеши худ сюжет набофтаам ва онро бо ҳунари нависандагӣ тунду тез накардаам. Бояд, ки ҳикояти нависанда, агар ӯ истеъдоде дорад, ҳамеша шавқовар, пурмаънӣ ва муфид бошад. Мегӯянд, ки истеъдоди нависандагӣ дар сириштти инсон ё мешавад ё намешавад. Иттифоқи нависандагон ва дигар идораҳо ҷоизаю унвонҳо ато мекунанд, аммо ба адиби беҳунар истеъдод бахшидан наметавонанд.

Солҳои охир хеле аз осори адибони Шарқи хориҷӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд, баъзе аз осори адибони форсизабон бо ҳуруфи имрӯз дар Тоҷикистон интишор ёфтаанд. Вале ин ҳанӯз кам аст ва аз ин рӯ ин нашрҳо вазъи адабиёти ин кишварҳоро равшан тасаввур наметавон кард. Хоса насри адибони форсизабон дар Тоҷикистон хеле кам ба табъ мерасанд. Мо ба ночор баъзе аз осори ҳамзабонони худро ба забони русӣ мутолаа мекунем. Насри форсии имрӯз аз ҷумлаи адабиёти тозанусха ва навусули айёми мост ва ошноӣ бо он барои адибону хонандагони мо манфиати бекарона меоварад.

Соле аз ин муқаддам буд ё андаке пештар ман романи “Санги сабур”-и адиби ҳамзабони эронӣ Содиқи Чӯбакро тавассути тарҷумаи русии он мутолаа кардам, вале ҳанӯз ҳам зери таъсири андешаҳои ин адиби равшанфикр мондаам. Ҳайфо, ки нусхаи форсии ин китоби наҷиб ба ман дастрас нашуд. Чӯбак аз адабиёти навтарини олам, ҳатто аз навтарин эҷоди ҳамқаламони бегоназабони худ огаҳӣ дорад. Яке аз қаҳрамонони романи ӯ аз эҷоди Распутин ёдовар мешавад. Валентин Распутин дар

адабиёти рус ҳамагӣ 14-15 сол қабл аз ин, балки сонитар, баъди интишори романи “То зиндаӣ фаромӯш макун” ном бардошт. Чӯбак романи “Санги сабур”-ро соли 1967 интишор кардааст. Ба ин тариқ фаврӣ бо эҷоди як тан адиби ҷавони рус ошноӣ ёфтани адиби Эрон агарчӣ андаке муболиғаомез ҷилва мекунад, ҳақиқати воқеъ аст.

Романи Чӯбакро ман аз чандин ҷиҳат андешидам ва оқибат онро дар паҳлӯи “Мастер и Маргарита”-и Булгаков ҷой додам. Ин ду китоб аз хеле ҷиҳатҳо бо якдигар ҳамсарӣ доранд.

Бо ин ҳама, ман ба дӯстон гӯшзад карданиам, ки айёми охир дар насри форсу турк, ҳинду араб асарҳое арзи вуҷуд кардаанд, ки ҳам аз ваҷҳи сабку услуб ва ҳам аз ҷиҳати маънию матлаб дар силки осори тозаасос ва навгувори ҷаҳони имрӯзӣ қарор мегиранд. Рӯи суханам ба ҷониби он касоне, ки адибони ин кишварҳоро побанди анъанаи қадим ва сабки романнигории классикӣ меҳисобанду осори ононро саросар мураккаб аз сюжету конфликтҳои бофта ва романтикаи авомфиреб мешуморанд.

Айёми охир аз хусуси истифодаи ривояту қиссаҳои пешин дар наср бисёр сухан мекунанд. Ақидаи ман ин аст, ки ба тарзи нав ба кор бурдани ривояту қиссаҳои пешин далели кор аст, ки на ҳама ҳикмати фаромӯш барои имрӯзи башар ба кор меоянд. Агар ривояти пешин бори имрӯзро накашад, ба он даст задан камоли соддагӣ аст. Тариқи ба кор бурдани ривоятҳои пешинро ҳар як адиб мебояд барои худ дарёб созад.

Ман орзу дорам аз ишқу ошиқии одамони замони мо қиссае бинависам. Ҳар як асру замон “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Ромео ва Ҷулеттаи” худро дорад. Дар ин китоб орзумандам, таъсири рӯҳи романтикии ишқро бо реализми имрӯзӣ омезиш диҳам ва мувофиқати ин ду усулро муваффақ бошам.

***1983***

# КАЛОМИ МОДАРӢ

Олитарин зуҳурот ва нишони мавҷудияти ҳар як миллат забон аст. Миллат бо ҳама шукӯҳу шаҳомат, урфу анъана, маърифату фарҳанг, ахлоқ, биниш ва ғайра дар забони зиндаи худ аксандозӣ мекунад. Аз ин аст, ки забони халқеро надониста ӯро шинохтан душвор аст. Донистани ҳар як забон барои инсон дорулфунунест, ки ҳамто надорад.

Муҳаббат ба забони модарӣ як ҷузъи муҳаббати Ватан аст ва касоне, ки ин забонро пушти по мезананд ва ба он ҳурмат надоранд ва наомӯхтаанд, ба халқу ватан эҳтироми бардурӯғ доранду бас.

Педагоги маъруфи айёми мо Сухомлинский аз ин хусус навиштааст: “Муҳаббати Ватан бе муҳаббати каломи модарӣ вуҷуд надорад. Фақат он касе, ки каломи модарӣ барои ӯ азиз аст, сидқан ва шууран зебоӣ ва қудрату бузургии ватани гуногунмиллати моро идрок кардан метавонад. Инсоне, ки шеваи модари азизи худро дӯстдор нест, касе, ки назокати каломи модариро эҳсос намекунад, — фарди бадзот ва беқавму қабилаест”.

Баъзан ба воситаи телевизион мутахассиси моҳири касби худ суханронӣ мекунад, вале нутқи ӯ ба он далолат мекунад, ки вай дар умри худ ба ҷуз китобҳои доири касби худ китобе дигар нахондааст. Ӯ намедонад, ки мутахассиси моҳир ҳамеша дорои маърифат ва маданияти баланд аст, бе нутқи фасеҳу равон, ҳисси зебоишиносӣ, адаб ва назокат ҳеҷ мутахассисе ба саодат нарасидааст, баръакс чунин мутахассисонро ба ҷоҳилӣ айбдор мекунанд.

Социологҳои Америка доири сабабҳои сабзидану пешравии инҷинер дар корхонаҳои бузург тадқиқ кардаанд ва натиҷаи ин тадқиқот хеле ибратомӯз аст. Сабаби пешравии инҷинер ҳамагӣ 15 фоиз аз дониш ва маҳорати инҷинериаш ва 85 фоиз аз нутқ, ҳисси одамшиносӣ, ҷаҳонбинӣ, назокату адаб, маърифату маданияти ӯ вобаста будаст. Яъне, асосан камолот ва саодати инсон аз китоби бадеъ будаст.

Ҳамчунон дар тӯйҳо баъзан шахсони соҳибэътибор сухане чанд ба табрику таҳният гуфтан мехоҳанду худ бехабар нодонӣ, безавқӣ, аз китобу адабиёт, маърифату маданият солҳои бисёр дур ва бехабар мондани худро бо нахустин каломи худ фош месозанд.

Забони фасеҳи тоҷикӣ низ монанди ҳамаи забонҳо ҳамвора дар рушду камол аст ва нутқи касоне, ки дар солҳои панҷоҳум ё шастум китобе хонда буданд на фақат аз ҷиҳати луғот, балки аз рӯи услуб худ далолат мекунад, ки шахс дар солҳои охир аз китобу илму адаб чи қадар баҳрабар будаст. Бузургони мо бесабаб нагуфтаанд: "Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад".

Ҳар як инсони бамаърифат қабл аз ҳама забони модарии худро бояд, ки саҳеҳ донад, дар ин забон озод сухан гуфта ва навиштан тавонад, аз сарвати он баҳравар бошад, аз осори лафзӣ, классик ва аз эҷоди адибони имрӯзи он нек бархурдор бошад. Бебаҳра аз сарвати забони модарии худ забони миллати дигареро омӯхтан мумкин аст, вале ба балоғату нафосати он пай бурдан натавон. Аз ин ваҷҳ он падару модароне, ки фарзандони худро аз хурдӣ ба омӯхтани забонҳои дигар машғул карда аз сарвати забони модарӣ бенасиб месозанд, сахт хато мекунанд. Агар каломи оҳангдори модарӣ аз кӯдакӣ сарвати маънавии инсон набошад, рангу бор, тобишҳои гуногуни он ӯро мафтун насозад, завқ ва биниши ӯро парвариш накунад, инчунин инсон дар зиндагӣ аз хеле хушбахтӣ бенасиб хоҳад монд.

Аз боби китобҳои дарсхонӣ доири забони модарӣ айёми охир бисёр сухан гуфта шуд ва эродҳое, ки аҳли маънӣ ба ин китобҳо баён кардаанд, асосан дурустанд. Китобҳои дарсии моро бештар шахсони ба ин кор нотавон тартиб додаанд. Қоидаҳои муғлақ, калкаи забони русӣ, мисолҳо намунаи забони харобу безавқу беназокат, машқҳо берӯҳ... Намедонам, маблағҳои фонди забони азиз, ки имрӯз таъсис мешавад, бароиривоҷи он харҷ мешавад ё не.

***1983***

# ЭЗОҲ БА ЯК ЭЪТИРОЗ

Навиштаҳои адибонро бо диққат мутолиа кардани хонандагон ҳамеша маро фараҳманд мекунад. Шунидани фикри хонандаи борикбину нуктафаҳм ҳам барои хонандагони дигар судманд аст, ба он шарте, ки он афкор аз таассубу тааррuз ва оҳанги айбҷӯёнаю хурдагирона пок бошад.

Зери рубрикаи “Эътирози хонанда” оид ба ду калимаи ғалати дар ҳикояи ман “Палонҷи охирин” рух дода фикри муаллимон Д.Ҷӯраев ва Г.Михайлов, ки дар саҳифаҳои ҳафтавори “Адабиёт ва санъат” (аз 19 сентябри соли 1985) интишор ёфт, маро хушнуд кард. Боиси хушнудиам он буд, ки ҳикояи маро ба диққат хондаанд ва ҳатто аз паи санҷидани дурустии маънии калимаҳо ба фарҳангҳо рӯ овардаанд. Ба муаллифи асар, ба идораи рӯзномаю маҷаллаҳо фикри худро навиштани хонандагон воқеаи хеле хуштаъсир, гувоҳи пешрафти маърифати халқи мо аст.

Аммо гумони хонандагон Ҷӯраев ва Михайлов аз хусуси он, ки мо — адибон калимаю ибораҳои тоҷикиро монда, аз луғати арабӣ истифода мекунем, дар назари ман ақидаи баҳснок барин расид. Солҳое буданд, ки тӯдае бо инчунин даъво забони фасеҳи тоҷикиро аз басо сарвати он маҳрум карда буданд, аз луғату ибороте, ки дар тӯли асрҳо ба забон даромада, урфи аҳли маърифат гашта буданд, бенасиб сохта, иқтидор ва нафосати забони моро коста буданд. Калимаҳои аз дигар забонҳо ба форсию тоҷикӣ ворид гашта дар ҳамаи замонҳо хизмати худро адо кардаанд ва имрӯз ҳам даст кашидан аз онҳо забони моро ҳақиру хароб мекунаду бас. Гузашта аз ин, агар имрӯз калимаҳои одил, ҷабор, такфин, тадфин ва амсоли онро аз луғати тоҷикӣ бароварем, авлоди

фардо осори гузаштагони худро ба чи тарз мехонанду мефаҳманд, бояд ки биандешид.

Чун мавриди гуфтан аст, бояд бигӯям, ки ман ҳангоми навиштан ба луғату фарҳангҳо наменигарам ва аз калимоти аслан арабӣ он чи мавриди истифода қарор медиҳам, ҳама дар забони аксари мардуми мо маъмул ва ба пиру ҷавони китобхон мафҳуманд. Ва агар ман "мардуми мо" гӯям, як табақаи алоҳида ё худ аҳли деҳу вилояти ҷудогонаро дар назар надорам, балки пиру ҷавони хушзавқу сухандону таомулшиноси тоҷикро ба эътибор дорам. Ибороти "такфину тадфин"-ро ман аз пирони ин сарзамин борҳо шунидаам. Агар "такфин" кафан кардан аст, "тадфин", ки аслан решааш "дафн"-у "дафин" аст, маънии аз назар пинҳон кардан пӯшидан ва гӯр карданро дорад.

Пора-пора далку пунбапӯстин

Дар даруни он амома буд дафин

Вале дар бисёр луғату фарҳангҳои мухтасар баъзан маънии аслии калимаро наоварда, маънии дуюмдараҷа ва ё мазмуни маҷозии онро овардаанд, ки ба далели он ҳукм кардан ғалат аст. Аз ҳамин лиҳоз, ман ин ибораро ба маънии мурдаро кафанпеч карда, аз назарҳо пӯшидан истифода кардаам, на ба маънии дар хок гӯр кардан.

Доири иборати "одилу ҷобир" ҳамин қадар гуфтаниам, ки ман онро ба шакли "одилу ҷаббор" овардаам. (Нигаред "Тору пуд", нашриёти "Маориф", 1985 ва ин таркиб миёни мардумон маъруф аст. ("Худо бошад агар одил ва ҷаббор, ба рӯзи духтарак созад гирифтор". М.Қаноат, тарҷумаи "Катерина"-и Шевченко) ва агар "ҷаббор бо ҷурми идораи ҳафтавор "ҷобир" ба нашр расидааст, ин ҳам ғалат не, ҳамон "ҷаббор" аст, агарчи баъзе луғоти мухтасар маънии "тавоно" ва "қудратманд"-и онро зикр накардаанд. (Нигаред ба луғати тоҷикӣ-русӣ: "ҷобир"-ро ба "ҷаббор"-ҳавола карда ва яке аз маъниҳои асосии "ҷаббор" тавоною қудратманд аст).

Ҳадди маънӣ ва доираи истифодаи калимаю ибораро аслан ҳеҷ луғатномае пурра эзоҳ кардан наметавонад.

Дур наравам, рӯи суханам ба ҷониби он аст, ки ин калимаю ибораҳоро аслан арабӣ гӯён аз истифода соқит кардан нашояд. Ман аз паи таҷриба луғати забони арабиро ба даст гирифтаму моддаи "тавоно"-ро нигаристам, то бубинам имрӯз арабҳо ин маъниро бо чи суханон ифода мекунанд: баттош, қодир, шадид, қавӣ, ҷаббор. Аз ин калимаҳо фақат "баттош" ба мардуми тоҷик нофаҳмост. Агарчи ҳамчун исми хос маъруф аст. Чаҳор калимаи дигари онро ба ҳукми он, ки арабианд аз луғати забони форсию тоҷикӣ берун андохтан ғалат будагист. Ақидаи ман ин аст, ки аз луғоти бегона, агар он урф нест ва фақат китобист ва нофаҳмост, парҳез бояд кард ва баръакс, ҳамаи он калимаҳоеро, ки аз арабӣ, русӣ, туркӣ, юнонӣ, ба забони мо омада ва бори ифодаи маънӣ мекашанд, бетафриқа ва бетаассуб инобат бояд кард.

***1985***

*РЕПЛИКА*

# АЗ ДИЛИ ХУД СУХАНЕ ГӮ...

Солҳое, ки шеър машқ мекардам, ғазале гуфта будам, ки як навъ шеъри барномавии ҷавонӣ ба шумор мерафт. Ҳоло чанд байти он мувофиқи ҳол маро вирди забон гаштаст:

Шоир аз шеъри касон маънигадоӣ накунад,
Оядаш нанг аз он ҳарф, ки такрор кунад.
Ҷомаи нав натавон дӯхт ба дарбеҳи куҳан,
Аз чунин беҳунарӣ марди ҳунар ор кунад.
Эй ки аз шеъру сухан номи баландат ҳавас аст,
Аз дили худ сухане гӯ, ба диле кор кунад.

Айёми охир баъзе қаламкашони ҷавон ва ё дар ин ҷода ҳаваскор бе ҳеҷ истиҳола унвони китоби адиберо барои як хабари рӯзномавии оддӣ ва мақолаву очерки худ сарлавҳа мегузоранд, гоҳе ба китоби худ низ. Дар маҷаллаю рӯзномаҳои марказӣ ҳаргиз чунин беэътиноиро дучор намекунед. Ҳеҷ муалифе ҳақ надорад ба навиштаи худ беистинод “Живи и помни”, “Потерянный кров”, “Закон вечности” ва ғайра ном диҳад, ҳатто унвони китоби номашҳуреро ба китоби худ гирифтан ҳам саркути адабӣ ба ҳисоб меравад.

Повести ман ба унвони “Рухсора” аз ин даҳ сол муқаддам интишор ёфта буд, баъдтар тарҷумаи русии он ҳам бо ҳамин сарлавҳа интишор ёфт. Ҳоло мусаммо ба ин унвони “Рухсора” китоби адиби ӯзбекзабони самарқандӣ Б.Даминоврo дучор кардаму ангушти тааҷҷуб ба дандон газидам. Дар байни ӯзбекҳо исми Рухсора маъруф нест ва ҳаргиз зане ё духтареро ба ин ном намеёбед ва Рухсора дар миёни тоҷикзабонони Ӯзбекистон ҳам то солҳои охир

набуд ва гӯши ҳеҷ кас нашунидааст. Ин ном, ки махсуси тоҷикони кӯҳистони Тоҷикистон аст, аз ваҷҳи луғат ҳам сирф тоҷикист ва адиби ӯзбек қабл аз он, ки ин номро аз осори дигарон ба дафтари худ кӯчонаду ба ӯзбекдухтар нисбат диҳад, андаке мебоист меандешид.

Ба ин минвол сарқути ному унвон дар осори адибону рӯзноманигорони мо ҳам ба назар мерасад. Баъзан бо ягон сарлавҳае мақолае интишор мешаваду он агар рехтаву нишонрастар бошад, дигарон солҳои сол бо ҳамин сарлавҳа мақолаҳо интишор месозанд ва аз ин муқаллидии худ ҳеҷ хиҷолат намекашанд. Наход, ки мувофиқи мақсаду матлаби навиштаҳои худ сарлавҳае ёфтани касе, ки бо сухан сару кор дорад, мушкил бошад?! Маро гумоне мегузарад, ки ин тоифа қаламкашон аслан беҳунар ва дониши зарурию завқи солим надоранд. Вагарна кӣ намедонад, ки мақолаи пучро номи бошукӯҳ чун дарбеҳи ночаспон аст ва баръакс мақолаи пурмаънӣ унвони оддиашро сайқал медиҳад.

Ин аст, ки аз интишори китоби ҳикоёти ин банда “Ҳақиқати талх” ду сол гузашт ё не, аллакай бо ин унвон баъзе интишороте ба миён омад. Аҷаб не, ин гуна муқаллидон даъво кунанд, ки ин ибораҳо ҳама моли халқ аст, чаро онҳо истифода накунанд. Оре, “рухсора” ҳам, “ҳақиқати талх” ҳам, “духтари оташ”-у “дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ҳам, “ҷони ширин” ва “субҳи ҷавонии мо” — ҳама таъбиру ибораҳои халқианд ва истифодаи онҳоро касе манъ накардааст! Аммо онҳоро минбаъд ҳамчун унвони асари навэҷод ва китоб истифода кардан сарқути адабӣ ба шумор меравад.

***1985***

# ХАЛАЛ НАРАСОНЕД!

*(Матни он суханоне, ки боист дар анҷумани IX адибони Тоҷикистон 25 апрели соли 1986 гуфта мешуд, вале имкон нadоданд).*

Дар шаҳру деҳот ҳангоми мулоқот бо китобдӯстон ман бештар чи китобҳоро мутолиа кардани мардумро ба исрор мепурсам ва аз он, ки шумори хонандагони борикфаҳм меафзояд, хурсанд мешавам. Монанди бисёр миллатҳои Осиё мо агарчи назми ҳазорсола дорем насри реалистиамон нав аст, бинобар он, ҳанӯз мисли насри миллатҳои дигари ин қитъаи арз услубан дар роҳи тақлид такопӯ дорад. Ман бисёр орзумандам, ки ин навъи пуртаъсири адабиёти имрӯзиамон сабку услуби хосаи ба талабҳои рӯҳонии мардуми тоҷик мувофиқро дарёб кунад.

Дар пешрафти завқи солим ва афкори равшани мардуми мо хидмати падидаҳои навтарини адабиёти имрӯзи мо кам нест. Дуруст гуфта шуд, нашри ҳафтавори “Адабиёт ва санъат” дар ин ҷода аз дастгириҳои муҳим ва чораҷӯҳои бебадали ҳукуматамон буд. Чӣ ҷои хомӯшӣ, мо имрӯз бо камоли ифтихор иқрор мекунем, ки халқамон инчунин нашрияеро ташна будааст ва имрӯз онро бо иштиёқ мехонад. Маҳз, бо шарофати ин ҳафтавор жанри ҳикоя дар адабиёти мо дар тӯли ду-се соли охир хеле ривоҷ ёфт.

Дар кори ҳам “Адабиёт ва санъат” ва ҳам “Садои Шарқ” дар назари мо камбудиҳо бисёранд. Махсусан, “Садои Шарқ” эътибори худро хеле гум карданаш аҳли адабро ба ташвиш овардааст. Чаро маҷаллаамон беравнақ шуд? Агар афкори умумро пурсем, аксаран мегӯянд, ки баъзан шумораи нави онро мегирему ҳайрон мешавем: саросари он бо мақолаҳо ё тарҷума пур аст ва аксар бо

осори ходимон ё аъзои ҳайати таҳририя. Ба фикрам, маҷалла услуб ва низоми кори возеҳ ва қатъӣ надорад. Котибони ИН дар ғами нашри асарҳои худанд, дигар гап ба гӯшашон намедарояд.

Дар сари баҳодиҳӣ ба осори адабӣ маҷалла солҳои охир аз банди таассуб ва каҷназарӣ раҳоӣ намеёбад. Ҳар кӣ баҳуштар аст, қаблан медонад, ки дар саҳифаҳои он кадом адибон сирф таъриф меёбанду кадомин танқид ва аз хусуси кадомҳо маҷалла хомӯш хоҳад буд.

Ман ҳоло дар мисоли муомилаи ходимону махдумони ин маҷалла ба навиштаҳои худ ин ақидаро тавзеҳ карданиам. Ҳайрат аз он аст, ки дар маҷаллаи "Садои Шарқ" имрӯз осори адибонеро, ки ситораашон ба раҳбарони он рост намеояд, ҳаргиз нашр кардан намехоҳанд, ҳатто ба китоби ин қабил адибон тақриз нашр намекунанд. Ин касон гумон мекунанд, ки агар маҷалла ин ё он адибро ном нагирифт ё доири эҷодаш сухани нағзу шоиста нагуфт, осори вай аз саҳифаи адабиёт сутурда хоҳад гашт. Магар ин содалавҳӣ аз бухлу ҳасади оҷизона об намехӯрад? Агар дар тӯли 25 соли машғулиам дар ҷодаи адабиёт ман беш аз даҳ китоб нашр кардам, "Садои Шарқ" фақат ба ду китоби ман китобиёт додаст! Бо китоби дигарон ҳам аҳвол чунин аст. Ҳол он ки ба аксари рисолаву китобу китобчаҳои олимони мо маҷаллаи адабии мо тақризе нашр мекунад. Адабиёти мо ва адибони тоҷикро хуш накардани ходимони маҷалларо сабаб чӣ бошад? Фақат нотавонбинӣ, бухлу ҳасади оҷизона?

Аз он, ки аз соли 1984 ин ҷониб як повести нави ман ба унвони "Агар вай мард мебуд..." дар идораи "Садои Шарқ" саргардон аст, хомӯш будан наметавонам. Ман пеш аз он, ки повестро ба идораи маҷалла барам, дар секцияи наср хонда, рафиқон Баҳорӣ, Шукуров ва Кӯҳзод андешаҳои худро гуфтанд, ман онро хеле тасҳеҳу такмил кардам. Аз чи бошад, ки повестро хондани аъзоёни сек-

цияи наср ба ходимони журнал ҳеҷ хуш намеояд ва вақте ки қариб баъди як сол ба муҳокима ғун омаданд, онҳоро даъват накарданд. Агарчи Баҳорӣ ва Кӯҳзод бо онҳо зери як бом буданд. Повестро дар маҷалла Хӯҷаев, Саттор Турсун ва Файзуллоев гуё хондаанд. Аммо аз рӯи муҳокимаронӣ ва қайдҳои онон дар ҳошияи дастнавис ман яқин кардам, ки онро фақат Хӯҷаев то охир хондасту бас. Онҳо ба асари ин банда ягон эроди мушаххас надоштанд, ки надоштанд. Мисли ҳамеша гапашон якто: кӯтоҳ кардан даркор!

Баъд қиссаро аъзои президиуми ИН мутолиа карданду ба идораи маҷалла тавсия карданд, ки повестро интишор кунанд. Аммо сармуҳарири маҷалла Лоиқ Шералӣ номи маро дар саҳифаи маҷалла ҳеҷ дидан намехост. Вай ҳеҷ бовар намекард, ки маҷалла моли хусусии ӯ нест. Ба сахтӣ бошад ҳам, ман оқибат ин ҳақиқатро ба ӯ собит кардам ва маҷалла он асари маро нашр кард. Аммо дигарон, ононе, ки бо ӯ ин қадар муқовимат кардан намехоҳанд ё баробар шуданро ба худ муносиб намедонанд, чӣ хоҳанд кард?

Чаро ман аз ин хусус аз минбари анҷумани адибон сухан мекунам? Борҳо дар маҷлисҳои гуногун аз ин хусус сухан гуфтем, аммо рафиқоне, ки боист дар паи ислоҳи ин нуқсонҳо бошанд, саъяшон бар он аст, ки худрову гунаҳкоронро сафед кунанд. Ин аст, ки маҷалла рӯзафзун табоҳ мешавад. Адади нашри он аз 40 ҳазор ба 20 ҳазор фуромадааст! Магар ин огоҳии ҷиддӣ барои ҷӯрабозон нест?!

Ингуна муносибати бадхоҳона баъди вафоти устод Турсунзодаривоҷ гирифтанашро сабаб ин аст, ки Мӯмин Қаноат ҳаргиз асареро намехонад, агар ба ӯ мусаввадае диҳед, гум мекунад, вассалом. Додамонро ба кӣ гӯем? Додхоҳ кист, додгустар кист?

Соли 1982 повести “Тору пуд”-и маро ҳам аз номи журнал рад карданд. Сонитар Муҳаммадиев онро хонда ҳукми онҳоро инкор карданду повест нашр шуд. Ин чи гап? То ба кай нашри асари нави адиб ба ягон тасодуф ё инояте вобастааст?

Агар ходимони маҷаллаи мо донишмандони маслиҳатбахш бошанд, чаро саҳифаҳои маҷалла ва навиштаҳои худи онон ин қадар хом аст ва аз ғалатҳои кӯрсаводона пур аст?

Ба қарибӣ як ҳикояи нави Саттор Турсун “Панҷаи нарми шафақ”-ро бо азоби алим бошад ҳам хондам. Ҳоло мавқеи таҳлили он ҳикояи ӯ нест, аммо ин қадар гуфтаниам, ки ман ду-се нафар адибонро хоҳиш кардам, ки онро бихонанд. Бо эътимоди комил мегӯям: Саттор адиби болаёқатест, борикбин аст, аммо ин ҳикояаш хонандаро дилгир мекунад, зеро хеле сохтаю бофта баромадаст.

Ман ба худ гумоне доштам, ки адибони мо дар анҷумани худ бериояи хотир, сарфи назар аз мансаб ва қаробат аз ин хусус сухан мегӯянд.

...Дар саҳифаҳои “Садои Шарқ” Хоҷаев таъсироти бардоштаашро аз сафари Ҳиндустон нашр кардаст. Аслан, боист, ки мақсади сафарнома навиштани адиб “ин ҷо будему он ҷо рафтем” набошад, ҳар як шахси каму беш саводнок аз хонааш берун нарафта, ба кӯмаки се-чор қомус ва китобҳои доири Ҳинд аз ин беҳтар сафарномае навиштан метавонад. Нависанда бояд фақат он гоҳ қалам ба даст гирад, ки доири он кишвар ва диданиҳои он мушоҳида ва ақидаи билкул тозае гуфтанӣ бошад. Ҳайфо, ки чунин матлаб ҳатто аз хаёли Хоҷаев нагузаштаст. Аз ҷумлаҳои пурнуқсони муаллифи сафарнома чашм пӯшида наметавонам: “раисони Ҷамъияти дӯстӣ...”, “кӯчаҳои мурассаъ”, “филони саворадор”, “дар рӯ ба рӯи Қальаи кӯҳна, аз тарафи рости он”, “девори баланду ситабр”,

“дидор ба дидор расид”, “хумори ватан ҳамеша дар дил аст”, “мардуми ҳар халқу кишвар…”

Мавриди тааҷҷуб нест, бо ин гуна савод ҷонишини муҳаррир навиштаҳои аз ин ҳам бадтарро имзо мекунад.

Аз тарҷумаи “Достони бачагии Мушфиқӣ”-и Темур Зулфиқоров, ки Солеҳ тарҷума кардааст, ҷумлаеро намуна меоварам: “Саллаҳои банд-банд ҷудои гардунаи танҳои зиндагиаш ғелида ба умқи ғубори сабзгуну тиллоии роҳҳо ва он ҷо шуда пора-пораву сокиту ором ба мисли болҳои нақшини шоҳпаракҳои нобаҳангоми саҳроҳо ба тирамоҳон…” Ман ин ҷумларо аз он тарҷумаи “Садои шарқ” интихоб кардаам, тамоми як қисса ба ҳамин тарз тарҷума шуда ва ин ҳарзабаёниро маҷалла нашр карда. Ҳайратам аз он аст, ки сармуҳаррир Лоиқ Шералӣ пеш аз чоп ягон саҳифае мехонда бошад? Ба ин тарз адабиётро мазоҳ карда, нони онро хӯрдан аз инсоф набудагист ёронам?!

Ана, ба ҳамин ҳоли зори худ нанигариста, ин рафиқон аз ман ба исрор талаб доранд, ки аз рӯи завқи онон асарамро тағйир диҳам. Рафиқ Хоҷаев ба тариқи гилагузорӣ мегуфт: “Икромӣ фикри моро ба инобат мегиранду шумо не?!” Ин суханони ӯро шунида, гуфтаҳои як тан марди донишманд (бе иҷозаташ номи ӯро гуфтанам ҳоҷат набудагист) маро ба ёд омад, ки боре ба ин маънӣ изҳор дошт: “Ба Икромӣ сахт халал расонданд, ҳар як хоҳиши худро ҷабран ба вай гузаронда, асарҳои ӯро аз аслаш суст-тар карданд.” Имрӯз дар анҷуман ҳамон фикрҳои Хоҷаевро доири навиштаҳои худ аз маърӯзаи М.Қаноатов шунидам. Дигар навъ баҳоеро чашмдор ҳам набудам: барои Қаноатов маърӯзаро ҳамеша дигарон тайёр мекунанду ӯ фақат мехонад.

Чӣ хуш буд, агар раҳбарони Иттифоқи нависандагон ба асарҳои мо аз гапи мушовирҳои аксаран бехабар баҳо надода, худ китоб мехонданд…

Дар шуури баъзе адибон ва ҳатто раҳбарони Иттифоқи нависандагон ҳисси маҳалпарастӣ боло гирифтааст, ки сари роҳи инчунинҳоро қатъиян гирифтан лозим.

Доир ба танқиди адабӣ чанд сухани гуфтанӣ дорам. Аз чӣ бошад, ки айёми охир дар адабиёти мо баъзе адибон зуд таъриф ёфта, хому пухтаи онҳо баробар тавсиф мешавад ва агар андаке шамоли танқид ба эшон расад, қариб, ки девона мешаванд. Баъзе рафиқони ҷавон як-ду повест навишта-нонавишта мақолаҳо нашр мекунанду адибонро ба неку бад ҷудо мекунанд, доир ба осори адабии ҳамқаламони худ бе ҳеҷ шакку шубҳа ҳукм мебароранд. Дӯстонам, фақат касоне нағзу бади асари дигаронро қатъан таъин карда, ҳаққи аз ин хусус ҳукм баровcovарданро доранд, ки устоди эътирофидаи аҳли адаб бошанд. Боре ҳадди худро шиносед, агар ду-се китоби шеър ё қиссае нашр кардаеду мунаққиде онҳоро таҳсин кардаст, ҳанӯз он аз имтиҳони замон нагузаштаст. Икромӣ дуруст гуфтанд, ки баъзан касоне, ки ба ҳадди як хонандаи оддӣ савод ва адабиётфаҳмӣ надоранд, дар як шаб ранҷи чандинсолаи адибро баҳо медиҳанд.

Баъзан ба эҷоди адиб муаллифоне, ки ба қадри як хонандаи дуруст саводи адабӣ надоранд ва ду-се ҷумлаи саҳеҳ навишта наметавонанд, баҳо медиҳанд. Чанде аз ин муқаддам мунаққиди мӯҳтарам М.Шукуров дар боби қиссаҳою ҳикоёти ман мақолае навишта ба “Садои Шарқ” додаанд ва миёни ходимону аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла қиёмате барпо гаштаст. Албатта, агар Шукуров маро бештар аз андоза дар он мақола танқид мекарданд, он мақола ба нашр мерасид.

Ана, ҳамин бахилии оҷизона ва нотавонбинӣ аст, ки то ба имрӯз доири ҳаёту эҷоди бисёр адибони мо китобчае нашр намешавад. Адибони республикаҳои дигар доири аҳвол ва осорашон ба мо китобҳо тӯҳфа мекунанду

мо ҳасрат мехурем, ки кай ҷамъияти мо ба дараҷаи онон мерасида бошад.

Айёми охир дӯконҳои китобфурӯшӣ, саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо аз осори хому пуч ва безавқона пур шуда... Ҳуҷуми ин селоби харобкор рӯзафзун аст. Ба назар чунин мерасад, ки сабаби ин ҳол пеш аз ҳама вазифаи худро ба дурустӣ адо накардани танқиди адабӣ аст. Агар танқиди адабӣ ҳар як асари хомро сари вақт, аз он, ки муаллифаш кисту пуштибони вай киҳост, сарфи назар карда, хому сақат гӯяд, ин касон дар паи нашри хомкораҳои худ ин қадар ҷадал намекарданд. Баъзе мунаққидон ҷои он, ки ба таърифу тавсифҳои пуриғроқи осори адибони шинохта гаштаю баргашта руҷӯъ кунанд, чи хуш буд, гоҳе фелетони адабӣ менавистанд, ки аз он ба адабиёт манфиате мерасид. Ҷои гиламандист, ки баъзе мунаққидони мо даҳ солу бист сол боз нони ин касбро мехуранд, аммо боре ба худ савол намекунанд, ки ба адабиёт чи хидмате карданд. Маро ҳаргиз гумоне намерасад, ки ҳамаи ин касон осори адабиро куллан сарфаҳм намерафта бошанд. Онҳоро эҳсоси масъулият назди адабиёт, дар назди ҷамъият, ба фикрам, камтар аст. Аҷаб не, тарси ночиз, ҳирс, тамаъ рӯҳи эҷодкории ононро билкулл куштасту дигар дар қайди ақидаҳои қолибзадаи кӯчагию бозорӣ сахт дармондаанд. Аз ин аст, ки ҳеҷ як адибе ба назди ин тоифа мунаққидон пеш аз нашр дастнависи асарашро намебарад, фикри ононро намепурсад. Аслан, агар ба дурустӣ иқрор кунем, аксари кулли гурӯҳи аъзои ИН, ки мо мунаққиду адабиётшинос мегӯем, ба дараҷаи як хонандаи нағз адабиётро намефаҳманд.

Аксар мешавад, ки мунаққидони мо чун аз боби осори мамдӯҳони худ сухан мекунанд, ҳадди эътидолро фаромӯш карда, худ бехабар ё аз ҳайси тунукандешӣ бошад, тавсифро ба тамоҳира ва мазоҳӣ сирф бармегардонанд. Мисоли ин даъво суханони доир ба шеъри Лоиқ

ва Бозор Собир навиштаи яке аз мунаққидони пуркорамон Юсуф Акбаров аст. Ӯ чунин тавсиф медиҳад: “Ин шоирон шеърофаринанд, шеъри онҳо на шеъри оварда, балки шеъри омада мебошад, шеърест, ки чун чашмасорони кӯҳистони мо дар ҳама фасли сол аз қаъри замин, аз байни лаълҳо(?), моломол(?), зиндагии абадӣ(?) мебахшад. Аз ҳар шеъри онҳо садои беором задани қалби ҳассосу бӯи хуну ҷон(?) меояд. Аз ин пас шеъри онҳо зиндагизоюю ҷонофарин аст…”

Инсоф диҳед, Юсуфҷон, агар аз таъбирҳои бемантиқатон сарфи назар намоем, барои шеъри кулли шоирони гузашта ва оянда дигар сухане баландтар аз гуфтаҳои шумо нест, ки нест. Ниёгони пешини мо таъбири “ҷонофарин”-ро ба Фирдавсию Низомӣ ва Саъдию Ҳофиз муносиб надониставанд, фақат ба худо мувофиқ ҳисобидаанд. Ҳол он, ки ин шоироне, ки шумо шеърашонро “ҷонофарин” мегӯед, аз шуарои қаториянд. Азбаски имрӯз мо Иқболе ё Ғамзатову Евтушенко барин шоире надорем, дар назари шумо онон бемисл ҷилва кардаанд. Ин тарз суханронӣ махсуси фақат Акбаров ё Набиев ва амсоли онҳо не, балки аксари кулли мунаққидони мо дар осори мамдӯҳони худ қариб нуқсон намебинанд. Мақолаи Сайфуллоев “Тадқиқи бадеии ахлоқи ҳамзамонон (“Садои Шарқ”, № 2) доири повестҳои солҳои охир фикри маро далел аст. Наход ки дар повестҳои Ф.Муҳаммадиев, Кӯҳзод, Турсун ҳеҷ нуқсоне ба чашм нарасад?!

Ҳол он, ки агар мунаққид қатъият зоҳир мекард, дар ин асарҳо нуқсонҳои ҷиддӣ ҳам дучор мешаванд. Мунаққид ҳеҷ наандешидааст, ки агар он осор ба андозае, ки ӯ тавсиф кардааст, шоҳкор будӣ, имрӯз сари дасти хонандагон мебуд ё чунон ки мегӯянд, даст ба даст мегашт. Камхаридор будани осори адибони мо наход ки ба ҳеҷ хулосае далолат накунад?

Рафиқон, масъалаи дигаре, ки ба назари ман солҳои охир бисёр адибонро ба изтироб овардааст рӯзафзун кам шудани адади нашри китобҳои мо аст. Агар мухтасар гӯям, дар ин бобат дӯлобкорӣ ҳам дорем. Ман дар аксари навоҳии ҷумҳурӣ будам ва китоби худро суроғ кардам, ҳеҷ набуд, аммо мегӯянд, ки Тоҷикматлубот талаб намекунад. Гӯё комиссияи тираж аз рӯи талаби идораҳои савдо адади нашрро таъин мекардааст. Сипас чи тавр мешавад, ки коммисия ба китоби ман 5 ҳазору ба китоби нахустини як тан адиби ҷавон ва ҳанӯз ба хонанда номаълум, ки ҳатто дар рӯзномаҳо асари ҷиддӣ нашр кардани ӯро мо ёд надорем, 10 ҳазор нусха таъин мекардаст?! Ба фикрам, касе ба ин бобат аксуламал дорад ва мардуми моро аз ғизои маънавиаш маҳрум мекунаду мо бехабарем.

Доири тарҷума ва интишори осори адибони миллатҳои дигар баъзе аз андешаҳои худро арз карданиам. Ҳукми дуруст ин аст, ки дар республикаи мо аз ҳар ҷои дигаре бештар ба тарҷума машғуланд ва нашриётҳо ва рӯзномаю маҷаллаҳои мо пайваста ба интишори ин “матоъ” гирифторанд. Имрӯз, ҳар касе, агар имкони нашр карданро ёфт, даст ба тарҷума мезанад ва ҳар китобе ба дасташ афтад, ба тарҷумаи он мекӯшад. Ва бадбахтист, ки ба дасти ин тоифа бештар осори беталабгор монда меафтад. Дар тӯли даҳ-понздаҳ соли охир китоби баъзе адибоне, ки ҳатто дар республикаи худ чандон эътироф наёфтаанд, ба тоҷикӣ ду-се борӣ интишор гаштанд. Бигирем, соли гузашта нашриёти “Ирфон” китоби шоири белорус Деружинскийро ба забони тоҷикӣ нашр кард. Агарчи вай асосан шоири бачаҳост, нашриёти мо ӯро ба калонсолон пешкаш кард. Чи ҷои тааҷҷуб, баъзе аз рафи-қони мо агар дар роҳи сафар бо адибе ҳамроҳ ё ҳамнишин гарданд, дарҳол ваъда мекунанд, ки китоби ӯро ба тоҷикӣ нашр хоҳанд кард. Аз ин ҷиҳат аст, ки осори аввалдараҷаи адабиёти дӯстонамон як сӯ мемонаду мо китобҳои

адибони камҳунарро баъзан ба тоҷикӣ тарҷума мекунем. Мисоли ин гуфтаро хеле фаровон овардан мункин аст.

Ҳоло ба тарҷумаи осори бадеъ як гурӯҳ афроди сирф беҳунар даст зада, бо тарҷумаҳои бешира, дур аз салосату нафосат ҳамвора китобхононро аз осори тарҷума дилсард мекунанд. Рӯзе мерасад, ки китобхони тоҷик аз мутолааи осори ин қабил тарҷумонҳо сирфан даст мекашад. Ҳеҷ аҷаб нест, ки ҷои ин китобҳоро тарҷумаҳои бародарони эрониамон бигирад.

Ҳоло адибони мо аз бобати як масъалаи дигар бисёр мегӯянд. Ҳар сол рӯзҳои адабиёт, ҷашнҳо, машваратҳои зиёде барпо мешаванд. Дар ин маъракаҳо аз номи адибони тоҷик аз чи бошад, ки ҳамеша 4-5 нафари доимӣ иштирокчианду бас. Ҳамчунон бояд гуфт, ки адибони мо қариб ки ба хориҷа сафар намекунанд. Чаро адибони республикаҳои дигар чунин имконият доранду мо не?

Ҳар як амри каму беш ҷиддӣ ва омоли бузург ба даври худ тоифаи ҳавасмандони ҳарзамаразро ҷазб мекунад. Адабиёт ҳам аз ин қоида истисно нест. Ин тоифа дар роҳи талаб аз ҳеҷ усуле даст намекашанд. Мақсади онон чист? Коре кунанду қонуну қоида, ҳаққу ҳуқуқ ва ростию дурустиро поймол созанд ва кайки ман ароба мекашад гӯён соддадилонро бовар кунонанд ва деги маишатии худро ҷӯшонанд. Онҳо навиштан натавонанд ҳам, нависанда будан мехоҳанд. Рафиқон, тоифаи дигаре низ ҳаст, ки навиштан мехоҳанду бас. Ҳеҷ набошад ба онҳо халал нарасонед.

***1986***

# ҚАТРАЕ АЗ САДАФИ АНДЕША

Муддатҳост, ки дар мактабҳо дарси адабиётро бо сабабҳои гуногун ҳамвора кам мекунанд. Баъзе касон дар сари ин ақидаанд, ки барои кӯдакону наврасон аз дарси адабиёт, аз мутолиаи китоби бадеъ амалан ҳеҷ фоидае нест ва агар нахонанд ва ё камтар хонанд, осмон ба замин фурӯ намеафтад, баръакс, надонистани химияю физика, компютер, мошинронӣ, дуредгарию харротӣ, спорт дар асри мо аз нуқсонҳои авфнопазири таълим аст... Аммо чи гӯям, ки аз нахондани адабиёт ҳоло осмон ба замин фурӯ афтоданаш гумони ғолиб аст. Охир, қисмати сайёраи мо, қисмати ҳаёти кулли башар ва тамаддуни он ба дасти инсонҳост ва метавонад, ки як киштии зериобии ядроӣ дунёи моро кунфаякун созад. Агар инсони имрӯз дилу дидаи некбин надорад, фарди хатарнок ва таҳлукаангези башар аст.

Ана, ба ҳамин тариқ, бар асари беэътиноӣ ба адабиёт мо одамони сангдил ва бешафқат, бюрократҳои берӯҳ, ҳаромкорони бесуботи ба ҳеҷ кор номасъул ва ноомилро парвариш мекунем, даста-даста мутахассисони безавқ доираи назарашон тангу аз фаросат бенасибро ба миён меоварем.

Инсоне, ки аз овони хурдсолӣ бо китоб ошноӣ ва улфат пазируфтааст ва осори хондагиаш ба дилу ҷони вай нишастааст, худ фикран ва ҷисман ба хомкорӣ, қаллобию нобакорӣ қобил нест. Адабиёти бадеъ бачагонро андешидану ранҷ кашидан меомӯзад, дар сиришти онон ҳисси латифи зебоӣ ва накӯкориро мепарварад.

Дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка социологҳо пас аз муддатҳо таҷриба ва санҷишҳо муқаррар кардаанд, ки пешравӣ ва эътибор ёфтани инҷинер дар корхонаи саноатӣ аз кадом сифатҳои ӯ вобаста аст. Чӣ мегӯед, ки барор ва эътибори ин фирқа мутахассисон ҳамагӣ 15 фоиз ба

дониш ва маҳорати инҷинерӣ ва 85 фоиз ба нутқи фасеҳ, ҷаҳонбинӣ, ҳисси зебошиносӣ, ҳадди адабро шинохтани онон, ба одамшиносӣ, ҷавонмардӣ, рафтори дилнишин — хулоса, аз таъсире, ки инсон аз адабиёти бадеъ мебардорад, вобаста будаст. Кадомин фанни дигар ба инсон ин қадар ҳунар ва идрок мебахшад?! Компютер ва мошинҳо инсонро андешидан намеомӯзанд…

* * *

Ба идораи як тан рафиқи соҳибмансаб ворид гаштаму ӯро аз мақому мартабае, ки имрӯз расидааст, дар ғояти қаноатмандӣ дарёфтам. Марди хомандеш қаноатмандии худро аз ман пинҳон намедошт. Суханони яке аз адибони дилписандам Чабуа Амирадҷибӣ ёд омад: “Мо — ҳама то он лаҳзае, ки худро беҳтар сохтан мехоҳем, инсонем. Лаънат ба он касе, ки аз худ қаноатманд аст”.

Дар романи алҳол ягонаи худ — “Дата Туташхиа” ин адиби хирадманди даврони мо навиштааст: “…Ӯ корзори бемисле дораду фақат бо шахси худ ҷидол мекунад”.

Дарвоқеъ, Амирадҷибӣ ба бисёр саволҳое, ки имрӯз дар ҷамъияти мо ба онҳо ҷавоб дархост доштанд, ҷавоб гуфт. Ман романи ӯро мисли як китоби ҳикмати асрамон мутолиа доштам. Доири худшиносӣ ӯ боз навиштааст: “Ҳар як фарде он қалъаро хоҳад фатҳ кард, ки онро фатҳ кардан мехост. Барои яке ин қалъа ҳарифест, ки дар нисбати вай ҳунармандтар аст ва ин марди ҳақири дар паи шӯҳрат афтода, кулли неруи маънавӣ ва рӯҳонии худро харҷи он мекунад, ки аз ҳарифи худ бартарӣ ёбад… Аммо тоифаи дигаре, — гулҳои сари сабади башар низ ҳастанд, ки онон ягона қалъа — қалъаи шахсияти худро дар муҳосира гирифта, шабу рӯз ба он ҳамлаваранд.”

* * *

Адиби ҷавоне дар мақолаи худ зиёиёни моро ба кӯр-

саводию безавқӣ муттаҳам мекард. Тааҷҷуби маро боис он буд, ки ӯ дар он мақола лафзи хушку бешира ва алфози бениҳоят обшуста дошт, вале аз нутқи коргари оддӣ то раҳбари идора, аз гуфтори радио то саҳифаи рӯзномаҳо — аз ҳама домангир буд, ки аз забони фасеҳи тоҷикӣ бебаҳраанд. Чӣ гӯям, ки ҷумлаҳои худи ӯ низ бенуқсон набуданд, фасоҳату назокати фаровон низ надоштанд, аммо хонандагони мо ё ба диққат рӯзнома намехонанд ва ё хонанд ҳам, нуқсони таҳрири ӯро пай баранд ҳам, ба ҳарфи адиби аз худ бехабар ангушт намениҳанд, эроди худро ба идораи рӯзнома ирсол намекунанд. Хонандагони мо кай фаъолу талабгузор хоҳанд шуд? То ба кай мо фақат нуқсони бузург ва сифати беназирро мебинему бас?

Дар адабиёти тоҷик агар асари каму беш ҷиддие ба вуҷуд ояд, устод Айнӣ ҳароина мутолиа доштаанд ва баҳои онро муқаррар мекардаанд. Устод Айнӣ ҳам осори дигаронро мехондаст ва ҳам худ асар эҷод мекардаст. Маҳз чунин шахсон шоистаи раҳбарӣ ва раҳбаладӣ дар ҷараёни адабианд. Чӣ хушбахтанд адибоне, ки ин чунин раҳбаладӣ ранҷбар доштаанд!

* * *

Ҳангоми мутолиа яке аз ходимони маҷалла дар ҳошияи дастнависи ман дос барин аломати савол гузоштаасту зери ибораи “бетаъхир бед” хат кашидаст ва дар ҳошия “ислоҳ” намудаст: “биёед”. Ба ночор ман ҳам навиштам: “Ҳама дар паноҳи ҷаҳондор бед. Фирдавсӣ”.

Нуқсе, ки дар таълими баъзе аз рафиқони мо рафтаст, кам нест, аммо кӯтаҳие, ки дар тарбияи онон гузаштааст, бештар ба назар мерасад. Дар хилватгоҳи худ ҳар як инсон симои аслии худро зоҳир меунад.

* * *

Насри мо то солҳои шастум чанд нуқсони ҷиддӣ дошт: аввало, дар аксари осори бадеии он замон адибон

орзуи ширини худро ҳамчун ҳақиқати воқеӣ ба қалам медоданд. Сониян, ҳар он чӣ ба гузашта мансуб буд, қариб саросар инкор мекарданд, беҳуда ва зарарнок меҳисобиданд, мероси боёну феодалон ва ё динӣ мешумурданд. Дар баъзе маҳалҳо иди наврӯзро манъ карда, баъзеҳо сандалӣ ва ё дар кӯрпача нишастанро ҳам нишони таассуби пешин медонистанд.

Инчунин усули эҷодкорӣ ҳанӯз ҳам аз миён нарафтаст, аммо дигар равнақи он даргумон аст. Хавфи ман аз он аст, ки ба ҷои он иллати дигаре — баёни пучу бемазмун, навиштаҳои қолибзадаи авомфиребона ба миён меоянд. Чанд ҳикояе, ки айёми охир дар саҳифаҳои маҷаллаву рӯзномаҳо мутолиа кардам, ба ин далолат мекунанд.

* * *

Истеъдод мафҳумест ё таъбирест, ки ба суханони якрангу якнавохт, такрору дилгир, забонзадаю қолибӣ, тарс ва беҷуръатӣ наздик ниҳодан наметавониаш. Нишонаҳои истеъдоди ҳақиқӣ, дар назари ман инҳо аст: афкору назари тоза, хоса каломи тафдору хотирнишин, шаклан комил будани асар, пухтабаёнӣ, мантиқи устувор ва дорои моҳияти иҷтимоии башарӣ будани осори адиб аст.

Шахси соҳибистеъдод ба ҳар навъе аз тобеъият кӯркӯрона ба дастурҳои носавобу нодаркор, қоидаю қонунҳои шахшуда гурезон аст. Ҳунарвари асил аз такрори моли дигарон парҳез дорад.

Инсони соҳибистеъдод дорои хосиятҳои махсусест, ки баъзан ин хислати ӯ барои ашхоси атрофаш тоқатфарсо аст, зеро мардумон орому осуда, бехалал ва беташвиш зистан мехоҳанд, аммо дар фитрати марди соҳибҳунар беоромию беқарорӣ, тозаҷӯӣ, ҳаргиз қонеъ набудан аз рӯзгори худ ва дигарон, ба дурӯғ, нorостӣ, сохтакорӣ тан надодан махлут аст. Ӯро ҳунар беш аст, имкони фаровон дорад, аз ӯ бештар бояд тақозо намуд, аммо вай

низ ҳақдор аст, ки аз ҷамъият дар нисбати як фарди оддӣ бештар талаб кунад. Ҳунари адиби ҷодусуханро барои корҳои камарзиш харҷ кардан далели кӯрдилию зиёнкорӣ аст. Охир, бесабаб нагуфтаанд: “Бӯрёбоф агарчи бофандаст, набарандаш ба коргоҳи ҳарир”.

Бешак, ба мардуми ҳунарвару соҳибистеъдод ҳамкорӣ ва раҳбарӣ ҳам кори саҳлу осон нест, фазлу ҳунар ва дили бузург даркор аст. Вақте, ки шахси соҳибҳунар бо атрофиёни худ мувофиқат надорад, он ҷамъиятро боист, ки бо ӯ роҳи ҳамкорию созгорӣ биҷӯяд.

Пушкин навишта аст: “Даҳо ва нобакорӣ ду мафҳуми ба ҳам номувофиқанд”. Яъне, ҳунарвари бузург инсони нобакор, мунофиқ ва бадаъмол буда наметавонад. Ва агар аз ҳунарвар чунин корҳо зоҳир гардад, ӯ бешак ҳунарвари асил нест, ва ё баъди чунин рафтор ӯ ҳисси эҷодкории худро мекушад ва дигар асари шоистае офарида наметавонад.

* * *

— Пули шеър нағз аст, барои чӣ шумо шеърнависиро бас кардед? — мепурсид як нафар рафиқе, ки дар кори нашриёт мӯяшро сафед кардаст.

Ба кӣ исбот кунам, ки ба арсаи адабиёт қадам ниҳода ман ба рӯзгори пурнеъмат, пулу мол, шукӯҳу дабдаба хайрбод кардам. Агар гӯям, ки адабиёт фидокорӣ мехоҳад, аксар ин суханро хитобан пуч мепиндоранд. Аз пули адабиёт дар кишвари мо ҳеҷ адибе давлатманд нагаштааст.

* * *

Дар Тоҷикистон кӣ беҳтар зиндагӣ мекунад? Аҳли мансаб ва тиҷорат. Ва ҳарду табақа низ бар асари дуздӣ, ришва ва ҳаромхурӣ рӯзгори осуда доранд. Аммо ин тоифа каммаърифатанд ва аз оқибати корҳо намеандешанду имону инсоф ба боди фано медиҳанд ва оқибати нохушро, сабаб чист харгиз идрок намекунанд. Шайх фармудааст:

Моли дунё некхоҳонро диҳанд,
Оқибат парҳезгоронро диҳанд.

* * *

Дар ҳақи адибон ҳар фирқаеро гумони дигар аст. Баъзе хаёл мекунанд, ки мо барои бештар ҳаққи қалам ситондан менависему менависем ва ҳар чи иншо мекунем, филфавр аз паи интишораш мекӯшем. Феълан ҳаргиз ин тавр нест.

Ҳар як адиби асил бо ақлу фаросате, ки дорад метавонист, шуғли пурдаромаде дошта бошад: Мансабдор бошад ё аз паи касби дигар равад. Фақат адибони ҳақиқӣ ба ҳунари худ содиқ монданд.

Дар сари дастурхони адабиёт шумораи адибон беш не, балки туфайлиён ва ононе, ки худро адиб вонамуд доранд, аксаранд. Имрӯз фақат мардуми хеле фозилу борикфаҳм ва пурмутолиа дарёфтан метавонанд, ки адиб кист ва адибтарош кист. Баъзан ин тоифаи адибтарошон ҷаҳд доранд ба ҳар навъ ба ҷараёни табиии адабиёт халал оваранд. Онон шиори бозориён — “ту ба ман деҳ, ман ба ту”-ро дастури амал кардаанд. Адабиётро аз осеби ин тоифа ҳифз бояд кард.

Ман аз кирдукори ин тоифа адибтарошон қиссае навиштаам, аммо онро дар ин солҳои наздик ҳам нашр кардан наметавонам. Хеле аз он касоне, ки аз омоли онон ҳикоят кардаам алҳол дар маркази воқеаҳои рӯзгоранд. Дӯстон мегӯянд, ки айёми зарурат ва фаъолияти қиссаи ман мегузарад. Ҳаргиз намегузарад. Андрей Платонов “Дарёи ҷавонӣ”-ро соли 1934 навишта ба анҷом расонида буд, аммо имрӯзҳо он асар интишор ёфт, вале фаъолият ва ҳамовозии он ба масъалаҳои ҳаёти имрӯзи мардум ҳаргиз накостаст.

* * *

Адибе ҳаваскоре навиштаҳояшро пеши ман меоварад

мехондаму маслиҳаташ медодам, аммо тавфиқ намеёфт. Оқибат рӯзе гуфтамаш:

— Дар назари ман чунин меояд, ки дар касби нависандагӣ истеъдоди ту камтар аст, маслиҳат ин, ки дигар умри азизро зоеъ насозӣ ва сари вақт аст, ки домани шуғли дигареро бигирӣ. Аз адиби камҳунар мухбири моҳир, муаллими заковатманд, мусаҳҳеҳи нуқтадон авло нест?

Ҷавон биранҷид, лаҳзае абрувонаш гireҳ хурданду хомӯш монд ва сипас гуфт:

— Ин ҳикояро хондед?.. Магар ҳикояи ман аз ин беҳтар нест? — Вай саҳифаи рӯзномаро кушода ба ман намуд.

Ман он ҳикояро дучор карда будам, вале нахонда, қаблан медонистам, ки мусаннифи он аз навиштаҳои ин ҷавони ҳаваскор беҳтар асаре навишта наметавонад.

— Хуб, агар муродат нашри ин ҳикоя бошад… ба нашр мерасад… аммо чи суд мебарӣ, намедонам.

— Ӯ чӣ суд мебарад?

— Ӯ хуб медонад, ки ин шуғл дар салиқааш нест, аммо дигар аз тӯда мондан намехоҳад, аз рӯи қонуни инерция…

— Ман даъвои зиёд надорам… Мисли он кас бошам, бас аст, — гуфт адиби ҷавон ва маро билкулл ҳайрон кард.

— Аз наздикону пайвандонат касе мудири база ё директори универмаг ё ба ҳамин монандҳо ҳастанд?

— Не…

— Хуб, чи дорӣ? Боғи мевадорат ҳаст?.. Ё ба сафари хориҷ намеравӣ?

Ҷавон лаҳзае ба рӯи ман ҳайратзада нигаристу сипас гуфт:

— Ун ба ҳамин усул чоп мекунад? — оқибат матлабро ба таври худ пай бурд вай.

…Ӯ хеле айём аст, ки ба ман ҳикоя намеорад.

* * *

Ҳар як ҳунарвар ҳангоми эҷод як нуқси бузурги ботини худро мебояд, ки барҳам занад. Ин нуқс — вобастагии инсони эҷодкор ба шахси худ аст. Аз худ бояд ки бигурехт, аз кулли тараддуду ташвишҳои рӯзмарра, аз хонавода, аз дӯстону ҳамнишинон, аз ҳамаи ин зоҳирнамоиҳо… Худро ва ин ҳамаро аз масофаи дуртар, бо чашми дигар мебояд, ки нигарист. Он гоҳ ҳарчи менависед, ҳама даркорӣ, муҳим ва дар мақоми худ меояд.

* * *

Гулу гиёҳи ҳаётпарвар рӯй ба ҷониби хуршед майлонанду инсон дар ҳама ҷо ба ҷониби ҳақиқат ва ростию дурустӣ. Адибе, ки адлу ростиро пушти по мезанад, қобилияти эҷодкориашро гум мекунад. Аз ҳамин аст, ки баъзе адибон дар овони ҷавонӣ ва покзамирӣ ба ҳусни ният чанд асаре шоиста эҷод менамоянду баъдтар, аз афти кор, тинати худро ғуборолуд месозанд ва дигар шаҳсутун ва ё меҳвари офариниш — сидқу самимиятро гум мекунанду ба нахустпояи осори худ расидан наметавонанд.

* * *

Ҳоло дар айёми мо бо ҳар кӣ сухан мегӯеду мешунавед, чунин хулоса мебардоред, ки ҳама тарафдори ростию дурустӣ, ҳақиқату инсофанд, фидокори халқу ҷоннисори имрӯзу фардои адабиётанд, дар ғами равнақи тамаддуни мардуми мо мӯйи худро сафед кардаанд, ё аз баҳри мӯйи мушкин даргузаштаанд. Пас ин миқдор ҳарҷу марҷу дӯлобкориҳо аз куҷо?

* * *

Гуфтугузоре аз овони бачагӣ дар лавҳи хотирам сахт нақш ниҳода: боре падарам бо амаки пири худ — Мулло Хушмурод нишаста чой мехӯрданд.

— Амак, — мегуфт падарам ба пири мӯйсафед рӯй оварда, — мегӯянд, ки Назарбой давлати калон дорад, ин гап рост аст?

Ёдам меояд, ки мӯйсафед зери лаб ноаён тамасхуре карду лаҳзае риши сафеди худро бо ангушт шона кашида андешид ва сипас ба чашмони мо — падару писар ба як таври аҷиб, асроромез нигарист ва моро нигарони ҷавоби савол дарёфт магар, дардолуда табассуме намуду гуфт:

— Назарбой давлати калон дорад, аммо он дунёаш ба вай насиб намекунад, зеро дар он ҳаққи ятим ҳаст. — Айнан ба ҳамин тарз, сарватро ӯ "дунё" гуфта буд.

Ин ҳукми марди пир дар хотири мани ҳаштсола сахт нақш баст. Сонитар аз ҳамдеҳагон шунидам, ки Назарбой дар паи сарватманд гаштан, баъди ҳалоки бемаҳали ҷавонмарде ба зани бевамондаи вай хонадор мешавад. Ба ҳамин усул ӯ сарвати марҳумро соҳиб мегардад, вале минбаъд ду кӯдаки ятими ӯро дар хонааш намеғунҷонад ва он бачаҳо дар хонаҳои хешовандони дуру наздики худ рӯз мебаранду ба камол мерасанд.

Аз ин миён якчанд сол гузашт, мардуми деҳаи кӯҳсори мо ба водӣ муҳоҷир гаштанд, ман аз паи таҳсили илм ба шаҳр омадам, ёдашон ба хайр, амаки падарам Мулло Хушмурод вафот карданд. Ман ҳар куҷое будам, дар як гӯшаи хотирам Назарбой буд: пешгӯии мӯйсафед дуруст меояд ё не, донистан мехостам.

Боре дар айёми таътил ба деҳаи навбунёдамон рафтаму шунидам, ки Назарбой аз олам гузаштаст. Ҳамдеҳагон гуфтанд, ки ӯ баробари ҷамъият ба ночор бор басту деҳаи кӯҳсорро тарк карда ба водӣ фуромад, аммо пиракӣ ҳамеша беқарор менамуд, ҳар замон ба кӯҳистон равуо дошт.

Назарбой боре ба кӯҳистон мераваду мебинад, ки бо дастури маъмурони совхоз чӯпоне аз деҳаи дигар муваққатан дар ҳавлии ӯ истиқомат дорад. Ӯ ҳафтае ё камтар дар макони собиқи худ монда, ғолибан пайт мепояд,

то он сарвати пинҳон кардаашро бигирад, аммо он марди чӯпон ҳам дар ҳарисӣ аз вай монданӣ набудаст, магар, ки мӯйсафедро имкон намедиҳад. Назарбой баргашта ба водӣ меояд, вале дигар осоишашро гум мекунад. Ӯ пас аз ҳафтае ё бештар дигарбора азми кӯҳистон мекунад. Ба ҳавлии худ ворид мегардаду мебинад, ки дар зинхона охури аспро вайрон карда, аз нав сохтаанд... Ғолибан, гирди охури асп гаштани ӯро чӯпон пай бурда будаст.

Назарбой баргашта назди аҳлу аёли худ меояд ва ҳафтае аз миён гузашта-нагузашта риштаи ҳаёти мӯйсафед канда мешавад. Баъзеҳо мегӯянд, ки миёни вай ва чӯпон гуфтугозоре аз ваҷҳи он сармоя ба вуқӯъ омада, аммо ин ҷиҳаташ барои мо аҳамияте надорад.

Ин ҳодисаро ман ҳар замон меандешаму ба дил мегӯям: Ҳама кори дунё мантиқею низоме дорад, фақат мардуми бебасар гумон мебаранд, ки чаҳор сӯй ҳарҷу марҷ асту дӯлобкорӣ.

* * *

Ман аз он дар аҷабам, ки баъзе адибони ҷавони мо ду-се китобе ба нашр мерасонанду дар мақолаҳояшон беибо, боре эҳтимол нагуфта баҳои осори ҳамқаламони худро “муқаррар” мекунанд. Пай бурдан мушкил нест, ки аксар ҳангом онҳо ба ҳамин усул санги дигаронро паст зада, санги ман — сад ман гуфтан мехоҳанд. Онон усули дигари таскину тасаллии худписандиро ҳанӯз пай набурдаанд. Барои адиби ҳақиқӣ ҳаками муътабартар аз китобхон нест ва китобхони соҳибтаҷриба ба инчунин маҳ-маҳу баҳ-баҳҳо коре надорад, ҳукми ӯ қатъист: аз китоби адиб манфиате бардошт ё не, навиштаҳои ӯро минбаъд ҳам мехонад ё ба хондан намеарзанд.

Фақат устодони аз тарафи умум эътироф гардида ҳақ доранд, ки роҷеъ ба осори адабӣ қатъӣ доварӣ кунанд.

Адиб бояд, ки дар зиндагӣ ҷасур бошад, аммо гус-

тохию худписандӣ нишони ҷасорат нест, ӯ дар ҳимояи ҳақиқат, ростию виҷдон бояд ки диловарӣ кунад.

* * *

Чунон ки дар таърих саҳву хато ва хиёнати мардони сиёсӣ фаромӯш нест, дар адабиёт ҳам ғалатбинию каҷфаҳмиҳо, ноҳақию нотандиҳиҳо баъзан рух мезананд. Ҳатто мунаққиди маъруфи рус Белинский барин шахси донишманди давр ҳам дар баҳо додан ба осори адабии ҳамзамонони худ басо саҳву ғалатҳо кардааст ва адабиётшиносони рус аз саҳви ӯ чашм намепӯшанд ва хатоҳояш эътибори мунаққиди шӯҳратмандро накостааст. Ӯ роҷеъ ба "Тимсол"-и Гогол навиштааст: "...это повест решительно никуда не годится" — "ин қисса қатъиян ҳеҷ арзише надорад". Роҷеъ ба ашъори дилписанди шоир Баратинский оварда: "...Поэзия только изредка и слабыми искорками блестит в них" — "Дар назми ӯ шеърият аҳён-аҳён ҷилва мекунаду бас". Мунаққид осори Тютчевро умуман тақдир накардаст, аммо сатрҳои пучу беранги Красов ном шоири имрӯз гумномро ба авҷи аъло баровардааст: "...а их историческое значение не подвержено никакому сомнению" — "Моҳияти таърихии ин осорро ҳеҷ шакеву шубҳае нест".

Мунаққиди маъруф саҳв кардааст, баъзан ноҳақ асареро танқид ҳам карда, чунон ки ҳамзамонаш овардаанд, гоҳе ӯ "рубил с плеча без оглядки" — "ба чапу рост нанигариста ҳукм мекард". Аммо Белинский донишманди бузургворе буд ва мисоли ҳамаи мардони заковатманд тандеҳу баинсоф ва ҷавонмардона саҳви худро иқрор ва ислоҳ кардааст. Ӯ аз ваҷҳи саҳви худ роҷеъ ба ашъори Державин навиштааст: "...отрекаюсь торжественно от этой мысли как совершенно ложной" — "...бо тантана аз ин ақидаи худ ҳамчу як фикри дурӯғ даст мекашам."

Агар дар заковати мардон ҳақиқат нест, бузургворӣ нест.

* * *

Ман қиссаю ҳикоёти тозаи худро саравал ба рафиқони ҳамқаламии худ мебарам ва илтимос мекунам, то хонда фикри худро бигӯянд. Дар ин миён ман худ низ аз асари нав дур мешавам, онро бо чашми дигарон менигарам. Фикри устодону рафиқони ҳамқаламамро шунида дар сари такмили асари худ боз заҳмат мекашам.

Дар силки касоне, ки фикрашон бароям муҳим аст, аз адибони маъруфамон Муҳаммадҷон Шукуров, Абдумалик Баҳорӣ, ҳастанд. Ҳамеша интизори асарамро хондани марҳум Фазлиддин Муҳаммадиев будам. Ёдашон бахайр, муаллим аксари кулли осори мансурӣ то ба имрӯз ба нашр расидаи маро хонда буданд ва аксаран эродҳои он касро ба ҷон пазируфтаам. Бешак, баъзан бо муаллим сари баҳс ҳам доштам, ки аз ин хусус мақолаи алоҳидае дорам.

Аз мунаққидони ҷавону миёнсол шахсе, ки адибон боре асари тозаи худро ба вай баранду ташнаи шунидани афкораш бошанд, ҳанӯз ба миён наомадааст ва ё ман алҳол аз чунин касе дарак нагирифтаам. Дар ин ҳалқа кист, ки асари тозаи адабиётро таҳлил созаду гӯштро ба гӯшт, устухонро ба устохон ҷудо кунад?! Ман ҳанӯз ҷавони ба ин кор омилро намебинам. Мунаққидони ҷавон роҷеъ ба осори тозаи адабиёт чиҳо мегӯянд? Онҳо асарро шарҳу эзоҳ медиҳанд, баъзе хосиятҳои онро зикр мекунанд, нуқсони зоҳирӣ ва сифатҳои аёни онро баён мекунанд, ки ин корҳоро аслан ҳар як китобхони пурмутолаа, гузашта аз он ҳар як муҳаррири хуби нашриёт ҳангоми имлои эзоҳнома ба китоб ба субут расонда метавонад, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ худро мунаққид ва муҳаққиқ намешуморанд. Дар ин миён касоне низ ҳастанд, ки дар салиқаи онон завқи адабиётшиносӣ бошад ҳам, дар қалби онон муҳаббат ва садоқат ба ин шуғл камтар аст ва аз ин аст, ки худро ба ҳар кӯй мезананд.

Баъзе аз мунаққидони ҷавон аз таъсири ақида ва ҷараёни афкори Муҳаммадҷон Шукуров дур намераванд ва агар дуртар раванд ҳам, дар ғояти беҷуръатӣ асо мезананд. Ва ононе, ки аз ҳунари мунаққидӣ ва муҳаққиқӣ бенасиб нестанд, аз чи бошад, ки хеле каммаҳсуланд, аҳёнаҳён мақолае ё тақризе менависанду бас. Ман Худой Шарифов ва Абдураҳмон Абдуманноновро дар назар дорам. Айёми охир Ёралӣ Содиқов андешаҳои пухта баён дорад.

Тоифае аз муҳаққиқони адабиёт ба дарди маҳалгарой печида, вассофи беҳунари ҳамдиёрони худ гаштаанд. Баъзе худро мунаққиди назм мешуморанд, даъвоҳои бузург доранд, аммо аслан ҳанӯз вазни шеърро чунон ки боист намедонанд. Агар муҳаққиқи адабиёт нозукиҳои арӯзро пай набарад, беҳтар он аст, ки аз ваҷҳи ҳусну қубҳи шеър хомӯш бошад ва агар аз таҳлили наср оҷиз аст, насрро ба ҳоли худ вогузорад. Дареғо, ки аксари муҳаққиқони мо ин маслиҳати холисонаро амал намекунанд.

Ҳунар пинҳон намемонад. Илму адабиёт миси ҳамаи даъвогарони козиброн дер ё зуд берун оварда ва дар ин бозор ҷавфурӯшони гандумнамой дуру дароз равнақ наёфтаанд.

* * *

Таҳсили илм ва омӯзиши овони ҷавонии мо чунин буд, ки мутолиаи бенизом доштему ҳар чи ба даст ояд, бетафовут хонда мефуровардем. Ман фақат дар остони сисолагӣ ба ислоҳи ин нуқсоне, ки дар таълимам ё саҳеҳтар аст, агар бигӯям, ки худомӯзиам гузашта буд, шурӯъ кардам. Дар тӯли ду сол ман фақат осори Горкийро мутолиа доштам ва бештар аз бист ҷилд китоби ин адиби ҷаҳоншумулро ба тартиб ва батааннӣ мутолиа кардаму заковатмандии ҳайратангези ӯро мағз андар мағзи ақлу шуури худ идрок намудам.

Аз ваҷҳи мутолиа адиб ва файласуфи Рими қадим

Сенека дар номаи худ ба дӯсташ Лусилия навишта аст: “Мутолиаи осори адибони гуногун ба муҳоҷирати доимии мардуми номаскун шабеҳ нест магар? Агар аз ин китоб баҳрае бардоштан мехоҳӣ, муддатҳо бо осори ягон нафар аз адибону ҳакимон машғул бош, то рӯҳи ту аз он ғизое бигирад. Он, ки ӯ дар ҳама ҷо ҳозир аст, аслан чунон аст, ки дар ҳеҷ ҷое набуда.”

Дар воқеъ, агар ба кӯи мурод расидан мехоҳед, яке аз роҳҳоро боист, ки интихоб бикунед. Он ки ӯ ҳамаи роҳҳоро гузаштан ва озмудан мехоҳад, оворагард хоҳад буд.

* * *

Дар шаҳру деҳ ҳангоми мулоқот баъзан аз ҳаводорони адабиёт савол мекунам; “Деҳқон барои ҷамъият чи лозим аст, духтур, бинокор ё дарзӣ чи даркоранд, шумо хуб медонед. Ҳеҷ огаҳӣ доред, ки адиб барои ҷамъият чи даркор аст?..” Ҳар навъ ҷавоб мегӯянд.

Ман ҳар замон аз ин хусус меандешам. Ҳикояе навиштан мехоҳаму рӯзҳову моҳҳо фикр мекунам, ки он ба мардумон даркор аст ё не. Мақсуд аз адабиёт ба мардум кӯмак кардан аст, то ӯ худро бишиносад, ба нерӯи худ эътимод биафзояд, ба сӯи адлу ҳақиқат, некию накӯкорӣ майл оварад у аларрағми норостию нобакорӣ, дурӯғу фитна ба қиём бархезад. Адабиёт бояд, ки дар қалби одамон қаҳру нафрат, шарм, хиҷолат, рӯҳи ҷавонмардию ҷасорат барангезад. Адабиёт ба ҳамин минвол бояд, ки ба инсон ёридастӣ кунад, то ӯ хушбахт бошад... Агар ӯ ба шарофати мутолиа аз қайди бухлу ҳасад, кинаву адоват, фиребу норостӣ, аз чанбари тамаъ, тарс ва бедардию бераҳмӣ раҳоӣ ёбад, магар вай инсони хушбахт нахоҳад буд?! Шоири шаҳири рус Владимир Маяковский бедарак нагуфта аст: “Я себя советским чувствую заводом, вырабатывающим счастье”. (Ман он корхонаи советиам, ки ҳусулам ҳама саодат аст).

Мо — адибон мебояд, ки ҳар мудом биандешем: ба таблиғ ва талқини ҷамоат ҳақ дорем ё не? Ба ин кор оё худ сазоворем ва қодирем? Худ дар қайди нодонию ҷаҳл ва ба дурӯғу норостиҳо олуда, бозам ба касон ростиву дурусткориро талқин накардаем?

Агар қавлу амали адиб бо ҳам мувофиқат намекунад, ҷаҳди ӯ баробари дар ҳован обро кӯфтан аст, — ҳарфаш бетафт ва бетаъсир бармеояд.

Аслан, ин доварӣ ва мардумомӯзӣ шоистаи он адибон аст, ки хештанро аз таассубҳо дур доранд ва пой аз ҷодаи донишу инсоф ва одамӣ берун нагузоранд.

* * *

Ҷумла дар сари ин қавл муттафиқанд, ки маҳорати ҳунарвар аз ранҷу заҳмат ва таҷриба бармеояд. Аслан, маҳорат чист? Он чи гуна зуҳур мекунад? Фикри ман, агар онро хеле содда бигӯям, нишони маҳорат афкори тоза ва махсуси адиб аст, равшанию возеҳии матлаби ӯст, шавқоварӣ, ҳусни баён — ҳама аз маҳорат бармеояд. Аммо истеъдод чизи дигар аст, он табиӣ ё худ фитрӣ аст, ки “худодод” низ гӯяндаш. Агар истеъдод нест, каломи суханвар дилрас ва тафдор намеояд, афкори ӯ агарчи тоза аст, ҷилову дурахше надорад, касро ҷазб намесозад. Бе истеъдод инсон дар ҳунар моҳир буда наметавонад, агарчи солҳои бисёр ранҷ мекашад.

Истеъдод мафҳуми мустақилест, ки роҷеъ ба он фақат дар пиромуни қонунияти худи он метавон муҳокама ронд.

Дар ҷавлонгаҳи сухан ва суханварӣ ҳар яке аз ашхоси соҳибистеъдод нуқтаи назари худро ҷӯё аст ва ақоиди худро зуҳур менамояд. Адиби публицистоҳанг бештар ба мазмуну ғояи иҷтимоии эҷоди худ машғулӣ мекунаду услуби комилу фасеҳ, шакл, забон ва дигар васоили эҷодкориро кори муҳим ва асосӣ намеҳисобад. Дигаре, баръакс, ба ҷиҳати назокату фасоҳат ва ороишу

полоиши асар бештар ҷаҳд ба кор бурда, нодиракориҳо зоҳир менамояд, сеюмӣ ҷиҳати фалсафии хулосаҳои худро меандешад ё худ ҷаҳди вай бар он аст, ки ҳар як таъбир ва ҷумлаи ӯ рамзҳои амиқ дошта бошад.

Адиби ҳамаҷониба, яъне, ҷомеъ ё универсал ҳунарвари хеле нодир аст.

Ҳоло оҳанги публицистӣ намаки осори адабии имрӯз аст, аммо аз фаровонии ин намак боҳазар бояд буд. Ҳар мудом дар хотир бояд дошт, ки агар ба як тоифа китобхонон осори публицистӣ хуш ояд, ба гурӯҳи дигар оҳанги лирикӣ ва ё ҳазлу мутоибаи беғаш хуш меояд. Ҷараёни адабии комилу солим талаби хонандагони гуногунавзоъро бояд қонеъ кунад.

* * *

Таърифу таҳсини беасос барои адиби ҷиддӣ ҳақоратомез аст. Муаллим Раҳим Ҷалил мегуфтанд: “Агар туро беасос таъриф кунанд, яқин дон, ки аҳмақие аз ту даргузаштааст”.

Ҳангоми офаринхониҳои беасос ман ба вазъи гӯянда менигараму ӯро бениҳоят ҳақиру фурӯмоя мебинам, вале дар симои мамдӯҳи вай агар осори ташвиши сохта ё бадтар аз он нишони мамнуниро бубинам, дар назари ман вай кундфаҳм ва заифақл ҷилва менамояд.

Адиби соҳибҳунар аз таърифу таҳсини муболиғаомез танқиди асоснокро авло мешуморад.

* * *

Солҳои охир деҳқонон ба полиз силитраи бисёр рехта аз пайколи харбузаю тарбуз ҳосили фаровон мебардоранд, аммо ҳосили онҳо бетамъ ва бешира аст ва зиёда аз он, ба ҷисми инсон заранок буданаш собит гашта аст. Баъзе аз адибони мо низ аз ин қабил деҳқонон мусобиқаро буридаанд. Ҳанӯз синни онон ба панҷоҳ нарасида, вале

қиссаю романҳои онҳо ҳаҷман аз осори Чингиз Айтматов, Васил Быков ва ё Валентин Распутин барин адибони ҷаҳоншумул бештар аст. Агар харбузаи бемазаю касиф сиҳатии инсонро халалпазир бошад, ин қабил осори “тезпазак” завқи китобхонро коста ва харобӣ оварда, онҳоро аз китоб ва адабиёт дур мекунад. Китобхони соҳибтаҷриба фақат як бор китоби ононро ба даст мегирад.

* * *

Ҳоло бюрократизм дар ҳар қадам ба кори мо латма мезанад. Адибону олимон тору пуди ин аҷубаро таҳқиқ доранд, роҳҳои аз пойкӯби ин ҳодиса наҷот ёфтанро меҷӯянд.

Аломатҳои асоситарини бюрократизмро ман дар худписандӣ, ҷӯрабозию маҳалпарастӣ, беэътиноӣ ба афкори дигарон, нописандӣ ба шахси зердаст ва касони “бенафъу безарар” ва дар сархушию сармастӣ аз мансаб мебинам. Бюрократ агарчи худро марди фидокори ҷамъият вонамуд мекунад, аслан, ӯ инсони коҳил аст, ҳамеша дар ғами худ аст ва азбаски беҳунарии худро пай бурдааст, ба даври худ хешу ақрабо ва ҳамдиёронашро ғун мекунад. Аслан, аз рӯи ҳамхунӣ қаробат ҷустан хоси ҳайвонот аст, инсони бошуур дар ҳама олам аз рӯи ҳамфикрӣ ва ҳаммаслакӣ қаробат меҷӯяд.

* * *

Тасвири фарох ва ҷомеи рӯзгори ҷамъият, хулоса ва ҷамъбасти ин чунин айёми муҳиме, ки ба таҳаввулоти азим моил омадааст, бештар аз вазифаи наср аст. Дар ҳамаи кишварҳои мутамаддуни олам мардумон бештар аз наср ба саволҳои худ ҷавоб меҷӯянд. Насри ҳақиқӣ ҳамсӯҳбати оқил, устоди маслиҳатбахш, андар ин дарёи пурталотуми рӯзгорон раҳнамои инсон аст. Бинобар он, адибоне, ки баёни воқеаеро рӯи қоғаз оварда, онро наср

мепиндоранд, худро мефиребанду бас.

* * *

Баъзе аз раҳбарони Иттифоқи адибони мо дар фикри ғун кардани ҷонибдорони худ як тӯда ашхоси сирф беқобилиятро ба узвияти ин ташкилот қабул карданд. Баъзе олим аст, баъзе журналист, баъзеи дигар на ину на он, аммо ҳеҷ яке адиб нест ва ба адабиёт аз онон суде нест. Аммо ин тоифа баъзан бо даъвоҳои худ ба кори адибон мудохала карда, ба кори адабиёт хеле халал мерасонанд.

* * *

Ҳар адибе, ки замоне ба ҷавлонгоҳи адабиёт бо ҷӯшу хурӯш омад ва бар асари ранҷу заҳматҳои ҷавонӣ як-ду китобе навишт, аммо азбаски истеъдоди фитрӣ надошт, маҳорат пайдо накард, аксаран аламзада ва бадхоҳи ёрони ҳамқалами худ хоҳад гашт. Фақат инсони некӯхисол ва ҷавонмард ҳангоми бебароориҳо ҳам аз бухлу ҳасад пок хоҳад монд ва чашмаи истеъдоди худро пайваста хоҳад ҷуст. Чаро адибони бебарор зӯри худро дар боби танқиди адабӣ, тарҷума, ҳаҷв, нақиза ва ғайра наозмоянд?!

* * *

Ҳоло адибоне, ки кайҳо аз аробаи адабиёт афтодаанд ва даҳ-понздаҳ соли охир ягон асари ҷиддӣ ва назаррасе нанавиштаанд, кам нестанд. Танқиди адабӣ низ онҳоро фаромӯш карда. Аммо нашриётҳои мо гаштаю баргашта китоби онҳоро ба нашр мерасонад ва дар нисбати китоби онҳое, ки имрӯз бори адабиётро бар дӯши худ мекашанд, осори ин тоифа "ғафстар" аст ва ададан бештар. Чунон, ки дар урф мегӯянд, обовардагон хору кӯзашикастагон азизанд. Ин ҳолро сабаб чи бошад, ман ба дурустӣ пай намебарам. Бар ҳар ҳол, вақт аст, ки адибону мунаққидон аз ин хусус ошкоро сухан гӯянд.

* * *

Дар овони ҷавонӣ мо — чанд тан адибони навмашқ дар радиои Тоҷикистон вазифае доштем ва он солҳо дар он идора марди нобакоре бедодгариҳо мекарду ҳамаро ба ҷон расонда буд. Дар боби ноинсофиҳо ӯ ба ҳадде расида буд, ки ҳамкорон мегуфтанд: “Саги ҳавлии радио чун бидид, ки аз рӯ ба рӯяш ӯ меояд, аз роҳаш пас гашту рафт”. Аксар аз вай нафрат мекарданд, носазо мегуфтанд, аммо бештар ҳомии он нобакори лаҷомгусехта — яке аз раҳбарони онрӯзии радиоро лаънат мехонданд... Оқибат он ҳар ду ба сазо расиданд ва радди ин маърака гаштанд. Дар ҳама ҳол, кори дунё сомоне дорад ва мантиқи солими онро ҳама гувоҳем.

Дасти муқтадире ҳаст, ки оқибат мукофоти амали ҳар якеро таъин мекунад.

* * *

Адиби украин В.Яворивский роҷеъ ба тамаллуқ ва тамаллуқпешагон ба таҳқиқ ва таҳлили амиқ мақолае интишор сохт. Чи миқдор одамони ғайратманд ва аслан некирода қурбони тамаллуқи мардуми ҳақиру фурӯмоя гардидаанд!.. Дарвоқеъ, зараре, ки хушомадгӯён ва хушомадпарварон ба ҷамъияти мо мерасонанд, аз ҳар офате бештар аст. Чунонки Юрий Бондарев дар романи “Бозӣ” оварда, бо кулли ҷинояткорони дигар — дуздон, қаллобон, савдогарони хуфияфурӯш, майхорагон, ришвахурон, тӯҳматгарон ва ғайра суду милиция, прокуратураю назорати халқӣ ва маъмурони дигар дар ҷидоланд, аммо бо тамаллуқкор фақат адибону санъатварон бетаъсир аҳёнаҳён гирудор мекунанд бас.

Владимир Яворивский дар мақолаи худ овардааст, ки тамаллуқкорон ҳоло дар урдуи душмани худ — ҳалқаи адибон устувор мақом ёфтаанд ва фаъолияти худро

ривоҷ медиҳанд. Чаро? Сабаб ин аст, ки мо як ҳақиқати куллро фаромӯш кардаем: ба нависанда фақат китоби вай ва китобхонон обрӯ ва эътибори ҳақиқӣ меоваранду бас, на вазифаю мансаб. Ҳоло кор ба ҳадде расида, ки адиби беҳунар ё миёнҳол илоҷе карда ба вазифа мерасаду баъд тадриҷан ба сафи пеши адибон мегузарад. Ин тоифа чун аз вазифаю мансаб ронда гаштанд ё бимурданд, боз ба мақоми аслии худ фуруд меоянд. Баъзан ба симои аз фазилату инсоф холии инчунин касон менигараму суханони Ҳофизи бузургвор ёдам меояд:

Эй магас, арсаи симурғ на ҷавлонгаҳи туст,
Ирзи худ мебарию заҳмати мо медорӣ.

***1986***

# ШЕЪРИ ХУБ ЧИ ГУНА АСТ?

*(Андешаҳо доири шеърҳои шоирони ҷавон)*

Рӯдҳо ҳамвора аз чашмасорон ва барфҳои кӯҳистон ҷорианд. Миёни кӯҳсорон ва оби рӯдҳо ҳамешагӣ пайвандест қавӣ ва устовор, чунон ки осори шоирони пешинро агар бо рӯзгори онон лаҳзае дар муқоиса нигарем, нек мебинем, ки адибон дар ҳар як давру замон симои асру айёми зиндагии худро ба тасвир гирифтаанд. Аз ин ваҷҳ чунин муқобала шартан муқаррар аст: кӯҳсорон зиндагии воқеианду рӯдҳо шеъру ҳунаранд. Яъне, ҳар як давру замон дархури эҳтиёҷи маънавии худ шеъру тарона, ҳунарҳои гуногун, китобҳои мухталифро мепарварад. Шоир садои замони худро ба замонҳои дур мерасонад. Шеъри Ҳофизи борикбаён имрӯз аз замонҳои дуродур, аз он роҳи тайкардаи шеъри Аҷам ба мо медурахшад. Чунон ки дар табиат рӯдҳоро ба сӯи чашмаҳои кӯҳсорон бозгаштан нест, адабиётро низ дубора ба шеъри Ҳофиз баргаштан аз имконот берун аст.

Чаро ба шеъри Ҳофиз бозгаштани шоирон ғайриимкон аст? Аз ҷавоби дурусти ин савол мо вазифаи шеърро дар ҷамъият муқаррар хоҳем кард. Аз замони Ҳофиз то ба имрӯз симои маънавӣ ва афкори рӯҳонии мардуми тоҷик куллан тағйир ёфт, эҳтиёҷи ӯ дигар шуд, фикру завқи вай баробари рӯзгорон ва давру замон пеш рафт. Баробари маънавиёти халқ шеъру ҳунар низ тағйир ёфт, вале вазифае, ки он адо мекард, дигаргунӣ напазируфт.

Имрӯз Ҳофиз дар назари мо он рӯди пуртуғёнест, ки аз кӯҳсорони баланди дуродур мешорад ва мо аз он кайҳо бигзаштаему дигарбора имкони ба он баргаштан нест. Замоне ба пояи ҳунари он бузургвор расидан шояд насиби суханваре бошад. Ӯ ҳанӯз нест, вале чашмдорем, ки

меояд. Бешак, имрӯз дар шеър ба мақоми Ҳофиз расидан хеле мушкил аст ва ин гуна гумони моро сабаби зиёд аст. Дар ин роҳ шоиронро боз ҳам шеъри Ҳофиз дастгир ва раҳнамо хоҳад шуд.

Гуфтанд, ки истеъдоди бузург ҳампанҷаи масъулияти азим зуҳур меёбад. Соҳибистеъдодеро, ки камхирад бошад ё аз хондану омӯхтани илму фанни замони худ коҳилӣ кунад, ҳанӯз надидаанд ва нашунидаанд. Истеъдод ва ранҷу заҳмат аз шартҳои нахустини эҷодкорӣ аст. Дарвоқеъ, касе, ки афкори ӯ аз андешаи мардумон болотар парвоз намегирад, ба он ҷамоат чӣ сухани тозае гуфтан метавонад?!

Ашъоре, ки имрӯз ҷавонон ба мардум пешниҳод мекунанд, агар аз чанд ҷиҳат бартариҳо дорад, вале аз баъзе лиҳоз кӯтаҳиҳо ҳам дорад. Бартарии шеъри ҷавонон дар он аст, ки ҳоло қаламкашони ҳаваскор қонуни арӯз, қофия ва дигар шартҳои назмро, асосан, медонанд. Кӯтоҳии онон дар он аст, ки фикри тозаю дурахшандае надоранд, то бигӯянд ва он маънии шеъри ононро аз тасниф ба шеъри ғарро табдил кунад.

Бигирем, шеъри Иззатулло Ҳусайнӣ “Дӯст”-ро. Шоири ҷавон (дар синн ҷавон не) ба сокинони мавзеи аз зилзила харобгашта хитобан мегӯяд:

Ларзаи ту аз дили кишвар гузашт,
Аз рагу пайванди ҳар модар гузашт.
То дили поки ватан — Москва рафт,
Аз ҳама минбар гузашт.
Аз дилу аз пайкари ёрон гузашт,
Ҳамчунон аз мағз мағзи ҷон гузашт,
Сарвати садсоларо барбод дод,
Гарчи дар як он гузашт.
Аз бари гаҳвораи тифлон гузашт,
Аз бари хурду калон яксон гузашт,

Дӯст омад, лек дилбардори ту,
Мушкилат осон гузашт…

Дар ин ҷо фақат се банди шеърро овардем. Боқӣ дувоздаҳ банди он аз хусуси он, ки дӯст омад, ёрикор шуд, кӯрпаю қолин овард, роҳ сохту биноҳо ва ғайра.

Дар ин шеър мавзӯъ ҳаст, аммо барои шеъри ҳассос мадорик нест, фикри дурахшанда ва образи мӯъҷазе, ки хабарномаи манзумро ба шеър табдил созад, нест ва ё дар таҳи пургӯии шоир гум гашта. Шоир мантиқи каломашро сахту шадид санҷида нагуфтааст. Бинобар он, суханашро аз ларзаи мусибатдидагон оғоз мекунад, ки ба гӯши шунаванда чандон хуш намеояд: "Ларзаи ту аз дили кишвар гузашт…" Шоир фарзанди халқу замони худ аст, боист, ки вай тарсу ларзи ӯро не, ҷасорату фидокории ӯро медиду мегуфт ва онро мӯъҷазу пухта ва мустаҳкам мегуфт. Аммо пайдост, ки шоир шеъри пурдард ва самимӣ гуфтанист.

Дӯст омад, оғӯшатро боз кун,
Дӯстро аз меҳр пойандоз кун.
Ҳамраҳаш дар зиндагӣ дуру баланд.
Турнасон парвоз кун!

Дар сатри нахусти ин банд сактаи вазн дучор меояд. Сатри дуюми он мантиқан дурушту мазмунан хароб аст, аз меҳр бошад ҳам, дӯстро пойандоз намекунанд. Байти хулосавӣ, ки мебоист тамоми гуфтаҳои шоирро ҷамъбаст кунад, аз бом тарошавор афтода. Зеро дар шеър аз ваҷҳи баҳору турнаҳо ва парвозҳо сухан набуд, пас ин хулоса аз куҷо?! Бе ҳеҷ шаке Ҳусайнӣ ашъори пухта ва дилрас низ гуфтааст, аммо ин чанд шеъре, ки таҳлили онро аз ин банда дархост карданд, аз абёти начандон комили ӯ ба назар расид.

Аз ошноӣ бо хеле аз ашъори навқаламон ва шоирони ҷавон кас ба чунин хулоса меояд, ки аксари ин эҷодкорон бе матлаби возеҳ банду баст ва сохтмон шеъри худро дуруст наандешида қалам меронанд. Аз ин ваҷҳ мавзӯъҳои мушаххас ҳам аз қалами онон ранги умумигӯӣ касб мекунад. Дар натиҷа ин шеърҳо аввалу охир надоранд, ба назар чунин меояд, ки он гуфтаҳоро боз давом додан мумкин аст.

Бигирем, шеъри Муҳаммад Юсуф "Чароғи гӯр"-ро. Дар ин шеър баъзе мушоҳидаҳои борик ва мисраъҳои дилнишин ба назар расад ҳам, шоири ҷавон аз банди парокандагӯӣ берун нарафтааст. Ӯ шеърашро аз он оғоз мекунад, ки ба рӯи қабрҳои кӯҳна чароғе хира месӯзад. Одамони деҳа кайҳо кӯч баста аз ин диёр рафтаанд ва ба ин макони қадим дигар касе намеомадаст. Баъди чанде тасвире гӯристони бекас ва вазъи хароби он, шоир шеърро чунин хулоса мекунад:

Агарчанде надорад хокдон соҳиб,
Чароғе рӯи он поянда мемонад.
Биёбад гумраҳе то хоки аҷдодон
Чароғи хокдонҳо зинда мемонад.

Хонанда аз гиреҳи мисраи нахуст интизори он буд, ки бидонад сари гӯри бекас кӣ чароғ афрӯхта. Аммо ба ин савол шоир ҷавоб намедиҳад ва шеърро бо муҳокимаҳои умумӣ ва муғлақ анҷом мебахшад. Ҳол он, ки ҷавҳари шеър мебоист, ки дар ҳамин банди охир бошад.

Айёми охир шоирони ҷавон бисёр ғазал мегӯянд, агарчи дар ин жанр нисбат ба дигар жанрҳо онон камтар комёбӣ ба даст овардаанд. Ғазал дар адабиёти ҳазорсолаи мо равнақу тамом дошт ва дар ин кор устодони мо доди суханвариро додаанд. Чунин ба назар меояд, ки баъди ин

миқдор ғазалҳои нағзу сара ғазал гуфтан душвор аст. Аммо Муҳаммад Иқбол ва Маликушуаро Баҳор барин устодони номвари шеъри асри бистумро дар ин ҷода равнақи тозае муяссар шуд. Махсусан ғазали фалсафии Иқбол рӯҳи исёнкори ҷавонони Шарқи имрӯзро хеле возеҳ ифодагарӣ кард.

Ҳалқа гирди ман занед, эй пайкарони обу гил,
Оташе дар сина дорам аз ниёгони шумо.

Аммо аксари ҷавонони имрӯз, ки ҳанӯз дар шеърашон дуруштиҳои сакта, калимоти изофа ва таносубан бегона фаровонанд, ба ғазал даст зада, оҷизии худро дар илми калом гӯё намоиш медиҳанд.

Ба як ғазали Муҳаммад Юсуф мулоҳаза фармоед:

Маст гардам ҳар даме ман бо хаёли рӯи ту,
Улфати шабҳо манам дар ҳасрти гесӯи ту.
Тарки деҳам кардаам, аммо пушаймон нестам,
Аз садоқат як ҷаҳоне дод бар ман кӯи ту.
Рақси дил аз васли рӯят медиҳад бар ман хабар,
Хона гулшан мешавад аз мақдами некӯи ту.
Оҳи сӯзони Муҳаммад мекунад ҳолат хароб,
Ноз камтар кун, ки сӯзад байти ду абрӯи ту.

Дарвоқеъ, чунин ба назар меояд, ки ин сатрҳоро ҷавони имрӯзи мо не, балки ягон ошиқи сӯхтадили асрҳои миёна гуфтааст. Бо хаёли рӯяш маст гаштанҳо, улфати шабҳо будан, оҳи сӯзони ошиқ ва ҳоли маҳбубро бо ин оҳ хароб кардани вай, сӯхтани байти ду абрӯяш — ҳама фикру таъбирҳоеанд, ки хоси ҷавонони имрӯз нестанд. Охир, бо ҷавонони имрӯз боре улфат бигиред, аз афкору омоли онҳо огоҳӣ ёбед, бубинед, ки чи касонанд! Онҳо аз экзотикаи зери уқёнус, аз илми генетикаю хуруҷи демографӣ сухан мекунанд ва ба инчунин дӯстдориҳои

шоири мо механданд. Ба ғайр аз ин, дар ин ғазал ҳам маънӣ обшустаю ҳам лафз, махсусан "тарки деҳам кардаам" барин дуруштиҳоро мисраъи ғазал ҳеҷ намебардорад.

Зотан дар ин мисраъҳо эҳсоси мушаххаси шоири даврони мо ифода наёфтааст, балки ӯ онро ба тариқи тақлиди ғазалҳои шуарои пешин сохтаст. Вагарна чаро ӯ паи изҳори муҳаббаташ ягон сухани обдори заминӣ ва ё образи воқеӣ надошта бошад! Дар тасаввур оваред: агар ин мисраъҳои ғазалро ба наср баргардонему бо он ба духтаре изҳори муҳаббат кунем, ӯ моро ба мазоҳ механдаду бас.

Ин гуна нуқсонҳо фақат ба шеъри ин шоири ҷавон махсус не, балки дар падидаҳои қалами аксари кулли ҷавоншоирон дучор меояд.

Муҳаммад Юсуф дар шеъри "Масхара" образи марди ширинкорро офаридан хостааст, вале муғлакие, ки ҳанӯз дар баёни вай ҳаст, ӯро имкон надодаст матлабашро равшан ифода намояд.

Ҳоло доири шеъри "Гаҳворасоз"-и ӯ чанд андешаи худро баён карданиам:

Ин шеър хеле хуб оғоз гирифтааст, аммо ҳайфо, ки шоири ҷавон гаҳвора ва гаҳворасозро як сӯ монда, саҳеҳтараш фаромӯш карда, аз паи публисистикаи дар ин ҷо бемаврид рафтаст. Бунёди он шеър ин аст:

Хандаи тифлон навозад гӯши ту,
Аллаи модар рабояд ҳуши ту.
Созӣ ту гаҳвораҳо аз чӯби бед,
Аз барои модарони пурумед(?)
Ёд орӣ кишвари сармояро(?)
Қадри инсони ба пул ҳампояро(?)
Тифлакони бегуноҳу хору зор,
Рӯи дасти модарони бемадор…

Боист, ки ба таъкид гӯем, алҳол ҷавоншоирони мо вазъи калом ва мантиқи суханро камтар эҳсос мекунанд ва баъзан вазнро сахт хароб месозанд.

“Шеъри хуб чи гуна аст?” савол доранд ҳам ҳаводорони шеър ва ҳам шоирони ҷавону ҳаваскор. Ба ақидаи ман шеъри хуб ҳамеша дилрасу хотирнишин аст, он ба шеъри дигарон монанд не, беназир ва бо садои ҳар як дил ҳамовозӣ мекунад.

Аз шеърҳои донишҷӯи Дорулфунуни Давлатии Тоҷикистон Рустам Ваҳҳобов агарчи бӯи тақлид меояд, аз фикру андешаҳои тоза бенасиб нестанд. Махсусан, дар рубоиҳои ӯ мушоҳидаи муаллифи ҷавон равшан ба назар мерасад.

Эй дил, ту бикӯш дар вафои дигарон,
Аз хеш бурун ой барои дигарон.
Дасти дигарон бигир, к-охир биравӣ
То бар лаби гӯри худ ба пои дигарон.

Дар ин рубоӣ шоири ҷавон як матлаби ҳикматомезро дар чор мисраъ ифода кардан тавонистаст ва дар ин миён суханони беҳуда ва бебор камтар ба назар мерасанд. Аммо ин ҳамаи рубоиҳои ӯ ба ин тарз дорои матлаби равшану ифодаи саҳеҳ ҳастанд. Дар як рубоии худ Рус- там овардааст:

Ман решаи макри пурситамро бибурам,
В-аз реша забони садқасамро бибурам.

Баъди инчунин шарт ниҳодан, дар байти дуюмӣ ин рубоӣ ӯ мегӯяд:

Рӯзе, ки ба дасти ман биафтад шамшер,
То битвонам гардани хамро бибурам.

Шоири ҷавон бориктар наандешидааст, ки гардани хам на макр аст ва на “забони садқасам” аст.

Умуман, дар ашъори Рустам Ваҳҳобов афкори равшане, ки гуфтанист, ба назар мерасад, аммо шоири ҷавон дар бобати ифодаи саҳеҳ, ки он афкорро рехтаю дилчасп бо шеър ифода созад, сахтӣ мекашад.

Аз райони Мастчоҳ Олимхон Исматов муддатҳост, ки шеър мегӯяд. Дар миёни дубайтиҳои ӯ шеъри писандида кам нест. Мисраҳои ӯ бо самимият ва фикри андешаҳои интихобан ба риштаи назм чидааш диққатрабоянд.

Дареғо, боз рӯзе кард падруд.
Ки пур аз ҷонфидоиҳои мо буд.
Дилам чун оташи ҷовид сӯзад,
Ба ёди рӯзҳои мурдаи худ.

Шукуфад пахта ҳамчун орзуят,
Шукуфад пахтаҳо монанди рӯят.
Бирез оби ҷабин, эй марди деҳқон,
Нарезад ҳеҷ гаҳ то обрӯят.

Бешак ҳамаи рубоиҳои Олимхон Исматови мастчоҳӣ намакин ва рехтаю суфта нестанд, вале чунин эҳсос мешавад, ки ӯ оҳанги каломи тоҷикиро дарёфтааст ва фикреро дар либоси шеър ҷилва кардан метавонад.

Муҳаммадшариф Бобошарифов (аз шаҳри Душанбе) низ шеъргӯӣ дорад. Хоса дубайтиҳои вай соддаю самимиянд. Аммо шеъри ӯ алҳол хеле оддӣ ва шогирдона аст ва ҳанӯз аз чанги сактаҳои вазн ва дигар навъ нуқсонҳо раҳоӣ наёфтаст. Намунаи дубайтии ӯ:

Дило, дар зиндагӣ бебоктар бош,
Фидоии раҳи бахти башар бош.
Чу мардони ватан дар корзорон,
Зафарманди ҳама разму хатар бош.

Албатта, чунин шеърҳо агарчи як андоза равону дилрасанд, шеърдӯстони имрӯзаро ба ҳеҷ ваҷҳ қонеъ намекунанд, зеро дар онҳо афкори баланду тоза ва образи дилчаспу хотирнишин нест.

Шеърҳои Нуриддин (аз райони Орҷоникидзеобод) аз навиштаҳои дигарон бо равонӣ ва соддагии беғаши худ тафовут мекунад. Шоири ҷавон дар паи образҳои тоза шеърро муғлақ намекунад ва ҷаҳдаш бар он аст, ки матлаби худро равшан ифода намояд.

Аз нишоти рӯи ёрон гул кунад рухсори ман,
Пухта гардад з-ақли онон ҳар замон афкори ман.
Дар рафоқат маҳзаре чун ростӣ поянда нест,
Заррае набвад каҷӣ дар кору дар гуфтори ман…
Марзҳо гулпӯшу ободон зи файзи дӯстист.
Дӯстӣ з-ин рӯ бувад сарбайт дар ашъори ман.

Аммо самимӣ ва бегилу ғаш сухан гуфтан имрӯз барои шоири ҳақиқӣ кам аст. Нуриддин бояд аз умумигӯӣ даст кашида ҳамон файзу баракати дӯстиро дар мисолҳои конкрету мушаххас, бо образҳои хотирнишину афкори тоза баён кунад.

Ашъори шоирони ҷавонро мутолаа мекунеду ғайриихтиёр рӯҳи назми хитобавӣ-декламационииеро, ки баъди инқилоб то солҳои шастум дар адабиёти мо мақоми устувор дошт, эҳсос месозед. Аломати асосии ин назм ҳар сухане, ки аз минбар гуфта мешавад ё дар рӯзнома нашр кардан мумкин аст, ба назм овардан аст.

Ҳоло ҷавонони эҷодкор пай бурдаанд, ки паи идроки шеъри миллати худ ва даври худ боист, ки осори маънавии мардумони дигарро омӯхт.

Дареғо, ки маърифати баъзе аз ҷавоншоирони мо бо донистани шеъри шоирони тоҷик ва осори лафзии мардуми мо иктифо меёбад. Ҳол он, ки дарёи насрро

ғӯтавар нагашта моҳияти аслии адабиётро идрок кардан номумкин аст.

Гӯянд, профессоре, ки дар овони ҷавонӣ адиби машҳур Конан Дойл назди ӯ илми тиббро меомӯхтаст, ба шахси бемор бодиққат нигариста дарди ӯро таъин мегуфтааст. “Ба ин одам чи шудаст, сэр? — савол мекардаст ӯ шогирди дар изтироб афтодаро. — Ба сӯи вай бодиққат нигаред! Не-не, ба ӯ даст нарасонед! Фақат чашматонро ба кор баред, сэр! Чашмро ба кор бареду ақлро раҳбалад намоед!..”

Мушоҳадаи амиқ барои адиб чи ганҷи беназир аст, бисёр эҷодкорони ҷавон ҳанӯз пай набурдаанд.

Дар ҷавонӣ ҳама шоиранд. Туғёни дилашро яке бо шеър, дигаре дар лавҳаи рангин, сеюми бо тараннуми суруди дилошӯбе, бо ҳунаре, корнамоие, муҳаббати сӯзоне, шуҷоатею назокате ифода мекунад. Ҷавонӣ худ шеърест ҷӯшону хурӯшон, баҳорест гулафшон ва инсон ба ҳар коре агар бо ҳиммат даст занад, онро ба сомон мерасонад. Аммо ҷавононе, ки ба мукофоти ин баҳори умр ғарра гашта, аз ранҷу заҳмати омӯзиш форингӣанд, сахт фиреб мехуранд. Шоир бояд инсони донишманду равшанфикри даврону замони худ бошад, вай бояд кулли он хираду ҳикматеро, ки башар офаридааст, дар симои худ таҷассум созад. Шоири ҷаҳоншумуле, ки аз шеъри Фирдавсию Низомӣ, аз “Рамаяна” ва “Маҳабҳарата”-и ҳиндуён ва осори файласуфони Юнони қадим, аз офаридаҳои Балзак ва Достоевский, Айтматов ва Гарсиа Маркэс барин садҳо бузургони башар бехабар бошад, ҳеҷ дар тасаввур намеояд. Фақат тамоми дороии маънавии башарро омӯхта, сипас ба он заррае аз худ илова кардан метавон.

***1986***

# ҒАЛАТҲОИ КӮҲНАВУ НАВ

Луғату фарҳанг дар ҳамаи давру замонҳо чун нишонаи шукӯҳманди тамаддуни миллатҳо шинохта шудааст. Дар ҷодаи пешрафти маърифату маънавиёти халқҳо саҳми ин китобҳо беандоза бузург аст, зеро дар онҳо хираду ҳикмати миллат дар асру замони муайяне аксандоз мешавад.

Тоҷикон аз замонҳои хеле қадим фарҳангу луғатҳои ба ақвоми Шарқ маълуму маъруф доштанд ва дар ин фан нисбат ба миллатҳои ҳамсоя пешрафти азиме насиб афтодааст. Вале ҳар як давру замон дар ин бобат зарурати худро пеш мегузорад. Аз ин ваҷҳ зарурати омӯхтани забони русӣ, ки баъди Инқилоби Октябрь аҳамияти хоса муҳиме пайдо кард, мутахассисони ин соҳаро низ ба миён овард ва онон ба таснифи луғатҳои тоза ба тозаи тарҷумавӣ аз русӣ ба тоҷикӣ ва аз тоҷикӣ ба русӣ шурӯъ карданд, зеро тоҷикон маҳз ба василаи забони русӣ бо илму фарҳанги халқи бузурги рус ва тамаддуни башарӣ ошноӣ меёфтанд.

Охирин луғати мукаммали русӣ ба тоҷикӣ, ки соли 1954 бо таҳрири Абдусалом Деҳотӣ ва Николай Ершов интишор ёфта буд, то ба имрӯз ба мо хидмати пурарзише кард. Аммо ин луғат солҳои охир эҳтиёҷи моро пурра қонеъ намесохт. Аввало, хеле аз калимоти фаъоли забони русӣ, ки дар осори адибон, китобҳои илмӣ дучор мешаванд, ба ин луғат ворид нагашта ва сониян, тарҷумаи тоҷикии хеле калимоти русиро мураттибон дар он айём дарёфт накарда, ба тарзи “як навъ гиёҳ”, “як хел парранда” шарҳ карда буданд. Вале сарфи назар аз ин кӯтоҳиҳо ин луғатро мураттибону муҳаррирон бо диққати тамом, пухтаву санҷида ба нашр омода намуданашонро имрӯз корафтодагони озмуда иқрор хоҳанд кард.

Дар луғати нави “Русӣ-тоҷикӣ” (Москва, нашриёти

“Русский язык”, 1985), ки ҳоло ба дастраси интизорон аст, хеле аз нуқсонҳои луғати пешин ба ислоҳ расидааст. Қабл аз ҳама ҳаҷми луғат (беш аз 72 ҳазор калима) имкон медиҳад, ки ҳоло ҳоҷатмандон тарҷума ва ё шарҳу эзоҳи калимаҳои хеле зиёди забони русиро аз он дарёбанд.

Азбаски луғатро як гурӯҳ мураттибону муҳаррирони забоншинос ба нашр ҳозир кардаанд, тарҷумаю эзоҳи моддаҳо ҳам якранг нестанд. Баъзе моддаҳои он возеҳу саҳеҳ, аз таъсири завқу дониши баланд бархурдор ба назар мерасанд ва ин гуна моддаҳо хонандаро мамнун хоҳанд кард. Бигирем:

**“вожак** — 1. пешрав, раҳбалад, раҳнамо; 2. раҳбар, сардаста, сардор; 3. асокаш, 4. саргала, подакаш, рамакаш” (Афсӯс, ки “сарка” надаромадаст. — Б.Ф.)

**“монета** — сикка, танга, пул”. Аммо моддаи “**нумизмат** — нумизмат”, “мутахассиси нумизматика” шарҳ ёфтааст, ки хонандаро қонеъ намекунад. Ба эзоҳи боло “сиккашинос” ё “тангашинос”-ро илова кардан мумкин буд. Ҳол он, ки дар дигар кишварҳои форсизабон истилоҳи “сиккашинос” машҳур аст. Ба ҳамин усул дар луғати нав “**евангелие**” — инҷил, аммо “**евангелический**” — евангелистӣ омада ва ҳамин навъ ноқисию номувофиқатиҳо кам нестанд.

Дар луғати пешин як нуқсони асосӣ — калимаи русиро такроран мондани мураттибон буд. Ин кӯтаҳӣ дар луғати нав ҳам фаровон аст:

“**аграрный** — аграрӣ”

“**аксиома** — аксиома (“возиҳот”-ро илова кардан мумкин буд — Б.Ф.)

“**блокировочный** — блоконӣ” (олат ва ё василаи раҳбандӣ — Б.Ф.)

“**водопровод** — водопровод” (ноижа, қубур, лӯлаи об, ғулба — Б.Ф.)

“**дистрофия** — дистрофия”

Бешак, ин луғат фарҳанги тафсирӣ нест, аммо донишҷӯе, ки ба умеди донистани маънии "аксиома" ё "дистрофия" луғатро мекушояд, ноумед аз он, аз паи луғоти дигаре бояд бошад.

Ташвишангез аз ҳама он аст, ки як нуқсони ҷиддие, ки дар луғати пешин камтар ба назар мерасид, дар луғати нав фаровон дучор меояд, ки он нафаҳмида, дақиқ насанҷида, нопурра ва ноқис шарҳу эзоҳ кардани калимаҳост. Бигирем: "**атрофия** — 1. атрофия, маълул (иллатнок — Б.Ф.), беҳис шудан ва аз кор баромадани ягон узви бадан..."

Дар луғати забони русӣ (иборат аз чор ҷилд, ки Институти забони русии Академияи Илмҳои СССР ба нашр ҳозир кардааст) ин модда ба ин тарз шарҳ ёфтааст: "Потеря жизниспособности и уменьшение размеров органа, отдельных тканей организма вследствии нарушения их питания или длительного бездействия". Луғати Ожегов ба тарзи мухтасар чунин эзоҳ додааст: "Истощение какого-н. органа, потеря им жизнеспособности".

Фақат шахси зоҳирбин тафовути маъниро фарқ намекунад.

"**балласт** — сарборӣ".

Ҳол он ки маънии аслии "балласт" ҳаргиз сарборӣ нест. Балласт борест (рег, санг, шағал), ки барои ба қадри зарурӣ дар об ғӯтидани киштиҳои сабуки бодбонӣ ба таҳҳуҷраи он ҳамешагӣ рехта мемонанд. Шарҳи луғати Ожегов: "**l.** Специальный груз для обеспечения правильной осадки и устойчивости корабля. **2.** Мешки с песком для регулирования высоты полёта аэростата. Сбросить балласт. **3.** перен. то, что излишне оттягощает, обременяет кого-что-н" Освободиться от балласта устарелых взглядов. 4. Щебень или песок, к-рыми засыпают железнодорожное полотно и на которые укладываются шпалы".

Аз ҳамин қадар маънӣ луғатсозони мо сарфи назар

карда, ба хонанда як маънии маҷозии камистеъмол ва номаъруфи онро пешкаш карданашонро сабаб чӣ бошад, дарёфтан маҳол аст.

Бигирем, моддаи “**капавейка**”-ро. Дар луғати “русӣ-тоҷикӣ” онро чунин эзоҳ додаанд: “камзӯлчаи занона”. Луғатҳои забони русӣ “капавейка”-ро ҳаргиз камзӯл нагуфтаанд, балки кофтаи занона эзоҳ ёфтааст. Ба ғайр аз ин, на дар луғати чаҳорҷилда ва на дар луғати Ожегов “лабакидор” (саҳеҳтараш — шерозадор, зеҳдор ё лаблӯладор) будани он ишора нашудааст. “Русская женская народная одежда, род распашной верхней кофты на вате, меху на подкладке”. Онро ба тоҷикӣ “гуппича” ва дар гузашта “капанак” мегуфтанд: “Ҳисомӣ дар шасту се сол ду капанак пӯшидӣ”. (Оташкада).

“**Родничок** — нармаки сар”. Маънии аввалиндараҷаи он — “чашма”-ро чигуна аз эътибор соқит кардани мумкин аст?!

Даставвал ман луғати навро ба даст гирифта, дар ғояти шавқу шодмонӣ варақ мегардонам, ки чашмам ба моддаи “**сабантуй**” афтод, ки ба ин тарз тавзеҳ ёфта буд: “**1**. Иди баҳор (ҷашни тамом шудани кишту кори баҳорӣ) **2**. базм”. “Аз ин матн чунин бармеояд, ки он иди мардуми рус аст. Азбаски ин идро ман аз маросимҳои мардуми тотор гумон доштам, дар тааҷҷуб ва тафаккур мондам. Луғоти русиро кушодам, ки дар он ин модда ба ин тарз эзоҳ ёфта: “Народный весений праздник у татар и башкир, посвященный окончанию полевых работ”, “сабон” яъне, омоч ва “тӯй” будааст.

Толибони луғатро аҷаб меояд, ки луғатсозони мо фарқи “астар” ва “остар”-ро намедонанд. “**подкладка** — астар, остар”. Охир, “астар” хачир аст! Дуруст аст, ки дар гуфтугӯ баъзан “остар”-ро “астар” ҳам мегӯянд, аммо агар мардуми авом инро фарқ намекунанд, забоншиносону луғатсозон бояд, ки тафовут бишиносанд. Вагарна

мо забонро ба харҷу марҷе гирифтор мекунем, ки сарҳисоби онро ёфтан мушкил мешавад. Дар назму насри адибони пешин ҳар ду калима ҳам фаровонанд ва ин тафовутро ҳамаи луғатҳо таъкид кардаанд. “**астар** — хачир, ҳайвонест, ки аз ҷуфти нархар ва аспи модиён мерӯяд”. (Айнӣ, Куллиёт, ҷ.12, саҳ.34).

Бубинем моддаи дигареро: “**махровый** — 1. Садбарг”. “**Махровая роза** — гули садбарг”. Луғатҳои забони русӣ ин моддаро ба иттифоқ “с большим количеством лепестков” эзоҳ кардаанд, яъне ҳар гуле, ки вараќи гулаш ё гулбаргаш бисёр аст. Мураттибон ҳеҷ наандешидаанд, ки агар “махровый” гули садбарг бошад, таъбири “махровый пион” ё “махровый мак”- ро ба чӣ навъ ба тоҷикӣ гардондан метавон?!

Ин моддаҳо ҳама калимаҳои оддиянд, ки тарҷумаашон безаҳматаст. Бубинем, ки истилоҳоти андаке мураккаб ва тарҷумаашон мушкилтарро мураттибон ба чи навъ тарҷума ва тавзеҳ додаанд. Моддаи “**реализм**” дар луғати чаҳорҷилда чунин эзоҳ ёфтааст. “1. Умение учитывать подлинные условия, существующие возможности и соотношение сил...” Дар луғати Ожегов: “1. Ясное понимание и учёт условий действительности”. Луғати русӣ-тоҷикӣ-ро менигарем: “1. ҳақиқатнигорӣ, мулоҳизакорӣ, дурандешӣ”. Чунон ки мегӯянд, деҳ куҷою дарахтон куҷо! Тафсири моддаи “**романтизм**” ҳам ба ҳамин минвол ноқис аст.

Мураттибон маънии бисёр калимаҳои русиро нафаҳмида тарҷума карданашон хонандаро ба ҳайрат меоварад. Наход ки дар чунин айём, чунон ки мегӯянд, дар айёми инқилоби дуюми техникӣ ба луғатсозӣ барин шуғли ҷиддӣ ба ҳамин минвол саҳлангорона даст зананд?!

Чунон ки мегӯянд, ин ҳам дарди бахайр. Аз тавзеҳи хеле моддаҳо чунин бармеояд, ки мураттибон забони фасеҳи тоҷикиро, хоса бисёре аз луғоти аз истифодаи

доимӣ канормондаи онро надонистанашон возеҳ аст ва дар паи ҷустуҷӯ набудани онҳо бештар ташвишангез аст. Эроди маро мисолҳо собит мекунанд:

**“авангард** — 1. Авангард, дастаи авангард”. Донишҷӯе, ки маънию тарҷумаи ин калимаро ҷӯё мегардаду луғатро мекушояд, аз ин модда чӣ ҳосиле мегирад? На тарҷума ҳасту на тафсир. Тавзеҳи луғати тафсирии забони русӣ: “1. Часть войск (или флота) находящаяся впереди главных сил…” Яъне “авангард” ба тоҷикӣ “талиа” будааст: “Талиа — 1. Гурӯҳи пешгарди лашкар...” (Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.2, саҳ.312).

Ҳар касе, ки аз сарвати забони тоҷикӣ нек огоҳ аст, медонад ки “**копилка**” на пулдон аст ва на қуттии пулғундорӣ, онро “ғуллак” мегӯянд. Дар луғати нав калимаи “**обруч”** ба тоҷикӣ чанбарак, ҳалқа, гардиш, доира тавзеҳ ёфтааст. Аммо дар забони мо махсуси “обруч”-и русӣ “чалабандак” ҳасту мураттибон онро ба ёд наовардаанд. Ё худ бигирем, моддаи “**чабрец**”-ро: аз рӯи далолати луғати нав ин гиёҳ ба тоҷикӣ “тимён” будааст! Инсоф диҳед, охир ин ҳам русист, номи китобии “чабрец” “тимьян” аст ва ба русӣ он аз юнонӣ (фамиам) омада. Агар ба тоҷикӣ аз юнонӣ ворид омада бошад ҳам дар ҳеҷ луғоту осори пешиниён онро дучор накардем. Тоҷикии “**чабрец**” “кокутӣ” мебошад ва ин гиёҳи шифобахши беморонро аксари мардуми тоҷик медонанд. Дар луғат калимаи “**чурбан** — ғӯла, кунда, аҳмақ” эзоҳ ёфтааст. Ба ғайр аз инҳо дар забони тоҷикӣ калимаи “қаландар” ҳаст, ки ҳам маънои аслӣ ва ҳам маънои маҷозии онро пурра ва айнан ифода месозад.

Агар ин қабил калимаҳои мувофиқу мутобиқи забонамон дар луғат мақоми худро меёфтанд аз луғатсозон миннатдории аҳли маърифатро канора набуд.

Ибораи “**трутневая куколка**” ба ин тарз тарҷума шуда: “зочаи нарзанбӯри асал”. “Куколка”

фақат “зоча” не, боре ба луғат нигаристан лозим буд. Ба ғайр аз ин, “зочаи занбӯр” чӣ маънӣ дорад, ин таъбири гӯшношунида аз куҷо омад гӯён мураттибону муҳаррирон боре наандешидаанд. “Куколка” дар ин ибора ба маънии “пилла” ва ё “кирмак” аст. Дар тафсири он луғатҳои забони русӣ овардаанд: “Куколка — личинка, заключенная в кокон”.

Бубинем моддаи дигарро: “**уключина** — ҳачча”. Ҳалқаи белгузаронии заврақ, ки андаке во аст, ба ҳачча чи нисбате дорад ва инчунин эзоҳ аз куҷо ба хаёли мураттибон омада бошад?! Ҳачча ходаест, ки барои такяи чизе мегузоранд.

“**фабула** — мундариҷа”. Луғати чаҳорҷилдаи русӣ онро чунин тафсир дода: “Сюжетная схема событий, поступков героев...” Ин куҷову он куҷо?

“**зарядной ящик** — қуттии тир”. Ҳол он ки маънии ин ибораи русӣ аробаи тиркашонӣ, снарядкашонӣ аст. Луғати чаҳорҷилда: “Повозка для перевозки артиллерийских снарядов”.

Ба ин усул нодуруст эзоҳ шудани маънии калимаю ибораҳои русӣ агар аҳён-аҳён дучор меомад, мо аз сари инсоф мегуфтем, ки як ҷувол харбуза дуто партав дорад, аммо дареғо, ки ин ҳолро дар ҳар як саҳифаи китоб, баъзан на яктову дуто дучор кардем.

Гурӯҳи дигари нуқсонҳое, ки ҳангоми ошноӣ бо китоби луғати русӣ-тоҷикӣ ба назар мерасад, тарҷума ва эзоҳи хеле муҷмалу ноӯҳдабароёна ва ноқис аст. Ин қабил нуқсон дар китоб фаровон аст. Инак намунае чанд:

“**богомол** — 1. намозхон, намозгузор, ибодаткунанда, обид. 2. зиёраткунанда, тавофкунанда, ҳаҷкунанда, ҳоҷӣ”.

Фиғонам мебарояд аз он ки рафиқони луғатсоз ба тарзи хара ханда, буза бозӣ амал кардаанд! Охир, кист, ки ибодаткунандаи калисоро намозхону намозгузор гӯ-

яд?! Дар ин маврид “тавофкунанда” ҳам ғалат аст, зеро “тавоф” гирди чизи муқаддасе (масалан, санги Каъба) чарх задан аст ва насрониёни обид даври чизе чарх намегарданд. Миёни насрониён ҳоҷиён ҳам набудагистанд. “Фарҳанги забони тоҷикӣ” калимаи “ҳаҷ” ва “ҳоҷӣ”-ро чунин тафсир додааст: “Зиёрати хонаи Каъба дар моҳи зулхиҷҷа”, “Касе, ки ба зиёрати хонаи Каъба рафтааст”.

Зимнан чунин ба назар меояд, ки мураттибони луғат дар сари ин шуғл бояд маънии калимаи русиро вобаста ба он, ки дар чи мавриде истифода мешавад, тарҷума ва эзоҳ диҳанд.

“**валух** — қӯчқори ахта”. Инсоф диҳед, охир, агар он ҷонвар кӯчқор аст, ахта нест ва агар ахта бошад, қӯчқораш нагӯянд. Наринаи гӯсфандро агар ахта кунанд, тоҷикони ҳамаи маҳалҳо онро “шишак” мегӯянд.

Фиқраи нахусти эзоҳи калимаи “**виза**” ба ин сурат омада: “қайди рухсати шахси вазифадор”. Ин ҷумла чӣ маънӣ дорад — ман нафаҳмидам, илло баъди ошноӣ бо матни русӣ. Гумони ғолиб ин аст, ки аксари хонандагон аз он маъниеро пай бурдан наметавонанд. Шарҳи луғати Ожегов: “Пометка должностного лица в документе”. Ҳам ҷумла саҳеҳу ҳам маънӣ — возеҳ.

Иборaи “**венерические болезни**” дар луғати нав чунин тавзеҳ ёфтааст: “касалиҳои олоти таносул”. Табибе агар ин фирқаро бихонад, бешак, хоҳад гуфт, ки нокардакор, туро ба ин корҳо чӣ кор! Ин тавзеҳ сирф ғалат аст, зеро он мараз ба инсонҳо ба воситаи узви таносул (олот не!) ҳангоми муҷомиат сироят мекунаду тамоми ҷисми одамӣ, ҳатто мағзи сарро бемору иллатнок месозад. Тафсири русии он ҳам чунин аст: “Инфекционная болезнь, передающаяся главным образом через половые органы...”

Дар луғати тарҷумавӣ мебоист, ки ҳатталимкон си-

нонимҳои зиёди ифодакунандаи калимаи асосӣ нишон дода шавад, зеро ин амал кори тарҷумонҳои навмашқро осон мекунад ва забони тарҷумаро аз берангию бешира-гӣ наҷот медиҳад. Калимаи русии “**водохранилище** — обанбор” тарҷума шудаву бас. Дар забони тоҷикӣ ҳавз, кӯл, толоб барин суханони рехтаву суфта ва урфӣ низ ин мафҳумро ифода мекунанд, аммо мураттибон аз онҳо ёдовар нашудаанд.

“**Вылепить** — сохтан”. Дар ин ҷо “таҷассум кардан”-ро илова кардан лозим буд, ки маънои ин калимаи русиро возеҳтар ифода мекунад.

“**Глубокий** — 1. чуқур, амиқ”. Калимаи “ғӯр”, ки дар забони тоҷикӣ ҳаст ва ҳам дар осори адибони пешин мавриди истифода буда, ба луғат надаромадааст.

Луғатсозони мо, ки “Фарҳанги забони тоҷикӣ”-ро чанд сол аз ин муқаддам басо саҳеҳу пухта ба нашр расонида буданд, чаро дар тартиби луғати “Русӣ-тоҷикӣ” ин қадар ноӯҳдаборӣ зоҳир кардаанд, кас ҳайрон мешавад.

Як камбудии хеле дилфишори луғати нав бо лафзи харобу беранг ё чуноне ки мегӯянд, ба шеваи кӯчагию бозорӣ тарҷума ва тафсир кардани маънист: “**кривляться** — қилиқи хунук кардан”; “**мухомор** — 2. пашшақапак 3. нимҷон, мурданӣ, чурук”. Ба калимаҳои пурназокати тоҷикӣ — нотавон, заиф, фартут, барҷомонда чӣ расидааст, ки имрӯз “мурданию” “чурук” ба ҳукми меъёр омадааст?!

“**Презренный металл** — мулло ҷиринг”. Ин ибораи маҷозӣ дар забони русӣ тиллоро мефаҳмонад, ки онро боиси аксари фалокату касофатҳо мешуморанд. “Мулло ҷиринг” чунин оҳанг надорад ва пули оддиро ҳам тоҷикон “мулло ҷиринг” мегӯянду бо он нафрату лаънат изҳор намекунанд.

“**Показать где раки зимуют**” дар луғат “онаи

зори касеро нишон додан” тарҷума шудааст, “**серый писатель** — нависандаи одмиёна”. “Одмиёна” аслан шакли харобгаштаи “одамиёна” аст, вале дар забони мардумӣ баъзе маҳал ба маънии “миёнаҳол” меояд, аммо дар луғат овардани он ҳоҷат нест. Хоса “серый писатель” маънии “нависандаи миёнаҳол”-ро надорад.

“**Серый человек** — одами бевиқор”. Маънии калимаи “бевиқор”-ро менигарем: “бетамкин, бесукун, беқарор, шӯрида”. Луғати русӣ маънии ибораи “серый человек”-ро чунин тафсир мекунад: “ничем непримечательный, необразованный, малокультурный”. Ба ҳамин усул, ибораҳои “**труженики полей** — меҳнатдӯстони саҳро”, “**труженники науки** — ходимони содиқи илм” ва садҳо дигар калимаю ибораҳо ба ин минвол беҳунарона, таваккалан тарҷума ёфтаанд ва шоҳиди онанд, дар сафи мураттибону муҳаррирони “Луғати русӣ-тоҷикӣ” ашхоси ба ин кори муҳим сирф ноомил кам набудаанд ва мусаввадаи китоб қабл аз нашр аз назари тасҳеҳкори суханшиносе нагузаштааст. Вагарна “ангушташро дар қис кард — он защемил палец дверью”, “хӯроки себора — трехразовое питание”, “бегуноҳи айбдор — невинность подсудимого”, “тухми моҳиҳои сурх — красная икра”, “ҷаллоби чизҳои duздӣ — скупщик краденного” (ба тоҷикӣ “калламайнахӯр” аст) барин ибораҳои ғалат, дурушт ва ба табиати забони мо бегона ворид намегаштанд.

Аз вазъи имрӯзи забони фасеҳи тоҷикӣ хеле ақиб мондани тарҷума ва тафсири луғат қариб дар ҳар фиқраи он эҳсос мешавад. Албатта, на ба ҳар дидаваре ва корозмудае чобукандешии луғатсозони собиқ — Деҳотӣ ва Раҳимӣ насибаст, аммо беғалат кор кардан ин сеҳрофаринӣ нест, тақозои инсофу виҷдони ҳар кас аст.

“**Яловый** — қисир”. Ба тоҷикии фасеҳ ин маъниро “субайд” ё “бебор” гӯянд. Агар тоҷикони баъзе маҳалҳо “қисар” гӯянд ҳам, ба фикри мо, лозим набуд, ин калима ҷои ка-

лимаи тоҷикиро гираду ба луғати академӣ ворид гардад.

Ҳамчунон мо ақида дорем, ки “виза”-ро фақат “виза” не, агар дар луғат зикр меёфт, баъзан “раводид” гуфтан ҷоиз буд, “маяк”-ро фақат “мино” не (калимаи хеле кӯҳнаи фаромӯш), балки “бурҷи нур”, “бурҷи раҳнамо” ҳам гуфтан лозим аст, (хоса дар шеър) ва “настольная книга” “китоби зарурӣ” не, урфан “китоби дами даст” ё “китоби сари даст” аст. Инчунин “паразит”-ро аз қадим дар забони тоҷикӣ “туфайлӣ” гуфтаанд (“Анқо магасмисол туфайлии хони ӯст” — Хоқонӣ). Дар фиқраи тавзеҳи ин калима ҳам иштибоҳе рафта. Туфайлиро агар луғати русӣ “растение или животное” гуфта, ба тоҷикӣ онро “растанӣ ё ҳашароте” овардаанд, ҳол он ки калимаи “животное” дар забони русӣ кулли ҷонваронро мефаҳмонад, вале ҳашарот як навъи ҷонвар аст.

Тарҷума ва тавзеҳоти ғалат дар ин луғат ба назар хеле фаровон аст, ки тамоми ғалатҳои онро агар ҷамъ оварем, аҷаб не, як китобе иборат аз тасҳеҳ мураттаб шавад. Балки ин корро ба субут расондан аз манфиат будагист.

Дар забони русӣ калимаи “сабза” ҳаст, ки аз форсӣ гузашта аст. Луғоти забони русӣ ба иттифоқ онро чунин тафсир кардаанд: “Сорт бессемянного изюма, получаемого из винограда сорта кишмиш”. Аммо дар луғати русӣ-тоҷикӣ онро “сабза” таъин кардаанду бас, яъне, алафи навхез. Намедонам, дар ягон маҳалли тоҷикнишин имрӯз майизи соягиро “сабза” мегӯянд ё не, ба ҳар ҳол, дар шарҳи он ин маъниро илова кардан зарур буд.

Беш аз 72 ҳазор калимаро тарҷумаю тафсир додани луғати нави русӣ ба тоҷикӣ толибони илму адабро мамнун мекунад, аммо ҳайфо, ки дар он моддаҳои тавзеҳашон такрор ва хеле луғоти камистеъмол ва безарурат ворид шудааст. Масалан, доири калимаи “аванс” паёпай шаш модда омадааст: аванс, авансирова-

ние, авансировать, авансироваться, авансовый, авансом. Дар луғати чаҳорҷилдаи забони русӣ, ки дорои 90 ҳазор модда аст, низ ҳамин қадар “аванс” омада. Дар ин ҷода луғати мо бо ҳаҷми нисбатан ками худ аз он фарҳанги бузурги забони русӣ баъзан мегузаронад. Дар луғати русӣ фақат як моддаи “абориген” бошад, дар луғати тоҷикӣ — “абориген”, “аборигенный”, луғати русӣ агар бо як моддаи “авизо” иктифо кунад, дар тоҷикӣ “авиз”, “авизо” ва ғайра. Моддаҳои “маркировальный, маркирование, маркировать, маркироваться, маркировка, маркировочный, маркировщик” низ ҳамин қабил аз ҳисоби мисолҳои беҳоҷат тӯл додани луғат, бесарфа истифода кардани ҳаҷми таъиншуда аст.

Як нуқсони дигаре, ки боиси ба луғат надаромадани бисёр калимаҳои пуристеъмол шудааст, аксаран қоидаи ҳаволаро инобат накардани муаттибон аст. Масалан, моддаҳои зиедеро аз қабили “ошвартовать” ва “зашвартовать”-ро мебоист такрор ба такрор тавзеҳ надода, ба моддаи “швартовать” ҳавола мекарданд. Дар ивази ин гуна такрорҳо ба луғат хеле калимоти пуристеъмол ва заруриро дохил кардан мумкин буд.

Барои қиёсан фаҳмидани калимоти зарурии аз луғат берун афтода як саҳифаи онро дар муқоиса бо луғатҳои дигар санҷидем ва маълум шуд, ки дар як саҳифа калимаҳои зарурии зер афтодаанд: сайда, сайдак, сайка, сайра, сак, саква, саковояж, саккомпанировать, сакля, сакральный, саксы, салага, салажонок, салака, саламат, салачный, салинг, салицилка, салки, солотоп, салтык, салвадорский, салвадорцы.

Калимаҳои кӯҳна ва камистеъмол дар ин қатор нестанд ва ин ҳама луғоти фаъоли забони русианд, ки чи дар нутқи шифоҳии мардуми имрӯз ва чи дар китобу рӯзномаҳо фаровон дучор мешаванд. Агар аз як саҳифаи луғати нави мо ин миқдор калимоти зарурӣ афтода

бошад, қиёс кардан метавон аз ҳазору дусад саҳифаи он чи миқдор калимоти зарурӣ афтода аст.

Бешак луғат фақат аз нуқсон иборат нест, моддаҳои таърифбоб дар он бисёр аст, вале чунон ки мегӯянд, таъриф барои фотеҳ танбон намешавад, вагарна метавон аз моддаҳои возеҳу саҳеҳ намунаҳо овард.

Бе ҳеҷ шаке, таъна аз кас хуш набошад, гарчи ширингӯ бувад, аммо умедвории дуру дарози аҳли маърифат ба ин луғот ҳаққу ҳуқуқ медиҳад, ки ҳоло аз мураттибону муҳаррирони он гилагузор бошем. Хоса, дар ин айёме, ки мардуми мамлакати мо зидди хомкорию сақатҳусулӣ ба қиём қоиманд. Дарвоқеъ ҳам, бо ин луғату ин вазъи луғатсозиамон оламе ба кори мо механдад ва айём ба ҳоли мо мегиряд.

***1986***

# ДАР ТАҶРИБАГОҲИ АДАБИЁТ

Аз қадимулайём дар сари ин нуқта хосу ом якҷиҳатанд, ки ҳар як касбу ҳунарро устодон ва шогирдони заҳматпеша равнақ бахшидаанд, на ононе ки ба ин арса аз рӯи ҳавас ё тамаъ омадаанд. Касби суханвариро фақат натиҷаи ранҷу заҳмат пиндоштан ғалат аст. Дар ин майдон истеъдоди фитрӣ ва қобилияти модарзоди инсон аламбардор аст. Аз ин аст, ки баъзе гӯянд, пешаи суханварӣ шаҳодатнома надорад, аз бисёр қоидаҳои рӯзгорон мустасност ва мактабу устоди он ҳам рамзе беш нест. Дарвоқеъ, ба ҳар як ҷавони дар суханварӣ каму беш соҳибдаст ҳамаи адибони мутақаддимин ва муосирин ҳаққи устодӣ доранд.

Бо ин ҳама ба назар чунин меояд, ки ҳар як роҳро раҳнамоест ва ҳар як пешаро пирею устодест, ки шогирдро аз асрори басе борик ва нозуки ҳунар, аз лағҷишу каловишҳо, саргармиҳои носавоб сари вақт огоҳӣ медиҳад, ӯро ба роҳи мустаҳкам, ростию покдастӣ ҳидоягар аст. Пирони Машриқзамин фармудаанд: “Бе пир марав ту дар амонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ!” Агар инсон, хоса ҳунарваре ба роҳи хатову носавоб рафт, пешиниён гуфтаанд, ки ӯ дасти пирашро раҳо кард.

Ҳангоми мулоқот ҳаводорони адабиёт баъзан аз ман савол мекунанд, ки аз адибони имрӯзӣ киро ҳамчун муаллим ва устоди худ мешиносам. Ба ин пурсиш ҷавоб гуфтанам ҳамеша мушкил аст. Дарвоқеъ, кӣ ба ман ҳақи устодӣ дорад?

Солҳое, ки ман шеър машқ мекардам, асосан аз осори шоирони пешин ва аз ҳамаи шоирони баркамоли он давр, ҳатто аз ҳамсолони худ ибрате ва сабақе гирифтаам.

Аммо аз он рӯзе, ки дар ҷодаи наср такопӯе оғоз на-

мудам, ман дар ин таҷрибагоҳи адабиёт дасти ду тан устодонро гирифта ва ҳаргиз аз баҳои онон ба эҷоди худ, аз фикру маслиҳатҳои эшон номурод набудам, ноумедӣ накашидам.

Нахустин ҳикояти маро, ки ҳикоят гуфтани он навиштаҳо балки ҷоиз набошад, Фазлиддин Муҳаммадиев ва Муҳаммадҷон Шукуров хондаанд. Имрӯз асари қалами онҳоро дар вараққҳои аз мурури айём зардгаштаи бастаҳои мусаввадаи худ мебинаму ба дили меҳрпарвари онон, ба ранҷу заҳмати аз холисиҳо холистари эшон аз ҷони миннатдор аҳсант мегӯям.

Аз ваҷҳи осори бадеъ, аҳволу омол ва шахсияти муаллим Фазлиддин Муҳаммадиев муҳаққиқони адабиёт, дӯстону ҳамқаламон ва шогирдони эшон муддатҳост, ки мақолаҳо ва айёми охир ёддоштҳо интишор доранд ва ин кори пурарзиш ҳароина идома дорад. Аз ин чанд сол муқаддам рафиқе аз ман хоҳиш кард, ки то аз хусуси муаллим мақолае бинависам, аммо ман ин пешниҳодро аз чанд ҷиҳат андешидаму ба корбандӣ ҷасорат накардам. Нахустин андешае, ки маро ба сар омад, ин буд, ки аҳли адабро мабодо гумоне расад, ки ман бо ин мақола ба он кас тамаллуқ мекунам. Ин гумонам бедарак набуд. Дар он айём дар саҳифаҳои матбуот ба ин оҳанг мақолае интишор ёфта, сипас боиси тамасхур ва писхандҳо гардиданашро ҳама ёд доштанд. Ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ба даври муаллим тамаллуқпешагон ҳам мегаштанд.

Аммо имрӯз ман танҳо аз як боби амали муаллим — аз ранҷу заҳмати ин шахс дар тарбияти шогирдон шаммае ҳикоят кардан мехоҳам, зеро чунин ба назар мерасад, ки дар ин боб сухани гуфтанӣ ва шуниданӣ дорам.

Соли 1971 ман дар идораи маҷаллаи “Садои Шарқ” кор мекардам. Дар як хона бо Саттор Турсун менишастем. Рӯзе муаллим аз рӯи одати мудоми худ дар шитоб ба идора даромаданду баъди ҷавоби салом, дасти маро фи-

шурда, суханони табрику таҳният гуфтанд:

— Аз имрӯз эътиборан шумо расман ба сафи носирон гузаштед. Минбаъд шуморо нависанда мегӯем. Хуб коре шуд, ки як нафар шоирро аз арсаи назм кашида гирифтем! — гуфтанд муаллим ва аз рӯи одаташон нимҳазлу нимҷиддӣ ба як навъ оҳанги ифтихоромез.

Сипас муаллим эродҳои худро роҷеъ ба ҳикояи ман “Бобо” ки аз мутолиаи он қаноатмандиашон аён буд, гуфтанд. Муаллим майдагапӣ надоштанд, як-ду эроди асосиро гуфтанду ба ҳошияи мусаввадаи ман ишора карданд, — боқӣ ҳама дар ҳамон ҷо. Метавон гуфт, аз он рӯз эътиборан ман ба навиштаҳои худ аз манзари дигаре чашм андохтам, ҷиддитару амиқтар нигаристанро пеша кардам.

Чун мавриди сухан аст, бояд гуфт, ки осори эҷод кардаи Фазлиддин Муҳаммадиев, хоса ҳикоёти он кас худ барои мо — ҷавонони мактаби насри тозаасосе буд. Усулҳои нави характерофарӣ, моҳирона ба кор бурдани сарвату назокати забони модарӣ, мантиқан устувории калом ва равшании матлабро аз ҳикояву қиссаҳои муаллим омӯхтаем. Таъсири файзбахши осори эшонро дар навиштаҳои ҳамаи адибони ҷавону миёнсоли тоҷик дарёфтан метавон.

Ҳоло мусаввадаҳои худро варақ мезанаму ғайрииxтиёр дар тасаввур меояд, ки муаллим барои эҷоди ман чӣ миқдор заҳмат кашидаанд. Ҳол он ки ман аз шогирдони дургарду ба қавле “худобовар” будам ва безарурат муаллимро дарди сар доданро ба худ муносиб намедидам.

Инак, мусаввадаи яке аз машқҳои аввалинам. Дар ҳошияи варақи нахуст бо сиёҳқалам саволе ва зери он “соядаст”-и Фазлиддин Муҳаммадиев: “Аломатҳои китобатӣ ку?” Саҳифаро мулоҳиза мекунам. Муаллим бо сиёҳқалам вергулро, дар як ҷумла пайвандаки “ва” боз чанд аломати фаромӯши маро ҷо ба ҷо ниҳодаанд. Бепи-

чинг, бетаънаю маломат, устодвор, бо тоқату таҳаммуле, ки хоси эшон аст, саҳву ғалати зиёди маро нишон додаанд. Ин замон дар идораи нашриёҳои мо рафиқони хеле ҷавон дар ҳошияи мусаввадаҳои якдигар чӣ суханони нешдор, пичингу кинояҳои заҳрогин менависанд, ҳама огаҳанг. Аз ин бебасарӣ ва бемурувватӣ чаро нагӯем, ки қаламкашон ин корро мояи фахри худ медонанд. Ин фирқа ҷавонон аз он бехабаранд, ки ин кор аломати камхирадӣ ва сабукмағзии инсон аст. Гузашта аз ин, баъзан навиштаҳои худи ин касон аз нуқсонҳо орӣ нест, аксаран аз фикри сараю нафосати борик бенасиб аст. Тааcсуфовартар аз ин чӣ мешавад, ки аксар ҳангом ин зумра касон бо эроди дурушт ва хӯрдагирии худписандона завқи паст ва тинати ночизи худро ошкор месозанд.

Биёем ба сари матлаби асосӣ. Дар вароқи дигаре аз ҳамон ҳикоя ман қаҳрамонро бо хонанда равшану возеҳ ошно накарда, зуд ба тафсили воқеа гузаштаам. Муаллим дар ҳошия ин нуқсонро ба тариқи зайл таъкид карда, навиштаанд: “Падаршӯи киро? хонанда бояд чи қадар сабр кунад, то он чизеро, ки бояд равшан бошад, бо азоб бифаҳмад?”

Ин гуна қайдҳои Фазлиддин Муҳаммадиев понздаҳ сол аст, ки дар ҳошияи вараққои ман сабт шудаанд ва ман ҳар бор аз рӯи эроди муаллим ҳикояву қиссаҳои худро гаштаю баргашта санҷидаам, маслиҳатҳои муаллимро баъзан маҳу солҳо андешидаам.

Муаллим ҳаками одил ва довари пурэътимоди осори адабии давр буданд. Ёд надорам, ки асаре ба он кас писанд наояду дар миёни китобхонон эътибор ёфта бошад. Боре аз хусуси повести ба тозагӣ интишор кардаи адибе фикри муаллимро пурсидам, гуфтанд: “Маслиҳатро гӯш надод, саросема ба нашр супурд… Баъзеҳо тамошояшро бинем гуфтанд-дия…” Дарвоқеъ, аз он асар дар адабиёти мо ҳеҷ нақше намонд, гӯё беасар гум шуд.

Имрӯз баъзе аз рафиқони мо фикру ақидаи худро он қадар беқурб кардаанд, ки ҳеҷ хиҷолате накашида, баъзан асари беҳунариро тавсиф мекунанд ё нишони истеъдодро фаҳманд-нафаҳманд, инкор месозанд. Ингуна фикри бебурд пеш аз ҳама гӯяндаро беэътибор мекунад. Балки баъзе аз ин доварон худ қаллобони риёкоранд, аммо гумон доранд, касоне, ки хомӯш сухани ононро гӯш медиҳанд ё мехонанд, шояд ҳақиқати ҳолро нафаҳманд ва ба қавли онҳо бовар кунанд.

Ман баъди хотимаи ҳар як асари худ ба беқарорӣ интизор мегаштам, ки кай онро муаллим мехонанд ва фақат баъди аз назари он кас гузаштани он ҳикоя ё қисса андаке хотирҷамъ нафас мегирифтам.

Аз ин ҷиҳат, агар гӯям, ки ҷои муаллим дар пешгоҳи маҳфили мо ҳамеша холист, дигаре он касро иваз карда наметавонад, ҳаргиз муболаға нахоҳам кард. Баъзан худ ба худ меандешам: сабаби эътибори фикри муаллим чист? Ба гумони ман, аввало — ҳаққоният ва соният, нозукбинӣ ва борикандешии муаллим аст. Ҳаққоният пеш аз ҳама.

Фазлиддин Муҳаммадиев ҳамчун адибу устоди хушзавқ дар баҳо додан ба осори адабӣ, ба гумони ман, саҳв накардаанд ва аз ин ваҷҳ хурду бузург он касро эҳтиром дорем. Агар саҳву ғалатфаҳмиҳои дигаронро муаллим ислоҳ намекарданд, дар тасаввур овардан муҳол аст, дар адабиёти мо чӣ харҷу марҷе даврон мекард, чӣ дағдағаю дағалбозиҳое барпо мегашт. Хоса, имрӯз, ки баъзе рафиқон дидаю дониста ҷави якеро гандум ва гандуми дигареро сабӯси маҳз меҳисобанд ва аз ин ҳукми худ ҳаргиз азоби виҷдон намекашанд, ҳиҷолат намешаванд аз он намеҳаросанд, ки дилу рӯҳӣ худро ба каҷию норостӣ олуда, дари кашфу эҷодкориро ба рӯи худ мебанданд. Пирони Шарқ овардаанд: инсоне, ки худ ба дурӯғу дағо олуда аст, дигар қобили эҷод нахоҳад буд. Ба ғайр аз ин, ба танқиди

беасос дар ин замони мо кӣ бовар мекунад? Инчунин касони хомандеш ва содагарав дар ин айём аз модар намеоянд!? Аз тавсифи беасос ҳам чӣ суд? Чунон ки гуфтаанд, таъриф барои фотеҳ танбон намешавад. Вагарна китобҳои адибоне, ки пайваста таърифу тавсиф мебинанду худро тарғиб мекунанд дар дӯконҳо бехаридор намемонд.

Соли 1983 дар шумораи сеюми маҷаллаи "Садои Шарқ" повести ман "Тору пуд" ба нашр расида буд ва ман пеш аз ҳама аз хонандагон қаноатмандию миннатдориҳои зиёд қабул кардам. Муҳокамае, ки дар Москва Иттифоқи нависандаҳои СССР барпо карда буд, онро дар силки чанд асари дигар аз комёбиҳои солҳои охири адабиёти тоҷик хисобид. Чӣ гӯям, ки агар Фазлиддин Муҳаммадиев қимати бадеии онро пай бурда, ҳамчун устоди ғамхори адабиёт ба интишори он сабаб намегаштанд, ин қисса хеле овора буд ва балки ба осонӣ ба дасти хонандагон намерасид ва ё мисли баъзе асарҳо паркандаю фишурда мегашту хароб мешуд.

Обро барои бозӣ гилолуд намекунанд. Касоне ҳастанд, ки аз инчунин дағалбозӣ ва риёкорӣ манфиате бардоштан мехоҳанд. Аммо ин зумра бехабар аз онанд, ки меъёри инсони ҳунарпеша истеъдод ва виҷдони бузург аст.

Ману ҳамсолони ман — ҳама худро аз он хушбахт мешуморем, ки аз муаллим дарси эҷодкорӣ гирифтаем ва мегирем. Адибони навмашқ балки ин навиштаҳоро хонда, дар ҳарос афтанд, ки чи гуна кас дар тӯли понздаҳ сол аз шогирдӣ берун наояд. Бале агар, ба панҷоҳу шаст дарomaдан насиб гардад ҳам, мо шогирди устодони хештанем. Ба гумонам, навиштаҳоям айёми охири ҳаёти муаллим аз он овони шогирдӣ ва навмашқиҳоям ҳамин қадар тафовут доштанд, ки устод аз онҳо камтар дилтанг мешуданд ва эродҳояшон ҳам рангу бӯи дигар дошт. Тафовути дигарам ин буд, ки баъзан ягон калима ва маънии аз шаш ҷиҳат ба эродҳо пешравро сахт мегирифтаму аз муаллим,

хоҳиш мекардам, ки боре уболу савоби онро ба ман бубахшоянд.

То ки матлаб ба хонанда равшан бошад, мисоли онро хотира мекунам: Ибтидои соли 1983 буд, дар рӯзномаи “Маданияти Тоҷикистон” “Ташнагӣ” ном ҳикояи ман интишор ёфт. Бо хоҳиши идораи нашрия муаллим Фазлиддин Муҳаммадиев онро қабл аз чоп мутолиа кардаанд ва фикри худро мисли ҳамеша бо сиёҳқалам дар паси варақ навиштаанд. (Чун мавриди сухан аст, бояд қайд кард, ки баъзе рафиқон агар аз навиштаҳои дигарон як ҳарфи ғалат ёбанд ё фикри ба ақидаи худ номувофиқеро пай баранд, бе ҳеҷ истиҳола бо ранг варақро сиёҳ мекунанд!) Ин ҷо суханони навиштаи муаллимро айнан иқтибос мекунам: “Мулло Баҳром! Ба ҷиҳати мантиқ боз як назар кунед; ғӯза (?) акнун сар бардошта бошад, онро на зан, на мард каланд намекунанд — ҳанӯз ба каланд наомадааст.

Гузашти айём фаромӯш нашавад. Аз нақли шумо тахмин апрель мебарояд, аммо зан мегӯяд, ки ғӯзаро об додам. Ф. М.”

Ман ҳикояро дигарбора мулоҳиза кардаму санҷидам, баъзе эроди муаллимро ислоҳ кардам, аммо ҳар қадар андешидам, яке аз эродҳояшон дар назар бо ҳақиқат ҷуфт наомад. Муаллим ба калимаи “ғӯза” савол ниҳодаанд. Ман қаблан медонистам, ки калимаи “ғӯза” дар замони қариб аз истифода афтодааст, бинобар он, ҳама яктан ба он эрод хоҳанд гирифт. Аз ин ваҷҳ аломати савол ниҳодани муаллим як амри табиӣ буд. Вале ман хостам ба тариқи таҷриба боре онро истифода кунам. Роҷеъ ба “ғӯза” муддатҳост, ки меандешидам ва хеле санадҳо далели роҳам буд. Бешак “ғӯза” пахтаи имрӯзи мо нест, аз он каме тафовут дорад ва китобхони имрӯз агар наврустаи онро “ғӯза” гӯем, гумон аст ки ин кӯҳнаковиро қабул кунад, зеро хеле айём гузашт, ки он аз забон афтодаст. Бо

ҷурми қаламкашони кӯрсавод аз миён рафтаст. Аммо чӣ кунам, ки ибораи “ниҳоли пахта” ба ман ҳеҷ хеш намеояд. Дурушту дағал ва хилофи қоида барин ҷилва дорад. Вале он кайҳо ба забони мо сар даровварда, ба гӯшҳо нишастаст, ба касофати кадом як тилмочи безавқ ба тарзи калька тарҷума шуда, имрӯз хилофи мазмуни урфӣ маъруфият дорад. Вагарна кӣ намедонад, ки “ниҳол” дарахти навруста аст, асосан, то сесола! Шуарои пешин ва имрӯзӣ ҳам қомати борику мавзуни дилбаронро ба ниҳол ташбеҳ карданд.

Ман аз паи калимаи “ғӯза” афтодаму деҳқонони солдидаро, онҳоеро, ки аз қадим пахтакорӣ доштаанд, пурсуҷӯ кардам. Пирони деҳқонӣ таъбири “ниҳоли пахта”-ро дар солҳои охир шунидаанд ва ҳанӯз дар забони онон ҷорӣ набудааст. Дар Миёнкол тоҷикон пунбадонаи аз замин рустаро “ғӯза” мегуфтанд ва аз ин ҷост калимаи “ғӯзапоя”, ки имрӯз миёни мардум маъмул аст. Ҳосили бастаи онро “кӯсак” мегуфтаанд ва андаруни кӯсак — пахта. Миёни деҳқонони атрофи Самарқанду Бухоро вобаста ба тунукии кишт масале машҳур аст: “Ғӯза — каландрав, ҷуворӣ — шутурдав.”

Бо чунин андешаҳо, бештар аз паи таҷриба ман дар он ҳикоя “ғӯза”-ро ба ҷои “ниҳоли пахта” ба кор бурдам, то бубинам забоншиносон ва шевасанҷон чӣ мегӯянд. Дареғо, ҳеҷ касе ба ман нагуфт, ки ин амали ман дуруст буд ё хато.

Ман аз овони наврасӣ бо кори пахтазор ошноям, баъзан пунбадона сабзида (“чигит” не!) ба рӯи хок баромада-набаромада, онро об медиҳад, то замини сахт монеи нумӯъи ғӯзаи наврас нагардад ва ҳамчунон бо каланд рӯи ҷӯякҳоро ҳарош медиҳанд…

Муаллим ҷустуҷӯ ва такопӯҳои шогирдонро ба диққат менигаристанд, таваккалоҳангии онҳоро агарчи бисёр дида ва санҷидаанд, тамасхур намекарданд. Дар

тасдиқи ин гуфтаҳо воқеаҳои бисёреро хотира кардаам, аммо метарсам сухан дароз мешаваду аз ҳадди мақолаи рӯзнома мегузарад.

Дар боби сухан аз тоқадоварӣ ва худбиноҳо ҳамеша дар ҳаросам. Медонам, баъзе аз рафиқон назари худро бемуҳобот тарозуи адабиёт мепиндоранд ва ҳаргиз аз дилашон гумоне намегузарад, ки саҳв хоҳанд кард, беибо даъвоҳое мекунанд, ки миёни борику нозукашон ҳаргиз тоби бардоштани он бори гаронро надорад. Муаллим борҳо аз сари тамкин дами ингуна муддаиёнро паст карда, адабиёт ва забони фасеҳи моро аз "тозакориҳо"-и онҳо ҳифз кардаанд.

Дар адабиёти мо замони баёни соддалавҳонаи тавсифомез, ки солҳои пеш дар адабиёти рус онро "инфантильная описательщина" ном карда буданд, имрӯз агарчи камравнақ аст, вале давом дорад. Фазлиддин Муҳаммадиев бо осори адабии худ на фақат тамоми он каломи дурӯғиншукӯҳ ва хасакиро инкор карданд ва барои дидани моҳияти аслии осори бадеъ чашми хонандагонро кушоданд, балки тарзи эъҷодкориро низ ба мо омӯхтанд.

Устоди хақиқӣ бемансабу рутбаҳои баланд ҳам устод буданашро Фазлиддин Муҳаммадиев барои мо дар ҳаёт собит карданд. Устодонро бо фармонҳо таъйин кардан ва ё интихоб намудан ҳам натавон, устодонро ба мо давру замон худ пешниҳод мекунад.

Муаллим имрӯз дар миёни мо нестанд. Набудани он касро ҳар замон, дар сари ҳар қадам эҳсос мекунем. Маро дар инчунин маврид суханони Хоқонии Шервонӣ ба ёд мерасад: "Ку сухансанҷе миҳин, то бар сухан бигристӣ..."

***1982-87***

# ШЕЪРИ ТАБИӢ ВА ХУДРУСТА

Боре гурӯҳе аз адибони тоҷик бо рафиқони масковӣ аз боби адабиёти бачагони тоҷик гуфтугузор доштанд. Доири шеъри кӯдакон ва шоироне, ки барои кӯдакон шеър мегӯянд, баҳс даргирифт. Рафиқони масковӣ мегуфтанд, ки имрӯз дар адабиёти тоҷик шоири тавоное, ки шеъраш писанди хонандагони умумииттифоқӣ бошад, камтар ба назар мерасад... Ёдам меояд, аз ҳозирон — Масъуд Муллоҷонов, Гулрухсор ва боз чанд нафари дигар ба меҳмонон ба як овоз эътироз карданд ва гуфтанд, ки дар адабиёти тоҷик имрӯз чунин шоири соҳиби шеъри пурмаънию ҳассос омадааст ва он Гулчеҳра аст.

Яке аз меҳмонони масковӣ, мудири шӯъбаи адабиёти халқҳои СССР дар нашриёти “Детская литература” Галина Московская ин суханонро шунида, нобоварона ба чашми ман нигарист. Нигоҳи ӯ аз ман савол дошт: “Ту чӣ мегӯӣ? Магар ин даъво дуруст аст?” Ман филфавр гуфтам:

— Шеъри бачагон ҳам монанди адабиёти имрӯзи мо ба вазъи ҷамъияти мо сахт алоқаманд аст, зеро он зодаю парвардаи ҳамин рӯзгор ва муҳит аст. Бинобар он, аз ин шеър эъҷозеро, ки болотар аз имкону иқтидори ҷамъият бошад, чашм доштан нашояд. Ба ақидаи ман, дӯстон дар боби шеъри Гулчеҳра бемуболиға дуруст мегӯянд. Дар шеъри бачагонаи мо имрӯз шеъри самимитар ва тозатар аз шеъри Гулчеҳра нест ва агар дақиқтар нигарем ба ҳар як шеъри ӯ баъзан шоирони мо якчандтогӣ назира ва ё шеъри тақлидӣ гуфтаанд.

Сипас, дар тасдиқи ин гуфтаҳо як пора шеъри шоираро хондам:

...Бибиҷонам меояд,

Дилу ҷонам меояд.
Равам, кӯрпача орам,
Болишти қу гузорам.
Чояки гарм биёрам,
Нонаки нарм биёрам.
Бибиҷона шинонам,
Хафа шудан намонам.
Бибиҷони хушрӯям.
Бибеки қиссагӯям.

Дар воқеъ ҳам, дар ин шеър, ки аз самимият ва ҳарорат моломол аст, ҳама чиз ҷо ба ҷо, маънӣ — борику хотирнишин, лафз — рехтаву пухта, ҷузъиёти рӯзгори тоҷикон аз рӯи завқи баланд баргузида. Ин чунин шеър аз камоли истеъдод муждарасон аст.

Мегӯянд, ки агар табиат ба инсон ҳунар ва истеъдоди ҳақиқии эҷодкориро додааст, сипас ӯро ногузир аз ҳунари корсозию тамаллуқ ва дурӯғу дағо маҳрум месозад. Агар шахси соҳибҳунар ба каззобию бухлу ҳасад даровезад, пайдост, ки чашмаи истеъдоди ӯ хушкида, сабзаи боғи ҳунари ӯро хазон расида аст.

Табиат ба Гулчеҳра-ойтӣ табъи шеър додааст, — чун чашмаи хурӯшон ва диле додааст — лабрези сидқу ростию дурустишиор. Виҷдони покиза ҳам ба монанди ҳарорати тан ва ё зарбаҳои набз андозасанҷ аст, вале ин меъёри солимии маънавии инсонро нишон медиҳад. Ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ки росткорию дурустқавлӣ дар замони мо баробари истеъдоди асил аз сифатҳои нодири шахси эҷодкор аст.

Ман дар тӯли чандинсола ҳамкорию ҳамфикриҳо басо озмудаам, ки Гулчеҳра-ойтӣ чи гуна осону равон шеър мегӯяд ва сатрҳои лангони дигаронро чи гуна саҳлакак, чунон ки мегӯем, бо нӯги қалам тасҳеҳу такмил дода, ба ифоқа меоварад, бо чашмони худ дидаам.

Ҳар як амали инсон, аз ин ҷумла, ҳар як асари адиб ҳам аксе аз афкору ақидаи ӯст, як навъ қолиби рӯзгори вай аст. Гулчеҳра-ойтӣ дар ҳар як шеъри худ масъулияти бузурги худро дар назди ҳаводорони шеър собит мекунад. Образҳои зебое, ки шоира ба борикиву нозукадоиҳо офаридааст, дар дили ҳазорон ҳаводорони адабиёт зояндаи афкори зебост ва он афкори зебо билошак дар ҳар гӯша ҳаёти зеборо тавлид мекунад.

…Сӣ айвони барҳаво,
Сӣ манзари дилкушо,
Сӣ шаршараи хандон,
Сӣ оғилу сӣ каҳдон,
Сӣ танӯр кулча дорад,
Сӣ ҳавли бача дорад,
Сӣ чароғи сари раҳ
Чи хуш деҳи пурфараҳ!..

Низомӣ фармуда: “Худруста дигар бошаду барбаста дигар” Аз ин меъёр шеъри Гулчеҳра шеърест аз сохтагиҳо ва бофтагиҳо мубарро, шеъри табиӣ ва худруста аст.

Имсол нашриёти “Адиб” осори мунтахаби адибаи ширинадоро интишор мекунад. Ман қабл аз ин ҳам ба баъзе китобҳои Гулчеҳра-ойтӣ муҳаррир будам. Шоира, ба монанди баъзе адибони мо, ба фикри муҳаррир беэътино нест ва аз серталабиҳои ӯ намеранҷад.

Аслан агар ба дурустӣ биандешем, чашми муҳаррири сахтгир ҳам ба монанди шӯълаи хуршеди баланди нимарӯзи тобистон тангноҳо ва кунҷу камари басо ноаёни осори адибро баъзан барои худи ӯ низ равшан мекунад, ба ӯ боре имкон медиҳад, ки ба асараш аз манзари чашми дигарон нигарад. Чунон ки нури баланди офтоб фақат ба дидагони солим файзбахш аст ва ба чашмони хираю бе-

мор зиён мерасонад, аз инчунин муҳаррир адибтарошони беҳунар безоранд. Аз ин аст, ки баъзе рафиқоне, ки дар китобашон басо моли дигарон ҳаст, тақлиди хому сухан-бофиҳои пуч фаровон аст, эҷоди худро дар ин оина дидан намехоҳанд ва муҳаррире меҷӯянд, ки ҳамчун як нафар мусаҳҳеҳ фақат нуқтаю вергули дастнависашонро ҷо ба ҷо гузоранду ба чопаш имзо кунад.

Аммо Гулчеҳра-ойтӣ ҳамеша аз мудири шӯъба, ҳат-то гузашта аз он, аз директори нашриёт хоҳиш мекунад, то китобашро ба муҳаррири корозмудае супоранд.

Айёме, ки ман мусаввадаи китоби ӯро “ҳиҷҷакунон” хонда, дар сари ҳар як сатр гаштаю-баргашта меандеши-дам, аз чандин ҷиҳат онро месанҷидам, мудири шӯъба маро ба шитоб андохта, зудбош мегуфт:

— Охир, китоби Гулчеҳраро ҳамту хонеду диҳед... Лауреат, кайҳо эътироф гашта, синнашон ҳам, таҷрибаашон ҳам...

— “Қабо гар ҳарир асту в-ар парниён, ба ночор ҳашваш бувад дар миён”, — мегуфтам ман аз сари ҳазл ва ҳамроҳи муаллифи китоб Гулчеҳра-ойтӣ ҳар як шеърро сахту шадид аз имтиҳони ҳафтҷӯши якдигарӣ мегузарондем.

Адиби соҳибҳунар қабл аз ҳама дар назди виҷдони худ, гузашта аз он дар рӯ ба рӯи халқи азизи худ бори масъулиятмандӣ мекашад. Гулчеҳра-ойтӣ маҳз аз зумраи чунин сухангӯёни нодири даврон аст.

Китобҳои шоира ба монанди китоби баъзе шоирони ҳарзаталош дар рафи дӯконҳо рангзардӣ намекашад — хонандагон ҳамеша ташнаи шеърҳои самимии ӯянд. Пурхаридорӣ худ далел бар он аст, ки осори шоираро хонандагон чун раҳоварди сидқу сафо ба некӣ пазируфтаанд.

***1988***

# ЧАРО ПРОПАГАНДА ПАРУ ПО КАНДА ШУД?

Идораи маҷаллаи “Садои Шарқ” аз адибон роҷеъ ба вазъи насри муосири тоҷик ба чанд савол ҷавоб гуфтанро тақозо кард. Дар назар чунин меояд, ки дар ҷавоби ин саволҳо андешидани ҳар як адиб зарур аст, зеро ба ин васила кас метавонад ба эҷоди худ аз дуртар, балки дар радифи осори дигарон назар афканад.

**Ба назари Шумо муҳимтарин тамоюлҳои насри муосири тоҷик кадоманд?**

Доири тамоюлҳои насри муосир ҳатто хеле иҷмолан фикри худро баён кардан масъулият ва заҳмати мутолиаи мунтазамро тақозо мекунад. Хоса, ки ман баъзе аз осори адибони тоҷик дар солҳои охир эҷодкардаро нахондаам. Тартиби мутолиаи ман чунин аст, ки ҳар сол аз ҳар як адиби пурмаҳсул ҳикояте чанд ҳатман мехонам. Повесту романҳоро бист-сӣ саҳифа мехонам, агар дилгир мекунад, худро ба мутолиа маҷбур намесозам. Аввалин шарти асари хуби бадеъ шавқоварист. Агар асар шавқовар нест, олитарин фикр ва ғоя ширинтарин калом ҳам онро аз гумномӣ наҷот нахоҳад дод.

Мадорики хонданӣ имрӯз барои адиб хеле зиёд аст, мо бояд аз баландтарин осори адибони машҳури мамлакат ва олами мутамаддин сари вақт огоҳӣ дошта бошем, аз афкори илмию оммавӣ пайваста бархурдорӣ зарур аст.

Агар аз ҳамин равзани мутолиаи худ ба насри тоҷик назар афканам, як ҷиҳати махсуси осори солҳои охир ин аст, ки адибони мо усули таҳлил ва синтези воқеаҳоро пеш гирифтаанд, каломи онон тафдор, муҳокимаву музокираи онон бамаънӣ ва ҷиддитар шудаст. Ва аз ин рӯ эҷоди баъзе аз адибони моро имрӯз аз деҳқону чӯпон то академик аз сари шавқу рағбат мутолиа карда, қаноатманд хоҳанд буд.

Насри имрӯз публисистикаи урён не, балки силсилаи мушоҳада ва санадҳои муддатҳо хеле дақиқ андешидаи адибанд, ки ҳақиқатеро собит ва тасдиқ мекунанд. Яъне, осори адиби имрӯз барои хонанда ҳақиқати рӯзгорро ошкор месозад, асрори савобу носавоб, некиву зиштӣ, рӯшноӣ ва тирагӣ, ҳаёт ва мамотро равшан мекунад. Адиб имрӯз дар асари худ симои давр ва симои худро тавсир мекашад. Аз ин аст, ки дар адабиёт ашхоси разилу худхоҳ ҳамчун адиб дуру дароз даврон карда наметавонад. Мутолиаи асари ин чунин адибтарошон ҳатто дӯстони наздиктаринашонро дилгир мекунад, зеро симои ботини онон пуч ва дилгиркун аст.

Имрӯз баъзе аз хонандагон гумон доранд, ки адабиёти солҳои охир гирифтори рукуд буд ва асаре, ки ихтилофи зиндагиро амиқ, ҳаққонӣ ва бо ҷасорат таҳқиқ кунад ва фошофош бигӯяд, ба вуҷуд наомадаст. Ба фикрам, чунин надомат, хоса дар боби насри мо чандон ҷоиз нест. Адабиёт дар солҳои рукуди иқтисодии мо низ вазифаи худро ҳатталимкон сидқан ва виҷдонан адо мекард. Аз ибтидои солҳои шастум то имрӯз повесту ҳикоёте, ки дар онҳо тасвиру таҳқиқи амиқу воқеӣ бошад, магар кам аст?! Бе ҳеҷ шаке повесту ҳикоёти қолибзада ва сохтаву бофта бештар буданд, аммо ин чунин осори адабӣ ба ҳукми асарҳои рӯзмара аз худ нақши равшане боқӣ намонданд, шумори осори ҳунари асл ҳамеша, дар ҳамаи давру замонҳо афзун набуд.

Дар насри имрӯз таҳқиқ ва таҳлили зиндагии мардум аз тамоилҳои асосист. Аз намунаҳои хубу марғуби насри солҳои охир баъди гузаштани асрҳо ҳам хонанда тасвири ҳаёти воқеӣ, орзую омоли мардуми имрӯзро, портрети ба асл хеле наздики даврони моро меёбад.

Тамоили дигаре, ки маро хеле хуш меояд, рӯзафзун қавитар гардидани ҷанбаи психологии характерҳо дар наср аст. Агар адибон минбаъд ҳадди эътидоли ин тарзи тасвирро дарёбанд, аз ин усули пуртаъсири наср басо нодиракориҳо эҷод хоҳанд кард.

Тамоили сеюме, ки маро ва ғолибан ҳамаи китобдӯстонро хушнуд мекунад, рӯзафзун аз олоишҳо поку мубарро ва аз услуби хушбаёнии берангу бор ба тарзи ширадори комилан тоҷикию форсии фасеҳ майл овардани забони наср аст.

Ин тамоилро баъзеҳо тақлид ба форсии имрӯз мепиндоранд, ки ин гумони ғалат аст. Форсии имрӯз аз форсии мо — тоҷикон, ки пешиниён “форсии Мовароуннаҳр” мегуфтанд, тафовути зиёде дорад ва онҳое, ки табиати забони модарии худро ба дурустӣ эҳсос накарда, ба форсии имрӯзи эрониён тақлид ва пайравӣ доранд дар ин майдон равнақе намеёбанд.

**Бозёфтҳои эҷодии нависандагони моро аз кадом ҷиҳат бо падидаҳои ҷолиби насри сермиллати муосир муқоиса метавон кард?**

Насри мо аз ҷараёни насри умумииттифоқ ҷудо нест, зеро мактаби омӯзишу таъсирбардорӣ ва бисёр ҷиҳатҳои зиндагии мардумони ватан ба якдигарӣ наздик аст, қонуну қоидаҳо якanд, сахтию сустиҳо ба ҳам шабеҳанд. Дар адабиёт сангу тарозу ҳам якест, агарчи баъзе адибон ин ҳолро тан гирифтан намехоҳанд.

Агар аз ин манзар назар афканем, чунин дар назар меояд, ки дар нисбати роману повест бештар ҳикоёти хубу марғуби адибони тоҷик бо ҳикояҳои адибони дигар миллатҳо ҳамсарӣ дорад.

Солҳои охир дар адабиёти тоҷик ҳикояҳои пухтаю рехта, ки дорои синтези амиқанд, навишта шуданд. Ҳайфо, ки танқиди адабии мо ҳанӯз дар таҳқиқи он ва таъин кардани мақоми ин осор дар адабиёт оҷизӣ мекашад.

Агар ба насри тоҷик аз меъёру мақоми насри умумииттифоқ нигарем комёбиҳои мо дар боби повесту роман ҳанӯз хеле назарногиранд. Хушбахтона, алҳоҳ фарқи забон хеле аз айбҳои моро мепӯшад, тарҷумонҳо иддае аз асарҳоро баъди рандаю суфтакории зиёд ба китобхонони миллатҳои дигар пешбарӣ мекунанд.

Бо ин ҳама, ба аҳли адаб пӯшида нест, ки танқиди

адабии умумииттифоқ ба хеле аз осори ба забони русӣ тарҷума ва интишор гардида ҳамчун ба адабиёти дуюмдараҷа назар мекунад. Бешак, ба нумӯи ин гуна ақида мо худ гунаҳкорем: осори хому камарзиш, баъзан сирф беҳунаронро бо усулҳои ношоиста ва ба номи адиб нанговар — тамаллуқ, ришва, сӯистеъмол аз вазифа, “мантуро, ту-маро” — ба нашр мерасонем.

**Қаҳрамони фаъоли зиндагисозро дар заминаи воқеияти имрӯз дар адабиёт ва зиндагӣ чӣ гуна тасаввур мекунед?**

Мегӯянд, ки дар осори бадеъ характери комил худ адабиёт аст. Агар адиб характери равшан ва хотирнишину фаромӯшношуданӣ биофарад, образи офаридаи вай миёни хоку хасрӯбаи пургӯиҳо ва беҳудатафсириҳо гум нагардад, ин худ далели он аст, ки қаҳрамони ӯ фаъол аст, дар меҳвари воқеоти зиндагист ва ба дарди инсони имрӯз мехӯрад. Инчунин қаҳрамон фақат образи инсони накӯкор ва ибратбахш не, балки тимсоли инсони зишту нобакор низ метавонад буд, агар мардумонро ба ҳаёти зебо ва иқдоми зиндагисоз талқин созад. Агар ин тимсол бо андешаю амали худ дар дили хонанда эҳсоси нафрату ғазаб ба вуҷуд оварад, матлаби адиб муяссар ва муроди ӯ аз эҷодкорӣ метавон гуфт, ки ба даст омадааст.

Қаҳрамони ибратомӯз образи мафтункунандае, ки хонанда пайрави вай бошаду дар рӯзгор ҳар лаҳза ба он тақлид кунад, боист, ки инсони донишманд, бофаросат, дорои маърифату маданияти баланди башарӣ бошад. Агар адиб худ хирадманд нест ва аз илму ҳунарҳои замони худ баҳравар набошад, табиист, ки вай образи чунин инсонро офарида наметавонад. Бо моҷароҳои ҳақиқатмонанди зиндагӣ фақат хонандаи хеле камтаҷрибаро саргарм кардан метавон. Охир, инҷинери соҳибтаҷриба романи “истеҳсолии” адиби тамошогари корхонаро чӣ гуна хондан метавонад?

Дар асри материалӣ ва технократии мо адиб агар па

-ёмбар набошад ҳам, муҳаққиқи табақаҳои гуногуни зиндагӣ бояд бошад.

Ҳикоя, повест, роман — ҳама модели ҳаёт, ҳар яке лахте аз зиндагии воқеист ва бояд, ки дар қалби хонанда ҳатман ё муҳаббат, ё нафрат ангезад. Агар асари адиб дар дилҳо чунин эҳсос пайдо накунад, ҷаҳдаш ҳама беҳуда аст, насиби ранҷи ӯ ногузир фаромӯшию гумномист.

**Ба ақидаи Шумо дар насри ҷавонон чӣ равияҳои ҷолиб ба назар мерасанд?**

Дар бобати мафҳуми ҷавонон дар афкори аҳли адаб ихтилоф мавҷуд аст. Баъзеҳо гурӯҳи баъди мо ба арсаи наср ворид омада — Муаззама, Баҳманёр, Ҷонибек Акобиров, Сайф Раҳимов ва ҳамсолони онҳоро ба доираи ҷавонон дохил мекунанд. Синни аксари ин тӯда аллакай даври чил аст ва ҳар яке дорои ду-се китобанд. Ба фикри ман, имрӯз онҳоро ҷавон гуфтан нашояд.

Гурӯҳе, ки аз қафои онон меояд, агарчи синнашон даври сӣ аст, дар назари ман чунин меояд, ки эҷодиёташон ҳанӯз равшан ташаккул нагирифтааст ва садои хосу фарққунанда боло накардаанд.

Аз ин ваҷҳ ман дар ҷавоби ин савол сахтӣ мекашам.

**Кадом омилҳо ба пешрафти насри муосир халал мерасонад?**

Имрӯз миёни мардумони мутамаддини дунё шаҳсутуни асосии адабиёт наср аст ва ба мураккабтарин саволҳо ва эҳтиёҷи маънавии хонандагон ҷавоб мегӯяд.

Дар маҷлису кунгураҳо, базму сур ва мулоқоти адибону хонандагон чунин ба мушоҳада мерасад, ки ашхоси аз китобхонӣ вомондаро аз ҳарфи нахустини онон, ки ба забон меоваранд, шинохтан метавон. Дар ин гуфта ҳеҷ муболиға нест. Забони фасеҳи тоҷикӣ рӯзафзун тағйир мепазирад ва касоне, ки дар тӯли 20-30 соли охир аз сари шавқ китобе нахондаанд ногузир ба услуби солҳои панҷоҳум ё зери таъсири сабки рӯзномаҳо сухан мегӯянд. Баъзан аз нодонӣ аз китоб нахондани худ ҳатто зиёиён, раҳбарони идораҳо хиҷолат намекашанд.

Боре дар ноҳия яке аз раҳбарон дар ҷавоби гилагузории ман аз ин бобат бигуфт:

— Ба мо аз китобхонӣ ҳам муҳимтар корҳо ҳаст! Программаи озуқа худ аз худ буд намешавад. Аввал нон, баъд — суруд!

Ин марди хомандеш бо ҳамин суханони обшуста худро ва тоифаи зиёинамои хеле каммаърифати ноҳияро сафед мекард. Вай бовар надошт, ки агар як соли расо дари идораи ӯро билкулл банданд ҳам, деҳқон киштукор мекунаду ҳосил мебардорад, чорводор чорвояшро саришта медорад, бофанда газворашро мебофад.

Агар маро имконият даст медод, барои рӯзнома ва ё маҷаллае аз боби чӣ китобҳоро мутолиа кардани раҳбарон ва ходимони идораҳои ноҳияҳо мақолаи мукаламавие мураттаб месохтам. Маърифати мардуми ноҳияҳо ба китобхонии ин зумра касон вобаста аст. Барои чунин мақола камаш бист рӯз фурсат лозим аст. Ҳол он ки ягон нашрияе барои он мақола ба ман имкони сафар ва беш аз 60-70 сӯм музди қалам намедиҳад. Адибро ҳам таъмини рӯзгор зарур аст. Аз ин аст, ки пропагандаи мо баъзан мурғи нимбисмили пару по кандаро ҷудо мемонад.

Биёем ба сари сабабҳои халалгори наср. Маро ду повест ва даҳҳо ҳикоёти алҳол номатбӯъ ҳаст. Магар дар идораи ягон нашрияи мо аз асари нав пешниҳод кардани ман хушнуд хоҳанд буд? Ҳаргиз. Агар ба рӯям намегӯянд, аз пасам хоҳанд гуфт: “агар ин матои худро намеовард моли фалону фалон ҳамдиёрамонро зудтар ба нашр мефиристодам ва дар ҷавоби хӯрдагирон мегуфтам, ки чиро нашр кунам, ки ҳеҷ чизе дуруст нест”.

Ҳавасманд набудани рӯзномаю маҷаллаҳо ва чопи наср, камшумори адади нашри китоб дар нашриёт сабабҳои асосии халаловари равнақи насранд. Адибон аз касодии бозор ҷои он, ки ҳикояву қиссаҳо бинависанд, бо тарҷума ва журналистика машғулӣ доранд.

Доири ин матлаб боз як нуқтаро гуфтаниам. Солҳои охир маҷаллаи “Огонёк” аз даҳон афтода ва камравнақ монда буд. Чун адиби шинохта Виталий Каротичро ба он сармуҳаррир таъин карданд ин нашрия дубора ҷон гирифт, ҳоло шумораҳои онро хонандагон даст ба даст дода мехонанд. Дар Тоҷикистони мо ба ин усули санҷида чаро пайравӣ намекунанд? Ё худ дар кишвари мо нашрияҳои фурӯмонда ва беравнақ каманд? Маҷаллаи “Садои Шарқ”, ки обуначиёнаш нимагӣ кам гаштанд, дар вазъи пешина “Огонёк” нест?!

Сабаби дигаре, ки равнақи насри моро халал меоварад, ба тарғиби адабиёти бадеъ алоқаманд аст. Бояд, ки нашриёти мо ҳар сол маҷмӯаи ҳикояҳо ва қиссаҳои соли рафтаро дар шакли китоби алоҳида нашр кунад, зеро то ба табъ расидани китоби алоҳидаи муаллиф баъзан солҳои зиёд мегузарад.

Адибони мо ҳам орзуманданд, ки замоне мерасад ва маҷаллаю рӯзномаҳо, колхозу корхонаҳои мо ҳам аз кори республикаҳои бародарӣ ибрат мегиранду барои ҳикояву қиссаҳои беҳтарини сол ҷоизаҳо таъин мекунанд.

Аз чи бошад, ки дар радио ва телевизион, агар аз боби тарғиби адабиёт сухан ояд, шеъри худро хондани се-чор тан шоирон ва сӯҳбати мунаққидонро мисол меоваранд. Солҳост, ки тарғиби наср аз назари ходимони телевизиони мо афтодааст. Ба гумонам дар миёни онон шахсоне, ки аз шеърхонӣ ба мутолиаи наср гузашта бошанд, ҳанӯз нестанд. Вагарна нависанда бо ҳикоёти шавқангези худ, мушоҳадаҳои борик ва такопуҳои худ дар паи эҷоди асараш диққати ҳазорон тамошобинонро ҷалб кардан метавонад.

Ба равнақи насри ҳақиқӣ баъзе аз ҳавасмандони адабиёт ва адибтарошони дар ин касб беистеъдод низ халалҳо овардаанд. Ин тоифа осори аз мазмуни баланд ва ҳунари нависандагӣ бебаҳраи худро интишор дода, бо ин усул хонандаро аз мутолиаи наср дилмонда мекунанд.

Ман боре дар яке аз мақолаҳоям аз боби истеъдоди

фитрӣ чанд калима ронда, аз хусуси Лейкин ном ҳамзамони Чехов изҳори андеша карда будам. Ин марди адибтарош агарчи дар асри худ бештар аз ду ҳазор ҳикоя навишта интишор кардааст, ӯро ҳамчун адиб камтар касон ёд доранд. Сабаби ин ҳол чи бошад? Лейкин шахси равшанфикр, маърифатшинос, сухандон аст, дар ҳикояҳои ӯ гӯё ҳеҷ норасоие нест, аммо бо шавқи дил мутолиа кардан наметавонед.

Дар асарҳои баъзе аз адибони мо на фикри ба навиштан арзандае, на донишу маърифат ва мушоҳадаи борике, на каломи фасеҳу беғаш, ҳатто фаросати башарӣ ва саводи маъмули умумро намебинед. Ба гумони ман, ба ин ҳама дӯлобиҳо дар адабиёт бештар аз ҳама танқиди адабиро гунаҳкор кардан ҷоиз аст. Каҷ дору марези танқиди адабӣ боис аст, ки ҳоло нағзу бад баробар гаштаст ва на фақат адибони мансабдор, балки адибони қаторӣ ҳам ба танқиди ҳаққонӣ тан намедиҳанд, ба ҳар васила худро сафед кардан мехоҳанд.

Гилагузорӣ аз танқиди адабии имрӯз аз он ваҷҳ ҷоиз аст, ки аксари мунаққидони мо ҳанӯз ҳам осори ҳунар ва беҳунарӣ, зебо ва зишт, ҳақиқат ва дурӯғ, ҳамдиёрбозию гурӯҳбандӣ ва хидмати ҳалолу бетамаъро дар адабиёт камтар тафовут мекунанд. Аз ин сабаб китобхонон ба қавли бисёр мунаққидон эътимод надоранд, ба баҳои онон бовар намекунанд. Дар исботи ин даъво метавон мисоли фаровон овард.

Шояд ба ман эътироз кунанд, ки адиби беҳунар азбаски беҳунарии худро нек медонад, ҳароина ба танқид тан намедиҳад, зеро аз сари дастархони адабиёт дур будан намехоҳад. Аҷаб не, ин фикр ҷон дошта бошад, вале танқиди ҷиддӣ ва ҳаққонӣ дӯсту ёвари сахтгири адиби ҳунарвар аст.

Дар сари иншои ин андешаҳо ҷавоби Сорбонро ба саволҳои маҷаллаи “Садои Шарқ” (№7, 1987) дучор кардам. Мутолиаи он барои ҳар як шахси андаке суханши-

нос ва маънирас сахт мушкил аст. Мебоист, ки дар ин синн ва баъди чандинсолина таҷрибабардориҳо дар касби нависандагӣ Сорбон пухтагӯйтар, мантиқи каломаш қавитар мегашт, беғилу ғаш, саҳеҳу ҷиддӣ андешида қалам меронд. Аммо ман дар сари бисёр ҷумлаҳои вай "пешпо" мехӯрдам ва ҳайрон будам: мантиқ — заъиф, ҳадди тамкину адаб — рахна, хоксорию фурӯтании ӯро чи шуд, ин қадар худнамоӣ аз куҷо?.. Хуб, ба асари ӯ баҳои дилхоҳашро надодаанд, фардо ҳаст, хонанда ҳаст, ҳаками ҳақиқӣ вай аст.

Мегӯянд, ки ғуломро бо "ҳой боракаллоҳ" куштаанд. Ба фикрам, Сорбонро дӯстонаш бо таърифҳои беасос баъзан саргардон карданд. Ӯ марди ғайратманд, заҳматписанд ва пуркор аст ва ғолибан тоифае аз ёронаш баъзан баҳудаю беҳуда ӯро таҳсин карданд, ҷои он, ки аз рӯи ғамхорӣ, дӯстона ҳақиқати корашро ба вай ошкоро бигӯянд, боракаллаҳгӯ буданд. Вагарна, ки намедонад, ки на фақат романи "Актёр", балки бисёр асарҳои дигари ӯро низ бо шавқи дил хондан мушкил аст. Ман дар сари иншои ин сатрҳо аз бисёр рафиқон пурсон будам, ки романи "Актёр"-и ӯро то охир хондаанд ё не. Ҷавобҳо аксар якранг буданд: нахондаанд, хонда натавонистаанд. Фақат се-чор тан мунаққидон ва як-ду нафар аз адибон гуфтанд, ки ба тақозои вазифадорӣ ба сахтӣ онро хондаанд.

Аммо Сорбон фирефтаи занги телефонҳо ба мунаққидон дарафтодааст, ки онҳо қимати асари ӯро намефаҳманд. Вақте ки асари адибро хонандагон намехонанд ё нима-нимкола хонда аз даст мениҳанд, мунаққидон ба сахтӣ мехонанду бебарории ӯро дарак медиҳанд, ба ин ҳукм гӯш надодан худфиребӣ нест магар? Ҳол он ки Сорбон боист, ки аз мунаққидон миннатпазир мегашт: ҳамқаламони ӯ бист сол қабл аз ин нахустин асарҳои ӯро хонда, афкореро, ки мунаққидон имрӯз мегӯянд гӯшзад карда буданд. Аҷаб не, Муҳаммадҷон Шукуров аз он айём то имрӯз ба некбинии махсуси худ тавфиқи адиби

ҷавонро чашмдор бошанд.

Дар ҳар ҳолате имрӯз ба устоди мӯътабар Муҳаммадҷон Шукуров хурдагирии Сорбон баробари ба рӯи осмон туф кардан аст, ки ба сари худи кас боз фарояд. Охир, Шукуров ҳақиқати ҳолро хеле ғамхорона, дар ғояти масъулиятмандӣ дар назди фардои адабиёт гуфтаанду бас. Сорбонро як замоне барои камтарин комёбиаш маҳз М.Шукуров таҳсинҳо карда буданд. Боист, ки ӯ навиштаҳояшро як бори дигар хонда фикр мекард.

Аслан хонандаи хушсалиқа аз мутолиаи ҳамин ҷавобҳои ба саволҳои маҷалла навиштаи Сорбон низ возеҳ пай мебарад, ки дар касби нависандагӣ чандон маҳорати баланд пайдо накардааст. Навиштаҳояш носуфтаву нотарошидаанд. Охир аз аҳли маънӣ пӯшида нест, ки агар дар сиришти кас истеъдоде ҳаст, ӯ дар муддати на чандон зиёде дар касби худ маҳорати комил ҳосил мекунад ва дар шуғли пеша кардааш ба ҳадди устодӣ мерасад.

Чун санад бар даъвии худ дар ин ҷо бандеро аз мақолаи Сорбон бидуни интихоб (мақолаи ӯ аксаран аз чунин ҷумлаҳо ва бандҳо иборатанд) нақл мекунам:

“Дигар, органҳои(?) дахлдор — аз Иттифоқи нависандагон то шӯъбаҳои ба адабиёт мансуббудаи Комитети Марказии Республика(?), ки бевосита як масъаларо ҳал карда натавониста ва ё аз тарс(?) ба якдигар ҳавола мекунанд ва роҳи беҳтаринро боздоштан(?) медонанд, аммо ба тақдири нависанда кор надоранд. Ва баръакс — асарҳое аз ҷониби онҳо дастгирӣ карда мешаванд, ки қадру қимати бадеӣ надоранд, бо туфайле(?), воситае, рӯи хотире ба онҳо дастрас шудаанд(?) ва ё донистаанд, ки дар кадом гӯшаи иншооте, аз хусуси кадом комплекс, ё саргузашти кадом марди “обрӯманд”(?) ва ё “қаҳрамонзан”(?) навишта шудааст ва ба фалон қарор дархӯрд(?)”.

Ман ба мазмуни матлаби ин ҷумлаҳо эроде надорам. Аммо тарзи баёнро нигаред. Дар ин порча ба ғалатҳои аломати китобат савол naниҳодаам, кулли ин саволҳо ишорае ба хатоҳои услубӣ, грамматикӣ, мантиқӣ,

нишонае аз фикри хому сухани нотарошида аст. Дуруст аст, ки баъзе адибон ба ҳусни калом ва рабти сухан зиёда эътибор намекунанду бештар аз паи маънӣ мешаванд.

Аммо ҳар адибе, ки ба ин минвол мақола иншо мекунад, мебоист, ки аз рӯи инсоф чунин даъворо ба худ раво намедид: "...имрӯз аксарият дар забон дасти қавӣ, мантиқи устувор надоранд".

Маро аз ӯ пурсише дар нӯги забон аст: магар ҳикояву повест ва романи ӯ бо сабки дигар, дониш ва завқи дигаргуне иншо ёфтаанд?

Даъвоҳои ӯ ба шахси адибе чун Сорбон ҳеҷ намезебад. Ба ин ҷумлаҳои ӯ боре мулоҳаза фармоед:

"Бурду бохт, барору нобарории нависандаро беҳтар аз худаш касе намедонад".

"Гилаи ман аз танқиди адабист, ки дар бораи насри "андеша" навишта, беандешагӣ зоҳир мекунем". (Номувофиқатии мубтадо ва хабар саҳви ин банда не Б.Ф.)

"Агар чунин марди поктинат қувваи мубориза медошт, аз корзор барнамегашт!" (Қаҳрамони асари худ — Шайдоро дар назар дорад Б.Ф.)

"Агар навиштан ҳаққи қалам надошт, аз сад нафар узви Иттифоқи нависандагон ду ё се нафар менавишт ва шояд хубтар менавишт".

"Боре Отахон Латифӣ занг зада гуфт, ки "Актёр" аз асарҳои дигарат панҷ зина боло меистад ва баъди ин ман нигарон шудам, ки мунаққидон ақаллан як зинаи онро мебинанд..."

Роҷеъ ба андешаҳои ӯ аз боби эҷоди Саттор Турсун ҳамин қадар гуфтан мехоҳам, ки Сорбон даъвии худро бо санади қотеъ собит накардаст. Суханони тунду заҳрогини ӯро ҳанӯз далелҳои пеш овардааш боварибахш тақвият намекунанд. Ривоятҳое, ки Сорбон онҳоро монанд кардааст, бештар тақлид ва пайравиро мемонанд. Балки он осорро дақиқтар муқоиса кардан лозим аст. Ба ғайр аз ин, ин чунин наздикӣ дар ривоятҳои лафзии мардумони ҳамсоязамин дар назар мерасад. Барои ба дуздӣ мут-

таҳам кардани як тан адиб санадҳои қавитар лозиманд.

Панҷ ангушт баробар не, ҳар кас ба қадри фаҳмишу идрок ва қобилияти худ, ба андозаи сарвати ҷаҳони ботинаш эҷод мекунад. Истеъдоди каси дигарро на костан метавон на куштан, аммо қобилияти андакро аз бесомонӣ каме ба низом овардан мумкин аст. Вале дар ин майдон муросою мадоро оқибат бар зарари адабиёт ва адибон анҷом меёбад.

Баҳори ҳамин сол бо ташаббуси Комитети Марказии комсомоли республика ман дар яке аз боғоти мусаффои дараи Варзоб бо ҷавонони навхона мулоқӣ будам. Зимни сӯҳбат гилагузорӣ кардам, ки духтарону ҷавонон кам китоб мехонанд. Дар ҷавоби ман арӯсаки хушлаҳҷае бархосту гуфт, ки китобҳои адибони мо шавқовар нестанд, чунон дилгир мекунанд, ки чор саҳифа нахонда, хоби кас меояд. Чӣ гӯям, ки вай ҳақиқати ҳолро мегуфт. Ба ҳар навишта ва гуфтори худ ҷалби диққат кори саҳл не, мардуми имрӯзро фақат бар асари сухани зарурӣ, каломи саршор аз хирад ва ҳикмати рӯзгорон метавон ҷалби эътибор кард. Намехоҳам такмизроб задан, вале ҳарфи дилгир ва рӯҳфарсо бештарин ҳангом аз суханони пучу бемағз бармеояд.

Намедонам, нашриёти тозаасоси мо "Адиб" минбаъд садди ин селоби харобкор гаштан метавонад ё не. Дар ин бобат кӯмаки мунаққидон зарурати айнулвақт аст. Гурӯҳе хотирҷамъанд аз он ки адабиёт чун уқёнус худро аз ҳар олоише пок месозад. Дар воқеъ, адабиёт кулли осори камарзишро бо гузашти айём таҳлил хоҳад кард, аммо мо имрӯз ба касофати он навиштаҳо хонандаро аз адабиёт дилгир мекунем, аз ғизои ақлу шуур бебаҳра мегузорем. Агар имрӯз аз ин хусус наандешем, фардо дер мешавад: хонандаи моро кино ва осори хеле пухтаи адабиёти рус ва дигар миллатҳои олам ба худ мекашанду ӯ дигар моро аз назари эътибори худ дур месозад. Театри моро ба ҳамин минвол куштанд. Биёед, ки адабиёти тоҷикро мо ба куштан надиҳем! ***1987***

# ДАРДИ НОХУШ…

Ҷавобҳои адибон ба саволномаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ” асосан, хеле бамаънӣ буд ва ба як навъ мубодилаи афкор ва баҳс ҳам табдил ёфт. Баҳс оинаи ҳақиқат аст, бебаҳс ҳақиқат падидор намеояд.

Ҳоло дар ин маҳфил низ бисёр суханони бамаънӣ гуфта шуданд. Доири забони фасеҳи тоҷикӣ фикрҳои муҳаққиқон Р.Ғаффоров, Б.Камолиддинов, Ардашер Каримов, Ҳалимов ҷолиби таваҷҷӯҳ буд. Вақт аст, ки аз ин боб олимону адибон изҳори андеша кунанду ҷавонони навқаламро ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд.

Аз ин гуфторҳо пайдост, ки баъзан адибон аз мунаққидон меранҷанд, гӯё онҳо бо баҳои худ қимати асари дар асл хубу аълои ононро хароб карда бошанд… Ба фикрам, боист, ки адиб ҳатталимкон ба баҳои муҳаққиқ бо назари ибрат нигарад, то метавон аз ӯ сабақе гирад, ғалатеро ислоҳ кунад. Аз он чи нописанд ва номатлуб аст, сарфи назар намояд. Аммо адибони мо аз муҳаққиқон бештар таърифу тавсиф чашмдор буданашон аз навиштаҳо ва гуфтаҳои онон равшан гашт.

Адиби шодравон Ҷумъа Одина дар зиндагӣ на таърифу тавсиф шуниду на унвону ҷоизаҳоро сазовор гашт. Аммо ман аминам, баъди сад сол ҳам, авлодони мо агар аз насри имрӯз чор-панҷ китоберо хонанд, якеи он китоби ӯ хоҳад буд. Аммо умри китобҳои баъзе аз ҷоизадорони мо гумон аст, ки аз ҳаёти муаллифи худ дарозтар бошад.

Ҳар он чи ман дар мақолаам навишта будам, аз тақозои инсоф ва нидои виҷдон буд. Аз ҳозирон, ҳаводорони адабиёт, хеле шукргузорам, ки аз нияти ман пай бурдаанд.

Дар ин ҷо рафиқон Абдулҳамид Самадов ва Сорбон ба мақолаи ман эродгирӣ доштанд, ки ба баъзе ҷавоб нагуфтан наметавонам.

Аз ҷумла, Самадов гуфт, ки ман ҳар сол аз ҳар адиб як ҳикоя мехондааму бас ва бо чунин мутолиа ба баҳс омехтанам хатост ё ба ҳамин маънӣ.

Аввало, бояд гӯям, ки ӯ қасдан ё ғофилан суханони маро таҳриф карда аст. Дар ҷавоби ман чунин омадааст: "Тартиби мутолиаи ман чунин аст, ки ҳар сол аз ҳар адиби пурмаҳсул ҳикояте чанд мехонам. Повесту романҳоро бист-сӣ саҳифа мехонам, агар дилгир мекунад, худро ба мутолиа маҷбур намекунам". (Нигаред: "Садои Шарқ", №1 1988, саҳ.119) Вақте дар олами адабиёт ҳар моҳ чандин асари олӣ дастраси мо мешавад, кӣ вақти азизро ба мутолиаи афкори заифбунёд ва баъзан пучу беҳудаи адибтарошон харҷ мекунад?!

Муҳаррирон ва муҳаққиқон аз рӯи вазифа ба ночор мехонанд. Ман ҳам бо супориши нашриёт ҳар сол даҳҳо китобҳоро мехонам, тақриз мекунам, ба нашр ҳозир месозам.

Баъдан, ногуфта набошад, ки ман дар он мақола таҳлил ва ё обзори насри имрӯзро ба зимма нагирифтаам, балки аз рӯи ошноиам фикре чанд баён кардаму бас ва он ҳам роҷеъ ба саволҳои маҷалла.

Эроди дигари Самадов ба ин ҷумлаи ман оид буд: "Дар ҳар ҳолат, имрӯз ба устоди мӯътабар Муҳаммадҷон Шукуров хӯрдагирии Сорбон баробари ба рӯи осмон туф кардан аст..." Гӯё аз ман ба Шукуров дар ин ҷумла таманлуқ зоҳир гашта бошад, муаллимро ба осмон баробар кардаам!.. Дар идораи маҷалла бахши охири ҷумлаи маро, ки Самадов далел гирифтааст, ихтисор кардаанд, ки чунин буд: — "...ки ба рӯи худи ӯ бозмеафтад". Мақоли "Агар ба осмон туф кунӣ, ба рӯи худат меафтад", чунин маънӣ дорад, ки ба шахси озода ва бегуноҳе агар тӯҳмат бандӣ, худро бадном хоҳӣ кард. Хайрияти кор, устод Шукуров мансабдоре нестанд, ки маро аз эшон

тамаъе бошад. Сафедро сафед гуфтан агар гуноҳ бошад, ин аломати билкул хароб гаштани маънавиёти мост.

Ман бо ҳарфи ҳамқаламон ангушт намемонам аз каломи онон нуқс ҷустанро ҳаргиз кори ба худ муносиб намедонам. Фақат он гоҳе ки адиб ҳадди худро намешиносад, садои эътироз мебарорам, ки аз ин боист, ки дӯстон наранҷанд. Вагарна ҳар худписанде санги ман сад ман гӯён ҳарзаталошиҳо хоҳад кард.

Ҳама огоҳӣ доранд, ки дар адабиёти мо савдогарони хуфиякор ҳам, даллолони беинсоф ҳам кам нестанд. Бо чи ҳилаву тазвирҳо ҷоизаҳо мегиранд, бо чи усул китобҳои камарзиши худро дар Маскав интишор мекунанд, ҳама медонед.

Умуман, сафрои сӯхтаи худро ба рӯи ҳамқаламон пошидан аз ақлу тадбир нест. Боист, ки ҷавонмардона бо далелҳо нуқсони якдигариро гӯем.

Сорбон мунаққиди ҷавон ва хеле умедбахш Маъруф Раҷабовро "ба ном мунаққид" гӯён таҳқир кардан хост. Агар Маъруф дар ин маҳфил ҳозир мебуд, метавонист моҷаро кунад ё носазо гӯяд. Ин аллакай гуфтугузори адабӣ нахоҳад буд.

Ба фикрам, агар Сорбон ба эродҳо розӣ набошад, мебоист, ки бо санаду далел онҳоро рад мекард. Дар назар чунин меояд, ки вай ҳанӯз ҳам вазъи кори худро ба дурустӣ идрок накардааст ва ба гумонам идрок кардан ҳам намехоҳад. Ӯ гумон мебарад, ки мо ба ӯ хусумате дорем, аз ин сабаб нуқсони ӯро мегӯем. Ин дарди нохушест, ки дар ин синн илоҷ кардани он хеле мушкил аст.

***1988***

## ШУҶОАТИ АДАБӢ

(Ҷавоб ба саволҳои мухбири радиои Тоҷикистон Нуралӣ Сафар)

**Савол**: Нахустсаволи ҳар як китобхон ба шумо, Баҳром-ако, — чи гуна ба арсаи адабиёт омадед?

**Ҷавоб**: Сараввал, дар овони донишҷӯиам шеър мегуфтам. Боре як-ду шеърамро ба устоди шодравон Раҳим Ҷалил бурдам ва пурсидам, ки ҳунаре дорам ё не. Устод гуфтанд, ки "ту шоири тайёрӣ, дар куҷо бедарак мегардӣ?" Сонитар устод Боқӣ Раҳимзода низ ин маъниро гӯшзад карданду ман домани ин шуғлро сахт гирифтам. Ба фикрам, адабиётро шуғли худ интихоб кардани мо хатост, боист, ки адабиёт моро ба шогирдӣ интихоб намояд.

Сарфарозам, аз он, ки китоби нахустини шеърам бо тавсияи устоди шодравон Мирзо Турсунзода ба нашр рафт.

**Савол**: Сипас, чигуна ба насрнависӣ гузаштед?

**Ҷавоб**: Баъдтар, ҳамчун узви Иттиҳодияи адибони СССР бо удабо ва уламои кишварҳои дуру наздик ошноӣ доштам ва дар мусофиратҳо будам ва пай бурдам, ки дар таълими мо — адибони тоҷик як нуқси азиме гузашта — адабиёти ҷаҳон ва хоса адабиёти Аврупоро наомӯхтаем. Ман ба ислоҳи ин нуқсон шурӯъ кардам ва аз осори мансури адибони олам ончунон таъсир бардоштам, ки дар назарам шеъргӯӣ дар нисбати наср шуғли саҳле намуд... Ҳикояи нахустинамро Фазлиддин Муҳаммадиев дар мусаввада хонда маро ба тариқи зайл табрик гуфтанд:

— Хеле хурсандам, ки як нафар шоирро ба арсаи наср кашида гирифтем...

Баъди нашри он ҳикоя дар маҷаллаи "Садои Шарқ" устодон Мирсаид Миршакар ва Мирзо Турсунзода ба як овоз гуфтандам:

— Баҳром, ҳикояатро хондем. Нағз. Шеърат хуб аст,

аммо насрат хубтар омад, домани ин шуғлро сахт бигир...

Агарчӣ шеърҳои китоби нахустини ман “Розҳои маҳтобшаб”-ро баъзе аз хонандагон саросар аз бар медонистанд, ман ба сари дӯкони наср нишастам.

Савол: Имрӯз ҳам шеър мегӯед?

Ҷавоб: Хеле кам. Фақат дар зарурат. Баъзан тарҷума мекунам. Шеъру достонҳои шоири шаҳири рус Михаил Лермонтовро тарҷума кардам.

Савол: Баҳром ака, бигӯед, ки “То соли дигар...” ҳикояи нахустини Шумо бошад ҳам, чаро ба қарибӣ рӯи чопро дид? Яъне, қариб баъди бист сол?

Ҷавоб: Адибон нахустин машқи қалам ва аввалин санҷиши ҳунари худро, асосан, ба нашр намесупоранд. Хоҳу нохоҳ қадами аввал — лӯкка аст ва асари нахустин бенуқсон ва комил нахоҳад буд. Ман яке аз нахустин ҳикояи худ “То соли дигар...”-ро соли гузашта дигарбора тасҳеҳу такмил карда сипас ба нашр расонидам.

Савол: Фикри Шумо чист — Тоҷикистони мо республикаи мутамаддин аст ё не?

Ҷавоб: Дар дунё ҷаҳониён фақат он мамлакатҳоеро мутамаддин меҳисобанд, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ, сохти сиёсӣ ва маданӣ мақоми баланд доранд. Мардуми тоҷик дар Иттифоқ аз ҳама камтар китоб мехонад (Дар республикаҳои Балтика соле агар ҳар як фард 10-12 китоб харад, дар мо -1!). Ба ғайр аз ин, мардуми диёри мутамаддин ҳамеша бо телевизион ва матбуоти хориҷӣ ошноӣ доранд; озодии сухан... яъне мардумаш фикри худро озод гуфтан тавонад, ҳуқуқи ҳар навъ маълумот ва ахбор ва матлаби ба худаш мақбулро лафзан, хаттӣ, дар шакли бадеъ интишор кардан тавонад; ҳуқуқи онро сарфи назар аз мансаби тааррузкунанда суд муҳофиза карда тавонад...

Вақт аст, ки мамлакати мо низ барои дар сафи мамлакатҳои мутамаддин ҷо гирифтан кӯшише ба кор барад.

**Савол**: Шумо ҳамчун нависанда мавқеи худро дар

ҷамъият чи гуна тасаввур мекунед?

Ҷавоб: Ба фикри ман, мавқеи нависанда дар рӯ ба рӯи ҳодисоти ҷамъият бояд, ки ягона бошад — ин ҳам гуфтани ҳақиқат. Ҳунар, донишу фарҳанг — ҳамаро барои ниятҳои қабеҳ ва фиребу нобакорӣ истифода кардан мумкин аст, вале ҳақиқатро не! Ҳақиқат ҳаргиз монеи некиву накӯкорӣ нахоҳад гашт.

Барои солимии ҷамъият на ранги Сурх ва на ранги Сиёҳ, балки ҳақиқат даркор асту бас.

**Савол**: Мегӯянд, ки повестҳои “Рухсора” ва “Тору пуд”-ро Шумо дар асоси саргузашти худ навиштаед, ин дуруст аст?

**Ҷавоб**: Навиштаҳои на ҳар адиб бунёди воқеӣ ва саргузаштӣ доранд. На ҳар кас метавонад бигӯяд, ки ман ин воқеаҳоро аз сар гузарондаам, талхиву ширинии онҳоро чашидаам. Бале, ман он муҳаббатеро, ки дар қиссаи “Рухсора” тасвир кардаам, худ аз сар гузарондаам, бо нобакороне, ки дар “Тору пуд” мебинед, айнан чунин сару кор доштам. Бешак, худи воқеаи рӯзгор бидуни обуранги тахайюли адиб, сарчину ташкили банизом асари бадеъ нахоҳад шуд.

**Савол:** Шумо асарҳоятонро баҳри кадом мақсади бузург менависед?

**Ҷавоб**: Менависам, то ба мардум чигуна ҳалол зистанро ва нафрату дӯстдориро биомӯзам. Масъалаи муҳимтарини рӯзгор ва адабиёт низ ҳамин аст. Ва боз ба худ ҳамсӯҳбате меҷӯям, то фикри ман чун ақидаи худи ӯ дар ӯ акси садо кунад. Хулоса, инсонро аз ҳалокати ахлоқӣ ва маънавӣ наҷот додан мехоҳам.

**Савол**: Ҳикояи “Номаи пеш аз шаби арӯсӣ” ҳам аз саргузашти худи шумост?

**Ҷавоб**: Дар ин қисса бахше агар аз саргузашти ман бошад, ҷузъе аз дигарон аст. Гап дар сари ин нест. Баъди нашри ин ҳикоя баъзе ба ман хӯрдагирӣ карданд, ки аз воқеияти рӯзгор дур рафтаам... Адиб, дар асари худ

ҷаҳоне месозад, ки баъзан аз ҷаҳони воқеъ рангинтар аст. Ин ҷаҳони адиб ба хонаи наве монанд аст, ки хонанда ба он ворид мегардаду сипас дар он зистан оғоз мекунад.

Савол:Доир ба мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ чӣ мегӯед?

Ҷавоб: Мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ воқеаи хеле хуш аст, агарчӣ муддатҳо ин мақом фақат дар коғаз хоҳад буд. Моддаҳои мурда дар қонунҳои мо бисёранд. Бояд, ки мардум, зиёиён, амалан ба забони мо мақоми онро бидиҳанд. 40-50 соли охир забони мо сахт осеб дид. Конфусийро пурсидаанд: “Агар ӯ ҳукмдори кишвар мебуд, корро аз чӣ оғоз мекард?” Гуфтааст: “Аз ислоҳи забон”. Ҷавоби хирадмандонаест. Вақте, ки ҷамъият рӯ ба таназзул меоварад, забони он ҳам ба харобӣ дучор мешавад. Суханро барои пинҳон доштани матлаби асосӣ, барои фиреб ба кор мебаранд, то ки мардумро аз асли воқеа бехабар созанд. Он гоҳ духтараконе 12-14 сола таронакунон дар пахтазори тафсон 14-15 соат кор мекунанд, дар хирмане оташ афтаду касе ҳалок гардад, ӯро қаҳрамони даврон эълон мекунанд ва ғайра... Ҳеҷ фикр намекунанд, ки ҳаёти як навҷавон аз даҳҳо ва садҳо тонна гандум қиматтар аст.

**Савол**: Шумо баъзан ба танқиди адабӣ ҳам даст мезанед, мо мақолаҳои тунду тези шуморо хондаем. Доир ба танқиди адабӣ фикратонро мегуфтед.

**Ҷавоб**: Ҳамин қадар донистам, ки дар муҳити адабии мо танқид фоида надорад. Барои танқиди солим, ҷамъияти солим, муҳити адабии солим даркор аст. Масалан, агар ман нуқсони асареро гӯям, муаллифи он ба худсафедкунӣ ва зиёда аз он, ба бағӯии ман оғоз менамояду, рафиқон ва ҳамдиёронаш хомтарин асари ӯро ҳам таърифу тавсиф мекунанд! Хонанда саргаранг мешавад, содалавҳон ва китобхонони бетаҷриба фиреб мехуранд. Аз ин сабаб ба таърифу тавсифҳо ҳам, ба танқид ҳам бепарво ва хунсард бошед, ҳар як асарро худатон хонда

баҳо диҳед. Айёми охир баъзе мунаққидон монанди оҳангсозон ва ҳофизон ба ташвиқи осори ҳамдиёрони худ пардохтанд. Инҳо касони дар илми адабиёт бемасъулият, саҳеҳтар аст агар бигӯем, савдогарони адабиётанд. Аҳли маънӣ ба ҳукми онон ҳеҷ эътимод надоранд. Яке аз дӯстони маънирас чунин як мақолаеро хонда мегуфт:

Эй магас, арсаи симурғ на ҷавлогаҳи туст,

Ирзи худ мебарию заҳмати мо медорӣ.

Роҷеъ ба баҳои муҳаққиқон ба асрҳои худ ҳамин қадар мегӯям, ки онон ҳанӯз аз навиштаҳои ман бахши хеле камашро хондаанд. Ононе, ки вассофи ҳамдиёрони худанд аз ин саф истисно, се-чор тан мунаққидони умедбахш низ бо наср ҷиддан сару кор надоранд. Ин ҳамаро бояд адибон дар пленуми минбаъда таҳлил кунанд.

**Савол**: Аз Шумо як пурсише, ки дар нӯги забони ҳар як китобхони тоҷик аст: мегӯянд, ки қариб ҳар як қиссаи Шуморо ба душвориҳо ва муқовиматҳои зиёд ба нашр мерасонанд, сабаб чӣ бошад?

**Ҷавоб**: Бале, ҳар як асари нави ман ба муқобилияти сахти баъзе адибон ва раҳбарони маҷаллаҳо дучор омад, вале дар миён сабаби ҷиддие нест — ба гумонам, дар он асарҳо ошкоро ҳеҷ фикри харобиовари бунёди давлатдории мо ё ғояи ошӯбангез ва ё исёнкорона набуд. Чунон ки дар романи тӯҳматзадаи адиби марҳум Ҷумъа Одина.

Бигирем, қиссаи нахустини ман — “Рухсора”-ро: достони ишқу ошиқиест дар пиромуни воқеаҳои давр — хурӯҷи бюрократия, поймоли ҳуқуқҳои оддии башарӣ, харобии маънавӣ ва иқтисодии кишвари мо дар ибтидои солҳои шастум...

Аз аъзои ҳайати таҳририяи маҷаллаи “Садои Шарқ” дар он айём устод Муҳаммадҷон Шукуров ва нависандаи маъруф Абдумалик Баҳорӣ ба нашри қисса тақозо кунанд ҳам, ашхоси бар сари кор буда ду-се сол нашри онро монеъ гаштанд. Ниқорталабон, кинаварони ҳеҷу пуч.

Ҳанӯз ҳам баъзе аз вазифадорони мо идораи давлатиро мулки меросии худ мешуморанд ва ба василаи он саркашон ва итоатнопазиронро таъзир додан мехоҳанд. Қиссаи “Тору пуд” ҳам ба чунин монеъа гирифтор гашт, вале ба шарофати дастгирии шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев ба нашр расид.

“Агар вай мард мебуд...” се соли тамом дар дасти раҳбарони Иттифоқи нависандагон ва маҷаллаи “Садои Шарқ” “саргардонӣ” кашид ва оқибатуламр баъди мутолиа дар КМ ПК Тоҷикистон — аз ҷониби собиқ мудири шӯъбаи маданият Нур Табаров ва котиби аввал мӯҳтарам Қаҳҳор Маҳкамов ба нашр расид.

Чи илоҷ, қисмати мо — адибони тоҷик чунин аст магар ё аз камфаъолиятии худи мо — ҳанӯз ҳам баъзе ашхоси савдогархӯй, иззаталаб ва майхора ба сари кор меоянду гап-гапи ман мегӯянд ва кам касон ҷасорат доранд, ки ба онон муқовимат кунанд.

**Саволи дигар аз шумо**: Чунон ки гуфтед, шумо хеле осори бадеъро аз адабиёти мардуми ҷаҳон ба тоҷикӣ гардондаед. Тарҷумаи қиссаи машҳури Александр Грин — “Бодбонҳои гулгун” нодиракорие дар санъати тарҷума аст. Таъсири ин шоҳкорро дар осори минбаъдаи худ эҳсос мекунед ё не?

**Ҷавоб**: Романтизми шевои ин қиссаи мӯъҷизавӣ ба эҷоди минбаъдаи ман беасар нест. Ҳам дар қиссаи “Ситораи думдор”, ҳам дар “Номаи пеш аз шаби арӯсӣ” таъсири оҳанги латифи онро эҳсос мекунам. Умуман, ман мехоҳам, ки хаёлоти адиб бояд, ки ҳамеша аз воқеияти рӯзгор болотар парвоз гирад. Санади зиндагӣ, воқеа фақат ба тавассути обуранги хаёл асари бадеъ хоҳад шуд.

**Савол**: Бигӯед, ки Шумо ҳафт повест, беш аз шаст ҳикоя навиштед, аммо роман нанавиштед, сабаб чист?

**Ҷавоб**: Дар адабиёти Аврупо “повест” нест, “роман” ҳаст ва “новелла” яъне ҳикоя. Миёни роману повест асо-

сан садде нест. Китобхони имрӯз барои мутолиаи романҳои ғафс фурсат надорад, кинову телевизион диққати ӯро ба худ мекашад. Бинобар он, ин замон ҳаддалимкон мухтасар ва шавқовар бояд навишт. Ман бештар ҳикоятнависам, агарчи танқиди адабии мо ҳанӯз инро муқаррар накардааст. Дар адабиёти тоҷик, ба гумонам, ҳеҷ адибе дигар ба андозаи ман ҳикоят нанавиштааст. Ҳоҷати пинҳон доштанам нест, ҳоло асаре, ки дар сари он машғулам, роман хоҳад буд.

**Савол**: Ҳикояти Шумо — “Ҳақиқати талх” чи гуна дар Япония интишор ёфт?

**Ҷавоб**: Беҳтарин ҳикоёти адибони советиро аз ҳаёти наврасон мураттаб сохтаанд ва ин ҳикояти ман, ки ба забони англисӣ тарҷума гашта ду бор ба нашр расида буд, диққати онҳоро кашидаст.

**Савол**: Шумо ҳамчун тарҷумони филмҳои бадеъ дар кори кино низ ширкат доред. Бигӯед, ки чаро киностудияи мо филми комилан миллии қимати бадеиаш баландро ба навор гирифта наметавонад?

**Ҷавоб**: Асоси кинову театр адабиёт аст. Қонуну қоидаи кулли ҳунарҳои бадеъ ба ҳам қаробате доранд. Бемуваффақиятии филмҳои моро сабаби асосӣ аз ҳаёт ва адабиёти тоҷик дур афтодани муаллифони намоишномаҳо ва режиссеру коргардонҳост. Аввало ин касон бояд эҷодкорони соҳибмаърифат ва ҳақиқии миллӣ бошанд на ашхоси раҳомад. Аксари кулли ходимони кинои мо на китоби тоҷикӣ мехонанду на “Адабиёт ва санъат” ва “Садои Шарқ”-ро мутолиа мекунанд. Бо чунин маърифат бо ҳамдастии Маскаву Порис ҳам ҳеҷ асари шоиста офаридан натавон.

**Савол**: Баъди он ки ҳикояи “Бобо” — ба чехӣ нашр шуд, телевизиони Братислава онро дар шакли саҳнавӣ намоиш дод. Намоишномаи онро худатон навиштед?

**Ҷавоб**: На, худи онҳо ин амалро ба субут расонданд.

**Савол**: Дар дӯконҳои китобфурушии шаҳрамон аз

баъзе адибон се-чор номгӯи китоб солҳо бехаридор монда бошанд ҳам, боз нашриёти "Адиб" китоби онҳоро гаштаю баргашта нашр мекунад. Ҳатто китобҳои баъзе адибонро арзон кардаанд. Шумо ҳамчун мудири редаксияи адабиёти муосири тоҷик дар нашриёти "Адиб" ба ин ҳол чи гуна менигаред?

**Ҷавоб**: Дарвоқеъ, чи қадар маблағ, коғаз, ранҷу заҳмат беҳуда дар мағозаҳо буда, оқибат ба макулатура мераванд... Ин ҳолро мо кормандони нашриёт ҳоло дар назари эътибор гирифтаем. Баъди сабаби беривоҷии бозор ва касодии китоби баъзе адибонро таҳлил ва таҳқиқ кардан ман чунин натиҷа гирифтам: баъзе адибон дараҷаи ҳунар ва нуфузи ҳаводорони худро ба ҳисоб нагирифта осори худро паёпай ба нашр расондаанд, бо ҳар усул теъдоди нашри онро афзудаанд. Ҳоло нашриёти "Адиб" ба худтаъминӣ шурӯъ карда ва қарор кардаем, агар китоби адибе дар дӯконҳо ба касодӣ афтодааст, то ба фурӯш рафтани он асари нави ӯро ба нақша нагирем. Ба ғайр аз ин нашри такрор ба такрори баъзе аз осори инчунин адибонро низ камтар мекунем... Минбаъд адади нашри ҳар як асарро бояд бозори он муайян кунад, на ошноюю рӯшно ва ҳомиёни соҳибмансаб.

**Савол**: Китобдӯстон ҳамеша дар ҷустуҷӯи китобҳои Шумоанд. Махсусан, "Тору Пуд" ва "Агар вай мард мебуд..."-ро дастрас кардан мушкил аст. Сабаби ин ҳолро чи гуна шарҳ медиҳед?

**Ҷавоб**: Ман чи гӯям... Ба фикрам, китоби худро ман беш аз дигарон ташфиқу тарғиб намекунам, дӯстону ҳамдиёронам ҳам ба ин кор даст назадаанд, мунаққидон ҳам... Аслан чунон ки Шайх Саъдӣ фармудаанд: "Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на ин, ки аттор бигӯяд". Хонандаи имрӯзро бо валвалаи пуч фирефтан мушкил аст, ҳар як асарро худаш хонда интихоб мекунад.

**Савол**: Китоби наватон кай дастраси хонандагон хоҳад шуд?

**Ҷавоб**: Дар рӯзҳои наздик “Номаи пеш аз арӯсӣ” дастраси китобхонон хоҳад шуд, ки он як повесту беш аз панҷоҳ ҳикояти маро фароҳам кардааст.

**Савол**: Бигӯед, ки ба адибони навмашқ чи маслиҳат медиҳед?

**Ҷавоб**: Аввало, ба арсаи адабиёт бо маърифати баланд бояд омад. Мардум китоби адиби донишманд ва некӯхисолро мехонанд. Аз кулли осори адабии ҷаҳониён дар овони ҷавонӣ баҳрабардорӣ калиди комёбист. Сипас лаҳзае фаромӯш набояд кард, ки вазифаи адиб дар ҳама ҳол ҳақиқатро гуфтан ва адлро ҷонибдорӣ кардан аст. Адибе, ки дурӯғ мегӯяду ба даҷо дасту дил олуд, истеъдоди худро мекушад.

**Савол**: Дар навиштаҳои нависандагони ҷавон бештар чи нуқсоне дар назар мерасад?

**Ҷавоб**: Бештар... Ва асосан, як нуқсони хеле мӯҳлиқ ба назар мехурад: воқеаеро баён мекунанду гумон мебаранд, ки он ҳикоя аст. Адабиёт баёни воқеаву ҳодиса не, балки иборат аст аз хислати одатӣ. Хислати равшан худ адабиёт аст.

**Савол**: Дар ҳаёт чи чиз ба Шумо хуш меояд ва аз чӣ танаффур мекунед?

**Ҷавоб**: Агар дар миқёси ҷомеа бигирем, аз ростиву дурусткорӣ, аз зебоии табиӣ хушам меояд...

Андӯҳам аз он аст, ки мардуми тоҷик ҳанӯз кам китоб мехонад ва дар сафи миллатҳои мутамаддин қарор нагирифтааст, — ба маҳалгироӣ печидааст. Андӯҳам аз он аст, ки ҳанӯз ҳам ҳуқуқи инсон ва демократияро риоя намекунем; ғами деҳқони тоҷикро мехӯрам, ки мувофиқи ранҷу заҳматаш музд намегирад, имкони иморат кардану инсонвор зиндагӣ карданро надорад...

**Мухбир**: Баҳром-ака, аз сӯҳбати Шумо хеле мамнунам. Ташаккур. Мухлисонатон китобҳои нав ба нави Шуморо интизоранд. Ба Шумо сиҳатӣ ва барори эҷодӣ орзумандам.

***1989***

# “ҶУМЪАЮ ОДИНА ДАР МАЪНӢ ЯК АСТ...”

Пеш аз ин ман боре роҷеъ ба осори адиби шодравон Ҷумъаи Одина ба муносибате дар омади сухан навишта будам: “...Адиби шодравон Ҷумъаи Одина дар зиндагӣ на таърифу тавсиф шуниду на ба унвоневу ҷоизае сазовор гашт. Аммо ман аминам, баъди сад сол ҳам, агар авлоди мо аз осори адибони имрӯз шаш-ҳафт китоберо мутолиа кунанд, яке аз он китобҳо осори ӯ хоҳад буд...” Баъди он ки ин суханон дар моҳномаи “Садои Шарқ” интишор ёфтанд, ба ҳар ҷое мерафтам, аз боби рӯзгор ва осори ин адиби ситорасӯхта гуфгугузор ба миён меомад. Бешак аз ваҷҳи пешгӯии ин бандафақир ақидаҳо мухталиф буданд. Рӯи суханам ба ҷониби дигар аст, таърих ҳукми худро бидуни доварии ину он хоҳад баровард ва ин ҳақиқатро ман ҳамеша дар мадди назар дорам.

Ғалат ин аст, ки аксари кулли зиёиёни мо ҳанӯз ҳам ба осори адибон аз рӯи валвалаи бозориёни адабиёт — ҷӯраю ҳамдиёрони адиб, ашхоси мансабдор ва ё матбуоту радиою телевизион баҳо медиҳанд. Дарвоқеъ, зиёиёни мо хеле кам китоб мехонанд ва аз ин сабаб аст, ки онон қобилияти батааммул китоберо хонда, дар муқоиса бо осори адабии дигарон баҳои онро муқаррар карданро наомӯхтаанд. Аз мардуми зиёитақлид чи ҷои гиламандист, ки ҳанӯз дар миёни адибон ва билхоса муҳаққиқону мунаққидон касоне “говтозӣ” карда гаштаанд, ки ҳадди китобхониву китобшиносиашон аз китобхонони оддӣ хеле пасттар аст.

Зимни чунин гуфтугузорҳо аз рӯзгор ва осори Ҷумъаи Одина як навъ эҳтиёҷи ботинамро пай бурдам ва ба навиштани ин очерк шурӯъ кардам.

Сараввал, дар овони хеле ҷавонӣ беэътибор ба номи адиб бо нақши қалами ӯ ошноӣ ёфта будам. Китобҳои тарҷума кардаи ӯро ба шавқи беҳудуд мехондам,

вале ба номи тарҷумон наменигаристам, ки кист, боре диққатамро ҷалб намекарданд, ки китобро шахсе бо хуни дил аз русӣ ба тоҷикӣ гардондааст. “Писари моҳигир”-и Вилис Ласис ва ё қиссаҳои адиби турк Сабоҳаддин Алиро бо шавқу завқи беҳудуд мутолаа мекардам, вале хеле баъдтар донистам, ки он китобҳо ва бисёр китобҳои дигарро ин адиби пуркору ранҷбар ба тоҷикӣ гардонда будаст.

Бори аввал Ҷумъаи Одина ҳамчун адиб диққати маро бо як ҳикоя буд ё қиссаи хурде ба худ кашид. Ибтидои солҳои шастум буд. Ёд дорам, мани донишҷӯ дар маҷаллаи “Шарқи сурх” он қиссаро хонда, аз хушнудӣ ба дӯстони ҷавони худ гуфта будам:

— Минбаъд насри мо бояд ба ҳамин сабку усул ривоҷ ёбад...

Дар навиштаҳои адиби ҷавони ба ман ноошно пургӯии маъмули насри он айём набуд, характерҳои тоза, таҳлил ва таҳқиқи хеле амиқи рӯйдодҳои рӯзгор дили хонандаро ба худ ҷазб мекард. Тасвири сохтаю бофтаи зиндагии хаёлӣ не, балки дар он навиштаҳои шогирдона вазъи ҳақиқии рӯзгор ва одамони воқеӣ равшан ҷалва мекарданд.

Баъдтар повести “Авроқи рангин”-ро мутолиа кардаму аз ҳайрат лаҳзае ангушт ба дандон газидам. Он ҳаёт ва он ҷавононе, ки адиб тасвир карда буд, тимсоли тира ва сохтаю бофта не, ҳақиқати маҳз буданд. Он ҳақиқатро аксари адибони он давр медонистанд, вале ба ин сон бетакаллуф, фошофош тасвир накарда буданд. Адабиёт ҳанӯз аз банду басти схематизм раҳоӣ наёфта буд.

Баъдтар мани донишҷӯ роҷеъ ба ин қиссаи диловез ҳукми сазоворе нашунида ҳайрон будам. Баръакс, аз минбари маҷлисҳои адибон ба сари муаллифи он таънаю маломат меборид, аз саҳифаи рӯзномаю маҷаллаҳо ҳам суханеро, ки ақидаи маро тасдиқ кунад, нахондам. Монанди аксари осори тозаасос ва ҳаққонӣ дар он айём ид-

роки нуқтаҳои борики қиссаи Ҷумъаи Одина ба хонандагони тоҷик ва муҳаққиқони адабиёт осон набуд. Дар миёни зиёиёни мо муҳаққиқони китобхону нуқтафаҳм дар ҳамон солҳо ҳам каму андар кам буданд. Раҳбарон аз руи одати худ, ба асари ҷавони каснописанд ҳаргиз баҳои баланд додан намехостанд...

Соли 1968 маро ба идораи маҷаллаи "Садои Шарқ" ба кор даъват карданд.

Дар зери боми он иморати якошёна ҳамкорӣ ва дилу водид бо адибони мӯътабари давр, хоса бо Мирзо Турсунзодаю Боқӣ Раҳимзода, Миршакару Шукӯҳӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон барои ман барин адиби ҷавон хушбахтии беамсоле буд.

Аз ҷониби дигар, дар ин солҳо ман дар муҳити адабӣ бори нахуст ба марази маҳалгирой, ки акнун дар шуури зиёиёни мо реша мезад, дучор гаштам, Дарвоқеъ ҳам, то он рӯзгор мо — ҷавонони эҷодкор дар идораи рӯзномаҳо, радиову телевизион кор мекардем, шабнишиниҳо доштем, осори якдигариро хонда изҳори ақида менамудем, аммо эътиборе намекардем, ки ӯ куҷоист.

Боре маро ҷонишини сармуҳарири нашрияе ба кор даъват кард. Баъдтар донистам, ки ӯ ба исрори шадид сармуҳаррирро ба ин амри худ розӣ карда будаст. Миёни ин ду тан номувофиқатӣ ва номуросой будаст, ман намедонистам. Аз ин сабаб сармуҳаррир ба ман ҳамчун ба "одами ҷонишини худ" — рақиби шарираш киноварона менигаристу ҳар замон хӯрдагирию айбҷӯӣ оғоз мекард. Албатта, ба ин ҳол, ҳақгӯӣ, саркашию итоатнопазирӣ барин хислатҳои ман ҳам сабаб буданд.

Агар аз рафиқонаш касе ба шӯъба мақолае биёварад, сармуҳаррир ду-се рӯзе аз миён нагузашта ба исрор талаб мекард, ки онро барои нашр ҳозир кунам. Вале ман ин гуна талаби ӯро рад мекардам, мегуфтам, ки мақолаҳои дигарон, ки аз он беҳтару пухтатаранд, солҳо боз навбати интишори худро мепоянд...

Миёни ману ӯ суханони пасту баланд радду бадал мегашт. Рӯзе дар идора Ҷумъаи Одина бо кадоме аз адибон машғули шоҳмотбозӣ буд. Сармуҳаррир баъди гуфтугузоре чанд бо тантана эълон кард, ки ҳоло дар ҳаққи ман санаде пайдо кардааст ва пагоҳ - фардо- аз ин ваҷҳ маро аз кор хоҳад ронд. Ин даъвиро ман аз забони ӯ чандин бор дар ҳама ҷо — ҳатто дар тӯю азои мардум ҳам шунида одат карда бошам ҳам, ин бор хомӯш, намондам. Акаи Ҷумъа, ки адиби ҳақгӯю ҳақшинос ва ҷавонмарди ҳақиқатшиоре буд, рӯ ба сармуҳарир оварда гуфт:

— Бас кунед-е! Шарм намедоред? Ҳамин ҳам гап шуд!..

Баъди аз хона берун рафтани сармуҳаррири мо ӯ дар даст мӯҳрае аз тахтаи шоҳмот чашм наканда ба ман хитобан афзуд:

— Мегӯяд-дия, лаққӣ, ба дил нагиред, мулло Баҳром... Кӯфтам!..

Сухани дилписанди ӯ ҳангоми шоҳмот ҳамин “кӯфтам!” буд. Агар бозиро аз ҳарифаш мебурд, ҳар касеро дучор кунад, ба шодмонӣ гӯё муждагонӣ мегирифт: “Кӯфтам!” Агар ягон мӯҳраи ҳарифашро задан хоҳад ҳам, бо шавқи беҳудуд “Кӯфтам” мегуфт. Баъзан андешаманд гӯё аз ин густохии худ дар хиҷолат бошад, иброз мекард: “Ҷумъаю Одина дар маънӣ як аст...” Ҳоло ин мисраъи ӯро андешида ба худ иқрор мекунам, ки зоҳиру ботини ин марди наҷиб дар воқеъ якранг буд.

Охири солҳои шастум, ибтидои солҳои ҳафтодум ман он кӯтоҳеро, ки дар таълимам гузашта буд, ҳаддалимкон зудтар ба бартараф кардан шурӯъ карда будам — шабу рӯз насри асри нуздаҳ ва бистуми Аврупоро мутолиа доштам. Бо маслиҳати акаи Ҷумъабой осори ҳар як адибро батафсил мутолаа мекардам. Балзак, Диккенс, Тургенев, Достоевский... Дар ин ҷода акаи Ҷумъабой яке аз раҳнамоёни ман буданд. Ӯ аз осори адабии ҷаҳон хеле хуб хабардор буд ва мо дар сари баъзе аз китобҳо соатҳои дароз муҳокимаронӣ доштем. Акаи Ҷумъа, ки

таҷрибаи тарҷумонӣ доштанд, басо нуктаҳои борики он осорро ба ман мекушоданд...

Азбаски наср бештар ба ниёзҳои ботини инсонҳо ҷавоб медод ва дар адабиёти мардуми ҷаҳон рукни асосӣ буд, пайваста маро ба худ мекашид. Чанд ҳикоя навишта интишор намудам, устодон ва дӯстон ба навиштан ташвиқ карданд. Қиссаи “Рухсора”-ро навиштам. Дар нашрияҳои адабӣ вазъият тавре буд, ки агар аз раҳбарони Иттифоқи нависандагон ва ё дар шахси сармуҳаррир ё котиби масъул ҳомие надоред, нашри қиссаю достон бар ин осори калонҳаҷм хеле ба сахтӣ даст медод. Азбаски ман дар кашокаши аксари ин тоифа бетараф, ба сари худ ва дар роҳи худ мустақим будам, рӯзе аз рӯзҳо чи шуду ҳар ду сардори пурихтилофи мо муваққатан созиш карданд ва баробар ба ман дарафтоданд. Умри азизро бо машмашаи он ду гузарондан аз ақлу тадбир набуд, бинобар он, ба норозигии устод Турсунзода нигоҳ накарда ман аз кор рафтам.

Сармуҳарриру ҷонишини ӯ густохии маро фаромӯш накарда буданд, бинобар он, ба эътирози баъзе аз аъзои ҳайати таҳририя гӯш надода қиссаи “Рухсора”-ро рад карданд. Айёми рукуд ба сарварон имкон ва майдони фарох дода буд. Ёд дорам, дар ҳамон айём мунаққид Муҳаммадҷон Шукуров хитобан ба раҳбарони маҷалла гуфта буданд: “Ба адибони ҷавон чунин муомала хуб нест. Повестро чоп кардан лозим...” Аммо чумча ба дасти бибикалон буд. Арзу додхоҳии ман ҳеҷ суд накард.

Бо маслиҳати акаи Ҷумъа ва дилбардории ӯ ман қиссаро дар ҷузъбанде баста партофтаму ба навиштани қиссаву ҳикоёти нав шурӯъ кардам.

Аз миён соле гузашт ё бештар, рӯзе дар як маҷлиси Президиуми ИН ҳузур доштам. Адибе ба навиштаҳои котиби масъули маҷалла эродгирӣ карду калимаи “зинсавор”-ро хато ва нодуруст гуфт. Ман аз рӯи одатам хомӯш нишастан натавонистаму гуфтам:

— Фирдавсӣ гуфтааст: “Чунин аст расми саройи дурушт, Гаҳе зинсавору гаҳе зинбапушт...”

Ман ин суханро на барои он бигуфтам, ки котибро дастгирӣ кунам ва ё шахси эродгирандаро мулзам созам. Ман бидуни ҳеҷ андеша ва тааммул он рӯз аз рӯи одати худ ҳақиқатро гуфта будаму бас.

Баъди чанд рӯзи ин воқеа котиби масъул дар роҳ пеш омаду гарму часпон салом кард ва маро боз бештар агар ҳайрон гӯям, на он сухан аст, моту мабҳут сохту бигуфт:

— Повест чи шуд? Повестро биёред, чоп мекунем...

Ана, ба ҳамин минвол, тасодуфан қиссаи “Рухсора” дар маҷалла интишор гашт. Нигаред, ки даврон чи касонро ба рӯи об бароварда буд! Интишор ва аксаран тақдири осори адабӣ, дар он айём агар баъзан гӯям дурӯғзан хоҳам буд, аксаран ба ҳунари нависандагии муаллиф ва қимати асар не, балки ба феъли мусанниф ва муомилаи ӯ вобаста буд.

Бинобар он, адибони камҳунар дар гурӯҳҳо муттаҳид мегаштанд.

Нашри қиссаи “Рухсора” дар нашриёт ҳам ба монеа бархӯрд. Мудире пайдо гашту сарфи назар аз нашри “Садои Шарқ” ва баҳои хуби танқиди адабӣ ба он хӯрдагирӣ оғоз кард. Мудир онро ба як тан дӯсташ барои тақриз дода, чиҳо супориш карда бошад, ки соле аз миён гузашту вале на аз тақриз дараке буд ва на аз дастнависи ман.

Хайрияти кор, дар ин миён Ҷумъаи Одина ба вазифаи мудири редакцияи адабиёти муосири нашриёт омаду кор ранги дигар гирифт.

— Ман аз маҷалла “Рухсора”-ро дар як шаб хондам. Повести хуб аст. Ба муқарриз расонед, агар тақриз навишта бошад, пеш орад, музди қаламашро медиҳем, агар ҳанӯз нанавишта бошад, ба ӯ расонед, ки дигар даркор не, — тахминан ҳамин тавр гуфта буд ӯ ба муҳаррири китоб дар ҳузури ман.

Барои ҳамин гуна росткорӣ, ростгуию виҷдон ва ин

-софаш ӯро мардуми сиёҳдил хуш намедоштанд. Романи “Гузашти айём”-ро чӣ касон ба зери теғ дода пора карданд, ӯ хуб медонист ва борҳо аз ин хусус ба ман мегуфт...

Рӯзи ҳалокаш буд. Ман баъди пешин ба идораи “Газетаи муаллимон” ворид гаштам. Дар долон муҳаррири рӯзнома Б.Бердиева ба ман рӯ ба рӯ омад. Салом кардем.

— Ҳа, ба назди Ҷумъабой омадӣ? — савол кард вай мисли ҳамеша шитобон.

— Ку, як бор бинам, чи ҳол доранд акаи азиз... Дар ин олам як-ду нафаре ҳастанд, ки ман аз сари ихлос ба аёдаташон меравам...

— Вай имрӯз навбатдор аст, — гуфт муҳаррир дастаки дари идорахонаашро гирифта. — Илтимос, ӯро мон... Ягон рӯзи дигар биё, Баҳром, — хоҳишмандона гуфт сармуҳаррир.

— Хуб, — гуфтаму ба қафо мегаштам, ки дари идорахонаи акаи Ҷумъа нимво шуд ва дасте берун гашту аз оринҷи ман гирифт ва ба дарун кашид. Ин дасти акаи Ҷумъаи Одина буд. Ӯ суханони муҳаррирро андаруни хона мешунидаст.

— Дароед-е!.. Гап мезанад-дия!..

Дар рӯи мизи ӯ саҳифаҳои корректураро дида, сараввал ба нишастан ирода накардам.

— Ман саҳифаро хонда ба поён расонидам, — гуфт ӯ то ки хотирҷамъ бошам.

Ӯ марди фозил ва пурмутолаа буд. Ман аз адибони тоҷик то имрӯз касеро намедонам, ки дар ин бобат бо вай ҳамсарӣ кунад.

Ҳамон рӯз акаи Ҷумъа дар омади сухан, аз боби як ҳикояи дар рӯзнома ба табъ расидаи ман фикри худро гуфт:

— Ҳикояатон хуб аст. Фақат як эрод дорам: воқеаеро, ки бо мӯйсафед дар гузаргоҳ рӯй медиҳад, партоед ё бо ягон воқеаи дигар иваз кунед.

— Чаро он воқеа ба шумо хуш наомад? — пурсидам. Аз оҳанги суханам ҳувайдо буд, ки ин эроди ӯро тан ги-

рифтан намехоҳам.

— Он воқеаро бо чашми худ дида будед?

— Не. Онро ба ман як рафиқ ҳикоя кард. Ба чашми худ дидаст, — гуфтам ман далер. Азбаски он рафиқро акаи Ҷумъа низ мешинохт, номашро гуфтан хостам, вале фурсат наёфтам.

— Ба ҳар ҳол, аз баҳраш гузаред. Ба ҳамин монанд воқеаро Райкин ҳикоя карда буд.

— Наход? — гуфтам ман ба он чӣ шунидам бовар накарда. — Аниқ медонед ё тахмин кардед?

Акаи Ҷумъа ширин табассум кард.

— Ташаккур. Ман он ҳикояро аз сари нав менависам.

Баъд номи он рафиқеро, ки ба ман воқеаро чун саргузашти худ баён карда буд, гуфтам.

— Балки вай ҳам аз дурӯғгӯи дигаре шунидагист, — гуфт акаи Ҷумъа.

Ба тадриҷ мавзӯи гуфтугузор ба сари навиштаҳои худи ӯ расиду гуфтам:

— Акаи Ҷумъа, нашриётҳои Маскав асарҳоеро интишор доранд, ки ҳаёти воқеии моро, хатоҳои таърихи инқилоби моро нисбатан далер акс мекунанд. Дар нисбати онҳо романи шумо...

— Медонам... Ноширони москвагӣ дастнависи романи маро хонда гуфтанд, ки дар он ҳеҷ сухани сахте нест. Агар розигии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ро бигиред, яъне бигӯянд, ки ба нашри роман дар Москва онҳо муқобилат надоранд, мо ба табъ мерасонем. Аммо чи кунам, аз мост, ки бар мост... — гуфт оҳи дардноке кашида. Баъд сигори навро ба лаб ниҳоду оташ сар дод ва паёпай чанд куллоби чуқур кашид.

Сипас ӯ аз боби саргардониҳояш барои иҷозати нашри романи “Гузашти айём”, аз муомалаи бюрократҳои сангдил ҳасрат карду ман ба нияти дилбардорӣ гуфтамаш:

— Бюрократизм ба ҳадди охири худ расид, акнун фу

тур меравад. Дигар илоҷ не. Айёми ростию дурустӣ мерасад, романи шуморо нашр мекунанд, тақдир менамоянд...

Ман ин қабил суханонро мегуфтаму акаи Ҷумъабой табассум мекард. Табассумаш дардолуд буд. Сипас ба ангуштарини дар ангушти дасти чапи ман буда ишора карду гуфт:

— Медонед, чаро аз қадимулайём мардуми Машриқзамин ангуштаринро ба ангушти дасти чап мегузаронанд? Барои беҳунариаш. Бале, нишони беҳунарӣ!

Дасти рост кор мекунад, ҳунаре дорад, ба он ҳаргиз ангуштарин даркор нест. Аз ҳамин сабаб ман чунин ҳавасҳоро барвақт дар дилам куштам. Агар дар дили кас ҳаваси ордену ҷоиза бошад, ҳисси эҷодкории комил гум мешавад. Барои ҷоиза чоплусию косалесӣ кардан лозим, вагарна ҷоизабахшон ҳаргиз шуморо дастгирӣ намекунанд... — Ӯ лаҳзае хомӯш монду сипас гуфт: — Айнӣ хоҳӣ ҷоиза дорад, — хоҳӣ надорад Айнист...

Сӯҳбати мо он рӯз хеле тӯл кашид. Акаи Ҷумъабой баъзе хотироташро аз олиҳимматии марҳум Деҳотӣ гуфт, аз рафтору кирдори ноҷавонмардонаи баъзе аз адибони айём, аз пасттинатии онон тоза ба тоза воқеаҳоро ҳикоят кард.

Байни соати чору панҷ ман бо ӯ хушбошӣ кардаму ба хона омадам.

Аз миён ду соат гузашта буд ё не, ба ман занг зада хабари шуми ҳалоки ӯро гуфтанд.

Бюрократҳо, адибони беҳунар, мансабхоҳони риёкор ӯро ба ҳалокат расонданд. Рӯзе мерасаду таърих ҳамаро ном ба ном, ҷо ба ҷо хоҳад гузошт.

Романи ӯ “Гузашти айём” аз зери теғи бюрократҳои ҷоҳил гузашта имрӯз дастраси мардуми диёри азизи адиб гаштааст.

Кӯрдилони вақт агарчи қадри адиб ва мақоми осори ӯро надонистанд, ман аминам, таърихи адаби тоҷик мақоми ӯро дар радаи фарзандони ҳунарвари худ таъин хоҳад кард.

***1990***

# МАТНИ СУХАНРОНӢ ДАР АНҶУМАНИ Х АДИБОНИ ТОҶИКИСТОН 22 АПРЕЛИ СОЛИ 1991

Ин ҳам хушбахтист, ки имрӯз мо фошофош иқрор мекунем, ки сохти давлатдории мо, идеологияи ҳукмрони мо солҳои тӯлонӣ истеъдоду ҳунар, шахсияти табииву тозаназар ва гузашта аз он, ростию дурустӣ ва фошгӯиро намепарварид. Дареғ мегӯям ба он адибони номуроде, ки аз чунин замон дараке нашунида бо зиндагӣ падруд намуданд.

Имрӯз дар мамлакати мо бӯҳрони шадид ва мӯҳлике дар хурӯш аст. Боист, ки адибони мо овози таъсирноки худро баланд кунанд ва мардумро аз шилкоби дурӯғу дағо, умедвориҳои пуч, фиребҳои кӯҳнаву нав берун кашанд. Дареғ мегӯям, ки ҳанӯз ҳам бахше аз адибони маърифаташон хеле ноқис ва каммутолиа аз қайди он догмаҳо берун омадан наметавонанд. Як зумраи дигар — афроди нопойдоре ба хотири мансабе, мошине, хонае ва ё имтиёзоти дигар тӯтивор ба мардум шиорҳои замони сталинӣ ва брежневиро талқин мекунанд. Ба ин одамакони хомтамаъ раҳми кас меояд, дили ман месӯзад. Ва ҳеҷ аҷаб нест, ки онҳо ҳам ба ҳоли мо барин адибони гушнадалер раҳмашон ояд. Аз ин ваҷҳ адибони асил чандон ғусса намехуранд, зеро ҳазор сол муқаддам шоир огоҳӣ додааст:

Донишу хостааст наргису гул,
Ки ба як ҷой нашкуфанд бо ҳам.
Ҳар киро дониш аст, хоста нест,
В-он киро хостааст, дониш кам.

Асоси адабиёт ҳунар ва истеъдод аст. Афроди беистеъдоде, ки ба сари ин дастархон меоянд, фақат андешаи он доранд, ки луқмаи бузургтаре бигиранд. Ин тоифа ба равнақи адабиёти асил сахт монеъ мешаванд.

Кадомин адиби беҳунар дар рӯбарӯяш адиби асилро беҳасад нигаристан метавонад?!

Баъди вафоти устоди шодравон Мирзои Турсунзода шумораи аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз 70 нафар ба 180 нафар расидаст! Аз 110 нафаре, ки баъди даврони устоди мӯътабар ба ИН омадаанд, агар даҳ-понздаҳ нафаре бошанд, ки имрӯз бори адабиётро ба дӯш гирифтаанд, шукр мегуфтем. Баъзе касонеро ба узвияти ИН қабул карданд, ки барои китобашон ним саҳифа тавзеҳнома навишта наметавонанд, аз қоидаи имло ва аломатҳои китобат сирфан огоҳӣ надоранд, "дар ҷои мо бенуқтаю вергул менависонанд!" мегӯянд. Хеле аз аъзои Иттифоқи журналистон, нафақахӯрон, хулласи калом, ҳар касе, ки даст ёфту воситае пайдо кард, ба узвияти ИН қабул шуд. Аммо аз қалами онон адабиёт не, макулатура бурд мекунад.

Ҳолдонҳо мегӯянд, ки мақсад аз ин гуна қабули оммавӣ дар анҷуманҳо овозгирӣ аст.

Ба ҳамин минвол он рӯҳи маҳалгироие, ки дар замони Турсунзода пинҳон-пинҳон шарора мезад, имрӯз ба сӯхтори азиме мубаддал гаштааст. Ин ҳама нависандасозиҳо, гурӯҳбандиҳо, нафрату адоват парваридан ба мардумони маҳалҳои дигар шарораҳои ҳамин оташи хонасӯзанд.

Ин табақабандӣ ва гурӯҳбозӣ аслан аз инстинкти ҳайвонӣ бармеояд: ҳайвонот фақат бо ҳамҷинсу ҳамхунони худ қаробат меҷӯяду инсони мутамаддин баръакс, аз рӯи ҳамфикрӣ ва ҳамақидагӣ.

Аз мардони фозил ва ҳунарвар то имрӯз маҳалгироеро надидаам, ки надидаам. Шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев аз мардуми ҳар гӯшае дӯстону шогирдон доштанд, вале камтар аз ҳама аз қаламрави Самарқанд. Боре аз ин хусус ба ман гуфтанд: "Баҳромҷон, медонед, ки ман ба ҳамдиёрони худ ҳеҷ таваҷҷӯҳи махсус надорам, вале

Болта Ортиқов истисно. Бо ин кас ҷӯрагӣ дорам. Болтабой песачае навиштаанд, хоҳишмандам кӯмак кунед”. Оре, имрӯз ҳама ёд доранд, ки шогирдону дӯстони он кас яке аз Кӯлобу дигаре аз Хуҷанд, сеюмин аз Бадахшону чаҳорумӣ аз Вахш буд.

Хуб, охируламр чи мешавад? Мо аз куҷо ба куҷо меравем, ҳеҷ фикр мекунед? Мабодо ки рӯзе расаду ин адоватпарвариҳо ба ҷангу ҷидол сабаб гардад...

Маънии “адиб” дар луғат устод, мураббӣ, адабомӯз аст. Магар шахси худхоҳу беинсоф ба халқ адаб омӯхтан, раҳнамо будан метавонад? Мардумро монанди худаш бадбахту ситорасӯхта мекунад.

Зиёиён ва зимнан бахше аз адибони мо, хоса мансабталошони ин даргоҳ мардумро ба шимолию ҷанубӣ табақабандӣ мекунанд... Мардуми шимол ҳам ин ҳолро пай бурда, чораҳо меандешанд. Чанд бор гӯшам шунид, ки баъзе аз мардуми вилояти Хуҷанд таҳигӯшӣ мегуфтанд: “Агар мо мустақил шавем ё ба ҳайати Ӯзбекистон чун ҷумҳурияти автономӣ дохил шавем, хеле бурд мекунем!”

Дар ин вилоят як миллиону ҳаштсад ҳазор аҳолӣ зиндагӣ доранд, қариб 280 ҳазор тонна пахта мегиранд, мевазорони обод, конҳои маъдан, саноати замонавӣ доранд. Алббата, ҳолашон беҳтар мешавад, вале он гоҳ Тоҷикистон чӣ мешавад? Наход ки мо — тоҷикон дар воқеъ истеъдоди ҳукумат кардан ва мамлакатдориро надошта бошем?

Ана, адибони мо мардумро ба куҷо мебаранд! Ман муболиға намекунам, агар тафриқаандозӣ барҳам нахӯрад, рӯзе мерасаду Тоҷикистон ногузир тақсим мешавад. Баъзе касон аллакай “мо умумияти таърихӣ, забонӣ ва маънавӣ надорем” мегӯянд...

Акнун чанде аз андешаҳои худро доир ба ҷараёни адабӣ ва коргузорӣ дар ИН Тоҷикистон гуфтаниам.

Ман бист сол боз узви Иттифоқи нависандагонам.

Ба фикрам, солҳои охир ИН як идораи ба адибон нодаркоре гаштааст гӯям, муболаға нахоҳам кард. Бисёр касон соле як бор ҳам ба ин даргоҳ намеоянд. Ман 12 китоб нашр кардам, қариб ҳамаи навиштаҳоям ба забони русӣ тарҷума ва нашр шудаанд, аз Чехословакия то Япония дар чор-панҷ мамлакати хориҷӣ баъзе ҳикояву қиссаҳоям тарҷума ва нашр шудаанд, дар Маскав нашриёти "Радуга" ҳикоёти маро ду бор ба забони англисӣ ба унвони "Человеку нужна собака" нашр кард. Хулоса, як нафар ходими муқаррарии адабиётам. Лекин дар ИН Тоҷикистон ягон бор осори ман (дигарон ҳам) мавриди муҳокима қарор нагирифтааст. Боре нагуфтандам, ки комёбиам куҷост, кӯтоҳиам чист. Пас, шӯъбаи наср чӣ лозим? Котиб ба кори эҷодӣ чи ҳоҷат аст?

Аз ин аст, ки бисёр адибон дар як сол як бор ҳам ба ИН намеоянд. Агар оянд ҳам, минбаъд фақат як нафар котиб кофист. Маблағи сарфаро ба кумаки адибони пир ва ҷавон харҷ бояд кард.

Ба ғайр аз ин, ҳайати Президиум ва правленияро пурра нав кардан лозим. Ин чи гап аст, ки як умр 6-7 нафар ба сари мо дар раёсат нишинанд! Чаро? Магар дигарон ҳуқуқ надоранд?

Ба гӯш расид, ки як гурӯҳ адибон ассосиатсияи алоҳида ташкил карда, аз ИН ҷудо шудан мехоҳанд, ки ин ҳам эътироз ба усули кӯҳнаи идоравӣ аст, бародарон. Боист, ки ба раёсат ҳар як адиб аз як-ду навбат зиёд интихоб ё саҳеҳтараш таъин нагардад.

Роҷеъ ба маърӯзаи ҷамъбастӣ чи гӯям, ки ногуфтан авлотар менамоядам, зеро дар анҷумани гузашта ҳам панҷ сол аз ин муқаддам суханронии Мӯъмин Қаноат ба ҳамин минвол буд. Муҷиби ҳайрат аст, ки дар нашриёти "Адиб" китоби адиби ҷавонеро хонда аз матлаби он мо ҳеҷ пай набурдем ва билохира ба тариқи таҷриба онро ба нашр супоридем, ки шояд танқиди адабӣ саррофӣ

мекунад. Қабл аз интишори он муҳаррири китобро ҳатто ба идораи Главлит даъват карданд — онҳо ҳам ба мазмуну матлаби он пай набурдаанд. Чи мегӯед, ки имрӯз номи муаллифи он китоб дар радифи адибони комёб зикр шуд. Ҳол он, ки он китобро ҳеҷ кас нахондааст ва хондан ҳам номумкин аст.

Ҳоло аз бепарвоӣ ё бувуқуфии баъзе раҳбарони матбуот тарғиби китоб хеле суст гаштааст. Агар ба китобе тақризе ба нашр расад ҳам, он холисона нест, ҷӯра ва ё аксар ҳамдиёри адиб китоби ӯро зӯр мезанад то таъриф кунад. Баъд адиби камҳунар бо он ҳама чормағзи пуч доман пур мекунаду худро пайғамбар метарошад.

Борҳо хондаем, ки ҳамдиёрон аксаран халтураи ҳеҷу пучи якдигарро ситоиш мекунанду мардуми камхирад ва содалавҳро бовар кунонданӣ мешаванд. Аммо ин навъ мунаққидон фақат адиби хушбоварро мефиребанду бас. Бо хеле адибони ҷавон ҳамин ҳолат рух дод. Фарзона аз ин миён истисност. Мусаввадаи китоби ашъори тозаи ӯро барои ба нақша гирифтан дар нашриёт ман хондам. Шоире расидааст, ки бе муболиға бо Симину Фурӯғ паҳлу мезанад. Ба қавли шоира бовар накардан натавон:

Ватан рӯзи фирӯзи ту мерасад.  
Ватанхоҳи дилсӯзи ту мерасад,  
Ватан, офтоби ту мебишкуфад,  
Ватан, боз наврӯзи ту мерасад.

Ба гумонам, шеъри Фарзонаро аз ҳамдиёронаш касе ситоиш накардааст. Шеъри ӯ ҳамон мушкест, ки худ мебӯяду ба фарёди аттор эҳтиёҷ надорад. Чаро дар ҳунар ва хоксорӣ аз ӯ ибрате намегиред, дӯстони ҷавон!

Ба истиқболи анҷуман дирӯз дар рӯзномаи “Паёми Душанбе” мусоҳибаи Равшани Ёрмуҳаммад нашр шуд.

Равшан, ки синнаш зери панҷоҳ аст, акнун як китобаке чоп кардаст, “Шаҳбузи сафед” ва соли 1990 ба узвияти ИН қабулаш кардаанд. Агар ӯ бисту панҷсола мебуду

даври китоби нахустинаш мусоҳаба меоростанд, он маънние дошт... Равшан дар ҳаққи адабиёт чунон қазоват мекунад, ки аз хиҷолат арақ мекунед. Тасаввур кунед: агар касе бо як ду мақолааш, ба фаъолияти олимон доварӣ кунад, кори хуб набудагист. Хоксориву фурӯтанӣ даркор аст. Зиёда аз он, Равшан менависад: "Ин ҳикоя он солҳо рӯи чопро надид. Ба Абдумалик Баҳорӣ ва ҳатто Фазлиддин Муҳаммадиев маъқул нашуд... ба хотири он ки наранҷанд, ин ҳикояро солҳои дарозе ба чоп насупоридам..."

Бародар, аз рӯи инсоф бо шахси марҳум баҳс намекунанд, зеро ӯ дигар худро аз шумо ҳимоя кардан наметавонад. Ман аминам, ки агар Баҳорӣ ва Муҳаммадиев маъқул накарда бошанд, ҳамон ҳикояатон ба интишор арзиданӣ набудааст.

Аслан боист, ки идораи рӯзнома ҳадафи мусоҳибаро саҳеҳ меандешид.

Аз ин лиҳоз ҳафтавори "Адабиёт ва санъат" дар даҳ соли охир барои адабиёт ва миллат хидмати шоистае мекунад. Бесабаб нест, ки адади нашри он ба сад ҳазор расидааст. Мардумон баъди сомон нагирифтани нашри "Садои Шарқ" бо осори адабии тоза ба тавассути "Адабиёт ва санъат" ошноӣ меёбанд. Ҳафтавор шӯҳрат ва эътибори шоистае пайдо кардааст.

Дар охир ман аз аҳли анҷуман хоҳише дорам: "Манфиати гурӯҳи ҳамдиёрони худро ба адабиёт сарборӣ карда иттиҳоди нависандагонро ҳам ба қисматкунӣ наоваред. Ба мо раҳбаре лозим аст, ки қабл аз ҳама аз фасоди маҳалгироӣ пок бошад. Сониян, ӯ дар адабиёт шахси тасодуфӣ ё раҳгузаре не, балки адиби ҳақиқӣ бояд бошад. Ва синни ӯ бояд ҷавонтар бошад, ки фаъолият кардан тавонад. Ононе, ки дар гирди синни шастанд, аз кори умум дида бештар ғами худро мехуранд, ки ин ба хеҷ кас пинҳон нест.

***1991***

# САБАҚИ УСТОД

Ғолибан охирҳои соли 1971 буд, ман устод Улуғзодаро ба тамошои як филми эронӣ ташвиқ кардам. Чун ба даричаи билетфурӯшии кинохонаи “Ватан” наздик расидам, устод ба ман имкон надоданд, ки билет бихарам. Дар он айём, баъди дар хориҷа мондани нури чашмашон — Азиз китобҳои устодро интишор намекарданд ва зиндагиашон ба сахтӣ мегузашт. Ин ҳолро пеши назар оварда гуфтам, ки “ҳиммати олӣ бо кисаи холӣ дардест...” Устод дар ҷавоб фавран гуфтанд:

— Ки ба ин дард гирифтор нагардад кофар...

Сипас дардолуда хандиданду афзуданд:

— Аз ҳама маҳрум гашта бошам ҳам, ҳимматам мондаст, мулло Баҳром.

...Дар назари ман чунин мерасад, ки симои устод Улуғзода, монанди ҳар як адиби асил дар осори эшон аксандоз аст. Балки симои пурихтилофи миллати тоҷик дар нисбати осори дигар адибон бештар дар қиссаҳои устод Улуғзода ба тасвир омадааст. Дар воқеъ, шахсияти ин суханвари заковатманд тиккае аз қисмати талхи мардуми тоҷик аст.

Ман осори устодро мутолаа мекунаму мебинам, ки зиндагиро ба торикию равшанӣ қисмат намекунанд ва ба ду ранг — сафеду сиёҳ тақсим намудани рӯзгорро ҳаргиз ба худ муносиб надидаанд, зеро зиндагии воқеӣ ба ҳазору як ранг ҷилва мекунад.

Сабақи дигаре, ки ман аз мутолааи осори устод бардоштаам ин аст, ки ононе, ки кӯҳнакӯранд, ҳаргиз тирачашмии худро намедонанд ва бечоратарини ғуломон худро озоду сарфароз мешуморанд. Аз ин лиҳоз ман барои худ хулосаҳо кардаам, ки ба ғуломи давру замон, ба бандагии вазифаву имтиёзҳои ночиз, ба асорати расму анъанаҳо гардан ниҳодани инсон аз ғуломии пой дар занҷир камтар тафовут мекунад.

Аз осори устод ман боз як ҳақиқати талхи зиндагиро дарёфтаам: чаро ҳукуматдорон ба василаи матбуот, радиову телевизион, бо шеваи қаламкашони беҳунар шабу рӯз ба тавсифи мардуми ранҷбар машғуланд. Ғуломро "ҳой, боракаллоҳ" куштааст.

Каломи раббонӣ, каломи ҳаққониро гуфтану навиштан дар назарҳо чӣ кори саҳлу осоне менамояд! Устод Улуғзода ҳақиқати ҳоли мардуми моро, таърихи онро чунон нигоштаанд, ки бо мутолааи он осор авлоди фардо аз бисёр касолатҳо покиза хоҳад гашт.

***1991***



# ОЧЕРК ВА ПУБЛИСИСТИКА

# ДАР ТАЛОШИ ЗИНДАГӢ

Мегӯянд, ки дар дунё якчанд корҳои басо мушкилписанд ҳастанд, ки яке аз он амалҳо дар хотир доштани тамоми иероглифҳои хитоӣ будааст. Аммо ба фикри ман, он амали мушкилписанд дар нисбати кори ба ниҳонхонаи дили касе роҳ ёфтан, гӯё чандон сахтие надорад. Оре, кӯраи ҳарорати дили инсон даст расонидан мушкил аст. Барои ин фақат дасти нозук доштан кам аст.

Кас метавонад дар фурсати як чойник чой хӯрдан, дар муддати як шишту хез пойгоҳи донишу камолоти ҳамсӯҳбаташро бидонад. Аммо барои фаҳмидани орзую омоли ӯ, мақсаду мароми зиндагии ӯ ба дили инсон даст андохтан лозим. Ба дили инсони ҷиддӣ ва баақлу фаросатманд даст задан кори саҳл не.

...Ман бо ӯ борҳо ҳамсӯҳбат шудаам. Ӯ ҳамеша бо ман ба истиҳола, андешамандона сухан мекунад. Аз корҳои худаш хеле кам, дар ғояти мухтасарӣ маълумот медиҳад. Метарсад, ки боз зиёда иғроқ карда, аз пашша фил месозаму ӯро дар миёни ҳамкорон хиҷил мекунам. Не, ӯ алҳол ягон корнамоие нишон надодааст, аз дигар ҳамсолони худ баландӣ ҳам надорад. Духтари оддӣ. Муаллимаи ҷавони ҳанӯз ба маслиҳату нишондодҳои омӯзгорони кордида мӯҳтоҷ аст. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ӯ бештар дар бораи муаллимони худ ҳикоя мекунад.

Ҳикоят аз овони ба остонаи синфи якуми мактаби ба номи Горкии шаҳри Ӯротеппа қадам ниҳоданаш то имрӯз, дар муддати таҳсили даҳсола, баъд панҷ сол дар Институти педагогӣ аз муаллимони бисёре сабақ гирифтааст.

Вале ҳар касро дар зиндагӣ муаллиме пеш меояд, ки он тамоми андешаҳои парешони ӯро ба сӯи мақсади ягонае равона мекунад.

Шояд инчунин шахси раҳбалад дар мактаб муаллими шумо набошад. Шояд ӯ падари шумо, бародари шумо ё ягон рафиқи оддии шумо бошад. Вале ӯ тамоми умр

дар дили шумо ҳамчун раҳнамо, маскан мегирад, шумо ба ӯ пайравӣ мекунед ё ҳеҷ набошад, боре аз кори ӯ барои худ ибрате гирифтаед.

Ҳарчанд устоди нахустин ва якумраи ӯ падари худи вай ҳоло муаллими хизматнишондодаи республика Раҳим Маҳмудов буда, ба дили ӯ муҳаббати касби муаллимро ҷой кард, аммо дар роҳи ҳаёт муаллими дигаре низ дошт, ки маҳз он шахси мӯътабар тавонист шавқи шеъру адабиёт, сеҳри назокати каломи бадеъро дар ҳастии ӯ биомезад. Ингуна устоди таъсиргузори ӯ муаллими адабиёт — Маҳмуд Қодиров буд.

Дар оилаи онҳо шахси шеърдӯст ва шеърхон набуд. Аммо Ҳикоятро сатрҳои диловези Хайём ва Ҳофиз ба олами хаёлҳои рангин, зебо ва мусаффо мебурданд, дили ӯро пайваста тасхир намуда, муғчаҳои тафаккури ӯро рангу бор медоданд, хаёлоташро ба парвозҳои баланд илқо менамуданд.

Ана, ӯ ба орзуяш расид. Филолог. Муаллима. Монанди собиқ муаллими шеърдӯсти худ Маҳмуд Қодиров ба шогирдонаш аз адабиёт, аз шеъри дилчаспи Хайёму Ҳофиз дарс мегӯяд. Гӯё ба қуллаи орзуи худ расидааст. Аммо табиати инсон хосияти аҷибе дорад. Одам бо хӯрдани таом шикамаш сер мешавад, бо об ташнагиаш мешиканад. Вале ташнагии зиндагиро бо чӣ шикастан мумкин аст? Ин ташнагии маънавӣ дар ҳастии ӯ талотум мекард. Оре, барои орзуҳои нав ба нав, барои талоши ҳастӣ дар дили инсон ҳамеша ҷавлонгоҳе ёфт мешавад.

Ҳикоят ҳамчун мудири қисми илмии мактаби №5, ба номи Рӯдакии шаҳри Ӯротеппа кори таълиму тарбияро бо мушкилиҳои зиёд бошад ҳам, ба роҳ монда тавонист.

Бо тайёрии пухта ба дарсҳо омадани муаллимон, ба вазифаи худ бепарво намудани баъзеҳо бартараф шуд. Серталабии ӯ аввал ба дили баъзе аз ҳамкоронаш сахт расид. Гоҳе сурху сафед ҳам шуданд. Аммо оқибат ба талаби ҳаққонии ӯ тан доданд.

Ҳоло дили ӯро масъалаи дигар ба дард меорад. Чаро як қисм тамомкунандагони мактаб аз ҷумлаи духтарон хонанишинанд? Ин духтарон мисли шамъи тоқае, ки аз қандили фурӯзон ҷудо афтодаанд. Чаҳор девори хонаи худро гӯё равшан мекунанду бо ҳамин қонеъанд? Сарҳалқаи занҷири бисёр кулфатҳои занону духтарони мо то имрӯз магар хонанишинӣ, ҷудоӣ аз ҷамъият набуд? Хонанишин будан, бе касбу кор, бе дӯстон бе талоши орзу ва оқибат мутеи дигарон — гаштан чунин аст мунтаҳои ин силсила.

Моҳи апрели соли ҷорӣ дар қатори 400 нафар духтарони тоҷик, ки бо поезди дӯстӣ ба пойтахти Ватанамон шаҳри Москва сафар намуданд, Ҳикоят ҳам буд. Тамошои шаҳри бузург, зиёрати мақбараи Ленин гулчанбармониҳо ба пояи муҷассамаи Зоя Космодемянская, сайри намоишгоҳу музейҳо ӯро ба ваҷд оварданд. Дар корхонаҳои Москва Ҳикоят духтарони ҳамсоли худро дида, сӯҳбат кард, бо кору зиндагии онон ошноӣ ёфт. Хаёлаш боз ба шаҳри азизаш Ӯротеппа парвоз намуд. Чаро дар корхонаҳои мо духтарони маҳаллӣ ҳанӯз ҳам хол-хол дучор мешаванд? Ним асри гузаштаи баъди инқилобро ба хотир оварду дилаш ба дард омад. Духтараки хушзеҳну хандонрӯ Очаой ба ёдаш расид. Очаой мактаби миёнаро тамом кард. Аммо ҳоло аз сари дегу оташдони хонавода берун намеравад. Наход умри ӯ ба ҳамин минвол гузарад!? Чаро мо духтаронамонро даҳ сол дар мактаб монанди фариштаҳои муқаддас тарбия мекунем, илму фанро таълим медиҳем, ба ҳаёти пурҷӯш омода месозему сипас ба чанголи бешафқати қисмату сарнавишт бепарво ҳавола мекунем? — худ ба худ савол медод Ҳикоят. — Чаро мактаб ба дастпарварони худ мисли мурғе, ки чӯҷаҳояшро ҷудо кардааст, беэътибор менигарад? Очаой чи хел духтари хушзеҳну соҳибзавқ ва фаросатманд буд! Вай метавонист дар ҳар як корхонаву идора ё магазину беморхона кор кунад, баробари одамон хандад, шодӣ ку-

над, таҷрибаи кору зиндагӣ бигирад, ҳаққу ҳуқуқи худро бишиносад... Ҳайф аст, ки чунин духтари чобукдасту ботамиз асири хонаводa гардаду аз ҷамъият ҷудо монад. Фурсат ёфта ба хонаи Очаойино рафтан лозим, — ба худ азм кард Ҳикоят.

Албатта, кори ӯ дар мактаб бисёр аст. Дар мактаб ҳам муаллими адабиёт, ҳам мудири қисми илмӣ, ҳам котиби комитети комсомол будан чӣ маъно доштанашро шояд бисёр касон возеҳ идрок накунанд. Ба замми ҳамаи ин, комитети шаҳрии комсомол роҳбарии кружоки сиёсиро дар комбинати хизмати маишӣ ба зиммаи ӯ гузоштааст.

Дар он маҳфил ки “Глобус” ном додаанд, Ҳикоят ҳар ҳафта як бор бо коргарон машғул мегардад. 25 нафар духтарони комбинат сӯҳбати ӯро аз навигариҳои олам, воқеаҳои сиёсии ҷаҳон, аз боби маданият, адабиёт, санъат, техника муштоқона интизорӣ мекашанд. Ҳикоят ҳам пайваста мекӯшад, ки интизории онҳоро барбод надиҳад. Барои ин эҳ, чи қадар бисёр хондан лозим! Баҳсу мунозира гоҳе чунон метаспад, ки Ҳикоят баъзан ба саволҳои духтарон ҷавоби пухта ёфта наметавонад. Дар чунин мавридҳо ӯ ба маслиҳати тарғиботчиёни пуртаҷриба амал карда рӯи рост ба духтарон мегӯяд:

— Дар машғулияти оянда ман ба ин саволҳои шумо ҷавоби мукаммал медиҳам.

Омӯхтан, пайваста мутолаа кардан лозим. Ҳама илмро омӯхтан лозим. Аз ҳама пеш илми заруриро бояд омӯхт. Инро донишманди бузурги Юнонистони қадим Эсхил гуфтааст: “Хирадманд на он касест, ки ҳама чизро медонад, балки он касест, ки чизҳои заруриро медонад.” Доир ба ин ё он мавзӯъ агар ҳамаро надонам ҳам, китоби заруриро аз куҷо дарёфтанро бояд тавсия кунам, то бихонанд. Ҳама дониш ва ақлу фаросатро ба одам китоб медиҳад.

Оилаи онҳо қариб ба даҳ номгӯй рӯзномаву маҷаллаҳои марказӣ ва республикавӣ обунаанд. Ҳар рӯз ин нашрияҳо даст ба даст гузашта қариб ҳамаи аҳли хонавода аз онҳо баҳраҳо мебардоранд.

Дар гирдоби ташвишҳои бисёр, кору бори бешумор тақдири Очаой аз фикри ӯ дур намешуд. Ҳикоят аввало бо худи Очаой вохӯрду аз ин хусус сӯҳбат кард. Очаой кор кардан мехоҳад, аммо падараш ба ҳеҷ ваҷҳ ба кор кардани ӯ розӣ набудааст. Модараш ҳам ташвиқи Ҳикоятро гӯш карду дар охир “Биё мон, духтарам, амонатамонро ба дасти соҳибаш супорем, ана баъд кор мекунонад-мӣ, мехонад-мӣ, ихтиёраш” — гӯён ӯро гусел кард.

Аммо Ҳикоят аз инчунин нобарориҳо маюс намегашт ва одати аз роҳи мақсади худ баргаштанро надошт.

Дар ин кор ба миён даромадани чанд нафар роҳбарон ва шахсони бонуфуз ҳам таъсири матлуб набахшид. Падари Очаой Сангинбой-амак якравона дар суханаш сахт истодагарӣ мекарду якзайл мегуфт:

— Кор кардан лозим бошад, дар хона ҳам кор бисёр. Шукр, ба касе мӯҳтоҷ нестем. Агар аз ӯҳдаи хӯрондану пӯшонидан набароям сонӣ фикр мекунем...

Ҳикоят мефаҳмид, ки ба падар ҳам мушкил аст, аз ҳамгузарон, ҳамкорон таънаву маломат шунидан намехоҳад. Баҳои духтараш дар назари хостгорон мешиканад.

Ҳикоят як бегоҳӣ бори чандум бошад, ки боз ба хонаи Очаойино рафт. Сангинбой-амак дар асл одами хуб, коргари кордида, аммо чи илоҷ, ӯ ҳамранги ҷамоат будан мехоҳад.

Онҳо дар сари дастархони Очаойино дуру дароз сӯҳбат карданд. Ҳикоят аз кору бори худ, аз ҳаёти духтарони комбинат батафсил ҳикоя кард, аҳамияти коромӯзии духтарро барои фардои ӯ ба падар исбот кард.

Оре, ӯ аз ваҷҳи фардои одамон, фардои зиндагӣ бо мисолҳои ҳайратоовар ҳикоя кардан метавонист. Он шаб

дар пеши чашмони Сангин-амак Ҳикоят аз як фаъоладухтари оддӣ ба пояи як тарбиятгари донову дилсӯз баромад. Ӯ акнун симои ботини ин духтари ҷавон, ҳусни дили поку беғубори ӯро пай мебурд. Оре, маҳз ҳамин тарғиботчии ҷавон ба ӯ фаҳмонда тавонист, ки ба саҳифаҳои фардои зиндагӣ ҳам назар кунад. Маҳз, ҳамин муаллимаи ҷавону мушфиқ ба ӯ талқин кардан тавонист, ки ба ҷуз аз хӯрдану пӯшидан дар дунё ҳаёту зиндагии дигаре низ ҳаст ва одам агар нимагӣ аз ваҷҳи оила хушбахт бошад, нимагӣ аз бобати кораш дар миёни ҷамъият қаноатманд ва мамнун аст. Ин ҳолатро ба эътибор нагирифтан имрӯз ғалат аст.

— Ин духтар гапи дигар. Ин духтарамро ҳаргиз ба роҳи бад намебарад... Майлаш равад... Кор кунад, розӣ шуд охир Сангин-амак.

Ҳикоят бо ёрии идораи шаҳрдорӣ Очаойро ба фабрикаи трикотажӣ ба кор бурда монд.

Ӯ на танҳо Очаойро, балки монанди ӯ даҳҳо духтарони Ӯротеппаро ба ҳамин гуна талошҳо ба кори умум илҳо намудааст. Худи ӯ низ монанди қатрае аз дарёи беканори халқ дар пеши офтоби ҳаётбахши умр талош дорад. Ӯ худ таҷассуми ҳамин ҳаёт аст. Оре, офтобро дар қатра ҳам дидан мумкин аст. Агар он қатраи ноолуда соф ва беғубор бошад. Ҳикоят он қатраи беқарорест, ки дар роҳи талош ҳазорон қатраҳоро ҳамроҳи худ ба роҳи зиндагии пурмазмун мебарад.

***1968***

# ДАР ҶУСТУҶӮИ ҚАҲРАМОН

Тирамоҳи соли 1943. Барори ҳуҷуми армияи советӣ дар фронт, алалхусус музаффарияти қушӯнҳои советӣ дар камони Курск рӯҳи мардумро дигар карда буд. Баъди муҳорибаҳои тобистона таҳи ҷанг намоён шуда монд. Ҳама бесаброна ғалабаро интизорӣ мекашиданд. Ба салютҳои зафар, ба корнамоии ҷанговарону партизанҳо акнун одат карда буданд. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки хабари диловарии бемисли Қудрат ҳам ба диёри ӯ зуд расида наомад. Муждаҳои тозатар, хушхабарҳои таъхир кардаро дар ними роҳ мегузоштанд.

Колхози “Сохтмони Вахш” он рӯзҳо “колхози қаҳрамон” ном гирифт. Агар ин ё он шаҳру деҳи Тоҷикистон бо қаҳрамонписари худ фахрад, аҳли ин колхози хурдакак, ки ҳамагӣ соҳиби 100 гектар замини обӣ буданд, бо ду нафар фарзандони қаҳрамони худ сарфарозӣ доштанд. Паёпай ба колхоз хабар омад, ки ба ду нафар аз фиристодагони деҳаи Навобод пас аз ҳалокаташон унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ дода шудааст.

Номи Ҳайдар Қосимов ва Қудрат Қайумовро тамоми республика фаҳмид. Он солҳо раиси колхози “Сохтмони Вахш” Маҳмад Шайхов марди баркамолу тануманд буд. Раисҳои солҳои ҷанг. Дар бораи ин сарварони хоҷагиҳои деҳқонон, командирони фронти ақибгоҳ қиссаву достонҳои бешумор навистаанд ва ҳамвора менависанд. Онҳо монанди лашкаркашоне, ки сарбозҳои диловару салоҳи ҷангро аз даст додаанд, бо занону наврасон дар колхоз ба ҳуҷуми беамон мерафтанд. Оре, онҳо ҳам барои ғалаба ба ҳуҷум мерафтанд. Барои ҳар як кило ғалла, барои ҳар як бех пиёз талош доштанд. Ҷанговарон дар майдонҳои ҷанг бо фашисти хуношом меҷангиданду онҳо бо душмани беамон — гуруснагиву урёнӣ, бо афтодарӯҳиву бесаробонӣ меҷангиданд.

…Ӯ ҳанӯз ҳам дар деҳаи худ дар колхози имрӯзаи “Правда”-и райони Вахш кор мекунад. Маҳмад Шайхов аз соли 1939 то соли 1947 раиси колхози “Сохтмони Вахш” буда, ғаму шодии мардуми колхозро дар он солҳои вазнини имтиҳони рӯҳи халқ, санҷиши бузурги қудрати он шарик буд. Ӯ имрӯзҳо нафақаи хоксоронае мегирад ва ба корҳои колхози худ ёрирасон аст. Раиси собиқ имрӯзи он айёмро ба ёд оварда, дар ҳалқаи андешаҳои бепоён сухан оғоз кард:

— Он рӯзҳо аз колхози мо ду нафар қаҳрамон шуданашон ҳамаро шод кард. Аммо он вақт он хабар қадре ғалат ба мо расида буд. Яъне, ба ҳар ду писар баъди ҳалокашон унвони қаҳрамонӣ дода шудааст, гуфтанд. Мардум ҳам ғамгин буданд ва ҳам аз шодӣ ва ифтихор ба куртаи худ намеғунҷиданд. Як ҳолати аҷиб буд. Кас гоҳ намефаҳмид, ки гиря кунад ё хандад. Ҳамон солҳо аз онҳо фахр карда хеле бехуд шудему хешу табори қаҳрамонро дуруст наҷустем. Модару хоҳари Ҳайдар Қосимов дар колхоз буданд. Ёд дорам, ба онҳо колхоз хонаи нав сохта дод, се ҳазор сӯм пул, сесад кило гандум, гову гӯсола дод. Дар солҳои ҷанг ин қадар маҳсулот хеле чиз буд. Баъдтар маълум шуд, ки худи Ҳайдар Қосимов ҳам зиндаву саломат будааст, омад. Аммо аз хешу таборони Қудрат Қайумов ному нишон наёфтем... Модари ӯ аз колхоз рафтааст гуфтанд. “Ба тарафҳои Кӯлоб, ба ҷониби хешовандонаш рафт” гуфтанд...

Оре, модари Қудрат пас аз ба фронт рафтани писараш аз колхоз рафта буд. Худи Қудрат ҳам ҳангоми ба зодгоҳаш Қалъаи лаби об барои аёдати хешовандонаш омадан даъватнома гирифта, аз ҳамин ҷо ба фронт рафта буд.

Меримбек Рофиеви 64-сола, ки имрӯз дар колхози “Правда”-и ноҳияи Вахш истиқомат дорад, бо Кудратино ҳамсоя будааст. Дар колхозе, ки Қудрат кор мекард. Меримбек он солҳо мудири ҳосилот буд. Ӯ дар бораи ҳа-

ёти қаҳрамон пурсон буданамро фаҳмида, аз хусуси ӯ ҳар чӣ дар хотир дошт, баён кард:

"— Қудрату модараш ба мо ҳамсоя буданд. Онҳо аз деҳаи Қалъаи лаби оби райони Ғарм соли 1941 ба Вахш омада буданд. Ҷавони қоқинаи сиёҳчашму абрӯсиёҳ, 18-19 сола буд. Ӯ бачае буд, оромтабиат, камгап, хеле батамкин. Ду сол ҳамроҳи ман дар колхоз кор кард. Пахтаро каланд кард, об дод, гандум дарав кард, ароба ҳай кард. Баъд соли 1942 ҳамаи аспу аробаҳоро барои эҳтиёҷоти фронт ғундошта гирифтанд. Кор ба гову хар монд. Дар колхоз кор бисёр одам кам, солҳои вазнин буданд... Аз гуруснагӣ одамон беҳол, кӯдакон талаф мешуданд... Бемории вараҷа, ҳасба...

Дар аввали ҷанг онҳоеро, ки ба фронт даъват шуданд, хеле бо тантана гусел кардем. Оҳиста-оҳиста ба фронт рафтан ҳодисаи муқаррарии ҳаррӯза шуд. Бинобар он, онҳоеро, ки баъдтар даъват шуданд, равшан дар хотир надорам. Одамизод ба ҳар як мушкилӣ, офат, ба ҳар як сахтиву мусибат одат мекардааст. Қудрат соли 1943 ба фронт рафт. Баъди ба ҷанг рафтани ӯ модараш ба тарафҳои Кӯлоб рафта, бедарак шуд..."

Қалъаи лаби об, чи тавре ки аз номаш маълум аст, қалъавор дар канори рӯди пурталотуми Сурхоб ҷой гирифтааст. Давродаври деҳаро кӯҳҳои баланд иҳота кардаанд. Соли 1922 дар ин деҳаи барҳаво Қудрат ба дунё чашм кушодааст. Саҳифаҳои таърихи Ғарм пур аз қаҳрамонист. Қиссаи шӯриши Усмон ва ба азобу шиканҷаи сарватмандону мухолифони инқилоб мардонавор тобоварии ӯро Қудрат аз даҳони наздикони он марди сарбаланд шунида буд. Солҳои кӯдакии ӯ ҳанӯз дар кӯҳистони Ғарму Ҳоит ду неру бо ҳам разм доштанд. Фоҷиаи муаллимаҳои Ҳоит ҳамагӣ аз Қалъаи лаби об панҷ-шаш километр он сӯтар сурат ёфта буд.

Қудрат аз ҳамаи ин воқеаҳо огоҳӣ дошт. Агарчи баъзеҳо сафедро сиёҳу сиёҳро сафед гӯён талқинаш

мекарданд, вай бо ақли худ неку бадро шинохтан мехост. Ӯ шунида буд, ки мардуми диёри ӯ дар напазируфтани забткорони гуногуннажод — чи юнонию чи арабу муғул ҷонбозиҳо кардааст.

Таърихи халқ дарси шарафу қаҳрамонӣ, китоби ватанпарастӣ ва мардумдӯстии фарзандони халқ аст. Миллате, ки таърихи пуршараф ва анъанаҳои бузургу муқаддас надорад фардои умедбахше низ надорад. Ҳар як халқ ба фарзандони худ аз қаҳрамонии гузаштагони худ сабақ мегузорад. Қудрат мактаби ҷоннисории фарзандони диёри худро гузашта, аз мардонагии ҳанӯз дар саҳифаҳои таърих рақам нагаштаи мардони кишвари кӯҳистон сабақ гирифта буд.

Соли 1939 ӯ бо модараш ба заминҳои навкорами Вахш меравад. Бисёр саҳифаҳои рӯзгори ин қаҳрамонписари тоҷик ҳанӯз торик аст. Шояд пайшиносони ҷавон, дӯстону хешовандони ӯ минбаъд бо ҷустуҷӯи худ маълумоти тозае ёбанд, тарҷумаи ҳоли ӯро пурра ва саҳеҳ кунанд.

Чи тавре ки зикраш гузашт, Қудрат аз деҳаи Қалъаи лаби об ба хидмати ҳарбӣ даъват мешавад. Тобистони соли 1943 ҳангоме ки ӯ бо ҷоннисории бемисол ҳалок мешавад, рутбаи сержантӣ доштааст. Ӯро командири гурӯҳи тирандозони полки рақами 109, дивизияи 74-уми армияи 13-ум таъин мекунанд, ки дар фронти Марказӣ амал мекард.

Тобистони соли 1943 пас аз муқовимати сахти душмани ба ҳуҷум сар кардаро шикастан, полки ӯ ба шаҳри Курск дохил мешавад. 5-уми июли соли 1943 муҳорибаҳои шадиде, ки дар таърих ба номи ҷанги Курск маъруфанд, оғоз меёбад. Роҷеъ ба корнамоии Қудрат Қайумов, хушбахтона дар архиви Вазорати мудофиаи СССР маълумоте маҳфуз мондааст, ки онро архив аз рӯзномаи фронтии дивизияи 74-ум гирифтааст. Мухтасар дар он хабарнома чунин оварда шудааст:

“Дивизияи тирандози 74-ум, армияи сездаҳуми фронти Марказӣ дар озод намудани деҳаи Оболоне рай-

они Коронск вилояти Чернигов иштирок дошт. Ҳангоми яке аз ҳуҷумҳо дар самти чап ҳаракати қӯшунҳои советиро пулемёти фашистон монеъ шуд. Узви комсомол Қудрат Қайумов вазъиятро дуруст сарфаҳм рафта, азм кард, ки пулемёти душманро бо расчёташ тарконад...”

Пулемёт даштро бо тири худ ғалбер мекард. Он ҳуҷуми аскарони моро боздошта ба фашистон имконият медод, ки мавқеъҳои худро мустаҳкам кунанд. Командир ба Қудрат амр кард, ки аз як сӯ хазида раваду пулемётро бо граната нобуд созад. Фармон фармон аст, онро иҷро накардан мумкин нест...

Қудрат чору ночор ба сӯи марг, ба сӯи қаҳрамонӣ рафт.

“Не, намегузорем, ки бору бӯғчаатро баста, осонакак ба хандақ даромада шиниву баъд моро тут барин резонӣ. Душманро думболагир кардан лозим, ҳушаш ба сар наомада, кӯфтан лозим! Зудтар, зудтар, то ки душман домани парешониву бесару сомонии худро ғундошта нагирад... Охир, чашми ҳама олам ба мост, кай фашизмро нобуд карда, ҳаёти осоишта барпо мекунем?.. Тоҷикистони азиз, модари мушфиқ ба роҳи ман чашми интизор дӯхтааст. Ман ягона умеди вай, ягона сутуни хонадонаш, ягона ҷуфтрону тухмпош, марди деҳқони хонаводаам... Боғу киштзор, чарогоҳу бинокориҳо интизори дастони мананд...”

Қудрат ин фикрҳоро аз сар мегузаронду ғайриихтиёр аз ҳамнабардон ҷудо шуда ба ҷониби он деви хунрез гаваккашон мерафт. Гӯё маҳз, ҳамин пулемёти фашистон ӯро аз шуғли деҳқониаш ҷудо карда ба арсаи хунрезӣ оварда бошад. Дашт монанди кафи даст ҳамвор буд. Ҷунбидани буттае аз назари нишонзани фашист пинҳон намемонад. Ана, рафиқонаш аз ҷониби дигар диққати фашистро ба сӯи худ кашида истодаанд. Тезтар, тезтар... Қудрат аз миёни алафҳо ҳамчу паланге, ки сайдашро мепоида бошад, чолокона мехазид. Гулҳои рангоранг, ала-

фҳои хушбӯ ба димоғи ӯ атри марғзорони деҳаашро меоварданд. Боз ду-се қадам... баъд граната партофтан мумкин... Аз ҷунбидани алафҳо фашист ӯро пай бурд. Ана, мили пулемётро ба сӯи ӯ равона кард... Тезтар!.. Борони тири душман ба сӯи ӯ мерехт. Якбора сахт такон хӯрд. Пояш карахт барин, ҳо, пояш вазнин шуд... Хуни гарм ба пояш часпид. Ӯ фаҳмид, ки тири душман ба пояш расидаст. Бо азоб боз ду-се бор гавак кашид. Пулемётро натарконда, дар ҳамин ҷо дар бари он мурдан чи аламовар аст!.. Наход, ки... наход, ки...

Қудрат гранатаро ҳозир карду як нафаси чуқур гирифта, бо тамоми қувват ва шуҷоат аз ҷояш ҷаҳида бархост... Ӯ садои таркидани гранатаи худро нашунид. Ҳамаи ин дар фосилаи сонияе рӯй дод. Нишонзани душман Қудрат рост шудан ҳамоно мили оташбори пулемётро ба пайкари ӯ равона кард. Вале Қудрат аллакай гранатаро ғурронда буд. Пайкари реза-резаи қаҳрамон ба замин наафтода пулемёт бо расчёташ мисли хоктӯдае ба ҳаво парид.

Бо садои “Ура-а-а!” дӯстони Қудрат пеш давидаанд.

Дар ин ҷанг 12 сентябри соли 1943 фарзанди Тоҷикистон Қудрат Қайумов ҳалок гашт.

Дар деҳаи Оболоневи райони Коронск, дар марқади бародарон хоки поки ӯ низ ҳаст.

Бо указі Президиуми Совети Олии СССР аз 16 октябри соли 1943 ба Қудрат Қайумов пас аз ҳалокаташ унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ дода шудааст.

***1968***

# ЯК НАФАР АЗ ШАҲИДОНИ ИНҚИЛОБ

Дар наздикии деҳаи Булоқ дар он ҷое, ки роҳҳои мумфарши Ленинободу Шайдон, Понғозу Конибодом ба ҳам мепайванданд, чойхонаи нав сохтаанд. Мусофирон, раҳгузарон, коргарон, ронандагон дар чойхона нишаста чой мехӯрданд, аз ину он сӯҳбат мекарданд, кӯфтагии роҳро мебаровbooарданд.

Аз толори оинабанди чойхона чакалакзор ва дар он сӯтар дар паси навдаҳои урёни ниҳолҳои наврас марқаде бо лавҳаи ёдгорӣ равшан ба назар менамояд.

Ман аз ин роҳ чор-панҷ сол қабл аз ин гузашта будам. Ин ҷо на чойхона буду на чакалакзор. Қабр ҳам набуд, марқади ёдгорӣ ҳам.

Ман дар назди панҷараи оҳанин истода катибаи рӯи тахтасангро хондам: “Дар ин ҷо иштирокчии фаъоли мубориза барои Ҳокимияти Советӣ — Пӯлод Ниёзов, ки дар соли 1922 босмачиён ба қатл расонидаанд, дафн карда шудааст”. Ба пояи қабр пионерон гулчанбар гузоштанд. Мусофирони дар мошин нишаста аз қабр чашм наканда, аз афташ дар ин мавзӯъ гуфтугузор доштанд. Мӯйсафеде бо фотиҳа даст ба рӯяш кашид.

Соли 1916. Соли сеюми ҷанг, аҳволи подшоҳи Россия, ки дар Туркистон ва Бухорои Шарқӣ Оқподшо мегуфтанд, бағоят танг шуд. Антанта шоҳи мағрури русро беш аз пеш ба гирдоби ҳалокат мекашид. Тамоми мардон дар фронт буданд, хоҷагии қишлоқ хароб, саноат футур рафта барои каме бошад ҳам барқарор намудани кори ақибгоҳ дастони корӣ намерасид. Ҳукумат барои дар ақибгоҳ кор фармудан аз байни мардуми Осиёи Миёна мардикор ғун мекард. Ана, ҳамин тариқ панҷаи сарду бешафқати ҷанг то ба кӯҳистони тоҷик чанг андохта буд.

— Аз волости Бободархон сад нафар мардикор мегирифтааст!

Ин хабар аз даҳон ба даҳон гузашта дар як-ду рӯз то ба кулбаҳои дурдасттарини ин кӯҳистон рафта расид. Қишлоқи Понғоз ҳам ба волости Бободархон дохил мешуд. Муҳокимаҳо, тахмину гумонҳо ва оқибат кашмакашҳои зиёд ҳам хотима ёфтанд. Сад хонадони бенаво дар ин водӣ бесаробон монданд.

Дар қатори ин сад нафар аз оилаи Ниёз Махдуми Сарҷинчӣ пуштибон ва дасти гиреҳкушои хонадон Пӯлод ҳам ночор ба мардикорӣ рафт.

Солҳои мардикорӣ барои Пӯлоди ҷавон солҳои мактаби ҳақиқӣ, солҳои худшиносию бедорӣ буд. Гӯё чашми хоболуди ӯ бедор шуд. Хоҳ дар заводу фабрика кор мекард, хоҳ дар сохтмони роҳи оҳан, хоҳ дар вокзалҳои пурошӯб борбардорӣ дошт, — дар ҳама ҷо ӯ бенавоиро медид. Барои нодорон дар ҳама ҷо як сангу як тарозу, дар ҳама ҷо болои сар осмони баланду зери по замини сахт буд.

Ӯ аз мардикорӣ бо дасти холӣ, вале дили пурумед баргашт. Мегӯянд, ки дастшикаста кор мекунанду дилшикаста не... Пӯлод аз Понғоз бо дили шикаста рафта буд. Аммо дар кишварҳои дур дӯстоне ёфт, ки дили шикастаи ӯро бардоштанд, рӯҳи тӯфонпарвару табъи исёнкори дар сиришти ӯ хобидаро бедор карданд. Ӯ дӯст кист, душман кист акнун хуб мешинохт.

— Пойлучон аз паи урусҳо парида ҳукумат карданӣ — мегуфтанд давлатмандон.

Пӯлод Ниёзов баъди аз мардикорӣ баргаштан дар зодгоҳи худ монда натавонист. Аз ҳодисаҳои бузурги давр канор будан, дар он ҷое, ки ӯ зарур аст, ҳозир нагаштан ба мақсаду мароми ӯ мухолиф буданд.

Шайдону Понғоз то Ошӯбаву Ашт — ҳама қароргоҳи босмачиён гардид. Аслан, инҳо ҳам ватанпараст буданд, дар ҳимояи мулку мазҳаби худ талош мекарданд. Пӯлод акнун бо назари муздурони Россия дӯсту душмани худро фарқ мекард.

— Инҳо кирмҳои майда-чуйда, ҳоло кирмҳои калон-калон зиндаанд ва ба Давлати ҷавони Инқилоб таҳдид доранд. Аввало онҳоро сар кӯфтан лозим аст, — мегуфт Пӯлод ба бародаронаш Додоҷон ва Муҳаммадҷон.

Акнун ӯ ба воқеаҳои давр ба хубӣ сарфаҳм мерафт, дар байни хараҷу мараҷҳои беҳисоб роҳи худро мешинохт.

Пӯлод ва Додоҷон ба маркази сиёсӣ ва инқилоби онрӯза — ба шаҳри Қӯқанд омаданд. Соли 1918 буд. Ҳаракати музаффаронаи Ҳокимияти Советҳо идома дошт. Ватанпарастон аз дохилу хориҷ бо тамоми қудрат ба пешрафти инқилоб монеӣ мекарданд. Дар ҷануб, дар хоки имрӯзаи Тоҷикистон, Туркманистон бо ёрии англисҳо отрядҳои зиёди ҳомиёни мулку мазҳаб ташкил шуда буданд. Фронти Закаспий яке аз ҷабҳаҳои асосӣ гашт. Бародарон Пӯлод ва Додоҷон дар Қӯқанд ба отряди Аскарони Сурх дохил шуданд. Пӯлод дар ҳамин отряд аъзои комсомол шуд. Онҳо ҳар ду ҷанговарони як отряд ба сӯи Закаспий равон шуданд.

Ҷангу ҷадалҳои шадид дар Қизил Арвот ва Қазончӣ мардонагӣ ва кордонии Пӯлодро дар пеши назари фармондеҳон ва ҳамсафон равшан карданд. Махсусан, ҷанги назди Қазончӣ яке аз муҳорибаҳои калонтарине буд, ки Пӯлод дар он иштирок дошт. Ҳар ду тараф ҳам талафоти зиёде доданд. Аммо муҳорибаи Қазончӣ натиҷаи ҷангро комилан ҳал кард. Ватанпарастон аз ҷӯли Қароқум пас гашта дар Красноводск мустаҳкам шуданд. Танкҳо, тӯпҳо ва киштиҳои англисӣ ин шаҳрро ба истеҳкоми мудҳиш табдил дода буданд.

* * *

Соли 1922 дар зодгоҳи Пӯлод ва деҳаҳои гирду атрофи он дастаҳои мусаллаҳи Раҳмонқул-қӯрбошӣ ҳукмравоӣ мекарданд.

Пӯлод акнун чун командири пуртаҷриба ва обутобдида бо дастаи на чандон сершумори худ деҳаи Шаҳи-

донро аз босмачиён озод намуда, ба расида омадани ёрии зарурӣ нигарон шуд. Дар ин фурсат Раҳмонқул аз чор сӯ ба атрофи деҳаи Шаҳидон қӯшунҳояшро ҷамъ кардан гирифт. Қароргоҳи Раҳмонқул қишлоқи Ошоба буд, ки аз Шаҳидон чандон дур нест.

Барои бартараф намудани хатари иҳоташавӣ Пӯлод бо дасти худ ба деҳачаи Булоқ омада нақшаҳои Раҳмонқулро барбод додан хост. Раҳмонқулро аз Ошоба рондан лозим буд.

Дастаи Аскарони Сурх ва фидоиён бо сардории командири 30-сола Пӯлод Ниёз ба ҳуҷум даромаданд. Дар баландиҳои назди деҳаи Ошоба муҳорибаи шадиди нобаробаре сар шуд. Ҷанговарони Пӯлод ба урдуи душман мардонавор ҳамла оварда, ҷонфишонӣ мекарданд. Ҷанг зиёда аз се соат давом кард. Ба ёрии Раҳмонқул аз атроф қувваҳои илова омада ҳамроҳ шудан гирифтанд. Аз нобаробарии қувваҳо ва сахт захмдор шуда афтодани командири худ ҷанговарони Пӯлод магар рӯҳафтода шуданд, ки оҳиста-оҳиста пас гаштан гирифтанд. Пӯлод аз пояш сахт захмдор шуд. Рӯз бегоҳ мешуд. Ҷанговарони ӯ ҷангкунон хеле дур рафта буданд. Ӯ пойҳои захмнокашро кашолакунон хазида-хазида худро аз чашми душман ба каноре гирифт. Шабона Пӯлоди маҷрӯҳ бо азобе худро ба бинои масҷиди кӯҳнае, ки дар як канори деҳа буд, расонд. Масҷиде, ки ӯ муқобили он буд, барояш охирин сарпаноҳ гашт. Куртаашро дарронда ҷароҳаташро баст. Аз шиддати дард ва хунравии бисёр сараш чарх мезад. Дандонҳояшро сахт мефишурду ба дард тоб меовард. Баногоҳ нолаашро касе шунида наояд. Тамоми шабро ӯ ба ҳамин минвол гузаронд. Саҳаргоҳон Пӯлоди аз дард ва кӯфтагии дирӯза беҳолу бемадор чашмаш ғанаб бурда монданашро нафаҳмида монд...

Ба ин гӯшаи масҷиди кӯҳна, ки замоне вазифаи таҳоратгоҳро адо мекард, касе қадам намемонд. Аммо нолаи хоболуди ӯро касе шунида монд ва ба умеди мукофоте хабари аскари сурхи маҷрӯҳро дарҳол ба Раҳмонқул расонд.

Кӣ будани он ноҷинсро аҳли Ошоба ҳанӯз ҳам намедонанд. Хиёнат ва ҷиноят ҳамеша касбу кори буздилон ва номардон аст. Шояд хиёнаткор оқибати он иқдоми шуми худро қабл аз вуқӯъ фаҳмида инқадар бо эҳтиёт амал кардааст.

Раҳмонқул-қурбошӣ фавран барои овардани командири сурх Пӯлод Ниёзов муовини худ Эрмат-понсодро бо як даста аскар фиристод.

Эрмат-понсод яке аз ҷоннисорони маъруфи аскари зидди инқилоб буда, дар мардонагӣ ном баровардa буд. Сонитар ӯ низ дар ҷанг ҳалок мешавад.

Пӯлоди ҷароҳатҳояш дар натиҷаи зарбу лат аз сари нав хуншор гаштаро ба назди Раҳмонқул оварданд.

— Ба ҷароҳатҳои Махдум (падари Пӯлодро Ниёз Махдум меномиданд) дору монед! — кӯтоҳакак амр кард Раҳмонқул.

Пӯлодро кашолакунон бурда хобонданд. Либосҳояшро пора карда ҷароҳатҳояшро кушоданд. Ба ҷароҳатҳои ӯ бо навбат даҳони фаранг, қаланфур, намак мегузоштанд. Ӯ фарёд назад, имдоде нахост. Дар ҳолате, ки дандонҳояш сахт ба ҳам фишурда буд аз ҳуш рафт.

Ӯро "уро-уро"-и дӯстонаш Аскарони Сурх ба худ овард. Пӯлод ба гӯшҳояш бовар накард. Тирпарониву "уро-уро" қариб ним соат давом кард. Вале Раҳмонқул ҳангоми гурез Пӯлодро фаромӯш накард.

Аскарони Сурх босмачиёнро думболагирӣ карда рафтанд. Ҷасади Пӯлоди бо зарби шамшер пора-пора кардагиро сокинони Ошоба Иброҳим ва Алӣ ба гилеме печонида саросема дар таҳи девори гӯристон ба хок супориданд.

Пӯлод ба умеди ҳақиқату адолат, ҳаёту зиндагии баробарҳуқуқона, барҳам додани пастию баландиҳои дар миёни одамон мавҷуда ба даст туфанг гирифта, ба ҷидол бархоста буд...

Ҳамсолони ӯ, додараш дар деҳаи Понғоз — ҳама имрӯз пирони солдида гаштаанд. Пӯлод дар ин синни ҷавонӣ барои ҳақиқату адолат ҳалок шуд ва дар хотири ҳама ҳамчун ҷавони 29-30 сола ҳамешагӣ мақом дорад. ***1968***

# ДАР ЯК КОЛХОЗИ ДИЛВАРЗИН...

Муҳаррири рӯзномаи “Машъал” Усмони Олим дар идораи танги худ нишаста, саҳифаи шумораи фардоинаро мехонд. Бодбезаки электрикӣ бошиддат кор мекард, аммо ҳавои тасфидаи хонаро сардтар карда наметавонист.

Ману муҳаррир ҳамчун дӯстони дерин ҳамдигарро оғӯш кашида вохӯрдем, ҳолҷӯӣ кардем. Усмони Олим аз саломатӣ ва кору бори дӯстони душанбегӣ пурсон шуд ва ҳарду дар сари як пиёла чой соате саргарми сӯҳбат будем. Акаи Усмон чандин сол боз дар Мастчоҳи нав, рӯзноманигорӣ кунад ҳам, ман қариб, ки мақолаҳои ӯро нахондаам. Усмони Олимро ман ҳамчун шоир мешиносам. Ӯ чор-панҷ сол муқаддам шеъру рубоиҳои хуб менавишт, аммо сонитар мисли бисёр ҷавонони соҳибқалам ба корҳои дигар саргарм гашту аз шеъргӯӣ дур монд. Шояд ин гуноҳи вай ҳам набошад. Дар замони мо бо музди шеър фақат шуарои хеле номвар ва ё соҳибмансаб рӯзгузаронӣ мекунанду бас.

Идораи рӯзномаро набзи ҳаёти район мегӯянд. Дарвоқеъ, дар район чӣ гапҳои тоза, чӣ воқеа ҳамаашро аз ин ҷо мефаҳмед. Албатта, рӯзнома органи райком аст ва асосан, бо супориши он аз ҷӯшу хурӯши кори деҳқониву молдорӣ ё дигар соҳаҳо менависанду ҳаёти аслии мардуми ноҳия дар як тараф мемонад.

Барои таҷриба, агар гузаратон афтад, ба идораи рӯзнома дароеду аз рӯзноманигорон дар бораи ягон саркор ё раиси колхоз ё чӯпони ба даҳон афтода савол кунед, ба шумо тамоми саргузашти ӯро аз ришта то ба сӯзанаш гуфта медиҳанд. Аммо моли нодири ба база омада ба куҷо меравад ё худ мансабдорон бо моҳонаи муқаррарӣ чаро инқадар зиндагии бошукӯҳ доранд, сабаб кардан наметавонанд.

Дар ин мавзӯъ ҷустуҷӯ ва таҳқиқ манъ аст. Аз ин аст, ки навиштаҳои онон ҳам беранг, дилгиркун ва якнавохт аст.

Ман ба Усмони Олим гуфтам:

— Мастчоҳи нав гузашта надорад. Ман бист сол муқаддам аз ин Янтоқ гузашта будам. На дарахт, на об, на иморате. Мастчоҳ танҳо имрӯзу фардо дорад. Ҳоло ба ман аз ҳамин рӯзу фардои он ҳикоят кунед.

Бори аввал дар бораи Азизов низ ман дар ҳамин сӯҳбат аз забони ӯ чанд сухан шунидам.

— Агар сарвари типи нав ҷӯед, — гуфт ҳамсӯҳбатам хотирҷамъ — ана, раиси колхози “Комсомол” Азизов. Ба носиҳатиаш нанигариста ин одам барои кори колхоз ҷон фидо мекунад. Шумо дар бораи раҳбарони типи нав гап задед. Мисоли гӯёяш ана ҳамин одам.

— Сиҳатиаш соз набошад, беҳтар аст, ки... — то ки Усмон-акоро малул насозам давоми суханамро нагуфтам. — “Дар тани солим — ақли солим” мегӯянд, инсони дардмандро ба кори сарварӣ таъин кардан хатост.

Бешак, ҳафт-ҳашт сол муқаддам дар деҳа шахсе, ки ӯро ба маънои пурра зиёӣ ва равшанфикр гуфта шавад, набуд. Касе набуд, ки бо вай аз ҳар хусус сӯҳбат кунад, изҳори ақида намояд. Алалхусус, дар байни раҳбарони колхозу совхозҳо чунин касонро дучор кардан кам муяссар мешуд. Имрӯз бисёр раисони колхозро дучор мекунед, ки дар хона китобхонаи хуб доранд, аз вазъи адабиёту санъат илм ва тамаддун, сиёсат ва иқтисодиёт ба хубӣ бохабаранд, рӯзномаву маҷаллаҳоро мехонанд, дар ҳар боб баҳс мекунанд. Имрӯз ба деҳа мераваму бисёр раҳбарони колхозҳо, кормандони идораҳои район савол мекунанд, ки Мирзо Турсунзода ҳоло чӣ навишта истодаанд. Фазлиддин Муҳаммадиев баъди повести “Дар он дунё” чӣ чоп карданд? Баъзе ҷавонони деҳот на танҳо аз маданияти илму маърифати халқи худ балки аз ҳунари Эйсебио ва Валерий Борзов, Евгений Евтушенко ва Майя Плисецкая, аз эҷодиёти Пикассо ҳарф мезананд.

Сонитар ман Мастчоҳро давр зада, бо бисёр касон ҳамсӯҳбат шудам, аз роҳҳои серхоки пахтазор пиёда гу-

заштам, шаб дар шипангҳои саҳро хоб кардам, дар тӯю тамошоҳо будам, дар сари кор баҳсу талоши деҳқонони Мастчоҳро шунидам ва дар ҳама ҷо, мавридашро ёфта аз кору бори Азизов савол мекардам. Аз меҳнату зисту зиндагӣ, аз муомила ва шахсияти ӯ гап мекушодам, то сухани тозае шунавам, фикри одамонро фаҳмам, сирри ҳақиқии обрӯ ва пешрафти кори ӯро дарёбам. Очеркҳое, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” ва журнали “Коммунисти Тоҷикистон” чоп шудаанд, ҳама — қолибӣ, ҳама — суханони умумие, ки ба ҳар як раис часпонед, мечаспад. Одамон ҳам ба ин усул фикрронӣ хӯ гирифтаанд. Аммо ман чизи дигар мехоҳам, вале возеҳ гуфтан наметавонам, ки чӣ мехоҳам...

Яке аз рӯзноманигорони маъруфи Мастчоҳ, мухбири махсуси рӯзномаи вилояти “Ҳақиқати Ленинобод” Мулло Боқӣ, ки бо банда дӯстии дерина дошт, суханони кунҷковонаи маро дар бораи раис, гӯш карда истода, гуфт:

— Додар, гапро лунда карда гӯям? — Ӯ сараввал бо табассум ба чашмони ман нигариста “мақсадатро дуруст фаҳмидам ё не”, гуфтанӣ буд.

— Тӯби футбол баринашро гӯед, агар аз он лӯндатаре бошад ҳам, розиам, — ба умеди он, ки ӯ ягон сире мегӯяд, наздиктар нишаста, ба чашмонаш чашм дӯхтам. Чашмони ростгӯи ӯ зиракона механдиданд.

— Ҳаштод-ҳаштоду панҷ фоизи колхозчиён аз сидқи дил, раисро ҳурмат мекунанд, ба вай боварӣ доранд.

Мулло Боқӣ инро гуфту гапам тамом гуфтагӣ барин ба майли хотир чойи пиёлаашро ҳӯп кашидан гирифт. Ман аз ин гап дар аввал ҳеҷ чиз нафаҳмидам, зеро “аксарияти кулл”-и даврони мо чӣ маънӣ дорад, ҳама медонанд ва ман ҳам медонистам. Шаккокӣ накардаму лаҳзае хомӯш ва сипас бо назари савол ба рӯи ҳамсӯҳбатам нигаристам.

— Ин гапи калон аст, дӯстам, — шубҳаи маро фаҳ-

мида, суханашро шарҳ дод ӯ. — Роҳбаре, ки ҳаштоду панҷ фоизи халқ сидқан тарафдори вай аст, аҳён-аҳён дучор мешавад.

— Ба дурустии фоизҳо боварам намондааст, ако, — гуфтам ҳазломез хандида. — Чӣ қадар ҷиноят аз номи халқ...

— Не, дар ин ҷо он фоизҳои ҳисоботӣ не, фоизи байни худамон додар, — гуфт Мулло Боқӣ хандида. — Ман нагуфтам-ку — 99,99!

Ҳамаи ин гуфтугузор маро ба ҷунбиш оварда, дар дили ман оташи иштиёқи шиносоиро фурӯзон мекард.

Аз Бустон то ба колхози "Комсомол" роҳ чандон дур не. Мошин понздаҳ дақиқа роҳ мегардад. Шоссе қад-қади канали Дилварзин меравад. Оби софи рӯди Сир дар ҷӯйбори бетонӣ шишавор ҷило дода, ба дашту биёбон ҳаёт мебарад. Ба кадом сӯ назар накунед, кор дар ҷӯш аст. Дар пахтазор духтарон ба сарчини ғӯза машғуланд, ҷавонон каланд дар китф обмонӣ мекунанд. Дар як тараф комбайни силосдаравӣ ҷувории дарозиаш бо қади бом баробарро дарав карда натавониста, ҷавони тракторчиро ҳайрон кардааст. Дар боғҳои замини навобод меваҳо расида, насим аз ҷониби харбузазор бӯи фараҳбахши харбузаҳои ширинро меоварад.

Аз аввал то охир дили маро як андеша пайваста мехарошиду рости гап, ба пурсидан аз ҳамсӯҳбатон ибо мекардам. Дар оғози сӯҳбат Усмони Олим "Маресев баринҳо ҳам ҳастанд", гӯён Азизовро дар назар дошт. Аммо ӯ нагуфт, ки раисро маҳз барои чӣ ба Маресев монанд кард. Маъйуб бошад? Ё ҳамту, барои иродааш? Аммо ин ҷавонмарди паҳлавонҷусса ҳеҷ як осори маъйубӣ надошт. Ман ҳамон вақт дар сари гап инро аниқ накарда будам. Аммо маънии суханони муҳаррир сонитар ба ман равшан шуд...

Аввал каме аз таърих. Колхози "Комсомол" аз рӯзи

мавҷудияти худ, яъне аз соли 1956 то соли 1962 рӯи панҷ раисро дидаст. Мисли он, ки дарахт ҳар соле дар танаи худ як ҳалқаи дигар меафзояд, ин колхози бебарор ҳам ҳар сол як раиси нав меёфт, аммо боз бо ҳамон дегу боз ҳамон кафлес мемонд. Рост мегӯянд, ки колхози хароб осиёби вайронро мемонад. Мардум ба кори колхоз дилсард гашта, аксар ба машғулиятҳои бечораҳолии худ овора мешуданд. Дар кори колхоз интизом футур рафта, ба тавфиқи кору бори он ҳеҷ касро боварӣ набуд.

Фаъолони ҳамон вақтаи колхоз ба хотир меоранд, ки чигуна аз райком супориш шуд, ки дар сари роҳи калон, болои канал чойхонаи сурх созанд. Аммо барои чойхонасозӣ колхоз пул надошт. Пас аз даву ғеҷи зиёде диданд, ки чойхонаро насохтан намешавад, раҳбарони колхоз аз колхози ба номи “Куйбышев” даҳ ҳазор сӯмро қарз карда, онро сохта буданд. Даҳ ҳазор сӯм! Барои колхози имрӯзаи “Комсомол” чи пул аст он!

Агар назар карда бинед, ки имрӯз колхоз якбора ҳам ҳаммоми мӯҳташами дар тамоми район беназир, ҳам парки бузурги мошину трактор, ҳам анбори равған ва даҳҳо иншоотҳои хурду калони дигар сохта истодааст, тасаввур карда метавонед, ки “тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо”.

Соли 1962 райком инструктори ҷавон Азизовро барои ёрӣ ба колхоз фиристод. Ӯ колхозро давр зада, бо кору бори колхозчиён шиносо шуд, камбудӣ ва муваффақиятҳоро қайд кард, барои ислоҳи кор ба раҳбарон кӯмак расониданӣ шуд. Аммо дилсардии колхозчиён ба кор, беинтизомӣ ва сарам-дилам кор кардани баъзеҳо ӯро пайваста ба ташвиш меовард. Субҳи барвақт ӯ дар бошишгоҳи ин ё он бригада ҳозир мегашт, аммо аз колхозчиён дарак набуд. Колхозчиён ягон-ягон ба чоштгоҳи калон ба сари кор расида меомаданд. Он ҳам фақат занҳо. Мардҳо аксар бо кору бори хоҷагии шахсии худ ё бозоргардӣ овора буданд. Охир кӣ муфт кор кардан мехоҳад?!

Кӯшиши раҳбарон бар он буд, ки ҳама гуноҳро ба

сари халқ бор карда, дар назари сарварони ноҳия меҳнати худро дар ислоҳи ин колхоз бесамар нишон диҳанд. Азизов масъаларо бо муҳокимаи аъзоёни правления гузошта, талаб кард, ки чораи ҳар чи зудтар барҳам додани ин ҳолро андешанд.

— Шуморо ба ин ҷо фиристодаанд, ки ба мо ёрӣ диҳед, — бо киноя, балки бо ситеза бо як оҳанги нописандона ҷавоб дод раиси ҳамон вақтаи колхоз Солеҳ Бобоев. — Канӣ, бинем, ин саҳар худатон сар шуда, колхозчиҳоро дар соати ҳашт ба кор бароред! Ана, баъд аз шумо ибрат гирифта, мо ҳам кӯшиш мекунем.

— Ҳар чӣ гӯеду нагӯед, ин корҳоро кардан даркор. Дар ҷое, ки интизоми меҳнат суст аст, роҳбарон беғайратанд — комёбӣ нест ва умедвор ҳам нашавед, — гуфт Азизов муросокорона.

Ӯ ҳис мекард, ки раиси колхоз Солеҳ Бобоев маҳз барои ҷавониаш ва фарзанди ҳамин деҳа буданаш ба ӯ, ба намояндаи комитети партиявии район инқадар нописандӣ мекунад. Агар ҳамин таклифро ягон роҳбари бонуфузтари район пеш гузорад, ҳамон лаҳза барои иҷрои он сафарбарӣ эълон карда, "ана ақлу ана тадбир, қурбони одами доно шавед, ки кам аст", гӯён таърифу тавсифаш ҳам мекарданд. Ҳа, ҳамдиёрони мо ба чи гуфтани ту коре надоранд, менигаранд, ки ту худ кистӣ. Чӯҷаи дирӯз аз тухм баромада, имрӯз омадаст, ки ба мо гапу кор ёд диҳад, мегӯянд. Аз тарафи дигар, беэътиноиашон ҳам бесабаб не, ман чӣ кореро ба сомон расондаам? Ҳеҷ...

Вақте ки раис бори дигар колхозчиҳоро дар соати ҳашт ба кор бароварданро ба зиммаи ӯ гузоштанӣ шуд, Азизов дигар тоқат карда натавонисту гуфт:

— Маро ба ин мақсад нафиристодаанд, ки хона ба хона гашта, колхозчиҳоро ба кор барорам. Ба фикрам, шумо вазифаи маро мефаҳмед, ако...

— Бародар, як гап гӯям хафа нашав. Ба саҳро баро, харбузаву тарбуз пухтагӣ, ягон ҷои салқину серсояро ёбу

кайф карда харбуза хуру дам гир. Ин хел, ман аз осиё биёму ту дӯл холӣ гуфтан гирӣ, ба кори мо зарба мешавад.

— Қадре андеша карда гап занед, раис. Ман имрӯз ба ин ҷо наомадаам. Аз рӯзи аввали муҳоҷирӣ дар ҳамин деҳаам, байни халқ зиндагӣ мекунам. Ман ҳам ба андозае ин мардумро мешиносам. Ба ин ҳол муросо кардан мумкин не. Халқ шуморо ба ин ният интихоб накардаст.

— Гап дигар аст, кор дигар, додар. Гапҳои ҳавоӣ мезанӣ. Каллаат бо хаёлҳои беҳуда пур шудаст... Ё... ё... раис шудан мехоҳӣ? А?

Азизов қариб буд, ки дарро тараққос зада пӯшида бадар равад. Рангаш парид, пешониаш арақ кард. Аз сабӯи рӯи миз ба стакан об рехту хӯрду ба курсӣ нишаста, андешид.

— Хайр, биёед, дурусттар фикр кунем. Ба фикратон, сабаби асосии ақибмонӣ ва камбағалии колхози “Комсомол” чист? — Азизов саволеро, ки кайҳо боз дилашро мехарошид, ба пеши раис кӯндаланг партофт.

— Намедонам, додар, акнун худат ин гиреҳро тафтиш карда накушоӣ, зӯри мо нарасид, — боз киноя сар кард раис. — Аз мо пеш ҳам ин колхоз чор раисро дид, онҳо ҳам фаҳмида натавонистанд... Як кас баланд, як кас паст, панҷ ангушт баробар намешавад-ку!

Равшан буд, ки раис дар ин бора кушоду равшан гуфтугӯ кардан намехоҳад ё худ ингуна гуфтугузор ба дилаш задаст. Аммо Азизов дар саволи худ истодагарӣ кард.

— Гӯш кунед, — ором намешуд ӯ, — бо колхозҳои ба номи Жданов ва Ленин замину обамон як аст, халқ як аст, дар як деҳкада истиқомат мекунанд. Пас сабаб чист, ки колхози “Комсомол” ягон бор планашро иҷро накардаасту онҳо ҳамеша пешқадам. Хӯш, ба фикратон айб дар куҷо?

— Намедонам, додар, намедонам. Худат як аниқ кун, мо ҳам фаҳмему баъд ба ҳамон нигариста кор кунем, — боз киноя кард раис.

Аммо Азизов ба кинояи ӯ эътибор надод, фаҳмад

ҳам, худро ба нофаҳмӣ зада, гуфтугӯро давом дод.

— Шумо надонед, ман медонам, дигарон медонанд, раис...

Бобоев гӯё ҳушёр гашт. Ӯ бо як ҳисси ба кас номаълум балки аз ваҷоҳати ҳамсӯҳбаташ пай бурд, ки ӯ чӣ гуфтанист. Балки раис хост ҷаҳли худро нишон дода, ин ҷавони маҳмадоноро аз гуфтани он сухан боздоштанӣ шуд. Раис хуб медонист, ки дар ғайби ӯ ин суханро хурду калон мегӯянд, аммо ба касрати зӯъмӣ ба он тан додан намехост, ки имрӯз ба рӯяш гӯянд.

— Хайр, ба чӣ хулоса омадед, канӣ фаҳмем. Хулосадон бисёр, шуд, насиҳатгӯӣ бисёр шуд... — ғур-ғур кард раис.

— Хулосаам ҳамин ки... Ҳама айб дар ташкили кор. — Азизов мақсадашро хеле мулоим карда гуфт, то ки якбора раисро шӯр наорад.

Аммо раис мағзи ин суханонро дуруст мулоҳиза накард.

— Шуморо барои ёрӣ фиристондаанд, ана ташкил кунед, охир. Мо бинем, ёд гирем. Гап кати, ташвиқот кати дигар ин одамонро кор фармуда намешавад.

— Ташкили кор аз аввал вайрон. Ислоҳи он осон не. Шумоён боварии халқро гум кардаед. Агар гапро пӯст канда гӯям, ҳама айб дар роҳбарони колхоз аст. Имрӯз бо ин усул раҳбарӣ карда намешавад.

Баъд аз ин суханон байни Солеҳ Бобоев ва вакили ноҳия Азизов гуфтугузори сахте ба вуқӯъ пайваст, ки онро аҳли деҳа шунида, ба тарзи худ “тую ман” кардаанд, гуфтанду монданд. Аммо “тую ман”-и онҳо дар ҳамин ҷо намонд. Раис аз ёрии Азизов даст кашида, таҳдидкорона гуфт, ки дар масъалаи ӯ ба худи котиби райком гапзанон мекунад. Мақсади ёрӣ раҳбарони колхозро беобрӯй кардан набудагист-ку!

Азизов бо табъи хира аз колхоз баромада рафт. Ӯ аз таҳдиди раис, ҳатто агар шикоят кунад, аз шикояти вай парвое надошт. Хуб медонист, ки дар боло матлаби ӯро

мефаҳмидагиҳо ҳастанд. Ӯ аз он ваҷҳ ғамгин шуд, ки ба раҳбарони колхоз гапашро фаҳмонда натавонист. Ҷои он, ки ягон ёрии амалӣ расонад, хархаша оғоз кард. Вай ҳайрон буд, ки чаро одамон мақсади ӯро намефаҳманд. Охир, вай сидқан ба кори колхоз ёрӣ расонданист... Кори колхоз пешрав гардад, мардум осудаҳол гарданд, барои ҳама хуб аст-ку! Наход, инро Бобоев нахоҳад? Не, мехоҳад, чаро нахоҳад... Аз афти кор, ман мақсадамро дуруст фаҳмонда натавонистам. Ин хел шарту шурт гап назада, роҳашро ёфта исбот карда, нишон додан даркор... Раис ҳам зӯъмӣ дорад! Гап намебардорад. Ба вай айбашро гӯю гурез...

Ҳамон шаб Азизов то дергоҳ деҳаро пиёда гашт. Соат кайҳо аз дувоздаҳ гузашта бошад ҳам, дар чашми ӯ хоб набуд. Аввал ба лаби канали боло баромад, қад-қади канал рафту деҳаро аз самти шарқу ҷануб давр гашт.

Вай аз ин воқеа хеле дар изтироб буд. Дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд, ки ӯро ба раисӣ пешбарӣ мекунанд... Акнун Бобоев чӣ мегӯяд?

Кабинети котиби райком, гуфтугӯ дар бораи сабабҳои қафомонии колхоз, чораҷӯиҳо, таклифҳо — ҳама бори дигар аз хаёлаш гузаштанд. Суханони раҳбарони ноҳия ҳанӯз дар гӯшаш садо медоданд: “Ҳама кор ба раис вобаста. Ба колхоз раҳбаре даркор, ки дили халқро гарм кунад. Бобоев аз ӯҳдаи ин кор намебарояд. Хизмати ӯ кам нест, аммо имрӯз талаб аз роҳбар дигар аст...”

Азизов бо ҳамин хаёлҳо ба сари марзаи калон баромад, ки он хатти сарҳади ду колхоз ба шумор мерафт. Як тараф пахтазори колхози “Комсомол”, тарафи дигар — пахтазори колхози ҳамсоя. Ӯ ба ҳар ду тараф бо навбат якчанд бор нигариста, вазъияти киштзорҳоро муқоиса кард. Дар яке ниҳол тунук, зарду нимҷон, ҷо-ҷо ҷазираҳои холӣ ҳам ба назар мерасиданд. Дар қитъаи дигар ниҳоли пахта дандон барин зич, ранги ниҳолҳо сабзи си-

ёҳчатоб, пур аз кӯраку пахта...

Баъд ӯ ба самти омадааш баргашту дар сари роҳи калоне, ки деҳаро аз миёна ба ду тақсим мекард, лаҳзае бозистод. Дар тарафи дасти рост ӯ — хонаҳои аъзои колхози ҳамсоя, дар тарафи дасти чап — деҳқонони колхози "Комсомол" зиндагӣ мекунанд. Деҳа ҳама монанди пахтазор бо намуди зоҳири худ аз ҳам фарқ мекард.

Дар колхоз қариб панҷ ҳазор ҷон, қариб ҳафтсад хонавода ҳаст. Бо ҳар яктои ин одамон сару кордор шудан, онҳоро ба кори колхоз дилгарм кардан магар кори осон аст? Барои музди ночиз кор кардан дили ҳамаро аз кор сард кардаст. Колхозчиён чунин вонамуд мекунанд, ки кор мекунанд, раҳбарони колхоз чунин вонамуд мекунанд, ки музд медиҳанд, дар асл на ину на он... Агар қабл аз ин дар ягон колхози дигар кор карда, аҳволи онро ба сомон меовардам, гап дигар буд. Халқ умедвор мешуд, ки шояд ягон чора кунаду колхозро аз ин вазъият барорад. Ҳоло ҳеҷ кас ба ман бовар намекунад... Агар давлат пахтаро андаке бо нархи баландтар мехарид... Килои пахта — 60-70 тин, пилла — 6-7 сӯм...

Ӯ бо ҳамин фикрҳо аз кӯчаи қишлоқ гузашта мерафт. Сафедорҳои наврас ҳанӯз ба роҳ соя наандохта буданд. Деҳкада панҷ сол қабл аз ин дар дашти холӣ ба вуҷуд омад. Мардум дар солҳои аввал ба ин ҷойҳо дил набастанд, ниҳол ҳам нашинонданд. "Наход, ки дар ҳамин ҷо як умр зиндагӣ кунем?!" — шубҳа мекарданд онҳо. Биёбони бешафқат, тафсон, гармсел на мева, на соя... "Ана, ин ҳавлии Амин, — Азизов ба ҳавлии оддии канори роҳ нигариста, беихтиёр овоз бароварду баъд овози худро шунида, хиҷолат кашид ва хавотиромез ба атрофаш нигариста гирифт. Не, ҳеҷ кас нест, овозашро касе нашунидааст. Агар кор кунанд, Амин баринҳо як бригадаро обод мекунанд. Аммо вақтҳои охир аз кори колхоз дасту дилашро шустаст. Бозоргардӣ мекунад. Чаро? Колхоз камбағал, ба рӯзи меҳнаташ пули казоӣ дода наметаво-

над. Ана, Толиб ҳам ба ҳамин кӯй афтодаст... Замин ҳаст, об ҳаст, дасти корӣ ҳаст, техника ҳаст, пас камбудии мо чист, ки дигарон барин бадавлат, осудаву обод нестем? Асп ёбию дашт ёбию натозӣ, гунаҳгор худат, мегӯянд. Рӯзгорамонро як бор ба тартиб андохта, соли дигар ҳалол кор кунем — канӣ! Баъд маълум мешудагист...

Пеш аз маҷлиси интихоботии колхизчиён дар деҳа валвалае рафт, ки ба колхоз раиси нав пешбарӣ кардаанд. Аҳли колхоз ҳар сол як раиси навро дида, акнун ба омадану рафтани раисҳо ҳам одат карда буданд. Аксар бепарво, ба кору бори худ овора, на ба маҷлис нигарон буданд, на ба раиси нав.

Аммо дар колхоз гурӯҳе одамони ба ин ҳодисаҳо шавқманд ва шабу рӯз дар ин хусус бо рағбат фикр мекарда низ кам набуданд. “Кӣ раис мешудаст?” Он рӯзҳо ин савол дар даҳони онҳо, агар яке бо дигаре вохӯрад, аввалин саволашон ҳамин буд. Овозаҳои гуногун, тахминҳои ҳархела, ки одатан, дар ин гуна мавридҳо ҷӯш мезаданд, ин бор ҳам аз даҳон ба даҳон мегаштанд.

Бисёр касон ҳайрон буданд, ки акнун киро раис интихоб мекунанд.

— Кӣ раис мешуда бошад? — дар тааҷҷуб мепурсид яке.

— Дар ин колхоз одами раисбоб ҳам намонд, — ҷавоб медод дигаре.

— Қариб ҳама як борӣ раис шуда фуромаданд. Ману ту медонем, ошно.

— Агар аз дигар ҷо ягон касро оварда ба раисӣ пешкаш накунанд...

— Аз колхози мо раис барояд ҳам, боз кор хӯрҷин. Яктаамон ду намешавад. Аз афташ, худо ин корҳоро ба мо нафармудаст...

Сонитар, дар арафаи маҷлиси ҳисоботӣ ба раисӣ номзад будагиҳо аниқ шудан гирифтанд. Ана дар ҳамон рӯзҳо ногоҳ яке хабаре ёфта омад, ки онро шунида, аввал

ҳама ҳайрон шуданд.

— Писари Азизмуҳаммад раис мешудаст? — ба гӯшаш бовар накарда такрор мепурсид мӯсафеди ҳанӯз бақуввате, ки лингаи орди аз магазин харидаашро оҳиста ба замин монда нафас рост мекард.

— Аз калонҳо чӣ дидем, ки акнун аз ин бача бинем, — бо тамасхур даст афшонд як нафар муаллими деҳа.

— Валло, рост мегӯед, — сухани ӯро қувват дод колхозчии дигар. — Вай ҳоло тамоман бача-ку! Аз даҳанаш бӯи шир меояде! Раисӣ ҳам бозӣ шуд!

— Хайр, ҳамон обрӯманду кордидаҳоро дидем. Инро ҳам як бор санҷем. Аҷаб не, ягон корнамоӣ кунад. Аз мо чӣ меравад?

— Аз мо чӣ меравад-а!.. — тамасхур кард яке.

Ҳамин тариқ аввалҳои соли 1962 ҷавони 29-сола Азизовро колхозчиёни “Комсомол” раиси хоҷагӣ интихоб карданд.

Албатта, аз рӯи одат “интихоб карданд” мегӯем, вале дар ягон колхоз раисро колхозчиён бо салоҳдиди худ, аз байни се-чор даъвогар интихоб намекунанд. Райком номзади ягон касро пешбарӣ мекунаду дар маҷлис ҳама чору ночор даст мебардоранд. Ҳаминро “интихоб” мегӯянд.

Колхози ақибмонда, қарздор, дар касса як тин пул надорад, дар анбораш донае ғалла надорад, мардум аз бебарории колхозашон ба кор дилсард — чунин буд вазъияти ҳақиқии онрӯзаи колхоз, ки Азизови ҷавон вазифаи раҳбарии онро ба зимма гирифт. Фурсати фикру ан-деша набуд. Колхозҳои ҳамсоя аллакай шудгорро тамом карда буданд, аммо дар баъзе қитъаҳои колхози “Комсомол” ҳанӯз ғӯзапоя нағундоштагӣ буд. Ӯ механизатор-ҳоро ҷамъ карда, каме ҳамсӯҳбат шуду ба сӯи район тохт. Ба чандин дар сар зада, аз фонди Комитети Иҷрои-яи район панҷсад сӯм пул қарз гирифт. Фармуд, ки ба он пул гӯшту равған харида, механизаторҳои ба кори шудгор банд бударо бо хӯроки гарм таъмин кунанд.

Ҳамин тариқ раиси ҷавон ба баҳор — ба имтиҳони душвори раҳбарӣ тайёрӣ дидан гирифт.

Барор буд, нобарорӣ буд, сахтиву мушкилӣ буд, гоҳо соатҳои ноумедӣ буд, аммо раиси ҷавон дар атрофи худ фаолони боғайратро ҷамъ карда, пасро пас мезад, пешро пеш мезаду хоҷагиро кам-кам ба роҳ мемонд. Баъзан дар соатҳои мушкиливу ноумедӣ суханони раиси пештараи колхоз Солеҳ Бобоевро ба ёд меоварда, ки ҳангоми ба кор сар кардани Азизов гуфта буд: “Эҳ, додар, ин кор одамро об мекунад. Одам оҳан бошад ҳам, об мекунад...” Мардак рост гуфта будаст. Аз ин беҳудакорӣ одам агар оҳан бошад ҳам, об мешавад...

Дар он айём ба дурустии тартиботи колхозӣ гӯё ҳеҷ кас шубҳа надошт, аммо ҳама медонистанд, ки аз он усули дӯлобкортаре нахоҳад буд.

...Ман ҳамроҳи раис дар идорахонаи ӯ нишаста, аз вазъи имрӯзаи колхоз савол мекунам.

Соли гузашта колхоз як миллиону ҳаштсад ҳазор сӯм даромад кардааст. Ман ин рақамро бо даромади колхоз дар соли 1971, ки сесаду шаст ҳазор сӯм буд, муқоиса намуда тахмини худро ба раис изҳор мекунам:

— Замини киштро зиёд кардед?

— Не, — эътироз мекунад раис, — замини кишти колхоз зиёд нашудаст. Замини илова мекарда нест. Акнун навбати дуюми канали Дилварзин ба кор дарояд, қариб ҳазору сад гектар замини нав мегирем. Аз ҳамон ҳисоб, қариб шашсад гектараш пахтазор мешавад.

— Ин хел бошад, коратон хеле пеш рафтаст. Қариб ду миллион даромад-а!

Ба хона марди лоғарандоми миёнасоле даромада, пас аз вохӯрӣ ба раис муроҷиат мекунад:

— Баъзе масъалаҳои ҳаллашон зарур буд...

— Ҳа, майлаш, шинед, — раис сипас, ба ман рӯ оварда шарҳ медиҳад: — Ин кас ҳисобдори колхозамон

Давлатмаҳмад Қурбонов. Даҳ кас бо сардории ин кас ба Масчоҳи кӯҳна рафта омаданд. Дар он ҷо як қисм чорво, боғу роғ дорем, шир, пилла, пашм тухм мегирем... Аҳволро санҷида, бо райфо шартнома баста омадаанд.

Баъд раис соате бо ҳисобдор машғул шуду ман аз рӯи мизи ӯ шумораи нави маҷаллаи “Садои Шарқ”-ро гирифта варақ задам. Чашмам ба мақолае афтод, ки дар он роҷеъ ба китоби Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” сухан мегуфт. Дирӯз бо раис дар хусуси ин китоб гуфтугӯ доштем. Ӯ, ки аслан факултети таърихро хатм кардааст, доир ба таърих дониши саҳеҳ дошт. Китоби “Тоҷикон”-ро хонда, аз мулоҳизаҳои амиқи олими маъруфи тоҷик изҳори мафтунӣ менамуд.

— Аммо як масъалаи бисёр муҳим фаромӯш шудаст ё муаллим бо ягон андеша ба он дахл накарданд, — гуфт ӯ андешамандона ба чашми ман нигариста. Маълум буд, ки вай дар ин хусус фикри маро фаҳмиданӣ аст.

— Чӣ гуфтаниед?

— Медонед... Вақтҳои охир баъзе таърихшиносони ӯзбек дидаю дониста далелҳои рӯз барин равшанро нодуруст тарҷеҳ менамоянд, бисёр санадҳоро хароб мекунанд. Як-ду китоби таърихшиносони ӯзбек ба дастам афтод, хонда ҳушам аз сар парид.

— Шумо гуфтаниед, ки чаро Бобоҷон Ғафуров ба ингуна вайронкорон ҷавобе надодааст, танқид накардааст? Рост не? Китоби Ғафуров ба ҳамаи он сохтакорон ҷавоб додааст. Китоб саросар баҳс аст, исбот аст. Ҳамаи он далелҳо, барои танқид ва маҳкум кардани ҳамон таърихшиносони сохтакор оварда шудааст.

— Боз номашро гирифта танқид кунанд, нағз буд.

— Онҳо чандон одамони ном гирифта, баҳс мекарда нестанд.

— Рост мегӯед, — иқрор кард Азизов.

Раис гуфтугӯяшро бо ҳисобдор поён накарда аз дар як зани миёнасоли хушандом даромад.

— Обидова Санавбар, раиси ҷамоаи Оббурдони мо, — шинос кард Азизов.

Баъд ӯ бо Обидова масъалаи соз кардани кадом як роҳро муҳокима карда, фардо ду нафар коргар фиристоданӣ шуд. Сипас, раиси ҷамоа ба кор андохтани чойхона — ошхонаеро пеш гузошт. Баъд аз гуфтугузори зиёде ба ҳамин қарор омаданд, ки ошхонаро дар сари роҳи калон райфо созад.

Дар ин миён ягон-ягон панҷ-шаш нафар колхозчиён дар идораи раис ҷамъ шуданд. Дар таҳи дари раис монанди роҳбарони дигар котиба нест. Дари кушода, ҳар кас кораш бошад, даромада омадан мегирад.

Дар деҳа ҳама якдигарро медонанд, ҳеҷ сири пинҳонӣ нест; кору бори ҳар як фард, аз ришта то ба сӯзан ба ҳама равшан аст.

Яке аз ҳозирон аз тиреза сар берун карда, милисаи аз дур ба сӯи идора омадаро дида, гуфт:

— Милиса меояд. Додараш аз ҳарбӣ омад, барояш кор мепурсидагист?

Раис гуфтугӯяшро бо як нафар ба охир расонду дигаре ба мизи ӯ наздик рафта нишаст.

— Ҳа, омадӣ?

— Омадам. Ягон хизмат буд? — ҷавони лоғарандом чашм аз замин набардошта маҳзун гап мезад. Аз овози вай пай бурдан мушкил набуд, ки ӯ дар дил андӯҳе дорад.

— Хонаат тинҷ, бачаҳо дуруст? — раис бо як оҳанги нарму дилсӯзона ҷавонро ҳолҷӯӣ карда, ба рӯи вай бодиққат зеҳн монд.

— Раҳмат, ҳамааш соз.

— Як путёвка диҳам, рав, камтар дам гирифта биё.

— Путёвкааш чӣ? Ҳайрон шуд ҷавон.

— Роҳхат-дия, ба курорт ё осоишгоҳ.

— Раис, худатон медонед... Ин қадар ташвиш ба сарам омад... Ҳозир пул надорам... Бепул чи хел меравам?

— Пул медиҳем. Чи қадар даркор?

Ҷавон дақиқае фикр карда, хомӯш монд.

— Хайр, як дусад сӯм бошад, мешудагист? — Ӯ саволомез ба раис нигарист. Дар лабонаш аз шарм табассум давид.

— Сесад сӯм медиҳем. Барои бачаҳоят дастовез ҳам биёр.

Баъди баромада рафтани он ҷавон ман аз раис пурсидам, ки ӯ кӣ буд, чаро ба осоишгоҳ фиристоданиед. Раис ба ҷавоб даҳон нокушода, яке аз ҳозирон, ки ҳоло ба курсии арздорон менишаст, пешдастӣ карда ба ман ҷавоб дод:

— Тракторчии нағзамон. Як-ду моҳ пеш ҳамсараш аз дунё гузашт, кӯдакони хурдаш монд. Хайр, модараш ҳасту... Бозам ҷудо зиқ буд, — баъд вай ба раис рӯ оварда гуфт: — Нағз кардед, раис.

Азизов ҳамаи ҳозиронро гуселонда, бо намояндагони бригадаи ғаллакорӣ Нор Азизмерганов ва Сафар Беков дар як масъалае гарму ҷӯшон баҳс карду “дар ин хусус бо аъзоёни правления маслиҳат кардан даркор, агар правления розӣ шавад, ман розӣ”, гӯён мегуселонд, ки аз дар се нафар меҳмонони дигар даромаданд. Аз сару либос ва нишасту хезашон маълум буд, ки инҷоӣ нестанд.

Лаҳзае ба гуфтугузори онҳо гӯш дода фаҳмидам, ки намояндаи ПМК будаанд. Колхоз ҳаммомро бо қувваи худ сохту монтажи онро бояд, ки ПМК анҷом медод. Азбаски ПМК ҳуқуқи ингуна биноҳоро сохтан надорад, банк пул нагузарондаст. Ба ғайр аз ин, сохтмон дар плани истеҳсолии колхоз набудааст.

Баъди он, ки сарикқтисодчии колхоз ҳуҷҷатҳои даркориро бардошта омад, ҳамагӣ як ҷо нишаста, ин масъаларо ҳал карданду раис аз ҷо бархост.

Мо ҳамроҳи раиси колхози “Комсомол” Мирзо Азизов аз кӯчаҳои деҳкада гузашта меравем. Сокинони

деҳа мегӯянд, ки ҷамоаи онҳо аз ҷиҳати афзоиши аҳолӣ дар мамлакат ҷои аввалро гирифтааст.

Намедонам, ин даъвии онон то чи андоза саҳеҳ аст, аммо ҳаминаш аён буд, ки кӯчаҳои ин деҳкадаи сабзу хуррам ҳамеша бо кӯдакон ободӣ дошт.

Ман ба раис аз ҳар хусус савол медиҳам. Ҳис мекунам, ки баъзан саволҳои ман ба ӯ аз ҳад зиёд оддӣ менамоянд. Баъзе саволҳое, ки оҳанги кунҷковӣ доранд, ӯро ба андеша водор мекунанд.

Ду тарафи роҳ пайваста боғу роғ, кӯчаҳо пурсоя, аз ҷӯйбори канори роҳ оби равон ҷорист. Ман бо ҳисси кунҷковӣ аз дари кушодаи баъзе ҳавлиҳо ба дарун менигарам. Хонаву айвонҳо бениҳоят фақирона. Агар ягон марди хориҷӣ сурати ин хонаҳоро бубинад, оғил гумон мебарад. Деҳоти нодорони Африқо ҳам аз инҳо ободтар... Хонадони деҳқони тоҷик бо истиқоматгоҳаш понздаҳ сотих замин дораду бас. Бинобарон, заминро эҳтиёт мекунад. Замини рӯи даричаашро гулзор кардани деҳқон нишонаи бағоят осудаҳолии ӯст. Баъзе иморати таҳхонадори дуқабата, ки аз хишти пухта бо тарҳи имрӯз андохтаанд, ба деҳа ҳусн меафзоянд. Соҳиби инчунин иморатҳоро мепурсам. Механизатори колхозу саркор кам, аксаран ягон мансабдор, ходими савдо...

Баъд раис шарҳ медиҳад:

— Ҳоло дар колхоз касби механизаторӣ аз ҳар як касбу кор дида сердаромад аст. Механизаторон моҳе аз сесад-чорсад сӯм кам намегиранд. Аммо ҳанӯз ба ин замин сахт дилбастагӣ надоранд.

Ба қадаммонии раис менигараму суханони Усмони Олим ба хотирам мерасад, ки гуфта буд: “Мо ӯро Маресьеви масчоҳиён мегӯем. Аз ҳамон хел ҷонсахтҳо-дия. Ба ҷои вай каси дигар бошад, аз хонааш берун намебарояд...” Куҷои ин одам бемор бошад? Дар ӯ ҳеҷ осори хастагӣ надида, он суханонро боз аз сарам дур мекардам.

Мо дар домани деҳа ба назди комбайни силосбурӣ

рафтем. Комбайн ҷуворӣ дарав мекарду онро реза карда ба рӯи аробаи симтӯркашидае мерехт, ки он аз паҳлӯи комбайн бо суръати он баробар мегашт. Ҷуворӣ бағоят кад кашида, баъзе ҷойҳои онро шамол хобонда буд. Аз чи сабаб бошад, ки комбайн ҷувориро тоза дарав накарда, як қисми онро дар зери чархҳо поймол карда мерафт.

— Ин комбайн барои трактори ДТ-54 аст. Суръати гашти ДТ-75 тезтар — комбайнро аз кор боздошта фаҳмонд раис. — Бинобарон, теғҳоро зич карда бисёртар гузоред.

Вай ҳамроҳи комбайнчӣ ба сари мошин рафта, тартиби теғҳои онро чигуна дигар кардан даркор, фаҳмонду баъд таъинот дод:

— Ҷуворӣ зери по шудаст. Ба ин аҳвол баракааш мепарад, казоӣ силос ҳам намегиред. Аз паси комбайн зуд КИР андозеду ҳамаашро ҷамъ карда гиред.

Бояд кайд кард, ки заминҳои Дилварзин, асосан, дар нишебӣ воқеъ афтодааст. Ба замми нишебӣ, қасд кардаги барин аксар замини регзор. Дар ин ҷо замини саросар, ҳамворро намеёбед. Замини бригадаи Давлат Сафаров аз ҳама поён — дар сарҳади ду ҷумҳурият — Тоҷикистон ва Ӯзбекистон доман кашидааст.

Ба ҳудуди пахтазори ин бригада медароеду ҳис мекунед, ки ҳама кор дар ин ҷо дигар хелтар — батартиб, ниҳолҳои пахтазор қариб, ки бехато, зич, атрофи замин аз алафи бегона тоза шудааст, дар ҳар қадам хирман-хирман поруи бехта барои мошинаи порукашӣ тайёр карда шуда даруни тирҷӯйҳо тӯда-тӯда пору барои шарбатдиҳӣ — хулоса, ҳама кори саркори ордендор дар назар аз дигарон фарқ мекард. Мо — аксар ба чунин номдорон, ба заҳмати ҳалоли онон шубҳаангез менигарем, зеро сири баъзеи онҳоро донистаем — бо кӯмаки раису райком байрақбардору қаҳрамон гаштаанд.

Раис дар нимроҳ аз мошин фуромаду ба пахтазор даромада, ҳар ҷо — ҳар ҷои онро санҷида, хеле дур рафт. Ман ба тамошои ин манзараи сабзи беканор машғул ме-

нишастам. Ба киштзори сабзу хуррам нигаристан ҳам кайфе дорад. Махсусан, агар киштзор дар авҷ бошаду аз обу ғизо сер бошад, ранги он дигар хел метофтаст. Деҳқонон киштзори ташнаро "нолидаст" мегӯянд, ки ин бесабаб нест. Нолаи ниҳолҳои ташна ба гӯш нарасад ҳам, ба кайфияти инсон таъсир дорад. Кӣ медонад, балки деҳқонони кордида нолаи онро мешунидагистанд...

Ба ин ҷо обро бо қубурҳои оҳанӣ овардаанд. Замин регзор аст, агар ҷӯй кати об овардани шаванд, ними зиёди обро регзор кашида мегирад. Дар сари ҳар як қитъа даҳанае мондаанд, ки бо калиди махсус онро кушода, ба пахтазор об мемонанд. Ба фикрам, чораи хуб ёфтаанд. Ин усулро на танҳо дар заминҳои регзор, балки дар заминҳои муқаррарӣ ҳам ба кор бурдан лозим. Об аз ҳар чӣ қимат аст, онро дар шароити мо ҳар қадар сарфаву саришта кунед, ки кам аст. Дар ҳар як колхоз чи қадар заминҳо аз нарасидани об сӯхтаву бирён гашта, беҳуда, нообод хобидаанд. Агар об мерасид, он заминҳо бекора набуданд, ҳеҷ набошад, боғи мевазор ё худ дарахтони сояафкан шинонда, дар он ҷо барои бачаҳо истироҳатгоҳ сохтан мумкин буд. Аслан об ҳам, замин ҳам бесоҳиб, аз бесоҳибӣ баракаташ нест. Агар дар қад-қади ин ҷӯйборон сафедор ё қарағай шинонанд, ҳама бо чӯби бинокорӣ таъмин мешаванд...

Азизов дар ду чанголаш сарнавдаи ғӯза аз пахтазор баромада омад. Баргҳои нав кушодашударо ба ман пеш оварда гуфт:

— Ба ин баргҳо нигаред... Бодиққат нигаред...

Ман чанд шохчаро ба даст гирифта зеҳн мондам, аммо ҳеҷ чизро пай набурда, бо назари савол ба раис нигаристам.

— Ана, ин чизро дидед? — вай ба нуқтаи хурдакаке, ки дар рӯи барги навкушода ноаён меҷунбид, ишора кард. Баъд дигарҳояшро нишон дод.

Як шеъри Ҷонатон Свифт ба хотирам расид, ки ӯ чи

гуна кайкро дар зери оинаи заррабин нигариста дидаст, ки ҷонвари ба чашми оддӣ ноаёне кайкро мегазад... Беихтиёр хандидам.

— Ҳашароти зиёнкор ба сарнавдаи пахта тухм мегузорад, — шарҳ дод раис. — Дар байни ду-се рӯз аз ин тухм ҳашарот мебарояд. Бинобарон, манфиати чеканка аз ин ҷиҳат ҳам беқиёс аст. Тухми ҳашаротро хеле кам мекунад. Ба колхозчиҳо таъинот додаем, ки сарнавдаҳои кандаашонро ҷамъ карда, ба ягон ҷои махсус партоянд.

Давлат Сафаров ҷавонмарди резаҷусса, лоғарандом, гандумгун, дар сӯҳбат ҳалим ва фурӯтан ҷилва мекард. Дар симояш нишони ғайрат ва иродати сахти ӯ ҳувайдо аст. Дар ҷавоби ҳолпурсии раис гуфт, ки бригада чеканкаро тамом карда, ҳоло ба ғизодиҳии саросар шурӯъ кардаст.

Баъди чанд сухани дигаре, ки доир ба вазъи пахтазор байни ҳар ду радду бадал шуд, саркор гуфт:

— Як бор ба наздатон рафтанӣ будам.

Раис бо назари савол ба рӯи вай нигарист.

— Заҳ пахтаро нобуд карда истодааст, раис. Агар заҳбурро тезтар канда, заҳро нагурезонем, меҳнатамон барбод меравад.

— Чи, магар Водхоз кор сар накардаст?

— Сар кардан кати, пешрафти кораш маълум не. Ҳӯ, ана вай экскаватор ду ҳафта боз дар ҳамон ҷо, — суроби аз дур намоёни экскаваторро нишон дод Давлат. — Гоҳ-гоҳ як-ду кас омада, дар гирдаш ҷунбуҷӯл мекунанду боз гум шуда мераванд.

— Хуб, ман гапзанон мекунам, — раис ба дафтарчааш чизе навишту баъд боз ба пахтазор рӯ оварда, пурсид: — Ҳамаи ин поруро бо трактор мепошед?

— Ҳа, гаштаашро суст карда...

— Эҳтиёт шавед-дия, ғӯза сершох, баланд шудагӣ, пешро дида намешавад. Боз тамоми шонаю кӯракро нарезанд. Чи хел поруҳо дода истодаед?

— Суперфосфату поруи молро омехта медиҳем. Ана, ин хел аз ғалбер нагузаштагиҳояшро ба сари марза рехта, шарбатоб карда медиҳем, — ӯ поруҳои дурушти ба даруни ҷӯй рехтаро нишон дод. — Дина ба совхози “Правда” рафта, қадре поруи мурғ ёфта омадам.

— Ӯҳ-ҳу, чи қадар? — ба ваҷд омад раис.

— Ду мошин. Ғун шудагиаш ҳамин будаст. Як илоҷе карда гирифтам.

— Ду мошин пахта бурд кардед.

Ҳар ду хушҳолона хандиданд. Баъд раис ба ман рӯ оварда гуфт:

— Соли гузашта аз ҳар гектар 40 центнерӣ ҳосил гирифтанд. Имсол қавлашон — 50.

— Кори аз дастамон меомадагиро кардем, акнун гап ба тирамоҳ. Тирамоҳ соз ояд, иҷро мешавад, — гуфт Давлат сурх шуда.

— Ҳар як гулу шонаро эҳтиёт кунед, панҷоҳ гуфтагиатон ҳазл не. — Чашми раис ба сабукрави болояш бо брезент пӯшида афтод, ки қариб як километр дур аз мо дар баландие меистод: — Вай азони кӣ?

— Азони Наҷмиддин. Ба қарибӣ харид. Худаш дар ҳамон наздикӣ обдорӣ мекунад. Саҳар савор меояду бегоҳ савор меравад. Як банд-ним банд алафи молҳояшро ҳам ба болояш баста мегирад.

— Ҳуқуқи ронандагӣ дорад?

— Дирӯз ҳамроҳи ман имтиҳон супорид. Ман ҳам аз рӯи қоидаи нави ронандагӣ аз санҷиш гузаштанам даркор будаст.

Бо Давлат Сафаров хайрухуш карда, мо ба тарафи болодасти деҳа, ба сӯи пахтазори Маликшоҳ роҳ гирифтем.

— Соли 61 колхоз чи қадар даромад гирифта буд? — савол кардам аз раис.

Вай аз ин саволи ногаҳонӣ ҳайрон шуда, аввал ба рӯям

нигариста монду баъд зӯр зада, ба хотир овардани шуд.

— Даромади колхоз он солҳо... аз 350 ҳазор сӯм зиёд набуд.

— Соли гузашта чи қадар?

— Соли гузашта як миллиону ҳаштсад ҳазор сӯм даромад кардем.

Ҳар ду боз хомӯш монда, ба фикру андешаҳои худ банд шудем. Ронанда, ҷавони хушовоз будаст. Ногоҳ “Қӯшчинори” Шоҳназар Соҳибовро сар карду ҳавои ларзони ин суруди дилрас ҳастии ҳар дуи моро ба худ кашид. Ронанда айнан, бо гиру мони Соҳибов тараннум мекард. Дар ҳавои ин суруд аҷаб як ҷозибае пинҳон аст, ки дили ҳар як шунавандаро ба талотум меорад. Оҳиста, шеърро гӯё ба тақтеъ ҷудо карда, бо нафосат хондани ӯ ҳавасангез буд.

Ба рағми булбулон имшаб лаб аз гуфтор мебастам,
Зи хуни дида дар дил ман ду сад гулзор мебастам.

Газик кӯчаи ҳамвори деҳаро ақиб гузошта, ҳоло бо роҳи пасту баланд ва пурхоки пахтазор ҷаҳидаву афтода мерафт, аммо мо ҳар се дар банди ин суруди диловез баробар тараннум мекардем:

Гул аз боғи ҳавас мечидаму бар хор мебастам

— Мӯсафед чанд моҳ аз вафоташон пештар аз телевизион чунон суруд хонданд, ки зӯрии овозашонро шунида, ҳайрон шудем, “хайрият, ҳанӯз бақувват будаанд” гӯён хурсанд гаштем, — гуфт Азизов андешамандона.

Ман хандидам. Раис бо тааҷҷуб ба рӯям нигарист.

— Он кас дар назди камераи телевизион истода ҳамон сурудро ором замзама мекарданду мову шумо овози чанд сол пеш сабт шудаашонро мешунидем, — шарҳ додам ман, ки аз он тараннуми ҳофизи пир бохабар будам.

— Ҳа, ана, гап дар куҷо! Ман ҳайрон шудам, ки наход

дар синни ҳафтод ҳамин хел овози зӯр дошта бошанд... Барои миллат ин хел санъаткорон гавҳари ноёб...

Газик дар лаби ҳавзи гирдогирдаш бо бедҳои баланди серсоя иҳота ёфта истод. Мо аз мошин фуромада, ба саркор рӯ ба рӯ шудем.

Баъди вохӯрӣ ва ҳолпурсӣ раис ба ҷониби пахтазор ишора карда ба Маликшоҳ гуфт:

— Хӯш, ба гапам акнун тан додед ё не?

— Не, ҳаргиз розӣ нестам. Чӯҷаро дар тирамоҳ мешумуранд.

Баъд раис маънии ин гуфтугӯро ба ман фаҳмонд:

— Ин кас мегӯянд, ки ба замини регзор пахтаро қатор коштан нодуруст, 60 ба 60 коштан даркор. Ман гуфтам, ки не, замини регзор камбағал, ниҳоли пахта шох намезанад, қатор коридан даркор. Бигзор, ниҳол бисёр шавад. Не, ба гапи ман розӣ нашуданду шаст бар шаст кориданд. — Маълум буд, ки ҳоло раис маро ба ҳакамӣ даъват мекунад.

Ман аз сухан гуфтан худдорӣ кардаму бо назари савол ба саркор нигаристам. Аз нигоҳаш маълум буд, ки ӯ дар фикри худ устувор буда, ба ҳеҷ ваҷҳ пешниҳоди раисро қабул карданӣ нест.

— Шумо кори маро зидди агротехника мегӯеду, аммо ба пахта нигоҳ намекунед. Ана, бо бригадаи ҳамсоя муқоиса кунед, вай қатор корид. Рафта як бор бинед. Ҳама гап равшан мешавад, ки ҳақ кӣ ноҳақ худаш аён аст, — гуфт Маликшоҳ бо табассум.

— Не, Маликшоҳ, ин тавр хулоса баровардан хато.

Бригадаи шумо — бригадаи пешқадам, ба ҳеҷ ваҷҳ онро бо як бригадаи миёнҳол муқоиса намекунем. Ҳосили шумо нисбат ба вай нағз, аммо агар бо маслиҳати мо кор мекардед, ҳосилатон боз бештар мешуд, — даъвои ӯро ботил кардан мехост раис.

— Пахтаи мо аз пахтаи ҳеҷ кас кам не.

— Се метри мураббаъ пахтазорро ҷудо карда кӯрак-

ашро шумуред. Канӣ, чанд кӯрак дорад. Ман аминам, ки кӯраки пахтазори Давлат нисбат ба пахтазори шумо зиёд аст.

— Тирамоҳ мебинем, раис, — дар фикри худ истодагарӣ мекард саркор. — Тирамоҳ ҳамааш маълум мешавад.

— Ба ғайр аз ин, пахтаро сӯхтаоб накардаед. Бинед, қадаш баланд шуда рафтасту ҳосил кам.

— Сӯхтаобатон чи? — пурсидам ман аз раис.

— Пахтаро дар аввал кам об додан даркор, то ки решааш чуқур равад. Аз аввалаш паёпай об додан гиред чуқур реша наронда, ба қад зӯр мезанад. Сонӣ, — раис боз ба Маликшоҳ рӯ овард: — Обро калон мондетон. Замин нишеб, хоку поруи будагиро аз замин шуста мебарад.

— Ногоҳ об зиёд шуда мондаст. Дигар вақт, заҳ кашонда об медиҳем. Дар масъалаи пору мадад мекардед, раис.

— Барои порукашонӣ ҳафт мошин ҷудо кардем. Нисфи мошинҳо ба хошок банд. Аммо аз Олтинтопкан пору овардан шарт не. Ҳамаи аъзоёнатон гов доранд. Аз ҳар хона ним мошин пору гиред, қариб бист мошин пору ҷамъ мекунед. Ҳам ҳавлиҳо тозатар шуда, магас камтар мешавад. Тракторро бепору ба пахтазор надароред.

Колхозчиён як-як ба танаффуси нимрӯзӣ баромада, дар шипанг ҷамъ шудан гирифтанд. Саркор моро ба чойи нисфирӯзӣ даъват кард. Раис ба соаташ нигаристу “хуб, ҳозир” гӯён, аз дасти ронанда як чизи латтапечро гирифта, ба тарафи буттазори анбӯҳ рафт. Ман як саволомез ба ронанда нигаристам. Ҷавон табассум кард. Саркор тааҷҷуби маро пай бурда шарҳ дод:

— Раис ба як дарди сахт печид. Аз афташ, даво надоштаст. Ҳозир худаша укол карданӣ рафт. Ҳар рӯз аҳвол-ана ҳамин...

Ман пай бурдам, ки ӯ ба дарди диабети қанд мубтало гаштааст.

— Кай боз? Чи хел ба ин дард гирифтор шуданд? —

якбора ба ҳаяҷон омадам.

— Парер сол аввалҳои тобистон буд, як рӯз, тарафи бегоҳ чунон жола зад, дар як нафас ғӯза луб-луч чӯб шуду монд. Баргу шох намонд, як танаш монд халос. Ана, раис хабари ҳаминро шунида, якбора тобашон гурехт.

Баъд ҳамроҳи аъзоёни бригада балои суфаи лаби ҳавз ба чойхӯрӣ нишастем. Чой, нон, харбузаю тарбуз...

Дар ҳавои тасфон баҳору тобистону тирамоҳ ранҷ мекашанду хӯроки ин касон — нону чой. Аксар ба шом ҳам хӯроки гӯштдор намехӯранд. Чаро?.. Ҳосили ранҷи онон ба куҷо меравад?.. Чаро мо аз ин хусус ҳеҷ намеандешем?..

Дар ҳамин асно мошини боркаше дар шитоб ба шипанг расиду ҷавонмарде аз кабинаи фуромада рост ба Азизов рӯ овард:

— Раис, ҷӯи боло задаст, — гуфт вай пас аз салому алек. — Бетон кафидаст. Дар ҷӯйҳо як қатра ҳам об нест. Дар ин ҳавои тасфон агар зудтар соз накунанд, тамоми гулу шона нобуд...

Раис аз ҷой хесту ҳама баробар бархостанд.

— Шумо ҳамин ҷо монед, — гуфт раис ба ман хитобан, — хӯроки гарм набошад ҳам, бо нону харбуза нимрӯзӣ кунед. Ман меоям. Худам ба водхоз телефон накунам, намешавад.

Газик ба тарафи деҳа роҳ гирифт. Чанги аз паси он бархоста, дар роҳи пахтазор монанди Каҳкашон дар осмони нилгун маро пайваста ба худ мекашид.

— Не, бахше аз деҳқонон ҳаққу ҳалол кор мекунанд... аммо колхоз чунин вонамуд мекунад, ки ба онон музд медиҳаду ғамхорӣ мекунад... — гуфтам ман хитобан ба Маликшоҳ. — Бе истиқлол, беҳуқуқ, бе демократия ҳоламон ҳамин аст, додар.

Вай ба маънии ин сухан возеҳ сарфаҳм рафт ё не, аммо ба тасдиқ сар ҷунбонд.

***1978***

# ЧАКРАЕ, КИ ЧАКИДУ ДАРЁ ШУД

Фақат аз ҳамин як ибораи “чакидани чакра” ҳам имрӯз хонандагони борикфаҳм пай мебаранд, ки рӯи сухан ба ҷониби кист. Мо таронаҳои ӯро чи дар шаҳр чи дар деҳоти дурдасттарин аз забони мардум мешунавем. Ҳар як духтарчаи ҳанӯз зочабоз ба шумо таронаҳои “Чакра чакидан гирад” ва ё “Тоқӣ ба сарат, тоқии шоҳӣ ба сарат”-ро гуфта метавонад. Оре, таронаҳои ӯ дар як муддати кӯтоҳ дар дилу ҷони мардуми тоҷик ҷо гирифт ва симои рӯҳафзои ӯ, ки саропо шавқу шодмонӣ аст, дар пеши назар ҳамеша чун таронаи зиндагӣ ҷилва мекунад.

Таронаҳои Муқаддасро беҳаяҷону беизтироб, беташпиши дил, бепарво шунида наметавонед. Сири ин комёбии ҳунарвари ҷавонро овозшиносон ва ҳунарозмоён меҷӯянду муқаррар мекунанд.

Мегӯянд, ки истеъдод чашмаест, ки ҳеҷ як монеаро намеписандад, дер ё зуд, хоҳ-нохоҳ ҷӯшида равон мешавад. Ин ҳикмат беасос набуданашро овозаи ҳунари ӯ боз як раҳ собит намуд.

Вай дар аввал ба маслиҳати модараш — муаллимаи хизматнишондодаи республика Хоҷарбӣ Набиеваро, ки ӯро ба институти санъат дохил шав, мегуфт, гӯш накард. Он солҳо комёбиҳои ӯ дар гимнастикаи нафис ҷолибтару дилработар буданд. Вай дар бисёр мусобиқаҳои варзишгарон иштирок карда, ба мактаби худ номи баланд меовард. Бо вуҷуди ин, муаллимаи истеъдодшиноси ӯ Евдокия Ивановна дар мактаби рақами 53 пойтахт ҳамеша ба ӯ таъкид мекард: “Барои ту, Муқаддас, аввал консерватория, сонӣ институти тарбияи ҷисмонӣ”.

“Чӣ бояд кард? Сухани ду шахси мӯътабарро гӯш накарда мабодо ки боз пушаймон бишавам?” — муддатҳо фикр мекард вай. Аммо...

Дар синни ҳабдаҳ ҳар ҳам кас як бор дар сари чунин чорраҳаи орзу истода фикр мекунад, ҳайрон мешавад,

маслиҳат мепурсад. Муқаддас аз амри дили якрави худ берун рафта натавонист. Ба институти тарбияи ҷисмонӣ рафт.

Солҳои таҳсил дар институт ҳам вай аз саҳна дур будан натавонист, хоҳ-нохоҳ ҳалқаи ҳаваскорони санъат ӯро ба худ ҷазб мекард. Авҷи дилнишини таронаҳои ӯ кам-кам ба гӯшҳо менишаст, ба атроф паҳн мегашт, дилҳоро ба ҷӯш меовард. Аввал дили ҳамсабақонро тасхир кард, баъд атофиёнро сонӣ дуру наздикро. Вале ҳанӯз ҳам Муқаддас ба ин машғулияти худ ҳамчун ба як навъ дилхушӣ ва саргармии муваққатӣ менигаристу бас.

Артисти Хизматнишондодаи Республика Орифшоҳ Орифов таронаҳои ӯро шунида, на як бору ду бор Муқаддасро ба Филармонияи давлатии Тоҷикистон, сонитар ба ансамбли “Гулшан”-и телевизион ва радио даъват кард.

Миёни мардуми мо овозхонон кам нестанд, аммо ҳунарваре, ки таронаҳои ӯ мудом дар дили кас садо диҳад, ҳамеша кам аст. Ҳунарваре, ки соҳиби чунин истеъдод аст, сазовор аст, ки дигар ҳеҷ ғамеро ба дил роҳ надиҳад, зеро табиат ӯро подоши беназире бахшидааст — истеъдод. Он ба шахси ӯ тааллуқ дорад, онро бо ришва ва бухлу ҳасад, бо ҷӯрабозӣ, бо унвону ҷоизаҳо гирифтан натавон.

Ман овози ӯро мешунидаму ба зӯрозмоиҳои ҷавонмардони беҳунаре, ки солҳои дароз аз саҳнаҳо, телевизиону радио пайваста нағмагаранду ҳунари онон ба ҳеҷ дил намерасад, афсӯс мегуфтам...

Устодони ҳунар ба Муқаддас пайваста мегуфтанд, киояндаи вай хоҳу-нохоҳ ба санъати овозхонӣ пайванд аст, аммо духтари варзишгар ба ин даъват ҳеҷ розӣ намешуд ва ҳамин ки таътил оғоз меёфт, ба Фархор мерафт, пеши ҳамдиёрон, дугонаҳо, додару хоҳаронаш таронаҳо мехонд ва худ сурудҳои онҳоро гӯш мекард, ҳунарварони деҳаро машқ дода ба конкурси “Бӯстон”,

азназаргузарониҳои республика меовард ва ба ҳунарварони районй худ комёбй аз паси комёбй ҳадя мекард. Ҳар сол аҳвол ҳамин буд. Ӯро дар саҳнаҳои Душанбе, дар радио ва телевизион ҳамчун намояндаи фархориён мешинохтанд. Вале ӯ дар Душанбе дар ҳамин шаҳри ҳунаршинос таҳсил мекард. Гузаштагони ӯ аз Самарқанд будаанд.

Соли 1967 Муқаддас Набиева ҳамчун лауреати азназаргузаронии республикавӣ соҳиби дараҷаи якум гардид.

Соли 1973 Муқаддас дар курси сеюм таҳсил дошт. Орифшо Орифов ӯро ба консерти солинавии телевизион даъват кард. Муқаддас аз таронаҳои дилошӯбтарини худ, аз бадеҳаҳои халқӣ чанде суруд.

Диламро деҳ, ман бедил намонам,
Ба мисли мурғи нимбисмил намонам,
Агар ишқат бувад гирдоби дарё,
Маро ҳам бар ки дар соҳил намонам...

Орифшо Орифов таронаи ӯро гӯш карду боз ҳам ба таъкид гуфт:

— Духтар, ту бояд суруд хонӣ... Дигар ҳама корро таҳ карда ба як сӯ мону ба “Гулшан” биё. Парто института!

Боз наомад. Ӯ институтро хатм карду ба районй Фархор ба кор рафт. Ҳам тренери мактаби спортӣ ва ҳам роҳбари маҳфили ҳаваскорони санъати район буд.

Боз ӯ дар ҳузури деҳқонону чорводорон — дар назди харидорони асили ҳунари худ ҳунарнамоӣ мекард, аз кафкӯбию таҳсини онҳо, аз миннатдорӣ ва хушнудии мардуми диёр курта-курта гӯшт мегирифт, меболид, мефахрид. Он рӯзҳоро ба хотир оварда Муқаддас мегӯяд:

— Рости гап, ана, ҳамон рӯзҳо ман аҳамияти саҳнаи ҳунар, қисмати таронаҳои худро чуқур ва чунон ки боист эҳсос кардам, фаҳмидам, ки ба ин шуғли худ сар-сарӣ

нигаристанам хатои авфнопазир аст. Мардум аз ман суруду таронаҳои рӯҳафзо талаб доранд.

Оқибат соли 1974 вай ба амри дили худ сар фуровარду ба ансамбли “Гулшан” омад. Ҳамкорӣ бо созандагону ҳофизони маъруф, сафарҳои ҳунарӣ ба шаҳру кишварҳои гуногун ҳунар ва истеъдоди ӯро гӯё ба шоҳроҳи бузург оварданд. Чашмаи таронаю нағмаҳои шодӣ гӯё дар синаи ӯ асир буду якбора раҳ ёфта, берун омад. Тарона аз паси тарона, яке аз дигаре дилошӯбтар, тозабаён, самимӣ ва дилрас, эҷод мекарду сурудҳои ӯ ба ҳар дил ҳамсадо мегашт.

Муқаддас Набиева таронаҳои рӯҳафзои тоҷикиро ба Франция бурд, дар саҳнаҳои Полша, як қатор республикаҳои бародар хонд. Не, фақат хонд гуфтан ғалат... Ӯ дар шаҳри Па Де Кале бо дархости дӯстон ба бетобиаш нигоҳ накарда дар саҳна таронаҳои дилписанди худ “Тарки ёри кардӣ”, “Духтари дарё”, “Шайтонакро” мехонду мерақсид ва сомеон барои ӯ аз дилу ҷон кафкӯбӣ мекарданд.

Моҳи маи соли 1977 рӯзҳои ҳунари Тоҷикистон дар Москва баргузор гардиданд. Онҳое, ки он рӯзҳо ба ВДНХ мерафтанд, тамоми рӯз аз радио овози ин хонандаи хушлаҳҷаи тоҷикро бо ҳавои фалакии кӯлобӣ, бо суханони комилан дилраси мардуми ин диёр мешуниданд ва аз зери карнайҳои радио дур рафта наметавонистанд.

Тоқӣ ба сарат, тоқии шоҳӣ ба сарат,
Шиштум сари кӯчаҳо, ки пурсам хабарат.
Шиштум сари кӯчаҳо наомад хабарут,
Беаҳд будай, бача, бирезад ҷигарат.

Онҳо чаҳор хоҳаронанд. Яке — инженер, дигаре — духтур, сеюмӣ — актрисаи театр... Худи ӯ — ҳофизаи хушилҳом. (“Спорт аз ман ранҷида монд” — мегӯяд ӯ).

Монанди ҳамаи ҳофизони хушсалиқа Муқаддас ҳам шеърдону шеъргӯй аст. Ҳамроҳи ӯ соатҳои дароз байтба-

рак кардан мумкин аст ва ҳаргиз байтеро такрор намехонад ва мағлуб намешавад. Аз осори лафзии халқ дубайтиҳои мардуми Кӯлобро, метавон гуфт, ки комилан дар ёд дорад.

Ӯ аз шоирони пешин ашъори Ҳилолиро бағоят меписандад ва хеле ғазалҳои ин шоири нозукадоро тараннум мекунад. Сурудҳои тозаи ӯ, ки алҳол дар назди умум нахондааст, бештар аз таронаҳои халқӣ ва ғазалҳои Ҳилолӣ иборатанд.

Артисткаи Хизматнишондодаи республика Муқаддас Набиева аз зумраи он соҳибистеъдодҳои ҷавон аст, ки халқи мо бо ҳунари ӯ мефахрад, меболад, ӯро духтари ҳамдарду ҳамрози худ мешиносад, истеъдоди ӯро сарвати бебаҳои худ медонад. Шеъру оҳанг, ҳавои дилошӯби таронаҳои ӯ чи сире доранд, ки инқадар писанди умум гаштаанд? Фақат аз таъсири овози хуши ӯ? Не. Бар асари овози дилнишин, сурудҳои ӯ комилан ба завқи халқ мувофиқ, ба рӯҳи ӯ созгор, гӯё аз умқи дили мардум бархостааст. Ҳавои таронаҳои ӯро бо ҳавои дигарон омехтан нашавад.

Таронаҳои ба тозагӣ ба лента сабт гардидаи ӯро шунида аз қабили “Хоҳам, ки ба зери қадамат зор бимирам” (ғазали Ҳилолӣ) ба чашмаи саршори истеъдоди ӯ мафтун мешавед.

Мардуми тоҷик аз ин духтари ҳунарвари худ таронаҳои зиёди дилошӯб чашмдор аст, умедвориаш қавист, ки басо мулоқоти ҳаяҷонбахш ва сурурангез бо Муқаддас дар пеш аст.

***1979***

# ЧАРОҒИ САБЗ

“Волга”-и сафеди дарҳояш бо катакчаҳои шоҳмот зинаёфта дар сари роҳ қарор гирифту аз он марде шитобон баромад ва ба тарафи бинои чаҳорошёнаи рӯ ба рӯ рафт. Ронанда — зани миёнсоли ба мӯйҳояш сафедӣ панҷа задагӣ, аз кабина баромада, ба пайраҳа гузашт ва дар сояи дарахтон қадам задан гирифт.

Кӯчаи шаҳри калон монанди ҳамеша пурмошин, пурмағал, серравуо... Аммо дар байни ин сели беохир ҳамкорон мошини ӯро зуд пай бурда гаштанашро суст мекарданд.

— Чӣ гап, тинҷӣ? — мепурсад яке аз таксиронҳо аз тиреза сар баровардa.

— Ёрӣ диҳам, Хайрӣ-апа? — мепурсад ҷавони дигаре мошинро дар рӯ ба рӯи вай оҳиста ғелонда ва дар ҷавоб изҳори миннатдорӣ шунида, наистода мегузарад.

То вақте ки Хайрӣ-апа аз ин ҷо намеравад, аҳвол ҳамин: ҳамкорон аз назди мошини дар роҳ истодаи вай бепарво гузашта намераванд. Вай ба дарди онҳо ҳаргиз бепарво набуд.

Дар иттиҳодияи якуми нақлиёти мусофиркашонии Душанбе занону духтаронро ба ангушт мешуморед. Чӣ ҷои тааҷҷуб, кори мошинронӣ дасту бозуи мардона металабад. Махсусан таксиронӣ, ки шабгардӣ ҳам дорад ба занҳо ҳеҷ мувофиқ нест.

— Бисту шаш сол пеш аз ин ба сари чанбари фармони мошин нишастани духтари тоҷик воқеаи муқаррарӣ набуд: Хайрӣ мошинро ронда аз кӯчаи шаҳр гузарад, ба сӯи вай ҳама менигаристанд. Он солҳо мошини навбатдори таксобазаро меронд. Падару модар ба касбу кори мардонаи вай ҳеҷ розӣ набуданд. Падар на як бору ду бор ӯро насиҳат кард, фаҳмонд, таҳдид намуд. Он суханони вай ҳанӯз ҳам гӯё, дар гӯши Хайрӣ садо медиҳанд: “Духтарам, ҳушатро ба ҷояш биёр, охир, ҳар

кас дар дунё кори зебандаи худашро кунад. Ин хел бемаҳал овора гаштан ба духтар намезебад. Ба кори фабрик рав, чеварӣ кун, дар магазин кор кунӣ ҳам, дарди бахайр... Дар миёни шоферҳо!.. Мо ҳам мехоҳем аз дарамон хостгор дарояд...” “Чӣ, магар ба ман хостгор намеояд?” — густохона савол мекард Хайринисои ҳаждаҳсола. “Ин хел арӯси сару рӯяш мазуту исту бисташ бӯи бензин ба кӣ даркор?! Аз ту бӯи бензин не, бӯи атру упо ояд-дия...” Хайринисо механдиду мегуфт: “Парво накунед, ҳар гулеро як харидорест дар бозори ҳусн! Ба бӯи бензин ҳам хушдор будагист. Агар хушдор набошад ҳам, ман баъд аз ин коре мекунам, ки хушдор шавад”. “Ягон ҷавон туро хуш кунад ҳам, падару модараш арӯси мошин мерондагию шабу нимшаб кор мекардагиро намехоҳанд. Нағзаш, сари вақт аст, ягон касбу кори дигарро ёд гир...”

Замон, давр ба истиқболи Хайринисо меомад. Ӯ дар бисту ду солагӣ ба сари рули таксӣ нишаст. Хешовандон боз шадидтар эътироз карданд:

— Ҳаминаш монда буд... Ту духтарӣ ё дигар бало? А?.. Дар куҷо шунидӣ, ки духтар таксӣ ронад? Э, тавба...

— Ойгул Муҳаммадҷонова нуздаҳсола будааст, самолёти ҷангиро мерондаст. Боз фашистҳо катӣ дар ҳаво ҷанг кардагӣ. Э, шумо гаштед-дия!.. — базлагӯӣ мекард вай ба гапи хурду калон. — Ғам нахуред. Ман бешавҳар намемонам... Худам меёбам...

Дар ҳақиқат, Хайринисо ҳамсари ҳаёташро дар сари фармони таксӣ ёфт, шинохт, дӯст дошт. Воқеаи шиносоии вай бо ҳамсари ояндааш ба ин тариқа сурат ёфт: шабе се нафар мардони ширакайф ба мошини Хайринисо нишастанду аввал гуфтанд, ки ба бозори Шоҳмансур бар. Дар роҳ қарори онҳо дигар шуд: гуфтанд, ки аввал онҳоро ба ҷои дигар, ба хонаи яке аз он ҳамсафарон барад. Гуфтору кирдори ин одамон ба Хайринисо шубҳанок намуд. Духтараки зирак аз авбошон ва пулмастони шаҳр будани инҳоро ҳис карду ба саволҳои бе-

маънии онҳо ботаҳаммул, ҷавоби сазовор медод. Нигоҳ дар рӯшноии чароғи мошин даст бардоштагиро дид. “Одам нагиред, даркор не, чанд сӯм хоҳед, мо медиҳем”, — гуфтанд дар мошин нишастагиҳо. Дар ин миён аз назди он ҷавони даст бардоштагӣ сад метр барин гузашт. Хайринисо мошинашро қарор дода гуфт: “Хешам, дидanaм даркор.” Вай чолок аз мошин фуромада ба истиқболи ҷавони ба сӯи мошини ӯ тохта истода гуфт. “Гӯш кунед, ба куҷо меравед?” “ба беморхона...” — ҷавон дар рӯ ба рӯяш духтари бистсолаи мавзунро дида ҳайрон шуд. “Ба ман нигаред, номи ман Хайрӣ... шумо шиноси ман... ман инҳоро бурда монда шуморо мебарам... Хуб?” гуфт вай ҳамроҳи он ҷавон ба сӯи мошин омадаравон. Ҷавон бачаи зирак будаст, матлаби ӯро зуд фаҳмиду гуфт: “Парво накунед. — Сипас, илова кард: — Номи ман Абдуғаффор...” Тарбузи он се нафар аз бағалашон афтод, аммо ба ин ҳам нигоҳ накарда, вақте ки ба дарвозаи як ҳавлии бекас расиданд, он се нафар дарвозаро кушода Хайринисоро дарун даъват карданду, меҳмон шав, сонӣ меравӣ гуфтанд. Оқибат, диданд, ки чораи дигар нест, гуфтанд, ки ҳаққи мошинро даромада аз хона гирад. Хайринисо туф карду мошинро газ дода рафт. Абдуғафforро ба беморхона бурд, дар он ҷо то падари беморашро дида баромадани вай интизор истод, сипас, ӯро ба хонааш бурд. Духтараки ҷасур ва зирак ба Абдуғаффор маъқул шуд. Онҳо боз вохӯрданд... Баъд Абдуғаффор соатҳои дароз дар истгоҳ ба қавли Хайринисо “таксишумурӣ” карда меистодагӣ шуд. Аммо дилбари мошинсавори худро ёфтани ошиқи пиёда осон набуд.

Аз ин боби ҳаёташ сухан ояд, Хайринисо-апа ҳоло табассум карда мегӯяд:

— Аммо як сухан додом рост омад: худи ҷавон маро талабгор бошад ҳам, падару модараш нахостанд. Сонитар розӣ шуданд, аммо шарт монданд: баъди арӯс шуда ба хонаи онҳо омадан мошинрониамро бас кунам. Сонӣ...

бечора мӯйсафед вафот карданд.

— “Хайрият”, гуфтагистед? — савол кардаму озмоишкорона ба чашми ӯ нигаристам. Аз ҷавобаш ба ин савол хеле сифатҳои инсонии ӯро пай бурдан мумкин буд.

— Не, ин хел нагӯед. Барои хушбахтиам ҳаргиз мусибати каси дигарро намехоҳам... Кошкӣ, зинда мебуданд, бахти писарашонро медиданд... — Сонӣ бепарво гуфт: — Мо ҳисобашро меёфтем. Вақте ки ду дил як шуд, ҳеҷ монеа писанд нест.

Агар аз Хайринисо-апа пурсед, ки касби таксиронӣ чаро ба вай ин қадар маъқул аст, мегӯяд:

— Дар давоми бисту шаш соли корам дар таксӣ чандин маро ба вазифаҳои нағз пешбарӣ карданд, аммо нарафтам. Намехоҳам. Аз ҷавонӣ ҳоҷатбарорӣ кардан, дар хизмати мардум будан, ҳар лаҳза ба одамон як некӣ мехоҳам. Таксӣ маҳз ҳамин хел кор... Доим бо одамон сару кор доред...

Баъд вай ҳикоя кард, ки чӣ хел боре шабона аз назди кӯли Комсомол мегузашт, ногоҳ фарёди имдодхоҳонаи духтареро шунид ва ба ҷониби кӯл нигариста дид, ки духтараке ёриталабон ба сӯи вай метозад. Ҳарчанд, ки дар мошин ҷойи холӣ набуд, ба равандагон амр кард: “Ҷафстар шинед”. Духтаракро ба мошин савор карду аз дасти ду-се нафар ҳамроҳони авбошаш наҷот дод. Ё худ, боре аз кӯча мегузашт, дид, ки дар бинои шафат сӯхтор воқеъ шуда, хомӯш кардаанду ҳоло ду-се нафар дар сари роҳ ба мошини “Ёрии таъҷилӣ” нигаронанд. “Чӣ гап шуд?” — наздик омада, мошинаро рост ба тарафи бино ронду амр кард: “Зуд бароред!” Ӯ кӯдаки маҷрӯҳро фавран ба беморхона расонд...

Ронандаи Хизматнишондодаи республика Хайринисо Турсунова зани фурӯтан ва хушсӯҳбат аст, дар бораи ҳамкоронаш бисёр суханони шуниданӣ гуфт, аммо дар ин ҷо овардани ҳамаи он суханон ӯро зарурат нест. Аз бобати кори худаш агар мепурсидам, мухтасар мегуфт:

— Касеро ба ҷое бурдан ҳам гап шуд! Ана, духтур гапи дигар. Ё муаллим...

— Аз бурдан то бурдан фарқ ҳаст. Одамон ҳамеша аз хизмати шумо мамнунанд, аз мошинатон бо табъи чоқ мефуроянд.

— Ман дар қатори сайёҳон дар Республикаи Демократии Германия будам, — мегӯяд Хайринисо-апа суханро бурида. — Тартиби кори онҳо хеле беҳтар аст. Мошинсаворон пиёдагардонро бағоят эҳтиром мекунанд. Пиёдагард ҳам қоидаро вайрон карда ба роҳи мошингард намебарояд. Ронандагон чунон батартиб, бе ҳеҷ саросемагӣ, орому батамкин мошин меронанд. Махсусан, дар ҷойҳои бензингирӣ тартиби корашон ба ман писанд омад. Ягон қатра бензин ба замин намерезад. Ҳама бонавбат, ором... Сонӣ, роҳашон ҳам — роҳ-дия!.. Равған рехта лесидагӣ барин. Дар масъалаи роҳи автомобил вазъият дар республикаи мо, ба назарам, чандон хуб не. Бигирем, роҳҳои шаҳрамонро: асфалти кӯчаи Ленин як навъ. Ҳамин ки аз кӯчаи Ленин ба ягон кӯчаи мобайнӣ тоб хӯред, пасту баланду бардору зан сар мешавад. Баъзан чоҳҳоро муддатҳо бесарпӯш мемонанд. Дар пойтахти республика аҳвол ин хел бошад, дар шаҳру деҳоти дурдаст чӣ ҳол аст, худатон тасаввур кунед. Соли гузашта дар кӯчаи “Неъмат Қаробоев”, сарпӯши қубуреро гирифтанду дар мобайни роҳ даҳани танӯр барин чоҳ як соли расо кушодагӣ истод. Чӣ қадар мошинҳоро абгор кард!..

Хайринисо-апа аз ҳар хусус бо шавқ сӯҳбат мекунад, дар сари фармони мошин гувоҳи воқеаҳои аҷибу ғариб будааст.

Ҳамкорон аз ваҷҳи тозагии мошини ӯ, мошинро созу батартиб доштани вай ба ӯ қоиланд. “Аз афти кор, агар мошинро зан ронад, ҳамин хел нармрафтор мешавад-чӣ?! Хайринисо, як-ду рӯз мошини маро ронед, шояд ҳамин мошини шумо барин мулоим шавад,” — мегуфт як нафар ронандаи ҳамсинни ӯ. Аммо Хайринисо-апа ин хел

тавсифу таърифҳоро инкор мекунад.

— Гапи беҳуда... Зан гуфта, аз рӯи эҳтиром ба ман мошини созро медиҳанд, — мегӯяд вай табассум карда.

Вақте ки мо аз хусуси иҷораи план сухан сар кардем, Хайринисо-апа ҳеҷ рағбат зоҳир накарду мухтасар гуфт:

— Ман дар бораи иҷрои план фикр намекунам. Аслан, аз ин бобат фикр накунед ҳам, мешавад. Дар бораи хизмати хубу нек бояд фикр кард. Он гоҳ мошини шумо бекор намеистад ва план ҳам иҷро мешавад.

Ӯ дар хона зани ҳалим, модари меҳрубон аст. Чор фарзанди Хайринисо-апа — ҳама босаодат, бомаърифат, монанди модари худ меҳнатдӯстанд. Яке — духтур, дигаре — донишҷӯ, сеюмӣ — таббох, — хулоса ҳама аз паи кору бор, орзӯю ниятҳои наҷиб талош доранд.

Дар охир, вақте ки хоҳиши таксирони кордон Хайринисо Турсуноваро пурсидем, ӯ табассум карду гуфт:

— Ҳоло ҳама босаводанд, китобу журнал мехонанд. Ҳамин як хоҳиши маро ба диққати кормандони ГАИ расонед: дар шаҳр вақтҳои охир аломати манъи таваққуф ниҳоят афзудаст. Мардум ба мошини ман савор мешаванду хоҳиш мекунанд, ки ба назди фалон магазин барам. Аммо дар назди аксарияти магазинҳои калон аломати манъ! Ҳатто дар гирдогирди бозори Шоҳмансур — аз чор тараф ингуна аломат гузоштаанд. Дар кӯчаҳои борики қадимии Москва ё Берлин ин хел аломат бисёр не...

Ронандаҳои моҳир кӯшиш мекунанд, ки мудом ба чорраҳа бо даргирифтани чароғи сабз расида оянд. Барои ронанда чароғи сабз муродифи роҳи сафед аст. Бинобарон, ба Хайринисо-апа ҳангоми хайрухуш гуфтам:

— Мудом раҳатон сабз бошад!

***1979***

# ҲИССИ ЛАТИФ ВА ТАБЪИ СОЛИМ ПАРВАРЕМ!

(Гузориш дар маҷлиси шӯрои адабиёти бачаҳо ва наврасон, 10.04.79)

Ҳар як инсон бо ҳазорон риштаҳои қалбу рӯҳ ба Ватан, ба халқи худ пайванд аст. Яке аз ин риштаҳо — каломи зиндаи модарӣ аст. Педагоги маъруфи даврони мо Сухомлинский навишта буд: “Муҳаббати ватан бе меҳри каломи модарӣ вуҷуд надорад. Аз сари сидқ бо ақлу дили худ назокат, бузургворӣ ва қудрати Ватани бисёрмиллати моро фақат касе идрок кардан метавонад, ки ӯ ба қадри каломи модарии худ расидааст: Ҳар инсоне, ки забони модари худро дӯстдор нест, ҳар он касе каломи модарӣ ӯро изтироб намеангезад, инсони бенасиб ва бетабор аст”.

Дарси забону адабиёт ва кӯдакон фақат донишу малака намедиҳад. Дарси забону адабиёт — ин дарси тарбия, дарси завқу салиқа, дарси ақида, сабақи рӯҳӣ ва маънавӣ, дарси одамгарӣ аст! Бинобар он ҳам, ин илмро бояд ба бачаҳо муаллимони соҳибҳунар омӯзанд. Бачаҳоро на фақат бо грамматика балки бо каломи зиндаю рангине, ки дидҳоро ба изтироб меоварад, ошно бояд кард. Бигзор, ҳар яке аз хурдӣ афсонаю ҳикояи худашро иншо кунад, — аз борони баҳор, лонасозии фароштурукҳо, аз боғи шукуфта ва хирмани тирамоҳ бо сухан тасвири равшан ва мӯъҷазе офарад ва аз каломи дилрабо ва ҷилодори худ завқ барад.

Аҷаб не, теоремаи Пифагор ба баъзеи онҳо ҳаргиз даркор нашавад, аммо осори Саъдию Ҳофиз, Айнию Турсунзода барои ҳар яки онҳо зарур аст.

Эҳсоси зебоию нафосат ва диду завқи баланду салим ба ҳам тавъаманд. Беҳуда нагуфтаанд: “Ҳавопаймои зебою хушнамуд хубтар парвоз мекунад”. Маҳсули дасти

одами соҳибзавқ, ҳам сифатан, ҳам бо шакли зебо, ҳам аз ҷиҳати рангубор дилнишин ва мукаммал аст.

Ҳисси зебошиносии бачаҳоро бояд аз хурдӣ бедор кунем. Эҳсоси нафосатро мебояд аз боғча, аз солҳои нахустини таҳсил дар мактаб бояд дар дили онҳо ҷо кард. Имрӯз бояд иқрор кунем, ки дар ин бобат вазъи кор начандон хуб аст. Ҳар сол ба мураббӣ ва муаллимони бисёр диплом медиҳем, дар маҷлису ҳисоботҳо аз шумораи онҳо бо ифтихор сухан мегӯем, вале муаллимони хубу мураббиёни хушсалиқа дар мактабу боғчаҳои мо хеле каманд, алалхусус, дар гурӯҳҳои тоҷикӣ.

Мураббиён ва муаллимони мо кам китоб мехонанд, аз пешрафти адабиёту санъат, асарҳои нави адибону рассомон бехабаранд.

Аз мураббию муаллим чӣ ҷои гила, вақте ки баъзе муаллифони китобҳои дарсии мо ҳанӯз шеъри дилрас ва ҳикояи ибратомӯзро аз навиштаҳои адибтарошони безавқ тафовут намекунанд. Ба ин порча, ки “тезгӯяк” ном дода, барои кӯдакони синфи якум пешкаш кардаанд, мулоҳиза фармоед:

Ду гул ба чаман рафта
Биовард анд гул,
Як Гул ду гул овард,
Дигар Гул як гул.
Он Гул ба Гули дигар
Бигуфто: — Эй, Гул,
Ман Гул ду гул овардам,
Ту Гул — як гул.

Ба аҳли имлу адаб пинҳон нест, ки дар адабиёти шифоҳии тоҷик чӣ қадар тезгӯякҳои фасеҳу бамаънӣ ҳаст!

Дар боби тарбияи маънавӣ ва эстетикии бачаҳо ба зиммаи нашриёти “Маориф” хидмати муҳимме афтодааст. Нашриёт ҳар сол даҳҳо китобҳои дарсӣ, луғату дастурамал, маҷмӯаҳои шеъру ҳикоя, қиссаю афсонаҳо нашр

мекунад. Ходимони нашриёт пайваста саъй доранд дар ҳамкории муаллифон сифати китобҳоро беҳтар кунанд, талаботи рӯзафзуни бачаҳои моро ба китоб — ба ғизои маънавӣ ва рӯҳии инсон қонеъ созанд. Бо вуҷуди ин ҳама, имрӯз рафҳои дӯконҳои китоб аксар аз китобҳои тоҷикӣ холӣ аст. Китобҳои хуб намерасад. Аз як тараф, ин ҳол хеле хушнудибахш аст: мардуми мо саросар китобхон ва китобдӯст шудаанд. Ҳайфо, ки мо имрӯз талаби ӯро пурра қонеъ намекунем. Бесомонии кори матбаа кӯшиши ҳамаи моро ба бод медиҳад. Фақат аз як шӯъбаи адабиёти бачаҳо ҳар сол аз кашолкории матбаа 7-8 китоби ҳаҷман начандон хурд ба дасти хонанда намерасад.

Адибони ҳамқалами мо аз республикаҳои бародар мегӯянд, ки фурсат намеёбанд, фармоиши нашриётҳояшонро навишта супоранд. Дар мо баръакс, адиб аз паи чопи асараш баъзан дилхун мешавад.

То ки дорои китобҳои хубу аъло бошем, мо бояд бештар китоб нашр кунем, адибонро ба навиштан илҳо созем. Дар урфият мегӯянд: аввал гала кун, сонӣ сара кун!..

Аммо аз қавли ҳолдонҳо чунин бармеояд, ки дар солҳои наздик кори матбааи мо сомон намеёбад. Бинобар он ҳам, мо нашри китобҳои адабиро имсол камтар ба нақша гирифтем. Ҳол он ки бо иқтидори матбааи худ республика метавонад нисбат ба имрӯз даҳ баробар бештар китоб нашр кунад.

Чун мавриди сухан аст, бояд гуфт, ки ҳанӯз дар адабиёти бачаҳо асарҳои хому бетаъсир, дилгиркунанда кам нашудаанд. Танқисии китоб имрӯз имкон додааст муаллифони беҳунар ҳам бо даъвоҳои калон-калон забондарозӣ кунанд, зеро китоби нағзу бад — ҳама ба фурӯш меравад ва ноширони мо ба ҷуз ангушти тааҷҷуб газидан дигар чорае надоранд. Зотан, пешгирӣ кардани нашри осори хому бетаъсир аз ҳар мушкиле мешкилтар аст, зеро муаллифони он асарҳо беҳунарии худро нағз медонанд ва аз ин рӯ дар роҳи мақсад тамоми василаҳоро ба кор меба

ранд.

Агар танқиди адабии мо вазифаашро сидқан, аз инсоф, бетаассуб адо мекард, дар адабиёти бачаҳо асарҳои бетаъсир хеле кам мешуданд. Бисёр адибон ҳанӯз ҳам ин соҳаро кори саҳл мепиндоранд, бачаҳоро фирефтанӣ мешаванду худро ба ин майдон мезананд. Афсӯс, ки онҳо фақат худро мефиребанду бас. Дар адабиёти бачаҳо ҳам истеъдод шарти зарурӣ ва бебадал аст!

Ба фикрам, то даме ки адибон ба танқиди адабӣ даст назананд, дар ин бобат муроди мо ҳосил намешавад. Соли гузашта — яъне соли 1978 журнали “Садои Шарқ” роҷеъ ба китобҳои дарсӣ тақризҳо дод, ки сарфи назар аз сатҳӣ ва сабукгирии баъзе аз он навиштаҳо ин кори савобе буд. Агар идораи маҷалла ҳар сари чанд вақт ба ин соҳа руҷӯе менамуд, айни муддао буд. Алалхусус, забони китобҳои тарҷима, махсусан, илмҳои дақиқ ба таҳлилу такмил мӯҳтоҷ аст.

Аз мунаққидон ва идораи маҷаллаи “Садои Шарқ” гилагузорӣ ҳам ҷоиз аст: соли гузашта нашриёти “Маориф” барои бачаҳо 39-номгӯй китоби адабӣ нашр намуд. 39 китоб адабӣ! Вале дар саҳифаҳои маҷалла ба ягонтои ин китобҳо тақриз ва ё китобиёте нахондем. Як соҳаи муҳими адабиётро батамом аз madди назар андохтани танқиди адабии мо кори хуб набудагист?! Мунаққидони мо бештар ба тавсиф ва ташвиқи китобҳои якдигар саргарм буданашон касро боз бештар ҳайрон мекунад. Соли гузашта 5 китоби мунаққидон ва адабиётшиносон нашр шуд ва дар саҳифаҳои журнал ба ҳамаи он 5 китоб тақризҳои муфассал ба табъ расид. Чунон ки мегӯянд обмӯрӣ аз боғ калон гаштаст, рафиқон!

Адабиёт ба мисли оби уқёнус пайваста худро аз ҳамаи олоишҳо покиза мекунад. Агар танқиди адабӣ дар ин роҳ ба адабиёт зудтар мадад расонад, нураналонур буд.

***1980***

# НОМ ВА НОМГУЗОРӢ

Бешак, ҳар як инсон худ номи худро баланд ё паст зебо ё зишт мекунад. Бо вуҷуди ин, ба фарзандон номи некӯ додан аз вазифаҳои фоҷибтарин аст.

Номи инсон як умр ҳамсафари ӯст. Хоҳӣ бад кунад, хоҳӣ нек, баробари инсон номи ӯ ҳаёт аст, балки баъди вафот ҳам.

Дар Аврупо аз қадимулайём инсон бештар бо фомилии худ шӯҳрат дорад, аммо дар баъзе мамолики Шарқ имрӯз ҳам одамон бо номи худ маъруфанд, на ба номи падар. Фомилии нависандаи маъруфи ҳинд Нарайан — Розипурам Кришнасвами аст. Нарайан номи худи вай аст. Адиб дар зери осораш "Р.К.Нарайан" менависаду бародараш рассоми маъруф "Р.К. Лаксман". Оре, инсон бояд, бо номи худ фарқ кунад, на бо номи падар. Саъдии бузургвор беҳуда нагуфтааст: "Гирди номи падар чӣ мегардӣ, падари хеш бош, агар мардӣ".

Чунон, ки гуфта шуд, ба фарзанд номи нек додан яке аз шартҳои аввалдараҷаи падарию модарӣ аст. Падару модар дар номи барои фарзанд интихоб кардаи худ ифодаи кулли орзую ҳаваси худро мебинанд ва онро бо рағбати тамом ба забон мегиранд. Агар касе номи фарзанди онҳоро ноқису нопура ба забон гирад, шиканад, таҳриф кунад, сахт meранҷанд. Бинобар он, дар интихоби номи фарзанд пеш аз ҳама ба падару модари навзод ихтиёр бояд дод то ки онон ба фарзанди худ номи дилхоҳашонро диҳанд.

Агар кас дақиқ мушоҳида кунад, дар номҳои мардуми ҳар як маҳал табъи бадеъ, завқи ҷӯшон, донишу хирад ва ҷаҳонбинии он касонро дарёфтан мумкин аст. Умуман, дар бобати рангорангии ном метавон яқин гирифт дар байни миллатҳои олам кам андар кам халқе ба мардуми мо ҳамсарӣ дорад. Ба ин номҳои шевои духтарони тоҷик мулоҳиза фармоед: Шарбат, Ҳикоят, Гулзода,

Гулбаҳор, Гулсифат, Сабо, Ситора, Даврӣ, Моҳира, Боғӣ Ҳаловат, Маъмура, Алоҳида, Занҷир, Ҳусноро, Мижгон, Дармон, Меҳрангез, Диловез... Номи мардон ҳам сифату маънӣ ва рангу бори хоси ҷавонмардонро дорад: Ҷасур, Ҷовид, Ғайрат, Нусрат, Комрон, Даврон, Паймон, Симо, Сино, Довар, Сарвар, Лутфиёр.

Гуногунӣ ва рангорангии ном дар забони мо ба ҳаддест, ки чандин номномаҳо тартиб додаанд.

Бо вуҷуди ин ҳама, мардуми мо аз қадим ҳангоми ба фарзанд ном додан бо андеша ва фаросат аз аҳли илму адаб, аз мардуми китобхону донишманд маслиҳат мепурсидаанд, ҳеҷ набошад, аз мулло ё мударриси хушсаводи деҳа хоҳиш мекардаанд, вай аз китоб барои фарзанди онон номи мувофиқе ҷуяд. Ба ҳамин васила номҳои нағзу сара дар ҳеҷ давру замон кам набудаанд. Вале мутаассиф, ки дар баъзе маҳал бар асари камии одамони китобхон ва хушсавод номҳо якранг, берӯҳу беназокат низ буданд. Болта, Табар, Сангак, Сафол, Бӯрон, Чӯлибой аз ин қабил номҳоянд. Як силсила номҳое, ки кайҳо ғубори кӯҳнагӣ ба рӯи онҳо нишастааст, хушбахттона имрӯз кам мешаванд.

Дар ивази ин қабил номҳои баъзан хандаовар, баъзан дурушту гуфтанаш мушкил, ки бӯе аз асорату ҷаҳолати маънавӣ доранд, номҳои фасеҳу бамаънӣ, рехтаву боназокат беш аз ҷорӣ ва расм мешаванд. Ҳоло дар бобати номгузорӣ ақида ва назари гуногун, равишҳои мухталиф ба назар мерасанд. Агар гурӯҳе толиби номҳои тозаи имрӯзӣ бошанд, тоифае ба номҳои ашхоси таърихӣ, аз қабили Хусрав, Парвез, Сосон, Сомон, Саъдӣ, Ҳофиз, Тахмина, Манижа, Рухшона, Рудоба моиланд. Дар ин миён баъзан мазмуни калимоти кӯҳнаро нафаҳмидани бахше аз номгузорон низ ба назар мерасад. Масалан, баъзе касон ба писар “Фирдавс” ном додаанд. Ҳарчанд, ки ин калима дар луғат маънии “боғ”-ро ҳам

дорост гуфтаанд, вале асосан, ба боғи биҳишт маъруф аст. Ҳофиз мегӯяд:

Ман малак будаму фирдавси барин ҷоям буд,
Одам овард дар ин дайри харобободам.

Шоир гуфтааст: ман малак будаму ҷои ман дар биҳишти барин (аъло) буд, вале ҳазрати одам бо гуноҳи худ рондаи биҳишт гашту ман ҳам ба ин дунёи хароб афтодаам.

Дар ин байти шоир Убайди Зоконӣ ҳам калимаи "Фирдавс" ба маънии "биҳишт" омадааст:

Намеандешам аз дӯзах ба як ҷав,
На бар фирдавсу ризвон мебарам рашк.

Дар адабиёт таъбири "равзаи фирдавс", яъне "боғи биҳишт" машҳур аст.

Бо калимоти форсию тоҷикӣ ва арабӣ миллатҳои гуногуни олам ба фарзандонашон ном мегузоранд. Дар тӯли бисёр асрҳо забони форсӣ ва арабӣ забони илмию адабӣ ва динию мазҳабии бисёр қавму миллатҳо буд ва ин ҳодиса ба ҳаёти онон беасар нагузаштааст. Вале чунин ҳол ба мушоҳада мерасад, ки ҳар яке аз ин миллатҳо бо номҳои худ аз дигарӣ тофовут мекунад. Бигирем, номҳои тоторӣ, озарӣ, ӯзбекӣ, тоҷикӣ, қавмҳои Кафкози Шимолӣ ва ғайраро: агарчӣ ин мардум дар номгузорӣ бештар калимоти арабӣ ё форсӣ-тоҷикиро асос гирифтаанд, ҳамеша онҳо аз якдигар фарқ доранд ва ин фарқҳо гуногунанд. Алалхусус, агар баъзе номҳо агар хоси мардуми тотор гашта бошанд, баъзеи дигар махсуси озариҳо ва ё ӯзбекҳо аст. Бешак, дар миён номҳои ба тамоми ин кавмҳо хос ва умумӣ низ ҳастанд. Чунон ки шеъри Турсунзодаро бо вуҷуди он, ки комилан форсист, бо осори ҳеҷ яке аз шуарои форсизабони берун аз ҳудуди Тоҷикистон омехтан наметавонем, номҳои тоҷикӣ низ ҷиҳатҳои

фақат ба мардуми мо махсусе дорад, ки ин ҷиҳати онро на ҳар кас имтиёз ва инкишоф мекунад.

Гоҳе рафиқон савол мекунанд, ки ба фарзандон ба чӣ тартиб ном гузоранд ва дар ин хусус чӣ шартҳоро риоя бояд кард. Ба фикри банда, номи инсон беҳтар аст ва аз як калимаи фасеҳи якреша иборат бошад: Озод, Ороста, Фаришта, Бунафша... Вале номҳои мураккаби аз ду ва ё зиёда калимот сохтагӣ низ ҷоизанд, ба шарте, ки талафузи он ба кас мушкилӣ наорад, Шаҳрошӯб, Гулчеҳра, Дилором ва ҳамин гуна таркибанд.

Шарти дигар ин ки ном бояд замонавӣ бошад, орзую омоли падару модарро ифода кунад, дилнишин ва фасеҳ бошад. Маҳз, бо ҳамин ният номи писаронро – Умед, Вафо, Номвар, Дидор, Деҳқон мегузоранд ва духтаронро — Шифо, Саломат, Покиза, Нафиса, Сулҳия, Меҳрӣ, Равшан, Баҳор ном мекунанд.

Иддае аз суханшиносон мувофиқат ва ҳамоҳангии номи фарзандро бо номи падари ӯ хостгоранд, ки ин тарзи номгузорӣ ҳам аз қадимулайём дар байни тоҷикон маълум аст. Имрӯз ҳам дар баъзе маҳалҳо Орзу писари Барзуро “Орзуи Барзу” мегӯянд, Мурод писари Ҳаётро “Муроди Ҳаёт” ва ё агар духтар бошад, бозам ба тарзи қофиянок ва мувофиқоҳанг — Хумори Меҳриёр, Шабнами Хуррам, Шукуфаи Маъруф, Шодоби Шодмон ном мекунанд, ки ин тарзи қадими номгузориамонро ба тарзи расмӣ “Мурод Ҳаётович” ва ё “Шодоб Шодмоновна” гӯён идома додан аз безавқӣ ва ҷаҳолат аст.

Имрӯз дар байни тоҷикон ба додару бародарони ҳамзод номҳои ҳамоҳанг додан хеле маъмул аст. Бародарон — Сосон, Сомон, Салмон, хоҳарон — Ситора, Шарора, Нигора ва ғайра. Баъзан ҳамоҳангии ҳиҷои аввали ном ё ҳиҷои охири он ҳам барои ин мақсад мувофиқ аст: Рухсора, Рухшона, Баҳман, Беҳрӯз.

Аз қадим дар байни мардуми мо номи кӯдаконе, ки тавъам (дугона) ба дунё омадаанд, таъин буд: Ҳасан ва

Ҳусейн, Фотима ва Зӯҳро. Хуб аст, ки имсолҳо ин анъана шикаста гашта ва падару модарони хушзавқ ба фарзандони тавъам номҳои мувофиқ ёфтаанд. Ин ҳам далели маърифати мардум ва боло гирифтани завқи он аст, кӯдакони тавъам номҳои дилчаспу рангин доранд: Ҷамол ва Камол, Ороста ва Пероста, Рудоба ва Судоба, Садаф ва Гавҳар, Шукӯҳ ва Шукуфа, Хуррам ва Хурсанд, Фаррух ва Фаришта, Шаҳбоз ва Шаҳноз.

Доир ба суффикси "ҷон" ва ба ин монанд ҳиссаҳои таркиби номҳои тоҷикӣ солҳои охир фикру ақидаҳо мухталифанд. Аксар бар сари онанд, ки ин ҷузъҳо агарчи ба тарзи навозаш гуфта мешавад, набояд бо ном навишта бошанд. Дарвоқеъ бо номи ҳама "ҷон", "гул", "хон", "моҳ" ва ғайра илова кардан чӣ маънӣ дорад?! Агар ин қабил ҳиссаҳо дар таркиби ном сахт марбут бошанд ва истиснои он ба маънии ном халале оварад, бешак навиштан даркор аст. Аз қабили Шодигул, Рӯзигул, Тозамоҳ. Вале номҳои Раъно, Зеборо агарчи баъзан ба тарзи Раъногул, Зебогул гӯем ҳам, бе "гул" навиштан дуруст аст.

Дар сари интихоби номи фарзанд падару модарон бояд бо ҷиддияти тамом андешанд, ҷустуҷӯ кунанд ва аз шахсони хушсавод, китобхон, маслиҳат бигиранд. Он гоҳ фарзандон ҳамеша аз номи худ мамнун ва дар ин бобат аз падару модар ризоманд хоҳанд буд. Дар ин кор ходимони идораҳои ЗАГС, котибони ҷамоа бояд ба мардум бо маслиҳати худ кӯмак расонанд. Аз ин ваҷҳ дар чунин идораҳо боист, ки фақат шахсони хушсавод ва китобхону бомаърифат ба кор таъин карда шаванд. Идораи ҷамоа ҳаргиз ҷои мардуми кӯрсавод нест.

Айёми охир дар номгузории мардуми мо як саҳви дигаре ҷорӣ мешавад, ки ислоҳи он айни муддаост. Ба духтарон Баҳора, Наврӯза ном мегузоранд, ки ин хатост, ин калимаҳо муаннас, яъне шакли занона надоранд. Ин номҳо ба зан агар нисбат хуранд, бояд, ки Баҳор, Наврӯз

ё Наврӯзмоҳ бошанд. Чунин номҳои кӯрсаводона имрӯз рӯзафзун аст ва пеши ин дӯлобиро гирифтани аҳли маъни зарур аст.

Роҷеъ ба ном ва номгузориҳо ба унвони идораҳои рӯзномаву маҷалаҳо, радиову телевизион мактубҳои зиёде мерасанд. Мазмун ва талаби ин номаҳо хеле гуногун ва хеле тааммулу андешаи амиқ металабанд, ки мо дар ин гуфтаҳо ба қисме аз он пурсишҳо ҷавоб додаем. Баъзе аз ин номаҳо, аз ростӣ, моро малул месозанд. Масалан: аз деҳаи Урметани райони Айнӣ рафиқ Қуқанов Мерганбой ба мо чунин навиштааст:

“Ғазалҳои Соиб ба ман хеле маъқуланд. Дар дил орзу доштам, ки агар писардор шавам, номашро Соиб мегузорам. Шояд писари ман ҳам монанди Соиби Табрезӣ ғазалсаро шавад соли 1979 дар оилаи мо писаре ба дунё омад ва орзуи ман ҷомаи амал пӯшид: номи писарамро Соиб гузоштам. Барои шаҳодатномаи писарамро гирифтан ба идораи ҷамоа рафтам. Дар он ҷо ҳангоматалабони бисёре менишастанд. Котиби ҷамоа “Соиб калон шавад” гӯён шаҳодатномаро ба дасти ман дод. Аз ҳозирон саркори колхоз Субҳон Ҳакимов тамасхур карду гуфт: “Ба писарат номи дигар наёфтӣ-чӣ?!”

Алббата, дар байни халқ касони ба маънии номҳои тозаи онҳо гӯшношунида сарфаҳм намерафтагӣ ва аз ин ҷиҳат номақбул ҳамеша ҳастанд. Ингуна одамон ба ҳама ашё ва гапу кори нав аз рӯи завқу салиқаи худ, фаҳмиши танги худ баҳо медиҳанд. Агар ин қабил одамон китоб мехонданд ва ё гоҳ-гоҳ дар сӯҳбати аҳли фазл мебуданд, ҳаргиз чунин суханонро ба забон намеоварданд.

Ногуфта намонам, роқими номаи болоӣ рафиқ Қӯқандов низ номи худро ба тарзи ғалат “Мерганд” навиштааст, ки ҳарфи “д” дар охир барзиёд аст.

Умуман, ном ва номгузорӣ аз падару модарон ҷиддият ва масъулияти тамом металабад.

***1980***

# ВАҚТИ МО – НАҚДИ МОСТ

Мо — ҳама нек медонем, ки азизтарин ва қиматтарин сарвати одамӣ вақт аст. Дар ин маънӣ кадоме аз файласуфони пешин хеле хуб овардааст: “Алҳақ бузургвор аст, он ки қиммати вақт мешиносад.”

Умри мо аз солу моҳҳо, ҳафтаҳо, рӯзҳо ва соату дақиқаҳо таркиб ёфтааст. Аз овони кӯдакӣ то домани пирӣ ҳамин соату дақиқаҳо дар қасри шукӯҳманди умр хишти мазмун буда, таҷассуми ҳаёти мо, боиси ифтихор ё надомати моанд.

Маро аҷаб меояд, ки баъзан басо мардуми оқилу зирак либос, ашё ва пули худро ба сарфа харҷ мекунанд, эҳтиёт медоранд, вале гаронтарин неъмати рӯзгори худ — умрро бемиқдор ва беоқибат зоеъ мекунанд, ҳар шабу рӯз беҳуда, бематлаб онро ба бод медиҳанд. Ин хислат аз камоли беҳикматию беғайратӣ аст.

Яке ҳатман 15 дақиқа ба кор дер меояд, 15 дақиқа барвақт меравад ва агар аз ин хусус ӯро маломат кунанд, тааҷҷуб мекунад — 15 дақиқа ҳам гап шуд! Хӯрдагирӣ! Ин турфа одамон дар тасаввур овардан наметавонанд, ки агар дар саросари Ватанамон ҳар рӯз, аҳли кор як дақиқагӣ ба кор дер оянд, зиёни ин баробари он аст, ки 200 ҳазор тан коргарон як рӯз ба кор наоянд. Ин одамон ҳеч дар тасаввур овардан наметавонанд, ки дар як дақиқа дар ватан 280 тонна пӯлод мегудозанд, 235 тонна цемент, 4 автомобил, 16 телевизор мебароранд, 21 ҳазор метри мураббаъ матоъ мебофанд. Ин рақамҳо аз рӯи ҳисоби соли гузашта аст. Қимати дақиқаи кори мо рӯзафзун аст.

Ҳайф аст, ки инсон дар чунин ватани аҳли заҳмату амал дақиқаю соатҳои гаронсангро беҳуда ба сар барад.

Ба назари ман чунин мерасад, ки баъзе одамон сирф барои музде ситонидан ба коргаҳи худ меоянду мераванд. Агар матлаби инсон аз кору амал фақат муздгирӣ мебуд, ӯро аз ҳайвон, ки он ҳам аз саҳар то шом дар паи

ризқу рӯзӣ такудав мекунад, тавофут кам буд. Инсон ба ҷуз музду манфиати худ боз барои он саргарми шуғлест, ки мардум аз кори ӯ баҳрае мегиранд ва ин ҳол ӯро қаноатмандӣ ва шарафу обрӯй меоварад. Инсони бешараф дар назари ҷамъият аз ҳар чӣ залилтар ва хортар ҷилва мекунад.

Ман даҳ сол аз ин муқаддам дар идорае мудири шӯъба будам. Дар он шӯъба ҷуз ман боз шаш нафар ходимон кор мекарданд. Ду тан аз онон ба кори худ сидқан мекӯшиданд, вазифаи худро ҳатталимкон пухтаю саҳеҳ ба иҷро мерасониданд, ду тани дигар андаке сарамдилам бошад ҳам, бо талабу таъкид бори худро ба дӯши худ мекашиданд, вале ду тани дигар, метавон гуфт, ҳеҷ кореро ба дурустӣ ба субот намерасониданд. Ин ду нафари охирӣ на қобили иҷрои кори худ буданд ва на рағбати омӯхтану ибрат гирифтанро доштанд. Яке аз онҳоро аксар ҳангом аз идора ёфтан амри муҳол буд — пагоҳӣ дер ба кор меомад, саросема бо ҳамкорон салом мекард, вазъи ҳолро мефаҳмиду баҳонае пеш меоварда ва ё бештарин ҳангом ба маҷлисе ё машварате банд шудани мудирро мепоиду аз паи кору бори беохири худ мерафт. Агар аз ӯ риояи танзими корро талаб кунед, филфавр чандин баҳонаю сабаб пеш меовард. Ба вай на сухани сахт асар дошту на маслиҳати дӯстона. Ӯ рӯзи худро бо чӣ даву ғеҷи беҳосил, аз паи чӣ муроде мегузаронд, касе намедонист.

Дигаре навъи баракси ин аъҷуба буд: дар соати муқаррарӣ ба кор меомад, баробари дигарон ба пешинихӯрӣ мерафт, бегоҳӣ ҳам аз ҳама қафо идораро тарк мекард, вале аз дасти ӯ ҳеҷ коре созу сомон намегирифт. Ба мисоли рафиқи пурдавуғеҷи худ мақоларо аз дасти муаллиф мегирифт, мехонд ё не — ба чоп месупурд ва оварда рӯи мизи мудир мегузошт, ки ин корро котибаи шӯъба ҳам ба субот расонида метавонист. Дар натиҷаи ҳаромкорию саҳландешии ин касон мо баъзан ночор ме-

мондему амали худро пучу бемазмун, дилгиру нодаркор мекардем, яъне аз кори ин касон ба халқу давлат фоида не, зарар мерасид.

Чун кор аз кор гузашт ва аз тавфиқи ин ду тан умедҳоро буридем, мо ба чораҳои шадидтар даст задем. Чӣ мегӯем, ки ҳамкорон аз ҳар сӯ ба ҳимояи он ду тан сар бардошта, моро таънаву сарзаниш мекарданд. Чунин ба назар мерасид, ки ин ду тан ходимони бечора аз сахтгирии мо ҷабр мекашанд. Чунин менамуд, ки онҳо не, мо гунаҳгорем. Ҳатто яке аз роҳбарони идораамон норозигии моро ба эътибор нагирифта, яке аз он ду тан-ро баробари ходимони пухтакору ғайратманд бо подоши пулӣ сарфароз кард. Мо пай бурдем, ки ин тоифа корши-канон ҳам ба ҳам муттафиқанд.

Аз коҳилӣ ва беғайратӣ кас ба мурод намерасад ва бо бебандуборӣ ҷамъиятро бардавом фирефтан натавон. Ин касон пайваста аз коре ба коре мегузаранд, ба чандин шуғул даст мезананд, худро раддубадал мекунанд, вале аз кору амали онҳо дар ҳама ҷо на худ манфиате меби-нанду на ҷамъият баҳрае мебардорад.

Ман ҳар боре, ки дар саҳнаи театр тамошои беҳуна-ронаро мебинам, дар саҳифаи рӯзномаҳо дар барин–дар барин мақолаву очеркҳои пучу бетаъсирро мутолаа ме-кунам, аз радиову телевизион гуфтору намоишҳои сод-далавҳона ва гапфурӯшиҳои хушку холиро менигарам, китобҳои пурғалат, аз мазмуну матлаб холӣ ва аз ҳунари нависандагӣ бебаҳраро варақ мезанаму ҳайфи қоғаз мегӯям ё филмҳои соддалавҳонаи тоҷикро тамошо меку-наму дилтанг мешавам, ҳамон ду тан ҳамкори собиқам пеши назар меоянд.

Инчунин ашхоси беаҳамият ва бефарҷом на фақат дар идораҳо, балки дар корхонаҳо, магазину ошхонаҳо, бемористонҳо — дар ҳама ҷо дучор меоянд. Агар ба ма-газин ворид шавед, аз ду-се тан фурӯшандагон ҳатман яке дар сари кор нест, дар ошхона пешхизмат, дар кор-

хона коргар, усто, инҷинер, дар табобатгоҳ — духтур ҳамчунон коргузорӣ доранд. Дар натиҷа, аз касолат ва касофати ин зумра маҳсули саноату корхонаҳои мо, кори василаи нақлиёт, илму фарҳанг, маърифату маданият — хулласи калом ривоҷу равнақи тамаддуни ҷамъияти мо сахт осеб мебинад, сифатҳои нодири худро гум карда, дар сари ҳар қадам чун санги сари роҳ ба он пешпо мехурем.

Боре ман дар яке аз корхонаҳои бофандагии Душанбе будам. Бофандадухтаре дар сари дастгоҳи аз кор вомондааш парешону музтариб буд. Ҳолҷӯӣ кардам. Дастгоҳаш ба чӣ иллате аз кор мондааст. Гуфтам, чаро усто нест? Гуфт: “Кайфаш баланд омаду ба куҷое гум шуд.” Ба тақозои ман ба сари дастгоҳи духтарак устои дигареро оварданд, аммо мудири анборро дар сари кор наёфтанд, то мурвати заруриро бигиранд.

Ҳамчун як амри муқаррарӣ сурат гирифтани ингуна вазъият, ҳеҷ касро ба изтироб наовардани инчунин аҳвол хотири касро мушавваш мекунад. Ашхоси коршикан, коҳилу фориғбол, майхораҳо имрӯз ба ҳадде расидаанд, ки инчунин муомиларо гуноҳ намешуморанд. Ин вазъи хатарнок ва таҳлуковар аст. Бинобар он ҳам, мо имрӯз ба тарзи хеле ҷиддӣ ба лаҷомгирии ин ҳол камар бастаем. Ин ташаббус ҳам монанди дигар чораҷӯиҳо бо ҷӯшу хурӯш оғоз гирифта бенатиҷа гум нашуданашро мехоҳам.

Дар баъзе муассисоти мо корҳои муҳимро баъзан ба дасти кормандони ба ин кор оҷиз ҳавола мекунанд. Мехоҳам барои далели ин даъво боз як ёддоште оварам: якчанд сол қабл аз ин моро ба як идораи илмиву интишорӣ ба кор даъват карданду муҳаррири назорати адабӣ таъин шудам. Мақолаҳоро баъди таснифи муаллифон ва ё тарҷумаи мутарҷимон ходимони шӯъбаҳо месанҷиданд, мудирони шӯъбаҳо мехонданд ва сипас ба дасти ман мерасид. Боре аз боби ҳунари мусиқию мутрибӣ як даста мақолаҳоро хондаму ба мудири шӯъба гуфтам: “Ин

мақолаҳоро хонда матлабро фаҳмидан мушкил аст, гумонам барои идроки ман осон набошад, вале нашри русии онҳоро мутолаа кардам, ҳама фаҳмову возеҳ аст.” Мудир мақолаҳоро бардошту рафт. Ҳафтае аз миён гузаш ту он мақолот боз дар рӯи мизи ман пайдо шуд. Дигарбора хондам, боз ҳамон ҳол. Баъзе калимотро бо муродифи он иваз кардаанду бас. Мақолаҳо боз ба шӯъба рафт, боз овардаанд, вале дег ҳамон, кафлес ҳамон буд. Ҳол он, ки барои дурусту саҳеҳ ба тоҷикӣ гардондани он мақолот заҳмати ҳафт-ҳашт тан зарурат надошт, балки як нафар шахси хушсавод метавонист сари мошинкаи чопӣ раваду ҳамаи онро дар тӯли ним соат аз русӣ ба тоҷикии фасеҳ гардонда имло кунад.

Магар ингуна ҷавонони хушсавод ва салиқаашон ба ин кор омил каманд? Имрӯз ҳам коргузорӣ бо мутахассисон дар баъзе идораву корхонаҳои мо ба ин минвол аст. Баъзе рафиқон майлу ҳаваси ночизи худро меҳвари вазифадории худ мекунанду кори муҳими ҷамъият ва давлат солҳо осеб меёбад. Ҳанӯз ҳам наздикону хушомадгӯёни раҳбарони идораҳои мо парвариш ва сарфарозиҳо меёбанд, вале агарчи кор ба дӯши соҳибҳунар ва ба кор омил аст. Дар назди халқ аз ингуна беинсофӣ хиҷолат ва азоби виҷдон накашидани баъзе раҳбарон нафрати одамони оддиро тез мекунад.

Дарвоқеъ, фақат касоне, ки сазовори мақому мартабаи худ нестанд, аз кору амал дида бештар гапфурӯшӣ мекунанд, аз баҳсу талош парҳез доранд, ба муросою мадоро осуда даврон кардан мехоҳанд. Вақт аст, ки мо муқобили гурӯҳбозию ҳамдиёркашиҳо, зидди беинсофию бевиҷдонии раҳбарони идораҳо ҳам сухан гӯем, зеро маҳз ин тоифа ашхоси пешдаргирон боиси дилхунукӣ аз кору амали ҳалол ва вазифашиносии сидқонаи одамон гардидаанд.

Соати корро ба ҳар навъ гузарондан метавон — ҳам ба номаш даст ба кор буда ва ҳам бо ҷӯшишу кӯшишҳо.

Вақти кор ҳам монанди дигар неъмати ҷамъият қимат аст, ва баҳои он аз пулу ашё гаронтар аст.

Сипас, чаро мо ба дуздони вақт муросо мекунем?

Муддате қабл аз ин барои истиқболи меҳмоне ба истгоҳи поезд баромадам. Ҷавоне дар он миён аз мусофирон хоҳиш дошт, ки агар даркор набошад, билеташонро ба ӯ диҳанд. Ба чеҳраи он ҷавон менигаристаму як тан аз шиносонам ба хотир расид, ки доим дар ҷайб шаҳодатномаҳои тайёри сафарӣ дошт ва агар ба ҳар ноҳияе ба меҳмонӣ ё барои аёдати хешовандонаш мерафт, яке аз он шаҳодатномаҳои сохтаро мӯҳру имзо карда меомад. Баъзан аз паи ин ҳавас мошину ронандаи идорааш ҳам саргардон мегаштанд. Инчунин ашхос ба халқу давлат чӣ қадар зиён меоварданд, чӣ корҳои муҳимро сакта меандозанд дар тасаввур овардан мушкил аст. Ман аминам дар он идора барои сафарҳои зарурӣ ва муҳими дигарон маблағи сафар намерасидагист.

Имрӯз инчунин бемасъулиятӣ ва бебандуборӣ ба ҳадде расида, ки ҳатто баъзан ба “Ёрии фаврӣ” занг мезанеду телефонро касе намебардорад. Муддатҳост, ки аз аэропорти Душанбе ба василаи телефон хабар пурсидан амри муҳол аст.

Мушоҳада далел аст, ки интизоми кор ва сифати неку бади он дар корхона ва идораҳо ба тартиби кори сардорони муассисаҳо вабастагии маҳз дорад. Бигирем, дар корхонае, ки коргари кордону ҳунарманд ва коҳилу фурсатфарсой баробар музд мегиранд ва аввалӣ аз сонӣ ҳеҷ имтиёзе надорад, дилгармӣ ба кор ва рағбату ибтикор аз миён бардошта хоҳад шуд.

Дар замони худ В.И.Ленин бо як навъ ҳисси пешбинӣ навишта буд: “... агар мо коргарону деҳқононро одилона интизом омӯхтанием, мебояд, ки саравввал худамонро тартибу интизом биомӯзем.”

Дар корхона ва муассисае, ки дӯлобкорию бесарусомонӣ ривоҷ дорад, агар ба таҳқиқ нигаред, решаи ин

ҳама касолатро дарёфтан мушкил нест. Вале мо, аз чӣ бошад, солҳои охир аз иқрори он худдорӣ мекунем. Коре, ки дар мамолики дигар бевалвала аз гапфурӯшиҳо, ҳамчун як одати муқаррарӣ ба сомон мерасад, чаро дар мо бо даъватҳои зиёд ва талабу тақозои беҳисоб амалан ҷорӣ мегардад? Вақти он расидааст, ки аз ин бобат низ биандешем ва ба кори дӯстону ҳамсоягони хориҷиамон ба ибрат нигариста амал бандем.

Дар роҳи ислоҳи кор усулҳои таъсирбахш кам нестанд, вале бояд дар мадди назар дошт, ки муносибати бюрократона ҳар як чораи муфиду судмандро ҳеҷ кардан метавонад. Қоҳилону коршиканон, беҳунарони бедарду фориғбол аксаран дар сояи бюрократизм амал доранд.

Ҷилавгарии ин зумраи дӯлобкорон, чунон ки ба назар менамояд, чандон кори саҳлу осон нест. Ин дарахти заҳарогин дар заминаи ҷамъияти мо хеле чуқур реша гирифтааст ва сабабҳои нумӯъ ва нашъунамои онро возеҳ муайян карда, сипас онро нест кардан мумкин аст.

Қарори Комитети Марказии КПСС, Совети вазирони СССР ва ВПСПС “Роҷеъ ба мустаҳкам кардани интизоми кор, кам кардани сайёрии кадрҳо дар хоҷагии халқ” шаҳодати он аст, ки бо коргурезону кохилон, фиребгарону муросогарони дузди вақт баъд аз ин набояд муросову мадоро кунем. Дар ин қарордоди айнулвақт ҳамчунон таъкид шудааст, ки заҳмати виҷдони одамони ҳалолкор бояд қадррасӣ шавад. Ин амри наҷиб садои дилу виҷдони мильёнҳо коргару деҳқон ва зиёиёни заҳматпеша ва покдилу покнияти мост.

Аммо бо қарору қарордодҳо ин амри хайрро дар амал ҷорӣ кардан мумкин бошад? Чаро дар мамлакатҳои дигар аз ин хусусҳо ба ҳеҷ қарору фармони ҳукумат тартиби кор ҷорист, мо намеандешем? Аз таҷрибаи дигарон баҳра гирифтан бисёр мушкилоти моро осон хоҳад кард, вале дареғо, аз ин хусусҳо мо ҳанӯз камтар фикр мекунем.

# ГАПРАВӢ ҲАМ ҶИНОЯТ АСТ!

Дар мактуби Майрамбӣ ба идораи рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” агарчи як моҷарои хурду дар назари аввал начандон муҳиме баён шудааст, вале онро духтарак аз умқи зиндагии худ бардоштааст. Бинобар он ҳам, навиштаҳои ӯ аз назари хонандагон беасар нагузаштанд ва хеле ҷавонону духтарони рӯзномахон изҳори ақидаи худро дар ин боб ба идораи рӯзнома ирсол кардаанд.

Биёед, воқеаро дигарбора пеши назар биоварем: Майрамбӣ ба мактаби дигар равад ҳам, аз дугонаҳои айёми бачагиаш дил кандан наметавонад ва оқибат ба мактаби пешини худ бармегардад. Аз миён муддати зиёде нагузашта бо дугонаи наздиктаринаш Мағфират гапаш мегурезад ва Мағфират дигаронро талқин мекунад, ки баробари ӯ бо Майрамбӣ ногап шаванд. Оре, Майрамбӣ айнан чунин навиштааст: “Духтарони дигари синфамонро ба гап гирифта, ҳамаро бо ман ногап намуд”.

Мактуби Майрамбиро хондаму кори ана ҳамин “**духтарони дигар**” маро беқарор кард. Бале, ба ҳоли ду дугона — Майрамбӣ ва Мағфират афсӯс кардам, ба нопойдории дӯстии онҳо дилам сӯхт, вале аз ваҷҳи он дугонаҳои дигар, ки ба ин дараҷа гаправ, номустақил ва кӯтоҳбину кӯтоҳандеш будаанд, сахт оташин гаштам. Наход ки ҳеҷ яке аз онҳо бо ақли худ амал накунад?! Наход ки ҳама кӯр-кӯрона ба Мағфират пайравӣ карда бо дугонаи худ бесабаб ногап бошанд?

Чунин менамояд, ки Майрамбӣ духтари зудбовар аст, ба дӯстию муҳаббати бардурӯғ фирефта гаштааст ва ҷои аҷаб нест, ки ӯ бо ин гуна хислат дар зиндагӣ хеле ранҷ хоҳад дид, баъзан фиреб хоҳад хӯрд.

Мағфиратро фақат ба навиштаҳои Майрамбӣ такя намуда маломат карданам хатост. Балки вай ҳам барои инчунин бешафқатӣ асосе доштагист, аммо духтарони

дигарро ба ногапӣ ташвиқ кардани ӯро ҳеҷ узре сафед намесозад. Минбаъд дар зиндагӣ ҳар яке аз ин дугонаҳои собиқ аз ҷамоат мукофоти амали худро хоҳанд гирифт. Масалан, агар Мағфират ба ин тариқ дар дӯстӣ нопойдор, бадкинаву бадрашк ва худпараст монад, дар ҳар ҷое, ки бошад, ин хислати ӯро атрофиёнаш зуд пай мебаранд ва ба дӯстию вафои вай умедвор намешаванд.

Ёри нопойдор дӯст мадор,
Дӯстиро нашояд он ғаддор!

Ин ҷазо аз ҷазоҳои ҷонсӯзтарини ҷамъияти одамӣ аст, ки ба он ӯ ҳеҷ давое намеёбад. Ҳоло Майрамбӣ ва Мағфиратро ба ҳолашон вомегузорам агарчи аз ин хусус санҷида ва таҳқиқ намудан ҷоиз аст, зеро мо ҳама барои тақдири якдигар дар ҷамъият набояд бетараф бошем.

Лекин он “духтарони дигар”, ҳамсабақони беирдаю гаправ, дили моро ба ваҳм меоваранд. Ингуна касон бо хомӯшии зоҳиран бетарафонаи худ мубтадои мудҳиштарин ҷиноятҳоянд. Дар таърих золимтарин душманони башар бо ҳамраъӣ ва ҳампуштии ин тоифа беғайратон мардони сарбаландро ба хорӣ куштаанд, ҳақиқатталабонро умрҳо дар зиндон доштаанд. Таърих пур аз мисол аст, вале ман дар ин саҳифа аз саргузашти худ воқеаро ба ёд меорам:

Дар курси охирини Омӯзишгоҳи педагогии Самарқанд таҳсили илм мекардам. Рӯзҳои иди Май ба деҳа раф-таму баргашта омада ба ғазаби мудири илмӣ — Орифӣ ном шахс дучор шудам. Наростӣ ва нопокиҳои ӯро дар тӯли чор сол хуб медонистам ва аҷаб не, бар асари нафра-те, ки дар дил доштам, ин бор дар ҷавоби суханони дурушти ӯ хомӯш истодан наметавонистам... Устоду шо-гирд гапгузаронӣ кардем. Кори он рафиқони ҳамсабақам, ки баробари ман рӯзҳои ид ба деҳа рафта, ба мудир чор-панҷ килогӣ гурунҷ ё ғӯлинг оварда дода, аз маломат раста буданд, диламро мефишурд, виҷдони ҷавониамро ба фарёд меоварد. Ва ман дар назди ҷамъе кафидам.

Баъд аз ин мудири илмӣ фавран шӯрои педагогӣ даъват намуд ва ба аҳли маҷлис аз омӯзишгоҳ рондани маро пешниҳод кард. Бале, барои он, ки се рӯзи ид беиҷозат ба деҳа рафтам, маро, ки чор сол аълохон будам ва суратам дар аввали тахтаи аълочиён буд, мудир бе ҳеҷ истиҳола аз омӯзишгоҳ ронданӣ буд. Аҳли Шӯрои педагогӣ монанди он духтарони ҳамсинфи Майрамбӣ хомӯш сар ҷунбонданду ба розигӣ даст бардоштанд.

На мудир, на он муаллимони ман дар он лаҳза ҳеҷ ба ёд оварда бошанд, ки халқу давлат барои таҳсили илми ман ҳазорҳо сӯм харҷ кардааст?! Ҳеҷ ба ёд оварда бошанд, ки чорсола ранҷу заҳмати ҷавонеро бесабаб барбод медиҳанд?

Онҳо, ки ба муаллим гуфтан ҳоло забонам намегардад, солиёни дароз аз ҷавобҳои ман мамнун, нармак-нармак табассум мекарданд бо баҳои аъло сарфарозам менамуданд, боре наандешиданд, ки устоди шогирдкуш лоиқи номи устодӣ нест!

Дареғо, ки ин тоифа аз рӯи ҳикмати “гӯр сӯзаду дег ҷӯшад” амал мекарданду ман ба онҳо бовар доштаам. Ёдашон бахайр, фақат ду тан муаллимони азизи ман — Мария Аванесовна Хамперова ва Наимӣ бо эътироз аз ҷо бархостанд. Вале ин ду овози муқобилоҳанг қисмати маро ҳал кардан наметавонистанд.

Мудир бо дасти ашхоси бедилу беирода, ки ба рафти об нигариста рафтанро шиори худ кардаанд, ба мақсад мерасид. Хайрияти кор, замондорон аз тасодуф бошад ҳам, доди маро шуниданд.

Ана, барои ҳамин ҳам, ман пеш аз ҳама аз онҳое, ки дар зиндагӣ бо амри дилу виҷдони худ амал намекунанд, нафрат мекунам, ин тоифа касон аз ҳама мардуд ва манфуртаранд. Шоир Саноӣ дар ин маънӣ хеле хуб овардааст: “Ҷурми замонасоз фузун аз замона аст”.

Донишҷӯи Институти Политехникии Тоҷикистон

Абдурасул Зокиров дар мактуби худ мисоли риққатангез меоварад: дар мактаби миёна аз духтаре, ки бо ӯ дӯстию ҳамдилӣ доштааст, дугонаҳои ҳамсинфаш рӯ метобанд. Кор ба ҷое мерасад, ки духтарак қасди худкушӣ мекунад.

Ман аминам, дар ин воқеа низ як-ду тан нобакор аз беиродатӣ ва гаправии якчанд нафари дигар истифода кардаанд. Вагарна духтари бечора аз ногапӣ бо як ё ду тан ҳамсинфаш ин қадар озурда ва малул намегашт.

Дар асл, ҳамаи ин майда-чуйдаҳои ночиз, мухолифату кинаварзиҳои камасоси духтарон шаҳодати он аст, ки ин касон кам китоб мехонанд, пиромуни фикру андеша ва феълу амали онҳо хеле танг ва маҳдуд аст. Агар онҳо дар ин синн аз рӯи китобхонӣ ва пурдонӣ талош мекарданд, дӯстию рафоқати онҳо, муҳаббати онҳо, фардои саодати онҳо дигаргуна сурат мегирифт.

Духтарон баъзан шиква доранд, ки имрӯз ҷавонон дар дӯстию муҳаббат нопойдоранд, домодшавандаҳои хубу шоиста хеле каманд. Духтарони азиз! Ҷавонони хубу шоиста дар кӯчаю мошин аз дунболи шумо кашола намегарданд! Онҳое, ки дар кӯчаю бозор ба шумо бештар гаппар-тойӣ мекунанд, аксаран ҳарзагардони беҳунаранд. Ҷавоно-ни шоистаи рӯзгори мо дар сари дастгоҳу дар саҳрои киш-тукор, дар китобхонаву дарсхонаҳо мудом машғули коранд. Онҳо бахти худро, ҳамсари худро дар кӯчаю бозор намеҷӯянд. Агар аз тасодуф ҷӯянд ҳам, намеёбанд. Боре як тан ҷавони шоиста, ки аз наздикони ман буд, дар мошин духтари латифандомеро дида, аз ӯ чашм намеканд. Гуфтам: “Пешаш раву сухан куну шинос шав”. Инчунин амал кард. Вале чун духтар ба сухан лаб кушод, ҷавон аз назди ӯ гурехт. Духтар нохондаву нотарошида буд ва бо алфози кӯчагиён дурушту кароҳатангез сухан мегуфт.

Имрӯз ҷавонону духтарони шоистаи рӯзгори моро донишу ҳунар мебояд, ки бе он на ҳусн таровате дораду на ҷавонӣ.

***1981***

# БОҒУ ПОЛИЗИ ШАКАРРЕЗИ ДЕҲҚОН

Солҳои баъди ҷангро ёд дорам: як порча замини рӯидарича хонаводаи моро бо нон, сабзавот, меваи тару хушк, моламонро бо коҳу алаф таъмин мекард. Дар қитъаи асосӣ гандуми тирамоҳӣ ё ҷувории сафед мекоридем, ҳосили онро бардошта, ба он замин зуд ягон хел сабзавоти зудрас мекоштем. Ба ҳамин усул дар як сол аз замин ду раҳ ҳосил мегирифтем. Дар вотҳо ва лаби ҷӯйҳо дарахтони туту зардолу, себу олуча, дар зери девори тавора — лӯбиё, каду —хулоса, дар он замин кафи даст барин ҷои беҳуда ва барҳадар намемонд. Замини мо мисли гови дӯшоиамон ҳамеша серу нозпарвард буд, аз сари меҳру сидқ парвариш медид. Кошкӣ, инсон дар дунё кулли замини воҷиби киштукорро ба ин усул истифода мекард!

Калонсолон ба кори колхоз банд буданд ва ба мо — бачагон, асосан, маслиҳат ва дастур медоданд ва мо аз рӯи гуфтаи онон амал мекардем. Ба ҷуз шудгору тухмпошӣ ва ба хирман ҳӯббандӣ дигар тамоми корҳоро аксар ҳангом мо — бачагон саришта мекардем. Аз оғози баҳор ба замин пору ва хоки кӯҳнадевор мекашонидем, киштро ягонаву хишова мекардем, об медодем, каланд мекардем, ҳашараи зарарнокро мечидем...

Замини рӯидарича барои мо — бачагон на фақат рӯзибахш, балки мактаби зиндагӣ ва деҳқонӣ буд, боиси ифтихори мо буд, дарси заҳмату ҳунар меомӯхт, аз маънии одаму одамгарӣ сабақ медод. (Ман имрӯз аз он ҳайронам, ки наврасони 16-17 соларо, ки дар нисбати мо чӣ синнан ва чӣ ҷисман бузургтаранд, дар корхонаҳои шаҳр ба кори муваққатӣ намегиранду аксар ҳангом айёми таътили онон зоеъ мегардад).

Ман аз он як порча замини рӯидаричамон як умр

миннатпазирам, зеро он на фақат моро серу пӯшида дошт, балки устухони маро бо кори ҳалол сахт кард, дили моро ба замин, ба киштукор, ба ҳар гиёҳу ниҳол, ба оби равонбахш, монед, ки ба хоки ватан то зиндаем пайванд кард. Ин аст, ки ман бидуни он ҳама сахтию мӯҳтоҷии айём, маҳрумиҳо аз даврони бачагии худ сарфарозам. Гурусна ва нодор будем, вале ҳаргиз ноумед ва дилсард назистем, бедарду бепарво набудем, бетадбир ва бетаоруф нахуфтем.

Имрӯз дар кӯчаҳои шаҳрамон қадам мезанаму ба духтарону наврасоне, ки беҳунар, бедониш вақти азизро сарфи ҳарзагардӣ мекунанд ва ягона ифтихори онон пӯшиши ҷинсиҳои мӯд аст, ба таассуф менигарам. Бале, ман ба ҷавононе, ки аз пули падару модар бо кибру ғурури пуч дар барҳо ва ресторанҳо нишаста шаробҳои қимат мехуранду сигорҳои гаронбаҳо мекашанд ва сархушу саргарон мошиндавонӣ мекунанд, на бо тамасхур, балки бо таассуф менигарам ва он як пора замини азиз падарро ёд меорам. Афсӯси ман аз он аст, ки ин тоифа ҷавонони мо аз мактаби ҳаётбахши зиндагӣ баҳрае намегиранд. Баъди бистсолагӣ кадомин мактаб дар сиришти ин кӯдакони ришдор меҳри заҳмати ҳалол, дониш ва шуғлу ҳунарро махлут тавон кард, намедонам. Ба ин ҷавонон менигараму дар тасаввур оварданам басо муҳол аст, агар аз мактаб ва парваришу тарбияти он як лахт замини рӯидарича маҳрум мемондам, дар рӯзгор чӣ бохти азиме доштам.

Мардуми деҳқон ба дурустӣ мегӯяд: “Замин сер — одам сер”. Ин аст, ки марди деҳқон онҳоеро, ки аз коҳилӣ ва ё танпарастӣ заминро, молро пушти по мезананд, маломат мегӯяд: “Дар ҳавлиат аз ҳалол як мурғ надориву ту ҳам гап зан!” — гӯён таъна мекунад, “замини суст обрӯи номард аст” — гӯён маломат менамояд.

Ҳар инсоне, ки дар ягон гӯшаи дур ва деҳоти хурд бошад ҳам, як лахт замини ба дил наздик дорад, аз файзи

он дар сина ҳамеша баҳор дорад. Бигзор, ки он ҳоло боғу хонаи падар бошад ё мазраи додару хоҳар, вале ӯ ба сӯи он аз дуродуриҳо бо меҳру беандоза менигарад, зеро марғубтарин хотироти даврони кӯдакию наврасии ӯ ба он пайванд аст, дар он хок аввалин ниҳоли биншондаи ӯ нашъунамо дорад. Дар дунё аз боғу дарахти дастранҷи кас азизтару муқаддастар чӣ ҳаст?! Борҳо воқеъ афтода, ки он як порча замини бо араќи ҷабин дар санглох ба вуҷуд омада, киштукор дида — замини оддӣ не, балки эҷоди арзандаи инсон, асари умр ва кохи ёдгори ӯ гардида. Онро мардумон барҳақ бо номи бунёдкораш ба забон мегиранд: "Боғи Наим", "Замини Шакар", "Ҷӯи Насим".

Дар яке аз деҳоти кӯҳистон ба ман ҷӯи хароба ва беоберо нишон доданд, ки онро мардуми он мавзеъ "Ҷӯи Насим" мегуфтанд. Солҳои пеш аз ҷанг Насим ном марди пурғайрат дар масофаи қариб ду километр ба танҳогӣ худаш ҷӯй сохта, як порча замини санглоху беобро маъмур кардааст. Вай аз ёнаи шаху зовҳо девори сангин бардошта, болои девор аз чим ҷӯй сохта об бурдааст. Дар баъзе ҷой вай ба қадри се-чор метр девор бардошта аз болои он об гузарондааст. Баъд дар он замини аслан сангистон хоку пору рехта ончунон ҳосили сараи гандуми пурбаракат гирифтааст, ки ҳама ангушти ҳайрат ба дандон газидаанд. Ҳосили гандуми вай ончунон сараву пурмағз будаст, ки "ин барои тухмӣ зарур аст" гӯён онро барои колхоз гирифтаанд ва ба ӯ аз хирмани колхоз гандум ваъда кардаанд. Сонитар он ваъда фаромӯш мешавад ё раҳбарон дигар мешаванду Насим ноумед мегардад. Ҷавонмарди ғайратманд аз он ҷӯй ва он замин даргузаштааст ва то имрӯз ҳеҷ кас дигар он заминро кишт накардааст.

Имрӯз пиромуни ин матлаб, яъне, аз паи бартараф кардани нуқсонҳо ва беэътибориҳо ба киштукор ва молдории мардумон дар программаи озуқаводории СССР то

солҳои 1990 таъиноти муҳимме пешниҳод шудааст: “То ки ҳар хонадони дар деҳот муқимӣ дорои замини рӯидарача бошад ва молдорию мурғпарварӣ кунад, бояд васоилу имконот фароҳам овард”.

Ҳоло аз рӯи ҳисоби мутахассисини ҳолдон боғу полиз, молу мурғ ҳамагӣ чоряки даромади хонаводаи деҳқонро медиҳанд. Самараи маънавии онро намегӯед! Фарзандони деҳот ба ҷуз боғу полиз ва парвариши гову гӯсфанд дар куҷо касби деҳқониву молдорӣ меомӯзанд, ташнагии худро ба кори падарону бобоён бо чӣ раҳ мешикананд, чӣ сон ба обу хоки диёри худ дилбастагӣ пайдо мекунанд?! Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки меҳри ватан баробари решаҳои нахустин ниҳоли дастранҷ дар дили фарзандон ҷой мегирад.

Агар ба замини рӯидарича аз пиромуни ин матлаб бинигарем, равшан хоҳем дид, ки он ҳаргиз шуғли ба ҷамъият камиртиботе нест. Ободу сарсабз кардани як пораи хоки ватан аз воҷибтарин ва муқаддастарин шуғли инсонҳост. Ногуфта намонад, ки дороии халқ ҳам ҳиссае аз сарвати ватан аст.

Имрӯз дар мамлакати мо аз ҳар се сар модагов яке моли мардумон аст. Деҳқонон аз боғу замини рӯидаричаи худ чӣ миқдор ҳосил мегиранд, касе ҳисоб накардааст. Аз ҳеҷ кас пӯшида нест, ки хуррамию фаровонии бозорҳои мо асосан, аз файзу неъмати боғу замини рӯидаричаи деҳқон аст. Вале кӯтоҳназароне низ дучор меоянд, ки ҳанӯз ҳам ба боғу полизи деҳқонон назари холис надоранд.

Боре дар бозор гувоҳи мунокишае будам: деҳқони пире шафтолуҳои шафақранги худро, ки ҳар яке бемуҳобот баробари пиёла буд, тавсиф мекарду бо ширинмақолӣ ба харидорон пешниҳод дошт:

— Биёед, аз боғи худам, пулатон дар кисаатон меравад... Шафтолу не — як пиёла шарбати соф...

— Аз боғи худат-а! — ногаҳон заҳрханда кард хари-

доре. — Аз дӯкон харида мефурӯшӣ... ё аз деҳқонони дигар...

Деҳқони пир аз инчунин тӯҳмат лаҳзае саргаранг монду сонӣ гуфт:

— Дар умрат ҳамин хел шафтолура дар дӯкон дидӣ?.. Надидаӣ ва намебинӣ, додар! Шафтолу меваи тезгузар аст, ба харидуфурӯш тоб намеорад дар се рӯз нобуд мешавад. Меваи боғи худам аст, ҳозир канда овардам.

— Ҳиъ... Лаҷоматонро сар дода мондаанд, кори колхозро мемонеду боғдорӣ мекунед, полиз, мол...

— Ҳой, набераи ман дар колхоз кор мекунад!.. Сонӣ як гапро гӯям, дониста мон: лаҷоми мора кашанд, ба ту мушкил мешавад, додарам! Ҳа, инаша газӣ, инаш дард мекунад, — мӯйсафед як ангушташро ба даҳон гирифту дигарашро нишон дод.

Деҳқони пир аз таҷрибаи рӯзгор хулоса бардошта мағзи суханро мегуфт.

Дарвоқеъ, имрӯзҳо дар шаҳру деҳот ин зумра одамони ба моли хусусӣ, ба боғу замини рӯидаричаи деҳқон каҷ менигаристагиҳо кам нестанд. Ин тоифа дар сари ҳар қадам намак хӯрда намакдонро мешикананд ва ҷурми худро дар паси пардаи суханони пучу валвалаомез пинҳон мекунанд.

Дар соҳили рӯди Душанбе, қад-қади хиёбони Хоҷа Ҳофиз санглохе буд, ки бехоку бегиёҳ ва баҳорон ҳам дар он мавзеъ сабзае намеруст. Комиҷроияи шаҳр онро ба хоҳишмандони обчакорӣ вогузошт. Мардумон сангҳои калонро аз он замин чиданд, ҳамвор карданд, ба рӯи сангистон хок оварда рехтанд, мошин-мошин пору афкananд. Имрӯз ин минтақа, чашми бад дур, ба боғу полизи сабзу хуррам табдил ёфт, ки аз тамошояш дилу дидаи раҳгузарон ҳаловат меёбад.

Мухолифони боғу обчакории хусусӣ даъво доранд, ки барои молдорӣ ва боғу полиз бояд вақт сарф кард ва

заҳмат кашид. Вале деҳқон, он, ки аз хурдӣ бо замин пайванд аст, барои боғу полиз ва моли худ вақт ҳам меёбад, қувва ҳам. Миёни мардуми мо муддатҳост, ки расм шудааст: парвариши мол ва бештарин кори боғу полизро бачаҳо ва пирон саранҷом мекунанд.

Ҳайфо, ки баъзан деҳқонон аз магазинҳо каланду бел, хаскашу панҷшоха ва замбарғалтак барин олоти оддиро намеёбанд. Вақт аст, ки саноати маҳаллӣ сохтани асбобу олоти зарурии деҳқононро ба роҳ монад. Деҳқонон бояд аз магазинҳои шаҳр мисли имрӯз қуттӣ-қуттӣ тухми мурғ ва меваю сабзавот не, балки насосҳои обкашӣ, дорупошакҳо, аробачаҳо, мотоколяскаҳои “мӯрча”, асбобу олоти гармхонаро харид кунанд.

Чанд сол боз аз хусуси аҳамияти меваи тут барои сиҳатии инсон сухан мегӯянд, дар матбуоти рӯз мақолаҳо интишор мекунанд. Вале тути балхӣ ҳанӯз ҳам беҳимоят табар мехурад ва дар шаҳру деҳ охирин беххои он аз миён меравад.

Тобистони порсол аз шаҳри Боку раҳгузар будам. Баъзе аз мавзеи ин шаҳр ба ҳадде тутзор ва ҳама тути пайвандии ширин буд, ки саҳаргоҳон фаррошҳо дар сари роҳҳо ва кӯчаву хиёбон меваи тутро рӯфта тӯда мекарданд. Мани шефта ва ҳайрон ба он тӯдаҳои тути сафед менигаристаму чигуна бо нияти тутхурӣ ҳар сол аз Душанбе ба Самарқанд меравем, ба ёдам мерасид ва ҳасратомез оҳ мекашидам. Барги тути пайвандӣ барои ғизои кирми пилла чандон созгор нест, сипас чаро то имрӯз буридани онро манъ намекунем? Агар буридани онро манъ мекарданд, дар боғҳо тути ширину гуворо аз нав мақому манзилати пешини худро меёфт.

Пойтахти республикаамонро шаҳри Душанбе дар миёни ду руди сероб воқеъ афтодааст, аз ду паҳлу наҳрҳои Душанбе ва Кофарниҳон домани онро бӯсида мераванд. Аммо сокинони шаҳр ҳар сол баҳорон ниҳол мешинонанду тобистон аз камобӣ қариб аксари он

ниҳолҳо нобуд мешаванд. Аз ҷӯйҳои канори кӯчаҳо, аз хиёбону сабзамайдони шаҳр агар об ҷорӣ мебуд, аз як тараф шаҳр хуррамтар, покизатар, барҳавотар мебуд, аз ҷониби дигар, алафе, ки мерӯяд, барҳадар намерафт. Покизагии муҳити шаҳр имрӯз аз масъалаҳои муҳими шаҳрдорӣ аст.

Программаи озуқаворӣ дар назди халқ вазифаи басо бузург ва муҳимеро пеш гузоштааст: бояд ҳар чӣ бештар маҳсулот — гӯшт, мева, сабзавот бигирем. Бе ҳеҷ шаке, бахши асосии ин неъматро колхозу совхозҳо ва заводу фабрикаҳо медиҳанд. Аммо замину моли хусусии деҳқонон низ дар иҷрои ин вазифа кӯмаки бузург мерасонанд. Гузашта аз ин, дар деҳкадаву шаҳрҳои хурди музофотӣ низ шаҳриён дар иҷрои ин нақшаи азими партия ва халқ ҳамдаст будан метавонанд. Як огард ё ҷӯяки сабзию помидор, боимҷону кашнич, қаламфуру райҳон аҳли хонаводаро чандин раҳ аз заҳмати бозорравӣ озод мекунад.

Ҳоло колхозу совхозҳо, деҳкадаву шаҳрҳо заминҳои нокорам ва партовро барои зироату боғдории хусусӣ пешниҳод мекунанд ва ба кори деҳқонон кӯмак мерасонанд. Дар программаи озуқаворӣ дастуре ҳаст, ки минбаъд барои равнақи молдории хусусӣ ва деҳқонӣ аз ҳар ҷиҳат амалан бояд кӯмак расонанд.

Вақти он расидаст, ки мардуми мо ҳам ба монанди мардумони кишварҳои мутамаддини олам ба зисту зиндагии мӯътадил шурӯъ кунанд.

***1982***

# КӮҲРО БА КӮҲ МЕЗАНАНД, ВАЛЕ...

(Очерк)

Говҷӯшдухтарон чобаҳои калони пурширро баъди баркашидани ҳисобдори ферма дукаса бардошта оварда ба новаи яхдони бузург мерехтанд. Ман аз шири ғафсу равғанини зимистон, ки зарду қаҳваранг метофт, чашм бардоштан наметавонистам. “Аз афти кор, ба мол намак намедиҳанд, шираш ғафс аст...” аз дил мегузаронидам.

Ба ин минвол дуру дароз ба шир нигаристани маро дида раиси колхоз Бӯрибой Султонов ҳазломез гуфт:

— Чунон ки об аз новаи осиёб ба талотум меравад, ҷӯи шир кафкзанон мерехту дар иҷрои программаи озуқа... Очеркатонро тахминан ҳамин тавр ибтидо карданиед-а?

Ман ба ин усули рӯзноманигорони қолибкор хандидам.

Раис нони рӯзноманигориро хӯрдааст, коргузории фирқавиёнро хуб омӯхтааст, аз илму таъриху филология маълумоти олӣ дорад ва бар замми ин, донишгоҳи Хоҷагии қишлоқро низ хатм кардааст.

Дар воқеъ ҳам ман ба шир менигаристаму хаёлам ба ҳазор кӯй медавид, вале ҳанӯз андешаи аз ин хусус навиштанро надоштам. Бехабарон гумон мекунанд, ки мухбир ҳар як ашёи дидагиашро ҳатман дар мақолаи худ ифода мекунад. Балки раис ҳангоми дар идораи рӯзнома кор карданаш ба ҳамин усул кор кардагист. Аммо ман аз як ҷувол мушоҳадаи дар колхоз бардоштагиам, агар чизе нависам, фақат ба андозаи як-ду косаи онро истифода мекунаму бас.

Ҳоло суханро аз ҷое, ки шурӯъ кардан боистӣ, бе ҳеҷ печутоб ва ҳунарҳои маъмули нависандагӣ ибтидо кардан мехоҳам.

Котиби аввали комитети фирқавии ноҳияи Қубодиён

Тоҷиддин Турдиев ба ман аз кору бори деҳқонон ва молдорони пухтатадбир аз камоли ҳолдонӣ, рақаму санадҳо оварда ҳикоят мекард. Равшан буд, ки вай аз рӯи рақамҳои ҳисобот не, балки ҳама дидаю озмудаҳои худро мегӯяд, аз ин рақамҳо ифтихор дорад, дар онҳо ранҷи ӯ низ аст.

— Чунон ки як адиби заковатманд навиштааст, ҳамаи некбахтон ба якдигар монанданд ва ҳоказо. Аз вазъи кори қафомондагон ва бебаророн чӣ мегӯед?

— Ҷаҳди мо бар он аст, ки колхозҳои қафомонда пешрав шаванд, корашон равнақ ёбад, вале чӣ илоҷ... Ман ба шумо гӯям, колхози беравнақ мисли захми носур ҳар лаҳза моро нохуш медорад. Дар илоҷи кори ингуна хоҷагиҳо тадбиру чораҳои гуногунро истифода мекунем... Колхози ба номи Карл Маркс ду-се соли охир камравнақ буд. Чор моҳ аз ин муқаддам як тан ҷавонмарди ғайратмандро ба раҳбарии ин колхоз пешбарӣ кардем... Аллакай ривоҷи кор дигаргун шуд. Ҳоло ин колхози қафомонда аз бобати ширдӯшӣ дар район ба ҷои сеюм баромад ва комёбиаш мунтазам рӯзафзун аст. Агар раҳбар як қамчин ғайрат дорад, ҷаҳди дигаронро чандин баробар зиёд мекунад...

— Хеле аҷиб аст... — ба ваҷд омадам ман. — Агар рухсат бошад, ман ба он колхоз биравам. Балки тарзи коргузории раиси нав барои дигарон ибратомӯз аст...

— Биравед. Аммо дар назар доред, ки раис алҳол ҷуволи пур аз нақша аст. Барои ба руёб баромадани он ҳама нақшаҳо мебояд, ки солҳо ҷон коҳонад...

Ман ба котиб ташаккур кардаму роҳи колхози ба номи Карл Марксро пеш гирифтам.

* * *

Мутахассисони илми зироат истилоҳе доранд: минтақаи кишти даргумон. Баъзе раҳбарон сухани худро аз ҳамин ибтидо мекунанд. Аз инчунин иқлим ва замин чӣ ҳосил мегиред? Бе ҳеҷ шакке дар диёри кӯҳсори мо инчу-

нин иқлиму заминҳо кам нестанд. Аслан, агар нек биандешем, киштукор ва зироат аз азал ба табиат марбут буд ва деҳқони тоҷик ҳаргиз намегуфт, ки имсол фалон қадар ҳосил мегирам. Не, ба ингуна даъво ҷуръат надошт ва сари ҳар суханаш "Худо хоҳаду агар обу ҳаво созгор ояд" мегуфт.

Раиси колхози Карл Маркс Бурибой Султонов ҳамроҳи ман аз роҳи байни заминҳои киштзор мерафту бо эътимоди комил мегуфт:

— 36 сентнерӣ мегирем... Ба ҳамин мақсад имрӯзҳо деҳқонони колхози мо ҷаҳд сар кардаанд. Ба заминҳо пору мерезем, ҷӯйборҳоро тоза мекунем...

— Чаро то ҳол шудгорро тамом накардед? — баъзе санадҳои аз идораҳои район гирифтаамро месанҷам.

— Шудгор... Баъди ду рӯз тамом мешавад. Шабу рӯз тракторҳо кор мекунанд. Замин лой буд, вагарна...

Ба дил гуфтам: шабкории тракторҳоро мебояд бо чашми худ рафта бубинам. Баъд аз боби дигар савол кардам:

— Дар республика колхозҳои корашон камривоҷу бебарор кам нестанд. Ҳамаи онҳо ҷадал доранд, то аз вазъи нохуш раҳоӣ ёбанд, аммо ин кор ба гуфтан осон аст. Шумо корро аз чӣ сар кардед?

— Аз чӣ сар кардам? — Султонов саволи маро такрор карду лаҳзае паси сар хорида биандешид, ба худ табассум намуд ва сипас гуфт: — Саравал арзу шикояти одамонро пурсидам. Агар дарди мардумро бо сабру тааммул гӯш кунед, ҳақиқатро меёбед, бисёр иллатҳои ноаёнро пай мебаред. Аммо бартараф кардани иллат кори осон не. Дар дастури коргузорӣ менависанд, ки фақат ба худат такя макун, фаъолони эътимодбахшро ба гирдат ҷамъ дор, ба онҳо бовар кун, сонӣ корашонро санҷида мулоҳаза фармо. Аммо фаъолони тайёр куҷоянд? Инчунинҳоро батадриҷ, дар кору амал санҷида бояд дарёфт кард. Сонӣ нақшаи ободию маъмурии деҳаро барои солҳои наздик таъин кардем. Панҷ сол аз ин пеш пойдевори

мактаби навро рехтаанду бо сабабҳои гуногун сохтмони он қатъ ёфтаст. Идораҳои сохтмон гуфтанд, ки коргар намерасад. Коргарони бинокор ёфта овардам. Ҳоло девори қабати дуюми он анҷом мегирад. Якуми сентябр бачаҳо дар мактаби нав ба таҳсили илм шурӯъ мекунанд.

Ҳикояти раисро аз боби мактаби деҳа гӯш мекардаму як тан рафиқи деринам пеши назар омад. Вай як сол қабл аз ин манзили осудаашро дар деҳаи зодгоҳаш тарк карда ба деҳаи ҳамсоя кӯчид, то ки фарзандонаш дар мактабе, ки асбобу ашёи мукаммал ва муаллимони соҳибтаҷрибаву пурҳунар дошт, таҳсили илм кунанд. Ба дил гуфтам, ки барои мактаби нави ин деҳа ҳам муаллимони пур-дону ба касбу кори худ шавқманд даркоранд, директори пухтатадбир лозим аст. Султонов ин ҷиҳати корро бояд аз ҳамин вақт биандешад. Вале маслиҳат додани ман аз адаб дур аст, бинобар он, аз ин хусус лаб накушодам.

— Баъд?.. Боз чӣ чораҷӯиҳо кардед? — савол кардам аз раис.

— Сонӣ?.. Интизоми кор дар колхоз хеле футур рафта буд... Ҳоло кам-кам барқарор мекунем. Ба шумо як мисоли тоза гӯям: шабона кӯчаҳои деҳа гӯристон барин тираву тор буд, монтёрро ҷеғ зада гуфтам: “Шабона бояд чароғи симчӯбҳо даргиранд”. Як бор гуфтам, баҳонаҳои беасос пеш овард, дигар бор гуфтам, боз тақал карда гашт, “хуб” мегӯянду намекунанд. Ночор аз вазифааш гирифтему монтёри дигарро таъин кардем. Ана, мебинед, кӯчаҳо чароғон.

Мо саҳрову фермаҳоро гашта ҳоло ба деҳа даромадем. Шомгоҳон чароғҳо фурӯзон, кӯчаҳо серравуо буданд.

— Деҳа бояд ба шаҳрча мубаддал гардад. Мардум бояд ҳам бо илму техника, ҳам бо зироату молдорӣ, ҳам бо мусиқию спорт, дӯзандагӣ, созандагӣ, бинокорӣ хулласи калом бо шуғли дилписандаш машғул бошад. Ба деҳа муттахасисони гуногун даркоранд. Алҳол дар деҳа

ягон роҳи соз нест. Ният дорем дар чор-панҷ сол тамоми роҳҳои деҳаро мумфарш, роҳи саҳроро ҳеҷ набошад, шағалрез кунем. Ба фикрам, роҳи соз бевосита василаи равнақи иқтисодиёт аст. Иқтисодиёт ҳоло аз сарфакорӣ ибтидо мегирад. Роҳ соз бошад, мошину трактор, пахтаву мева ва дигар ҳосил камтар нобуд мешавад. Умуман, ободии деҳа одамонро ба кору зиндагӣ, ба фардои фарзандон дилгарм мекунад, як навъ ҳисси муҳаббат ва ифтихор мепарварад, дар деҳа барои ҳар як кас кори мувофиқи табъ ёфт мешавад. Дар айёми мо ин ҷиҳати корро ба назари эътибор нагирифтан кӯтоҳбинӣ аст...

Дар деҳа ҷаҳду талоши раиси нав, интизомталабии ӯ боиси гуфтугузорҳо буд. Яке мегуфт, ки ҷавонмарди ғайратманд аст, чашм нарасад, корамон соз мешавад, вале касоне ҳам буданд, ки лоқайд таъкид мекарданд: “Чӯҷаро тирамоҳ шумурдан даркор аст”. Нобоварон ҳам буданд, ки даст афшонда “кӯзаи нав обаш хунук аст, ҳолӣ ҳавсалааш пир нашудаст” мегуфтанд.

Султонов миёни тирамоҳ дар колхоз ба кор шурӯъ карду ғунучини пахта шиддат гирифт. Вале раиси дорои маълумоти агрономӣ возеҳ медонист, ки колхоз планро иҷро намекунад. Дар пахтазор ҳосил кам буд. Вай баробари ғунучини пахта аз паи ҷамъоварии хӯроки чорво шуд. Молдорӣ, баъд аз пахтакорӣ, соҳаи дуюми самарабахши колхоз буд.

Шомгоҳон қабл аз хайрухуш ба Султонов рӯ оварда гуфтам:

— Аз афти кор, имрӯз хеле хаста шудед... Истироҳат кунед.

Раис хандид. Сонӣ эзоҳ дод:

— Мо соати сеи шаб аз кор фориғ мешавем. Соати дуи шаб котиб ба воситаи радиотелефон мухобират мекунанд. Дар ҳамаи колхозҳо раҳбарон дар идораи раис ғун мешаванд, аз рафти кору бор ҳисоб медиҳанд, дастур мегиранд. Авзоъи районро фаҳмида метавонед.

— Аҷиб... — тааҷҷуб кардам ман. — Ҳар шаб?

— Ҳар шаб.

— Ман метавонам дар ин мухобират ҳозир бошам?

— Бемалол.

— Ташаккур. Хуб, то соати дуи шаб ба чӣ кор машғул мешавед?

— Ҳоло меравам... Ду ҳамсоя номуросой доранд, ҳамроҳи раиси ҷамоа қазоват мекунем... Сонӣ, маслиҳати тӯйи як хонавода ҳаст... Баъд ба идора меоям. Соати як меравам, вазъи шудгорро менигарам, аз он ҷо гузашта ба фермаи моли ҷӯшой медароям...

— Ба сари шудгор ва ферма ман ҳамроҳатон равам, мешавад?

— Ихтиёр доред.

Ман бо Бӯрибой Султонов хайрухуш карда ба меҳмонхонаи колхоз омадам. Лаҳзае сар ба болин ниҳода, хастагии рӯзи пурдавуғеҷро рафъ кардам ва сипас ба сари миз нишаста мушоҳидаву таассуроти имрӯзаро дар дафтарчаам сабт намудам.

Раис имрӯз аз боби фардои заминдорӣ ва зироат сухан карда гуфт, ки дар асри бисту якум, аҷаб не, ба ҷои химия ва нуриҳои маъдан дар зироат усули инҷинерии ирсӣ ҷорӣ шавад. Ирқшиносон ба ҷои нуриҳои химиявӣ ва заҳрҳои гуногун зидди ҳашарот ва касалиҳо микробҳоро ба кор мебаранд. Ӯ мегуфт: “Ба зироат, асосан, азот, фосфор ва калий зарур аст. Микробҳое ҳастанд, ки аз ҳаво азот ҳосил мекунанд. Инҷинерии ирсӣ метавонад чунин навъҳои зироатро кашф кунад, ки аз ҳеҷ ҳашарот ва касалӣ осеб намебинанд...”

Дар асри бисту як ин киштзорони мо чӣ сурате хоҳад гирифт, ман дар тасаввур овардам: киштзори тахту ҳамвор ва бепоёне ба андозаи 200-300 гектар. Дар миёнаҷои он иморати хушсохти дуқабата ба ранги осмонӣ. Дар қабати дуюми он хонаводаи деҳқон иқомат

дорад, дар қабати якум — дастгоҳҳои электронии назорат ва ҳисобу китоб ва ғайра асбобу ускунаи ғизодиҳию парвариш, ҷамъоварандаи ҳосил. Деҳқон аз хона берун нарафта вазъи киштзорро мефаҳмад ва тугмаҳои заруриро пахш мекунад. Яке ба кишт ғизо медиҳад, дигаре заминро намнок мекунад, сеюмӣ ба тухмпошӣ шурӯъ менамояд... Чунон ки комёбиҳои охирини илм шаҳодат медиҳанд, ингуна тарзи киштукор ҳоло афсонаи маҳз нест. Дар кишварҳои мутараққии Аврупо ҳоло ҳамагӣ чор фоизи аҳолӣ бо киштукор машғуланд. Дар мамлакати мо усули гидропоникаро таҷриба кардаанд. Бо ин усул растаниро бехок сабзонида, аз он нисбат ба тарзи маъмулӣ чор-панҷ маротиба зиёдтар ҳосил гирифтан мумкин аст. Алҳол ин усул феълан аз он сабаб ривоҷи шомил наёбад, ки харҷи зиёд металабад. Дар Армения, дар канорашаҳри Ереван рӯи санглохи бехок полизи сабзу хурраме нашъунамо дорад. Ба решаи гиёҳи ин полизи бехокзамин ба василаи лӯлаҳо ғизои моеъ мефиристанд. Насос баробари ғизобахшӣ барои зироат кори шушро адо мекунад: ғизо медиҳаду аз вуҷуди гиёҳои углекислотро берун мебарад ва он гоҳ решаҳо аз кислород нафас мекашанд. Дар ин полиз геран панҷ бор афзунтар аз парвариши маъмулӣ равған дода ва аз мӯлҷали муқаррарӣ як моҳ барвақттар расидааст... Балки усули заминдориамон ҳам то он айём дигаргунӣ пазирад. Бо ин қадар обу замини аъло, мардуми коргар чаро ин колхоз доим қарздор, деҳқононаш бенаво аст?..

Баъд ман аз хусуси коргузории раиси колхоз биандешидаму ба худ гуфтам: агар ба гирди худ фаъолонро муттаҳид кунад, бешак ӯ бо ин ғайрату шавқе, ки ба кор дорад, колхозро пешрав мекунад, вагарна як кас дар ҳама ҷо чашму гӯш будан наметавонад. Агар косалесу тамаллуқпешагон ӯро ба доми худ накашанд. Не, Бӯрибой Султонов ҳокиму омири нафси худ аст, марди фозил,

китобдӯсту китобхон аст, аз ин рӯ ҳисси борики одамшиносӣ дорад. Дирӯз шеъри “Дили модар” - и Эраҷро аз ёд чунон таъсирбахш бихонд, ба дурустӣ ҳайрон будам.

Қариб соати дувоздаҳи шаб аз кӯча бонги мошин баланд шуд ва ман саросема либосамро пӯшида тохтам. Раис маро нигарон буд. Чароғи хонаҳои деҳа хомӯш, фақат дар кӯчаи калон қатори чароғон фурӯзон. Мо аз хусуси усули шудгори Малсев сӯҳбат доштем, ки дар он рӯзгорон валвала дошт.

Мошин аз деҳа берун гашту шаби торик гӯё ба сари мо пардаи нилобӣ кашид — дар атроф гӯё холигии сиёҳ буду бас. Дар партави чароғи мошин қисмате аз роҳи пасту баландро медидему бас. Сонӣ чароғи тракторҳо, лаҳзае аз миён гузашту ғурриши моторҳо ба гӯш расид.

Султонов пешопеш, ман аз паси вай ба сӯи тракторе, ки дар васати замини навшудгор аз кор монда буд, рафтем. Мӯзаҳои мо то ними соқ ба гили нарму нам меғӯтид.

— Чор трактор кор мекунад, ин яктааш чаро истода бошад? — гӯё худ ба худ изҳори тааҷҷуб мекард раис. — Таъмирашро назорат мекардам...

Дар сари плуги трактор се тан тракторчиҳо ҷунбуҷӯл доштанд. Дар торикӣ ман чеҳраи ононро аз якдигарӣ фарқ накардам. Онҳо маро дида, баробар аз сари кори худ бархостанд.

— Чӣ ҳодиса? — барои вохурӣ даст дароз карду пурсид раис.

— Чархи плуг баромад, — гуфт яке аз он се тан.

— Ба устохона хабар додед?

— Ҳозир меоянд.

Султонов пинҳон аз дигарон оҳи сабук кашид. Сипас, чуқурии шудгорро санҷид, дуртар рафта боз санҷид. Вақте ки ӯ баргашта омад саркори тракторчиҳо гуфт:

— Мобайни ин қитъа ҳанӯз лой аст, раис ҳолӣ ба

қитъаи дигар мегузарем.

— То фардо бегоҳӣ хушк мешавад. Пасфардо шудгорро тамом кунед.

— Тамом мешавад, — гуфтанд баробар ҳар се тан.

Султонов бо тракторчиҳо боз каме андармон шуду сонӣ мо ба роҳи омадаамон баргаштем.

— Соати якуними шаб ба ферма барои чӣ меравем? — пурсидам ман ба мошин савор шуда.

— Аз паи сарфаю саришта мегӯед-ку, — хандид Султонов. — Хӯроки молро то басарфа сарф кунем, вояи шабро ду ҳис карда медиҳем. Соати дувоздаҳи шаб бояд хӯрок диҳанд. Ман ба одамон бовар мекунам, вале барои таскини дилам бояд, ки худам бубинам.

— Ему алаф намерасад магар?

— Мерасад. Мо қариб сад тонна орди ғӯзапоя тайёр кардем. Онро агар бо дигар хӯрокиҳо омехта, бо оби айроне, ки аз заводи шир муфт мегирем, тар карда, бо дастгоҳи махсус буғ диҳем, мол гардашро намонда мехурад. Ҳоло ҳар рӯз аз рӯзи пеш 20-30 кило зиёд шир мегирем. Дирӯз 2870 кило шир ҷӯшида буданд, ҳозир мефаҳмем, ки имрӯз чӣ қадар шудаст.

— Дар район мақоми аввалро гирифтаниед магар? — ҳазломез табассуме намудаму ба раис нигаристам. Вай аз роҳ чашм наканда гуфт:

— Дар нақшаю орзуҳои мо хеле корҳо ҳастанд, аммо ба даст овардани ҷои аввалро фаромӯш кардаем ба нақша дарорем, — бо лутф ҷавоб дод раис.

Молбонҳо дар хоначаи таҳи дарвоза ғун шуда чойхурӣ доштанд. Мо баъди салому ҳолҷӯӣ хилъати сафед ба бар кардем. Раис аз мудири ферма пурсид:

— Имрӯз чӣ қадар шуд?

— 2900, — ҷавоб дод мудир.

Раис дар даст чароғак қад-қади охури молҳо мегашт даст-даст карда аз хӯроки модаговон чӣ нишхӯрде

мондааст, ба каф гирифта менигарист, тозагии молҳо ва зери пойро аз назар мегузаронд. Баъд аз хусуси ташкили кору равғаннокии шир, эҳтиёҷи молдорон лаҳзае гуфтушунид карду мо аз дарвозаи ферма берун шудем.

Ба мошин савор нашуда газике омада дар таҳи дарвоза қарор кард. Аз мошин котиби райком берун шуду маро ҳамроҳи раис дида, тааҷҷуб кард.

— И-и!.. Шумо дар ин бевақтшаб чӣ мекунед?

— Нони сахти нависандагӣ осон ба даст намеояд, — гуфтам ман ҳазломез ва дасти ӯро фишурдам.

Мо ҳамроҳи котиб ба ферма ворид шудем. Котиб раҳораҳ аз раис ва мудири ферма савол мекард:

— Ними моҳро ҷамъбаст кардед?

— Ҳо... Натиҷа бад нест... Ба говдӯшони зарбдор рӯмолу либосвор ва пул подош додем. Ба ду нафар унвони “Зарбдори меҳнати коммунистӣ...”

“Чаро дар кишварҳои мутараққии олам мардумон бе ҳамин навъ гапу калочаи беҳуда ва сохта кор мекунанд, даромади зиёд мебардоранду мо аз қайди ин бемаънигариҳо ҳеҷ раҳоӣ намеёбем?” — мегуфтам ба дил.

Аммо аз ин хусус бо котиб ва раис сухан кардан беҳуда буд...

— Киҳо подош гирифтанд? — гӯё ин барояш аҳамияти бениҳоят муҳим дошта бошад, батафсил мепурсид котиб.

“Балки ҳамаи ин шабгардиҳои ин касон сохтакориест барои мухбирро ҳайрон кардан ва дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ба тамоми ҷумҳурият валвала андохтан...” — Дили ман ба ҳазор кӯй мерафт, бинобар он, ба ҳар як сухан, ба ҳар як қадами ин касон шубҳаангез менигаристам.

— Чаро ин поруро аз миён набардоштед?.. Барои ток хавоза бардоред гуфта будам...

Котиби фирқа боз чанд эроди худро ба кори молпарварон гуфт, чанд маслиҳат дод.

Баъди гусели котиб Султонов ба соаташ нигаристу гуфт:

— Чоряки кам ду. Дар соати ду мухобират шурӯъ мешавад.

Мо хомӯш ба сӯи деҳа роҳ гирифтем.

Дили маро гургон механошиданд: “Ҳамин мухобират дар ними шаб зарур бошад?.. Метарсам, ки ҳамин ҳам як навъ сохтакорӣ ё худ “кашфиёти навбатии” котиби райком — хӯҷаини мутлақи обу замин, молу ҳол, одаму олами ин ноҳия бошад... Чаро дар мамолики мутамаддини олам бе ингуна валвалаҳо деҳқонӣ мекунанду мо не? Чаро-о?! Дирӯз раис мегуфт: “Дидед, чи хел деҳқонони мо кӯҳро ба кӯҳ мезананд...” Хостам, ки бипурсам, чи суд аз он ки кӯҳро ба кӯҳ мезананд? Маишаташон беҳтар мегардад? Иморати сеошёна бино мекунанд? Аз маошашон мошин мехаранд? Ҳаргиз. Агар мошин харанд ҳам аз пули полизашон ё молашон...

Ҳақиқати ақидаи ман ана ҳамин тавр аст, раис... аммо ин маъниро шумо намефаҳмед. Аз ростӣ ба шумо, ба ҳоли ин халқ дилам месӯзад, аммо чӣ кунам, ки...

***Январи соли 1983***

# ХАРИ КӮРУ ОҒИЛИ ТАНГ

*Ин тақриз ба дастнависи маҷмӯаи як нафар ҳаваскори адабиёт навишта шуда буд. Азбаски маҷмӯа noматбӯъ аст, номи муаллифро зикр накардем. Нашри тақризро зарур мешуморам, зеро инчунин ҳаваскорони адабиёт кам нестанд.*

Ба аҳли дониш пӯшида нест, ки шеър аз ҷинси хеле нафиси ҳунари суханварист ва бинобар он ҳам, онро назм ном кардаанд, яъне, бонизому батартиб сухан гуфтан аст. Аммо дар солҳои охир иддае аз ҳаваскорони адабиёт ба ин ҳунар бидуни ҳеҷ тайёрӣ ва саводи кофӣ даст мезананд. Дар аввал шеърҳои навмашқонаи ононро ба умеде нашр мекунанд, ки муаллифи ҷавон дилгармӣ ёбаду дар сари шеъри худ ҷиддитар кор кунад, донишу маҳорати худро ба такмил расонад. Аммо на ҳамеша ин кишти умед ҳосиле медиҳад, балки аксар ҳангом навмашқонро ба шитобкорию хомгуфторӣ илқо менамояд.

Китоби нахустини ин шахсро ҳам аҷаб не, нашриёти “Маориф” ба умеди тавфиқи шеъри ӯ ба нашр расонда буд. Ҳоло, ба назари ман чунин меояд, ки ӯ ин нашриётро охурчаи пастак ангоридаст ва ҷаҳдаш бар он аст, ки ҳар хому хаталаи ӯро нашр мекунанд, илло ба таҳдиду тааддӣ.

Биёем ба сари маҷмӯаи ӯ: мусаввадаи маҷмӯаро хонда, аз варақи аввал беэътиноии муаллифро ба сухан ва суханварӣ мебинеду ҳайрон мешавед, афкори соддалавҳона, қолибзада ва умумигӯиҳои кайҳо пешипошударо мутолаа мекунеду ангушти тааҷҷуб ба дандон мегазед, ки ин марҳаларо кайҳо дар адабиёти мо тай карда, гузашта буданд. Ба ин сатрҳо, ки матлаъ ё сарбайти як “шеъри” ин шахси ҳаваскори шоирӣ мулоҳаза фармоед:

Дирӯз пахта чидам,

Чун чӯбу тахта чидам.

"Воҳимачӣ"

Агар баъзе хурдони мактабхон шеърро аз ду калимаи ҳамқофия иборат донанду аҳён-аҳён аз сари шӯхӣ ин гуна байтаке гӯянд, калонсолон ба гӯлии он кӯдак механданд, аммо ба шахсе, ки ҷиддан даъвии шоирӣ мекунад, ин гуноҳро бахшидан мушкил аст.

Аз мулоҳазаи навиштаҳои муаллиф чунин бармеояд, ки ӯ шеъри бачагонаи тоҷикро дар ҳудуди солҳои панҷоҳум шинохта ва яқин дорад, ки имрӯз ҳам адабиёти мо ба ҳамон поя аст. Ӯ ягон фикри дилчаспу образнок надорад ва инчунин афкор аз ӯ барнамеояд. Аз ин ҷост, ки ӯ ҳамвора суханони оддиву умумиро як навъ ба вазну қофия меораду онро шеър мепиндорад. Зотан, муаллиф аз назми рус ва дигар халқҳои бародар низ вуқуфе надоштагӣ барин менамояд.

Шеъри "Яккачинор" бо ин мисраъҳо ибтидо ёфтааст:

Волгасавор омадам,
Яккачинор омадам...

Ва ба ҳамин минвол соддалавҳона идома меёбад, ки онро ҳар касе ки мутолиа кард, хоҳад гуфт: "Хари кӯрро дар оғили танг чӣ кор аст".

Дар шеъри дигари ӯ "Оши палав мепазам" мисраъҳои аз ғояти соддалавҳӣ хандаовар, мазҳакабоб ва пурнуқсон ончунон фаровонанд, ки мисраи солим ва бенуқсон хеле кам ба назар мерасад. Ба ин порча мулоҳаза фармоед:

Дорам қатори (?) думба,
Пиёзи лумба-лумба (?)
Чисноку (?) зира ҳам ҳаст.
Бар дег мезанам даст (?)
Худро идора кардам (?)
Ман сабзӣ пора кардам (?)
Бингар ба рӯи зирбак,

Бингар ба бӯи зирбак,
Меҷӯшад он бақо-бақ (?)
Оши палав пазам ман,
Гаҳ беалав (?) пазам ман...

Чунон, ки мебинем, дар ин навиштаҳо мисраи солим, равону фасеҳе нест, ки нест. Муаллиф чунон ки гуфтааст, агар "худро идора кунад", шояд, ки оши палавро беалав пазад, аммо бе саводи кофӣ ва завқи солим шеър гуфтан мушкил аст. Ба назар чунин мерасад, ки агар ҳар як шогирди мактабро аз роҳ боздореду оид ба оши палав чанд сатре бадоҳатан гуфтанашро таманно кунед аз ин навиштаҳои шоири мо беҳтар сухане хоҳад гуфт.

Навиштаҳои ӯро аз ҷиҳати санъатҳои зарурии шеър, мавзӯъ ва ҳалли он, таносуби сухан, образу ғоя, тозагии фикру матлаб таҳлил кардан, ба назар барвақт менамояд, зеро ин матлабро муаллиф аксаран ба назар намегирад. Вазну қофия, ки алифбои шеъру шоирӣ аст, мегӯянд, низ дар маҷмӯаи ҳаваскори шеър саросар хароб аст, ки ин нуқтаро тақризнависони дигар низ собит кардаанд ва ба такрор ҳоҷат нест.

Як нуқсони хеле ҷиддии муаллиф ин аст, ки ӯ баёни хушку холии нишонаҳои ба ҳама маълуми ашё ва ҳодисаҳоро шеър мепиндорад. Ҳол он, ки он ахбори соддалавҳонаи ӯро агар ба наср баён кунем, имлои кӯрсаводонаю хандаоваре беш нест. Масалан: (Дар иқтибос тарзи имлои муаллиф нигоҳ дошта шуд. Ӯ аз аломати китобатӣ сирф бехабар аст ва ду вергуле, ки гузоштаст, ҳар ду ғалатанд).

Комбайни додом,
Зӯру тавоно
Сайре кунад он (?)
Бар дашту саҳро (?)
Бо мавҷи гандум, (?)
Он раҳравон аст. (?)
Ҳар дони гандум

Наздаш аён аст (?)

Ин сатрҳоро агар ба тарзи наср нависем, ҳар як хонандаро аён аст, ки сухане аз ин бемаънитар ва бемантиқтар нахоҳад буд.

Дар маҷмӯа чанд манзумаи муаллиф низ ҳаст, аммо аз ҳамаи он навиштаҳо саҳлгирӣ ва беэътиноии муаллиф ба кори эҷодкорӣ ба назар мерасад. Манзумаи “Одам ва марг” чунин ибтидо ёфтааст:

Ошно, бе ягон гуфтугӯ шудаанд...
Одаму марг рӯ ба рӯ шудаанд,

Аввало, бояд хотирнишин кард, ки радифи ин байт ба тақозои вазн ва мантиқи калом ҳам “шудаанд” не, бояд “шуданд” бошад. Сониян, марг бо кӣ ошногӣ кардааст, ки бо одамӣ кунад? Ин сухан ба ҳеҷ маънию мантиқ мувофиқат надорад. Чун дар манзумаи шоир шеъри равону дилчасп ва мантиқан устувор кам аст, таҳлили мазмуну мундариҷаи он кори бефоида аст. Сараввал бояд, ки шеър манзум бошад, сипас аз он манзума бармеояд.

Магар ин порчаҳоро асари завқи нозуқ ва фикру тахаййули солим пиндоштан метавон?

Мӯҳаш (мӯҳош гуфтанӣ аст. Б.Ф.) парешон бувад,
Дар хона, дар кӯча ҳам,
Чун худи ӯ беадаб (?)
Мӯи сараш, ҳар қадам! (?)
Ё худ:
“Жигули” - и ҳамсоя
Сари роҳ истода буд.
Як бачаи пахамӯй (?)
Омад бинзин дуздид зуд (?)

Агар инсоф диҳем, ҳақиқати ҳол ин аст, ки маҷмӯаро иборат аз шеър гуфтан хатост, ба ҳеҷ ваҷҳ ин гуна тафтологияи кӯрсаводона ба шеър умумияте надорад. Дар ҳар як пораи маҷмӯа ингуна бандҳо фаровонанд ва онҳоро нуқсони шеър гуфтан ҷоиз нест, балки сухани саҳеҳ ин аст, ки дар ин навиштаҳо шеър камтар ба назар

link бармехурад. Шеъри асл ва ҳассону шево фақат аз дили поку беғаш, аз дили пурмеҳр меҷӯшад, аз синаи беғашу бемуддао метаровад.

Баъзе адибон дар паноҳи мавзӯи муҳим ва ё фирқаву пешвоёни он хомкориҳои худро чӣ миқдор интишор карданд, ғоят надорад. Адибон, адабиёт ва танқиди адабӣ кайҳо ин гуна қаллобони адабиётро фош карда, баҳои сазовор додаанд, ба онон роҳи савдогариро дар адабиёт қатъан баст. Аммо адиби ҳаваскор, ки аз воқеоти олами адабиёту ҳунар бехабар аст, ҳанӯз ҳам ин амали беҳосилро идома медиҳад. Вай дар васфи Ленин рубоию дубайтиҳои хому пуч ва пурнуқсон гуфта, дар паноҳи ин номе, ки мо байрақ кардаем, аз танқиди шеъри пурнуқсони худ паноҳ ёфтан мехоҳад ва ин матлабро ошкоро, вале ноӯҳдабароёна изҳор кардааст.

Бепарда рақибе, ки ба ман овезад, (?)
Унвони (?) Ленин яқин паноҳам гардад.

Хулосаи калом, маҷмӯаро ба ин ҳол нашр кардан ҳаргиз мумкин нест. Муаллиф дар сари шеър ва маърифати он бояд ки ҷиддан андешад ва он гоҳ аз ин маҷмӯа шояд баъзе порчаҳоро пухтаву суфта карда, ба нашр додан имконпазир гардад.

Дар ҷодаи адабиёт ба ҷуз ҳунар ва истеъдод ҷаҳди дигар худфиребӣ аст, аммо сад дареғ, ки ин хулосаи ба ҳама равшанро иддае аз даъвогарони адабиёт бовар надоранд ва ба ҳар усул (пуштубонҷӯӣ, тамаллуқ, таҳдиду тааддӣ, шӯрангезӣ, тӯҳматнависӣ, савдогарӣ ва ғайра) осори ҳеҷу пучи худро интишор кардан мехоҳанд. Ҳол он, ки агар ин касон аз ин беҳудакорӣ ва умрфарсоӣ ҳар чӣ зудтар дасту дил шуста, умри азизро сарфи дигар шуғли судманде мекарданд, ба халқу кишвари маҳбуб хидмате арзишнок менамуданд.

***26.10.1984***

# ҲУНАРИ ҶАҲОНБИНӢ ВА БАШАРШИНОСӢ

Муддате пеш аз ин дар шаҳри Душанбе курс-конференсияи адибони ҷавон баргузор буд ва ман ба ин муносибат бо қисме аз навиштаҳои адибони навмашқ ошноӣ доштам, бо баъзе аз онҳо ҳамсӯҳбат будам. Ҳавас-корони адабиёт гоҳ-гоҳ аз пеши худ низ барои маслиҳат ба ман навиштаҳои худро меоранд ва ман ҳам аз рӯи ҳол ва қудрате, ки дорам ба онҳо маслиҳати худро дареғ намедорам. Ҳоло ки як силсила навиштаҳои ҷавононро аз почтаи рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” дар даст дорам, андешаҳои худро доир ба эҷоди ҷавонон мухтаса-ран баён карданиам.

Аҳли маърифат дар сари ин нукта муттафиқанд, ки ҳунари нависандагӣ низ ба мисли санъатҳои дигар аз эҷодкор якчанд шарти зарурӣ мехоҳад.

Ба гумони ман шарти аввали касби нависандагӣ қобили диди амиқу назари равшан, ҳисси одамшиносӣ доштани инсон аст. Ин сифат агарчи бар асари тарбия нумӯ ёбад ҳам, асосан фитрӣ аст.

...Амаки ман айёми пирӣ ба дуредгарӣ машғул бу-данд. Боре ман дар ҳузури он кас шоҳиди воқеае будам: мӯйсафед дар ҳавлӣ ба чӯбтарошӣ машғул буданд, ман рӯи зеркундае нишаста кори он касро мулоҳаза мекарда-му аз ину он гапзанон доштам. Аз хона ҳамсари мӯй-сафед ҳамроҳи хоҳараш ва пешопеши онҳо писараке бе-рун шуданд. Амакам бо хоҳарарӯс хушбошӣ карданд. Хоҳар аз дасти писарак гирифта ба вай талқин мекард, ки бо язнааш хайрухуш кунад ва бача нофармонӣ дошт ва чунон ба назар мерасид, ки мӯйсафед ҳам чандон рағбати сухан надорад.

Янгаам хоҳарашро гуселонида омаду ба шавҳар изҳори озурдагӣ кард:

— Мудом кӯдакони ҳамсоя қати ҷоғатон метафсадку, забонатона ғунда газид магар ба бачаи Хосият як даҳан гапназадед? Бачаи худаш не, аз сағирахона гирифт, барои ҳамин?.. Чӣ кунад, ҳамин қадар сол давид, на духтур монд, на табибу мулло, даво ҷусту наёфт. Ночор ҳамин бачаро ба фарзандӣ гирифт. Як ду сухани дилбардор нагуфтед, дилаш алағда гашт.

— Гап дар ин не, — гуфтанд амакам аз кор сар набардошта. Сонӣ баъди хеле сукут илова карданд: — Бачара чашми сараш беҷо барин. Дидаму дилам ғашнок шуд. Ба Хосият бигӯ дигар ҳамин бачаашро ба ҳавлии мо набиёрад.

Аз ин гуфтугузор қариб понздаҳ сол гузашт. Амакам кайҳо вафот карданд. Аз рӯи шунидам писараки аз сағирахона гирифтаро зану шавҳари фарзандталаб бо нозу неъмат парвариш кардаанд. Вале оқибат шунидам, ки ҳама ҷаҳди онон барбод рафтаст. Бача шӯрапушти бераҳм ва дузди айғоқе гаштаст. Дорулахлоқ ҳам ба ӯ кора накардаст. Наздикони худро чунон ба ташвишу изтиробҳо мубтало кардааст, ки роҳи аз ӯ халосиро меҷустаанду намеёфтаанд.

Ман ба назари одамшиносии амаки шодравонам таҳсин гуфтам.

Инчунин одамшиносӣ барои нависанда хоса зарур аст. Ҳатто миёни адибон бозие ҳаст, ки ҳисси одамшиносиро машқ медиҳад.

Дарвоқеъ, касоне, ки ба атрофи худ саросема менигаранду сарсарӣ андеша меронанд ва он андешаҳои бебунёдро хомохом, шитоболуд ба қоғаз сабт мекунанд, дар фани суханварӣ ба балои нокомӣ мубталоянд. Боист, ки ҳар лаҳза хотирнишон кард: адибонро инжинерони рӯҳи башар гуфтаанд ва ин гуфта ҳаргиз муболаға нест, балки ҳукми пухтаасосест. Суханвар бояд ки инсонро инжинервор нек шиносад, тағйири авзои вай, наҳуфтарин таҳрики ҳиссу андешаи ӯро пай барад. Ин сифат

шарти нахуст ва зарууртарини ҳунари нависандагӣ аст, зеро аз он замонҳое, ки башар дар гирди гулханҳо қабила-қабила менишасту қисса мегуфт то даврони мо, ки китобҳои адибон милёнҳо нусха интишор меёбад, инсон ба инсон дар ҳақи инсон ҳикоят мекунад. Дар дунё ҳама чиз кӯҳнагӣ мепазирад, вале ҳикоят дар ҳақи инсон ҳамеша инсонҳоро ба рағбат хоҳад овард.

Шарти дигари ҳунари нависандагӣ дониш ва хирад аст. Адиби нодон, аз илму фарҳанг ва тамаддуни башарӣ бехабар осори муҳиме, ки зебою нодир ва ба инсон раҳнамо бошад, иншо кардан наметавонад. Ҳамаи адибони оламшумул донишмандтарин мардони даврони худ буданд. То ҳол аз ҳеҷ касе гӯшам нашунидааст, ки адиби каммутолиае асари шоиста ва хонданӣ офарида бошад. Пешиниён бар асари таҷриба гуфтаанд, ки одамӣ баробари қатъ кардани мутолаа фикри андешарониро қатъ мекунад.

Ҳар касе ки ҷиддан ба адабиёт даст задан мехоҳад, пеш аз ҳама мебояд адабиётеро, ки башар дар тӯли асрҳо офаридааст, бидонад, яъне, аз пораҳои “Авесто” ва “Маҳабҳарата” то осори Чингиз Айтматов ва Габриэл Маркес — аз ҳама воқиф бошад, чунон ки мегӯянд гӯшт-ро ба гӯшт, устухонро ба устухон бояд ҷудо кардан тавонад. Баъди омӯхтани адабиёти бадеъ ҳар як инсон худ эҳсос мекунад, ки донистани баъзе аз илмҳои дунёвӣ барои адиб зарур аст. Дарвоқеъ, чи тавр мешавад, ки адиб аз илми наботот ва ҳайвонот, мантиқ ва зебошиносӣ, психология, астрономия ва ғайра сирф бехабар бошад.

Солҳост, ки мушоҳида мекунам, ҷавононе, ки баъди мутолааи расо ба кори адабиёт даст задаанд, дар ин ҷода зуд мақому манзалати худро меёбанд ва баръакс, ононе, ки аз рӯи ҳавас ба ин шуғл даст задаанду заҳмати омӯхтанро тан намегиранд, солҳои дароз ҳамчун адиби ҷавон гирди ин қалъаи устувор чарх мезананду рахна меҷӯянд. Баъзе касон яқин доранд, ки монанди ҳар як

шуғли дунё адабиётро ҳам фирефтан метавонанд. Адибонро фирефтан метавон, вале адабиётро ҳаргиз! Инчунин ашхос метавонанд дар силки адибон ҷой бигиранд, аз неъмати дастархони адабиёт баҳра бардоранд, ҳатто шоистаи ҷоизаҳо бошанд, вале адабиёт ҳар як асарро бо сангу тарозуи худ бармекашад. Дар замони Чехов адибе будаст Лейкин, ки қариб даҳ ҳазор ҳикоя навишта ва интишор кардааст. Бинед, ки осори Чеховро имрӯз ҳар як мактаббача медонаду мехонад, вале номи Лейкинро ба ҷуз мутахассисон дигар касе ёд надорад. Ва ин Лейкин дар замони худ ҳикояи Чехов “Хонуми сагдор”-ро, ки имрӯз ҳамчун шоҳкори камназири адабиёти рус шинохта шудааст, мутолаа карда, дар саҳифаи матбуоти давр чунин баҳо додааст: “...Ин ҳикояи начандон бузург, ба фикрам, тамоман суст аст”. Ашхосе, ки нумӯи ҳарҷонибаи маънавӣ ва эстетикӣ ёфтаанд, ҳамеша ба осори ҳунар беғараз, олиҳиммат ва аз сари инсоф баҳо додаанд.

Аз он, ки адибони ҷавони тоҷик аксаран маълумоти ноқиси адабӣ гирифтаанд, зумрае ақаллан баробари як тан китобдӯсти қаторӣ китобхонӣ надоранд, доираи мутолааи онон бағоят танг аст, афсӯси маро поён нест. Аксари қаламкашони ҷавон аз назму насри рус, осори маъруфи адибони республикаҳои бародар, асарҳои машҳури адабиёти ҷаҳон бехабаранд. Ман дар рӯзҳои курс-конференция боре аз се-чор тан адибони ҷавон савол кардам, ки осори Амиредҷиби, Бондарев, Быков, Распутинро хондаанд ё не. Чи гӯям, ки ин номҳо ба онон сирф ноошно буданд.

Ман чанде қабл аз ин романи нави адиби эронӣ Содиқи Чӯбакро мусаммо бар “Санги сабур” мутолаа кардаму донистам, ки адиби солманд қабл аз навиштани романи худ осори адиби он солҳо ҷавони рус (даҳ-понздаҳ сол пеш аз ин) Распутинро мутолаа кардааст. Ва ночор тан гирифтам, ки Чӯбак Распутинро аз ман пештар хондааст. Зиҳи ранҷи ҳунар, зиҳи омӯзишу суханварӣ!

Ин аст, ки дастнависи адибони ҷавонро ба даст мегиреду аз ҷумлаи нахустини онон камсаводӣ ва каммутолаагии эшон ба назар мерасад. Ҳикояи адиби ҷавоне чунин оғоз гирифтааст: “Чӯбаки риштаи шаст дар оби мусаффои кӯл лаппише хӯрду ғоиб гашт. Зағорамоҳии тахминан якваҷаба зери шуои нурҳои охирини офтоб дурахшида, ба рӯи сангҳо шалаппосзанон афтид...” Биёед ин ду ҷумларо саҳеҳтар нигарем. “Чӯбаки риштаи шаст” гуён адиби ҷавони мо “ғаммозак” ё “қаровулак”-ро дар назар дорад. Азбаски китоб намехонад, луғати фаъоли вай хеле маҳдуд аст ва аз ин ҷиҳат “ғаммозак”-ро “чӯбак” мегӯяд. Қубҳи дигар дар ин ҷумла ин аст, ки ғаммозакро “лаппиш хӯрд” мегӯяд, ки чандон дуруст нест, зеро об лаппиш мехӯрад, мато, тӯр ва ғайра, вале як пора чӯби ғаммозак не. Қубҳи дигари ин ҷумла дар он аст, ки мусаннифи ҷавон ғаммозакро “ғоиб гашт” мегӯяд, ки ин гуфта ҳам ба ҳақиқати ҳол чандон рост намеояд. Ҳар касе, ки моҳидорӣ кардааст, медонад, ки ҳангоми ба шаст даромадани моҳӣ ғаммозак ғоиб намешавад, балки дур-дур ғӯтида берун меояд, ё сахт ба ягон сӯ ҳаракат мекунад. Дар ҷумлаи дуюми ин ҳикоя ба ҷуз баъзе нуқсони услубӣ (калимаи “тахминан” беҷо омадаст ва ғайра) як қубҳи азиме ҳаст, ки онро муаллимон ба шогирдони мактаб намебахшанд. “Шуои нур” гуфтан ҳеҷ маънӣ надорад, зеро ҳам “нур” ва ҳам “шуоъ” як матлаб — партави офтобро мефаҳмонад.

Ин ҷумлаҳо аз миёни навиштаҳои ҷавонон хоста гирифта нашуд, балки қариб ҳамаи навиштаҳои навқаламон ба ин минвол сарсарӣ ва мантиқан хобанд. Бигирем мисолеро аз муаллифи дигаре. Ду ҷумлаи аввали он чунин аст: “Шабе аз фаслҳои дилангези табиат буд. Дар осмон ситораҳо чашмак зада монанди ёқут медурахшиданд”. Аввало бояд таъкид кард: қариб ҳамаи қаламкашони ҷавон мавқеи аломатҳои китобатро намедонанд. Сониян, мантиқи хоми навиштаҳои ҷавонон ҳар

як хонандаи каму беш саводнокро дилгир мекунад. Ба ду ҷумлаи боло мулоҳаза кунед. Адиби ҷавон шабро фасли сол мешуморад, ситораҳоро ба ёқут монанд мекунад. Агарчи ёқут дар табиат ба чандин ранг дучор ояд ҳам, сурхи он машҳур аст, аз ин рӯ лаби маъшуқ ва шаробро бештар ба он нисбат мекунанд. Намедонам адиби ҷавони мо чунин ситораҳои сурхи хунафшонро дар куҷо дида бошад?!

Инсон агар ҳар қадар бештар сухан медонад, андешаи ӯ ба ҳамон андоза рангин, фикраш амиқу домандор аст. Ҳар як сухан ба инсон иртиботе, ассотсиатсияе ба вуҷуд меорад. Бигирем, агар ба деҳқон “поза” гӯед, ҳамоно ҷуфти барзагов, замини шудгор, фасли баҳорро дар тасаввур меорад, балки бӯи замини шудгор ба димоғаш мезанад. Вале баъзе қаламкашони ҷавон пайдост, ки аз чунин иртибот ба дурустӣ баҳравар нестанд, каломи тоҷикӣ гӯё ба дили онон беасар аст. Инсон ин нуқсони тарбия ва мактабро бояд худаш бартараф кунад. Дар урфият агарчи мегӯянд “ҳалво” гуфтан катӣ даҳон ширин намешавад”, вале аз ҳалво гуфтани адиб ҳам даҳони худаш ва ҳам даҳони хонанда бояд ширин гардад. Дар китобе хонда будам, дар яке аз лабораторияҳо тангаеро ба кафи дасти марде ниҳода гуфтаанд, ки он танга тафсон аст. Мард ҳаросон он тангаро аз дасташ андохтаст ва филфавр дар кафи дасташ обила ҳувайдо шудаст. Ҳол он, ки танга сард буд! Агар суханро чунон ки боист гӯем, на фақат инсон, балки ҷисми одамӣ ҳам ба он бовар мекунад. Ҳама гап дар он аст, ки кӣ мегӯяд ва ба чӣ тарз мегӯяд.

Ҳанӯз миёни хонандагон ва ҳаваскорони адабиёт ақидае мавҷуд аст, ки баёни ягон воқеаро ҳикоя ё қисса мешуморад. Аз ин гумони содалавҳона бояд даргузашт. Шавқовартарин воқеа ҳам ба сари худ асари бадеъ нахоҳад буд. Барои ҳикоя ё повест гардидани он иштирокчиёни воқеа хислатҳои худро бояд чунон равшан

зоҳир кунанд, ки хонанда онҳоро дӯст дорад ё нафрат кунад. Тамоми воқеа барои кашфи ягон матлаб, исботи ягон ғоя хидмат кунад ва дар ин миён ҷузъи бегона ва аз ин хидмат холис набошад.

Дар воқеъ, агар ҳар як воқеа ба сари худ ҳикоя мебуд, аз ҳикоянависӣ осонтар коре набуд. Бисёр касон доир ба ҳар соҳа воқеаҳои шавқовареро дар ёд доранд. Ман боре дар сӯҳбат бо як гурӯҳ ҷавонони адабиётдӯст гуфтам, ки метавонам доир ба ҳар як предмете, ки шумо ном мебаред, воқеае ҳикоя кунам ва онҳо ин даъвои маро сахт гирифтанд ва дар охири сӯҳбат тақозо доштанд, ки онро собит кунам. Айёми навмашқиҳо дар ин бобат тамрине, ки доштам ба ман боз як бори дигар кор дод. Мо аз рӯи машқ ба латифаҳои маъмул воқеа мебофтем, ҳар як лаҳзаи аҷибро илова мебастем.

Баъзан рафиқони ҷавонам аз ман савол мекунанд, ки шахси соҳибистеъдодро аз беистеъдод чигуна фарқ кардан мумкин аст. Аввало, мебояд гуфт, ин шахси беҳунар кам андар кам аст ва ҳар кас ба корею ҳунаре қобил аст. Барои ҳунари нависандагӣ инсон бояд ба ашё ва воқеаҳо аз даричаи манзари худ бояд нигарад. Ҳамин ки ҳамсӯҳбатам ҷиҳатҳои ба ҳама маълум ва равшани воқеа, ашё, осори бадеъ ва ғайраро гуфтан оғоз кард, ман медонам, ки андешаи ӯ аксаран қолибзада ва пеши мо афтода аст. Шахси соҳибистеъдод ҷиҳатҳои торик ва ноаёни онро мегӯяду бас. Ҷавонони соҳибистеъдод дар боби адабиёт доир ба ҳар як асар фикру ақидаи худро доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ афкори дигаронро қабул намекунанд, агарчи шахси талқинкунанда дар ин арса фикри санҷидаву пухта дорад. Инсони беистеъдод гӯш ба қимор аст, ки дар ин хусус дигарон чи мегӯянд. Инчунин касон аз хато, аз хиҷолат мегурезанду баръакс, ҷавонони ҳунарҷӯй аз гуфтани тахмину фарзия, ақидаи ба ақидаи дигарон номувофиқ ва шубҳаомези худ намеҳаросанд.

Якчанд сол қабл аз ин дар Олмони Федерол китоби шеъри шоири навқироне интишор меёбад ва миёни аҳли адаб хабаре меравад, мусанниф азбаски ба кори ҳукуматдорӣ банд аст, то имрӯз ягон шеърашро интишор надода буд. Аксар хонандагон он ашъорро хуш меписандиданд, филфавр як-ду тан мунаққидон тақризҳои иғроқомез интишор месозанд. Сонитар маълум мешавад, ки он шеърҳоро ба тариқи таҷриба мошинкомпютер иншо кардааст. Инак, намунаи шеъри мошинӣ:

Менависам ман ба хуни дил
Дар миёни ғубори майдонҳо
Аз Урал то Сиерра Невада
Аз Искогам То Климанжоро.
Дар хурӯш аст тори сози ҷон
Торҳои тилгироф аст он.

Аз ин чанд сол пештар як тан аз рафиқони ҳамқаламам мегуфт: “Ба фалонӣ гуфтам ба китобам тақризе нависад, гуфт, ки худат навису биёр, ман имзо мекунам. Навишта бурдам...” “Бале, чунин тақриз, чунин адиб ва чунин мунаққидон ҳанӯз ҳам миёни мо обро гилолуд карда, моҳии ризқи худро медоранд. Вале ҷавонони зирак набояд ки фиреби ин қабил савдогарони адабиётро хӯранд.

Бисёр мешавад, ки ҳаваскорони назму наср барои иншои асар дастури мушаххас талаб мекунанд. Дар олам чунин дастур нест ва ҳеҷ яке аз адибони моҳир касби худро ба шумо омӯхтан наметавонад, зеро инсон ҳамаи касбу кори дунёро метавонад барои худ интихоб кунад, вале шоирию нависандагӣ шуғлест, ки инсони дилхоҳашро худаш интихоб мекунад. Бисёр мехонед, меомӯзед, сипас агар дар сиришту салиқаи шумо завқи сухан бошад, касби суханварӣ худ домани шуморо раҳо нахоҳад кард. Вой бор ҳоли он касе, ки дар ин ҷода ба худ ғарра бошаду як умр фирефта гардад. Инчунин касон

кам нестанд. Даҳҳо китоб интишор кардаанд, вале онҳоро касе намехонад, агар хонандаи дар баҳри бекаронаи китоб ноошно ва бегона тасодуфан ба даст гирад ҳам, аз онҳо суде надида пушаймонӣ мекашад.

Фаразан, агар дар ин мақола ман доир ба қисматҳои насри бадеъ-мадорик ва ғоя, шакл ва мусанниф, нуқтаи назар ва қаҳрамон, сюжет ва характер, ҷузъ ва тафсилот, истинод ва асосноккунӣ, сухан ва ассотсиатсия, таркиби ҳикоя ё қисса мухтасаран сухан кунам ҳам, онон ки ба дарки он омода нестанд, яъне кам китоб мутолаа кардаанд, аз ин навиштаҳо баҳрае намегиранд. Ва баръакс, ононе, ки аз адабиёт маърифати тамом доранд, ба инчунин дастур эҳтиёҷманд нестанд.

Ҳоло ба назар чунин менамояд, ки барои асари баландмазмун навиштани адиб ӯ бояд китобхони хушзавқ, пухта ва соҳибмаърифат дошта бошад. Муҳаррири нашри русии китоби повесту ҳикоётӣ ман дар Москав ба як лаҳзае повести “Ту танҳо не” розӣ набуд. Қаҳрамони повест Илҳом аслан чӣ маъдан будани алмосро намедонад ва бори аввал аз забони геолог дур будани асли онро мефаҳмаду ҳайрон мешавад. Муҳаррир мегуфт, ки ҷавони дорои маълумоти миёна бояд ки ин чизро бидонад. Ман ба ӯ чи гуна собит кунам, ки дар Тоҷикистон мо аксари ҷавонони дорои маълумоти олӣ ҳам шояд ин чизро надонанд. Дар нашри русӣ он лаҳзаро ихтисор карданд. Сонитар ман чанд тан муаллимон, аз ҷумла муаллимони фанни химияро пурсидам, вале аз чӣ модда, аз кадом унсур таркиб ёфтани алмосро намедонистанд.

Нуқси тарбияи бачагӣ буд, ки дар ҷавонӣ ва ҳатто айёми миёнсолӣ ҳам вақти асосии ман ва рафиқони ҳамқалами ман сарфи мутолаа шуд, дар роҳи фаҳмидани чи хуб аст ва чи бад аст харҷ шуд. Дар бозори пуршӯри адабиёт донистани хубу бад кори саҳл нест ва ҳар касе, ки ин сирро пай бурд, бешак ба адабиёт нафъе мерасонад. Вале афсӯс, бисёр рафиқон неку бадро имтиёз

накарда, умри худро бо нависонависи беқадр ва беқимат гузарондаанд ва мегузаронанд. Суханони дар айёми пирӣ гуфтаи Ҳутеи хирадмандро хотира кунед: “Ман тамоми умр хонданро омӯхтам”. Агар дар адабиёт кӯчаи сарбаста ва беилоҷе бошад, ин бедонишӣ, бехабарӣ аз навиштаҳои адибони ҷаҳон, саҳлгирӣ ба кори адабӣ аст. Фаромӯш набояд кард, ки фақат насри бадеъ рӯзгорро пурра акс мекунад ва таърихро зиндаву эҳё месозад. Он гирдоварандаи беҳамтои неруи рӯҳонӣ ва андозагузори рӯзгори маънавӣ ва ахлоқи мардумон аст. Аз ин ҷост, ки дар насри солҳои охир ҷанбаи фалсафӣ ва психологӣ рӯзафзун қувват мегирад. Барои идрок ва фаҳмидани он хонандагон ҳам бояд ки тайёр бошанд.

Агарчи нек медонам ба ҷавонон насиҳат ва маслиҳат чандон хуш намеояд, боз як нуқтаро гӯшрас карданиам: адиб агар ҳамчун гражданин ба камол нарасида бошад, яъне, агар инсони покдилу некхисол, хушният ва дасту дилаш ҳалол набошад, вай асари шоистае офарида наметавонад. Ҳар як адиб ғайриихтиёр саргузашти худро, симои ботин ва ҳастии худро тасвир мекашад. Ҳар боре чун осори адибони бузургро мутолаа мекунед, симои ботини ҳар яке равшан пеши назар меояд. Дар урф ин ҳолро мева аз дарахт дур намеафтад ё акси калла ба шӯрбо мегӯянд.

Дар охир гуфтаниам, ки фардои насри мо марбут ба он аст, ки аз миёни насли ҷавон адибони бузург бурун меоянд ё не. Дар ин ҷода ҳар адиби ҷавон ба дасти ғамгусору гиреҳкушои устоде, марди сарпарасту андешаманде, дурбине ва ҳақиқатпешае, ки аз қайди таассубҳо ва худкомиҳо озод бошад, эҳтиёҷманд аст.

***1985***

# ДАРЁИ САФЕД

Аз хусуси иморату иншооти навсохти фермаҳои молдорӣ ва таҷҳизоти замонавии чорводорӣ рӯзноманигорон бисёр навиштаанд ва ҳамвора менависанд. Солҳои охир ба тақозои мавзӯи қиссаи наве, ки чанд муддат қабл аз ин навишта ба субут расондам, ман бо кору амали молдорон ошноӣ доштам, аз баъзе проблемаҳое, ки дар назди чорвопарварон имрӯз чору ночор кӯндаланг афтода аст, каму беш огоҳӣ ёфта будам. Агарчи дар ин боб сухани наву тозае овардани ман як амри муҳол аст, вале аз ошноӣ бо чорводорони колхози ба номи Карл Маркси шаҳри Панҷакент, аз сӯҳбати ин касон ва дидани кору бори онон ангеза ва таъсире гирифтам ва бахше аз андешаҳои худро ба қалам овардам.

Барои ҳама ошкор аст, ки мамлакати мо ва мардумони он аз шир асосан таъминанд. Аз рӯи иттилооти статистикӣ мо ҳар сол 90 милюн тонна шир медӯшем, ки ин миқдор 22 фоизи шири ҷаҳони имрӯза аст. Ва боз ногуфта набошад, ки ин миқдор шир ба сари ҳар як тан аҳолӣ 314 килогӣ мерасад. Ин ҳам шуниданист, ки чорводорон ин миқдор ширро аз пистони 43 милён сар модагов медӯшанд. Яъне, аз ҳар сар модагов 2100 кило шир мегирем. (Барои муқоиса дар назар бояд дошт, ки дар республикаи бародарии Эстония ин рақам 3400 ва дар мамлакатҳои мутараққии капиталистӣ — 5000 кило аст). Аммо фаромӯш набояд кард, ки ин рақамҳо дар дафтаранд, дар воқеъ чи қадар шир мехурда бошем, ба мо маълум нест.

Инак, судмандтарин ғизои башарӣ — шир дар шаҳру деҳи мо фаровон аст. Чӣ ҷои муболаға, дарвоқеъ, шир аз зарууртарин ва пурманфиаттарин ғизоест, ки дар дастархони инсонҳо ҳеҷ ғизои дигар ҷои онро намегирад. Дар як китоби хеле қадимаи ҳиндувон овардаанд, ки агар инсон тамоми умр хӯрокашро аз ширу асал мураккаб месохт, метавонист то 500 сол умр ёбад.

Маҳз ба фермаи шири рақами якуми колхоз омадани мо сабаби дигаре дошт: ба қарибӣ говдӯши номвари

ферма Қӯзигул Халилова лоиқи унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ гардида буд.

Молхонаҳои ферма дар дили водии пернеъмати Зарафшон, дар канори ин рӯди файзбори тоҷикон воқеъ афтодааст. Моҳи январ кӯҳу водӣ, боғоту киштзорон зери кӯрпаи барфи ғафс фароғат доштанд. Фақат паррандагон аз ин чунин зимистони шадид ва барфҳои пай дар пай шикваомез садо дода, аз шахсорон мепариданд. Атрофи иморатҳои фермаро села-села зоғони сиёҳ махмал барин иҳота гирифтаанд. Мурғон аз ҷойҳои дигар ба худ ғизо наёфта, аз ҳама атроф ба ин ҷо ғун омадаанд.

Мо ба мулоқоти чорводорон ба табрик ва муборакбодии Қӯзигул-апа шитоб доштем. Зотан, мо номи ӯро қабл аз ин ҳам дар силки говдӯшони пешкори республика дучор мекардем, аз рӯи анъанаи коммунистон ӯ солҳои дароз депутати шӯрои Олии СССР буд, аз боби комёбиҳояш шунида будем.

Дар ин мулоқот ҷаҳди ман бар он буд, то дар симои дилнишини ин ҷавонзани зебоандом он ҷиҳатеро дарёбам, ки аз чашми дигарон то имрӯз пинҳон мондааст ва балки асрори равнақи кори Қӯзигул-апа дар он мармуз аст.

Ҳеҷ дидаем, ки говдӯше бо модаговҳо соатҳо ҳамроҳ бошаду бо шавқи дил гуфтугӯ кунад, суханони навозишу меҳрубонӣ гӯяд, маломат кунад, ҳар якеро покиза қашав занад, молидаву хорида, гӯшҳояшонро таъзиромез кашаду молҳо ҳам ба нишони миннатдорӣ дастони ӯро лесанд, сару рӯи вайро гаштаю баргашта бӯида, оромиш ёбанд.

— Алояк, ҳой, Алояки баду балояк!.. Як соната ин қадар ба шитта молидаӣ?!. Ист, пок кунам... Соз ист... Сабр кун, Алояк, сабр кун, бефаҳм! Пистоната оби гарм катӣ шӯям... Э, бечора, ҷонвари безабон, нӯги пистонат кафидаст-ку... Ҳозир дору мекунам, равған мемолам... Тоқат кун, Алояк. Э, фуката бардор, нафасат кати сару рӯяма шусти-ку! Бардор сарата, сонӣ, сонӣ фарқи туро мехорам...

Аз ин меҳрубонӣ ва дилҷӯии тарафайн ҳам говдӯшзан мамнун буд ва ҳам модагови ало. Балки модагов аз ин ваҷҳ бештар пазмони ин зан аст, чашмони калони ни-

лобиашро ба сӯи дар дӯхта, соатҳо ӯро интизорӣ мекашад, ҳар замон маос зада, соҳибаи ҳолҷӯи худро фарёд мекард. Вагарна чаро ҳамин Ало намегузорад, ки дигар зане шири ӯро дӯшад?!

Бино ба қавли олимон, мушоҳадаву муоина собит кардааст, ки инчунин дилбастагӣ ба мол ҳам, ба инсон ҳам зарур аст. Мол ҳам ба дарди стресс — маъюсӣ, нохушӣ ва димоғошуфтагӣ мубтало мегаштаст. Бе инчунин диловезӣ агар модагов шир диҳад ҳам, шири он камравған буда, саршири он лаззате надоштаст.

Қӯзигул-апа бо ҳамаи 24 сар модаговаш ба ҳамин минвол муомала ва мусоҳаба мекунад. Соли гузашта вай аз ҳар як сар модагови тааллуқманди худ як сарӣ гӯсола гирифт ва 5261 килогӣ шир дӯшид.

Мо баъзан ба қонуни ҳаёти ҳайвонот бепарво, аз иморату иншооти бошукӯҳи молхона, аз дастгоҳҳои худкоре, ки обу ғизоро ба охурҳои мол мунтазам мерасонанд ва молхонаҳоро рӯфтаву шуста медоранд ба ваҷд меоему изҳори хушнудӣ мекунем. Аммо дар ин гуна молхонаҳои замонавӣ айёми маҳсули модаговҳо ҳамагӣ аз панҷ-шаш сол зиёд нестанд. Қӯзигул-апа мегӯяд, ки модаговҳои ӯ то 12-сол пурмаҳсул шир медиҳад. Молдорони дигар ҳам ин фикри ӯро тасдиқ мекунанд. Сипас гиреҳи ин тафовутро бояд ҷуст. Чаро аз обу хӯроки тайёр ва шароити осудаи ҳаёт модаговҳо зуд пир мешаванд? Ин чунин саволҳо имрӯз хеле фаровонанд ва мебояд, ки мутахассисон ба он ҷавоб гӯянд.

Яке аз сарварони колхоз Облоҷон Назаров, ки узви комиссияи тафтишоти Комитети Марказии ПК Тоҷикистон аст, ҳазломез ба ӯ Қӯзигул-апа сухане гуфту сипас ангал мондани моро дида, ба эзоҳи он гуфтаи худ кӯшид:

— Як сар модаговашон ба пирӣ расидаст... нафақа медиҳед мегӯянд...

Мо ҳама бо тааҷҷуб ба рӯи мусоҳибони худ нигарис та мазмун гирифтан хостем. Қӯзигул-апа аз ин сухани Назаров сурх шуду сонӣ гуфт:

— Э, ҳазлу шӯхиро монед... Кадом модагов нафақа

мегирад, ки... Накушта монед, ширашро дода гардад, бечора шукр мекунад.

— Модаговро ба гӯшт супорем гӯянд, гириста монеъ шудаанд, — гуфт Назаров хандида.

Ҳозирон — ҳама хандиданд. Аммо ман хандидан натавонистам.

Сӯҳбати ман бо Қӯзигул-апа Халилова аз боби хислатҳои нозуки молҳо, ҳиссу идрок, хотира ва миҷози онҳо хеле даргир шуд. Ман баъди ин гуфтугузор эътиқоди кулл ҳосил кардам, ки ӯ илми молдориро ба тарзи худ, аз рӯи таҷрибаи худ, мушоҳада ва муоинаи аҷдодон, падару модар ва дигар наздикони муқаддами худ медонад.

— Мол бояд аз ёбон ҳам алаф хурад, — мегуфт вай абрувонашро чин карда андешаманд.

Ман дар ҷавоб аз осонии кор дар фермаҳои комплекс андешаҳои худро изҳор мекардам, аммо вай ин маъниро боз такрор мегуфт:

— Дуруст, ба комплекс чи расад... Аммо агар аз ёбон ҳам каме алаф хурад, нағз-дия.

Маро ин ҳукми говдӯше, ки дилсӯзи мол аст, муддатҳо оромиш намедод. Барои исботи ин гуфтаҳои ӯ санади илмӣ ва бурҳони шомил меҷустам. Ин ҷустуҷӯю такопӯям сабаб гашту ман китобу мақолаҳои олимон ва мутахассисони соҳаи чорводориро ба таҳқиқ мутолаа кардам. Оқибат аз маърифати як мақолаи директори ВАСХНИЛ, академик В.А.Тихонов тасдиқи суханони Қӯзигул-апаро дарёфтам. Олими маъруфи советӣ навишта буд, ки даҳҳо километр роҳе, ки мол дар чарогоҳ қадам зада мегузарад, алафҳои ночизе, ки аз рӯи рағбати иштиҳо ва майлу хоҳиши худ дандон мезанад, аз афти кор, ҳаргиз аз манфиат орӣ нестанд. Чарогоҳ умри молро дароз, онро ҷисман солим ва аёми маҳсули онро тӯлонӣ карданашро олимон собит кардаанд. Маълум шуд, ки дар ин боб ба амри табиат бо эҳтиёт мудохала кардани Қӯзигул-апа бесабаб набудаст.

Аммо саросемакорию шитобкории баъзе аз мутахассисон, ки “чарогоҳ дигар даркор нест” гӯён

марғзорҳоро то таҳи девори ферма шудгор карда буданд, чӣ миқдор ба ҷамъият талафот овард, ҳеҷ кас ҳисоб накард. Чаро мо фоидаи бардоштаамонро андоза мегирему зарареро, ки кашидаем, ҳаргиз ҳисоб намекунем?.. Балки аз ҳамин сабаб баъзан ба як кулӯхи сари роҳ чандин бор пешпо мехурем, кӣ медонад.

Азбаски ба усули ҳомилаи сунъӣ дар миқьёси мамлакат қариб ҳафтод фоизи модаговон гӯсола оварда, сӣ фоизи мол субайд мемонад, аз ҳар сар модагов солҳои охир пайваста яктогӣ гӯсола гирифтани Қӯзигул-апа маҳорат ва кордонии ҳавасангези ӯро гувоҳ аст. Зимни гуфтугӯ ман аз ӯ савол кардам, ки ба чи тариқ ба ин ноил гашт. Вай шармида, зери лаб хандид, хандааш бамаъниӣ ва дилнишин буд. Баъд таноби суханро ҷониби дигар бурд: “Чашми соҳибаш ба мол дору аст”. Дигар ӯро хиҷолат надодам. Аммо сонитар ба ман гуфтанд, ки дар ферма ҳамли сунъӣ не, балки табиӣ ҷорӣ будаст ва гӯсолаҳо ҳам аз пистонак не, балки аз синаи ҳаётбахши модари худ шир мемакидаанд. Чӣ ҷои шубҳа, бе ҳеҷ шаке чашми соҳиб ба мол дору аст ва боз гуфтаанд, ки моли бесоҳиб ҳаром мемирад.

Дарвоқеъ, шир маҳсулоти фавран уфунатгир аст ва он фақат дар пистони мол поку мубарро аст. Ҳоло таҷрибаи бисёр молдорон собит карда ва илми чорвопарварӣ таъйид ва тасдиқ намудааст, ки гӯсолаҳои пистони модарро макида дар нисбати он гӯсолаҳое, ки дастомӯз гашта аз пистонак шир хӯрдаанд, солимтар, бақувваттар, бузургҷуссаву хушзотанд.

Қӯзигул-апа агарчӣ илми чорвопарвариро дар донишкадаҳо наомӯхтааст, ва пайваста огоҳӣ надорад, аммо таҷрибаи рӯзгор ӯро ба роҳи дуруст ва хулосаи саҳеҳ овардааст.

Чун сухан гирди кору амали говдӯшон ва парвариши мол дар ферма аст, мебояд, гуфт, ки ҳанӯз ҳам дар фермаҳои ширдӯшӣ яхдонҳо мунтазам ба кор омил нестанд. Ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ки шир баробари аз пистони модагов ба зарф рехтан ба ҳамлаи лашкари беҳисо-

би бактерия пешрав мегардад. Онро ё бо ҳарорат ва ё ба сардӣ аз ин ҳамлаи фалокатосор нигоҳ доштан метавон. Ҳоло дар ҳамаи фермаҳо яхдонҳо ҳастанд, аммо аксаран ба кор ношоям ва таъмирталабанд. Боиси ин ҳол аввало набудани чашми соҳиби ғамхор бошад, сонияш дар он аст, ки идораи "Сельхозтехника" дар ин боб ҳанӯз вазифаи худро ба дурустӣ ба субут намерасонад.

Чигили кори ферма дар ҳама ҷо кам нест ва онро бо ғайрату ҳиммати ашхоси алоҳида кушодан натавон. Дар ин боб чораҳои ҷиддан ислоҳовар лозиманд.

Ба Қӯзигул-апа ҳам чигилҳои зиёде пеш меоянд, вале устухони вай дар ин шуғл сахт гаштааст, дар молпарварӣ обу гили ӯ шӯрида пухта аст, бинобар он, ҳар як сахтиро бо матонат бартараф мекунад. Модараш як умри тамом говдӯши ферма буд. Қӯзигул-апа аз хурдӣ ба ферма равуо дошт, дар парваришу нигоҳубини мол ба модар дастёрӣ мекард ва аз ин ҳамдастӣ ҳаргиз дилгир набуд. Ҳамин ки зӯри ангуштонаш ба фишурдани дораҳои пистони модагов расид, ба говдӯшӣ шурӯъ карда буд. Ҳоло аз хонадони пурнуфуси вай ду тан аз писаронаш ва се тан арӯсаш дар ферма ҳамдасти ӯ кор мекунанд.

Аз сӯҳбати Қӯзигул-апа, шогирдони вай Сангиной ва Рисолат, ҳамкорони дигари ӯ чунин мазмун гирифтем, ки дарёи шири 990 тоннагии колхозро боз хеле афзун кардан мумкин аст. Ҳанӯз васила ва чораҳои ба кор нарафта зиёданд.

Оре, дар деҳот имрӯзҳо аз кору бори соли гузашта натиҷа мегиранд, онро мӯ ба мӯ таҳлил мекунанд, сабақи зарурӣ мебардоранд. Дар сари ҳар як деҳқон ва чорводор андешаи чигуна батартибтар, пурмаҳсултар ва хурсандибахш кардани кору амали деҳқонӣ ва молдорӣ аст, ки ин маъниро Қӯзигул-апа изҳор кард:

— Шир маҳсулотест, ки онро асосан ба навъи аъло супоридан лозим. Ин ба бисёр ҷиҳати кори мо алоқаманд аст, пеш аз ҳама ба ростию дурустӣ, ҳалолкорӣ...

Дарвоқеъ, урфан муқаррар аст, ки касби илм ва деҳқониро фирефтан натавон, молдориро ҳам инчунин.

***Январи 1985 Панҷакент — Душанбе***

# НЕКӢ ВА НАКӮКОРӢ

Накӯкорӣ чист? Накӯкорӣ ба ақидаи ман аслан одаму одамгарист. Ашхоси қаллоб, беинсофу бевиҷдон, бахилу нотавонбин накӯкор будан ва накӯкорӣ кардан наметавонанд, зеро некии ин қабил касон ба мардум ҳаргиз холисона нест. Фақат хидмати холисона ба навъи инсон накӯкорӣ ҳисоб меёбад.

Накӯкорӣ аз азал меъёри асосии қимати инсон будаст.

Метавон гуфт, ки кулли осори адабии башар дар тарғиби накӯкорӣ эҷод шудааст. Ман аз осори адибони ҳақиқӣ китоберо ёд надорам, ки ба мардумон бадкирдорию беномусӣ, бевиҷдонию бешармиро ташвиқ мекарда бошад. Бешак, баъзе одамон аз ҳайси гӯлию нодонӣ гоҳе нобакории худро рафтори ҷоиз мешуморанд, сухани ҳақро дар нисбати худ тан намегиранду гӯяндаро ба тӯҳмату бадкирдорӣ муттаҳам кардан мехоҳанд. Чунин касон на фақат дар ҳалқаи одамони дур аз маърифат, балки дар миёни табақаи зиёиён низ кам нестанд. Агар ба таҳқиқ нигаред, чунин касон аслан аз нури маърифат равшание надоранд, хеле кам мутолаа мекунанд, агар илме омӯхтаанд, ба он илм амал надоранд.

Накӯкорӣ ва виҷдони пок ба ҳам тавъаманд. Агар кас виҷдони пок надорад, ӯ фақат дар паи тамаъ, ба умеди манфиате бардоштан ба одамон накӯкорӣ зоҳир мекунаду бас. Накӯкории тамаъкорона оқибат фош мешавад. Агар ин тоифа шахсон ба мансаб расанд, зуд худро фош мекунанд ва симои аслии худро намудор месозанд. Масали адиби рус Иван Криловро ба ёд оваред: Харе чарида мегашт номаълум, одамон дар куҷо чаридани онро намедиданд. Баъд соҳибаш ба гардани хар зангӯла овехт. Баъди ин ҳама донистанд, ки ин хари баттол номаълум ба полези одамон ворид гашта, харобкорӣ мекардааст.

Ба қарибӣ мардуми мамлакатамон номзадҳои худро ба ҳайати ҳукуматамон интихоб карданд. Дар минтақаи интихоботии мо ду нафар номзадҳои хеле шоистаи халқамон — Қаҳҳор Маҳкамович Маҳкамов ва профессори тиб Исҳоқӣ овоз гирифтанд. Ман аз сидқи дил барои ин касон овоз додам ва аминам барои равнақи мулк ва осоиши халқ ин касон минбаъд ҳам бедареғ хидмат мекунанд. Аммо дар баъзе минтақаҳо касоне номзадии худро пешбарӣ кардаанд, ки дар асл вазифаи худро дуруст саранҷом дода наметавониста, басо корҳоро дӯлоб кардаанд. Тарафдорон ё саҳеҳтар аст, агар бигӯем, ҳамдиёрони ин касон аз сифатҳои онон мегуфтанду мегуфтанд, вале аз нуқсонҳои беҳисоби ин касон касе даҳон намекушод. Халқи мо акнун демократияро меомӯзад. Минбаъд ҷоиз аст, агар аз камбудиҳои ин касон ҳам ошкоро бигӯянд, то ки интихобкунандагон ҳамаро дар тарозуи ақлу инсоф баркашанд ва фирефта нагарданд. Ин амал ҳам дар ҳақи мардумон накӯкорӣ аст. Охир каждумро дида, агар аз он дигаронро огоҳ накунед, дар ҳақи атрофиён хиёнат аст.

Накӯкорӣ мактаб надорад, муаллими хоса ҳам надорад. Накӯкорӣ монанди илму адаб ва тамкину маданияти башарӣ пеш аз ҳама дар сиришти инсон бояд ки махлут бошад. Рӯзгорон пур-пур аз мисолҳои наҷиби накӯкорист, мо дар сари ҳар қадам ба мардуми накӯкор рӯ ба рӯ мешавем. Аммо баъзан накӯкориро надида, пайхас накарда мегузарем. Чунин кӯрдилӣ ҳам гуноҳ аст. Шоир беҳуда нагуфтааст: “Чун бувад дар шаҳри кӯрон зери по оинаҳо...” Ба қадри накӯкорӣ расидан, онро тақдир кардан ҳам дили ҳассос ва дидаи оламбин мехоҳад.

Мегӯянд, ки накӯкории як нафар аз паи худ ҳазорон накӯкориро ба вуҷуд меоварад. Ин хулосаи озмуда аст. Аммо дар айёми мо, ки даврони инқилоби илмию техникист, ибрати шахс кам аст. Инсони ҷавон аввалбор манзараи диловези табиатро нигариста, “ман рассом меша-

вам” намегӯяд. Ӯ тасвири кашидаи рассомеро дида “ман рассом мешавам” мегӯяд. Инсон накӯкориро ҳам аз осори илмию адабӣ, аз мисолҳои таърихи халқи худ ва ҳам ба тавассути осори нафиса ибрат мегирад. Хулоса, инсоне, ки китоб намехонад, рафтору атвори худро ба дурустӣ таҳлил кардан наметавонад. Инсони пурмутолиа ҳамеша ҳақгӯй ва ҳақталош, баинсоф ва бавиҷдон аст, аз сангдилию бераҳмӣ, аз дуруштию дағалбозиҳо дур аст. Баъзе шояд ба ман эътироз кунанд: Фалон олим ё адиб аз чунин сифатҳо бебаҳра аст-ку? Дар миёни олимон ва адибон ҳам ашхоси каммутолаа ва сатҳи маънавию маданиашон хеле паст кам нестанд.

Ман боз як ҷиҳати дигари накӯкориро гуфтан мехоҳам: Одамоне, ки дар бисёр ҷабҳаҳо фидокориҳо карданд, ҷон ба хатар ниҳода ҳангоми сӯхтор ё аз ғарқоб одамонро наҷот додаанд, борҳо дидаам, ки бечораеро аз чанголи тааддӣ ва ноҳақиву беадолатӣ ҳимоя кардан намехоҳанд. Дар назар чунин меояд, ки мо наврасонро ба ҳар навъ фидокориву накӯкориҳо ташвиқ мекунем, вале ба фидокории аз ҳама муҳим, қарзи асосии башарӣ — мубориза зидди ноҳақию беадолатиҳо, ба ҳимояти бечораю дармондагон бархостанро талқин намекунем.

Масалан, фармонравои бюрократ мушкили якеро ба осонӣ ҳал кардан намехоҳад, саргардон мекунад, баҳонаю сабабҳо пеш меоварад. Ба ҳимояи ин шахси саргардон бархостан ҳам накӯкорӣ аст, зиёда аз он қарзи инсонӣ аст. Онҳоеро, ки худро аз ҳодиса канор мегиранд, ноҳақиро мебинанду нодида меангоранд, боист, ки ҳамчун муросоҷӯёни бевиҷдон ҳадафи маломат кард.

Ин ҳам гуфтанист, ки ҷамъият бояд ки одамони накӯкору ҳимоятгари ростию дурустиро дар ҳама ҷо қадррасӣ кунад. Инсони поквиҷдонро баробари як хабису беномус эҳтиром пазируфтан худ дар нисбати марди ҳақ ноҳақӣ аст, таҳқир аст. Некдилону накӯкоронро, онҳоеро, ки дар паи ростию дурустӣ, инсофу адолат

ҷидол мекунанд, ҳурмат кардан ҳам дастгирӣ кардани накӯкорист ва дар мазраи дилҳо тухми некӣ пошидан аст.

Пешиниён некро ҳам, бадро ҳам ба кирдугор ҳавола мекарданд ва аз мукофоти амал умедвор буданд. Имрӯз баъзе ҷавонон, ҳатто баъзе калонсолон ҳам оқибати кори бадкирдоронро надида, мегӯянд: “Ана, накӯкор ба ранҷ аст, вале бадкирдор фароғат дорад-ку!” Ман аз таҷрибае, ки дар ҳаёт бардоштаам ба мукофоти амал эътимод дорам. Хурд будам, падарам аз амаки пирашон пурсиданд: “Фалонӣ пули бисёр дорад мегӯянд, рост аст?” Мӯйсафед дар андеша ҷавоб доданд: “Вай пул дорад, аммо пулаш ба худаш насиб намекунад, зеро дар он пул ҳақи сағир ҳаст...” баъди сӣ соли ин гуфтугузор ман ба чашми худ дидам, ки он пулу мол ба он шахс насиб накард. Чунин мисолҳоро аз рӯзгор фаровон овардан мумкин аст.

Имрӯз ҷамоати мо беш аз ҳама ба одамони накӯкор, ростқавлу дурусткирдор эҳтиёҷманд аст. Накӯкоронро боист, ки аз ҳар як инсони дигар болотар нишонд. Ин аст талаби инсоф, ин аст тақозои таълим ва тарбия.

***1985***

# ХАРОБКОРОНИ АЛОҚА ВА АЛОҚАМАНДОНИ БЕЧОРА

Агар дуди хонаро фақат мӯрӣ донад, вазъи кори почтаю телеграфи шаҳри Ленинободро ҳамаи алоқамандони он хеле возеҳ пай бурдаанд. Агар ба дӯстону пайвандони ленинободиам дар омади гап гӯям, ки бо телеграмма хабар мерасонам, онҳо норозиёна рӯ турш карда, “телефон кунеду монед”, мегуфтанд ва ман ба таҳу таҳхонаи ин гуфтаи онон ба дурустӣ пай намебурдам.

Дарвоқеъ, кори почтаю телеграф дар ин шаҳри куҳанбунёди тоҷикон шуғли навасосе нест, аммо ҳоло дар дасти шахсони номасъул эътимодбахшии худро аз даст додааст. Бовар намекунед? Аз далелу санади тозатар шурӯъ кунам ё аз кӯҳнатараш? Одамон дар боби почта чи миқдор воқеаҳои латифамонанд мегӯянд, ҳисоб надорад. Аммо ман имрӯз, ки дар маърази даъвоям, бештар аз саргузашти худам доири кори почтаю телеграфи шаҳри Ленинобод шаммае чанд нақл кардан мехоҳам.

Охирҳои моҳи июли соли 1968 буд, ки ногаҳон ба муносибати ҷашни 1-Май номаи муборакбодии як тан рафиқамро гирифтам, ки аз хатти устувои уқёнуси Ҳинд ё ҷазираҳои Сейшел не, аз ҳамин шаҳри канори Сир фиристода буд. Бе ҳеҷ шаке ҳар кӣ ин табрикномаро мегирифт, тааҷҷуб мекард, аммо ман не, ман ба ин амали ходимони алоқаи шаҳри Ленинобод кайҳо одат кардаам.

Шумо, хонандаи азизи ман, бешак хоҳед гуфт, ки як нома балки аз тасодуф дар ягон кунҷу камари халтаи хаткашон ё қуттии почтаи он шаҳри дилоро дармонда аст! Кошкӣ, инчунин мебуд!

Ёздаҳуми июли ҳамин сол аз Душанбе ба Ленинобод аз наздикону пайвандони ман И... ба модараш, ба унвони шаҳри Ленинобод, кӯчаи Ҳаким Карим, бинои 55, хонаи 16 ба миқдори сад сӯм пулро ба тариқи таъҷилӣ ба воситаи телеграф фиристод. Азбаски он маблағ ба мода-

раш таъҷилан зарур буд, ҷавонак аз усули телеграф истифода кард ва ба худ амин буд, ки модар пулро ҳамон рӯзи ёздаҳуми август ё ҳеҷ набошад, субҳидами рӯзи дигар мегирад.

Чӣ гӯям, ки ҷавони соддалавҳ аст ин И....! Ҳеҷ хабараш набудаст, ки қонуну қоидаи Вазорати алоқаи СССР ба ходимони алоқаи шаҳри Ленинобод камтар тааллуқ дорад ва идораҳои назорати шаҳру вилоят аз ҳоли ин муассисаи муҳим бехабар мондаанд.

Ҳол чунин буд, ки он пули писар ба модари интизори ӯ на рӯзи ёздаҳуми август расид, на дувоздвҳум ва на... Рӯзи сездаҳум ҳам намерасид, аммо модар аз пул фиристодани писар ба воситаи телефон хабардор гашту дар пурсуҷӯи он аз як почтахона ба дигар почтахона саргардон гашт ва оқибат онро аз шӯъбаи алоқаи №17 шаҳр ёфта гирифт.

Хӯш, ин фориғболии ҷинояткоронаро ба чи тарз тавзеҳ мекунед?

Модари И... дилгир аз ин ҳол ходимони почтаро лаънатборон мекард, онҳоеро, ки дар чунин як шаҳри ростию дурусткориҳо масал ин гуна дӯлобкориро ривоҷ додаанд, нафрин мефиристод. Баъд ман ба имдодаш расидаму ба осонӣ таскинаш додам. Ғамро ғам мебурад, ҷавонзан муомалаи аз ин нохуштар, ҷиноятҳои аз ин шадидтари ходимони почтаи шаҳри худро намедонистаст, бинобар он шӯру фиғон мекардааст. Бузургон гуфтаанд: “Афтодани нофитода сахт аст”.

Зан саргузашти маро шунида сараввал бовар накард, баъд аз рӯи чашмдошти ман, алами худро фаромӯш карду гуфт:

— Инҳо маро мазоҳ карданд гӯям, шуморо расо таҳқир кардаанд-ку!

Моҳи июли соли гузаштаи 1985. Ин бандафақири шумо ба умеди истироҳат ба яке аз осоишгоҳҳои шаҳри Ялта рафт. Ба он хуррамшаҳри хушҳаво расиду қабл аз

ҳама наздикону пайвандони худро, ки он рӯзҳо дар шаҳри Ленинобод буданд, аз хайрияти сафар огоҳӣ додан хост ва ба хушнудӣ телеграммае фиристод, ки аз ҳар калимаи он накҳати фароғат ва насими осоишу хушҳолиаш ба машом мерасид. Аммо наздикони гӯш ба қимори ин камина аз оғози чунин истироҳати фароғатбахш хабар наёфта, чандин рӯзу шабро дар ташвиш ва хавотирӣ ба сар бурданд.

Баъди ду ё се рӯзи фиристодани телеграмма ман раддияи телеграммаро гирифтам. Ҳоло матни онро айнан нақл кардан мехоҳам:

“ЯЛТА КРЫМСКОЙ УЛ.СУДЕЙСКАЯ 5 ФИРУЗ Б Б ЛЕНИНАБАД ТАДЖ.13/1205 27 18 1250 ПОДАННАЯ ВАМИ ТЕЛЕГРАММА 14106 17/7 ХАКИМ КАРИМА 100 БАБАЕВА НЕ ДОСТАВЛЕНА ТЕЛЕФОН НЕ ОТВЕЧАЕТ ДОМ ПОД СЛОМ – 3 КСП СИНГАТУЛИНА”

Дур аз диёр ҳайронии маро канора набуд: наход ки дар тӯли ҳамин се-чор рӯз ҳавлии кӯҳнаи модарарӯсии маро вайрон карда, ба онҳо хонаи нав дода бошанд? Охир, иморате, ки барои онҳо бино меёфт, мебоист дар охири сол ё ибтидои соли дигар ба истифода дода шавад. Ба ғайр аз ин, ба ходимони почта кадом телефон ҷавоб надодаст? Охир, пиразан телефон надоштанд-ку!

Ба ростӣ, баъзе аз ходимони идораи алоқаи шаҳри Ленинобод, аз афти кор, почтаю телеграфро муассисаи ҳазлу бозӣ пиндоштаанд, зеро заррае масъулиятмандии онон эҳсос намешавад. Вагарна ҳар як инсони каму беш фаросатманд дар ин телеграммаи раддия чандин ҷинояти ходими ин соҳаи алоқаро хоҳад пай бурд.

Ялта барои ман ба изтиробгоҳи бемисл мубаддал гашт. Баъди шубҳаю гумонҳои зиёд бархостаму боз ба почтахонаи шаҳр равон гаштам ва ба унвони хонаи як нафар аз наздикони дигари худ телеграмма фиристодам. Чӣ мегӯед, ки се-чор рӯзе аз миён гузашт ё не, раддияи ин

телеграммаро ҳам гирифтам: дар он шаҳр чунин шахсон умуман набудаанд!

Даҳшатам меафзуд, ки хешу ақрабои моро чи расида, ки ба ин тариқ аз макону манзили муқимии худ таъҷилӣ кӯч бардоштаанд? Азбаски қабл аз ин эътимодам ба коргузории почтаю телеграф қавию устувор буда, боварам ҳаргиз рахна наёфта буд, ҳаргиз ба гумонам намерасид, ки маро мефиребанд. Почтаю телеграф барин муассисаи муҳими давлатӣ чи гуна касро фирефтанашро дар тасаввур ғунҷондан наметавонистам.

Ҳавои рӯҳпарвари Ялтаю мавҷҳои дармонпазири Баҳри Сиёҳ дар назар сарду нохуш ва тираю тор ҷилва намуданд. Шабу рӯз гумонҳои нохуш ва пиндоштҳои сабру тоқаткуш беқарорам мекарданд: зилзила, обхезӣ, сӯхтори азим, фалокат дар ГЭС ё корхона...

Ҳеҷ боварам намеомад, ки ҳамаи ин телеграммаҳои раддия бофта ва дурӯғ бошанд. Охир, мо дар ягон мамлакати беқонун ва бенизом не, дар мамлакати Советӣ зиндагӣ дорем, фақат шахси сирф номасъул ва носолим метавонад аз номи идораи алоқа барин муассисаи масъулиятманд ин қадар дурӯғро бофта, ба тариқи телеграммаи раддия фиристонад... Чӣ воқеа рӯй дода бошад?.. Дар чунин изтироб ғӯтавар ба телефонхона равуо сар кардам. Аз Ялта бо Ленинобод барин шаҳри музофотӣ ва дурдаст алоқаи телефон чандон устувор набуд.

Оқибат, як нимашаб ба мо муяссар гашт, ки овози якдигариро бишунавем ва изтиробу алағдагиҳоро фурӯ бинишонем. Маълум шуд, ки ҳамаи он телеграммаҳои раддия бофтаи ходимони почтаю телеграф буда, хешовандонамон ҳама дар макону манзили худ сокин будаанд.

Бинед, ки коҳилию бебандуборӣ, раҳбарии бюрократона одамонро ба чи гуна ҷиноятҳои гӯшношунида раҳнамун гашта аст! Бештар аз як ҳафта маро хӯрду хоб ҳаром буд, бештар аз як ҳафтаи истироҳати маро он

касон дуздиданд, маро ғорат кардаанд. Асабонияти он як ҳафта магар ба давоми истироҳати ман беасар буд? Ҳаргиз.

Ин кори ходимони алоқаи шаҳри Ленинободро ба ҷуз харобкорию зиёнрасонӣ ба дигар навъ тавзеҳ додан наметавонам. Дар моддаи 66 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон доири харобкорию зиёнрасонӣ овардаанд:

“Ҳаракат ё беҳаракатие, ки мақсад аз он харобоварӣ ба саноат, василаи нақлиёт, хоҷагии қишлоқ, тартиботи пул, тиҷорат ва соҳаҳои дигари хоҷагии халқ аст... агар ин амалро ба воситаи муассисаю корхонаҳои давлатӣ ё худ муассисаи ҷамъиятӣ ба амал оваранд ва ё ба кори мӯътадили онон халал расонанд...”

Агар кирдори ходимони почтаю телеграфи шаҳри Ленинободро бе ҳеҷ таассуб, ҳаққонӣ тасниф намоему баҳо диҳем, ба ҷуз халал овардан ба кори муассисаи давлатӣ маънии дигар барнамеояд.

Аммо боре гӯшамон нашунидаст, ки ба гуноҳи ин гуна дӯлобкорӣ раҳбареро аз кор маъзул карда ба пиёдагардӣ ва бо ранҷи дасту миён нонхӯрӣ маҷбур карда бошанд.

***1986***

*ҲАЁТ ВА НАВИСАНДА*

# ДАЛЕРИИ ДУЗДРО БОИС ЧИСТ?

Дар маркази таъмири техникии рақами 8, ки дар дарвозаи самти шарқи пойтахтамон воқеъ аст, субҳидами 26 июни соли ҷорӣ сӯҳбати корафтодагон дар ҷӯш буд. Нуқли сӯҳбат тарзу усули ҷилавгирии муфтхӯрону қаллобон буд, ки мардумон ҳоло дар ҳама шаҳру деҳот умедворанд, ки охируламр ин аҷриқи беор аз бӯстони ҳаёти мо решакан хоҳад гашт.

Ман сӯҳбати мошиндоронро гӯш медодаму ба айнулвақтии қарори навбатии ҳукумат аз ин хусус бештар эътимод мекардам. Мардум чиҳо мегуфтанд? Аввало, мехостанд, ки идораҳои вазифадор муборизаро ба сари гунаҳгорони майда-чуйда наоварда, аз гирифтани дуздони калонгир ва пуртаъсир оғоз кунанд. Ҳомиёни дуздонро, ки дар идораҳои ҳукумат, милитсия, суду прокуратураанд, боре ба сазо расонанд.

— Баъзан ҳайрон мешавам, — мегуфт соҳиби мошини “Жигули”-и кӯҳнаи ҳарфҳои номераш “СББ”, — масалан, нонвой чӣ даромади муфт дорад? Охир, дар магазин ҳам якто бӯличкаи аз нони вай сабуктар 16 тин астку! Мардумро аз нони танӯрӣ маҳрум кардан оқибати нағз надорад. Ҳама медонед, ки нони нонвойхонаҳо ҳаргиз ҷои нони дастиро намегирад. Наход ки минбаъд таъми нони дастиро фаромӯш кунем?

— Чандин хел ҳалво мепухтанд, қандалоти хел-хел — ҳамааашро фаромӯш кардем-ку, чаро нони танӯриро аз даст надиҳем?! — киноя кард ҷавони шӯхмиҷозе — Гум шавад!

— Ҳар бор агар гузарам ба шаҳри Деҳнави Ӯзбекистон афтад, аз бозори он ҷо як даста нони нағзи танӯрӣ харида меораму аҳли хонадонам як ҳафта мазза карда

мехуранд. — Пайрави суханони гуфта шуда, бо ифтихори тамом эълон кард ҷавонмарде.

— Барои нони танӯрӣ ба Деҳнав равем?..

— Хайр, аз Самарқанд ҳалво мебиёранд, анҷир мебиёранд, аз Деҳнав нон биёранд...

— Дарвоқеъ, нонпазӣ фоида дорад, аммо фоидаи муфт не, музди ранҷу меҳнаташ, — гуфт марди пире, ки замоне нонвойӣ карданаш аён буд, — Фоидааш кати ҳаргиз миллионер намешавед.

— Кирокашӣ накунад гӯён мошинҳои хусусиро дошта тафтиш доранд, — ба сухан даромад як тан ҷавони деҳотӣ. — Ман ба тарафи Меҳтарӣ меравам. Агар дар истгоҳ наистода гузашта равам, он мардум ба рӯи ман туф мекунанд. Даҳ километр барин савор рафта, "пули бензинат" гӯён агар як сӯм партоянд, не гӯям? — аз ҳозирон савол мекард вай.

Мебоист, ки агар соҳибони мошинҳои сабукрав қатъиян возеҳ надонанд ҳам, раҳбарони назорати мошиндорӣ мебоист, ки бидонанд: бо нархи имрӯзаи мошину бензин ва таъмиру ҷузъиёти алоҳида масофаи як километр роҳро гузаштан ба соҳиби мошини хусусӣ 10-12 тин меафтад! Инро муҳаққиқону мутахассисон кайҳо собит кардаанд. Рӯзномаҳои марказӣ дерест, ки масъалаи ба мошиндорон фоидаи казоӣ наовардани мусофиркашониро собит карда, баъзан барои ҳоҷатмандон сари роҳ хизмат расондани ин мошинҳоро ба маърази муҳокама гузошта буданд. Дареғо, ки дар ҷумҳурияти мо онҳое, ки ба ин корҳо алоқаманданд, аз ин гапу корҳо бехабаранд.

Як тан аз шиносони ин банда чанд сол қабл аз ин мошини нав хариду баъзан медидам, ки ӯ ба кирокашӣ машғул аст. Боре маслиҳатомез гуфтамаш: "Аз ин кор ҳеҷ манфиате намеёбӣ, дониста бош, фақат вақти азизро беҳуда мегузаронӣ". Оқибатуламр, ӯ дар тӯли се сол мошинашро билкулл бекора карду партофт ва рӯзе бо

надомат ба ман иқрор кард: “Дуруст гуфта будаед, афсус мехурам, ки маслиҳати шумора ба гӯш нагирифтам, амал накардам”. Баъди таҳқовӣ маълумам гашт, ки вай аз кирокашӣ се ҳазор камтар пайдо кардаст, вале мошини ҳафту ним ҳазор сӯминаро абгор карда партофтаст.

Идораҳои назорат, ОБХСС, прокуратура, нигоҳдории тартибот бо қаллобону дуздони ҳақиқӣ ҳанӯз муросокорӣ доранд. Бебоку далер, рӯирост амал кардани ин тоифа қаллобонро боис он аст, ки аз миёни чорагарон ва лаҷомгирон пуштибонҳо доранд. Аз ин панҷ-шаш сол муқаддам идорае, ки ман дар он машғули хизматам, ба як дӯкони хӯрокворӣ вобастагӣ дошт ва ҳафтае як бор барои ходимони худ гӯшт мегирифт. Боре ҳамкорон ба иттифоқи касаба шикоят оварданд, ки ба онҳо дӯкон гӯшти пастсифатро оварда, ба нархи қимат мефурӯшад. Мо — се-чор тан аъзои иттифоқи касаба дар паи тафтиш афтодем ва таъин кардем, ки мудири дӯкон сад кило гӯшт баҳояш як сӯму чилупанҷтиниро ба ходимони идораи мо ба нархи дусӯмӣ фурӯхтаст. Мо ҷинояти қаллобонро ба шӯъбаи дахлдори идораи корҳои дохилии райони Роҳи Оҳан расонидем. Хурду калони як идора амин будем, ки аз банди дасти муфтхӯри беномус гирифтем, ба дасти ОБХСС барин идораи масъул супоридем, дигар хоҳу ноxоҳ ҳақ ба ҳақдор мерасаду қаллобоне, ки ба кисаи мардумон даст андохтаанд, ба сазо мерасанд. Аммо сонитар равшан гашт, ки мо тушбераро хомохом шумурдаем.

Маъмурони ҷилавгири ҷиноят сараввал сахт ба ҷунбуҷӯл афтоданду сонӣ дуру дароз хомӯш гаштанд. Сонитар ба раҳбарони идораи мо занг зада роҳи муросою мадороро пешбарӣ кардаанд: “Дар ин ҷиноят як нафар ходими идораатон ҳам шарик будаст, мо намехоҳем, ки номи чунин як муассисаи обрӯманд вирди забонҳо гардад, ба ҳисоботу маърӯзаҳо дарояд...” Рӯирост маслиҳат доданд, ки аз сари даъво гузарему аризаамонро баргашта бигирем... Баъди ин чунин “маслиҳат” ва пешниҳоди

идорае, ки ба додрасӣ ва ҷилавгирии ҷиноятҳо маъмур аст, мо одамони оддӣ чӣ ҳам гӯем?!

Ана, аз чунин коргузориҳои идораҳои назорат аст, ки имрӯз халқ аз муфтхӯронуduздон наҷот намеёбад, мамлакат, давлат, халқ пайваста зарарҳо мекашад, кору нақшаҳои бузургро рахнаҳои ғайричашмдошт пеш меояд. Аз ин аст, ки имрӯз баъзеҳо аминанд, ки ҷилавгирии сарватмандони қаллоб кори беҳосил аст. Дуздону муфтхӯрони гуногуннусха дар девори пойдори ҷамъияти мо рахнаҳои табъи дил пайдо кардаанд...

Руҷӯи мо хеле тӯл гирифт, инак, биёем ба СТО[1], ки ба қавли корафтодагон қаллобони ҳазор рангу ҳазорон намудро дар ин ҷо дучор мекунед.

Рафиқе (ӯ хеле сабабҳо пеш оварда сахт хоҳиш кард, ки ному фомилиашро зикр накунам) такопӯ дошт, ки барои “Жигули”-аш мотори нав бигирад.

— Баҳои мотори нав чанд аст? — дар омади сухан аз ӯ пурсидам, то дониста бошам.

— Нархи давлатмондагиро мепурсед ё нархи инҳоро? — оҳиста гӯшакӣ карда савол кард он рафиқ.

— Ҳам ину ҳам онро донистаниам.

— Нархаш аслан ба нӯҳсад сӯм намерасад, аммо аз инҳо бе ду ҳазорсӯм мотори нав намегиред.

— Не-е? — қатъиян эътироз кардам ман. — Бехабар будаст гӯён муболиғаро аз ҳад нагузаронед!

— Шумо ҳамин саҳарӣ аз кайҳон нафуромадаед-ку? — Ба бехабарии ман тамасхур кард вай. — Ана, пурсед, ҳама медонанд, кайҳо боз нархаш таъин гаштагӣ.

Дигарон ба тасдиқи гуфтаҳои ӯ баробар сар ҷунбонданд.

— Минбаъд бозорашон шикаст. Ҷазои муфтхӯрон сахттару шадидтар гашт, дӯстон, — онҳоро ба салоҳи кор

[1] СТО – Маркази таъмири техникӣ

умедворӣ бахшидан хостам.

— Пул дар ҳеҷ давру замон шикаст нахӯрдаст, муаллим, — як тан марди солдида, ки зоҳиран муаллими нафақахӯр буданаш аён буд, ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд. — Ку, ягон касеро ёфта биёред, ки аз инҳо дар баҳои аслиаш мотор гирифта бошад ё бигирад... Инҳо пулро танҳо намехуранд, бинобар он, ҷони инҳо дар тани инҳо не, дар тани дигар касон, онҳоро ба дуздӣ муттаҳам карда наметавонед, — асроромез ва як навъ дарднок хандид ӯ.

— Бовар мекунед, — як тан ҷавонмарди олуфталибос таъкидомез ба аҳли сӯҳбат рӯ овард: — Ман аслан инҷинерам, мутахассиси истифодаи автомобил. Азбаски дар магазинҳо оддитарин ҷузъиёти мошин ёфт намешавад, ночор ба ин ҷо меояму инҳо ҳар бор 20-25 сӯмамро илова бар ҳақи хизмат мегиранд. Медонам, ки маро мефиребанд, аммо исбот карда наметавонам. Инсон дар муқобили соҳаи хидматгузорӣ комилан беҳуқуқ аст, ҳар чи хоҳанд мекунанд, ҳар қадар талабанд, медиҳед... — инҷинери ҷавон ҳасратащро дароз кард.

Устое, ки мошини маро ба ӯ ҳавола карда буданд, холӣ гашту ман саросема аз ҳалқаи ҳамсӯҳбатон бархоста, ба сӯи мошинам рафтам.

Устои ҷавон машғули гайкатобию равғанмолӣ гашту ман бо ӯ аз ҳар хусус сухан карда, он таъсири нохушеро, ки қабл аз ин аз сӯҳбати корафтодагони ин маркази таъмири техникӣ пайдо карда будам, бартараф кардан мехостам. Аз дилам мегузашт: "Наход, ки ин ҷавонаки бо писари донишҷӯи ман ҳамсол ва ё он сардори цехи таъмир, ки дар мобайни саҳни таъмиргоҳ тири меҳвар барин мизу курсӣ монда нишаставу ба саломи одамон ба зӯр ҷавоби салом мекунад, ғоратгарона ба кисаи ман даст зананд? Ба афташон агар нигаред, ҳеҷ бовар намеояд. Хуб, имрӯз имтиҳон мекунам."

Аслан, мошини ман чандон таъмири ҷиддӣ талаб надошт. Ба ҷуз як назар дидану санҷидани асбоби ҳарак

ат зарураш ин буд, ки сабаби ғиҷирросзании чархи пешро таъин созанду бартараф намоянд ва ҷумаки вайрони кабинагармкуниро иваз кунанд. Ҷумак набудаст, сабаби ғиҷирросро аз ҳалқаҳои резинӣ гуфтанд, вале ивази онҳо ҳеҷ натиҷае надод.

Маълумам гашт, ки мошиншиносии устои ҷавон Иброҳим ҳанӯз такмили зиёд металабад ва усто гуфтан ӯро хеле барвақт аст.

Баъди пешин навбат гирифта дар қатори чанд нафари дигар устои карбюраторро интизорӣ мекашидам. Дар таъмиргоҳ фақат як нафар устои карбюратор будаст, аммо он бечораро дар як ҷо аз рӯи навбат кор кардан намегузоштанду сардори цех ва дигар сардорон ҳар замон даъват карда ба сари мошини ҷӯраҳою шиносҳояшон ва ё дигар шахсони ба қавли худашон “даркорӣ” мефиристоданд. Асабоният, ҷанҷолу пархаша, ба ҳадде мерасид, ки мардум баъзан ба дашному хорӣ ва гиребонгирӣ мерасиданд. Бисёр касон аз киса дору бароварда мехӯрданд, ба хонаҳояшон занг зада дору овардани наздикону пайвандонашонро хоҳиш мекарданд.

Тааҷҷубам меафзуд, ки наход ин таъмиргоҳ муассисаи давлатӣ бошад?! Ин қадар беназорат мондани онро сабаб чи бошад?

Тарафи бегоҳ дар сари мизи сардори цех ҳамон калонгир ҳангоми сабти корҳои ба иҷро расида шахсан ҳузур доштам, агарчи маро даъват накарда буданд ва сухане напурсиданд. Сардор ҳамроҳи усто, ҳамон ҷавонаке, ки бештар ба таъмири мошини ман даст зада буд, пичир-пичир гӯшакӣ карду рақамҳоро қатор-қатор навиштан гирифт.

Ман мудохила накардам: ку бубинам ба чи усул маро ғорат мекунанд!

Баъди он, ки онҳо ҳисобу китобашонро ба поён расониданд, маро барои пардохти пул фиристода ғолибан амин буданд, ки ба асрори ғоратгарии онон ман сирф сар

фаҳм намеравам.

Вақте ки ҳисоби сардори цехи таъмири мошинҳои сабукравро ба дурустӣ санҷидем, маълум гашт, ки чор дона такьяи лӯндаи (шаровая опора) ҳаргиз нагирифтаамро навишта гирифтаст ва аз кисаи ин банда 8 сӯмро задаст. Ба ғайр аз ин муфтхури чапдаст кори 4 сӯму 70 тинро ба ман 7 сӯму 20 тин, боз як амали баҳояш 4 сӯмиро 14 сӯму бист тин навишта, дар рӯзи равшан, дар назди тамоми халқ ошкоро ғоратам кардаст. Дар тасаввур меоваред, дар як миҷа задан аз як худи ман бештар аз бист сӯм ба кисаи ин қаллоб даромадаст ва давлат барои корҳои нокарда ба усто ҳақ доданаш, ҳам ҳаст, фиребҳои майда-чуйдаи фош накардагиамон будагист...

Бешак, баъди он, ки найрангаш фош шуд, сардори цех ба ночор дар табель бо дасти худ "хатоҳояшро" ислоҳ кард. Он рӯз вай дар варақаи амалиёти таъмири чи қадар касон ин гуна фиребашро ба кор бурда бошад? Ман аминам, ки ӯ аз ҳар як корафтода камаш ба ҳамин миқдор пул задааст. Кӣ кафолат медиҳад, ки рӯзи дигари ба даст афтоданаш ва рӯзҳои сонӣ ӯ мардумро фиреб намедиҳад? Авзои ӯ чунин буд, ки вай аз фош гаштани duздиаш заррае парво надорад, яъне ба чунин беномусиҳо одат кардааст.

Дар қарори ҳукумат оид ба тақвияи мубориза бо шахсоне, ки дар паи даромади беранҷанд, аз мансаб, аз вазифа дар ин роҳ сӯиистеъмол мекунанд, ба чашми халқу давлат хок мепошанд, таъкид гашта, ки "...тамоми қувваи қонунҳои Советӣ ва афкори ҷамъиятиро бояд ба кор бурд..." Аммо метарсам, ки ин ҳама гап аст...

Мардуми бунёдкор, мардуми эҷодкор, мардуми ранҷбари ҳалолкору ҳалолхӯр имрӯз чашмдор аст, ки суд, прокуратура, идораҳои назорат минбаъд каҷ дору нарез накарда, ба муборизаи халқамон ҳамдастӣ мекунанд.

*1986*

# ДАР СӮҲБАТИ НАВРАСОНИ ДЕҲА

Накӯкорӣ чист ва нобакорӣ кадом аст?

Ҷавоби ин савол дар ҳамаи асру замонҳо ҷаҳони маънавӣ ва моҳияти иҷтимоии инсонҳоро таъин кардааст. Маҳз аз ҷавоби ин савол метавон қиёс гирифт, ки одамӣ ба куҷо менигарад, ба кадом ҷониб майл дорад, дар афкору ақоиди ӯ чӣ тағйироти матлуб ва номатлуб рух медиҳад. На фақат ҳастии инсони фард, балки солимии маънавии ҷамъият низ дар нуқтаю назари ӯ ба неку бад ҳувайдо хоҳад буд. Ин маънӣ муддатҳост, ки маро ба худ машғул дорад, балки баъзан беқарорам мекунанду дар изтироб меафканадам. Масалан, бигирем, баъзе аз корҳое, ки умрҳо дар назари ҳамдиёрони мо зишту носавоб буд, чаро имрӯз як навъ амали маълум ва ё на чандон қабеҳ ҷилва мекунад? Аз ин хусус ҳеҷ андешидаед?

Кор ба ҷое расидаст, ки агар шогирди мактаби мо аз рӯи ақоиди маъмул сухан накунаду доир ба масъалае фикри худро бигӯяд, мо ӯро ногузир дар беадабию густохӣ ва бебандуборию бемасъулиятӣ ва боз чандин гуноҳҳои дигар муттаҳам месозем. Ба ман гуфтанд, ки шогирде ба устоди худ эътироз кардаст, ки шеъри шоири беҳунареро, ки ба китоби дарсӣ дохил кардаанд, хондан намехоҳад, вале дар ҷавоби ин саркашиаш чи суханони дурушт шунида, муҷиби мазоҳу тамохира гашта аст. Боз ба ман гуфтанд, ки ҷавонаке дар китоби дарсӣ аз хусуси парваришгоҳи пирони бекас суханони "фароғатгоҳи пирони хушбахти даврон" ва чунину чунон калимоти хурофот ва пуриғроқро хонда ба рӯи муаллими худ ҳақиқати ҳолро бепарда гуфтаст: "Сафсаттаи беҳуда, фақат пирони бекасу кӯй ба он ҷо мераванд". Дар ҷавоби гуфтаҳои худ ин ҷавонак ҳам муҷиби маломату сарзаниш ва пичингу кинояҳои талху заҳрогин гаштааст.

Ман бо бачагони деҳае (дар ин мақола онро “Деҳа” мегӯяму бас) муддатҳост, ки ошноӣ ва сӯҳбат дорам. Ба гумонам, дар машқи суратгирӣ, хосияти гиёҳҳои дорувор, гулпарварӣ, муҳофизати муҳити атроф, ҳурмати осори атиқа ва таърихи диёр, ободию хушнамудии хонаву деҳа ва ғайра ман ба онон таъсире расонда бошам ҳам, рағбати ононро ба китобхонӣ бедор карданам хеле мушкил гашт.

Агар рағбати бачагонро аз хурдӣ ба китобхонӣ бедор накунем, дигар онон аз ин сарвати бузурги маънавии башар як умр бебаҳра монданашон маро ҳар лаҳза нохуш медошт. Бинобар он, сабаби ин касолатро меҷустам. Чаро фарзандони миллатҳои дигар китобхонанду авлоди мо дар қайди ҷаҳлу нодонӣ вомонданашро эътироф накунему сабаби онро наҷӯем? Дар ин замон чунин нуқсон барои миллати аз роҳҳои тиҷорат ва равобити ҳунарию фарҳангӣ дар канор монда баробари худкушӣ буданашро кош зиёиёни мо идрок мекарданд!

Сабабҳои асосии ба китоб ва китобхонӣ рағбат пайдо накардани бачагон пеш аз ҳама китобхон набудани муаллимони мо, китоб нахондани аксари кулли зиёиёни мо, китобро ба дурустӣ тарғиб карда натавонистани матбуот, мунаққидону муҳаққиқон ва адибони мост. Гузашта аз ин, солҳои дароз нашриётҳои мо китобҳои ба касе нодаркори адибони беҳунар ва тарҷумаҳои муғлақу дур аз салосатро интишор намуда шавқи бачагонро куштаанд. Ба қавли ҳолдонҳо баъзан навад фоизи инчунин китобҳо ба макулатура мерафтаст. То солҳои навадум нашриётҳои мо ҳар сол садҳо номгӯй чунин китобҳои беҳударо интишор месохтанд. Кам кардани нашри китобҳои тарҷумавиро Госкомиздати СССР намеписандид ва сахт назорат мекард. Нашри китоб ҳам як ҷузъи сиёсат гардиданаш ба маънавиёти мардум бетаъсир набуд...

Бачагони Деҳа, ки ҳама шогирдони мактаб буданд, дар хонаводаи худ иҷрои корҳои гуногунро дар ӯҳда доштанд ва соате вазифаи худро фаромӯш намекарданд. Балки аз ҳамин сабаб онҳо асосан, чун калонсолон андеша меронданд. Аммо онҳо ҳеҷ ваҷҳ симои бачагии худро гум накарда буданд.

Насриддин дар ферма ба ҷои модараш кор мекард. Модари ӯ дар хона ба кори хонавода банд аст. Пӯшондану хӯрондани ҳашт нафар бача кори осон нест. Дигаре — Одина ҳамеша досу арғамчинаш ба зини хар бастагӣ — вай ҳар рӯз аз ёбонҳо ду хар алаф даравида бояд ба хонаашон барад. “Зимистон дар ёбон алаф нест, фароғат мекардай”, гӯям, гуфт, ки “ҳезумкашӣ ҳам кори осон нест...” Сейумӣ — Насим баъди дарсҳо ба ҷои модараш ба кори пахтазори колхоз меравад...

Сарфи назар аз пуркорӣ бачаҳо бо якдигар алоқаманд буданд ва робитаи худро аз даст намедоданд. Онҳо аксаран дар боғчаи назди фермаи колхоз ғун омада гӯё эҳтиёҷи бачагии худро ба бозӣ, ба гуфтугузор, машварат қонеъ месохтанд, монанди селаи майнаҳо дар як замон аз чор сӯ ҷамъ омада бо чуғур-чуғури худ муҳитро пур мекарданд, сипас аз паи оббозӣ ба ҷониби наҳр медавиданд. Онҳо дар шитоб ба оби сард якчанд бор ғӯта мезаданду боз саросема аз паи кору бори худ мерафтанд.

Боре бачаҳо аз ман хоҳиш карданд, ки ба онҳо суратгириро биомӯзам. Бе суратгирак машқи суратгирӣ беҳудакорӣ буданашро ба онон гуфтам, вале азбаски ҳаваси онон ҷиддӣ набуд, дар ин ҷода пул харҷ кардан намехостанд. Барои харидани асбоб маблағи зарурӣ ҳам надоштанд. Ман ба онҳо аксбардораки кӯҳнаамро оварда додаму нахустин дарси ҳунарро аз муқаррар кардани фосила ва кори фосиласанҷ шурӯъ намудам. Баъд ҳар кадоме бо дастгоҳи “Смена” чор-панҷ акс гирифтанд.

Умуман, сӯҳбати мо ҳамеша хеле ҷиддӣ аст, баъзан онҳо ҳангоми кӯчондани кандуҳои занбӯр ба ман кӯмак

мерасонанд. Бачаҳо ба бесарусомонии мулки колхоз — боғу киштзорон, молу амвол комилан одат кардаанд, сирф эътибор ҳам намекунанд. Боре ман ба себзори бепарвариш ишора карда гуфтам:

— Ҳамин ҳам боғ аст, ки дар ҳар панҷоҳ метр як дарахти кирмзада мондаст!.. Ҳол он ки дар ин замин дар нисбати дарахти мавҷуда се баробар бештар дарахт парвариш карда даҳ баробар ҳосил гирифтан мумкин аст...

Бачаҳо ба суханони ман ҳамчун ба беҳудагӯии марди шаҳрие, ки вазъи ҳаёти деҳаро намедонад, беэътибор буданд. Сипас ман аз ҷониби дигар сухан сар кардам:

— Дар сари роҳ себзори колхози ҳамсояро дидед? Сарсабзу пурҳосил аст... На меваашро кирм задаст, на баргаш зард, бехи дарахтон бел хӯрдагӣ...

— Раиси колхози мо бегона аст, аз ин ҷо нест... — гуфт яке.

— Агар одами дигар ҷо аст, магар боғу замини ин ҷоро нобуд кунед мегӯяд? — киноя кардам ман.

— Хайр, дилаш намесӯзад. Мегӯянд, ки вай чорпанҷ сол раисӣ мекунаду меравад, — бепарво эзоҳ дод Одина. Сипас хавотиромез ба чашми шариконаш нигарист.

— Сандуқашро аз пул пур мекунаду меравад...

Ман тартиби ҳукуматдориро дар мамлакатамон ҳеҷ сарфаҳм намеравам: чаро ба колхози деҳот баъзан аз ягон мавзеи дур раис оварда таъин мекунанд? Ё ба район аз райони дигар сарвар таъин мекунанд? Гӯё дар ин ноҳия тухми одами раисбобу қобилияти сарварӣ доштагиро малах хӯрда бошад!.. Кӣ медонад, балки сарвари район ба ин савол ягон сабаби “шаръӣ” доштагист, вале ба гумони ман сабаби аслӣ ин аст ки сарвар одами худро дар сари кор мондан мехоҳад, ба василаи вай аз молу мулки колхоз бемалол баҳра бардоштан мехоҳад. Сабаби аслии дар рӯи коғаз мондани қонуну қоидаҳои ҳукумат, боиси қонунҳои демократиро поймол кардани коммуни-

стон маҳз дар ҳамин нуқта пинҳон аст — аз поён то боло ришвахурӣ, мулки колхозу совхоз, заводу фабрикаро аз сарварони район то вазиру вузаро бояд бихуранд.

Лекин то ба кай ин ҳаромхурон даврон мекарда бошанд, намедонам. Аммо аминам, ки ин бори каҷ ба манзил намерасад. Харобии боғу замин, камҳосилии киштзорон, нобуд гаштани ҳосил дар ҳама ҷо, бепарвоии мардум ба ин ҳама дӯлобиҳо нишонаҳои дер ё зуд ба охир расидани ин салтанати аблаҳони худхоҳ аст. Вагарна дар кадомин давру замон дидаед ё шунидаед, ки деҳқон ба замин ин қадар бепарво ва бедард бошад?! Замини киштзор дар дасти одамони бепарво тадриҷан мемирад. Чунон ки моли бесоҳиб ҳаром мемирад, замин ҳам дар зери чархҳо, аз заҳрҳои кимёвӣ, беғамхорӣ, бемуҳаббат оҳиста мемираду мо фиғони ҷонкании онро намешунавем ва ё агар шунавем ҳам, ба имдоди он расида наметавонем.

Ман аз ваҷҳи бенигоҳубин мондани боғоти талу теп-пазорон бо мардуми калонсол ҳам гуфтугӯ доштам, вале онон ба мисли бачаҳо яку якбора решаи суханро пӯст канда гуфта, сонӣ пушаймонӣ намекашиданд. Ба ин ҳол чандин сабабу баҳонаи ҳақиқатнамо пеш меоварданд.

Ёдам меояд, тирамоҳи соли рафта буд, меваи ин дарахтзоронро гурӯҳе колхозчиён омада бо ходаҳо зада афшонданду дар сатилҳо чида, дар ҳар ҷо-ҳар чо ба қадри як-дутоннагӣ тӯда карданду рафтанд. Рафтанду дигар касе аз ин себҳо ёде накард. Чандин тонна ҳосили боғотро офтоб заду талаф гашт.

— Мошин нест, ҳамаи техника ба пахта банд аст, — мегуфтанд дар ҷавоби ман аксари мардон гӯё маслиҳат карда бошанд ба як оҳанг.

— Фаромӯш кардагистанд, — мегуфтанд аҳён-аҳён баъзеҳошон.

— Себ даркор набудагист, база гардондаст, завод намегирад...

Дар он айём колхоз ҳақ надошт, ки ҳосили худро дар бозор фурӯшад. Он себҳоро дар бозор фурӯхта ҳам наметавонист, зеро хомохом канда буданд ва ҳанӯз туршу камшира буд. Раис онро ба колхозчиён бепул дода ҳам наметавонист ягон нафар маълумот медод, ки молу мулки колхозро ба тороҷ медиҳад ва сараш дар бало мепечид.

Ҳар як давру замон қонуну қоидаҳои навишта дораду нонавишта. Ҳуқуқшиносон қонунҳои навиштаро нек медонанду инобат мекунанд, аммо аз қонунҳои нонавишта камтар огоҳӣ доранд. Агарчи қонунҳои нонавишта баъзан аз ҳамаи қонунҳои дигар таъсирноктар аст.

Бинобар он, миёни гуфтору афкор ва кирдори калонсолон тафовут хеле зиёд аст ва ин фарқ пайваста меафзояд.

Яке аз ҳамсӯҳбатони доимии ман Насриддин аст. Ӯ имсол дар синфи ҳаштум мехонад. Вай аз хурдӣ дар кори ферма ба падару модараш ёрирасон аст. Агар вай андаке бештар ҳамсӯҳбати ман монад, аз тарафи молхона фарёди ҳамкоронаш баланд мешавад:

— Насриддин, ҳой, Насриди-ин-н!..

Аз ин аст, ки сӯҳбати ману ӯ аксаран нимирӯзиҳо ва ё шабҳангом қӯр мегирад. Аммо ин нимрӯзӣ сӯҳбати мо дар сари наҳр воқеъ афтод. Бачаҳо хоҳиш карданд, ки усули шиноварии ононро бубинам ва баҳо диҳам.

Насриддин шиновари моҳир аст. Мехоҳам, ки вай баъди хатми мактаби миёна дар донишгоҳи тарбияи ҷисмонӣ таҳсили имл кунад, аммо ба сабаби баъзе андешаҳои дигар намехоҳам, ки вай варзишгар бошад: деҳаро аз як нафар деҳқону боғбон ё молпарвар маҳрум кардан намехоҳам. Бале, ман дар мисоли бисёр шиносони худ санҷидаам, ки варзишро касб кардагон дигар ҳаргиз ба касбу кори судбахшу заҳматталаб сар намефуроварданд. Надидаам, ки ҷавони ба варзиши ҳирфаӣ шуғл варзида дар киштзор ва ё дар сари дастгоҳе зӯраш-

ро ба кор бурда бошад. Ҳайрон нашавед, ин касон агар мураббию муаллими варзиш нашаванд, ягон кори бедардимиён меёбанд ва аксар аз авбошию мардумозорӣ рӯ наметобанд.

— Ба ягон донишгоҳи олӣ дохил шудан ният надорӣ, Насриддин? — бо вуҷуди ин, савол мекунам аз вай. Мақсадашро донистан мехоҳам.

— Дохил кардан метавонӣ, муаллим? — савол мекунад вай ҳам.

Чӣ гӯям ман ба вай? Дарвоқеъ ҳам, агар “одам” надоред, (“одам” дар ин мавзӯъ ба маънии “ҳомӣ”, “пуштибон” аст) ҳоло ба донишгоҳ дохил гаштан сахт гумон аст ва ин ҳақиқатро ҳама медонанд, фақат раҳбарон дар сухан бовар намекунанд. Ба гумони онҳо инкор кардани ҳақиқат аломати эътимодбахшии сиёсии коммунист аст. Аммо ҳамаи ин коммунистони соҳибмансаб фарзандони худро ба тавассути “телефон” ба донишгоҳҳои олӣ дохил мекунанд.

— Ман вазир нестам, ректор ё устоди донишгоҳ ҳам нестам, — мегӯям ба Насриддин хиҷолатомез гӯё дар ин ошнобозиҳо ман ҳам гунаҳгор бошам.

— Ана, тағои ин, — Насриддин ба як ҷавонаки қадпасти сурхмӯй ишора мекунад, — вазир набошад ҳам, ҳар сол дута-сета хешонаша дар донишгоҳ дохил мекунад.

— Тағоиаш чикора аст?

Ин савол аз забони ман берун наомада ду-се тан баробар ҷавоб мегӯянд:

— Пракурор аст!..

Маълум мешавад, ки пракурор дар ин атроф касби аз ҳама мӯътабар аст.

— Ду ҳазор сӯм катӣ додои маро аз ҳабс халос кард! — Бо ифтихор шаҳодат дод як тан бачаяки лоғарандоми сияҳҷурда. Мафтунии вай аз кори тағои ҷӯрааш-пракурор аён буд.

Ман таноби суханро боз ба сари таҳсили Насриддин мебарам:

— Ба ман нигар, агар аз ҳоли нағз тайёрӣ бинӣ, китобҳои зуруриро бихонӣ, бе ҳеҷ муттако, худат имтиҳон супорида ба донишгоҳ дохил мешавӣ! Ҳоли ду сол дар пеш...

— Э-э, муаллим, охир кӣ ба зӯри дониш даромадаст, ки ман дароям! Ана, аз деҳаи мо Рамазонӣ ном як бачаи аълохон буд, ба илмаш ҳамаи муаллимон қоил буданд, се сол паёпай рафт, аммо одамаш, ки набуд, дохил нашуд. Мо ҳамаашро медонем.

Мо аз ин хусус хеле гуфтугӯ кардем. Чи гӯям, ки бачаҳо бо санадҳои аз зиндагӣ гирифтаашон даъвоҳои маро ботил мекарданд. Бешак ҳамаи ин вазъиятро ман ҳам медонистам, вале хурду бузургро ноумед диданам хеле гарон меомад, мехостам, ки дар ягон гӯшаи қалби онҳо шарораи умед фурӯзон бошад.

Чаро ман аз ин хусус ин қадар ба дард сухан мекунам?

Ихтилофе, ки имрӯз миёни сухани мо, таълим ва тарбияи мо, ақидаю нуқтаю назари мо ва зиндагии воқеи ба вуҷуд омадааст, ба ҳадди худфиребии авфнопазир расида аст.

Роҳи нави мошингард месохтанд. Он роҳ теппаҳои гандумзорро бурида мегузашту деҳоти дуродури таҳи кӯҳро ба роҳи калони шаҳр мепайваст.

Боре се-чор тан аз дӯстони ҷавонамро дар роҳи навсохт дучор кардам. Тракторе моторашро хомӯш накарда сари роҳ гӯё таваққуф карда буду бачаҳо ба аробаи он шағал бор мекарданд. Роҳсозон ба роҳи нав бо мошинҳои самосвал шағал оварда рехта, тӯда-тӯда монда рафтаанд. Бачаҳо он шағалро ба аробаи трактор бор карда, ғолибан барои иморати хонадони кадом якеашон мебурданд. Тракторчӣ ҳам аз наздикони онҳо буд.

— Шағалро чи мекунед? — баъди саломи алайк пурсидам ман.

— Ана, ин Орифино иморат доранд... — гуфт бачае, ки лақабаш Занҷабил буд, ҷониби шарикаш — ҷавонаки нав

ча ишора карда. — Таҳхонаи бетонӣ месозанд...

— Хуб, барои чи шағали роҳро мегиред?

Ҳамагӣ лаҳзае ҳайрон ба рӯи ман нигариста мазмун гирифтанд.

— Шағал нест, аз куҷо бигирем? — пурсид оқибат бачае, ки Ориф гуфта ном гирифта буданд. — Дар ин атроф шағал нест.

— Ҳамин шағалро аз куҷо овარданд?

— Э-э, ин шағалро мошинҳои самосвал аз шаҳр меоранд. Камаш — 25-30 километр!

Ман норозиёна, ба нишони таассуф сар ҷунбонидаму ба роҳи худ рафтам, аммо ин кори бачаҳо қарорамро бурд. "Наход ки мо ба ин хел корҳо одат карда бошем? — мегуфтам ба дил. — Аз куҷо ин гуна беэътиноӣ ба молу мулки ғайр? Чаро фарзандони мардуме, ки аз қадим хас барин моли касро ба худ ҳаром медонистанд, ҳолоуздиро кори маъмул меҳисобанд, ҳеҷ хиҷолат намекашанд. Охир, чил-панҷоҳ сол пештар аз ин падару бобоёни ин бачаҳо куфл гуфтани чизро намедонистаанд! Чи шуд, кай аз мо хатое рафт? Чаро он хаторо пай набурдем? Наход ки тартиботи нодурусти давлатдорӣ моро ба ин кӯй афканда бошад? Бале, маҳз тартиботи сосиалистӣ моро ба ин ҳол афканд."

Албатта, ба ин саволҳо ҷавоб додани демагог осон аст, лаҳзае тааммул накарда, наандешида хурофоти худро мехонад. Аммо ҳар як инсони каму беш борикандеш аз ин хусус ногузир дар банди фикр дармонданаш як амри табиӣ аст.

Имрӯз пиру ҷавони деҳот нек медонад, ки чаро дар чунин сарзамине, ки ҳар гектари заминаш дар нисбати замини Сибир ё Белорус шаш-ҳафт бор бештар маҳсул медиҳад, умр ба сар баранд ҳам, дар нисбати мардумони

Русия хеле камтар гӯшт мехӯранду равған ва ғизои дигар, камтар пул мегиранд... магар яке аз сабабҳои нописандӣ ба молу мулки колхоз аз ҳамин сабаб нест? Албатта, китоб нахондану бемаърифатии мардуми моро сабаб камбизоатӣ нест — китоб дар мамлакати мо аз ҳар чи арзонтар аст. Аз ин хусус ман борҳо бо Насриддин ҳамсӯҳбат будам. Ӯ китоб намехонад, баъзан филмҳои шавқоварро тамошо мекунад, ба филмҳои дар мавзӯъҳои сиёсӣ ва ташвиқотӣ ҳеҷ рағбат надорад, он ҳамаро "Палитка" мегӯяд. Маънии ин калимаро пурсидам, гуфт:

— Маънии "палитка" дурӯғу фиреб-да... Ҳамин тавр не, муаллим? — Вай дар шубҳа ба чашми ман менигарад. Ман "палитка" аз лафзи "политика"-и русӣ буданашро ба ӯ мефаҳмонам.

Боре ман дар ҳузури падараш ба насиҳат забон кушодаму гуфтам, ки дар ҷавонӣ бояд ҳар инсон китоб хонад, вагарна нодону тирабахт хоҳад гашт. Падар суханони маро ба сарҷунбонӣ тасдиқ карду гуфт:

— Медонед, муаллим, аз як одами доно шунида будам, ба ҳазрати пайғамбарамон савол доданд, ки ба одам аз ҳама чиз чӣ зарууртар аст, он кас гуфтаанд, ки ақли модарзод. Агар ақлаш набошад, сони илм омӯзад ё пулу мол ёбад, то ки ҳама айбашро пул кати пӯшад...

Мардак қиссаи Бузургмеҳрро ба таври ноқис аз касе шунида будаст, ки онро нақл мекард ва ғолибан бо ҳамин ҳикмати шубҳанок нуқси дар тарбияву таълими фарзандонаш гузаштаро рад кардан мехост ё худро таскин медод, маълум набуд.

...Мошинсавор аз деҳа ба сӯи шаҳр меравам. Мошини бетонкаше сари роҳ истодаст. Ронанда маро боздошт. Гумонам мошинаш вайрон шудаву ёрӣ металабад. Гашти мошинро суст карда мепурсам:

— Чӣ ходиса шуд?

— Биист, биист... — ба таъкид даст меҷунбонад ронандаи миёнсоле аз кабини мошинаш берун ҷаҳида.

— Чи хизмат? Чи шуд? Охир, гап занед!

— Дар роҳ милиса ҳастай? — ронанда бо кафи дас таш ба китфаш зада ишора мекунад, яъне “пагон”-дор гуфтанист.

— Нест, надидаам, — мегӯям тааҷҷуб намуда. — Милисаро чи мекунед?

Раҳорах боз дар се ҷо маро аз роҳ дошта милисаро пурсон шуданд. Маълумам гашт, ки ин ронандагон аз сохтмонҳои шаҳр хишту семент ва дигар ашёи бинокориро дуздида мебурдаанд, як нафар ронандаи аз тарафи деҳа омада чароғашро даргиронда ишора кардаст, ки дар деҳа милиса ҳаст. Милисаҳо ҳам барои ба ашёи дуздӣ шарик гаштан дар ин ҷоҳо раҳпоӣ мекардаанд.

Ман ҳангоми сӯҳбат ба бачаҳо ин воқеаро гуфта, тафсилоти кори ронандагон ва ҳақиқати кори деҳотиёнро пурсидам.

— Сокинони деҳаатон шағалу сементро асосан аз куҷо мехаранд?

— Аз куҷо? — Аввал ҳайрон буданд бачаҳо. Онҳо аз ин хусус ғолибан ягон бор фикр накарду будаанд.

Баъд ягон-ягон эзоҳ доданд:

— Ронандаҳои сохтмонҳо мебиёранд...

— Пул меорад, муаллим пул!

— Агар семент ё хишти овардагиашонро ҳеҷ кас нахарад, чи мекунанд? — боз мепурсам.

Бачаҳо ба рӯи ман чунон ба ҳайрат менигаранд, ки хандаам меояд. Сипас Насриддин воқеаро ба ёд оварда мегӯяд:

— Як моҳ пештар як мошин гили андоваро ҳеҷ кас нахаридаст, ронанда аз деҳа берун рӯи раҳи асфалт рехта рафтаст. Баъди як ҳафта дидам, мардум ҳамонро ҳам тарошида бурдаанд.

— Шаҳриҳо моли дуздиро намехаранд, — гуфтам ман, вале филфавр дурӯғи худро пай бурда эзоҳ кардам:

— Аксарашон аз моли дуздӣ ҳазар мекунанд. Ин хел кас шарики дузд ҳисоб меравад, аз рӯи қонун...

— Сементу шағалро шаҳриҳо аз куҷо мегиранд? Аз куҷо самосвал мегиранд? Шағалро чи хел ба мошин бор мекунанд? — ҳамагон ба ман ҳамлавар гаштанд.

— Шаҳриҳо моҳонаи калон мегиранд. Агар додои ман ҳам моҳе ҳазор сӯм мегирифт, сад сӯмашро ба ягон ронанда медод ё ба давлат мегузаронду чор мошин шағал мегирифт, — гуфт маҳмаддонои ин гурӯҳ Одина.

Баъди ин сухан ман лаҳзае ғарқи андеша гаштаму сипас пурсидам:

— Ба ман нигар, додот чанд пул моҳона дорад?

— Аз шаст-ҳафтод сум зиёд намегирад, — гуфт Одина рӯ турш карда.

— Додои ту чанд сӯм мегирад? — Ба Насриддин рӯ овардам. — Заводи консерв зиёдтар пул медодагист?

— Хока! Саду понздаҳ сӯм мегирад.

— Ана, шаҳриҳо ҳам баробари додои ту маош мегиранд. Хуб, бигӯ, ки очаат ҳам кор мекунад? — боз мепурсам аз вай, агарчи нек медонам, ки модари ҳашт нафар фарзандони хурдсол ҳеҷ илоҷи дар колхоз кор кардан надорад. Умеди хонавода — ду писари калони ки ҳоло дар хизмати ҳарбианд, духтари калониашон шавҳар карда аз ин деҳа рафтааст, Насриддин ва ҳафт тан додаракону ҳоҳараконаш дастёранд.

Агар аз ваҷҳи пул сухан ояд, Насриддин доим сухани ҳикматомези падарашро такрор мекунад:

— Пул ҳар қадар кам бошад ҳам, мерасад ва агар бештар бошад, зиёдатӣ намекунад, харҷ мешавад.

Вазъи хонадони қариб ҳамаи ин бачагон якранг аст. Ин қадар тафовут доранд, ки бародарони баъзе ба кор сар карда ба падару модар кӯмакашон мерасад.

Дар байни шиносони ман бачагоне, ки падарашон касбу кори “нағз” доранд — дар дӯкон ё “база”-ҳо

машғули коранд ё худ дар милиция, таъмиргоҳи мошинҳо кор мекунанду рӯзгори андаке таъмин доранд, камтар ба назар мерасанд. Гурӯҳи сеюм — бачагоне, ки падари онҳо дар сафи раҳбарони колхоз ё дар идораи суду прокуратура кор мекунанд, ронандаи мошини раҳбари ягон идораи калонанд, бо ин бачаҳо камтар меомезанд ва дар воқеъ онҳо аз ин тӯда тафовут доранд ва чун қоида аз ин тафовути худ ифтихор ҳам доранд.

Баъзе рафиқони мо ин ҳолро маъмулӣ нест мегӯянд. Аммо ман аминам, ки ин гуна ҳолат муддатҳо боз ба зуҳуроти иҷтимоӣ табдил гаштааст. Бинобар он ҳам имрӯз аз ин ваҷҳ бо камоли ҷиддият сухан кардан ҷоиз аст. Худро нодида ва ношунида ангоридан кори саҳл аст, бо чашмро пӯшидан сӯхторро надидан метавон, вале хомӯш кардан намешавад. Ман борҳо аз ин ҷавонҳо пурсидам:

— Баъди ба камол расидан чи диҳанд, ки шумо хушбахт мешавед? Зан? Хона? Мошин? Вазифа? Мансаб?

Онҳо аз ин ваҷҳ хеле дуру дароз фикр мекарданду сипас шармида мегуфтанд:

— Хайр, агар одам... масалан, раиси колхоз бошад, аз чӯпон будан беҳтар аст...

Дар хориҷа ман дидам, ки фермер ё фарзанди фермер ба ҳеҷ мансабдоре ҳасад намебаранд, шуғли худро авло мешуморанд. Чаро? Барои чи дар мамлакати мо фақат мансабдор дар ҷамъият имтиёзманд аст? На аҳли ҳунар, на аҳли илм, на инсони покизаву дурустқавл ва на дигар мардони мушкилкушои мардум?..

Аз ин ваҷҳ ман имрӯз бо камоли эътимод ошкоро гуфтаниам, ки мо аз роҳи хато меравем! Моро ба роҳи хато андохтаанд! Ин роҳ ҷамъияти моро оқибат ба харобиҳои гӯшношунида ва мусибатҳои каснадида хохад овард... Агар сари вақт аз ин роҳи ҳалокатовар барнагардем...

***1986***

# ГӮР СӮЗАДУ ДЕГИ ҚАЛАНДАР ҶӮШАД

(ба ҷои фелетон)

Пеш аз оғози таътили зимистонии мактабиён дар хонаи як тан аз дӯстонам будам. Писари ӯ Хуршед, ки дар синфи ҳафтуми яке аз мактабҳои маъруфи пойтахтамон таҳсили илм мекард, бетоқатона гуфтугӯи маро бурид:

— Додо, фардо барои кино бояд пул барам. Агар набарам, муаллима аз синф меронад.

— Агар махфӣ набошад, бигӯ, ки ту бо ҷӯраҳоят кадом филмро тамошо карданӣ? — пурсид падар.

— Мо филм тамошо карданӣ намеравем. Хайр, баъзеҳо мераванд. Муаллима аз ҳар кас як сӯм гирифта, барои тамошо дар рӯзҳои таътил билет меорад. Ҳамааш филмҳои кӯҳна, намешудагӣ.

— Ба ғайр аз ин, охир ту дар рӯзҳои таътил ба деҳа, ба назди бобою бибиат меравӣ-ку!

— Ба деҳа меравем, — ғолибан аз ин чунин гапнофаҳмии падар бачаро ханда гирифт. — Гуфтам-ку, дигарон ҳам ба тамошои он филмҳо намераванд, аммо пулашро додан даркор... Муаллима ҳамин тавр гуфтанд. Агар пул набарам, баҳои чорякӣ намегузоранд.

Ин муколамаи падару писарро гӯш медодаму маро дар тасаввур меомад, ки чи гуна бачаҳои шӯх дар рӯзҳои таътил бо баҳонаи тамошои филм дар даст билет аз хона берун мераванду сипас тамоми рӯз дар бозору магазинҳо, дар майдону хиёбонҳои шаҳр ҳарзагардӣ мекунанд.

— Нигар, чи гуна кӯдаконро сохтакорию авомфиребӣ меомӯзанд. Дар каҷу девор каҷ, ҳам вассаю болор каҷ, сипас ман тани танҳо чи хел ӯро ба сӯи ростию дурустӣ ҳидоят кунам?! Тамоми сол аҳвол ин аст: агар бист тин ба дасти бача диҳам, то ки яхмос харида хурад, сабабе мебарояду аз дасташ мегиранд. Бача ба ҳамаи он корҳои аслан шоистаи таҳсин нохуш менигарад...

Чи гӯям, ки айёми охир ин гуна корбандии хилофи

тарбияро дар баъзе мактабҳо бештар аз пештар дучор мекунем. Бешак, фирефтани бачаҳо кори мушкил нест, зиёда аз он, имрӯз ҳеҷ як бача барои бист тин дар назди рафиқонаш шармсорӣ кашидан намехоҳад.

Аммо дар назар чунин меояд, ки ин зайл фиребҳои ширин агар пайваста такрор шаванд, он матлаберо, ки аз таълим ва тарбияи кӯдакон чашмдорем, барбод медиҳад, ҳеҷу пуч месозад.

Онҳое, ки аз ин савдо дар каноранд ва ё аз вазъи мактабҳои шаҳри Душанбе ғофиланд, боре дар тасаввур оваред, ки дар тӯли як соли таҳсил муаллимон аз шогирдон чанд бор пулчинӣ мекунанд: агар театр тамошобин намеёбад, пул мечинанд? Мечинанд. Барои иҷрои плани кинотеатр, барои ёрӣ ба бачагони кишварҳои беравнақ ё мусибатзада, барои чандин хел фондҳо, ҷамъиятҳое, ки ному унвони ҳамаи онҳоро ҳеҷ кас пурра ёд надорад, барои таъмири мактаб, барои... Ҳатто расм шудаст, ки дар арафаи таътили тобистонӣ муаллимон путёвкаи истироҳати лагерҳои пионериро ба бачагон бояд ки бифирӯшанд. Якчанд тан аз муаллимҳои шаҳр ба ман иқрор карданд, ки бачаҳо вазъи хароби лагерҳоро медонанд, бинобар он, аз истироҳати бепул ҳам саркашӣ мекунанд. Ва омӯзгорон ба ночор пули ду се путёвкаи ба онҳо расидаро аз ҷайби худ дода, гиребони худро аз дасти маъмурияти мактабу шӯъбаи маориф халос мекардаанд. “Чӣ илоҷ, ба зӯрӣ аз бачаҳо пул бигирем? Путёвкаро ба қуттии хасрӯба партофта, пулашро медиҳему баъди ин маро ба таътил рухсат медиҳанд” — мегӯянд муаллимон. Маро муқаррар кардан мушкил омад, ки ин ҳукми ҷиноятосор аслан аз куҷо сар зада аст.

Ислоҳоти мактабро аз решакан кардани инчунин дурӯғнамоӣ ва усули бюрократона ба таълиму тарбия ва ба кӯдакону муаллимон бояд оғоз кард. Дар ҳар ҷое, ки дурӯғу фиреб усули коргузорист, ҳама ҷаҳди мо дар арсаи таълиму тарбия монанди дар ҳован об кӯфтан беҳудакорӣ аст.

Бубинед, ки ҳатто идораи суғурта барин муассисае, ки то ба имрӯз алоқамандони сифр ихтиёрӣ дошт, дигар ходимони худро ба идораю корхонаҳо ва ё макони истиқомати мардум нафиристода, ба воситаи мактаб ва муаллимон бачаҳоро суғурта мекунанду плони корро иҷро менамоянд, моҳона мегиранд, ба мукофот мушарраф мешаванд.

Рӯзе духтарчаи ман аз мактаб омаду аз модар талаб кард, ки ба ӯ торти "Шири мурғ" пухта диҳад.

— Фардо дар мактаб ярмарка! Ҳар синф ашёву хӯрокиҳои сохтагиашро мефурӯшанду пулашро ба фонди...

— Хуб, ту маро ташвиш надода пули онро бубар, — гуфт модараш. — Ман торт пухтан наметавонам. Ба ғайр аз ин, ин шабу рӯз хеле серкорам.

— Не, ман бояд торти "Шири мурғ" пухта барам. Ҳар хонанда чизи таъин кардагиро бояд барад.

— Хуб, аз магазин торт харида диҳам, бар.

— Не намешавад. Торти магазинро кӣ мехарад?!

Агар ҳанӯз имкони тасаввур доред, вазъи модари бечораро боре дар тасаввур оваред, фаъолиятмандони маориф! Шумо худро фаъол намоиш медиҳеду чи қадар касонро дар ташвиш меандозед, бачаҳоро фиребу сохтакорӣ меомӯзед, ки ин ҳам ҷинояти афвнопазир аст.

Агар фардо духтараки ман аз мактаб ба хона ояду бигӯяд, ки падар, се сӯм бидеҳ, ман бояд ки узви ҷамъияти дорбозон ё моргирон бишавам, маро ҳеҷ аҷаб намеояд, зеро намоишкорию бюрократизм дар соҳаи маорифи Тоҷикистон аз ҳадде, ки ақли инсон мегирад, гузаштааст.

Ҳар бор барои иҷрои плани театр аз бачаҳо 70-тинӣ пул мечинанду қариб ними бачаҳо ба он намоишномаҳо намераванд ё ба ночор мераванд. Агар бачаҳо боре ба ин 70-тин китобе мехариданду муаллим аз рӯи он китоб гуфтугузоре ташкил мекард, он китоби ҳафтодтина якумрӣ барои ӯ ёдгор мемонд.

***1986***

# МУҲАББАТ ВА ДИЛҶӮӢ

(Мусоҳиба дар телевизион)

**Савол**: Оид ба ҳаёти ҳамхонагиву ҳамзистии ҷавонон, сабабҳои хушбахтии онон чӣ мегуед?

**Ҷавоб**: Аксар ҳангом мо — ҳама мешунавем, ки зану шавҳарро монанди як ҷуфт гӯшвора ва ё худ як себи дукафон ба ҳам монанд мегӯянд. Ин монандӣ дар зоҳири онон не, балки дар хулқи онон, афкору ақида ва ҷаҳонбинии зану шавҳар возеҳ ба назар мерасад. Дар зиндагии ҳамзистӣ онон ба якдигар мувофиқат пайдо кардаанд. Маҳз, ҳамин мувофиқатро дар назар гирифта гуфтаанд, ки табиат хоки зану шавҳарро аз як лойдон мегирад.

Ман шахсан ба ин мувофиқшавӣ рағбат надорам. Боре дар тасаввур оваред: ҷавони батамкину камгап духтари шӯху хандон ва беқарореро ба занӣ интихоб кард. Аз рӯи ин назария бояд ки арӯс бо мурури солҳо монанди домод камгапу пуртамкин гардад. Охир, ҷавони батамкин маҳз барои шӯхию хушҳолиаш он духтарро дӯст дошта буд. Агар баъди якчанд соли ҳамзистӣ арӯсаш монанди худи вай камгапу пуртамкин гардад, аҷаб не, ҷавон ҳайрон шавад: охир, як замон вай чи духтари хушҳол шӯху дилрабое буд! Ку он?.. Ҷавон номаълум ҳар он чи дар сиришти духтар буд, барҳам дод ва арӯсаш ба сояи ӯ мубаддал гашт. Баъд аз ин ҷавон аз он сояи беранги худ балки нафрат мекунад.

Аз ин сабаб ман тарафдори онам, ки зан дар хонавода бе таъзиқ, бо фикру ақидаи худ, рафтору кирдор, гуфтор ва хулқи худ озод, комилан озод бояд бошад.

Маданияту маърифати ҳар миллат дар муносибати он ба зан равшан зуҳур мекунад. Бузургон гуфтаанд, хонаводае, ки зан дар он хушнуд ва хушбахт нест, аз шодмонӣ бенасиб аст.

**Савол**: Бештарин сабаби нокомӣ дар ҳаёти оилавӣ, ба фикри шумо чист?

**Ҷавоб**: Шитобкорӣ... Духтарон махсусан набояд ки дар ин бобат шитоб кунанд. Духтаре, ки шитобу беқарорӣ кард, аксар хато мекунад, фиреб мехӯрад. Ва як умр азоби он хатои аввалинро мекашад. Бинобар он ҳам, аксаран духтарони бетамкин ва саросема аз бахти худ қонеъ нестанд. Духтарони пуртамкин ҳамсарони мувофиқ пайдо мекунанд. Умуман, духтарони батамкин серхаридоранд.

**Савол**: Хулқан чи гуна духтарон ба ҷавонон писанд меоянд?

**Ҷавоб**: Ҳама мехоҳанд, ки дӯст доранд ва маҳбуби азизи шахси дилписанди худ бошанд. Аммо на ҳама ба ин муяссаранд. Бисёр ҷавонону духтарон сабаби ин бебарориро аз ҳусну малоҳат медонанд. Боре ба мардум нигаред, мушоҳида кунед: дар муҳаббат кӣ бебарортар ва бадбахттар аст? Бештар онҳое, ки симои зебо ва зоҳири дилнишине доштанд... Бисёр ҷавонони оқилу ҳунарвар маҳз барои зиёда зебоиашон аз баъзе духтарон гузар мекунанд. Фақат духтарону ҷавонони хомандеш аз паи ҳусну таровати зоҳир, мафтуни чашму абрувон, холу хати мӯю рӯй ва қадду баст мешаванд. Мардуми дурандеш ба ҳусни пуршукӯҳ не, ба ситораи гарми маҳбуби худ дилбанданд. Дар ин як калимаи “ситора” халқи мо маъниҳои зиёдеро ҷо додааст. “Ситора дорад”, “ситорааш гарм” ҳамрадифи калимаҳои “ҷозиба”, “ақлу хирад”, “фаросату идрок” аст. Баръакс, шахси беситора, пайкари холиву хушк, нигоҳаш аз нури хираду ақл бенасиб, аз зиракию фаросатмандӣ бебаҳра аст.

Баъзан мегӯянд: фалонӣ духтари шаддод буд, ба ҳафт гулах алав мондагӣ, аз ҳар гӯру бало хабардор, бешарму ҳаё буд, аммо толеаш баланд будааст, ба як ҷавонмарди олиҷаноб расид.

Ман ҳам инчунин як духтареро медонам. Муҳаббати

кӯркӯрона сабаб шуд ва як ҷавони хушфеъл, боҳунар, фарзанди хонаводаи аз ҳар бобат намуна талабгор гашт. Сиру савдоеро, ки духтар аз сар гузарондааст, ҳеҷ пинҳон кардан намешавад. Баъди як-ду моҳи зиндагӣ ҷавон фаҳмид, ки ҳамсараш аз он духтарони покизазамири ӯ пиндошта нест. Духтар ингуна тағйири авзоъ кардани ҷавонро кори модаршӯ гумон кард ва шавҳарашро ба хонаи алоҳидаи падари сарватмандаш инъом карда бурд. Ҷавон ба ночор, гӯё бо гардани баста ба он хонаи пурҷиҳоз даро-буро дошту мегуфт, ки гӯё ба хонаи зани бегонае даро-буро дорад. Шояд ин ду тан умрҳо бо ҳам зиндагӣ кунанд, аммо ҳамзистии бемуҳаббат азоб аст...

Ба ман чунин менамояд, ки ҷавонон соддагию гӯлӣ ва аз бисёр сиру савдои олам бехабарии арӯси худро бахшидан метавонанд, аммо аз ҳар кӯчаи зиндагӣ огоҳ будани онҳоро ҳаргиз намебахшанд. Аз ин сабаб беҳтар он аст, ки духтарон бештар парҳезгориро пеша кунанд.

**Савол**: Дар повесту ҳикояҳои шумо мавзӯи муҳаббат бисёр ба тасвир омадааст. Шумо бештар ба ҷавонон чигуна муҳаббатеро талқин мекунед?

**Ҷавоб**: Моҷарои муҳаббат ва қиссаи ишқу ошиқӣ дар бештарин ҳикояву повестҳои ман мақоми асосӣ доранд. Дар повестҳои “Рухсора” ва “Тору пуд” муҳаббати сидқӣ ва ҳамзистию ҳамҷиҳатии одамони айёми мо тасвир шудаанд.

Солҳои охир баробари дӯстдориҳои сидқию самимӣ дилкашолиҳои булҳавасона ва майлу хоҳишҳои кӯркурона маро бештар ба ташвиш меоваранд. Муттасил мушоҳида мекунам ва рафтори баъзеро басо нохуш ва ҳузновар мебинам. Масалан, хеле айём аст, ки якчанд нафар ҷавононро медонам ва менигарам, ки дар кӯю кӯча ва тӯю сурҳо ба ҳар як зану духтари пешомада назари тамаъкор ва забони хушомадосор доранд. Баъзан фирефтан ва ба дом афкандани баъзе зану духтари соддалавҳ ва сабукфикр ба ин мардон насиб ҳам мешавад. Ва-

ле оқибатуламр дидам, ки зану духтари худи онҳо ба кӯи бадгардӣ ва бадахлоқӣ афтодаанд. Гуфтаҳои пайғамбарони Саъдӣ ёд меояд:

Макун бад ба фарзанди мардум нигоҳ,
Ки фарзанди хешат барояд табоҳ.

**Савол**: Дар повести наватон ишқи маҷозии баъзе одамони айёми маро тасвир кардед. Як-ду сухан мегуфтед.

**Ҷавоб**: Якчанд сол аст, ки повести наве менависам. Ин қисса аз ҳаёти мардуми имрӯз аст ва каҳрамонони аслии он ҳоло ҳаётанд ва шояд онро хонда баъзе касон саргузашти онҳоро бишиносанд. Қиссаро “Агар вай мурд мебуд...” унвон кардаам. Қаҳрамони он говдӯшдухтари деҳотӣ — Занҷир аст ва бештарин воқеаҳо, одамон аз назари ҳамин духтар баён ва тасвир мешавад. Занҷир духтари хушгил ва хушсират аст. Бисёр касон умед доранд, ки дили ӯро ба даст оваранд. Баъзе бо муҳаббати сидқӣ, баъзе бо ҳусни ҷавонӣ ва ҳунар, баъзе ба василаи сарвату пул.

Ҳоло баъзе мардумоне пайдо шудаанд, ки ошкоро мегӯянд: пул шикаст намехӯрад! Иддае барои ин даъвои худ аз таърих мисолҳо ҳам меёбанд. Бале, замонҳое буданд, ки пул ҳокимият мекард, шикастро намедонист. Дар дунёи қадим дар ивази 50 ҳазор динор сари нотиқи машҳур Сисеронро бурида, ба пеши пои Марк Антоний афкандаанд, мо медонем, барои сари Карли якум аз ин ҳам зиёд — 4 милюн доданд...

Яке аз қаҳрамонони повести ман аз қабили пулдорҳои имрӯзӣ аст ва гумон дорад, ки ба пул ҳама чизро харидан метавон. Ӯ ҳеҷ хабар надорад, ки замони мо, қонунҳои мо ба майлу муроди вай мувофиқ нестанд. Ман дар муқобили муҳаббати самимӣ шикаст ёфтани пулу сарватро тасвир кардам. Бадалбеки пулдор амин буд, ки қатъи назар аз номувофиқии синну солаш ва падари як

хона фарзанд буданаш, дили Занҷирро ба даст меоварад...

Ин ҳам як навъи муҳаббати булҳавасона аст, балки муҳаббат гуфтанаш ҳам ҷоиз набошад, он бештар ба ҳирс ва ҳисси шаҳвати инсони ҷоҳилу камшуур монанд аст.

Муҳаббати ҷавони дигари имрӯзӣ, инҷинери соҳибмаълумот Кабир ба Занҷир низ самимӣ нест. Вай аз ночорӣ ба Занҷир арзи муҳаббат мекунад, зеро падару модар хонадор шуданашро тақозо доранд. Аслан, вай мехоҳад, ки ба ягон духтари сарватманд ё хешу ақрабояш бонуфуз хонадор шавад, соҳиби мошин ва мансаб бошад. Бинобарон, Занҷирро ба Фотима ном духтари бадгарду дилнописанд тарҷеҳ мекунад.

Фотима типи духтарони бо пули безаҳмати падар ба ҳарзагадӣ ва мӯдпӯшиҳо одат гирифтаест. Ӯ дар кӯчагардӣ ва базмнишиниҳо, ресторанравиҳо машҳур аст. Ҷавонони зиёде ба вай рози дил кардаанд, рақсидаанд, гуселаш кардаанд... Аммо оқибат рафта аз деҳаи худ ба ҳамон духтарони дар назари Фотима қафомондаю бемаданият хонадор шудаанд.

Фотима маънии аслии маданияту маърифати инсонҳоро намедонад. Ӯ бехабар аз он аст, ки дар айёми кайҳонкушоиҳо ҳам зан номуси мард аст, модари аз ҳар олоише поку мубаррои фарзандон, тимсоли назокат, шарму ҳаё, заҳмату ғамгусориҳо ва меҳрубониҳо бояд бошад...

**Савол**: Оқибати муҳаббати саросемавор, булҳавасона ва кӯркӯронаро ҳама медонанд: пушаймонӣ, хонавайронӣ, бадбахтӣ, бебарорӣ... Сабаб чи бошад, ки ҷавонон аз он худдорӣ намекунанд?

**Ҷавоб**: Сабаби ба ин кӯй қадам мондани инсон ба фикри ман, каммаърифатию камхирадӣ аст. Баъзе ҷавонону духтарон дар шитобанд: ҳарчи зудтар ҳамсари ояндаи худро ёфтан мехоҳанд. На ҳунар, на донишу истеъдод, на мақоме дар ҳаёт, метавон гуфт, ҳанӯз дар дасти умедашон бод. Онҳо ҳеҷ огоҳӣ надоранд, ки дар ин ҳоли зор бо духтарон арзи муҳаббат кардан мантиқ надорад.

Ман бахше аз номаҳои дар ин мавзӯъ ба нишони телевизион омадаро мутолаа кардаму аз саргузашти баъзе ҳайрон гаштам.

Духтараке (аз ноҳияи Файзобод) 17-сола дар беморхона ба доми ронандае афтоду ба хонаи вай рафт... Бе қайди никоҳ зан шуд. Баъд он шофирбача ӯро биронду аз паи духтари дигар шуд. Зани ҷавон ҳанӯз ҳам бо писараш чашмдор аст, шавҳараш ба назди ӯ боз меояд. Ҷавон баъди вай, духтари дигареро ба домаш фуровардааст, баъд духтари сеюмеро... Аҳли ҷамъият идораҳои дахлдор... ба фосиқи ноинсоф чи ҳам мегуфтанд! Ӯро бо милиса пешандоз карда ба хонаи занҳояш бурда нашавад...

Дигаре (аз Орҷоникидзеобод) бе қайди никоҳ зани ҷавони дилхоҳаш шуд. Акнун, бе қайди никоҳ ҳақи алиментталабӣ надорад. Ӯ ҳам шикоят дорад, ки ӯро фирефтанд.

Хоҳарони азиз! Шумо мактаб хондаед, китобу рӯзнома хонда, аз барномаҳои радиову телевизион огоҳед. Аммо рафтору кирдоратон ҳар як шахсро малул мекунад. Аввало, ба ҳар як ҷавони раҳгузар дил дода, ҳаёти худро шикастан беандешагист. Сониян, бе қайди никоҳ дар мамлакати мо заношӯии қонунӣ нест. Наход ки шумо қоидаю қонуни оддии зиндагиро надонед? Бе ақди никоҳ ҳамхобагӣ фаҳш аст, фоҳишагӣ аст, беномусист.

**Савол**: Ҷавонон ва духтарони ҳамоғӯшро дар сари роҳҳо, боғу гулгаштҳо шумо ҳам дучор кардаед. Аз ин хусус фикратон чист?

**Ҷавоб:** Ин тоифа ҷавонону духтарони бешарм, беномус фақат нафрати одамонро ба ишқу муҳаббат боло мекунанду бас. Ман ба ҷониби ин тоифа наменигарам. Аз духтари бадахлоқ нафратам меояд. Албатта, дар ҷамъият занону духтарони сабукпо ҳамеша будаанд ва минбаъд ҳам хоҳанд буд.

***1986***

# ЭЙ ДИДА, ИБРАТЕ!

Ҳеч аҷаб нест, ки таърихнависони фардо даврони моро ҳамчун айёмиривоҷи сафару саёҳатҳои мардумони олам ба қалам диҳанд. Дарвоқеъ имрӯз одамон дар ҳама дунё нисбат ба давру замонҳои гузашта бештар ҷаҳонгардӣ мекунанд. Мегӯянд, ки воридоти баъзе аз кишварҳои хушҳаво ва соҳиби осори атиқа асосан аз ҷайби сайёҳон аст. Дареғо, ки мамлакати мо ва мардуми мо ҳанӯз ҳам аз ин ҷодаи тамаддуни башарӣ дар канор мондаанд.

Сафару саёҳат барои инсони дидавар дунёи ибрат аст, як мактаби таъсирбардорӣ ва дарсу сабақи таҷаддуд аст. Аммо аз мутолиаи баъзе сафарномаҳои ҷаҳонгардон, ки дар маҷаллаву рӯзномаҳои мо ҳар замон интишор меёбад, маро гумоне мерасид, ки бисёре аз ин касон ба мулки дуре сафар кардаанд, вале шаҳру деҳи он диёрро бо чашмони пӯшида гузаштаанд. Дар ин чунин сафарномаҳо мо аксаран тасвири диёр, шаҳру хиёбонҳо, осори атиқа, тавозеҳи таърихию ҷуғрофӣ ва ё аҷоиботи роҳи сафар ё баёни хушку беранги онро мехонем. Ба ҳеч кас пинҳон нест, ки барои иншои чунин навъ сафарномаҳо ҳоҷати аз хонаи худ берун рафтан нест, аз рӯи қомусҳо ва китобҳои гуногуни доир ба он шаҳру кишвар ҳар як соҳибқалам мақолаи ғаррое иншо кардан метавонад.

Балки аз ҳамин сабаб аст, ки сафарноманависӣ дар адабиёти имрӯз мақому маъруфияти шоиста пайдо накард, чанд очерки хубу марғуб низ дар миёни селоби осори беҳуда ва камарзиш нопадид рафт.

Аммо чанд ҷиҳати шоистаи ибратомез, ки дар сафари Булғористон дар назари ман бархӯрд, рӯзу шабон тақозоям мекард, ки ба каф қалам бигирам ва дар ин саҳнаи бебарорӣ зӯрозмоие кунам.

Адиби москвагӣ Святослав Рыбас ва ин бандафақир дар рӯзҳои ҷашни адабиёти булғор, ки ҳар сол тирамоҳон дар он кишвар барпо мешавад ва аз мамлакатҳои

дуру наздик дӯстону ҳаводорони ин адабиёт ҷамъ мешаванд, ҳамчун вакилони Иттифоқи нависандагони СССР ширкат доштем.

Ба хоки файзбахши Булғористон қадам ниҳодему нахустин амале, ки дар назари ин фақири ибратпазир ҷолиби таваҷҷуҳ намуд, пас аз даҳ дувоздаҳ дақиқаи аз ҳавопаймо фуруд омадан бӯғҷомаву ҷомадонҳоро гирифтанамон буд. Ҳамон самолети тамғаи “Ту-154”-и Аэрофлот, ҳамон миқдор мусофирон, чунон ки аз Душанбе ба Маскав ё аз Маскав ба Душанбе мепаранд ва ҳар яке ҷомадоне дошт... Дар фурудгоҳи хеле камравуои Душанбе баъзан соатҳо ҷомадонҳои худро интизорӣ кашидани мусофиронро ба ёд меоварму баъзан ба худ мегӯям: “Агар барои мансабдорони мо дар аэропорти Душанбе гӯшаи алоҳида ба унвони “депутатский” тахсис намекарданд, балки корҳо ин қадар дӯлоб намебуд...”

Моро дар фурудгоҳи ҳавоии шаҳри София ба меҳрубонӣ истиқбол карданд, хайра мақдам гуфтанду сипас рост ба ҷониби вилояти Смоляни — минтақаи кӯҳистони Булғористон роҳ гирифтем. Смоляни аз София дар масофаи қариб сесад километр дар самти шарқ воқеъ афтодааст. Ин диёри саросар кӯҳсору бешазор фароғатгоҳи дилпазири на фақат аҳли Булғористон, балки ҳамчунон макони дилписанди бисёр сайёҳону истироҳатгоҳи мардумони кишварҳои хориҷӣ аст. Аз ин аст, ки дар кӯҳистони саросар бешазори ин ҷо меҳмонсароҳои бошукӯҳ сохтаанд, ки дорои кулли лавозимот ва василаи зисту фароғат аст. Барои лижатозӣ дарахтони баъзе минтақаро бурида, долони яхмолакбозӣ кушодаанд. Баъзе аз ин меҳмонсароҳо бемуҳобот аз меҳмонхонаҳои калонтарини пойтахти республикаи мо бузургтар ва шукӯҳмандтар буданд. Ҳунари меъморӣ ва хушсифатии сохти онҳоро намегӯед!

Роҳҳои аълои ин кӯҳсорон зимистону баҳор омили мошингардӣ аст. То ки мусофирон аз сангпарӣ эмин бошанд, самти болои роҳро симтӯр кашида, ҷониби поёни онро саросар монеаҳои устувори оҳанӣ кашиданд.

Дар ҷумҳурияти мо, ки нуфусаш кам не — қариб ними аҳолии Булғористон аст, ақаллан дар навбати аввал роҳи Варзоб ё Душанбею Комсомолободро ба ин минвол бехатар мекарданд, чи хуш буд! Охир дар замини Тоҷикистон нафақат бодирингу помидор ва ё тамокуи булғорӣ, балки гаронтарин зироати техникӣ — пахта мерӯяд!.. Сипас пули он ба куҷо меравад?! Ба деҳқон музди ночизе дода меситонему ба кӣ медиҳем?..

Шаҳри Смоляни дар оғуши кӯҳистон воқеъ афтода аст. Иморатҳои мӯҳташами онро меъморони ҳунарманди булғор хеле моҳирона дар камари талу теғаҳо ба муҳит мувофиқ пайвастаанд. Шаҳр майдони фарох надорад, аммо кӯчаҳои дилписанд ва биноҳои назаррабои он кам нест.

Чоруми октябр шомгоҳон дар ин шаҳри кӯҳбисоти осмонаш наздик оғози ҷашни адабиёти булғор барпо гашт. Дар майдони идгоҳи шаҳр, ки он ҳам чандон фарох набуд, вале монанди амфитеатрҳои дунёи қадим дар зинаҳои атрофи фарозу нишеб мардумони зиёдеро ҷо карда буд, он шаб чунон ҷашни пурсуруре барпо шуд, ки аз бозии чароғҳои рангоранг, аз фаввораи мушакҳои ситорабор, аз шеъру тарона, аз нағмаҳои рӯҳпарвару рақсҳои диловез ҳама мадҳуш буданд. Дар ин базми сухан ва суханварон аз кӯдакон то пирон — ҳама мардуми шаҳр иштирок доштанд.

Ҳар сол дар ин ҷашни адабиёт барои беҳтарин ҳикояву шеърҳо, повесту романҳои марғубтарине, ки писанди мардум гаштаанд ба адибон ҷоизаву тақдирномаҳо месупоранд. Дар ҷашни имсол низ як қатор адибони булғор ба подошҳои гуногун тақдир ёфтанд. Ман аз баъзе ҷавонони булғор, ки ҳамсӯҳбатам буданд, савол кардам, ки ба осори тақдирёфта чи баҳо медиҳанд ва дар ҷавоб шунидам: “Ҳамаи осори тақдирёфта аз китобҳои дилписанди мост, жюрии мо ба асарҳои хому беҳунарона мукофот намедиҳад... Вале баъзан шумо он осори хомро баргузида тарҷума мекунед...” Ман дар ҷавоби ин кинояи дӯстон хомӯш мондам. Чи гӯям, ки ҳақ ба ҷониби

гӯянда буд, воқеан ҳам, дар мо ин ҳол ончунон ривоҷ гирифтаст, ки ҳатто мукофотҳою ҷоизаҳои баландро баъзан ба адибони беҳунар, ба осори халтура медиҳем ва аз ин кори худ ҳаргиз хиҷолат намекашем...

Рӯзи дигар адибон ба гурӯҳҳо тақсим гашта ин ҷашни суханро ба шаҳру деҳи вилоят бурданд. Ману Святослав Рыбас, ба шаҳри маъданканони булғор — Маъдан рафтем. Чунон, ки аз номаш бармеояд, ин шаҳраки дилкушо маркази ин диёри маъданканони Булғористон аст.

Маъданканон ҳам барои беҳтарин осори адабии соли рафта ба адибон мукофоти худро тақдим карданд. Махсусан, осоре, ки аз ҳаёти маъданканон ҳикоят мекунад, дар навбати аввал тақдир ёфт. Яке аз тақдирёфтагон адибаи булғор Лилиана Михайлова 350 леви мукофоти худро ба хонаи маданияти шаҳрчаи маъданканон ҳадя кард, то ба он маблағ китоб харанд.

Чи дар деҳот ва чи дар шаҳрҳои хурду бузург ҳунари меъморони булғор қобили таваҷҷӯҳ аст. Аз ин лиҳоз дар деҳу ноҳияҳои мо ягон иморате, ки ба инсон диққати касро ба худ кашад, ба назар намехурад. Балки аз ин сабаб ки як нафар булғоре, ки ба ҳамин қарибиҳо Тоҷикистонро сафар кардааст, дар сӯҳбат ба ман мегуфт:

— Ман дар диёри шумо будам, мардуми тоҷик хеле камбағал ва бебизоат аст.

— Ба чи далел мардуми моро камбағал мегӯед? — боз пурсидам аз ӯ.

— Аз дараи хеле хушҳавои Варзоб гузар кардем, ки он дар қариби пойтахти шумо воқеъ аст, аммо дар он мавзеъ ягон виллаи назарраборо надидем...

Баъди анҷоми ҷашни адабиёт дар шаҳри София, дар толори кабуди Иттифоқи нависандагони Булғористон мулоқоти адибони булғор ва меҳмонони хориҷӣ баргузор буд. Адибони кишварҳои сосиалистӣ ва Юнони ҳамсояи Булғористон дар ин мулоқот сухан карданд, аз хусуси тарғиби адабиёти якдигар ва равобити адабӣ изҳори андеша доштанд. Шоири афғон Муҳаммад Розиқӣ Фонӣ, ки замоне дар Булғористон доири илми иқтисодиёт ас-

пирантураро гузашта будаст, ба забони булғорӣ суханронӣ кард ва як шеъри тозаи худро қироат кард, ки аз таъсири ҷашни сухан дар Смоляни бармеомад ва он мушакпарронихо ба ёди шоири афғон билошак наъраи тӯпҳо ва бомбаву автоматҳоро бедор карданаш як амри воқеӣ буд. Бо тақозои гурӯҳе аз дӯстони хориҷӣ ман он шеъри Фониро ба забони русӣ тарҷумаи таҳтуллафз кардам ва чанде шоирон ба тарҷумаи он пардохтанд.

Ман дар ин мулоқот аз боби тарҷума ва интишори осори адибони булғор дар Тоҷикистон батафсил сухан кардам ва гуфтам, ки имрӯзҳо тарҷумаи қиссаи адиби маъруфи Булғористон Йордан Милевро ба унвони “Ҷаноби чатрбардор” ба анҷом мерасонам. Сипас аз баёзи шуарои булғор “Соҳили заррин”, ки чанд сол муқаддам нашриёти “Ирфон” ба табъ расонда буд, шеъри шоираи шинохтаи булғор Благо Дмитрова “Зани танҳо”-ро ба тоҷикӣ қироат кардам, то ҳозирон ба оҳанги шеъри тоҷикӣ ошно бошанд.

Котиби Иттифоқи нависандагони Булғористон Николай Петев аз аҳли маҷлис дархост кард, ки ба ифтихори адибону ноширони тоҷик, ки адабиёти булғорро ба ин самимият ва муҳаббат тарғиб кардаанд, бори алоҳида кафкӯбӣ кунанд ва аз ин банда хоҳиш кард, ки сипосгузории аҳли адаби Булғористонро ба ҳамдиёрони худ бирасонам.

Пойтахти Булғористон — шаҳри София яке шаҳрҳои пурнуру босафо, шаҳри ҳунар, боғшаҳрест, ки аз дару девораш гул меборад. Мардумони ин диёр фақат дар сухан не, балки феълан гулпарастанд. Дар шаҳри София қариб балконе нест, ки тубакҳои гули оташин набошад, ҳатто берун аз шаҳр дар бӯстонсарои шаҳриён, ки миёни чаманзорон воқеъ афтодааст, дар айвону тирезаҳо тубакҳои гул буд ва пиру ҷавон бо шавқи тамом ба гулпарварӣ машғул буданд. Мисраъҳои диловези яке аз шоирони қадими тоҷик ба хотир мерасад, ки ҳазор сол қабл аз ин фармуда:

Гул неъматест ҳадя фиристода аз биҳишт.
Мардум каримтар шаванд андар наими гул.
Эй гулфурӯш, гул чи фурӯшӣ ба симу зар?
Аз гул азизтар чӣ ситонӣ ба симу гул?

Нуқтаи дигаре, ки гуфтанаш воҷиб менамояд, дар ҳама ҷо эҳсоси дурустию ростӣ ва аз аҳли инсофу виҷдон будани мардумони ин кишвари озода аст. Аз ҳамин аст, ки буфети ошхонаҳои Иттифоқи адибон ва Иттифоқи журналистонро шабу рӯз пуродам медидам. Аҳли қалам баъди кори рӯзона барои сохтани хӯроки шом дар хонаҳои худ вақт сарф накарда, дар ин ҷо хӯрок мехӯрданд, бо ҳамқаламон мулоқот доштанд, истироҳат мекарданд. Агар хӯрданиву ошомидании ошхонаҳои мо бемакру фиреб мебуд, бешак мо ҳам чунин имкон пайдо мекардем, бо якдигарӣ қаринтар мебудем.

Ҳар адиби тоҷик дар Булғористон меҳмони адиби шинохтаи ин сарзамин Йордан Милев хоҳад буд.

Йордан Милев борҳо Тоҷикистонро сафар кардааст, аз аҷоиботи сафараш китобе низ эҷод кардаст, ки он ба забони тоҷикӣ низ интишор ёфта. Ҳамсари хушгилу пурназокати ӯ хонум Йордана низ меҳмони диёри мо буда ва аз ин сафари худ хотироти рӯҳпарваре дорад.

Балки бар асари чунин дилбастагиҳо зану шавҳар иморати бӯстонсарои худро берун аз шаҳри София қисман ба тарзи меъмории шарқиён бино кардаанд: чаҳор гӯшаи боми онро чаҳор манорача зинат афзуда, яке аз дарвозаҳои он дарвозаи қалъаи қадими Ҳисорро мемонад.

Йордан Милев аз тарғиботгарони мумтози адабиёти форсу тоҷик аст. Рубоиёти Хайём дар тарҷумаи ӯ то ба имрӯз дар Булғористон якчанд бор ба нашр расидааст. Тарҷума ва нашри “Гулистон”-и Саъдӣ низ аз хидматҳои камназири ин адиби пуркор аст. Ба сабаби ин хидмати худ ӯ дар соли 1985 дар шаҳри Шероз дар ҷашни 800-солагии “Гулистон” -и безавол ширкат карда буд. Тарҷума ва нашри китоби ашъори Ҳофиз, китоби ашъори мунтахаби “Шуарои асрҳои миёнаи Машриқзамин” аз хид-

матҳои камназири Йордан Милев аст.

Дар матбуоти Булғористон намунаи ашъори шоирони тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ, Мӯъмин Қаноат, Қаҳҳорӣ, Гулрухсор ва дигарон ба тавассути тарҷумаи ин марди фозил борҳо интишор ёфтааст. Ӯро дар Булғористон ҳамчун адиби тарғиботгари адабиёти Шарқ, махсусан осори адабии мардумони эронинаҷод низ эътироф кардаанд.

Чаро адибони мо ба ин усул, ҳар яке ба омӯхтан ва тарғиби адабиёти ягон миллати дигар ихтисос пайдо намекунанд? Аз ин хусус бояд ки биандешем.

Бузургони мо гуфтаанд: “Ҳар дида, ки ибрате нагирад кӯр аст”. Дар сафари дӯстони булғор осору омоли ибратбахш барои ман хеле фаровон буд, доири кулли он диданиҳо ва шуниданиҳо сухан кардан метарсам, ки дар ҳадди як мақолаи рӯзномавӣ мушкил аст.

Рӯзи хайрбод бо дӯстони булғор ва обу хоки ин диёри пурфайз дар фурудгоҳи шаҳри София дӯсти бисёр азизи ман, адиби номвари Булғористон Йордан Милев ба шӯхӣ пурсид:

— Мебинам, ки кишвари мо ба ту хеле хуш омадааст. Мо ҷаҳд кардем, ба ту ҳама хушиҳову зебоиҳои диёри худро намоиш диҳем. Бешак, камбудиҳои мо кам нестанд...

— Мо ҳам меҳмонро бо чунин суханон гусел мекунем: “Ҳар он чи дар вайронаи мо бидидед, дар ободиҳо нагӯед”. Ҳамин тавр гуфтан мехостед?

— На, баръакс, ҳоло айёми бозсозист ва фошгӯиро машқ мекунем. Агар нуқсоне ё камбудие бидидӣ, бигӯ, то мо дониста бошем...

— Камбудӣ... Намедонам... Ҳама чиз барои ман ибратбахш буд. Фақат як чиз... мардуми Булғористон хеле бисёр тамоку мекашидаанд ва бештар қаҳва мехӯрдаанд... Охир, ту худ медонӣ, рӯзе бист дона сигор кашидан ва ё ду пиёла қаҳва хӯрдан барои бемори гипертония баъзан халокатовар аст.

— Дуруст ба мушоҳада гирифтаӣ, писару духтарони тамокукашро огоҳ кардан лозим, бояд мақолаҳо нависем

, ба воситаи радио ва телевизион фаҳмонем...

Маро аз дил мегузашт, ки ҷавонону наврасони нос-кашро мо ҳам бояд аз зиёну заҳмати ин заҳри беамон бояд ки сари вақт огоҳӣ диҳем.

Сипас Йордан хоҳиш кард, ки он шеъри дар маҷлисгоҳи Иттифоқи нависандагони Булғория хонда-амро барои ӯ бозхонам. Ман он шеъри халқиро байт-байт хонда, мазмунашро барои ӯ тарҷума кардам. Мухтасари он шеър ин аст:

Ғарибӣ кӯи сахт аст, эй бародар,
Ғарибонро накӯ дору маёзор!
Саҳаргоҳон дари хона кушодам,
Бидидам як ҷавоне хуфта бемор.
Сарашро бар сари зону ниҳодам.
Ҷабинашро бибӯсидам падарвор.
Бигуфтам: "Эй ҷавон, асл аз куҷоӣ?"
Бигуфто: "Асли ман аз шаҳри Булғор".
Агар афтад гузорат сӯи Булғор.
Магӯӣ мурданам зинҳор-зинҳор.
Ҳамон модар маро бо ноз парвард,
Падар баҳрам кашида ранҷи бисёр.
Бародар бишнавад, ғамнок гардад,
Бигиряд хоҳари мискини ман зор..."

Ғолибан, тоҷикон аз қадим бо мулки Булғор равобити тарафайн доштаанд, — гуфтам дар охир. — Агарчи бо ин ном диёри канори Волга низ маъруф аст, илова кардам.

— Бале, аҷдоди мову шумо ба воситаи Туркия робита доштаанд — гуфт Йордан.

— Бале, ибораи "кафши булғор" ҳанӯз ҳам дар осори лафзии мардуми тоҷик дучор меояд, ки онро таҳлил ва таҳқиқ бояд кард...

Сӯҳбати ҷонпарвари маро гӯё охир набуд...

***Душанбе — Москва — София,***
***октябри соли 1987***

# ХОКИ МЕҲРАНГЕЗ

Сарсабзии замини фарохдомани Ёвон аз орзуҳои ҷавонии ман ва ҳамсолони ман буд. Мо солҳо шайдои ин орзую омол кору эҷод доштем. Дар ҳошияи домани солҳои шастум диққати ҳар як марду зани тоҷик ба ин дашти синакабоб ва биёбони беоб ҷалб гашта буд: нақби ҳафтуним километрӣ ба субут расида, оби Вахш ба Ёвон меомад. Ман он солҳо дар идораи рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" кор мекардам ва метавон гуфт, аз боби кори нақбканон ва созандагони дигар иншооти обьёрӣ, аз интизории об ва иду тантанаи истиқболи оби Вахш дар дашти Ёвон барои ҷавонон хеле мақолаву репортажҳо интишор кардаам. Он солҳо тасвири Ёвон ва воқеаҳои он дар шеъру ҳикояҳои ман аксандоз гашта буд. Хитобан ба маҳбуби дилошӯб дар як шеъри худ навишта будам:

...Ман чу саҳро, гар ту ой
Ҳамчу оби сарди Вахш,
Дашти Ёвони туам ман, —
Босафову рӯҳбахш!..

Дирӯз ман боз қад-қади он каналҳои аввалин ва даҳони нақб, ки метросозони Москва дар пештоқи он соядасти худ — ҳарфи "М"-ро сабт карда буданд, гузаштам. Ҳоло замини ҳосилбахши Ёвон пеши назарҳо доман паҳн карда буд — саросар пахтазор...

Мо ба маркази фермаи Қайнама мерафтем. Сармое, ки имсол дар нисбати солҳои пеш қариб як моҳ барвақт ба сари диёри мо расид, ҳамаро ба як бор ба ташвиш афканд. Махсусан, чорводорон ингуна сармои шадидро чашмдошт набуданд. Ҳар сол дар чиллаи зимистон ҳам моли реза аз кӯҳу дашти Ёвон ғизои зарурӣ мегирифт, аммо барфҳои паёпайи зимистони бармаҳали имсол ҳунар ва матонати чорводоронро ҷиддан имтиҳон кард.

Мошини мо бо ду чархи қафо гоҳ ба чапу гоҳ ба

рост ғеҷида, аз рӯи роҳи яхи рӯяш саҳл обшуда ба сахтӣ мерафт. Рамаи молҳои реза аз ҳар тарафи кӯҳи Боботоғ ба поён фуруд меомаданд. Мо сабаби ба ҷониби бошишгоҳи марказӣ хамидани рамаро ҳар хел тахмин мезадем. Бинобар он, вақте, ки бо чорвопарварон мулоқӣ будем, аввалин саволи мо аз ин матлаб буд.

— Ҳаво сард мешавад, — гуфтанд чорводорон. — Ҳамин ки ҳаво сард шудан гирифт, чӯпонҳо рамаро аз кӯҳ ба поён меронанд.

Баъд кӯҳ-кӯҳ алафи хушк ва оғилу молхонаҳои барои зимистони чорво тахсис шударо дида, хотирҷамъ будем. Зимистон ҳар қадар қаттолояд ҳам, чорво талаф нахоҳад шуд. Аз сӯҳбати чӯпонҳои ғаюри Ёвон ҳамин оҳанг бармеояд. Аммо кӣ медонад, ҳақиқати ҳол чи гуна хоҳад буд. Албатта, агар рама моли хусусии чӯпон ё мудир бошад — гап дигар буд, ҳоҷати валвала ҳам не, “ҳа бош-ҳа бош” ҳам, “ҳой боракаллоҳ” ҳам...

...Мо бо чорводорон — хонандагони хеле серталаби худ гуфтугӯ доштем. Гоҳ онҳо навбати суханро мегирифтанду аз кору бори худ, аз талабу хоҳишҳои худ ба шоирону нависандагон, ҳунармандону оҳангсозон сухан мегуфтанд, гоҳе мо аз корҳои дар соли гузашта ба анҷом расида ва нақшаҳои тозаи худ сухан мекардем, аз навтарин эҷоди худ барои чӯпонон намунаҳо мехондем, ба савол ва пурсишҳои онон оид ба соҳаҳои гуногуни тамаддуни башарият ҷавоб медодем... Аммо сӯҳбат чандон қӯр намегирифт — чӯпонҳо хеле кам китоб мехонанд.

Ман ба рафиқони чорвопарвари ёвонӣ аз анҷоми повести нави худ “Агар вай мард мебуд...”, ки симои марказиаш аслан говдӯшдухтари ферма Занҷир аст, ки сонитар ба шаҳр рафта, атласбофиро омӯхт, ҳикоят кардам. Ин духтари покизаниҳод, аммо густох дар ҳама ҷо барои адлу ростӣ, покизагии инсон талош мекунад. Чӣ қадар мардони нопоку дағалбоз ӯро ба ҳазор оҳанг фирефтанӣ мешаванд, аммо дили софаш ҳамеша духтарро

ба роҳи дуруст ҳидоят месозад. Ин қисса аз муҳаббати асли ҷавонони айёми мо ва аз муҳаббатгадоёни даври мо, аз кору ҳунари ҳалол ва ҳирсу тамаъи безинҳор ҳикоят мекунад. Дар симои Занҷиру Довар ман ҷаҳд доштам симои одамони асили аёмамонро бо ҳама гуногунвазъиаш тасвир созам. Агарчи ин тоифа ба ҷурми он ки ҳунарвару ҳақиқатхоҳ буданд, виҷдону инсоф доштанд, аз дасти замон ва замондорон басо уқубатҳо кашиданд, лаънатзада гаштанду ҳақоратҳо диданд. Бюрократия бо дуздону ғоратгарони гуногунтоифа забон як карда зидди адлу инсоф, муқобили оқилу ҳунарварон қиём мекард...

Ана, дар чунин вазъият тоифае амин буданд, ки ҳама чизи дунёро ба пул харидан мешавад... Вале онҳо муҳаббати покиза ва бе олоишро харидан натавонистанд...

Муҳаббат гуногун аст: муҳаббати зан, муҳаббати фарзандон ва дигар пайвандон, муҳаббати молу сарват (агар онро ҳам муҳаббат гуфтан ҷоиз бошад?!). Ба ақидаи ман муҳаббати аз ҳама беғаш, соф ва муқаддастарин — муҳаббати хоки ватан, замини диёри азиз аст. Замини Ёвон — ҳамин гуна муҳаббати ҳар яки моро сазовор гардидааст. Бисёр мехоҳам одамон ин хокро азиз доранд. Замин бемуҳаббат ва бенавозиш мисли фарзанди инсон дилсахту бешафқат мегардад. Хоса, имрӯз замин, ки беҳисоб мондааст, ба дӯстдорӣ, муҳаббат ва навозиш мӯҳтоҷ аст.

Заводи кимёвӣ имрӯз қариб ними замини Ёвонро заҳрогин мекунад. Ба сад машаққат ҷумҳурияти камзамини Тоҷикистон як порча замини хушкро обёрӣ карду боз барои нобуд сохтани ин замини хуррам дар як гӯшаи он заводи кимёвӣ сохт. “Ба Тоҷикистони камзамин заводи кимёвӣ чӣ лозим буд?” ё худ “Чаро заводро дар байни кӯҳсори камзамин насохтанд?” мегӯянд имрӯз мардум.

Ман ҳам ин саволро аз раҳбарони ҷумҳурият пурсидан мехоҳам... аммо метарсам, ки дар ҷавоб аз онҳо боз як дуруғи коммунистиро мешунавему бас... ***1987***

# АЙЁМЕ, КИ ИНТИЗОРАШ БУДЕМ

Имрӯз калимаи бозсозӣ вирди забони пиру ҷавон аст. Аммо дар назари ман чунин меояд, ки ҳанӯз ҳам мо аз ин бобат бисёртар мегӯему камтар амал мекунем. Инчунин пургӯиҳо чи қадар ибтикору ташаббуси некро ба тахта кашиданаш маро ба ташвиш меоварад.

Боре аз деҳқони куҳансоле савол кардам, ки ӯ аз хусуси бозсозӣ чӣ медонад, дар ҷавоб мӯйсафед гуфт, ки ростию дурустӣ даркор аст, мамлакатдорӣ бе он намешавад. Сипас ӯ пайрави суханаш гуфт, ки аз давру замона аз замин то осмон сипосгузор аст, зеро фарзанди инсон хору зор не, ҳеҷ кас ба як лаб нон мӯҳтоҷӣ намекашад. “Ин давлати калон аст, бачаам, — мегуфт пирамард ба нишони шукргузорӣ сар ҷунбонда. — Нигаред, ягон сағирае ё маъюбе, пири бекасе ё дардманде дар кӯча афтода мондааст? Не...”

Ман аз хусуси суханони деҳқони кӯҳансол хеле андешидам ва тан гирифтам, ки ӯ ба решаи масъала менигарад. Аммо то ба кай мо бо шиками аз нон серу тани пӯшида қонеъ бошем?

Адабиёт ва адибони бо ҳунари худ содиқ ҳамеша дар ҳама гуна ҳолат, дар тамоми асру замонҳо ва тамоми ҳафтод соли таърихи баъди инқилоб ҳамдӯшу ҳамдарди мардумон будаанд, бо дурӯғ, бо даға, бо замонасозӣ, зидди муросою мадоро бо бюрократизм мубориза бурдаанд, агарчи аз муқовимати ошкоро аксаран меҳаросиданд.

Адиби ҳақиқӣ агар барои ҳар як китоби қадимаи ба оташ ё ба дарё афканда ва ё сутуни кандакории мадрасае, ки ба анбор табдил додаанд, чи миқдор ғуссаманд бошад, барои тағйири номи бостонии деҳае ё сохтмони корхонае дар васати замини киштзор ҳамон қадар изтироб кашида аст. Аммо бюрократ ба ҳоли чунин касон тамасхур менамуд, ӯ худро оқилу донишманд,

инсони равшанфикри давру замон мепиндошту дигаронро ба ҷаҳлу нодонӣ ва чандин гуноҳҳои дигар муттаҳам мекард.

Чӣ расида, ки имрӯз деҳқони тоҷик аз деҳа ба шаҳр омада, аз бозор бо нархи гарон гӯшт, тухми мурғ, себу гелос, картошкаю сабзӣ мехарад? Ин ҳол солҳост, ки қарори ороми маро бурдааст.

Дар сухан ба замин чи коштанашро гӯё деҳқон худаш муқаррар мекунад, аммо маҷбур аст, ҳар сол марғзореро барҳам диҳаду киштзорро афзояд, агарчи ему алаф надорад, саршумори чорворо кам накунад, худ рафта аз бозор меваю сабзавот харад, аммо барои магазину намоишгоҳҳои марказӣ аз бозор бо нархи гарон тармеваю хушкмева харида “обрӯи” республикаи офтобии худро боло созад.

Ба қарибӣ дар бозори “Баракат”-и пойтахт рӯзи ярмарка совхозе чанд кило писта фурӯхт. Ман аз фурӯшандагон савол кардам, ки чаро листаро кам овардаанд, дар ҷавоб гуфтанд, ки аз бозор килояшро ҳашт сӯмӣ харида, дуним сӯмӣ фурӯхтем.

Киштукори яксону якранг ба тадриҷ на фақат ба иқтисодиёт ва маънавиёти халқу ватани моро сахт осеб расонданд, балки вазъи экологии минтақаҳои бузургро хароб сохтаанд, замину об, ҳаво ва оламинабототро зарарҳое расонданд, ки ислоҳи он чандон кори саҳл нест.

Инчунин усли ҳозирбинӣ сабаб буд, ки дар киштизорҳои Осиёи Миёна ба ҳар як гектар замини корам соле 400 то 600 кило нурии маъданӣ пошида шудааст! Ҳол он ки дар минтақаҳои дигари мамлакати мо андозаи миёнаи он ба ҳар гектари киштзор на бештар аз 30 кило аст! Агар ба ҳар гектар замини минтақаҳои дигар соле ба қадри 1-2 кило заҳрҳои кимиёӣ афтад, ба киштзорони камобу тафсони мо соле 34,4 килогӣ моддаҳои заҳрогин пошидаанд. Бахши асосии ин

моддаҳоро обу хок дар муддати як асри тамом ҳам ҳазм кардан наметавонад.

Оқибатҳои нохуши киштукори бешууронаи имрӯз бараъло зуҳур намояд ҳам, ба баъзе раҳбарони ба тарзи кӯҳнаи коргузорӣ сахт вомонда сабақ намешавад. Шиори ин касон "то табар омадан кунда осуда аст" айни ҳамон мақол аст, ки худбинон гуфтаанд: "Гӯр сӯзаду деги қаландар ҷӯшад".

Дарвоқеъ, баъзе аз раҳбаладони зироату молдорӣ ҳанӯз ҳам сармасти рапортҳову тантанаҳои иҷрои плонҳо ҳеҷ намебинанд, ки кӯдакони деҳоти пахтазор аксаран ба дарди зарпарвин мубтало гаштаанд ва баъзе на як ду бору ду бор...

Маҷаллаи "Наука и жизнь" чанде қабл аз ин дар як мақолааш оварда буд, ки минтақаҳои ҳамагӣ чоряк аср муқаддам аз ин ободу хуррами Саҳрои Кабир бар асари деҳқонии бешуурона ва харобкориҳои ислоҳнопазир имрӯз ба регзорони дур аз нишони ҳаёт табдил гаштаанд. Мардумоне, ки дар он ҷойҳо зиндагӣ мекардаанду ба худ ризқу рӯзӣ пайдо менамудаанд, азбаски хилофи қонуну қоидаҳои табиат амал кардаанд, барои ин нописандии худ талафоти азим бидодаанд.

Магар имрӯз қариб нима хушкидани баҳри Арал замоне ба сари мо чунин нохушиҳо намеоварад? Бино ба шаҳодати мутахассисон ҳоло тобистони мо ҳамвора гармтар мешавад. Ба ғайр аз ин, муайян кардаанд, ки бодҳои сарсарӣ ҳар сол аз ҷониби Арал 75 милён тонна намакро рӯ ба ҷануб парешон мекунанд.

Ҳоло аз ваҷҳи экология — ғамхорӣ ва муҳофизати табиат бисёр сухан мегӯему камтар амал мекунем. Чаро? Ба фикрам, он касоне, ки боист бетаъхир амал кунанд, ҳанӯз аз идроки ин хатари ҳамагир фориғанд. Чунон ки файласуфе гуфтааст, гиристану хандидан суде намебахшад, боист, ки идрок кард. Хоса, онҳое, ки дар сари фармонанд, бояд ки қобили идроки амиқ бошанд.

Тафовути гуфтор аз кирдор солҳои охир дар ҷамъияти мо ба ботлоқи ҷимҷимае табдил ёфт, ки дар он бисёр қобилият, афкори равшан, ташаббус ва азми неки одамони фикрашон тунд фурӯ монд.

Имрӯз аксар аз он норозием, ки ҷавонони мо ба кӯи худбинию худпарастӣ афтодаанд, на ба гузашта эътиқод ва на ба оянда эътимод доранд, шахсони бемаслаканд, дар нисбати китоби гаронбаҳое ягон ашё ва ё сару либоси хориҷиро авло мешуморанд, ба кору бор ва ташвишу тараддуд, орзую омоли мардуми диёр бепарвоянд... Сабаби ин вазъи нохушро ман пеш аз ҳама аз он медонам, ки дар ҷамъият тавофути гуфтор аз кирдор афзуд ва ин амал расм гашт, маъмул шуд, барои дурӯғу фиреб ва демагогия хиҷолаткашӣ ва ҷавобгарӣ аз миён рафт.

Боре ба атроф нигаред: дар мактаб фарзандони кӣ дар нисбати дигарон либосҳои гуногуну гаронбаҳо мепӯшанду харҷи бемалол доранд? Гумонатон фарзандони олими номвару адиби ҳунарвар ё инҷинери кашфиётоваре? Не, баръакс, фарзандони касоне, ки аз ҳунар ва истеъдод сирф бебаҳраанду бо ҳаромхурию ришваситонӣ ба халқу давлати мо солҳост, ки зиёну заҳмати бекарон мерасонанд. Маҳз, чунин тоифа бо зиндагии мӯҳташами худ ба ҷавонони мо таъсири нохуш мерасонанд ва кулли он шарофатеро, ки аз мактаб, тарбия ва китобҳо мерасад, ҳеҷу пуч мекунанд. Бачаҳо ҳозирбинанд, оқибати сиёҳ ва маъшуми ин қабил касонро пешбинӣ кардан наметавонанд.

Якчанд сол қабл аз ин ман дар ҳамсоягии шахсе мезистам, ки ҳашт ё нӯҳ фарзанд дошт. Писаронаш ҳама аз синни 12-13 солагӣ дар қайди милисия афтода,训 хархашаи ӯро бо муаллимони мактаб ҳеҷ поён набуд. Писарони вай баъди ба синни балоғат расидан ҳам бо қонуну қоидаи ҷамъияти мо чандон созгорӣ ва мувофиқат надоштанд. Падари ин бачаҳо раҳбари як идораи сернуфусе буд. Рӯзе ман дар ҷавоби шикояташ аз фарзандон, аз ӯ пурсидам:

— Ҳамсоя, шумо дар хона китоб доред? Китоби бадеъ? Китобе, ки мо — нависандагон менависем?

Вай сараввал матлаби маро нафаҳмида дар тааҷҷуб ба рӯи ман нигарист ва сипас ҷиддияти саволи маро идрок карду ба як навъ нотаъин зери лаб гуфт:

— Аниқ намедонам, ки китоби нависанда боша ё не, аммо китоби дарсӣ ҳастай...

— Аз ваҷҳи тарбияи фарзандон савол кардеду пурсидам, — гуфтам ба ӯ маъзаратомез. — Дар шаҳр фарзандони хонаводаҳои бамаъниро асосан китоб тарбиятгар аст. Ҳамин ки ба китобхонӣ шавқи бачаро бедор кардеду пасу пешашро аз китобҳои гуногун пур кардед, дигар аз ваҷҳи тарбия хотирҷамъ бошед...

Маро ҳайронӣ аз он аст, ки дар солҳои рукуд ва шахмонӣ шахсони камхирад ва каммаърифати ба ном зиёӣ бештар ба корҳои сарварӣ ва раҳбаладӣ ноил гаштанд. Онҳое, ки аз ӯҳдаи вазифаи аввалиндараҷаи инсонӣ — тарбияи фарзанди солеҳ намебароянд, чи гуна ба ҷамъият раҳбалад хоҳанд буд?! Боиси хеле аз нобарориҳои имрӯзи ҷамъиятро ман дар интихоби носараи кадрҳо мебинам.

Айёми охир доири инсонпарварию башардӯстӣ ва ватанхоҳӣ бисёр сухан мегӯем ва гумон аст, ки дар ин арса бо шиору хитоба ва суханони баланду дабдабаомез мурод ҳосил ояд. Аввало, сухани бисёр қимати ҳар як кори савобро коста, эътибори онро аз миён мебарад. Дар ин ҷода сухан камтар гуфта, бештар амал бояд кард, ибрат бояд зоҳир намуд.

Дарвоқеъ, аз ин хусус ҳар чӣ гӯему нагӯем, маро ҳеҷ бовар намеояд, ки чи гуна инсоне, ки модари худро сидқан дӯстдор нест, модари дигаронро ба ҷон ҳурмату эҳтиром кунад.

Ҳамчунон мардуми ломакон, онҳое, ки ба деҳаи зодгоҳи худ меҳри фарзандӣ ва риштаи пайванде надоранд ва бо номи он чи дар ҳузури фарзандон ва чи дар

назди оламиён ифтихор намесозанд, чи гуна дар дилу ҷон меҳри ватани бузургро бипарваранд?! Ватан барои ҳар як инсон аз шаҳру деҳи ӯ, аз кулбаи падару аз домони модар оғоз меёбад.

Ин ҳам гуфтанист, ки солҳои охир дар республикаи мо ба программаи таълими мактабиён фанҳои нав дохил карда, аксаран дарси таърих ва адабиётро мухтасар сохтанд. Бачагон таърихи пурифтихори диёри худро наомӯхтаву надониста чи сон ватандӯст хоҳанд шуд?! Донистани таърихи кишварҳои гуногуни олам илм аст, аммо донистани таърихи аҷдоди худ ва диёри худ, ба ҷуз илм, боз омили муҳимми тарбия аст. Ватанхоҳиро ба ҳар гуна суханони абстракт ба дилҳо ҷо кардан номумкин аст. Дар мактабҳо вазъи омӯхтани фанҳои адабиёт ва таърихро, хусусан, таърихи Тоҷикистонро ҷиддан беҳтар кардан лозим аст.

Дар мактаб соати омӯзиши ин фанҳоро кам карда мо нафақат сафи ҷавонони кӯрсаводро меафзоем, балки гражданинҳои беҳис, бешафқату бевиҷдон, ба неку бад бефарқро ба камол мерасонем. Магар он нигилистоне, ки маданият, таърих ва забону адабиёти халқи худро эътироф надоранд, башардӯсти ҳақиқӣ ва интернасионалисти устувор ва мустақим буда метавонанд?! Ҳаргиз. Яке аз адибони равшанфикр ва дорои маданияти баланди рус Константин Паустовский аз ин ваҷҳ навиштааст: “Аз рӯи муносибати ҳар як инсон ба забони модариаш дараҷаи маърифат ва қимати инсонии ӯро метавон бехато таъин намуд. Муҳаббати ҳақиқӣ ба ватан бе меҳри забони модарӣ вуҷуд надорад. Инсоне, ки дӯстдори забони модарии худ нест, ваҳшӣ аст. Ӯ фарди табиатан зарарнокест, зеро ба забони худ беэҳтиромӣ далели он аст, ки вай ба гузашта, имрӯз ва фардои қавми худ комилан бепарво аст”.

Аз ин ваҷҳ онҳое, ки дар маҷлисҳо ҳангоми ба забони модарии худ сухан кардани одамон ба онҳо мамониат

мекунанд ё ариза ва ё дархости онҳоро ба забони тоҷикӣ қабул надоранд, дар дилҳо ҳисси нохуши миллатчигиро ба вуҷуд меоваранд. Бигзор, ҳар як инсон бо миллати худ ва забони худ ифтихор кунад. Зиёда аз он, ин ҳуқуқро ба одами советӣ Конститутсияи СССР қонун кардааст.

Бараҳнагӯӣ ва ошкорамалӣ як навъ василаи даҳанкалонӣ ва зинатафзоӣ нест, барои он нест, ки мо дар назди бегонагон мӯҳташамтар ҷилва кунем. Ҳамчунон вай на барои он зарур аст, ки бе ин амал ахлоқ ва маънавиёти ҷамъият хароб хоҳад гашт. Ошкорамалӣ ва кушодагӯӣ боз барои он ҳам моро зарур аст, ки бе муқоиса ва мусобиқаи фикру ақидаҳои гуногун, бе ҷустуҷӯ ва интихоби афкору ақидаҳои мухталиф равнақи иқтисодиёт, илм, истеҳсолот қатъиян номумкин аст. Агар ошкорамалӣ ва кушодагӯӣ нест, дар ҷамъият рукуд ва шахшавӣ ба амал пайваста, равнақи бардурӯғ пардапӯши ҳама нуқсон хоҳад шуд. Агар мо ошкорамалӣ ва кушодагӯиро дар ҷамъият расм мекардем, на фоҷиаи Чернобил ба вуқӯъ меомаду на ҳодисаи дилхароши Саргазон.

Фошгӯӣ фақат доири вазъи ҳаёти имрӯз маълумоту санадҳои ҳаққонӣ овардан нест, балки аз ваҷҳи хатоҳои айёми гузашта ҳақиқатро гуфтанро тақозо мекунад. Бо гуноҳи киҳо, бо амри “қатъии” кӣ харобкорӣ ва зараррасонӣ рӯй дод, фошофош бояд гӯем. Вагарна қадаме, ки пеш ниҳодаем боз ба қафо мераваду мутлақинонӣ, беҷавобгарӣ, худбинӣ аз нав ривоҷ меёбад.

Ҳоло баъзе касон “коҳи кӯҳнаро бод додан чи лозим” мегӯянд. Ин коҳи пӯсидаю бадбӯйро бод додан зарур аст. Мақсад аз он ба маърази ҷазо кашидани мурдагон не, балки зиндагонро огоҳ кардан аст. Догма ва бюрократия ин қадар сол аз куҷо ва чи гуна ғизо гирифт, донистани мо ва авлоди мо зарур аст. Онро надониста имрӯзро дуруст идрок кардан муҳол аст ва тарҳи фардоро ба дурустӣ возеҳ дар тасаввур овардану ба нақша гирифтан натавон.

Хулоса, аз ин саҳви фоҷиаомези ҷамъиятӣ сабақе набардоштан далели он аст, ки мо гаштаю баргашта ба ин санг пешпо мехурем.

Ногуфта набошад, ки ҳуқуқҳои демократиро фақат дар ҳудуди корхона ё колхоз ҷорӣ кардан ҳам як навъ демократиябозӣ асту бас. Барои солимии маънавӣ ва ислоҳи бисёр ҷиҳатҳои маъюби ҷамъият демократияе, ки аз поён то боло қатъию устувор ва амалӣ бошад, зарур аст. Бе он ҷамъияти моро футури бузург хоҳад расид.

Бозсозиро бо гуфтани ними ҳақиқат ва корбандиҳои намоишкорона маҳдуд кардан аломати он аст, ки бюрократизм ба ин амри савоб муқобилият дорад. Дарвоқеъ, ҳоло фақат бюрократ умедвор аст, ки валвалаи бозсозӣ ҳам монанди дигар чораҷӯиҳои мавсимӣ даргузар аст... Аммо ҳамаи аҳли заҳмат, мардумони равшанзамиру покният умедворанд, ки ин ташаббуси наҷиб дар нимароҳ нахоҳад монд. Ҷамъияти мо бояд аз дурӯғу норостиҳо, пардапӯшиҳое, ки дар паноҳи он қаллобону бюрократҳои гуногуннусха далер амал мекунанд, наҷот ёбад.

Аз ин ҷиҳат бозсозӣ ба ҷараёни табиӣ ва равнақи воқеӣ ворид омадани ҷамъият аст, ки онро ҳамаи аҳли заҳмат — одамони поктинат интизор буданд.

***1987***

# ДИДУ ВОДИДЕ МУБОРАК

Ба шарофати бозсозӣ ва шикасти даврони карахтию ҳақношиносиҳо равобити маданиву маънавии ду республикаи ҳамсоя Тоҷикистон ва Ӯзбекистон имрӯз бештар аз ҳамеша рӯ ба таҷаддуд овардаст. Солҳои охир бисёр адибону ҳунарварони Ӯзбекистон дар Тоҷикистон меҳмон буданд ва бо ҳаводорони худ имкони мулоқот доштанд ва адибони тоҷик ҳам борҳо меҳмони мардуми тоҷики Ӯзбекистон гаштанд.

Рӯзҳои адабиёти тоҷик дар шаҳри Самарқанд, ки аз бисту сеюм то бисту ҳаштуми ноябрмоҳи соли 1988 ҷория идома дошт, давоми ҳамин чораҷӯиҳои айёми бозсозӣ буданд.

Мо — як гурӯҳ адибони тоҷик — Убайд Раҷаб, Ҷӯра Бақозода, Абдураҳмон Абдуманнонов, Сафармуҳаммади Айюбӣ ва ин бандаи фақир бо даъвати шӯъбаи Иттифоқи нависандагон Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд меҳмони ҳаводорони адабиёт будем.

Самарқанд маркази давлати Суғди бостонӣ, шаҳри таърих, осорхонаи Шарқи куҳан, шаҳри фазлу ҳунар, гулбоғи муҳаббату дилҷӯиҳо, саҳнаи диловариҳои ниёгон аст. Аҳли маънӣ чи дар гузашта ва чи имрӯз иқроранд, ки дар қаламрави Аҷам лашкари Қутайба фақат дар остони Бухоро ба мамониати ҷиддӣ дучор гашта ва фақат мардуми Самарқанд “дар напазируфтани бегонагон ҷонбозиҳо кардаанд.” (“Таъбири Маликушшуаро Муҳаммад Тақии Баҳор”).

Бунёди тамаддуни мардуми эрониназод аз Бухоро ва Самарқанд сар кашидааст. Дар садаи ҳаштуми милод, замоне ки дар ин ду хуррамшаҳр забону адабиёт ва илму фарҳанги тоҷик сарсабзӣ гирифт, ҳанӯз дар шаҳру вилояти дигари Осиёи Миёна, Эрон ва Афғонистони имрӯз сукути гарон ва хомӯшии мутлақ ҳукмрон буд. Абулянбағӣ аз нахустин шоиронест, ки дар садаи ҳаштум ба

форсию тоҷикӣ дар васфи Самарқанд шеър гуфта ва он байтҳо то ба замони мо расидаст.

Самарқанд қандманд,
Базинат кӣ афканд?
Аз Чоч то биҳӣ,
Ҳамиша ту зиҳӣ.

Агар осори илмию адабии фарзандони ин модаршаҳри Машриқзаминро дар тӯли ҳазор сол ҷамъ оварем, бе ҳеҷ муболаға китобхонае комил оростан метавон. Дар ин муддати мадиде, ки мардумони ин диёр ба илму адабиёт машғул буданд, таърих ёд надорад, ки дар ин шаҳр китобе бадеъ ба шеваи туркӣ ё муғулӣ эҷод гашта бошад, илло қиссаи лашкаркашиҳои харобиовари Темури чиғатойӣ ва ворисони ӯ дар асрҳои сонӣ.

Мо — намояндагони адабиёти тоҷик ин ҳама таърихи куҳнаро пеши назар меовардему ҳар лаҳза эҳсос мекардем, ки дар рӯ ба рӯ ин таърихи шукӯҳманд, дар ҳузури ворисони он бузургони суғдизабон сухан гуфтан осон нест.

Ману Ҷӯра Бақозода агарчи зодаю парвардаи обу хоки шаҳру вилояти Самарқанд будем, солҳост, ки дур аз канори он монда ва дар сари ҳар қадам қарзи фарзандӣ ба ёд меовардем.

Эй Самарқанди кuҳан, назди ту ҳастам қарздор,
Қарздорам пеши ҳар як куҳнахиштат дар ҳаёт,
Қарздорам пеши пирони ту, эй хуррамдиёр,
Қарздорам пеши ҳусни духтарони дилработ.

Дар назари аввал маро чунин менамуд, ки фақат бахше аз зиёиёни Самарқанд ба адабиёт ва ҳунару санъати тоҷикон сахт дилбастагӣ доранд. Аммо мулоқоти мо бо мардумони оддӣ дар корхонаҳо, чойхонаҳо, мактабҳо ва донишгоҳҳо собит кард, ки ин одамон ҳама ташнаи каломи фасеҳи тоҷикӣ, шеъру тарона қиссаю ҳикоёти адибони тоҷиканд. Дар ҳама ҷо мардум аз мо савол мекарданд:

— Чаро китоби тоҷикӣ ноёб аст?

Дар корхонаҳои шаҳр занону духтарон гаштаю баргашта пурсон буданд:

— Китобҳои адибони тоҷикиро аз куҷо ёфтан мумкин аст?

Ягона дӯкони китобҳои тоҷикӣ, ки идораи “Тоҷиккитоб”-и Тоҷикистон вазифадор аст онро бо китоб таъмин созад, чандон китоби зиёд надошт. Ва гуфтанд, ки мо дӯконро дар овони хеле фаровониаш мебинем. Идораи “Тоҷиккитоб” ба муносибати рӯзҳои адабиёти тоҷик аз Душанбе ба шаҳри Самарқанд як контейнер китоб фиристодааст. Дар он миён 36 нусха китоби имсол ба табъ расидаи ман “Агар вай мард мебуд...” низ будааст. Барои як шаҳре, ки имрӯз қариб ним миллион тоҷикон дар он маскунанд, ҳамагӣ — 36 нусха!

Ман китоби худро дар дӯконҳои шаҳри Душанбе ва музофоти Тоҷикистон низ пайдо карда наметавонам. Аммо адади нашри китоби ман аз даҳ-дувоздаҳ ҳазор ҳеҷ боло намеравад, ки намеравад. Намедонам, китоби нави он адибоне, ки дар дӯконҳо баъзан се-чор номгӯй китобҳояшон солҳо бехаридор мондааст, чигуна тиражи зиёд мегирад. Дар ин миён чи сирест, ки касе равшан эзоҳ додан наметавонад.

Мудири дӯкони китобҳои тоҷикӣ дар шаҳри Самарқанд Алишер ба мо гуфт:

— Китобҳои нағз, — осори классикон ва адибони имрӯзи тоҷикро, агар ду ҳазор нусха диҳанд ҳам, дар Самарқанд ба фурӯш меравад...

Сонитар директори нашриёти тозаасоси мо “Адиб” Анора Остонова, ки дар касби ноширӣ аз бисёр пастию баландиҳо огоҳӣ дорад, дар ҷавоби саволи мо гуфт:

— Афзудани адади нашри китобҳо на фақат ба манфиати мардум аст, балки вазъи нашриёти моро низ беҳтар мекунад.

Сипас монеа дар куҷост?

Намедонам, дар Комитети давлатӣ оид ба нашриёт, полиграфия ва савдои китоб аз ин хусус ҳоло чи мегӯянд. То ба ин қарибиҳо намояндагони савдои китоб мегуфтанд, ки адади нашрро аз рӯи талаби дӯконҳои китобфурӯшии республика муқаррар мекунанд. Баъди таҳқиқ ва таҳлили рӯзноманигор Н.Асадуллоев ба ҳама маълум гашт, ки ин даъвии онон дурӯғи маҳз будаст...

Ошноӣ бо китобдӯстони ҳақиқӣ ҳамеша маро хушнуд мекунад. Дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон китобдӯстон бисёранд. Баъзе аз ин китобдӯстон худ китобхонони ҳақиқианд, зиёиёни соҳибмаърифатанд ва аз сари сидқ дари китобхонаи худро барои мардумон кушодаанд. Баъзе аз онҳо ташвиқу тарғиби китобро моҳирона адо мекунанд. Аммо дар миёни ин тӯда ман китобдӯстонеро низ дучор кардаам, ки хеле китоб ғун кардаанд, ҳатто дари китобхонаи худро барои ҳамдеҳагон кушодаанд, аммо худ китоб намехонанд, аз илму адабиёти имрӯз фарсаххо дур мондаанд. Касе, ки худ китоб намехонад, чигуна дигаронро ба китобхонӣ ташвиқ мекунад, валлоҳ, ки дар тасаввур овардан наметавонам.

Ин ҳама гандумнамоёнро дидаву озмуда баъзан орзуманд будам:

— Кай бошад ки коргару деҳқони мо монанди намояндагони дигар миллатҳои мутамаддин китобхон мешаванд? Бо онҳо чун шахси дар донишу фаҳмиш баробар сӯҳбат кардан кай насиб мешавад?

Дар шаҳри Самарқанд ошноӣ бо чунин як ҷавонмарди китобдӯст маро бениҳоят хушнуд сохт. Коргари оддӣ Шамсиддин Саъдиев ҳамон шахсе буд, ки ман солҳо орзумандаш будам. Дар рафи китобхонаи ӯ аллакай ҳашт ҷилди “Энциклопедияи советии тоҷик”, ду ҷилди “Ғиёс-ул-луғот”, шумораҳои охирини “Наука и жизнь”, “Садои Шарқ” ва ғайра китобу маҷаллаҳои тоҷикию русиро дида, сараввал ҳеҷ бовар намеомад, ки ӯ коргари оддӣ аст.

— Бовар кунед, ман коргари оддиам, — мегуфт вай

як навъ хиҷолатомез табассум намуда. — Аз касбу кори худ розиям. Китоби бадеъ ҳам ба коргар ва ҳам ба муаллиму олим баробар зарур аст. Маданияту маърифат ба ҳама даркор.

— Дар муҳити ин қадар китоб ман аминам фарзандони шумо одамони саодатманд хоҳанд гашт, — гуфтам ман дасти ӯро фишурда.

Мошини мо бонг дарзада аз миёни пиёдагардон мегузашту ба майдони дар таърих машҳури Регистон мебаромад. Солҳои охир ин майдони мӯҳташами бостонӣ ба нестӣ расидааст, ки ин амали носавобро авлоди фардо бар имрӯзиён нахоҳанд бахшид. Охир, Регистон майдони асосии Самарқанд, оинаи фасоҳату назокати он буд... Мошини мо ба Регистон мебаромад, ки ҷавонмарде дар даст як варақ коғаз имдодталабон ба рӯи капоти мошин даст заду аз роҳамон боздошт.

— Ҳой, чӣ гап? Тинҷӣ охир? — пурсид Фаррух, — додари мунаққид Ҷӯра Бақозода, ки дар сари фармони мошин буд.

— Меҳмонони тоҷикистонӣ шумоед? — савол кард он ҷавонмард аз дарича ба рӯи ҳар якеи мо ягон-ягон нигариста.

— Не, — гуфт Фаррух аз эҳтиёт. Сипас боз пурсид:
— Ба меҳмонон чи гап доред?

— Меҳмонон шумоед... Ман мешиносам... Гӯш кунед, ман арз дорам: дар колхози мо, — колхози “Комсомол”-и райони Самарқанд ҳама тоҷиконанд, дигар миллатҳо нестанд, ҳама — тоҷик... — такрор мекард вай. — Аммо ду боғчаи кӯдакон дорем, ҳар ду ҳам ба забони ӯзбекӣ. Кӯдакони моро “сув” гӯед, намефаҳманд, “об те” гӯён гиря мекунанд. Мо ҳама талаб дорем, ки боғчаи кӯдакони моро тоҷикӣ кунанд, аммо Визирова ном дар Районо сахт муқобил аст, талаби моро ба инобат намегирад...

Мо аз дасти ҷавонмарди ҳақталош аризаашро гирифтему ба роҳамон давом кардем. Баъдтар, рӯзи мулоқот бо роҳбарони шаҳри Самарқанд воқеаро гуфта, додрасӣ талаб доштем. Умедворам, ки ин талаби деҳқонон инобат хоҳад шуд. Охир, фарзандони тоҷиконро маҷбуран ба забони дигар сухан омӯхтан аз маданияти инсонӣ набуданашро бояд ки роҳбарони маориф низ донанд. Зӯроварӣ дар чи шакле зуҳур насозад, аломати барбарманишӣ буданашро пеш аз ҳама аҳли маориф медонанд ва аз ин боб ба авлодон дарс мегӯянд.

Якчанд сол аз ин пештар маро тасодуф афтода буд, ки як нафар адиби туркманро, ки дар анҷумани адибони тоҷик ширкат меварзид, ба сӯи Ҷиликӯл ба сӯи он мавзеи Тоҷикистон, ки дар он ҷо туркманҳо маскунанд, ҳамсафар бошам. Баъди ин сафар, ба гумонам, ҳар меҳмоне аз Туркманистон ба диёри мо ояд, даставвал ба хонаи ман занг мезанад, то ӯро ба ҷониби колхози туркманҳо раҳбаладӣ кунам. Аммо мо — зиёиёни тоҷик ба тоҷиконе, ки имрӯз аз ҳудуди республика берун афтодаанд, камтар ғамхорӣ ва сарпарастӣ зоҳир мекунем.

Агар шаҳри Самарқанд имрӯз шашсад ҳазор нуфус дошта бошад, бино ба қавли ҳолдонҳо, ҳаштод-навад фоизи ин аҳолӣ тоҷиконанд. Яъне то ба имрӯз қариб ним милюн мардуми тоҷик аз тамошои барномаҳои телевизиони Душанбе маҳрум монданаш магар дар ҳақи ҳамзабонону ҳамнаҷодон хиёнат нест?! Ҳуқуқи тоҷикони атрофу акноф ва музофотро чаро инобат намекунем? Гуфтанд, ки баъзе хонаводаҳои самарқандиён ба нархи гарон бошад ҳам, антеннаҳои махсус сохта барномаи телевизиони Душанберо тамошо мекунанд. Аммо ҳунар ва мазмуни намоишҳо онҳоро қонеъ накардаст. Дар воқеъ, аз ин бобат барномаҳои телевизиони Тоҷикистон бо телевизиони Маскав ва Тошканд сабқат намекунад. Ин ҳол ҳам ба зарари фарҳангу маданияти мост. Адабиёти мо аз адабиёти рус ва узбек камӣ надорад. Сипас чаро журна-

листикаи мо қафо мондаст?

Биеём ба сари матлаби асосӣ.

Тоҷикони шаҳру вилояти Самарқанд алҳол нашрияи худро надоранд. Ин қадар аҳолӣ бе рӯзномаву маҷалла! Дар чунин айём агарчи ин гуфта аз ҳақиқат дур ҷилва мекунад, аммо санадест сотеъ ва далелест — қотеъ. Аз ин хусус бисёр рафиқон маро савол мекарданд, агарчи нек медонистанд, ки ин корҳо аз доираи амали адибон берун аст. Мегӯянд, ки идораҳои ба ин корҳо дахлдори ҷумҳурияти Ӯзбекистон чораҷӯие доранд. Бешак, чунин иқдом дар ин айём ба манфиати ҳар ду миллати ҳамсоя хоҳад буд.

Самарқандиён матбуоти Тоҷикистонро сари вақт намегиранд. Бисёр рӯзномаҳо баъди ду-се рӯз ба дасти обуначиён мерасад ва дар дӯконҳо ҳам ба ҳамин минвол ба таъхир пайдо мешавад. Шоири самарқандӣ Акбар Пирӯзӣ аз ин хусус мегуфт:

— Аз ин ваҷҳ мо боре ба вазири маданияти Тоҷикистон Нур Табаров гуфтем, хоҳиш кардем, ки кӯмак кунанд. Баъди ин арзадошт як-якуним моҳ ё бештар вазъи кор беҳӣ ёфт, матбуоти Тоҷикистон ҳар рӯз ба шаҳри Самарқанд мерасид. Вале сонитар боз ба вазъи аввалӣ баргашт.

Маълум мешавад, ки ин коршиканӣ ва хиёнати ошкоро дар идораи “Союзпечат”-и Тоҷикистон хеле чуқур реша гирифтааст. Киҳо дар ин идора фаъолият мекунанд, чаро боре тафтиш намекунем?

Дар дӯконҳои рӯзномафурӯшии шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод, Қӯрғонтеппа, Конибодом ва маркази баъзе районҳои Тоҷикистон хонандагон ҳамеша рӯзномаю маҷаллаҳои нашри Ӯзбекистонро пайдо мекунанд — аз “Совет Ӯзбекистонӣ” то ба “Муштум”, “Шарқ юлдузӣ” ва ғайра дастарси умум аст. Дар Тоҷикистон ҳеҷ кас монеи маърифати инсон нест, аммо чаро дар вилояту ноҳияҳои тоҷикнишини Узбекистон матбуоти тоҷик ноёб аст? Чаро бародарони мо баробари мо амал намекунанд? Аз ин хусус вақт аст, ки ҳар яке биандешем.

Мулоқоти адибони тоҷик бо аҳли адаби шаҳри Самарқанд, ки дар маҳфили шоистае ба унвони “Сайқал” муттаҳиданд, хеле ҷӯшон ва мароқангез буд. Дар қатори қаламкашони нисбатан соҳибтаҷриба чун Аслиддин Қамаров, Акбар Пирӯзӣ, Норқул Остонзода, Ҷумъа Ҳамроҳ, Ҳаёт Неъмат мо бо як идда адибони навмашқ ошноӣ доштем, ки ба дарёи адабиёт ҳар яке бо туғёни худ меомад.

Аз ошноӣ бо осори онон ман чунин натиҷа гирифтам, ки адибони ҷавони Самарқанд ба як-ду нафар устоди дар назм ва насри имрӯзӣ қудратманд сахт эҳтиёҷ доранд. Хеле аз шеърҳои ононро бо андаке маслиҳат ва қаламзанӣ ба ифоқа овардан ва интишор кардан мумкин аст. Боист ки дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз ин хусус чорае созанд.

Мо дар сӯҳбату мулоқотҳо ба хеле саволҳои мардум ҷавоб мегуфтем, аз равнақи адабиёти тоҷик муфассалан иттило медодем. Дар ҳама ҷо фақат ба як савол ҷавоб гуфтан наметавонистем. Дӯстони самарқандӣ дар сари ҳар қадам аз мо мепурсиданд:

— Кай ба мо рухсат медиҳанд, ки дар паспортамон миллати худро нависем?

Дар воқеъ, кӣ ба ин савол ҷавоб гуфтан метавонад? Дардро пинҳон кардан натиҷаи матлуб намедиҳад, мо боист, ки ошкоро ин масъаларо дар маърази муҳокима гузорем.

Саҳву хато, вайронкорию ноҳақиҳоеро, ки дар нисбати тоҷикони Самарқанду Бухоро ва дигар ноҳияҳои Узбекистон гузаштааст, ислоҳ накарда, аз дӯстию бародархондагӣ дар миёни ин ду миллати ҳамсоя сухан гуфтан дар назар беҳудагӯии маҳз аст.

Яке аз мардони равшанфикри Бухоро, раиси Шӯрои комиссарони халқии ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон Абдуқодир Муҳиддинов ҳанӯз соли 1928 дар саҳифаи “Роҳбари дониш” аз ин хусус навишта буд: “...мардуми шаҳри Бухоро ва атрофи он тоҷиканд, вале мехоҳанд, ки

ба зӯрӣ онҳоро ӯзбак кунанд. Ин хатои сиёсӣ дар як вақте карда мешавад, ки Ҳукумати шӯроӣ ёздаҳ сол дар Осиёи Миёна давом мекунад”.

Ин фикри он марди ҳақиқатшиорро имрӯз котиби якуми КМ ПК Ӯзбекистон Р.Н.Нишонов дар мусоҳаба бо мухбири рӯзномаи “Комсомольская правда” тақвият дод: “...баъзе тоҷиконе, ки дар Ӯзбекистон маскунанд, бо гуноҳи иддае амалдорони миллатгарой дар паспорт ба худ миллияти ӯзбекро гирифта буданд, дари баъзе мактабҳои тоҷикӣ баста шуданд...”

Доктори илми таърих Е.В.Зеймал дар маҷаллаи “Коммунист” (№15, 1988) ба ин ақидаи комилан ҳаққонӣ чунин ҳамовозӣ кард: “Тоҷикон, ки дар шаҳрҳои калон (Самарқанд, Бухоро ва ғайра) аксари куллро ташкил мекарданд... маҷбур буданд, ки дар паспорт миллати худро “ӯзбек” нависанд... Ин саҳв афсӯс, ки то ба имрӯз ислоҳ нашудааст”.

Оммаи тоҷикзабони шаҳру вилояти Самарқанд имрӯз соҳиби фаъолиятанд ва аз ваҷҳи ҳуқуқҳои маънавии худ сухан мегӯянд, додхоҳӣ доранд. Гӯш ба карӣ задан дигар аз инсоф ва ақлу хирад нест. Бозсозӣ ин амрро тақозо дорад. Пас чаро истисмори маънавиро аз миён набардорем ва саҳву хиёнати пантуркистон ва миллатчиёнро ислоҳ насозем.

Мо дар фурудгоҳи Чӯпонато бо дӯстони самарқандӣ падруд ва хушбошӣ доштем. Шоир ва ҳофизи соҳибзавқи самарқандӣ Ҳаёти Неъмат ба ду асобағал такя дода дар майдони фурудгоҳ аз паси мо дастафшонӣ мекард.

— Тимсоли зиндаи Самарқанд аст, — гуфт ҳамсафари мо шоир Сафармуҳаммад Айюбӣ. — Ҷисман нотавон аст, аммо туғён дорад, овоз дорад.

Мунаққидон Ҷӯра Бақозода ва Абдураҳмон Абдуманнонов ӯро таҳсин карданд, ки ташбеҳаш мувофиқ аст. Ман эътироз кардам:

— На! Бешак Самарқанд Ҳаёт аст, вале Ҳаёти солиму неруманд аст, Неъмати хурӯшон аст...

***1988***

# ФАСЛИ ИЗТИРОБҲО

Ҳамагон нек медонем, ки як моҳи саратон барои навҷавонону духтароне, ки бо дили пурумед ба чорраҳаи орзуҳо баромадаанд, чи фасли пуризтироб аст. Имтиҳоноти қабул дар донишкадаҳои республика сол аз сол пурошӯбтар мешавад. Қариб ҳар сол қоидаҳои қабул такмил меёбанд, усулҳои нави имтиҳон, васоити техникӣ, шартҳои нав ба нав — ҳамаро ба кор мебаранд, то ба донишкадаҳо толибилмони беҳтарин дохил шаванд.

Чунин ба мушоҳада меояд, ки сафи ҷавонону духтарони толибилм сол аз сол меафзояд. Чаро аксари навҷавонону духтарон олимаълумот будан мехоҳанд? Онҳое, ки ба дил шавқи илмомӯзӣ надоранд, ба умеди киву чӣ ба даргоҳи донишкада меоянд?.. Вазъи шавқмандони илму ҳунар чи сон аст?

Солҳои охир ман аз навҷавонон ба ин саволҳо ва боз ба хеле саволҳои дигар ҷавоб меҷустам, бо ҳар яки ононе, ки дучор мекардам ва ошноӣ менамудам, аз ин хусус гуфтугузор доштам. Баъзе хулосаҳое, ки аз ин сӯҳбатҳо ва мушоҳадаҳо бардоштаам, дар назар қобили таваҷҷӯҳ менамоянд. Ва ҳоло ман аминам минбаъд аз он масълаҳо чашм пӯшидан ҳаргиз мумкин нест, дар ин боб бепарвоии мо ба оқибати нохуш хоҳад овард.

Инак, биёем ба сари саволи нахуст: чаро аксари навҷавонону духтарон олимаълумот будан мехоҳанд? Барои музди баланди кор? На. Баъзан музди кори инҷинер аз музди кори коргари соҳибихтисос камтар аст.

Ҷавоби бисёр навҷавонон тақрибан чунин буд: гап дар музди кор не: дар ин айём бо музди кори худ зиндагии мӯҳташам ғайриимкон аст; коргар, агар даҳ ангушташ ҳунар бошад ҳам, ба ҷуз簡 муздаш даромади иловагӣ надорад ё дошта бошад ҳам, он хеле ночиз аст; "Аз музди кор кӣ мошин гирифтаст? — савол мекард яке. Ҳатто гурӯҳе мегуфтанд: "Одам агар бе маълумоти олӣ ва

бепартиявӣ бошад, оянда надорад...” Ҳукми аксар ин буд, ки дипломи мактаби олиро дар ҷайб зада, сонӣ дар ҳаёт бахти худро озмудан мумкин аст. “Бахт” гӯён онҳо мартабаи баланд ва раҳбарии идора ва ё корхонаеро дар назар доштанд.

Ҳамаи ин хулосаро андешида, ман аз он ки дар дили навҷавонон саҳву хатоҳои носавоби айёми рукуду бозмонӣ чуқур реша задаст, андӯҳгин будам. Аввалан, имтиёзҳои дар асл ғайриқонуние, ки мансабдорони хурду бузург барои худ ҷорӣ кардаанд, имрӯз ҷавононро ба роҳи ғалат раҳнамун гаштаст. Сониян, дар дили ҷавонон ақидае устувор гаштаст, ки гӯё мансаби баланд гарави осудаҳолӣ, таъмини фаровонӣ ва даромади иловагии беҳудуд аст. Дар ин ҷо баъзе қоидаҳои дар асл нодурусти идоравӣ, аз принципҳои демократӣ дур мондани коргузории мо натиҷаҳои номатлуби худро зоҳир кардаанд.

Ҳамин аст, ки ҳоло гурӯҳеро ба даргоҳи донишгоҳи олӣ на шавқи илмомӯзӣ, балки фикри мансаб ва муфтхӯрӣ овардаст.

Сипас, худ аз худ аз ҷавоби саволи аввал касро саволи дигаре ба забон меояд: ин қабил хомандешони аз овони ҷавонӣ дар фикри муфтхӯрӣ вомонда ба чи сон имтиҳоноти қабулро супорида, донишҷӯи донишгоҳи олӣ мешаванд?

Ба ин савол имрӯз ҳамаи навҷавонон бо як овоз ва хеле якранг ҷавоб мегӯянд: “Бо кӯмаки хешу табор, шиносу ошно, ришва дар ҷавоби хидмат-хидмат.” Аз ин хусус мисолҳои бисёре, далелу санади фаровоне метавон овард, аммо илоҷи ислоҳи ин кор осон нест. Инчунин касони ҳомидор ангуштшумор нестанд ва муқобилати ононро шикастан кори осон нест. Ин аст, ки он довталабон аз комиссияи конкурс гузашта, донишҷӯи донишкада шуданд ва собит кардани нолоиқии ҳамаи онон кори саҳл бошад ҳам, дар мо чунин қонуне нест. Ҳамин қадарашро гӯшзад кардан мехоҳам: як нафар довталабе, ки

дар имтиҳоноти хатми мактаби миёна аз фанни физика фақат ҷавоби саволҳои як билетро ба азобе қориёна ёд карда (фақат як билетро аз 25 билет!) баҳо гирифта будаст, имтиҳони физикаро дар Институти политехникии Тоҷикистон ба баҳои аъло супоридаст!..

Мо — ҳама нек медонем, ки ба донишгоҳҳои олии республикаи ҳамсоя — Ӯзбекситон солҳост, ки бе ришва ва "ошно" қариб ҳеҷ як довталабе дохил намешавад. Агар имрӯз аз паи пешгирии ин касолат мутафиқона барнахезем, фардо ин "мараз" ба диёри мо низ сироят карданаш як амри воқеист.

Ҳоло биёем ба сари саволи дуюм: онҳое, ки ба дил шавқи илмомӯзӣ надоранд, агар ба қаллобӣ ба донишгоҳ дохил шуданд, панҷ соли расо чи гуна таҳсили илм хоҳанд кард? Дар воқеъ, агар таҳсил, имтиҳону санҷишҳо дар донишгоҳҳои олии мо виҷдонан, аз рӯи адолат, ба ростию дурустӣ асос мегирифт, аксари ин қабил дипломталабони коҳил ба даргоҳи донишгоҳҳо намеомаданд.

Айёми рукуду бозмонӣ дар мамлакат барои инчунин ашхоси имконниятҳои дилписанд фароҳам овард. Агар ба донишгоҳ дусад нафар донишҷӯ қабул гардад, қариб ҳамаи он миқдор аз курс ба курс мегузашт ва оқибатуламр диплом мегирифт. Коидаи дерини мунтазам сара кардан, аз ғалбер гузарониданро аз миён бардошта буданд. Ин вазъият барои бюрократия, ҳаннотону қаллобон шароити дилхоҳе ба вуҷуд овард. Чунин вазъият имрӯз ҳам дар мактабҳои олӣ идома дорад. Бар замми ин дар баъзе донишгоҳу факултетҳо ришвахурӣ, ошнобозию маҳалпарастӣ авҷ мегирад. Баъзе муаллимон ҳатто ҳисси бадхоҳии худро ба навҷавонони маҳалҳои дигар дар ҳузури ҷамъ пинҳон намедоранд. Ин корро нишонаи тарбияи бад ва маънавиёти пасти ин касон донистан кам аст. Ин қабил авомфиребони "заҳрогин" дар байни ҷавонони соддадил тухми кинаю бадхоҳӣ мепошанд. Аз рӯи ахбори ҷавонон чунин омӯзгорон махсусан, дар фа-

култети иқтисодии УДТ бештар дучор омадаанд.

Чанде қабл аз ин котиби КМ ПК Тоҷикистон рафиқ Додобоев А.Д. ба воситаи телевизион бо тамошогарон муколама дошт. Як нафар аз чунин васвосиёни мансабталаб (фамилияи ӯро хотира накардам) ба котиб савол додаст, ки чаро 99 фоизи мансабҳои баланди партиявию давлатии республикаро намояндагони вилояти Ленинобод ишғол кардаанд. Рафиқ Додобоев дар ҷавоби ӯ доир ба вазифадорони ҳар як идораи баланд санаду далелҳои қатъӣ оварда гуфт, ки агарчӣ дар вилояти Ленинобод бештар аз 30 фоизи аҳолии республика маскун аст, дар идораҳои раҳбарӣ ҳамагӣ 14 фоиз намояндагони вилоятанд...

Инчунин шахсони дасисаҷӯ, иғвоандози халқ ва мансабталош аксаран касони дар ҷаҳлу нодонӣ вомонда, фикрторик ва муфтхуранд, мехоҳанд мансабҳои давлатиро барои манфиати шахсии худ ва наздиконашон сӯистеъмол кунанд ва ё аз ин қабил мансабдорон фоидаҳо дидаанд.

Ҳоло ақидаи умум ин аст, ки чунин касонро аз коргузорӣ бо ҷавонон дур кардан савоб аст. Агар мо ин амалро ба таъхир гузорем, саҳви бузург хоҳем кард.

(Ногуфта набошад, ки ин банда на аз аҳли вилояти шимоливу на аз ҷануб, балки аз Нуратои Самарқандам ва аз он ҷониб ҳеҷ яке дар ин миён ба мансаб нарасидаст ва ман ҳам чунин тамаъ надорам).

Ин чунин вазъияти гурӯҳбандӣ ва кинапарварӣ барои донишҷӯёни камхираду беқобилият шароити хубу созгор муҳайё мекунад.

Мегӯянд, ки инчунин донишҷӯён домани муаллимони ҳамдиёри худро сахт мегиранду надими доимӣ, хидматгузори беминнат ва дар миёни тӯдаи донишҷӯён чашму гӯши онҳоянд. Дар ивази чунин садоқати худ боз бо кӯмаки ҳамон муаллимон аз фанҳои муаллимони дигар ҳам баҳо мегиранду аз курс ба курс мегузаранд.

Ба ақидаи ман, маҳз чунин муаллимон дар байни

донишҷӯён дустии самимӣ ва сидқу самимиятро барҳам мезананд ва барои ҷумҳурӣ шумори мутахассисони ба касбу кори ҳалол ноқобил, шаҳрвандони пасттинату зиёиёни пастфитратро зиёд мекунанд.

Сабаби дигари рушду камоли ин қабил донишҷӯёни бефазлу беҳунар баъди хатми донишгоҳ аз рӯи қобилияту дониш тақдир наёфтани хатмкунандагон аст. На дар вазоратҳо, на дар шӯъбаҳои маориф ё дигар идораҳо, на дар комитетҳои партиявии ноҳиявӣ ҳангоми пешбарии кадрҳо ба баҳоҳои дипломи онон наменигаранд — фарқи собиқ аълохону бадхон ба якбора барҳам мехурад ва ҳама дар арсаи рӯзгор гӯё баробар мегарданд. Инчунин баробарӣ қадри донишу ҳунар ва омӯзишу ранҷовариро дар назари авлоди навҷавон ҳеҷ мекунанду бас. Баробари ҳамин дар назари онҳо принципҳои асосии рӯзгори мо — ростию дурустӣ, адлу инсоф — ҳама ҳеҷу пуч мегардад, мактабу тарбия, устоду таълими мо дастгоҳи бекора ва асбоби зиллат мешавад.

Айёми охир донишҷӯёне, ки ба факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва шарқшиносӣ қабул мешаванд, ҳадафи нафрат ва муҷиби маломати хурду бузург гаштаанд.

Ҳар сол ба факултети ҳуқуқшиносӣ зери 700-800 нафар довталабон ҳуҷҷат месупоранд. Барои ҳар як ҷой қариб даҳ тан довталабон талош мекунанд. Мебоист, ки ба курсии донишҷӯёни факултет донотарини доноён бишинанд. Аммо вазъият куллан баръакс аст — ноқобилони хомтамаъ ва бевуқуфтарини бевуқуфон дар мусобиқаи конкурси ин факултет ғолиб мебароянд. Ман аминам, агар ғолибони конкурси имсолро холисона, ҷиддан имтиҳон кунем, аксаран саводи саҳеҳ надоранд.

Ин ҳолро ҳама медонанд, аммо касе ба ислоҳи ин вазъият даъват намекунад. Чаро баъди анҷоми конкурс қабулшудагонро боре муаллимони холис имтиҳон карда сараву қалби онҳоро имтиёз накунанд?!

Солҳои сол кори вазорати алоқа, фурудгоҳ ва ба ин-

ҳо монанд чандин муассисаи дигар барои норозиён ва тафтишу таҳқиқи берунагон дарбаста буд. Дар натиҷа кори ин муассисаҳо бештар аз ҳама дӯлоб шуд. Натиҷаи имтиҳоноти қабулро низ санҷидан, таҳқиқ кардан зарур аст. Ба ғайр аз ин, саволе ба миён меояд: чаро ин қадар ҷавонон ба ходимии адлия хондан мехоҳанд? Магар сабаби ин “шавқмандӣ” ришвахӯрӣ нест? Чаро ин ҳолро дидаю дониста бепарвоем?!

Дар факултети шарқшиносии УДТ низ аксаран ҷавонони аз илму адабиёт бебаҳра таҳсил мекунанд. Ҳол он, ки ба ин факултет низ дар нисбати факултетҳои дигар се-чор маротиба зиёд довталабон ҳуҷҷат месупоранд. Аммо довталабони хушсалиқа ва хушсавод не, эркатулфорҳои ҳомидоре, ки аксаран саводи кофӣ надоранд ба курсии донишҷӯй мешинанд.

Шунидам, ки дар донишгоҳ устоди ҳақбине ҳангоми дучораш ба ҳар як донишҷӯи ноқобил аз сӯзи дил мегуфтаст: “Ба касофати ту республика аз як нафар инҷинери нағз бенасиб монд, ту ҷои ӯро гирифтӣ...” Ман ба ин сухани он марди дилогоҳ илова карда гуфтан мехоҳам: “Ҳар яке аз ин қабил донишҷӯён на фақат диёрро аз як нафар инҷинер, духтур, муаллим ва ё олим маҳрум мекунад, балки бунёди ҳаёти мо — сидқу виҷдон, ростию дурустӣ, адлу инсоф, одамият, — ҳамаро поймол кардан мехоҳанд. Яъне, ин қабил ҷавонон ахлоқи маънавии ҷамъиятро хароб месозанд, зеро дар муҳити солим ва покиза онон муваффақият намеёбанд.

Боист ки маънавиёт, ахлоқ, сидқу ростӣ на фақат дар мактаби миёна, балки дар донишгоҳи олӣ ҳам меҳвари ҷаҳду асоси ҷустуҷӯҳо бошад. Беҳуда нест, ки дар мактабҳои таълими умумии мамлакатҳои капиталистӣ ба фанни математика дар нисбати мактабҳои мо ду баробар камтар вақт додаанд. Фанни физика барои онон фанни ҳатман зарурӣ нест, фақат 20

фоиз талабагони хоҳишманд онро меомӯзанд... Яъне, ба тарбияи маънавии инсон
диққати асосӣ додани онон равшан ба назар мерасад.

Ҳоло бозсозӣ дар мамлакат дарғоти сукут ва хомӯшии сангинро мешиканад. Қабл аз тағйири зиндагӣ боист, ки мо тағйири маънавӣ кунем ва дар афкору ақидаҳо бозсозӣ намоем. Бе тағйироти маънавӣ бозсозӣ номумкин аст.

Имрӯз дар ҷамъияти мо аз хусуси нуқсонҳои гуногун фошофош мегӯянд, ки ин амал ногузир самараи матлуб хоҳад овард. Дардро нухуфтан ва нагуфтан худ як дарди бедавоест. Аммо боист бигуфт, ки ҳоло каҷдумро ба халқ намудану ҷумларо аз неши ҳалокатовари он огоҳ кардан кам аст, вақт аст, ки усули куштани онро биандешем. Кӣ ба ин кор нахуст ҷасорат мекунад? Азбаски солҳои тӯлонӣ он диловароне, ки ба каҷдум санг бардошта ҷасорат зоҳир карда буданд, аз ҷониби умум дастгирӣ наёфта, мағлуби системаи бюрократӣ гаштанд, чашми аксарият тарсидаст. Зарбаи ин косамавҷ боз солҳои зиёде дар дилу дар шуури мо идома хоҳад ёфт, дасту пои моро занҷирбанд хоҳад дошт.

Ҳоло давр худ ба кӯмаки мо расид. Бозсозӣ шиор не, хитобагӯӣ нест, балки дастури амал аст барои навсозии рӯзгор, рафтор, фикру ақида, бинишу фаҳмиш. Кист, ки дар ин ҷода моро раҳнамо бошад, ку он марде, ки ҳамагон ба сӯи ӯ бо эътимоди қавӣ мурочиат кунанд?! Ҳайфо, ки мо имрӯз раҳбаладе надорем, марде, ки дар сидқу ростӣ эътирофаш кунем, ба вай бовар дошта бошем, ҳар яке ба наздаш рафта ба дарди худ даво пайдо кунем, нест, ки нест.

Чаро даврони мо раҳбарони аз тарафи умум эътирофёфтаро ба миён наовард?.. Ба фикри ман, ин масъала таҳлилу таҳқиқи алоҳида мехоҳад.

Ҳоло ба мо дар ҳар як идораю донишгоҳ, колхозу корхона сарварону фаъолоне лозиманд, ки муқобили ҳаромхурию сохтакорӣ, зидди гурӯҳбандию маҳалгароӣ қиё-

ме барпо кунанд. Чунон як қиёме, ки ҳамаи мардуми равшанфикру некирода дар он ҳамранҷу ҳамоҳанг бошанд.

***1988***

# ДУҒИ КӢ ТУРШ АСТ?

Баъди мутолиаи мақолаи “Фасли изтиробҳо” (“Тоҷикистони Советӣ”, 6 сент., 1988) агарчи аксари кулли хонандагон ба ақидаи ин банда шариканд, гурӯҳе аз устодони донишгоҳҳо ва фирқае аз донишҷӯён ба он навиштаҳо чандон розӣ набуданашонро ба воситаҳои гуногун изҳор карданд. Хеле, хушнудам, ки хонандагони касбу кори мухталиф аз ҳар канори диёр ҳамфикрии худро низ ба ин банда изҳор карданд. Фирқае, ки ба ақидаи ман розӣ нестанд, дар сӯҳбату мулоқот ба тавассути телефон ва ҳам дар саҳифаи рӯзнома фикри худро баён карданд. Аз ваҷҳи баъзе каҷфаҳмиҳо ба ночор чанд нуқтаро бояд, ки ҳоло тавзеҳ диҳам.

Нахуст гуфтаниам, ки маро на аз устодону ходимони Дорулфунуни давлатии Тоҷикистон ранҷише ҳасту на аз муаллимони дигар донишгоҳҳо. Аз наздикону пайвандони ман ҳаргиз касе фикри ба шӯъбаи шарқшиносӣ ё ҳуқуқшиносӣ дохил шудан накардаст ва агар имрӯз чунин санаде мебуд ҳам, он ба изҳори ақида кардани ман таъсире надошт.

Сонияն, ман фелетон нанавиштаам, то факту рақам ва санадҳоро қатор кунам. Ман андешаҳои худро, саҳеҳтараш, ташвиши худро гуфтам, ба як проблемаи хеле дилфишори рӯзгорамон андаке дахл намудам, диққати аҳли маъниро ба он ҷалб кардан хостам.

Ин ҳам гуфтанист, ки дар мақолаи ман хеле масъалаҳои ташвишовари ҳаёти имрӯз мавриди баҳс қарор гирифта бошад ҳам, устодону кормандони УДТ (хоса шарқшиносон!) мақолаҳои худро ба як-ду ҷумлае,

ки роҷеъ ба вазъи имтиҳони қабул дар ин факултет дахл мекард, бахшидаанд.

Навиштаҳои декани факултети шарқшиносӣ К.Мусофиров ва муаллим А.Байзоев маро ҳайрон кард. Мехоҳам эроди онҳоро боре мулоҳаза кунед. Ман агар хабари ҷумлаҳои худро дар замони гузаштаи дур оварда бошам, ин рафиқон аз он чунин хулоса бардоштаанд: “Муаллиф аксари фикру ақидаҳои худро дар асоси шунидаҳояш баён намудааст...”

Дӯстонам, инсоф диҳед, охир ман дар даст даҳҳо санад дорам, ки аз имтиҳонҳо баҳои паст гирифтани аълохони ҳақиқӣ ва баҳои хуб гирифтани сустхононро собит мекунанд!.. Лекин имрӯз кӣ имкони дар имтиҳони онҳо иштирок карданро дорад?! Бо билети нависандагӣ ман то ба сарҳади давлатамон бемамониат меравам, аммо ба дари имтиҳони қабули донишгоҳи шумо наздик рафтан наметавонам! Гумонам, ҳеҷ касе чунин ҳуқуқ надорад... Чаро бо дару дарвозаи баста ҷавононро имтиҳон мекунед, ман ҳайронам. Хуб, аз мавзӯъ дур наравам: Комил Мусофиров, бояд бидонанд, дар журналистика ва адабиёт бисёр мавзӯъҳое ҳастанд, ки нигоранда имкони бо чашми худ дидани онҳоро надорад ва баъзан дидан зарур ҳам не, натиҷааш даркор аст. Маҳз натиҷа моҳияти аслии ҳаводисро таъин мекунад.

Маро чунин дар назар омад, ки якчанд эроди К. Мусофиров ва А.Байзоев ба ин банда бо ҳақиқат ҷуфт намеояд. Чунончӣ, онҳо навиштаанд: “Студентони ин ё он факултетро сарпо бесавод эълон кардан аз рӯи инсоф нест!..” Охир дар мақолаи ман ин гуна даъво нест-ку, муаллимони мӯҳтарам! Роҷеъ ба онҳое, ки имсол донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ гаштаанд, ман чунин навишта будам: “... агар ғолибони конкурси имсоларо холисона, ҷиддан имтиҳон кунем, аксаран саводи саҳеҳ надоранд”. “Аксаран” гуфтаам, ки маънии он аз ним бештар, яъне аз ду се нафар! Ва онҳоро бесавод не, балки “саводи саҳеҳ

надоранд” гуфтаам, ки маъниаш саводи нағз надоранд аст. Агар ин даъворо собит кардан лозим бошад, биёед ҳар ду он донишҷӯёнро месанҷем, вассалом... Вале сухани маро нодуруст тавзеҳ накунед, рафиқон. Агар сустхонон дар имтиҳони факултети ҳуқуқшиносӣ ғолиб набароянд, аз конкурси ин факултет нагузаштани фарзанди коргари оддӣ Иброҳимов Рустамро, ки яке аз мактабҳои пурталаби шаҳри Душанберо бо медали нуқра хатм кардааст, шумо чи гуна тавзеҳ медиҳед, ман намедонам.

Боз мегӯям: санаду далел доири ин мавзӯъ дар дасти ман хеле фаровон аст, санадҳое дорам, ки аз шунидани он балки ҳайрон хоҳед гашт. Аммо дили бисёр ҷавонону духтаронро шикастан, онҳоро изо додан намехоҳам. Бигзор, ки ба ҷои онҳо муаллимон андаке хиҷолат кашанд.

Дар ҷои дигар ман чунин овардаам: “... аксаран ҷавонони аз илму адабиёт бебаҳра таҳсил мекунанд...” Ин даъвӣ ба факултети шарқшиносӣ дахл дорад, вале боз ҳам онҳоро “сарпо бесавод” нагуфтаам.

Дар мубоҳаса ва мунозара дар ҳама ҳолат тандеҳ ва ҳиқиқат шиор бояд буд. Сухани касонро ба майлу мурodi худ тавзеҳ кардан ҳам аз шарти адаб ва ҷавонмардӣ нест. Муаллимон К.Мусофиров ва А.Байзоев ибораи “эркатулфорҳои ҳомидор”-ро аз мақолаи ин банда нақл карда, чунин шарҳ додаанд: “...фарзандони коркунони масъули апаратҳои партиявию советӣ, вазорату ташкилотҳои гуногун, ходимони илму адаб, муаллимони донишгоҳҳо ва ғайра...” Не, муаллимони мӯҳтарам, ман маҳз ин тоифаро дар назар надорам! Агарчи, дар миёни фарзандони одамони ин касбу корҳо ҳам аҳён-аҳён коҳилони карахт ва эркатулфор ёфт мешаванд, вале аксаран ин тоифа мардум бештар ба таҳсили фарзандони худ эътибор мекунанд ва пайваста бо тарбияву таълими онон машғуланд. Агар он гуфтаҳо аз рӯи ақидаи худи

шумоҳост, чаро онро аз номи худ намегӯед?.. Морро бо дасти дигарон намегиранд!

Хулосаи калом, агарчи навиштаҳои худро ман бехато намешуморам, ба навиштаҳои муаллимону ходимони УДТ хеле эрод гирифтанам мумкин аст. Хайрияти кор, рафиқон К.Мусофиров ва А.Байзоев дар охири мақолаи эътирози худ ҷавонмардона иқрор кардаанд: “Бо аксари мулоҳазаҳои ӯ (Б.Фирӯз) розием”. Пас ман муддаоеро, ки аз навиштани мақола дар назар доштам, ба даст омада меҳисобам.

Ҳар кас ҳақдор аст, ки фикри худро доир ба андешаҳои ин банда ба рӯзнома бинависад. Дар як ривояти пешин овардаанд, ки рӯзи ҷидол аз майдони ҳарб гурехтани аспҳоро дида, аз номус ғуке ҷаҳида аз об берун гаштасту дар назди оҳангар пояшро бардоштаст:

— Хок кашад ин аспҳоро дилу гурдаи ҳарб надорад! Маро наъл зан!

Оҳангар бо анбӯр беозор ғукро бардошта ба ҳавз партофтаст ва мегӯянд, ки ҷонвари бечора рӯзи пайкор сабаби чунин нописандии оҳангарро нафаҳмида, чашмонаш аз косахона ҷаҳида баромадаст.

Фикри ҳар кас ба қадри пояи дониш ва домани ҳиммати ӯст. Навиштаҳои ҳама якранг нестанд. Агар баъзе аз рафиқон баъди мутолиаи мақола аз ваҷҳи солимии муҳити маънавӣ ва тақдири мутахассисини оянда андешида, дар роҳи пешгирӣ кардани иллати ҷӯрабозӣ ва ришвахурӣ такопӯе кунанд, баъзеи дигар ба гумонам, дар фикри мақому манзалати худ ё худнамоии маҳз қалам ба каф гирифтаанд. Ба ин навиштаҳои пурмӯҳмалаи У.Сафаров далели даъвӣ аст. Албатта, ҳеҷ кас намегӯяд, ки дӯғи ман турш аст, вале...

Ман андешаҳои худро, ташвиши худро аз фардои донишгоҳҳои олиамон ва мутахассисони кишварамон баён кардам. Мардуми кишвар, ман ба шумо рӯ оварда, суханони пичир-пичир ва ғурунгосу гӯшакиҳоро боре бо

овози баланд ба маърази муҳокима ниҳодам. Гумонам, ки ба шӯр наомада, холисона ҷаҳд мекунед, ки асоситарин нуқтаҳои онро идрок намоед. Муҳиммаш идрок кардан аст. Вақти гуфтани афсонаҳои ширин гузашт. Ман муаллимон ва раҳбарони донишгоҳҳоро маломат нагуфтаам, ман ба онҳо хитоб дорам: “Ҳоло ки сари вақт аст, пеши роҳи ин касолатро бигиред!..”

Мегӯянд, ки солҳои охир дар баъзе аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ба донишгоҳи олӣ ҳеҷ кас бо дониши худ дохил намешавад, ҳатман аз 5 ҳазор сӯм то 10-12 ҳазор сӯм ришва лозим аст. Ман намехоҳам, ки ин мараз ба ҷумҳурии мо низ сироят бикунад. Маҳз, ба ҳамин ният ман мақолаи “Фасли изтиробҳо”-ро интишор кардам. Ва агар ду факултети дорулфунунро ном гирифтаам, сабаб ин аст, ки ин донишгоҳ бештар мояи эътибору ифтихори мост.

Нигаред, ки илму донишро бар зарари мардумон кор фармудан мумкин будаст. Аммо ҳақиқатро ҳаргиз бар зиёни инсонҳо ба кор бурдан натавон.

Мо ба кӯдакон ростгӯиро талқин мекунем, аммо баъзан ба халқи худ беибо дурӯғ мегӯем. Рафиқоне, ки эродҳои маро тан намегиранд, дар назди халқ, дар назди шиносону дӯстон барои дурӯғи худ хиҷолат намекашида бошанд? Ё ба халқ дурӯғ гуфтан гуноҳ не?..

Роҷеъ бо навиштаҳои У.Сафаров, ки худро корманди дорулфунун мешуморад, ҳамин қадар гуфтаниам, ки ӯ ҳанӯз на мантиқи навиштаҳои худро мефаҳмаду на вазъи каломи дигаронро. Чи гуна “корманд” будани муаллифро намедонам, ба ҳар ҳол, агар ӯ алавмон, фаррош ё дигар навъ корманди ҳанӯз бе маълумоти олии филологӣ бошад, аз содагироиҳои ӯ чашм пӯшидан лозим аст. Агар ӯ олимаълумот бошад... ба ростӣ намедонам, ки чӣ гӯям... Аз навишатҳои ӯ мисол меорам: “Бидуни худситой(?) бояд хотирнишон сохт, ки факултети шарқшиносӣ ягона маконест(?), ки адабиёт ба маънои комилаш(?)

омӯзонда мешавад (?)". Охир, ин ҷумларо хонад, ҳар як шахси каму беш саводнок ба ночор хоҳад гуфт: "Хат ғалат, маънӣ ғалат, иншо ғалат, имло ғалат".

Ҷумлаи дигареро аз навиштаҳои у иқтибос мекунам: "...нависандаи мӯҳтарами мо, ки пояш ягон бор ба даргоҳи факултети мо(?) нарасидааст, чи гуна тавонистааст натиҷаи орӣ(?) аз ҳақиқат(?) бигирад(?)".

Таъин кардани ҳадди саводнокии У.Сафаровро дар ин ҷумлаи по дар ҳаво ба хонандагони сухансанҷи рӯзнома ҳавола мекунаму ба ӯ як ҳақиқатро гӯшрас карданиам: Бародар, аввало дорулфунун маҳрамхонаи шумо нест, ки аз ҳар каси омадаву рафта хабаратон диҳанд. Сониян, адиб барои мақола ва асарҳояш ба чи тарз далелу санади даркориашро меғундорад, шумо намедонед ва "кӯчаю бозор" гӯён беҳуда ғавғо бардошта мегардед.

Аз навиштаҳои ин рафиқ боз якчанд порaро иқтибос мекунам, шояд ки ба дигар рафиқони саҳлгари арсаи сухан ва суханварӣ сабақ бошад: "Дар ҳеҷ донишгоҳи олӣ хушсаводи хушсалиқа(?) ҳангоми қабул(?) ноҳақ(?) баҳои ду нагирифтааст(?)." Дар ҷавоби ин даъвии соддалавҳона, ки агар дар ғояти нармӣ бигӯем, дар ниҳояти беэҳтиётӣ ба каломи модарии мо ифода ёфтааст ва мантиқи солим надорад, воқеан чи гуфтанамро намедонам. Аз рӯи санадҳое, ки имрӯз ман дар даст дорам, метавон фельетон ҳам навиштан, мақолаи ғарро ҳам, аммо мақсади мо ин не, бародар!

Ман дар мақолаи худ чунин овардаам: "Айёми охир донишҷӯёне, ки ба факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва шарқшиносӣ дохил мешаванд, ҳадафи нафрат ва муҷиби маломати хурду бузург гаштаанд". Ин ҷумларо нақл карда, У.Сафаров менависад: "Аҷабо. Ин хулоса зодаи кадом баҳс аст?" Бародарҷон, ин хулосаи бебаҳс аст! Дар олами маънӣ чунин хулосаҳо ҳам ҳастанд.

Агар вазир шарқшиноси шуморо "чархшинос" гӯяд, бовар надоред, ва агар адиб гӯяд, ки онон аксаран саводи

саҳеҳ надоранд, қоил намешавед, пас то куҷоҳо "санги ман сад ман" гӯён мегардед?! Балки баъди мутолиаи ин мақола ба саводи саҳеҳ надоштани худ қоил мегаштагистед?

Дар охир ба чунин як даъвои ин рафиқ мулоҳаза кунед: "Магар дар бораи факултете, ки дар миқьёси СССР яке аз беҳтарин(?) марказҳои омӯзиши забону адабиёти Шарқ маҳсуб(?) мешавад, метавон чунин суханонро раво донист?"

Ман чи гӯям, ки бузургони илму адаб гуфтаанд: "Ба ғавғо мефурӯшад ҳар киро об аст дар шираш!"

Фаровонии чунин ҷумлаву ибораҳои тумтароқ, дур аз назокат ва мантиқи солим, пурғалат ва мазмунан аз ҳусни хоксорию вазъи адаб бенасиб дар навиштаҳои рафиқ Сафаров даъвии маро, ки дар мақолаи "Фасли изтиробҳо" баён кардам, магар тасдиқ намекунад?!

Ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ки имрӯз дар ҷамъияти мо гуфтани ҳақиқат ва шунидани онро машқ мекунанд. Боист, ки мо ҳақиқатро на фақат роҷеъ ба гузашта, балки доири имрӯз низ гуфтан ва шунидан тавонем. Барои ин амал моро маърифати баланд ва маданияти зиёиёна даркор аст. Бесабаб нест, аксари кулли он шахсоне, ки моҳияти бозсозиро намефаҳманд ва ё худро эътиқодманди Сталин ва даврони мустабиди ӯ мешуморанд, ашхоси каммутолиа ва тунукфикранд. Ва бешак бисёр касон имрӯз сухани ҳақро шунида, баъзан кӯр-кӯрона қатъан онро рад кардан мехоҳанд, ки ин ҳама аз таъсири рӯзгори гузаштаи мост. Мо дар ҷамъият солҳои тулонӣ муқобилон ва бетарафонро инкор кардему аз гуфтану шунидани сухани ҳақ ва дидани воқеият дур мондем.

***1988***

# ЧАШМИ УМЕД МЕПАРАД...

Имсол аз боби забони азизи модарӣ азбаски бисёр гуфтанду навиштанд, ҳоло маро сухане афзудан басо душвор менамояд. Солҳои дарози таъбиду таъзиқҳои сталинӣ ва айёми карахтиҳои маънавӣ дард болои дард афзуда буд ва ранҷ болои ранҷ.

Кор ба ҷое расида буд, ки солҳои охир дар шаҳри Душанбе — дар пойтахти ҷумҳурияти Тоҷикистон, ҷумҳурияте, ки бахши асосии аҳолии он тоҷиконанд, дар комитети радиошунавонӣ ба ҷурми он, ки дар маҷлисе ба забони тоҷикӣ сухан карда буд, рафиқеро аз вазифа маъзул сохта буданд. Кор ба ҷое расида буд, ки баъзе аз мансабталабон бо аҳли аёл ва фарзандони худ ҳам дар хона ва ҳам дар кӯчаю бозор аз сухан гуфтан ба тоҷикӣ хиҷолат мекашиданд. Бахши асосии зиёиён, махсусан табибон, инҷинерон, ходимони адлия, бастакорону рассомон, ходимони кино низ аз паи онон мерафтанд. Дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ, забони ҳазорсолаи порсизабонони олам ба як навъ забони хонагӣ, забони табақаи оддӣ ва бештар ба забони коргару деҳқони заҳматпеша табдил меёфт.

Дар кӯчаҳои пойтахтамон борҳо воқеъ афтода, ки пирамарде ё зане кӯдак дар даст, ё марди деҳотие маро аз роҳ боздошта пурсидаанд:

— Ҳамин аризаро дар куҷо ба забони русӣ мегардонанд?.. Ман ҳақи хизматашро медиҳам...

Ба ин занони муштипар ва мардони ранҷбар дар кори пахтазорону мевазорон, ҳангоми парвариши молу кандани конҳо забони тоҷикӣ бедареғ хизматашро адо кард, аммо дар идораю вазоратҳои пойтахти Тоҷикистон

барои тӯдаи бюрократ ин забон бекора ва ношоям гашта буд.

Воқеан, чун мавриди сухан аст, боядам гуфт, чаро дар силки ходимони баъзе идораҳои раҳбарӣ ва бахше аз вазоратҳои Тоҷикистон намояндагони мардуми тоҷик хол-хол дучор меоянд? Масалан, аз ҳеҷ кас пӯшида нест, ки қариб 80 фоизи ронандагони мошинҳо дар республика тоҷиконанд, вале дар вазорати нақлиёт агар бошад, фақат бист фоиз тоҷикон кор мекардагистанд. Дар баъзе вазоратҳо шумораи тоҷикон аз ин ҳам камтар аст мегӯянд.

Ҳар гоҳ бубинам, ки фарзанди олим ва ё адиби тоҷик, фарзанди шахсоне, ки худро зиёии равшанфикри ин миллат метарошанд ва ё вакили Шӯрои Оливу мансабдори идораи раҳбарианд, вале имрӯз аз нописандӣ забони тоҷикиро намедонанд ё донанд ҳам, лоиқи ҳурмат намешуморанд, маро ҳолате рӯй медиҳад, ки ба сарам ғайриихтиёр муште мезанам!.. Чунон мешавам, ки гӯё маро сахт фирефта бошанд, буду нобуди маро ба ғорат бурда бошанд...

Маҷлиси сессияи даҳуми Шӯрои Олии ҷумҳуриятро ба воситаи телевизион намоиш доданду халқи мо аввалбор бо чашми худ бидид ва бо гӯши худ шунавид, ки чи касони камсавод ва бебаҳра аз донишу хирад вакили халқ ва фармонфармои аҳли диёр будаанд.

Халқ дигар кӯтоҳии инчунин касонро ба инсофу виҷдонашон ҳавола намекунад. Аз таъсири чунин мансабдорон аст, ки имрӯз мебинам, иддае ҷавонмардону бонуёне, ки маълумоти олӣ доранд ва худро аз аҳли равшанфикри миллат меҳисобанд, вале ба дурустӣ фикрашонро ба забони модарӣ саҳеҳ ифода карда наметавонанд ё дар сари ин амал бениҳоят сахтӣ мекашанд. Онҳо на ба забони тоҷикӣ китоб мехонанду на ба забони русиву ӯзбекӣ.

Ман рафиқе дорам, ки аз телевизион ё радио овози аксари мухбирон ва актёрони тоҷикро тоқати шунидан надорад. Чаро? Ӯ ҷавонмарди донишманд ва хушзавқ аст, афкори пучу содалавҳона ва баёни гоҳе сирф авомона, балки гузашта аз он, сохтаю сунъӣ ва аз лиҳози мантиқ хароби бисёре аз мухбирон ва артистони моро беасабоният шунидан наметавонад. Ашхоси каммутолиа имрӯз дар миёни зиёиёни тоҷик кам нестанд. Аксаран аз мутолиа дур мондани муаллимон, мухбирон, духтуру артистони моро аз як ҳиҷои нахусти иброз карда ва аз як ҳаракати соддалавҳонаю ноӯҳдабаронаи онон пай бурдан мумкин аст. Агар дақиқ мулоҳиза фармоед, мебинед, ки доираи мутолиаи ин касон бо ду-се шеъраке анҷом пазируфтаасту бас. Аз ин аст, ки ҳақиқати вазъи фикриву маънавии ононро дарёфта малолат мекашед.

Инсони мутамаддинро боист, ки аз назму наср, илмҳои гуногуни замон — адабиёт, мардумшиносӣ, фалсафа, иқтисодиёт, илми ҳайвоноту наботот каму беш маърифате бошад. Ба гумони ман харобии нутқ ва берангии афкори мардуми моро яке аз сабабҳои асосӣ каммутолиагӣ аст.

Имрӯз, ки мардуми тоҷик дар Тоҷикистон мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикиро муяссар гаштаанд, мо бояд ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам дар навишт тозагӣ ва фасоҳати баланди забони худро нигоҳдор бошем. Дар ивази забони дар ҳама давру замонҳо мушкилкушои форсию тоҷикӣ забони хароби нимчасаводонро ба минбар баровардан нашояд. Боист, ки забони тоҷикӣ баробари мақоми давлатӣ гирифтанаш аз олудагиҳо, аз берангиву харобкориҳо низ покиза бошад. Забони нотиқ нишони маърифату маданияти ӯ, далели ақлу хирад, завқу фаросати вай аст.

Имрӯз агар як шахси андаке хушсавод нусхаеро аз баъзе рӯзномаҳо ва ё барномаи якшабинаи телевизиони тоҷикро аз лиҳози забон ба таҳқиқ мулоҳаза кунад, бе

ҳеҷ муболаға як дафтари нуқсонҳои авфнопазир хоҳад ёфт. Бинобар он ҳам, барои инсони бамаърифат аксаран хондани баъзе мақолоти рӯзномаҳои мо ва тамошои баъзе аз барономаҳои телевизион сахт гарон аст. Бешак, мо дар идораи рӯзномаю радио ва телевизион қаламкашони хушсалиқа дорем, ҳунарварони дорои фикру андешаҳои амиқ ва забони фасеҳ ҳастанд, вале дар он миён ашхоси камсаводу каммутолиа, тунукфикру кӯрзавқ хеле бештаранд. Ҳангоми муколама чи бо мардони сиёсиву чи бо аҳли илму адаб, чи бо деҳқону коргар аз забони ин тоифа журналистон сухани ҳадафгиру пурмағзро намешунавед, бо фикрашон саволи пурмаъние намеояд, фақат маъна-виёти хеле пасти онҳо дар назарҳо ҷилва мекунанду бас.

Агар тоифае аз журналистони мо фикран оҷизӣ ва сирфан бехабарии худро аз фасоҳат ва сарвати забони модарӣ ба мардум зоҳир кунанду бо иборати дурушту пурхато аз зайли: "Дар деҳа мавҷуд набудани хати оби нӯшокӣ..." ё худ "...Барои аз туберкулёз нигоҳ доштани чорвои калони шахдор чӣ чораҳо дидед?" бо мардум сухан кунанд, гурӯҳи дигар аз паи тақлиди шеваи дарии Афғонистон ва ё форсии Эрон такопӯ карда, ба калимаҳои "далел", "ҳуҷҷат", "санад" ва ё "хато", "саҳв", "ғалат" чи расида бошад, ки "аснод", "ағлот" барин луғоти арабии кайҳо аз истифода вомондаро ба кор мебаранд.

Таъиноти мардони бузурги асри мо Садриддин Айнӣ ва Саид Нафасиро дастур бояд гирифт, ки забони тоҷикии покизаю беғашро маҳз порсии асл гуфта буданд.

Ба назари ман, вақт аст, ки аз боби забони рӯзномаҳо ва радиову телевизиони тоҷик гуфтугузоре ба миён оварем.

Ин ҳам шуниданист, ки боре як тан рафиқи зоҳиран зиёинамои тоҷик дар Маскав ба мусофири эроние гӯё ба забони тоҷикӣ сухан мекарду меҳмон матлаби он марди хо-

мандешро нафаҳмида, китф боло мекашид ва дар тааҷҷуб савол мекард: “Оғо, шумо ба кадом забон ҳарф мезанед?”

Мардуми форсизабони олам хуб медонанд, ки забонҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ — ҳама аслан як забонанд, агарчи дар луғоти имрӯз баъзе тафовут пайдо кардаанд. Масалан, дар Эрон корхонаи сафолкориро “коргоҳи серомикӣ” мегӯянд, ки барои тоҷикони соҳибмаълумот ҳам ин таъбир нофаҳмост. Ва ба ҳамин монанд калимаю иборати ба якдигар нофаҳмо дар ҳар се шохаи забони имрӯзаи форсӣ ба назар мехӯрад.

Сипас, чи бояд кард, равнақи минбаъдаи забонамонро ба кадом чараён бояд андохт?

Ман тарафдори ягонагӣ ва ё баҳамназдикии забони форсизабони дунёам. Шеъри мо чи дар гузашта ва чи имрӯз ба як шева — ба порсии барои ҳама фаҳмо гуфта шуд ва боз мегӯянд. Вале забони шеър одатан дар нисбати забони зиндаи гуфтугузорҳо ба замони куҳан майл дорад. Забони зиндаи мардуми мо, забони соҳаҳои гуногуни илму фарҳанги мо имрӯз аз форсӣ каму беш тафовут мекунад. Пас чи бояд кард? Дар паи ягонагии забони форсизабони дунё аз шеваи аслии тоҷикӣ даст кашидан нашояд. Мо бояд тоҷикиро аз олоишҳо пок созем, он гоҳ ин забони муқаддас ба ҳамаи порсизабонон фаҳмо хоҳад буд. Охир, гаҳвораи тамаддуни мардуми порсизабонон Мовароуннаҳр аст ва забони порсӣ аввалбор дар ин диёр нумӯъ кардааст. Донишвари машҳури Эрон Саид Нафисӣ аз ин хусус чунин нигоштаанд: “Бисёре аз уламои бузург ақида доранд, ки нажоди мо, яъне нажоди ориёӣ дар он сарзамин — дар доманаи кӯҳҳои Ҳиндукуш ва дар канори рӯди Ҷайхун ва Сайҳун нахустин рӯзҳои зиндагии хешро гузаронидааст. Уламои таърих ақида доранд, ки мо аз он ҷо омадаем ва Эрони имрӯза ба манзалаи хонаи дуввуми мост... Шаҳрҳои ободи ин ноҳия, ки мисли Самарқанду Бухорову Балх ва ғайра дорулилми мардуми порс буд...”

Аҳли илму адаб, пиру ҷавони мардуми тоҷик ҳоло вазифадоранд, ки ин забони муқаддаси бобоёнро аз харобӣ ва олоишҳо покиза нигоҳ доранд ва равнақ бахшанд. Ба ақидаи ман, равнақи забон ин нест, ки ҳар як қаламкаш безарурат шеваи маҳалли худро чун намунаи забони фасеҳи тоҷикӣ ба кор барад ва ташвиқу тарғиб созад. Ҳеҷ дар тасаввур меоваред, ки агар бобоён дар нисбати забони фасеҳи форсию дарӣ чунин муомаларо раво медиданд, дар тӯли ин ҳазор сол забони мо ба чӣ хараҷу мараҷи харобиоваре мубтало мегашт?! Агар мо имрӯз ин амали шевагироиро ривоҷ бахшем, фардо забони китобҳои моро на фақат мардуми Эрону Афғонистон, балки тоҷикони Осиёи Миёна низ бахше намефаҳманд, бахше ба сахтӣ сарфаҳм хоҳанд рафт, зеро баъзан шеваи ду деҳаи ҳамсоя низ аз якдигар тафовут карданашро ҳама медонанд.

Ин дардҳоро маҳз имрӯз бори дигар гуфтани маро сабаб ин аст, ки қонунан мақоми давлатӣ гирифтани забон ҳам, ҳаргиз мақоми маърифату тамаддунро иваз нахоҳад кард. Фақат дар он ҷое, ки афкори зиндаю шево намурдааст, сухани фасеҳу каломи ширини модарӣ низ намемирад.

Баъзе рафиқони мо худро бемуҳобо донишвари забони тоҷикӣ пиндошта, баъзан даъвоҳое пеш мегузоранд, ки дар ин ҷода бехабарии худи ононро собит мекунанду бас. Масалан, муҳаққиқони мо на як бору ду бор дар матбуот навишатаанду дар маҷлисҳо гуфтаанд, ки дар забони мо ибораҳои аз қабили “рафта истодааст” ё “гуфта истодааст” тасодуфӣ ва ё худ тааррузи бегоназабон нест, балки ин ҳама аз “Авесто” омадааст. Аммо иддае бехабарон ҳанӯз ҳам ба ин таъбирҳо гоҳу бегоҳ ҳамлаваранд. Агар дар забон иборате ба кас писанд наояд, ӯ ҳақ дорад, ки онро ба кор набарад, аммо аз бехабарӣ ба манъи он кӯшидан аз ақл ва тадбир набудагист?

Мубориза ва муҷодала бо васвосияти ҳамагир сахт мушкил аст, зеро донишварон бо ин турфа касони

хомандеш баробарӣ кардан намехоҳанд, балки барои мӯрча табар тез карданро барои худ ба беҳуда умрфарсоӣ мешуморанд.

Имрӯз аксари кулли деҳқону коргар ва зиёиёни тоҷик беқоғаз, бадаҳатан даҳ — понздаҳ дақиқа сухани пурмаънӣ ва сараю фасеҳ гуфтан наметавонанд. Ин ҳолро сабаб чист? Чаро нутқи гӯё ва бурройи мардуми мо ба ин тариқ беранг, пуч, пурхато ва қоғазӣ гаштааст? Сабаби ин табоҳию харобӣ чӣ бошад? Чаро тоҷикон саросар саводнок гашта бошанд ҳам, қобилияти андешидани фарох ва ибрози афкори пурмаъниро гум кардаанд? Ҳоло вақт аст, ки дар атрофи ин чунин масъалаҳо низ биандешем.

Аз тасодуф нест, имрӯз вазъи забони тоҷикӣ дар ҳама шаҳру деҳоти Тоҷикистон ва гузашта аз он, дар кӯҳу барзан ва дару боми Сариосиёбу Деҳнав, Деҳқонободу Шаҳрисабз, Самарқанду Бухоро, Порашду Нурато, Сирдарёву Сӯх ва садҳо дигар мавзеъҳои ҳудуди имрӯзаи Ӯзбекистон низ мавриди гуфтугузорҳо ва муҳокамаю мунозараҳо гардидааст.

Нуфуси тоҷиконе, ки аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон берун мондаанд, аслан аз тоҷикзабонони дохили республика бештар аст. Тоҷикони беруни республика дар баъзе маҳал агар ҷабран аз рӯзномаву китобу мактаб ва кӯдакистонҳои тоҷикӣ ва дигар ҳуқуқҳои миллии худ маҳрум гашта бошанд ҳам, бахше то ба имрӯз ба сахтиҳо ва маҳрумиҳо тан надода, мактабҳои тоҷикии худро нигоҳ доштаанд.

Вале афсӯси ман аз он аст, ки дар силки ходимони маорифи мо ҳоло тангназароне кам нестанд, ки ба чандин ранг баҳонаҳо таҳсили фарзандони тоҷикони берун аз ҳудуди республикаро монеъ мешаванд. Овони имтиҳоноти қабули соли рафта ин даъвии маро собит мекунад.

Дар Гурҷистон қонунан гурҷизабони аз Осиёи Миёна ва дигар кишварҳои берун аз ҳудуди республика-

ашон омадаро ба донишгоҳҳо ба тарзи соҳибимтиёз — беконкурс қабул мекунанд. Бародарони қирғизистонӣ ҳам аз райони Ҷирғатоли мо ва дигар кишварҳо ба нияти таҳсили илм омадаро соҳибимтиёз кардаанд.

Мо дар Тоҷикистон чун ба ҳамзабонони худ дасти ёрӣ дароз кардан наметавонем, чи хуш буд, агар монеи азми ин миллатдӯстони азизи худ намегаштем. Ин амал ҳам дар радифи забоншиносию худшиносиҳо барои мо зиёиёни тоҷик як амри воҷиб аст.

Ҳолдонҳо мегӯянд, ки дар республикаи мо шахсоне, ки макони мавлудашон берун аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон аст, аз ваҷҳи пешниҳод ба вазифаҳо ва тақдири хидмат ба баъзе табъиз низ гирифторанд... Он рӯз дур нест, ки суди таърих аз рӯи ин ҷиноят ҳам парда хоҳад бардошт.

Хулосаи калом, мо бояд ки ба мардуми кишвар забони модарии ӯро боздиҳем, забонеро, ки аз азал то абад модари тоҷик ба он лолой гуфту боз мегӯяд, забонеро ки ба он шоиронаш шоҳномаҳо эҷод кардаанд, олимонаш қомусу фарҳангҳое аз қаъри ҳазорсолҳо доранд ва як тамаддуни бо олам машҳуреро бунёд ниҳода, асрҳо ба ин забон ҳукуматдорӣ кардаанд, имрӯз дигарбора ба сари минбарҳо бояд бароварем ва мақоми қонуниашро ба он бубахшем! Мо бояд, ки ба мардум забони шукӯҳманди ниёгонамонро бозгардонем, то ӯ дигар аз сухан гуфтан ба ин забон чи дар хона ва чи дар минбар хиҷолат накашад, худро бечораю ҳақир эҳсос накунад. Забони тоҷикӣ на фақат дар пахтазорон, балки дар идораҳои ҳукумати Тоҷикистон низ бояд баланд садо диҳад.

Чашми умед мепарад, ки ин орзуи деринсол ба мардуми мо насибу арзонӣ хоҳад гашт.

***1989***

# САГЕРО БАД НАГӮЯМ

Ҳар як адиби ҳақиқӣ ва соҳибҳунар осори беҳунарона хоса интишор ва тақдиру таҳсин кардани инчунин китобҳоро намехоҳад. Баъзе гумон мебаранд, ки ин нафрат ва бадбинӣ аз бахилӣ ва нотавонбинӣ бармеояд. Дар назари ман ҳаргиз ин тавр нест. Адибе, ки андаке сухани гиро ва афкори шево дорад, ба каломи пучу ҳарзабаёниҳои бетаъсир чаро бахилӣ кунад?! Ҳунарвар агар бахил аст, ӯ ҳунарвари комил нест, ҳунару бухл дар як сина намеғунҷанд.

Осори инчунин афроди безавқ ва беҳунар азбаски шавқовар нест, завқи мардумро кунд мекунанд, дили халқро аз китоб ва осори бадеъ дур месозад.

Чун рахт-рахт китобҳои бехаридорро дар мағозаҳо мебинам, монанди он табиби одамкуше, ки ҳар гоҳ аз раҳи гӯристон гузар созад, аз хиҷолат рӯяшро мепӯшид, вуҷуди маро изтироб мегирад. — Ба интишори ин ҳама музахрафот, ки дар шакли китоб ҷилва мекунад, ман ҳам гунаҳгорам! Чаро боре мақолаи ғаррое навишта, ба ин касон нагуфтам, ки онон истеъдоди суханварӣ надоранд, ва чи ғаразе доранд, ки беҳуда хештанро ба ин саҳна андохта, ҳам худро ва ҳам дигаронро дарди сар медиҳанд? Чаро ба ин зумра фошофош нагуфтам... Ба ин дастур баъзан амал кардаам, ки намунаҳои онро хонандагон балки ёд доранд. Аммо чи суд?.. Танқид монанди фарёдест, дар рӯ ба рӯи кӯҳи сангине, ки ҳамоно акси онро мешунавед. Ман аминам, ки аз сад навад нафари танқидшудагон дар рӯзгори мо худро заррае гунаҳгор намешуморанд. Онҳо фавран ба сафед кардани ҷурми хештан, сиёҳ кардани танқидкунанда шурӯъ мекунанд. Ҳеч кас мардона иқрор намекунад, ки ӯ ҳунари модарзоди сухан-

варӣ надорад, ҳатто ба дил иқрор намекунанд, ки дар ҳақи ӯ аслан ҳақиқатро навиштаанд...

Чунон ки Дейли Корнеги дар китоби худ овардааст, ҳатто хуношомтарин қотилон ҳаргиз худро як фарди разилу фурӯмоя ва зарарнок нашумурдаанд, золимтарин касон худро қаҳрамони даврон ҳисобидаанд.

Қабл аз Корнеги, рӯзгор худ маро собит намуд, ки танқид фаъолияти беҳуда ва зарарнокест ба шахси ман. Ба ҳамин минвол ман яке аз сабабҳои бефаъолиятии мунаққидони адабиёти тоҷикро донистам.

Инсон иззати нафс ном эҳсосоти хеле нозук ва аксаран сохтаву бофтае дорад ва то ҷон дар рамақ бошад, дар ҳифзи он пойфишорӣ мекунад. Аз ин аст, ки ӯро агар зарурате пеш ояд, ҳама оламро гунаҳгор мекунад, аммо худро не. Аслан, аксари мо, яке бештар, дигаре камтар, ба ин дарди модарзод гирифторем. Ман хеле кам мардонеро дучор кардаам, ки тандеҳу олиҷаноб иқрор кунанд: Ин хато аз ман гузашт, аз чунин айб пок нестам!..

Танқиди сахт дар таърих баъзе адибонро ба ҳалокат расонданашро мо медонем. Шоири англис Томас Чаттертон ба танқиди сахт тоқат наоварда худкушӣ карданашро аҳли илму адаб шунидаанд. Аз инчунин мисолҳо бисёр овардан метавон, аммо на аз адабиёти тоҷик! Дар адабиёти мо танқиди асоснок нест, ё мадҳия ҳаст ё фелетон.

Алғараз, ҳар кас ба танқид даст задан метавонад, яке асосноку эътимодбахш ва холисона, дигаре камасосу бештар бо каломи ҳақоратомез, аламноку шӯрида. Ва аксаран мардуми кӯтоҳбин чунин амал мекунанд, ки намунаҳои навиштаҳои ононро мо ҳар замон дар матбуот мехонем.

Ман ҳам басо вақти ҷавониро ба ислоҳи осори адабии беҳунарона харҷ кардаам. Фақат имрӯз донистам, ки он ҳама танқидҳои ман фарёдеро мемонанд, ки шамоли сахт ба ҳар сӯ мебараду фақат ба гӯши касе намерасонад.

Бенҷамин Франклин ҳам, ки дар айёми ҷавонӣ густоху безинҳор будааст, баъдтар дар айёми камолоти умр навиштааст: “Ман дар ҳаққи ҳеч кас бад намегӯям, вале дар ҳаққи ҳар як фард ҳар чи аз хубу некӣ медонам, хоҳам гуфт...”

Боист, ки инсон, ҷои он, ки ба танқиду танзу мазоҳи дигаре пардозад, ҷаҳде ба кор барад, то сабаби аслии нуқсон ва ё табаҳкории инсонро дарёбад, кӯшише ба кор барад то бидонад, ки чаро ӯ маҳз чунин рафтор мекунад, чаро истеъдоди суханварӣ надошта бошад ҳам, китоб менависаду китоб нашр мекунад, марди сиёсӣ набошад ҳам, вакили парламент аст, аз донишу фарҳанг бенасиб бошад ҳам, академик ва ё сарвари институт ва ё академия аст. Чунин вазъиятро дар ягон мамлакати дигари олам намебинед! Магар харобии маънавӣ ва иҷтимоиёти мо аз вазорат кардани гилкору дарзӣ ибтидо нашуд?!

...Агар мо имрӯз ба навиштаҳои ҳамқаламони худ аз ин манзар менигаристем, ҳеч аҷаб набувад, ки хеле асрорро пай мебурдем.

Хуб, хонандаи азиз ҳоло аз ман хоҳад пурсид, ки имрӯз сабаби бехаридории китобҳои тоҷикӣ чӣ будааст. Ман яқин кардам, ки сабаби аслии ин миқдор селоби ашъори бетаъсир ва китобҳои дигари аз ҳикмат бенасиб усули давлатдории мо, набудани моликияти хусусӣ, мунҳадим гаштани қоидаи асосии таҳлилу танзими иқтисодиёту иҷтимоиёти ҳар як миллат — тиҷорати озод аст. Фаразан, бигирем, ки агар дар кишвари мо низ монанди кулли мамлакатҳое, ки сахти ҳукуматдории мутамаддин ва иқтисодиёти озодро дороянд, нашриёт моликияти хусусӣ мебуд, ношир ин ҳама китобҳои касмахарро магар ба нашр мерасонд? Ҳаргиз. Ба маблағи худ аз сад нафар яке, он ҳам барои имтиҳони таъсири каломи худ китобаки хурде интишор мекарду бас. Бешак, агар таъсири каломаш амиқ бошад, осори чунин адиброро хонандагон аз саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо мутолиа карда, нашри ки-

тобашро интизор хоҳанд гашт... Инчунин тарзи мӯътадил ва усули қонунии интишори китоби худро то имрӯз ҳама олам риоя мекунанд ва қоғази гаронбаҳову маблағу заҳмати одамонро ба боди фано намедиҳанд. Равнақу ривоҷи тамаддуни башарӣ ба ҳамин дастур сурат гирифтааст.

Фақат дар мамлакати мо нашриёт монанди дигар соҳаҳои рӯзгор мулки давлат буд ва аз он ҳар яке ҷаҳд мекард, ки тиккаи бузургтареро бардорад.

Ходимони нашриёти “Адиб” мегӯянд, ки шоире дар ҷавоби бехаридор мондани китобҳояш ба онҳо рӯирост гуфтааст: “Бигзор бехаридор бошад, ман ба ин ҷиҳат кордор нестам...”

Шоире дигаре радди танқид мекарду мегуфт: “Мардум китоби Низомиро низ намехаранд, сипас ӯ низ беҳунар аст?!”

Ҳарчанд ба ӯ фаҳмондан хостам, ки Низомӣ шоири даврони мо нест ӯ кайфияти мардуми ҳаштсад сол пешинро сурудааст, хонандаи осори пешиниён дар ҳамаи мамоликҳо хол-хол дучор мешаванд, вале шоири мо ҳеч ин маъниро идрок намекард. Сипас гуфтамаш:

— Пас аз ҳашт қарн китоби Низомиро дар Тоҷикистон агар ба андозаи даҳ ҳазор нусха харидаанд, аммо китоби туро баъди ҳашт сол касе ягон нусха мехарида бошад?

— Мехаранд, — гуфт вай.

Ӯ дуруст мегуфт — мехаранд. Мардуми мо ҳанӯз китоби нағзу бадро хеле кам фарқ мекунанд...

...Дар ҳар ҳолате, бо ҳиммати як идда мардуми соҳибмаърифат китобҳои хуб зуд ба фурӯш мераванд. Китобҳои афроди беҳунарона рахт-рахт бехаридор мемонанд. Тоҷикистон алҳол корхонае надорад, ки ин моли касодро дигарбора ба қоғази гаронбаҳо гардонад. Наход ки мардуми мо як умр ба ҳамин минвол беҳудакориҳо умрашро зоеъ кунад? Чаро миқдори адибтарошу олимтарошони аз истеъдод ва хиради ҳунаршиносӣ бебаҳра дар кишвари мо аз ҳар мамлакати дигаре зиёдтар аст?

Агар ин одамон ба чи ҳунаре қобилият доштани худро меҷустанду меёфтанд, балки мо дар шахси онон муаллимони нағз, коргузорони моҳир ва ё худ деҳқону молдорони ба кӯшиш печидаро медидем.

Аммо онҳо аз паи кори худ нарафтанд...

Сипас бигӯед, ки чаро мағозаву китобхонаҳои мо ҳамвора аз китобҳои ба касе нодаркор моломол набошад?!

Дарвоқеъ, даврони Шӯравӣ барои беҳунарон, дасисаҷӯён, иғвогарону қаллобони гуногуннусха ҷавлонгоҳи фарох муҳайё сохта буд. Зоти ин қабил ҳабисон дар ягон давру замон ва дар ҳеч як кишвар ба ин тариқе, ки дар ин шашяки ҷаҳон ривоҷ ёфт, наафзуда буд.

То замоне, ки нашриётҳои мо моликияти давлатанд, инчунин вазъият дар адабиёту фарҳанг низ давом хоҳад кард ва мо ба қоғази гаронбаҳо музахрафоти ба касе нодаркори шоиртақлидони қофиябоф ва рӯзноманигорони беҳудагӯйро интишор хоҳем кард...

Ин ҳам шуниданист, ки дар хориҷа борҳо аз адибони мо касбу корашонро мепурсанд ва агар дар ҷавоб гӯянд, ки “ман шоирам” он мардумон тааҷҷуб мекунанд: “Наход ки шуғли дигаре надошта бошем? Ҳамчун хоббӣ, яъне, дар соатҳои фориғ аз кори асосӣ шеър навиштан мумкин аст, аммо умри азизро маҳз ба ин кор харҷ кардан дар айёми мо исроф нест? Дар ин замон шеър ба кӣ даркор аст...”

Дареғо, ки бисёр касон ин маъниро дуруст идрок намекунанд, тағйир ёфтани оламу одамро намебинанд.

Акнун эътимод пайдо кардед, ки танқид дар муҳити илму адаби мо як навъ фаъолияти бесамар, беҳуда ва сирф ба зиёни шахси мунаққид будаст?!.

Инчунин тарзи давлатдории мо ба даври дастархони адабиёт он қадар ҳавасмандонро ғун кард, ки дигар адибони соҳибҳунар маҷбуранд, ки нони дами дасташонро бо ин тоифа тақсим кунанду ба ҳам бинанд, яъне, китобҳои ононро ба нашр расонанд.

Хуб, адибон агар ночор мондаанд, аҳли ҷамоат чаро ба ин аҳвол хомӯшанд? Ё худ адабиёт фақат кори адибон аст?..

Ба гумони ман, ҷамъияти мо ҳанӯз як навъ ҷамъияти хеле каммаърифат ва аз ҷараёни тамаддуни башарӣ хеле дур афтодаро мемонад. Инро адади нашри беҳтарин китобҳои мо ва сифати рӯзномаву маҷаллаҳои мо собит мекунанд. Инро забони тоҷикии адабиро саҳеҳ надонистани зиёиёни мо, муаллимон, вакилону вазирони мо, ҳатто бо забони сактаву шикаста даъвои мансаби президентӣ карданӣ мардони бехабар аз вазъи адаб далели қатъӣ нест?

Сипас, бигӯед, ки ман дар ин ҳараҷу мараҷ киро муттаҳам созам, кадом тоифаро гунаҳгор шуморам? Аз таҷрибаи сисола фаъолиятам дар саҳнаи адабиёт ман ин қадар донистам, ки усули давлатдории моро тағйир надода ҳеҷ яке аз ин дардҳоро даво кардан натавон. Ин ҳама ҳараҷу мараҷро тарзи давлатдории мо ба вуҷуд овардааст. Бо система, бо тарзи давлатдории коммунистӣ мубориза кардан беҳуда буданашро ҳама медонанд.

Хайрияти кор, имрӯз ин тартиботи мустабида анқариб бо саъйи дигарон бошад ҳам, аз миён меравад. Ман умедворам, ки хирман-хирман китобҳои каснахар, мансабдорони нависанда, депутатҳои кӯрсавод, ришвахӯроне, ки дар ҳимояи “адолатанд”, ҳаромхуроне, ки дар вазоратҳо, идораҳои савдо ҳукмравоанд, низ аз миён хоҳанд рафт. Агар ин ҳама афроди туфайлӣ бо тартиботи барояшон бениҳоят созгор аз миён раванд, ман ба офияти ин мулк умедвор хоҳам гашт.

Қонуну қоидаҳои тартиботи бюрократӣ дар мағз андар мағзи шуури мардуми мо ончунон реша кардааст, ки аз ин ҳол бисёр зиёиёни мо, ки худ даъвои равшанфикрӣ мекунанд, огоҳӣ надоранд. Муддате шуд, ки дар назди Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурият як навъ шӯрои мушовиратии олимону адибон ташкил ёфт. Баъди

ошноӣ бо ҳайати ин шӯро яке аз дӯстони зираки ман гуфт, ки “ин ҳам барои птичка”. Бешак, дар он миён ба мисли Рашид Раҳимов ва Раҳим Масов уламои шоистае, ки дар сиёсат ва иҷтимоиёт аз онон маслиҳате бармеояд, ҳастанд, вале аксар дар боби давлатдорӣ агар дар гӯед, девор мегӯянд. Дарвоқеъ, агар ин шӯро ба номаш ташкил нагашта бошад, ба узвияти он чунон ки дар айёми тартиботи масхараомези коммунистӣ буд, боз раҳбарони аввалу сонии идораҳои илмиву эҷодӣ ва баъзе афроди дар ин ҷода сирф тасодуфӣ дохил намегаштанд. Солҳои бешумор раҳбарони идораҳои мо ба ҳамин минвол расман узви даҳҳо ташкилот, ҷамъият, ҳайати таҳририя ва ғайра буданд, аммо ҳама ба номаш буд. Инсоф диҳед, наход ки боз ҳамон дегу боз ҳамон кафлес бошад?!

Гирумони тартиботи пешинро аз шуури мардуми мо сутурдан басо мушкил аст. Агар қабл аз ин баъзе аз тамаъгарони мансаб дар ҳаққи Русия ё миллати рус сухани ба эътироз монандро сирфан тоб наоварда, ба сари мо бӯҳтону гуноҳҳои гӯшношунидаро мерехтанд, ҳоло баъзе афроди пешдаргирон дар бобати Эрону Афғонистон ё мамолики араб ҳамин усулро ба кор мебаранд. Муддате қабл аз ин дар мулоқот бо вазири умури хориҷии Эрон ҷаноби Вилоятӣ, азбаски қавми мо суннимазҳабанд, ман савол кардам: чун аст, ки дар Эрон эрониёни суннимазҳаб баробари арманиҳоанд, яъне, аз басе ҳуқуқҳои конститусионӣ маҳруманд. Ҷаноби Вилоятӣ дар ғояти борикназарӣ гуфт, ки дар Покистон анқариб бист милюн шиаҳо ҳастанд, ки бист андар сади нуфуси он кишварро ташкил мекунанд, аммо бо сунниён баробарҳуқуқ нестанд, сипас чигуна бошад, ки дар Эрон ҳамагӣ панҷ дар сади аҳоли сунниёнанду мо ононро ҳуқуқи баробарӣ диҳем ва ғайра...

Аммо чи мегӯед, ки яке аз шоирони мо, ғолибан ба маънии ҷавоби ҷаноби Вилоятӣ саҳеҳ сарфаҳм нарафта будааст магар, ба таввасути радио ин саволи маро “саво-

ли иғвогарона” эълон кард ва дар Эрон вазъи сунниён чунин нест гуфт. Боз ҳамон қоидаи пешин ба ёд мерасад: дар ҳузури бародари бузург аз ҳақу ҳуқуқи худ даҳон кушоданамонро манъ карда буданд. То ба кай мо ба усули нобиное, ки як чизаки тасодуфан дидагиашро сахт мегирад, амал мекарда бошем? Баъзе аз зиёиёни мо агар як раҳ ба Эрон рафта омада бошанд, гумон мебаранд, ки он мулк хоса ифтихори онон аст ва дигарон ҳақ надоранд бо вакили он кишвар баробар истода гуфтугӯ кунанд. Ҳол он ки хеле аз ҳамдиёрони мо муқими эронзаминанд ва ман наметавонистам, ки чунин савол накунам. Хулоса, афъолу омоли дохундагӣ (ба маънии “провинсиализм”) дар табиати мо сахт махлут гашта, ба тавассути маърифати андак тағйир пазируфтани он мушкил аст...

Ба ҳамин минвол, ман дерест, ки эътимоди қавӣ пайдо кардаам, дар муҳити адабии мо танқид фоида надорад. Аз ваҷҳи заҳматҳое, ки бар асари андаке танқид ё саҳеҳтар аст агар гӯям, гилагузорӣ, ба ҷони худ чашидаам, ҳоло сухане намегӯям, ин ҷиҳат мавзӯест барои мақолаи алоҳида. Алҳол хулосаи мушаххаси ман аз рӯзгори аҳли адиби айём ин аст, ки сагеро бад нагӯям.

***1991-92***

# МЕХОҲАМ, КИ БИДОНАМ...

Адибон аслан сиёсатмадор ҳам нестанду иқтисодшинос ҳам. Агар касе аз аҳли адабиёт ва дигар ҳунарҳо худро ба сиёсат задаст, муроди ӯ фақат мансаб аст. Аммо имрӯз, ки мардуми мо дар чорсӯи таърих ҳайрон аст, ман мехоҳам, ки бидонам: чаро фирқавиён ва ҳукуматдорони мо дар сухан тарафдори бозсозианду дар амал ошкору пинҳон муқобили ислоҳоти Горбачев амал мекунанд? Чаро? Сабаби ин каҷ дору нарезро чор сол боз нафаҳмида ҳайронам.

Дуруст аст, ки бозсозӣ кулли имтиёзоти онҳоро барҳам заданист ва ба ҳар инсон аз рӯи ҳунар ва қобилияти кордониаш маош доданист ва онҳо ин ҳолро дидаю дониста чаро ба пои худ теша зананд?! Агар чунин аст, сипас чаро “бозсозӣ” гуён валвала мекунанд?

Бозсозӣ ва такя ба бозор кардан тақозо созад, ки замини кишт ва ҷангалу марғзоронро ба тадриҷ куллан ба дасти деҳқону молдорон бидиҳем ва деҳотиёнро ихтиёр бидиҳем, ки ҳар чи барояшон судбахш аст, ҳамонро бикоранд ё бипарваранд. Вагарна мафҳумҳои сабқат ва бозор бе моликияти хусусӣ гапи пуч хоҳад буд. Хуб, дар ин ҳол раисони колхозҳову директорони совхозҳо, аҳли идораи онон, идоранишинони ноҳияву вилоятҳо, вазиру вузаро чи мекунанд? Наход, ки ин тоифа он қадар гӯл бошанд, ки бо дасти худ ба сари худ об бирезанд?!

Сабаби дар амал татбиқ нагаштани имкониятҳои қонуни нави заминдорӣ магар дар ин нукта пинҳон нест?

Чаро дар мо ҳар як мақсади некро бо комиссия, директива ва ғайра коғазбозии бюрократӣ ва чандин “эҷодкориҳои” нодаркор хаспӯш мекунанд? Ба қавли собиқ иқтисодшиноси мо, ҳоло иқтисодшиноси амрикоӣ

Игор Бирман барои шиновариро омӯхтан ҳавзи об даркор асту бас. Яъне, барои оғози кор иборат аз якчанд модда дастур, ки ба моликияти хусусии одамон кафолат диҳад, дахолати ҳукуматдоронро ба кори онон маҳдуд созад, андозро кам кунад, лозим асту бас. Вассалом. Ба ғайр аз ин, истеҳсолоти ҳарбиро ба хидмати мардум — барои истеҳсоли ашёи зарурӣ мутобиқ кардан лозим.

Боре академик Шаталин изҳор дошт, ки агар заминро ба деҳқон боздиҳем, ӯ мегирифта бошад? Кӣ намедонад, ки агар заминро ба деҳқон диҳанд баъди ду сол мамлакат серу пур зиндагӣ хоҳад кард.

Баъди ин ҳама мехоҳам, ки бипурсам: бозсозӣ ба ин усуле, ки мо пеш гирифтаем, оё натиҷаи матлуб медода бошад?

Аз рӯзе, ки ақли худро шинохтаам, ман медонам, воизон аз сари минбарҳо ҳаёҳуй мекунанду қаламкашон мадҳияҳо менависанд, ки ҷумҳурияти мо гул-гул шукуфт, бахти мардумон чун косаи лабрез гашт ва ғайра ва ҳоказо. Имрӯз донистем, ки вазъи аҳволи мо аз ҳоли мардуми кишварҳои камбизоати навривоҷ ҳеҷ бартарӣ надоштааст... Ҳай гуфтему навиштем!.. Ман он ҳама осори дурӯғиншукӯҳи адибонамро хонда, имрӯз аз ҷониби онон сахт хиҷолат мекашам. Ва гоҳе шукри он мекунам, ки аз қайди афсуни ташвиқоти он айём ворастаам...

Дар воқеъ, ҷумҳурияти мо аз ваҷҳи иқтисодиёт ва маданияту фарҳанг дар тӯли ин ҳафтод сол чи гуна комёбиҳо ба даст овард?

Агар бигӯем, ки ман дар ягон соҳаи рӯзгор комёбии назаррасро намебинам — на дар бобати иқтисодиёт, на дар боби илму фарҳанг, тармими ёдгориҳо ва дигар навъ мероси ниёгон, аксаран бовар надоранд. Футури маънавиёту ахлоқ ва рӯҳияи мардумонро як тараф мегузорем. (Дар Қубодиён дидам, ки барои пойдевори иморати идораи шаҳрдорӣ хандақе кофтаанду аз таҳи хок харобаҳои шаҳри қадимае баромадаст — кӯчаву хонаҳо, то ба ку-

бурҳои об — ҳама равшану возеҳ. Ва ҳоло дар маркази ноҳия ба рӯи он шаҳри қадима аз чор тараф хокрӯба мепартоянд!)

Баъзе рафиқон вазъи имрӯзаи Тоҷикистонро ба вазъи соли 1913 таққос мезананд! Дӯстонам! Охир ингуна муқоиса дуруст нест, марказҳои тоҷикон — шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Хуҷанд дар радифи шаҳрҳои дигари Машриқзамин чи эътиборе доштанд, боист пеши назар оварду бо вазъи имрӯзи он мамолик муқоиса бояд кард.

Вақте ки қариб аксарияти аъзои ҳукумати Тоҷикистон ва вакилони Шӯрои олии ҷумҳурӣ аз хурдӣ китоб нахондаанд ва имрӯз ҳам намехонанд ва ба забони тоҷикӣ саҳеҳ сухан кардан наметавонанд, мо ҳақ надорем, ки аз ваҷҳи гул-гулшукуфии маданият мадҳияхонӣ кунем. Аксаран нутқи бемағзу беранг ва алфози кӯчагӣ, аз мантиқ ва хулосагирӣ бехабарии онон далели аз китоб ва дигар васоили маърифат бебаҳра будани ин касон нест?! Тасдиқ гаштани қонуни забонро раиси Шӯрои олӣ аз варақ ба сахтӣ хонда эълон кунад, сипас аз боби маърифату маданият харф задани мо риёкорӣ нест?! Чаро ин қадар кӯрсаводон ба сарварӣ расиданду болонишин гаштанд, ман ҳеҷ намефаҳмам!

Мехоҳам бидонам, ки бо ин вакилони худ мо кадомин проблемаи дандоншикани худро ҳал мекунем ва кадомин гиреҳи рӯзгорамонро мекушоем?

Роҷеъ ба ваҳдати бародарию бародархондагии миллатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ он қадар гуфтему навиштем, ки ҳисоб надорад. Дар назари аввал мамлакати мо аз давлатҳои гуногуни миллӣ иборат аст, вале дар амал ҳеҷ як миллат давлату давлатдорӣ надорад. Чунин дурӯягӣ ва дурӯғсифатиро дар бунёди давлати сосиалистӣ ниҳодаанд. Балки дар он айём падару бобоёни мо ҳақиқати таърихро намедонистанд, вале имрӯз ҳар як фарди соҳибмаърифат возеҳу равшан медонад, ки дар таърихи башар ҳеҷ яке аз чунин конгломератҳо дур напоидаанд. Чунин

иттиҳоди гуногунмиллат дер нахоҳад монд, инро боист, ки дар назар бигирем.

Дар атрофи ин масъала ба қарибӣ рӯзномаи “Лос-Анҷелес таймс” мақолаи директори маркази таҳқиқи русҳо дар дорулфунуни Ҳорвард — Адам Улмаро интишор кард, ки чунин овардааст: “...Дар даҳ соли наздик имкони мухтасар гаштани ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ 50:50 аст, вале ин ҳол метавон онҳоро ба ҷанги байнихудӣ оварад. Ҷамоҳири соҳили Балтик метавонистанд, ки истиқлол ба даст биоваранд, вале ин ҳол оқибати дигаре дорад — ҷамоҳири дигар низ истиқлол талаб мекунанд, — сараввал Гурҷистон ва аҷаб не, Украина...” (Рӯзномаи “Советская культура”, аз 21 июли соли 1990).

Сабабҳои ба таъзиқи якдигарӣ шурӯъ кардани миллатҳоро ба таҳқиқ диниста, сипас барои бартараф карданин он сабабҳо кӯшиш кардан лозим аст. Маҳз, ҳамин сабабҳоянд, ки дар Гурҷистон абхозу осетинҳоро таъзиқ мекунанду дар Ӯзбекистон тоҷиконро ва ҳоказо.

Монанди ҳар як фарди ватанпарвар ман ҳам донистан мехоҳам, ки чаро ҳукумати СССР барои ҷилавгирии ин офати пешоянда чораҳои амалӣ надид? Охир, ҳолдонҳо сабаби ихтилофи озариёну арманиҳоро ҳанӯз дар ибтидои хурӯҷи онон бартараф кардан мумкин буд, мегӯянд.

Дар анҷумани охири КПСС ғалабаи тарафдорони бозсозӣ аксари мардуми моро хушнуд сохт ва ба фардо умедворӣ бахшид. Дар акси ҳол қисмат мамлакати бенавои моро боз якчанд даҳсолаҳо ба қафо меандохт. Ман ҳам аз ғалабаи Михаил Горбачев хушнудам. Аммо боз ҳам диламро гургон мехарошанд: агар дар тӯли муддати президентии Горбачев дар мамлакат беҳбудии иқтисодӣ ба амал наояд, пас чи мешавад? Боз роҳи дигарро пеш мегирем? Иқтисодчиён ва ҷамъиятшиносони ҷаҳон аминанд, ки дар муддати чор-панҷ сол мамлакати моро ба роҳи равнаку таҷаддуд баровардан муҳол аст.

Агар мамлакати мо ҳам ба мисоли мамлакатҳои мутамаддин парламенти мустақимравиш ва мустақилақида медошт, имрӯз ҳар як фард аз фардои мамлакат хотирҷамъ буд. Асоси қонунгузории Штатҳои Муттаҳидаи Амрикоро 200 сол қабл аз ин навишта буданд, вале то ба имрӯз ҳар қадам президентҳо омада рафтанд, вале ҳеҷ яке онро хароб накард, зеро конгресс солим ва демократӣ буд.

Дар анҷумани КПСС кӯҳнапарастон, консерваторони мутлақиятхоҳ шикаст хӯрданд, аммо онҳо ба идорахонаҳои бошукӯҳи худ баргашта дар паноҳи сангини ҳукумат ва моликияти бечуначарои давлатӣ кори худро давом медиҳанд — ба ҳар як амали ислоҳот ва бозсозӣ чандин садди сангин пеш мегузоранд. Пас чи бояд кард, мардум?

Узви вобастаи Академияи улуми СССР Сергей Алексеев ва даҳҳо фозилони дигари давр навиштанд ва ҳамвора мегӯянд, ки чораи ягона — бартараф кардани системаи тоталитарии маъмурию таъзиқкорӣ аст, зеро ин система дар сари моликияти давлатии соҳибимтиёз побарҷо нишастааст.

Узви Шӯрои Президенти СССР Александр Яковлев ба қарибӣ иттилоъ дода иқрор кард, ки қариб аз се як бахши вакилони анҷумани фирқаи коммунистӣ нияти мамлакатро ба қафо — ба сӯи даврони барояшон созгори ҳукмфармоӣ баргардонданро доштанд ва бозсозию ислоҳотро тафтиш ва таҳлил карданӣ буданд. Коргузории бисёр рафиқони фирқавӣ ҳам ба он далолат мекунад, ки онон маънии ҳақиқии аз Қонуни асосии мо мансух гаштани моддаи шашумро ҳанӯз саҳеҳу возеҳ идрок накардаанд.

Дар ҷумҳурияти мо аз ин ҳама хараҷу мараҷ баъзе ҳаннотони кори давлатию фирқавӣ истифода мекунанд: ашхоси сирф беҳунар ва беқобилият ба тавассути хешу

таборӣ, маҳалгирой ва ришваю ҷӯрабозӣ ба сари мансаб меоянд. Гур сӯзаду деги қаландар ҷӯшад!

Мехоҳам бидонам, ки ягон рӯз мо ҷинояти ин тоифаро дар назди ҷамъият фошофош гуфта, ин касонро сияҳрӯ мекарда бошем ё не?

Бюрократия пеш аз ҳама давлатманд ва соҳибихтиёр гаштани мардумро намехоҳад. Аз ин сабаб солҳои дароз ба ақлу шуури мардуми хушбовари мо нақш заданд, ки кулли касолату разолати дунё аз дасти мардуми дорою сарватманд аст. Ҳанӯз ҳам маро аз ин догмаи аблаҳона халосӣ нест, ҳанӯз ҳам бехабарем, ки ба ҷамъият шахсони давлатманд заруранд.

Дар кишварҳои мутамаддин ва мутараққӣ сарват ва дахлу харҷи пинҳонӣ нест ва ё хеле кам аст ва ҳар як фард бахше аз дахлашро ба тариқи андоз ба хазина медиҳад, ки он маблағ барои беҳдошти зиндагӣ, пеш аз ҳама барои бенавоён ва дигар умури мамлакатдорӣ харҷ мешавад. Дар мамлакат шумораи ашхоси сарватманд ҳар қадам афзун бошад, мамлакат нерӯмандтар ва осудатар аст. Роналд Рейган дараҷаи баланди андозро барҳам заду мардуми сарватманди Амрико бештар фоида бурданд. Президент Рейган хуб медонист, ки андози баланд ташаббус ва ҷаҳду талоши ғайратмандонро барбод медиҳад. Дар натиҷаи ин амали ӯ Амрико ба пешравии ҳайратоваре ноил гашта буд. Имрӯз дар ин кишвар шумораи милюнерон аз милюн гузаштааст. Сарвати фуқаро сарвати мамлакат аст.

Дар мо ҳанӯз ҳам бисёр касон ин ҳақиқати оддиро намефаҳманд ва ҳамаро яксар камбағал ва хонабардӯш дидан мехоҳанд.

Боз як масъалаи дигар муддатҳост, ки маро дар изтироб афкандааст. Чанде пеш аз ин ҷумҳурияти Белоруссия расман эълон кард, ки фарзандони халқи белорус хидмати ҳарбиро дар Қафкозу Осиёи Миёна адо нахоҳанд кард. Сонитар Шӯрои олии Украина ва Бело-

руссия роҷеъ ба истиқлоли худ иттило доданд. Дар иттилои ҷумҳурияти Украина чунин суханон дарҷ буданд:

“...РСС Украина ҳуқуқ дорад қувваҳои мусаллаҳи худро дошта бошад... Фуқарои РСС Украина хидмати ҳақиқии харбиро чун қоида дар ҳудуди республика адо мекунанд...”

Бешак, раҳбарони Вазорати мудофиаи СССР ба ин талабҳо ба осонӣ розӣ нахоҳанд шуд. Зеро Конститусияи СССР ва қонуни хидмати ҳатмии харбиро асос хоҳанд гирифт. Аммо қарордоди шӯрои вакилони 52 милюн аҳолии Украинаро беэътибор кардан ҳам кори саҳл нест.

Дар солҳои охир фоҷиаи аз хидмати ҳарбӣ тобути ҷавононро овардан дар Тоҷикистон мардумро пайваста ба шӯр меоварад. Аз ин ваҷҳ гӯшҳоро ба карӣ задан ба ҷуз хиёнати аблаҳона кори дигар набуданашро аксаран медонем. Чаро хидмати ҳарбӣ, ки бист сол пеш мактаби тарбия ва ҳунар буд, имрӯз мардумро ин қадар ба шӯр меоварад? Баъзеҳо фарзандашон агар дар маҳбас бошад, хотирҷамътаранд, аз он ки дар хидмати ҳарбӣ бошад. Дар тӯли нимсоли ҷорӣ беш аз ҳафтод нафар ҷавонон дар хизмати ҳарбӣ ҳалок шудаанд.

Чаро аз ин ваҷҳ раҳбарони ҷумҳурияти мо, вакилони Шӯрои олии мо ҳеҷ фикр намекунанд?

Ҳайъати Комитети бехатарии СССР агар Хитойро истисно кунем, баробари ҳайати бехатарии тамоми мамолики олам буданашро шунида, имрӯзҳо ҳуш аз сари ҳама парид. Ҳар як фарди ватанпарвар барҳақ савол мекунад: Ин чӣ гап?! Ана, барои чи мо гушна, ана барои чи мо бе хона, бе дорувор, бе духтури нағз, бе мактаби соз, бе садҳо ину он будаем!

Вақти он расидааст, ки ҳам ҳайъати бехатарӣ, ҳам ҳарбиён, баробари ҳайъати суду прокуратура бо сиёсат сару кордор набошанд. Дар ҳар як кишвари мутамаддин ин тоифа аз сиёсат дар канораид ва тарафдори ягон фирқа нестанд, балки ба фармони ҳар як ҳукумате, ки

халқ онро интихоб кардааст, итоат мекунанд. Агар офисер ба узвияти ягон фирқа тааллуқманд гардад ва бо сиёсат машғул будан хоҳад, фавран аз хидмати ҳарбӣ истеъфо медиҳад. Дар хориҷа дар маҷлисҳои парламун ҳарбиёнро намебинед!

Ин ҳам шуниданист, ки дар бисёр кишварҳои мутараққӣ мӯҳлати хизмати ҳатмии ҳарбӣ як сол ва аз ин ҳам камтар аст.

Инак, боз донистан мехоҳам, кай дар мамлакати мо ин ташкилотҳо ба сиёсат ва идеология бетараф хоҳанд гашт? Охир, ин яке аз асоситарин шартҳои тарзи давлатдории мутамаддин аст!

Боз мехоҳам бидонам, ки Тоҷикистони мо ба мисли Русия дар ҳудуди худ роҷеъ ба коргузории дохилӣ кай соҳибихтиёр хоҳад гашт?

Мехоҳам бидонам, ки кай мо ҳуқуқҳои байналмилалии инсониро қабул хоҳем кард?

Кай мо бо хориҷа монанди дигар кишварҳои мутамаддин равуои озодро муяссар мешавем?

Мехоҳам бидонам, ки то ба кай фирқавиён ҳам вазифаҳои ҳизбӣ ва ҳам давлатиро ба зимма мегиранд?..

Ба ақидаи ман, мамлакати мо бо ин ҳама ишкелҳое, ки дар банди дасту по ва гардани мост, ҳаргиз дар сафи кишварҳои мутамаддини олам ҷо намегирад.

Ман мехоҳам, ки аз қайди ин ишкелҳо ворастани диёри азизи худро бубинам ва аз талоши беғаразонаи фарзандони асили он дар ин арса сухане барои таърих бигӯям ва омоли хиёнатгарони онро дар саҳифаҳои дафтари фардо боре рақам кунам.

***1990***

# МАГАР ИСЛОҲОТ АЗ БОЛО ПОЁН РАСИД?

Табаддулоти ҷамъият ҳамеша як навъ ҳаракати инқилобомез аст ва ҳар як инқилоб, агар аз боло сар мезанад ва ё аз поён, мувофиқону мухолифони худро дорад. Бозсозӣ ҳам инқилобест, ки аз боло — аз раҳбарияти фирқаву ҳукумат шурӯъ гашт ва хайрияти кор, бо шаклҳои гуногуни ислоҳоти осоиштаи мурдумон омезиш ёфтааст. Таърих гувоҳ аст, ки ин усул ягона роҳи хеле дурустиислоҳи ҷамъияти сахт дардманди мо мебошад.

Агар дар миқёси тамоми мамлакат нигарем имрӯз аз равиши бозсозии мо на фақат мухолифони аслии он — намояндагони режими тоталитарӣ ва ҳукумати фармонравоӣ, муфтхурон ва туфайлиёни гуногун, балки бахше аз ҷонибдорони ҳақиқии ислоҳи ҷамъият низ норозианд. Сабаби норозигии онон ин аст, ки бозсозӣ аз моҳи апрели соли 1985 то ба имрӯз самараи назарраси иқтисодӣ надод, ҳоли мардум беҳтар нагашт. Агар аз ҷиҳати сирф иқтисодӣ ба он нигарем, дарвоқеъ, дар рӯзгори мо ҳеҷ беҳбудие рух надод ва баръакс, ҳоли мардумон хеле бадтар шуд. Вале дар бобати маънавиёт табаддулоте, ки дар шуури мардумони мо рӯй дод, беназир аст! Омма аз мурдоби ҷоҳилият, дурӯғу дағокориҳо, аз банди мутеъияту фармонбардории бечунучаро ва дастбардориҳову каллаҷунбониҳо берун омада ба фошгӯиву ҳақталошӣ расидааст, ки ин комёбии бузурги бозсозист.

Акнун, ки имрӯз навбати ислоҳоти иқтисодӣ фаро расидааст мухолифони иртиҷоъӣ ҳамдасту ҳамовои бахше аз мурдумони бемаҳал умедшикаста бозсозиро нобуд кардан мехоҳанд, ватани уқубаткашидаи моро, истибдоди сталинӣ ва рукуди брежневӣ кам набуд магар, боз ба муддати даҳсолаҳо ба қафо андохтанианд.

Сосиализм дар ҷаҳони имрӯзӣ иштибоҳи таърихӣ будани худро комилан собит намуд. Нигаред ба иқтисо-

диёти кишвари Чин, ки нимаи як қитъаи тамом асту сарватҳои беназири табиӣ дорад ва ҷузъи он ҷазираи Тайванро ва ё муқоиса кунед Олмони шарқиву ғарбиро, ҳар ду бахши Кореяро, мамлакати сосиалистии Аврупоро! Сосиализм дар ягон кишвари олам озодӣ ва осудагии инсонро таъмин накард. Ҳафтоду се соли умедворӣ, таҷрибагузорӣ ва фиребхурӣ магар кофӣ нест?

Бинобар он, ба ақоиди он такя кардан, яъне, пайрави иқтисодиёти планӣ ва муқобили моликияти хусусӣ будан, замин ва васоили истеҳсолотро дар монополияи давлат гузоштан дар олами имрӯзӣ монеъи пешравӣ ва прогресс будан аст.

Ҳоло мамлакати мо вазъияти мушкил ва мураккаберо ба сар мебарад. Агар ақоидеро, ки дар китобҳои иҷтимоиёт хондаем, андаке тағйир кунем, чунин бармеояд, ки имрӯз сарварон ба тарзи нав зистан наметавонанд ва фуқаро ба тарзи пешин. Яъне, вазъи инқилобӣ пеш омадааст, ки онро фақат ба тавассути ислоҳоти оқилона бартараф кардан метавон.

Қонунҳои иқтисодиро надонистани бахше аз раҳбарони мо имрӯз ба ҳама равшан гаштааст. Онҳо маҳз барои нигоҳ доштани мавқеъу мақоми худ кулли дастури навинро инкор мекунанд ва оммаро то ба ҳадди охирини фарсоиш мебаранду косаи сабру тоқати онро лабрез месозанд. Ҳангоми инчунин вазъият одатан гурӯҳҳои пастфитрату сияҳкор баъзан ба рӯи кор мебароянду ошкоро ба миллатгароӣ, маҳалгароӣ, гурӯҳбозӣ шурӯъ менамоянд.

Аҳли таҳқиқ борҳо ба таъкид гуфтаанд ва навиштаанд, ки баъди инқилоби Октябр хунрезиҳои паёпай ва харобкориҳоро имкони куллан пешгирӣ кардан дастрас буд. Бале чунин имконот буд, вале амалан аз он истифода накарданд. Имрӯз ҳам хатари он аст, ки миллатгароиву маҳалгароиҳои таассубомез ва гурӯҳбандиҳо ба ҳама муваффақияти мо хати батлон хоҳад кашид. Фоҷиаи моҳи феврали соли 1990 ба ин даъвӣ далели возеҳ аст. Ҷавонони гумроҳ қурбони мансабталошиҳо гаштанд.

Ба ғайр аз ин, имрӯз ба ҷамъияти мо хавфи дигаре низ таҳдид дорад: мардуме, ки азислоҳоти болоиён ноумед гаштаанд, метавонанд ки ҳоло ташаббусро ба даст бигиранд, чунон ки дар Румыния чунин ошӯб ба амал омад. Инчунин хатар имрӯз аз мо дур нест ва камтарин сабабе чун шарора ҷамъияти ошуфтаву аламнокро метавонад, ки якбора ба по бардорад. Қонуни вазъияти инқилобӣ чунин аст.

Вале ҳанӯз ҳам касе аз миён бархеста ба мо намегӯяд, ки ҳой бародарон, ҳушатонро ба сар бозоваред, шумо ҷузъе аз кулл ҳастед, шумо бахше аз миллатед, халқед, дар баробари ҷузъ метавон кулл ҳам нобуд гардад. Ба ҳама атроф ғазабнок ва кинахоҳ нанигаред, дар ҷои ҳарифон боре худро бигузоред ва сипас биандешед! Ва роҳи ҳамкориву ҳамҷиҳатиро мебинед!

Муддаиёни гуногун имрӯз моро аз хавфи гушнагиву қаҳтӣ, ҷангу ҷидоли байнихудӣ метарсонанд. Ин касон ҳаргиз огаҳӣ надоранд, ки ин ҳама коршиканиҳо, истиқлолталабиву ихтилофоти гуногуни милливу мазҳабӣ, демокративу иртиҷоъӣ, сосиалистиву капиталистӣ — ҳама аз рӯи қоидаи бозсозӣ ва русуми инқилобӣ аст. Дар мамлакатҳои мутамаддини олам, ки аз ваҷҳи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хеле собитанд, намоишкориву коршиканиҳо, бомбатаркониҳои мафиё ва дастаҳои алоҳида воқеаи мудом нест? Вале ҳеҷ кас аз он воқеаҳо натиҷа намегиранд, ки фардо офате ба он диёр мерасад.

Дар мавқеи бӯҳрони шадиди ҷамъият ва барҳам хӯрдани режими тоталитарӣ дар мамлакат вазъияти дигареро чашм доштан хатост. Чаро? Аслан, давлати мо асоси иқтисодиёту иҷтимоиёти он, тақсими ҳудуд ва хеле аз васоили алоқамандии миллатҳои мо бунёди хароб ва носолиме дошт. Имрӯз он ҳама кохи дурӯғиншукӯҳи бебунёд рӯ ба харобӣ овардааст. Ин ҳол аз тасодуф не, балки ҷараёни қонунии ҷамъияти мост. Хоҳу нохоҳ, баъди даҳ ё понздаҳ сол мо ин моҷароро ногузир бояд ки аз сар мегузарондем.

Инак, имрӯз дар сари масъалаи асосии бозсозӣ, ки иқтисодиёти тиҷоратӣ аст, мувофиқону мухолифони он ҷиддан рӯ ба рӯ гаштаанд. Аслан, ин ихтилофи ду навъ ақида, ду навъи ҷаҳоншиносӣ, муқовимати кӯҳна бар нав, демократия ва иртиҷоъ аст.

Иқтисодиёти тиҷоратӣ дар ҳамаи дунё собит кард, ки ба иртиҷоъхоҳон имкони муфт даврон карданро намедиҳад. Дар шароити иқтисодиёти тиҷоратӣ хурду бузург — ҳам коргар, саринҷинеру директори корхона аз рӯи фоидае, ки аз фаъолияти шахсии онон ба даст меояд, музд мегиранд. Дар чунин вазъият аз дарвозаи комбинати гӯшт як кило гӯштро муфт баровардан ё аз анбори либос кулоҳи дар бозор шашсадсӯмиро ба панҷоҳ сӯм бурдан ғайриимкон хоҳад гашт.

Иртиҷохоҳони ҷамъият — бюрократия, номенклотура, ходимони савдо, баъзе аз ходимони идораҳои дигар ва тартибот, савдогарони хуфияфурӯш, коҳилон, беҳунарон, майзадаҳо дар шароити нав фароғати худро аз даст медиҳанд. Аз иқтисодиёти тиҷоратӣ махсусан, номенклатураи мо сахт метарсанд, зеро ин усул оқибатуламр ба муқбили худи онон хоҳад анҷомид. Аз ин сабаб дар солҳои бозсозӣ тартиби ҳукуматсозии мо ҳеҷ тағйир напазируфт — на идораҳои қонунгузорӣ ва на иҷроия ва тартиботи фирқавӣ. Фаъолияти камсамараи ин идораҳоро сабаби асосӣ раҳбарии нодуруст аст.

Азбаски бюрократия усули иқтисодиёти пешинро тағйир додан намехоҳад, аз бебарории бозсозӣ эълом медиҳад.

Манбаъи кулли бебарориҳои мо демократияи сохта, поймоли ҳуқуқҳои башарӣ ва барҳам хӯрдани капитали хусусӣ аст. Агар мо ин ҳамаро дар мамлакат барқарор насозем, моро аз гирдоби бадбахтӣ ҳеҷ як ҳукумате наҷот дода наметавонад. Тамоми ҷаҳони мутамаддин имрӯз аз сари ғамгусорӣ ба таҳлил ва таҳқиқи омоли мо машғул аст. Ва ҷаҳон баъди инқилоби октябр ҳаргиз ба мо инқадар некхоҳу ғамхор набуд ва аҳли олам аз шикасти бозсозии мо аз худи мо бештар дар ҳарос аст. Мо дар тӯли 70 сол барои олами мутамаддин бори гарон

ва ноҳинҷор, ҳамсояи оташбози хатарноке будем.

Мо дар тули ин солҳо аз паи нақшаҳои панҷсола гаштему худро ба кӯчаи сарбастае андохтем, ки ҳоло роҳи аз он берун рафтанро меҷӯем.

Партияҳои марксистии мамлакатҳои сосиалистӣ ба шароити нави иқтисодиёти тиҷоратӣ ва гуногунфирқавӣ мувофиқат карда натавонистанд. Вале дар мамлакати мо КПСС ҳанӯз мақом ва нуфуси зиёд дорад ва афкори ҷамоа ҳамеша моил ба кӯҳнагӣ аст, бинобарон, ҳамдаст бо фирқавиён ба иктисодиёти тиҷоратӣ гузаштани мардуми мамлакат камосебтар хоҳад гашт. Вале фирқавиёни мо боист, ки аз хеле ақоиди хаёломези худ роҷеъ ба қонунҳои пешрафти ҷамъият даргузаранд.

Ба гумони ман маҳз дар сари ин нукта раҳбарони фирқаи коммунистии мо қатъият зоҳир накарданд. Михаил Горбачев бештар ба иқтисодиёти давлатӣ таваҷҷӯҳ карду ба тарафдории плонкашии марказӣ ва устувории комитаҳои фирқавӣ кӯшиш ба кор бурд, яъне ӯ бештар ҳамчун котиби фирқа амал кард, на ҳамчун президенти мамлакат! Аз ҳамин беқатъиятии президент бозсозӣ то имрӯз самараи матлуб наовард.

Агар аз ин меъёри ба фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон ва Шӯрои олии он назар афканем, боз бештар малолат хоҳем кашид: раҳбарони мо ҳанӯз зарурати иқтисодиёти тиҷоратиро чунон ки боист сарфаҳм нарафтанашон ба ҳамин аён аст.

Мо дар сессияи чоруми Шӯрои олии Тоҷикистон пештар аз дигарон шитобзада ва саросема аҳдномаи умумиттифоқиро қабул кардем. Ҳол он ки вакилони ҳушманди ҷумҳуриятҳои дигар дар маҷлисҳои анҷумани чоруми Шӯрои олии СССР моддаҳои беасос ва мантиқан хоми онро ҳаққонӣ таҳлил ва танқид карданд ва онро дар ҳамон шакле, ки мо қабулаш намудем рад намуданд.

Аҳдномаи умумиттифоқӣ боист, ки аҳдномаи ҳамкориву ҳамҷиҳатии баробарҳуқуқ, маҳзари бародарию мустақилиродагӣ ва додугирифти холисона бояд бошад. Аммо ҳар касе, ки ба диққат матни он аҳдномаро му-

лоҳиза мекунад, ақоиди ба ҳам мухолифи зиёдеро мебинад, хусусан баъди қабули декларасияи истиқлолият аз тарафи ҷумҳуриятҳои мо чигуна онро шарҳу эзоҳ карданро ман намедонам. Масалан, дар фасли аввал гуфта шудааст, ки ҳар як ҷумҳурияти шарики аҳдномаи мазкур давлати мустақил аст ва дар қаламрави кишвари худ комилан ҳуқуқи ҳокимияти давлатиро дорост. Вале аз баъзе моддаҳои фаслҳои ду ва се чунин бармеояд, ки ин ҳуқуқҳо ҳама бар бод меравандy идораҳои ҷумҳурият боз ҳамчун иҷрокунандагони амру фармони марказ хоҳанд монд. Ба ғайр аз ин, агар ҷумҳурият истиқлолеро соҳиб аст, боист, ки бо мамлакатҳои хориҷӣ ҳуқуқи тиҷорат ва муомилот дошта бошад, вагарна истиқлоли мо сафсатаи пуче беш нест ва он норозигӣ ва ба якдигар кинаварзии миллатҳоро сабаб хоҳад гашт. Агар вакилони парламенти Тоҷикистон дақиқтар меандешиданд, номувофиқӣ ва баъзе моддаҳои куллан хилофи онро ба Конститусияи СССР идрок мекарданд. Ҳайфо, ки вакилони мо ин бор ҳам дар умури давлатдорӣ бевуқуфии худро ва ё сирфан беҷасоратии худро зоҳир карданд. Аз ҳеҷ вакиле гуши мо нашунида, ки баъди қабули аҳднома мо конститутсияро мансух кардем.

Чӣ чора, мегӯянд, ки ҳар як халқ ҳукуматеро дорад, ки лоиқи он аст. Ва дар урфи мо низ гӯянд: акси калла ба шӯрбо. Вагарна, имрӯз дар ҷаҳон кӣ намедонад, ки диктатураи пролетариат, барҳам задани моликияти хусусӣ ба васоили истеҳсолот ва замин ҳатто миллати ба таври олӣ мутташаккил ва мутамаддин, соҳибҳунар ва заҳматписанди немисро дар Олмони шарқӣ даҳҳо сол аз равнақ боздошт.

Дар гирди мавзӯъи ба мулки хусусӣ додани бахше аз заминҳои колхозу совхозҳо, ҷорӣ кардани моликияти гуногун дар шаҳру деҳот, ба мардум фурӯхтани бахши асосии воситаҳои истеҳсолот, мағозаву корхонаҳо ва ғайра, ки бе ин корҳо иқтисодиёти тиҷоратӣ ба ҷуз гапи пуч чизе беш нест, парламенти Тоҷикистон алҳол мавқеъи иртиҷоъӣ гирифт.

Хайрияти кор, ба қарибӣ президент Горбачев дар гузориши худ гуфт, ки бо фармони махсус ба ҳукумати

ҷумҳуриятҳо пешниҳод мекунад, ба ононе, ки дар деҳот ба киштукор машғулӣ доранд, бар замми замини рӯидаричаашон боз замин дода шавад.

Ҷамъияти мо ки аз суханбофиҳои пуч дар ҳақи ҳаёти осоишта алҳақ ба ҷон омада буд, бинобар он аз бозсозӣ умедҳои зиёд дошт. Дареғо, ки аҳволи ӯ беҳтар нашуд ва дар як ҷо пойкӯбон гаштани бозсозӣ ҳоло ҳамаро ба ташвиш овардааст.

Имрӯз баъзеҳо мардумро аз хатари диктатура ба таҳлука меандозанд. Ба гумони ман, хавфи диктатура аз сари мо нагузаштаст, агарчи он устувор нахоҳад монд, зеро мардумро минбаъд дар банду баст гирифта ба зӯрию таадди кор фармудани натавон. Ба ғайр аз ин агар таърихи даврони истибдод ибрате бошад, аз деҳоти Русия саросар фирор кардани деҳқонон бар асари диктатураи сталиниву брежневӣ ҳанӯз аз ёдҳо фаромӯш нагаштааст. Ва ҷаҳониён низ чунин диктатураро дастгирӣ намекунанд ва бедастгирии оламиён ҳеҷ давлати имрӯзӣ дер намепояд. Агар он бозояд, кишвари бетолеъи моро боз якчанд даҳсолаҳо ба қафо хоҳад андохт.

Мардумони баҳуш имрӯз дар тааҷҷубанд, ки чаро мо чанд сол аст, ки аз хусуси гузаштан ба иқтисодиёти тиҷоратӣ сухан мекунему вале ҳанӯз ҳам барномаи саҳеҳи инислоҳоти муҳимро надорем. Чаро барномаи хеле возеҳи Шаталинро қабул накардем? Мабодо, ки боз ҳам мо аз рӯи одати пешин қавли мо ба фаъолияти мо мухолиф бошад.

Мегӯянд, ки нодон аз саҳву хатоҳои худ сабақ мегираду зирак аз саҳви дигарон. Наход ки мо на аз таърихи ҳафтод соли худ ва на аз тақдири дигарон ибрате нагирем? Баъзе аз мардони сиёсӣ имрӯз мегӯянд, инқилобе, ки ба шакли бозсозӣ аз боло шурӯъ гашта буд, ба ҳамин минвол дар нимараҳ ба поён расид, бюрократия дигар ба давом додани он манфиатдор нест. Гумони ман чунин аст, ки бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ ҳанӯз шиддат дорад ва бозсозӣ хоҳ аз боло, хоҳ аз поён идома хоҳад кард, зеро сабабҳое, ки онро ба вуҷуд овард, ҳанӯз бартараф нагаштаанд.

Вазъи имрӯзу фардои моро ба қарибӣ иқтисодшино

си маъруфи ғарб З.Алфандери, ки муддате дар Маскав буд ва бо мушовирони иқтисодшиноси Михаил Горбачев гуфтугузориҳо дошт, дар саҳифаҳои маҷаллаи “Париматч”- и фаронсавӣ чунин тавзеҳ кард:

“...Иқтисодшиносони олам ҳаргиз ба чунин вазъият сару кор надошта буданд, бинобар он, аксари онон ба Иттиҳоди Шӯравӣ меоянду бӯҳронро месанҷанд, таҳлил мекунанд ва фавран аз он диёр мегурезанд...

Бюрократия аз ӯҳдаи кор намебарояд, номенклатура ислоҳоти ҳақиқӣ гузаронидан намехоҳад, зеро ислоҳот дар ниҳояти кор бар зарари ин тоифа аст...”

Ба ақидаи мутахассисин бӯҳрони иқтисодии моро ду сабаб аст: яке — тартиботи мамлакатдории нодуруст ва ҷиддан манфиатманд набудани инсон аз натиҷаи фаъолияти худ ва дигаре — саҳву хатоҳои ҷиддӣ дар боби идораи иқтисодиёт.

Имрӯз ҳама медонанд, ки маҳз сиёсати давлатдории мо ривоҷи иқтисодиёти тиҷоратиро монеъ гашта онро ба хуфиякорӣ мубаддал мекунад.

Тирамоҳи соли 1990 бо супориши сардорони ҳафт давлати мутараққии Ғарб ва бо ризояти Ҳукумати мо дар СССР қариб ҳаштод нафар мутахассисон вазъи иқтисодиёти мамлакатро санҷида таҳлил карданд ва дастурҳои зарурӣ пешниҳод намуданд. Дар он миён дорандаи ҷоизаи Нобел роҷеъ ба иқтисодиёт Э.Эрроу низ буд. Пешниҳодоти ин гурӯҳро амал бастан ҳар як кишварро аз чанголи бӯҳрони шадид берун оварданаш таъин бошад ҳам, аз чи бошад, ки сардорони ҳукумати мо ба он ҳанӯз амал намекунанд. Ин мутахассисон дар тавсиаи худ возеҳ таъин карданд, ки бозгашт ба усули назорати марказӣ умедбахш нест ва ҳар чи зудтар ба иқтисодиёти тиҷоратӣ шурӯъ кардан иқтисодиёти мамлакатро ба танзим меоварад.

Инак, имрӯз вазъият равшан аст: ё бо роҳи демократия ва плюрализм меравему ба соҳили мурод — серию пурӣ ва осудаҳолӣ мерасем... ва ё дар қайди диктатура ва фармонравоиҳо боз бештар бенаво хоҳем гашт.

***1990***

# ТО БА КАЙ ДАР ҲОВАН ОБРО МЕКӮБЕМ?

Як нафар аз дӯстонам мегуфт, ки шабҳангом аз телевизион маҷлисҳои парламенти СССР ва мулоқоту мусоҳиботи гуногунро гӯш мекунаду эътимод пайдо менамояд, ки айёми нав, даврони фошгӯиву бозсозӣ дар ҳама ҷо тантана дорад. Вале рӯзи фардо аз дарвозаи корхонааш ба дарун қадам мениҳаду мебинад, ки ҳама кор мисли пору перор — ба сардорон тамаллуқу косалесии зердастону худписандиву амру фармонҳои аблаҳонаи сардорон, фикру ақидаи дигаронро тоқат наовардани онҳо — ҳама бетағйир мондааст.

Дарвоқеъ, бюрократияи хоназоди мо агарчи аз сари минбар худро тарафдори бозсозӣ ва озодиҳои башарӣ мегӯяд, дар амал сангинтарин монеаи пешравии мо гаштааст.

Ҳоло вазъи иҷтимоии мамлакати мо дар чи сурат аст, ҳама медонанд. Аммо вакилони Шӯрои олии Тоҷикистон гӯё ҳаргиз огаҳӣ надоранд, ки чаро мамлакате, ки имконоту васоили беназиреро соҳиб аст, ба чунин ҳоли табоҳ афтодааст. Балки медонанд, хеле хуб огаҳӣ доранд, ки бюрократияи фирқавиён, сохти сосиалистии казармавӣ ё тоталитарӣ, гузашта аз он худи онҳое, ки имрӯз заминдор гаштани деҳқонро намехоҳанд, гунаҳгори асосии ин касолатанд. Ман аминам, ки авлоди фардои мо дар ин мавзӯъ равшанӣ хоҳад андохт.

Ҳоло мардуми тамоми мамолики мутамаддини аз Амрико то ба Ҷопун, ҳатто Ҳиндустони сернуфус барои гушнагони кишвари Шӯравӣ хурокворӣ ва иона ҷамъ мекунанд, чунон ки шашяки олами ҳастиро офате дарзада бошад.

Ман ба вакилони парламенти Тоҷикистон гуфтание дорам: боре ба атроф нигаред, шабе бедорӣ кашеду рӯзномаву маҷаллаҳои оламро варақ занед, ки ба қавли шоир "ҳар дида, ки ибрате нагирад кӯр аст!" Республикаи

федеративии Чехославакия, Полша ва Венгрия, ки дирӯзакак дар тирарӯзиву бадбахтиҳо ҳамқисмати мо буданд, вале имрӯз ба роҳи мустақими иқтисодӣ ворид гаштаанд ва ҳатто иморатҳои урдугоҳи аскарони шӯравиро барои муҳоҷирини фардои мамлакати мо омода месозанд. Чаро онон дар тӯли як сол, балки камтар фурсат аз касодӣ ва касолатҳо ворастанд, ҳеҷ медонед?

Роҷеъ ба ин мавзӯъ вакили шӯрои олии СССР академик О. Богомолов хеле возеҳ навишт: “қарзҳо моро аз гушнагӣ наҷот медиҳанд, вале иқтисодиёти моро пеш намебаранд. Барои пешравии иқтисодиёт даҳҳо ва садҳо миллиард доллар лозим аст, ки онро фақат капитали хусусӣ дода метавонад... Озодии корбандӣ ва истеҳсолоти хусусӣ зарур аст. Вале барои озодии истеҳсолоти хусусӣ сохти давлатдории фармонравоиро куллан барҳам додан лозим аст”.

Аз академик Богомолов савол карданд, ки ба иқтисодиёти тиҷоратӣ гузаштанро аз чи бояд сар кард, ӯ чунин ҷавоб дод:

“Пеш аз ҳама танзими молиёт ва сониян, аксари кулли моликияти давлатиро хусусӣ кардан, заминро ба деҳқонон додан...”

Ҳоло бӯҳрони шадидро дар мамлакати мо фалаҷ гаштани идораи тақсиму таъмини маҳсулот куллан хатарнок кардааст. Мо дар миёни роҳ — байни иқтисодиёти нав ва иқтисодиёти кӯҳнаи ҳанӯз ба лаҳад норафта саргардонем. Аз ин аст, ки агар ҷаноби Колл аз рӯи миннатдорӣ ба мамлакати мо ҳам қарз медиҳаду ҳам дигар навъ кӯмаки моддӣ, вале президент Буш мисли ҳамаи америкоён ба эҳсосот таслим нагашта аз рӯи шиори машҳури олами сармоядорӣ — фақат ба касоне ёрӣ додан мехоҳад, ки онҳо нерӯи ба худ ёрӣ карданро доранд. Дарвоқеъ, агар мо худамон инсонвор зистан нахоҳем, бо ёрию ҳамдастии дигарон ҳаргиз хари худро аз гил баровардан наметавонем. Дар солҳои ҳафтодум ба Полша даҳҳо мил-

лиард доллар ёрӣ доданд, вале ҳама barҳадар рафт.

3 декабри соли 1990 кунгураи ғайринавбатии Шӯрои олии Русия заминро ҳамчун амволи хусусӣ ба деҳқонони федератсияи Русия бахшид. Рӯзномаҳо ин рӯзро “Рӯзи сафеде дар таърихи Русия!” эълон карданд.

Гуфтугузорҳо дар Шӯрои олии Тоҷикистон аз хусуси заминдорӣ ҳар як инсони каму беш баҳушро дар изтироб афканд. Маълум гашт, ки аксари кулли вакилони мо ҳанӯз ҳам аз рӯи ақоиди шахшудаи замони рукуд ва сосиализми казармавӣ сухан мегӯянд, ҳанӯз ҳам аз давлатманд ва мухтор гаштани деҳқону коргару ҳунарманду зиёӣ дар ҳаросанд.

Ин гуна вазъи вакилони мо беасос нест — аксари кулли онон мансабдорони ҳукумат ва пешвоёни фирқаи коммунистианд ва ба ин афрод дастнигар, побанд ва мутеъ будани фуқаро айни муддао аст. Аз ин сабаб онон ба амри хусусӣ кардани замин, корхона, мағоза ва ғайра амволи давлатӣ сахту шадид муқобилат мекунанд. Дар амал ин афроди худбин монеъи бозсозӣ ва табаддулоти ҷамъиятанд. Вагарна кӣ намедонад, ки сабаби муқобилияти онон ба заминдор гаштани деҳқонон камзаминии Тоҷикистон нест. Маҳз, замини камро ба колхозу совхоз надода басарфа ва ғамхорона киштукор кардани деҳқон лозим аст. Баъзе аз вакилони баҳуш дар маҷлисҳои Шӯрои олӣ дуруст гуфтанд, ки замини колхозу совхоз бесоҳиб аст. Кӣ аз замин бештар ҳосил мегирад — колхозу совхозҳо ё деҳқон? Кӣ ба замин баҳору зимистон аз саридилсӯзӣ нурӣ меандозад, яхоб медиҳад, сангашро мечинад? Албатта, деҳқон! Кӣ киштзорро шабу рӯз нигаҳбон аст, ки ҳосили расидаро сари вақт беталаф, бевалвала бардошта дар анборҳо ҷо мекунад, дар бозорҳо мефурӯшад? Колхозу совхоз не, деҳқон! Кӣ бозорҳои моро зимистону баҳор бо меваю сабзавот пур мекунад? Колхозу совхози заминдор не, маҳз деҳқони камзамин! Имрӯз кӣ намедонад, ки колхозу совхозҳо дар тули панҷоҳ-шаст соли

мавҷудияти худ мамлакатро ба чи ҳол расонданд?! Мо барои бозӣ аз мамолики хориҷӣ ғалла, мева, тухм, гӯшт намехарем, бародарон! То ба кай мо таҷриба мекунем?

Балки решаи даъвии раҳбарони мо дар ҷои дигар аст: имтиёзоти шахсии худро аз даст додан намехоҳанд?

Қабл аз ин ман дар мақолае навишта будам ва боз такрор мекунам: ба ҳамаи аҳли деҳот замин тақсим кардан зарурат надорад, бисёр касон ба молдорӣ, ҳунармандӣ, хизматгузорӣ, бо кори маърифату маориф, табобат ва ғайра машғул хоҳанд гашт. Махсусан, хизматгузорӣ дар Тоҷикистони мо дар вазъи нестӣ аст. Дар кулли мамлакатҳои мутамаддин ҳамагӣ чор-панҷ фоизи аҳолӣ ба кори зироат машғуланду бас.

Вакилони парламенти мо имрӯз деҳқони тоҷикро аз заминдории хусусӣ маҳрум карданд ва агар бигӯям, ки дар ҳақи ӯ бори дигар хиёнат карданд, ҳаргиз муболиға нахоҳад буд. Ин амри носавоб на фақат хиёнат ба деҳқон, балки зарбае ба бозсозӣ ва прогресс, зарбае ба ҳар як фарди заҳматкаши Тоҷикистон буд. Хоҳу нохоҳ, баъди чанд соли дигар деҳқони тоҷик ҳам монанди деҳқонони ҷумҳуриятҳои дигар соҳиби обу замин хоҳанд гашт, аммо хиёнати имрӯзинаи вакилону роҳбарони ҷумҳуриятамонро бо чи санад сафед кардан метавон, намедонам.

Чи илоҷ, ҳар як халқ ҳукуматеро дорад, ки сазовори он аст, мегӯянд. Аз ин лиҳоз роҷеъ ба донишу маърифат ва доираи назари сиёсии вакилони парламент ақидаи худро нагуфта наметавонам.

Дар байни вакилон мардони сиёсии шоистаи эътимод ва ваколати мардум хеле каманд. Фақат даҳ-дувоздаҳ нафаре ҳастанд, ки ба сар афкори равшане доранд, сухан гуфтан метавонанд ва каломашон аз ҳар ҷиҳат метавон гуфт, ҳадафгир, шуниданӣ, бамаънӣ, аз лиҳози мантиқ қавӣ, буд. Сад дареғ мегуфтам, ки аҳли маҷлис хеле афкори тоза ва ақоиди дурандешонаи ин касонро намефаҳмиданд ва ғолибан гурӯҳе қобили идрок ҳам на-

буданд. Ва аз ин ҷиҳат ман боз ба мардуми азизи кишварамон хитоб дорам:

— Чӣ касонеро ба вакилӣ интихоб кардаед, бубинед, бародарон!

Дарвоқеъ, бисёр вакилон саводи дуруст надоштанашон ҳар лаҳза ошкор мегашт. Нодонӣ доғи лаънатест, ки онро на ба хамӯшӣ пӯшидан метавон ва на бо гуфтор. Иддае аз вакилон то ки худро фаъол вонамуд созанд, сухани шаб дар коғаз навиштаи худро аз варақ мехонанду аз камсаводии эшон таҳрири ашхоси дигар будани он навиштаҳоро аҳли маънӣ равшан пай мебурданд. Ақидаи ман ин аст: афродеро, ки афкори худро беқоғаз, бадоҳатан саҳеҳу возеҳ баён карда наметавонад, ба вакилии Шӯрои олӣ интихоб кардан хатост. Решаи нақли равшан ақли равшан аст ва касе, ки панҷ-даҳ дақиқа фикрашро батартиб гуфтан наметавонад, инсони сирфан омӣ ва ё кундзеҳн асту бас.

Баъзе аз вакилони Шурои олии мо он қадар бемаърифат ва дар қайди бехабарӣ дармондаанд, ки гумон аст, рӯзномаву маҷаллаҳои Москавро мутолиа кунанд, баръакси ин гурӯҳ, бахши дигар аз забони модарии худ бебаҳраанд, агар донанд ҳам, забони дурушти кӯчагиро медонанду бас. Аз гуфтугузори вакилон аксари шунавандагон чунин натиҷа бардоштанд, ки бештарини мансабдорони мо афроди беқобилият ва дар ҷодаи давлатдорӣ ва сиёсатмадорӣ ашхоси сирф тасодуфианд. Бо чунин вакилон рӯзи сафеди мардуми Тоҷикистон кай мерасида бошад, тахмин задан ҳам хеле муҳол аст.

Ҳама медонанд, ки иҷоракорӣ на фақат дар Тоҷикистон, балки дар ҷумҳуриятҳои дигар низ ривоҷ наёфт, зеро бюрократия дар деҳот ҳокимияти мутлақи худро заъиф кардан намехост. Ба иҷоракорон бо дили нохоҳаму узри бисёр заминҳоеро медоданд, ки барои киштукор номувофиқанд ва ё заминро ба касоне медоданд, ки дар сар ҳаваси ранҷ кашидан надоранд ва нон ба заҳмат нахур-

даанд. Оқибат вовайло бардоштанд, ки деҳқон заминро намегирад.

Имрӯз мардум ҳама медонанд, агар заминро аз колхозу совхоз нагирем, дар деҳот тағйироте оварданамон гумон аст. Бо вуҷуди ин, Шӯрои олии мо гирди ин мавзӯъи иҷоракорӣ баҳс ороста қарордод карданаш магар дар ҳован об кӯфтанро намемонад? Охир колхозу совхозҳои мағз андар мағз бюрократии мо чанд соли охир бо ҳаёҳу бо иҷоракор гӯё ҳамкорӣ карданд, вале дар амал заррае ба ӯ имкон надоданд ва усулеро, ки аз қадимулайём махсуси бобоёни мо буду имрӯз дар аксари мамолики олам равнақе дорад, "ба шароити мо номувофиқ" донистанд. Бале дар заминаи сосиализми мо зотан ба ҷуз ҳаромкориву ҳаромхӯрӣ ҳама кор носозгар аст. Ҳамин қонуни иҷоракориро баъзе аз рӯзномаҳои мо содалавҳона эълон карданд: "Замин соҳибашро ёфт!" Чи ҳам гӯям, аз мост, ки бар мост!

Қабл аз ин дар дили мардуми ориф чароғи умеде шӯълавар буд, ки бо ин сарварону вакилони худ агар ба ҷое намерасем, хоҳу нохоҳ Русияи тавоно ва равшанфикр ба сӯи фардо ва ба самти тартиботи нави ҳукуматдорӣ моро раҳнамун хоҳад гашт. Ҳоло вазъи корҳо дигаргун гаштааст: Русия бо роҳи замон ва тақозои айём пеш меравад у мо дар ботлоқи ҷимҷима бо дарду иллатҳои бешу-мори худ, бо бюрократияи дар ҷаҳли мураккаб вомондаи худ ҷон меканем.

Чӣ ҷои истихора аст, мо ҳанӯз давлатдории тарзи парламентиро наомӯхтаем. Бинобар ин, камтарин эътирозро, ақидаи мухолифро сахт муқобилат мекунем, ҳар як фикру пешниҳоди ба андешаву омоли пешипоафтодаи худ хилофро лаҳзае кӯшиши идрок накарда ба сарнайзаҳо истиқбол мегирем. Ин чи ҳол аст, ки нодоне дар парламент мақоми раисиро гирифтасту вакилони баҳушро ошкоро мазоҳ мекунад.

Ҳоло ҳар як фарди равшанфикр медонад, ки фақат

ба иқтисодиёти тиҷоратӣ гузашта мо мамлакатро аз бенавоӣ, аз бесомонӣ, аз ҷангу ҷидоли байни фуқаро, аз дуздону ғоратгарони гуногун наҷот дода метавонему бас. Президенти мамлакат Михаил Горбачев беасоси комил нагуфт, ки иқтисодиёти тиҷоратӣ алтернатив надорад. Аммо бюрократияи мо имтиёзоти худро аз даст додан намехоҳаду ба тариқи гур сӯзаду дег ҷӯшад амал мекунад ва боз ҳам халқи бенаворо фирефтан мехоҳад. Ақидаҳои “халқи мо ба иқтисодиёти тиҷоратӣ тайёр нест”, “замини мо кам аст, онро тақсим карда наметавонем” ва ғайра аз ҳамин навъ авомфиребиҳост.

Чаро вакилони мо роҳи наҷоти мамлакатро аз касодӣ намеҷӯянду аксар дар фикри хешанд? Косаи сабри мардумон лабрез гаштанашро наход ки набинанд? Ғазаби халқ сараввал бунёди осоишу фароғатиононро барҳам заданаш як амри воқеи буданашро наход ки эҳсос насозанд?!

Дар ин ҷода аз таҷрибаи дигарон боист, ки баҳра гирифт. Моҳи январи соли 1990 мағозаву бозорҳои Полша ба сони дӯкону бозори мо буд — гуё ҳамаро сел рӯфта бошад, — холӣ, дар бозорҳо ҳаннотон даврон мекарданд. Лаҳистониён аз рӯи нақшаи хеле мухтасару пурмаънии Балсерович ба якборагӣ роҳи иқтисодиёти тиҷоратиро пеш гирифтанд. Ҳамагӣ баъди даҳ моҳ, ҳоло рузномаи “Известия” хабар медиҳад, ки мағозаҳо аз ҷинси хӯрокворииву ашёи саноат моломол аст. Мухбири рӯзномаи мазкур дар як мағозаяки хурд даҳҳо навъи ҳасибҳои аълосифатро дида ангушти хасрат ба дандон мегазад. Онҳое, ки зотан муқобили иқтисодиёти тиҷоратианд, имрӯз валвала бардоштанд, ки баҳои он ашё ва хӯрокиҳо бениҳоят гарон аст ва мардум қудрати харидан надоранд. Баъзе содалавҳон ба ин даъвоҳо бовар мекунанд. Чаро бовар накунанд, ки баҳои килои навъи миёнаи он ҳасибҳо қариб 25 ҳазор злотих аст. Аммо онро намегӯянд, ки музди моҳонаи миёна дар Полша як милюну дусад ҳазор злотих аст, ки ба он 48 кило ҳасиб ва ё се курткаи аълосифат ме-

харед. Агар ба нархи “арзони” мағозаҳои мо муқоиса кунем, чунин рақам бармеояд: Моҳонаи миёна дар мамлакати мо даври 300 сӯм аст, ки ба он ҳамагӣ 15 кило ҳасиб ва фақат якто курткаи оддӣ харидан метавон агар онро пайдо кунед! Акнун худ қазоват кунед, ки тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо! Полша бо роҳи озмудаи ҷаҳониён — иқтисодиёти тиҷоратӣ бирафту ба ин тариқ зуд аз касолату касодии чандинсола раҳоӣ ёфт ва аз роҳи тараққӣ ва осудаҳолӣ қадаме ба пеш ниҳод.

Чаро Полша ба ин осонӣ аз касодӣ берун ҷаҳид?

Вақте, ки ҳукумати коммунистии он аз ӯҳдаи идораи давлатдорӣ набаромад, ҷамъияти сернуфусе ба мисли “Солидарность” тайёр буд, ки ҳокимияти дар рӯи роҳ афтодаро ба даст гирад...

Ин ҳам шуниданист, ки вакилони бо умедҳои бузург интихоб кардаи халқи мо имрӯз бешармона аз минбари парламент имтиёзҳои махсус талаб доранд: онҳо дар қатори фуқарои оддӣ аз кассаҳои Аэрофлот билет харидан ва баробари дигарон бо телаву такон ба ҳавопаймо савор шудан намехоҳанд ва ғайраҳо.

Дар поёни ин мақола боз як нуқтаро барои аҳли маънӣ гӯшзад кардан мехоҳам. Мардуми Тоҷикистони мо ҳеҷ хабар доранд, ки 98 фоизи вакилони Шӯрои олии мо коммунистонанд? Бале, аз 230 нафар вакилон 217 нафар коммунистонанд. Онҳо намояндаи қариб 125 ҳазор узви фирқаи коммунистианд. Сипас, ҳуқуқҳои конститусионии 5 милюн аҳолие, ки узви ин фирқа нестанд ва ҳамагӣ дар парламент 13 нафар вакил доранд, магар поймол нагаштааст? Бешак, дар сухан ҳазор навъ даъвии авомфиребона пеш овардан метавон, вале ин санад худ ба он далолат мекунад, ки усули интихоби моро қатъан тағйир кардан лозим аст, то сохтакорӣ ва фиреби халқро минбаъд истисно созем.

Агар интихобкунандагон баъзе вакилонро бозхоста бигиранду ба ҷои онҳо ба Шӯрои олӣ вакилони шоиста-

тареро пешбарӣ созанд, кори хайре мекарданд.

Карл Маркс навиштааст, ки таърих ду раҳ такрор мегардад: аввалбор ҳамчун як фоҷиаи мудҳиш ва бори дигар ба тимсоли дурӯғу даға ва сохтакориҳои бебунёд.

Гузашта аз ин, имрӯз баъзе аз мардони сиёсӣ ҳанӯз ҳам дар орзуи як дасти оҳанианд. Ривоҷи нисбатан назарраси кишвари Чилӣ ва ё Сингапурро ба мо мисол меоваранд. Дар воқеъ ҳам он кишварҳо ба тавассути диктатура роҳи табиии инкишофи худро мегузаранд. Вале мамлакати мо куллан дунёи дигарест. Мо ба мисли он мамлакатҳо аз зинаи паст ба тадриҷ боло намеравем, мо ба якборагӣ ҳам ба сӯи гузаштаи худ ва ҳам ба ҷониби фардо ҷаҳиданием. Чаро ба гузашта? То ба инқилоби Октябр дар мамлакати мо ҳам иқтисодиёти тиҷоратӣ буду ҳам корбандии мутараққӣ ва ҳуқуқҳои демократӣ. Дар Русияи тоинқилобӣ чандин фирқаҳо озод амал мекарданду фаъолияти ба ҳукумат таъсирбахше доштанд, озодии матбуот, ҳуқуқи корпартоӣ, маҷлису намоишҳо ва ғайра буд. Баъди инқилоб мамлакати моро ба кӯчаи сарбаста андохтанд. Имрӯз мо аз ҷамъияти тоталитарӣ он ҳуқуқҳоеро, ки халқ аз даст дода буд, бозгашта гирифтанием.

Онҳое, ки ба умеди ҳокимияти зӯроварӣ ва як ҳукумати мустаъбиду диктатура чашмдоранд, ҳеҷ идрок намекунанд, ки ин навъ ҳокимият аз тарафи оммаи мардумон ба муқобилату пинҳону хомӯш дучор хоҳад гашт ва ин ҳол ба футури умумии сиёсӣ хоҳад овард. Замони диктатураи сталинӣ мардумон ба дурустии роҳи сосиализм ва ғояҳои он эътиқодманд буданд, аммо имрӯз гапу кор дигар гаштааст.

Мардони воқеъбин дар ин марҳалаи хатарноки гузаштан ба усули тозаи давлатдорӣ ва коргузориҳо бо ҳисси равшанфикрӣ боист, ки мардумро аз роҳи авантюра ва моҷарописандиҳо огоҳӣ диҳанд.

***Январи 1991***

# ДИЛАМ МЕСӮЗАД...

Ба воситаи телевизион ба мардум намоиш додани маҷлисҳои Шӯрои олии СССР, Русия ва ҷумҳурияти Тоҷикистон дар солҳои охир шуури сиёсии фуқароро андаке бедор кард, одамони баҳуш чи будани демократия, озодии сухан ва виҷдонро дарк карданд ва ҳамчунон бо чашми худ диданд ва нек шинохтанд, ки ба парламент чи касонеро ба вакилӣ интихоб кардаанд. Аҳамияти инчунин намоишҳо боз дар он аст, ки мардуми мо маданияти ҳукуматдорӣ, талоши ҳуқуқҳои худро дар замони нав ба ибрат хоҳад омӯхт, минбаъд фирефтаи ҳар тоифа дасисаҷӯён ва мансабталошон нахоҳад гашт. Ин сабақи хеле пурарзишест барои мардуми мо, ки дар мамлакат аз ҳар миллати дигар камтар китоб мехарад ва шояд аз ҳамин сабаб вакилонашон дар анҷуманҳо ё ба даҳон об гирифта хомӯш менишинанд ва ё агар сухан кунанд, бо баёни дурушту муғлақи кӯчагӣ сирф авомона изҳори матлаб менамоянд.

Дар воқеъ, аксари кулли вакилони парламенти Тоҷикистонро ба ҳеҷ ваҷҳ мардуми зиёӣ равшанфикр гуфтан натавон, зеро маҳдудияти мутолааи онон равшан аст. Зиёда аз он, дар миёни онон мардони сиёсӣ хеле каманд.

Биёед, имрӯз ба қавли Хоҷа каҷ нишинему рост гӯем: режими коммунистӣ ашхоси донишманду баҳуш ростгӯю росткирдорро ҳеҷ хуш надошт ва ин тоифаро дар зинаҳои ҳукуматдорӣ имкони пешравӣ намедод ва дар қадамҳои аввали фаъолият ононро саркӯб мекард. Бубинед, дар гирди Михаил Горбачев чи қадар мунофиқони кундфикру ҳарзахаёл ғун омада буданд: Павлов, Янаев, Лукянов, Кручков... Муваффақияти Борис Елсинро сабаб ин гашт, ки ӯ ба даври худ мардони баҳуш ва хирадманду тавоноро монанди Хасбулатову Силаев, Яковлеву Рутскойро гирдиҳам оварда буд.

Биёем ба сари масоили миллату ҷумҳурияти худамон. Аз миён бардоштани ҳайкали Ленин, маҷлисҳои парламент, гирдуҳамоии мардум дар майдони Озодӣ...

Агар ин ҳодисаҳо ба воситаи телевизион пахш намегашт, ба ростӣ, баҳо додан ба онҳо мушкил буд, зеро рӯзномаҳои мо дар банди таассуб бештар тобеи эҳсосоти худ буданду воқеотро холисона шарҳу тафсир намекарданд. Фақат телевизион имконият фароҳам овард, ки ба маҷлисҳои парламент бо чашми худ назар афканему ба таҳлили воқеият имкон пайдо кунем.

Ҳоло ман ҳамчун як нафар адибе, ки фуқарои холиси ҷумҳурият аст ва ба ягон ҳизб ва гуруҳҳои сиёсӣ ҳаргиз алоқамандӣ надошт, андешаҳои худро баён карданиам.

Аз хусуси аз миён бардоштани ҳайкали Ленин дар майдони Озодӣ.

Ленин кӣ буд, гӯё ҳама медонанд. Аммо бисёр ҷиҳатҳои фаъолияти ин марди сиёсӣ ба мардумони мо торик монданашро на ҳама пай бурдаанд. Масалан, дар моҳи октябри соли 1917, шабе, ки Қасри Зимистониро гирифтанд, Ленин филфавр ба инқилобчиён амр кард ҳамаи зиёиёни равшанфикри пойтахти Русияро, ки бо болшевикон ҳамақида нестанд, рӯйхат кунанд. Вай аз он рӯйхати бузург фақат ба мӯйсафед Плеханов, ки охирин айёми умрашро ба сар мебурд, амон дод. Шикастани ҳайкалҳои шаҳри Петербург, ҳабс ва қатли хонадони шоҳ, тороҷи зару зевари калисоҳои Русия, хароб сохтани масҷиду мадраса ва осори фарҳангу тамаддуни миллатҳо, аввалин конслагерҳо барои фуқаро, хоса барои деҳқонони норозӣ аз режими болшевикӣ... ва садҳо гуноҳҳои дигар ба гардани “доҳии башар” афтоданашро бисёр уламои ҷаҳон собит кардаанд.

Инак, бародаронам, коштаро медараванд: ном ва ҳайкали Ленинро аз ин гуна қисмати шум халосӣ набуд.

Ба ғайр аз ин, дар ин кор мо ташаббускор нестем, дар баъзе ҷумҳуриятҳо кай ҳайкалҳои ӯро бардошта буданд, москавиён аз мавзолей бардоштани нашъи ӯро пешниҳод доранд.

Аз ин ваҷҳ имрӯз раиси шаҳр Мақсуд Икромовро

дар ин амал гунаҳгор шумурдан вазъи айёмро эҳсос накардан аст. Охир имрӯз не, фардо халқ ҳайкалро аз миён мебардошт. Ин тақозои давр аст: ҳеҷ миллате дар бурҷи давлати худ муҷассамаи шахсеро, ки сарзаминашро забт кардаву ҳафтод сол халқҳоро маҷбур ба кӯрароҳҳои пуршубҳа афканду раҳгум сохт, нахоҳад гузошт. Ба ҷуз ин, Ленин ҳамчун ҷосус барои аз дохил хароб кардани Руссия дар соли 1917 бо пули давлати Олмон ба Петербург омаданашро далелу санадҳо фаровонанд.

Аз хусуси гирдуҳамоӣ. Аз рӯи иттилооти васоили ахбор дар гирдуҳамоӣ ҳизби демократ, растохезчиён ва аъзои ҷамъияти нузҳати исломӣ пойфишорӣ мекунанд. Дар майдон нишастагон, асосан сокинони деҳоти атрофи шаҳри Душанбеанд. Метавон гуфт, ки 90 фоизи сокинони шаҳри Душанбе ба гирдуҳамоӣ иртиботе надоранд, балки тарафдор ҳам нестанд.

Ман аз мулоҳизаи баъзе шиору хитобаҳои гирдуҳамомадагон, аз қабили “Марг ба Раҳмон Набиев!” “Нест бод Ҷӯрабек Муродов!” ва ҳамин амсол сахт ошуфта гаштам. Мубориза барои ҳокимият ин тавр нест, бародаронам! Рафиқони демократ, мӯҳтарам аҳли ислом, аз шумо пурсише дорам: ҳеҷ яке аз ин ашхосе, ки лаънаташ мекунеду маргашро металабед ба шумо ё ба зану фарзандони шумо зулму таадӣ накардаст? Сипас чаро ба онҳо ба ин сон душмани хунӣ гаштед? Фақат барои он ки яке аз онон номзадиашро ба президентӣ монду тарафдорони зиёд дорад ва дигаре ақоиди шуморо дастгирӣ накард? Агар чунин аст, сипас усули коргузории шумо низ аз зӯроварӣ ва тоталитаризми болшевикӣ ҳеҷ тафовут надорад, бародарон! Халқ минбаъд шуморо дастгирӣ карданаш даргумон аст.

Бигирам, ки дар миёни демократҳои мо дасисаҷӯён кам нестанд, ба шумо, аҳли ислом чи шуд? Ҷои он ки аз худо ба худ умр талаб кунед, чаро ба бандагони бегуноҳ марг металабед? Ғолибан тоифае имони худро месӯзанду

ба гуноҳҳои худ шуморо шарик месозанд. “Ғайри шайтон бар касе лаънат макун!” — ин каломи раббониро ман аз забони шумо омӯхтаам, фаромӯш накунед ва исломро бо бесуботӣ ва ҳавасҳои пучи худ бадном насозед.

Биёед, дар мубориза ю талошҳои сиёсӣ ҳам ҷавонмарду тандеҳ бошем, ростию дурустӣ ва ҳаќу ҳақиқатро шиори худ созем, то дар назди авлоди фардо рӯсияҳ нагардем. Баду нек — ҳама дар саҳифаҳои таърих рақам хоҳад гашт.

Аслан, Раҳмон Набиевро асосан, ҳамон рӯзномаҳое, ки имрӯз ӯро лаънатборон мекунанд, дирӯз ба чандин таҳсин парастиш мекарданд. Чаро ин касон аз номзадиашро ба президентӣ мондани ӯ чунин ба ваҳшат афтодаанд, валлоҳ ки намефаҳмам! Дар матбуоти ҷиддӣ ҳам таърифу таҳсин ва ҳам сухани танқидро хеле санҷида ва андешида бояд гуфт. Рӯзноманигорони мо аз ин ваҷҳ хеле содалавҳ ҷилва мекунанд. Охир, одамон чандон ҳофизаи кӯтоҳу зуд сутурданӣ надоранд, ки ин гуна бесуботиҳоро фаромӯш кунанд.

Ҳамватанони азизам, шиори дигари шумо, истеъфои парламент ҳам аз он сар задаст, ки раҳбаладони шумо аз қонуни ин мамлакат бехабаранд. Парламентро фақат президент ҳақ дорад, ки пароканда созад. Ноиби он ё раиси маҷлис ва ашхоси дигар чунин ҳуқуқро надоранд. Ҷумҳурияти мо имрӯз президент надорад. Агар дар майдони Озодӣ фардо ҳазор не, сад ҳазор нафар ҷамъ оянду истеъфои парламентро талаб кунанд ҳам, ҳеҷ яке аз вакилон аз ваколати худ даст намекашад, зеро ҳар яки онҳоро шумо барин даҳ-понздаҳ ҳазор нафар мардуми ноҳияи худашон ваколатдор кардаанд, на шумо. Шумо метавонед, ки фақат вакили худро аз парламент бозхоста бигиред.

Ҳамин ҳақиқати оддиро надонистани раҳбаладони мардуми гирдуҳамомада ҳоло ҳар як инсони равшанфикрро дар ҳайрат меафканад. Ва ман яке аз онҳоям, ки аз ҳар қадами ноандешида, ба қавли Хоҷа “чу бед бар са-

ри имони худ меларзам”.

Демократҳои мо мебоист, ки ба тавассути маҷлисҳои парламент дар миёни мардумон тадриҷан обрӯ ва нуфуз пайдо мекарданд, вале сад дареғ мегӯям, ин тавр нашуд. Онҳо рӯзафзун эътимоди мардумро аз даст медиҳанд.

Мардуми як маҳалро ба маҳалли дигар шӯр ангехтан оқибати нек надоданашро ман зимни суханрониам дар анҷумани даҳуми адибони Тоҷикистон ҳанӯз моҳи апрели соли ҷорӣ ба таъкид гуфта будам: ин корҳо оқибатуламр Тоҷикистонро ба ду ё се бахш тақсим мекунад. Дареғо, ки бисёр мардони баҳушу зирак ҳам ба ин огоҳии ҷиддӣ бепарво менигаранд. Ҳол он ки имрӯз ин қисматшавӣ хеле наздик расидааст. Вакилони Хуҷанд дар маҷлиси Шӯрои олӣ гӯшзад карданд, ки вилояти онон 60-фоизи буҷети ҷумҳуриятро медиҳад ва агар баъзеҳо муқовамату адовати бесабабро дунболагир бошанд, онҳо маҷлисгоҳро тарк хоҳанд кард.

Кӣ медонад, балки баъзе рафиқони мо барқасд вазъиятро тезу тунд мекунанд, то ки ҷумҳурият қисмат гардаду онҳо беку бекча бошанд. Ҳеҷ аҷаб нест, барои баъзе гӯр сӯзаду дег ҷӯшад. Мабод он рӯз, ки мардуми мо боз аз паи рӯзӣ ба шаҳрҳои Ӯзбекистон мардикорӣ бираванд.

Бисёр мехоҳам, ки ҳамдиёрони азиз матлаби маро беғаразона, ба дурустӣ идрок кунед, ки ин банда сидқан ҷонибдори неруҳои ҳақиқии демократӣ ва ҳаводори адлу адолати иҷтимоиам. Мехоҳам, ки дар интихоботи президент як нафар не, чандин нафар довталабон номзадии худро пешниҳод кунанду дар мусобиқаи ҳалол мо якеро ба мӯҳлати муайян президент интихоб кунем. Мардуми ҷаҳон фақат ба ҳамин тариқ ба роҳи дурусти тамаддун баромадаанд. Ин роҳи осоишта роҳи аксари мардумони мутамаддин аст.

Имрӯз бо иғвову дасисакорӣ ё зӯровариву таъзиқ агар як нафар номзад ба президентӣ монад ҳам, вай дар

интихобот тарафдорони зарурӣ пайдо намекунанд, зеро одамон ҳоло ба атроф бо чашми кушода менигаранд ва ман аминам дар ҷавоби чунин зӯроварӣ роҳи муқовамати хомӯшро пеш мегиранд.

Аслан, мамлакатро минбаъд президент не, парламент идора хоҳад кард. Бе ризояти парламент президент ягон қарордоди муҳимро имзо кардан наметавонад, ягон шахсро ба мансаби баланд таъин намекунад. Аз ҳамин сабаб боист, ки мо дар интихоботи минбаъда мардони хирадманду поксириштги миллатро ба вакилӣ интихоб кунем, на савдогарони сиёсӣ ва корчаллонҳои мансабталошро.

Боз як мавзӯъе, ки миёни омма имрӯз мавриди мубоҳаса қарор гирифтааст, — ба сиёсат худро омехтани аҳли дин аст. Агарчи дар баъзе мамолики Шарқ аҳли дин дар сари ҳукумат буданд ва ҳастанд, мардуми мо намояндагони дини мубини исломро аз сиёсат ва дипломатия аз талоши мансаб дар канор дидан мехоҳанд, зеро ин шуғлҳо аз кизбу дурӯғ, аз фиребу тазвир пок нест. Шоир бесабаб нагуфтааст: “Сиёсатпеша мардум ҳиласозанд...” Умуман, ин мавзӯъро ба таъаммуқ таҳлил кардан лозим аст.

Ҳар рӯз майдони Озодиро мегузараму ба ҳоли мардум дилам месӯзад. Ба онон чи гуфтанамро намедонам, зеро ман қонунҳои мамлакати худро медонам ва онро риоя кардан мехоҳам. Дидаю дониста ба қонуншиканӣ илқо кардани мардум ба чи оқибати нохуш оварданашро дидаам ва он ҳанӯз фаромӯшам нагаштааст. Ман тарафдори тариқи осоиштаи парламентиам, ки мардумони соҳили Балтик ба ин усул имрӯз ба кӯи мурод расидаанд.

Ба намояндагони ҳамаи гурӯҳҳо, ҳизбҳо, маслиҳате дорам: барои манфиати шахси худ, гурӯҳи худ аз дурӯғу дағо истифода кардан оқибати нек надорад. Халқ чандон гӯлу содалавҳ нест, ки ба доми фиреби шумо биафтад, моҳияти аслии гуфтори шуморо надонад. Мардони бузурги сиёсӣ ҳамеша ростқавлу дурусткирдор, дорои виҷдону инсофи баланд будаанд, дар ҳама шароит мардона амал кардаанд. Ва дониста бошед, ки ҳеҷ як ҷиноят аз назари халқ пинҳон намемонад.

*Октябри соли 1991*

# НОМАИ САРКУШОДА БА ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИЯТИ ТОҶИКИСТОН РАҲМОН НАБИЕВ

Мӯҳтарам ҷаноби президент!

Сараввал Шуморо бо ғалабаи комил ва ҳақиқӣ табрик мекунам. Шумо нахустпрезиденти ба тариқи демократӣ интихобгаштаи Тоҷикистонед. Халқи мо ба Шумо эътимод ва эътибори бузург баён кард. Дар тӯли як-ду моҳи пешазинтихобот мардуми мо қобилияти Шуморо нашиносад ҳам, ба умеди он, ки солҳо дар вазифаи раҳбарӣ будед, таҷриба доред, ба Шумо боварӣ изҳор кард. Дар ин айём гузаштан аз як сохти давлатдорӣ ба дигараш таҷрибаи раҳбарии Шумо ба халқу давлат зарур буд.

Дар радифи даҳҳо ва садҳо ҳаводоронатон ман ҳам дар мақолаву суханрониҳоям номзадии Шуморо ҷонибдорӣ мекардам ва ғалабаи Шуморо ҳамчун як нафар шахсияти некирода ва аз пасту болои иқтисодиёти иҷтимоиёти ҷумҳуриятамон огоҳ орзуманд будам. Акнун ки дар хидмати халқи азиз кӯшишҳои пурбароратонро чашмдорам, ба тариқи номаи саркушода чанд талабу дархости як идда зиёиёни ҳамақидаи худро ба Шумо ошкоро арзадошт кардан мехоҳам.

1. Имрӯз, ки чашми умеди мардуми Тоҷикистон ба Шумо дӯхта шудааст, бисёр хоҳишмандем, ки ба дастаи худ мардони ақлманду соҳибхирадро, сирфи назар аз он ки вай куҷоист, гирдуҳам оваред. Тамаллуқгарони хомтамаъ ва косалесони мансабгадоро аз атрофатон дур кунед. Сабаби асосии бебарории сохти пешин ин буд, ки дар ҳукумат афроди сирф бехирадро ғун карда буданд.

Минбаъд онҳое, ки аз мансаб маъзул мешаванд, бояд ки чун инсони қаторӣ кору зиндагӣ кунанд! Як умр

аз мансаб ба мансаб лағҷида гаштани тӯдаи бюрократ бас аст!

2. Имрӯзҳо дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон duздию ғоратгарӣ ҳамчун як навъ вабои ҳамагир косаи сабру тоқати мардумро лабрез кардааст. Дуздон хонаҳоро мезананд, аҳли савдо ошкоро, бе ҳеҷ мамониат дар рӯзи равшан мардумро ғорат мекунанд, аммо милиса куллан оҷиз аст, ки моро ҳимоя кунад. Бе таъхир чорае бояд биандешед. Барои ҳар як ҷинояти беҷазо монда милисия бояд дар назди халқ ҷавобгарӣ кашад. Балки ба тарзи милисияи мунсипалӣ гузаштан лозим аст.

3. Дар соли 1992 вазъи маишии мардум бояд ки ҳатман беҳтар гардад. Барои ин мақсад хусусӣ кардани 80-фоизи корхонаҳо, мағозаву дӯконҳои хидматгузорӣ, замини кишту чарогоҳ зарур аст. Ҳамаи мамолики мутамаддини олам маҳз бо ҳамин роҳ рафтанду осудагиву хушҳолии мардумонро таъмин карданд. Роҳи Чин роҳи аз гуруснагӣ раҳонидани халқ аст, на роҳи серию пурие, ки масалан, ҳамсояи кӯчаки Чин — Тайван ноил гардидааст.

Дар пай ин мақсад даставвал то баҳори соли 1992 ба ҳамаи шаҳриёне, ки заминдорӣ кардан мехоҳанд, аз минтақаи киштукори атрофи шаҳрҳо даҳ-понздаҳ сотихӣ заминро дар ивази андози ҳарсолаи муайян ва бо ҳуқуқи меросӣ дода шавад. Агар шаҳриён талаботи худро ба меваю сабзавот таъмин кунанд, дар бозорҳои мо арзонӣ барқарор хоҳад шуд.

4. Қариб аксари ҷумҳурияти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ имрӯз тайёрии онро доранд, ки пули худро нав созанд. Селоби пули беқурби онҳо имрӯз ба ҷумҳурияти мо сарозер фурӯ рехта, молу манолу ашёву асбоби рӯзгори моро мебарад. Шумо бояд чораи фавран ва амалан пешгирӣ кардани ин офатро биҷӯед. Чунин чораҳо кам нестанд.

5. Нуфуси идораҳои раҳбарӣ дар Тоҷикистон қариб баробари нуфуси ҳукумати Фаронса буданашро имрӯз на

ҳама медонанд. Мо бояд ними ин лашкари муфтхӯри бюрократияро ихтисор кунем. То ба кай ин тӯдаи беҳуда дӯшбори мардуманд, боист, ки зудтар чораҷӯӣ кунед.

Ба ғайр аз ин, аксари мансабдорони ҳукумати Тоҷикистон афроди каммаърифат ва кундзеҳнанд. Раҳбарони режими коммунистӣ дар солҳои охир ҷаҳдашон бар он буд, ки дар атрофашон аз худашон камақлтарҳоро ғун кунанд, то ки миёни ин нодонтӯраҳо худашон хирадманди комил ҷилва намояд. Умедворем, ки Шумо вазъиятро дар ин арса ҳар чи зудтар дигаргун месозед.

6. Гӯруҳҳои мансабталош дар солҳои охир миёни мардумони вилоятҳои Тоҷикистон тухми низоъ мекоранд. Мақсади аслии ҳар як гурӯҳ аслан мансабҳои раҳбариро ба даст овардан аст. Сабаби ин қадар ба Шумо дарафтодани онҳо низ номзади худро ба президентӣ пешбарӣ карданатон буд. Шумо неву бигирем, ки дигар ягон шахсияти кулле, ки ба ин гурӯҳҳо ҳамришта нест, агар номзадии худро ба президентӣ гузорад ҳам, ин касон ба ӯ сахт муқобилат карданашон ба ҳама равшан аст. Баъзе гӯянд, ки ин гурӯҳҳо маҳз аз вилояти Хуҷанд президент буданашро намехоҳанд. Вале ба ақидаи ман, агар аз Кӯлобу Курғонтеппа президент интихоб гардад ҳам, онҳо ба вай муқобилат мекарданд, агар аз ҳалқаи онон набошад.

Ин амали кинаварзӣ оқибат ба қисматшавии Тоҷикистон хоҳад овард. Барои пешгирӣ кардани ингуна фарҷоми нохуш чораи ягона ҳоло конфедерасияи вилоятҳо аст. Агар ҳар вилоят соҳибихтиёр ва комилҳуқуқ бошад ва марказ фақат барои танзими баъзе корҳо – додугирифт, мудофиа ва тартибот, прокуратура ва ғайра хизмат кунад ва вазорату идораҳои бисёре барҳам дода шаванд, ҳаваси ҳукуматронӣ ва муфтхӯрӣ дар марказ барҳам мехӯрад ва асосе барои кинаварзӣ боқӣ нахоҳад монд.

Агар чор-панҷ сол қабл аз ин Горбачёв конфедерасия месохт, балки Иттиҳоди Шӯравиро аз парокандагӣ

нигоҳ дошта метавонист. Ман бисёр мехоҳам, ки Шумо дар ин бобат таъхир накарда бошед.

7. Дар охир роҷеъ ба қадррасии адабиёт ва адибон чанд нуқтаеро ба Шумо нагуфта наметавонам. Вазъи зиндагии адибони мо дар нисбати адибони ҷумҳуриятҳои дигар аз ҳар ҷиҳат нохуш ва бенавоёна аст. Аз 180 нафар аъзои Иттиҳоди адибони Тоҷикистон имрӯз метавон гуфт, ки ҳамагӣ сӣ-сиву панҷ нафар бори адабиётро ба дӯши худ мекашанд. Дигарон кайҳо аз адабиёт дур монданд ва ё аслан алоқаи қазоӣ надоштанд.

Агар ҳукумати мо ба ҳамин сӣ-сиву панҷ нафар адибон ба замми музди қалами ночизашон маоше таъин мекард, нуранало нур буд. Охир авлоди фардо маҳз ба тавассути қалами адибон симои замони моро хоҳанд шинохт. Қадррасии адибон, қадррасии маънавиёти халқ аст, эътибор ба симои рӯҳонӣ ва ахлоқии он аст.

***БАҲРОМ ФИРӮЗ,*** *нависанда,*
*дорандаи ҷоизаи ба номи Айнӣ,*
*корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.*
*2 декабри соли 1991*

# ДАРЕҒ АЗ МАН...

Ман дар номаи саркушодаам ба мӯҳтарам президенти ҷумҳуриятамон Раҳмон Набиев як идда талабу дархостҳои худро баён карда будам. (Нигаред “Адабиёт ва санъат”, №50) Дар он нома аз ваҷҳи интихоби одамон ба вазифаҳои давлатӣ, роҳҳои беҳдошти зиндагии мардум ва усули наҷот аз бӯҳрони иқтисодӣ, чораҳои фаврии ҳифзи иқтисодиёти ҷумҳурият ва беҳбудии фардои он ва ғайра андешаҳои худро изҳор карда будам.

Чун яке аз дӯстонам ба ман занг зада гуфт, ки рӯзноманигоре ба номаи ман ҷавоб навишта интишор кардааст, ба ростӣ ҳайрон гаштам. Аввало, ман бо он рӯзноманигор ва он рӯзномаи хусусӣ ҳеҷ алоқамандие надоштам ва ягон нусхаи он дастрасам набуд. Ва сониян, ба дил гуфтам, ки ба номае, ки ман имзоаш кардаам, мардумро чи кор?

Медонам, мардуми фозил ва соҳибдил бо ҳар навъ афроди моҷароҷӯй, ки на ҳадди мантиқро мешиносанду на одоби инсониро, ҳаргиз мубоҳаса ва муҷодала намекунанд. Аммо чи кунам, ки ман аз навиштани ин чанд сухан худдорӣ кардан натавонистам. Аз ин ваҷҳ ба ҳоли худ афсус мегӯям. Ба ростӣ, ҳайфи ман, дареғ аз ман, ки бо ин нақиби навҷавон ба баҳс печидам. Дигарон, ки аз ман баҳуштар буданд, ба хархашаҳои ӯ ҷавоб надодаанд.

Феълан, мусаннифи мақола Қодири Рустам ном ҷавон аз муваффақияти президент сафро сӯхта будааст ва он сафрои сӯхтаашро ба сари ман пош додааст, агарчи ман ӯро намешиносам ва ғолибан дар умр ҳаргиз бо ӯ сарукоре надоштам. Намедонам, ба шахси ношинос дарафтодани ҷавонеро чигуна тавзеҳ диҳам.

Аввалин эроди ӯ ба ин банда ин аст, ки ман ба президент гӯё тамаллуқ кардаам, яъне суханони хушомадомез навиштаам.

Бародар, барои шумо баринҳо дар дунё ҳеҷ муқаддасоте нест барин. Аммо ман медонам, ки дар ҳамаи мамолики олам калимаи “Президент”-ро аз рӯйи эҳтиром бо ҳарфи калон менависанд, зеро он рамзи эътибору ифтихори мо, рамзи соҳибихтиёрии мост, рамзи давлатдории тоҷикон аст. Ман аз рӯи одати мардумони зодгоҳам ба ҳар як шахси аз худам калонсол, хоса, ба шахсе, ки аксари кулли халқамон ба ӯ эътимод баён карду ба президентӣ интихобаш намуд, сарфи назар аз сифатҳои неку бади ин шахс эҳтиром баён мекунам. Ва дар ҳақи ӯ беҳурмату беандеша сухан гуфтан наметавонам. Аз ин ҷиҳат шумо кирдори дигаронро ҳаргиз бо ахлоқи худ андоза накунед.

Сониян, ман аз Президенти мӯҳтарам барои адибон маош ва ё стипендия дархост карда будам, ки онро шумо гадоӣ ҳисобидаед. Азбаски як тан фарди ба доираи адабӣ бегона ҳастед, балки огоҳӣ надоред — чанд сол аст, ки сечор нафар аз адибоне, ки ба кори эҷод машғуланд, чунин маошро мегиранд. Ман, ки дар нашриёт вазифа дорам, агар ҷаноби Президент иноят кунанд ҳам, ба чунин маош мӯҳтоҷ нестам ва маҳз барои адибоне, ки аз кори идора ва ё корхона фориғанд, дархост шудааст. Шумо, ки аз ин ҳама бехабаред, дигаронро аз худ қиёс мегиреду ин дархости адибонро дарйузагарӣ эълон мекунед. Фаразан, агар адибе аз Президенти мӯҳтарам талабе кард, шумо чи ҳақ доред, ки онро гадоӣ гӯед? Охир, Президенти мӯҳтарам падархонди шумо нестанд ва аз ризқи шумо канда ба ӯ намедиҳанд-ку!..

Аслан, агар номаро сарсарӣ намехондед ё як бори дигар ҳиҷҷа карда мехондед, ин қадар “говтозӣ” намекардед ва шояд табиати кинаварӣ, бадхоҳӣ ва арбадаҷуиатон боло намегирифт. Ман аз худо доим мехостам, ба бадхоҳи равшандилам рӯ ба рӯ кунаду ба кӯрдилам не. Аммо чи чора моҷароҷӯӣ, дасисабозӣ, беҳурматӣ ба халқи худ дар тинати шумо махлут аст.

Инак, агар ман, ба қавли шумо, дарйуза кардаам, фақат барои адибони ҷавон ва ё бевазифа, барои онҳое, ки тамоман ба кори эҷод машғул будан мехоҳанд, хулоса, барои равнақи адабиётамон дарйуза кардаам. Хайрияти кор, худ иқрор кардаед, ки гӯри ҳар кас ҷудост. Дарвоқеъ, мардуми озода бо зоти шумо барин дасисаҷӯён дар гӯристон ҳам ҳамсоя буданро намехоҳанд.

Давъвои дигари шумо марбут ба ибораи "конфедерасия" аст, ки маро бо он дар тафриқаангезӣ муттаҳам карданӣ мешавед. Маро, ки солҳои охир аз фитнаҳои маҳалгароён, гурӯҳбозон, тафриқаандозоне, ки миёни мардуми тоҷик тухми адоват мепошанд, ошкоро аз сари минбарҳо мегӯяму мақолаҳо менависам!.. На, дарди сари худро ба сари ман бор накунед, ман нагуфтаам, ки аз хуҷандиён ё кӯлобиён президент нашавад. Аҳли адаб нек медонанд, ки ман ба ҳеҷ яке аз гурӯҳҳое, ки дар талоши мансаб афтодаанд, иртиботе надорам ва дар овони ҷавонӣ ҳам ба узвияти фирқа майл накардаам. Бедурӯғу дағо, бе таъзиқ ҳар касе эътимоди халқро шоиста гардаду ба президентӣ бирасад, ман ӯро ҳурмат мекунам.

Шумо барои тафриқаандозии маро собит кардан аз он нома чунин навиштаҳои маро иқтибос кардаед, ки барои хонандагони азиз бозмеорам:

"Гурӯҳҳои мансабталош дар солҳои охир миёни мардумони вилоятҳои Тоҷикистон тухми низоъ мекоранд... Ин амали кинаварзӣ оқибат ба қисматшавии Тоҷикистон хоҳад овард. Барои пешгирӣ кардани ин фарҷоми нохуш чораи ягона ҳоло конфедерасияи вилоятҳо аст. Агар ҳар як вилоят соҳибихтиёр бошад ва марказ фақат барои танзими баъзе корҳои муҳим — додугирифт, мудофиа ва тартибот, прокуратура ва ғайра хизмат кунанд ва вазорату идораҳои бисёре барҳам дода шаванд, ҳаваси ҳукуматронӣ ва муфтхурӣ дар марказ барҳам мехурад ва асосе барои кинаварзӣ боқӣ нахоҳад монд".

Шумо аз ин суханон ба тунукзарфие, ки хоси табиататон аст, чи хулосаҳое мегиред! Миллати тоҷик, давлати тоҷикон, ягонагии он аз ҳар тоифае бештар барои адиб азиз аст. То замоне, ки давлати тоҷикон вуҷуд дорад, адибони он ҳастанд. Деҳқону коргар, олиму ҳунарвар, журналисту муаллим — одамони ҳамаи дигар касабаҳо бе давлати тоҷикон балки фаъолият кардан метавонад, аммо адиб наметавонад. Ба ҳар ҳол, дар Самарқанду Бухоро чунин ҳолат рух дод.

Бинобар он, хитобаҳои авомфиребонаи шумо ва ҳамфикронатон нисбати ман асосе надоранд. Ва баъдан дониста бошед, ки барои аз номи миллат сухан кардан сараввал ба он холисона хизмате кунед. Шумо, бародар, то имруз аз миллат фақат гирифтаед. Ман ки сӣ сол барои ин миллат хизмат кардаам ва миллат он хизматамро тақдир ҳам кардааст, ба ростӣ ҳанӯз забонам нагардад, ки шумо барин ба он хитоб кунам ё аз номи он ҳарфе занам.

Хуб коре кардаед, ки моддаи “конфедератсия”-ро аз фарҳанг нигаристед. Аммо дареғо, ҳамонро ҳам дуруст хондаву фаҳмида наметавонистаеду ба ман дарафтодаед: “Ва тибқи маслиҳати Баҳром Фирӯз дар Тоҷикистон пагоҳ метавонад панҷ ё шаш давлати мустақил ва соҳибихтиёр ба вуҷуд ояд...” Шумо осемасар аввали моддаи конфедерасияро хондаеду бас. Агар “конфедерасия” фақат “иттиҳоди доимии давлатҳои мустақил” бошад, сипас “конфедерасияи Шветсарияро” шумо чигуна эзоҳ медода бошед? Магар Шветсария аз якчанд давлати мустақил иборат аст? Ё Покистон? Ё худ ба “Конфедератсияи заҳматкашони Амрикои Лотинӣ”, ва “Конфедератсияи японии заҳматкашон” барин маъниҳоро чигуна эзоҳ медиҳед? Ба қавли шумо ҳеҷ яке аз онҳо на девони вазирон дораду на шурои олӣ ва на армия!.. Боз мегӯям: нокардакор туро ба ин корҳо чи кор? Вагарна дар ҳамон “Қомуси калони шӯравӣ” возеҳ овардаанд: “Конфедера-

ция предшествует образования федерации. Шветсария сохраняет названия конфедерации, хотя фактически является федерацией...” Ва дар поёнтар боз ба кӯр асо гӯён овардаанд: “Термин “конфедерации (в значении — союз) иногда употребляется в названиях различного рода организаций...”

Агар вуҷуди шумо аз сафрои сӯхта заҳрогин набудӣ, равшан медидед, ки ман конфедерасияро роҷеъ ба вилоятҳои комилҳуқуқ, қабл аз он ки чун федерасия муттаҳид гарданд, барои аз ҷудоӣ ва маҳалгароиҳо халосӣ ёфтан тавсия кардаам. Пешниҳоди ман қонун нест, пешниҳоди як нафар аст, метавонед шумо ҳам агар фикре дар сар доред, пешниҳод кунед. Барои ин ба ҳар як фарди ҷумҳурӣ дарафтодани шуморо ҳеҷ ҳоҷат нест. Мақсад аз таъсири рӯзномаи хусусӣ арбадаҷӯӣ ва ниқоргирӣ набудагист?

Аслан, ман аз вовайлоятон сабаби асосии асабонияти шуморо пай бурдам: президент интихоб гаштани Раҳмон Набиев шуморо ба ин ҳол овардааст. Фаразан, агар дар ҷои ман адиби дигаре ба президент бо эҳтиром рӯ овард, ғолибан шумо чун мӯи оташдида ба худ мепечед. Ҳеҷ медонед, ки дар кишварҳои мутамаддини олам ин хислат аломати ҷоҳилият ва зуроварӣ ба афкору ақидаи мардум ҳисоб мешавад? Ҳатто рӯзномаҳои кӯчагии (булварний) мамолики хориҷ ҳам ба худ ин корро муносиб намедонанд. Шумо худро ба ҳазор кӯй занед ҳам, боист, ки обрӯи рӯзномаро эҳтиёт мекардед.

Ба ғайр аз ин, бигирам, ки шумо тарбияи нағз надида ва одоби ҳамидаи тоҷиконро пушти по задаед, этикаи журналистиро низ намедонед? Мегӯянд, ки шумо дар синн бо писари ман баробаред... Ҳайфо, ки дар тинати шумо пастфитратию, разилии модарзодӣ бештар будаст.

Рафиқи зираке мегуфт, ки шумо ба усули арбада бо адибон миёни ҷамъият ном бардоштанӣ ва шумораи муштариёни рӯзномаатонро афзуданиед. Агар дарвоқеъ

матлабатон ин аст, монанди он шӯҳратпарасте, ки то номаш дар таърих монад, китобхонаи Йунони қадимро оташ дардода буд, ба ягон ҷинояти қабеҳтар даст занед, ки шуаро беҳуда нагуфтаанд: “Гар мекунӣ гуноҳ, гуноҳи кабира кун”.

Азбаски шуморо намешиносам, гумон ба ҳар ҷониб мебарадам. Агар дар адабиёт ҳаваскори бебарор бошеду ба адибон аз сари бухлу кина ба чунин оҳанг навиштанро идома диҳед, ихтиёр доред. Чунин моҷароҷӯён ва ҳангомахоҳон қабл аз шумо ҳам буданд. Агар чунин аст, ин ҷавоби ман сирф кори беҳуда аст.

Ба ҳар ҳол, бисёр мехоҳам, ки ин гумони ман хато барояду шумо минбаъд дар рӯзномаатон ба адибон сабақ диҳед ҳам, барои ба шумо мувофиқат накардани ақидаашон арбада оғоз накунед. Аввалин шарти тартиботи демократӣ ҳамин аст. Дар саҳифаи рӯзномаи хусусӣ ҳам журналистони дорои маданияти инсонӣ, одоби муошират ва ҳуқуқҳои дигаронро риоя мекунанд.

***1991***

# ГИРЕБОНИ ХУДРО БӮ КУНЕД!

Роҷеъ ба мавзӯъи номаи саркушодаи ин банда ба номи ҷаноби Президент Раҳмон Набиев (“Адабиёт ва санъат”, 12.12.91) дар саҳифаҳои матбуот баъзе афрод изҳори ақида карданд. Аввало, ногуфта намонад, дӯстони беғаш, софдил ва поктинат холисона афкору ақидаи худро дар ин мавзӯъ сари вақт ба тарзи шифоҳӣ ба ин банда изҳор доштанд, ки аз онон зиёда миннатпазирам. Ин ҳам хушбахтии ман аст, ки дӯстону ҳамфикронам ҳама мардуми хирадманду баҳуш, соҳибдилу фаросатманданд ва бадхоҳонам одамакони бахилу нотавон, беҳунару бефарҳанг.

Инчунин афроде, ки ғаше дар сина доштанд, баъди мутолааи номаи ман аламноку асабонӣ қалам ба каф гирифтанашон ва яке аз боғ, дигаре аз роғ, бемантиқ ва бедалели саҳеҳ кӯрсаводона фазлтарошӣ карданашон ба аксарият маълум гашт. Чи кунам, ки навиштаҳои баъзе аз онон ба ҷавобе гуфтан намеарзад. Онҳо ба нашри навиштаҳои кӯрсаводонаи худ аз он сабаб ноил гаштаанд, ки худ дар он рӯзнома кор мекунанд. Дар акси ҳол, ягон рӯзномаи ҷиддӣ навиштаҳои тумтароқи ононро ба ин сурат интишор намекард.

Ҳоло ба ин афроди хонашер гуфтан мехоҳам, ки номаи саркушодаи ман фақат ба ҷаноби Президент дахл дорад. Агар онро мавриди баҳс қарор медиҳед, боист, ки фақат дар саҳифаҳои “Адабиёт ва санъат”, ки онро интишор кардааст, ақидаи худро баён менамудед, на дар “хилваткадаи хеш”.

Сониян, ба Зиё Абдулло гуфтан мехостам, ки агар он мақолаашро ба идораи “Адабиёт ва санъат” месупурд, онро як андоза қалами тасҳеҳ зада, ба ифоқа меоварданд. Дар як мақолаи хурди рӯзнома дар шаш ё ҳафт банд “пеши раҳбари аввали давлат изҳори тамаъ” будани

ину он дархостро қайд кардан дар назари мардуми суханшинос қубҳи азим аст.

Матлаби асосии Зиё Абдулло аз мақола чунин аст: ман зиёиям, бо тамаъ ба ҳеҷ кас рӯи ниёз намеорам, шумо зиёӣ нестед, чунки аз Президент маош талаб доред. Вассалом.

Барои адибон дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон якчанд сол аст, ки ду-се маоше ҳаст, ки адибони ба кори эҷодӣ машғул ба навбат аз он баҳраваранд. Зиё Абдулло як-ду сол маҳз бо чунин маош зиндагӣ карданашро наход ки дар тӯли як соли охир ин қадар зуд фаромӯш карда бошад?! Ё фаромӯшхотирӣ ҳам аз сифатҳои зиёиёнаи ӯст? Дар урф дуруст мегӯянд, ки дурӯғгӯй хотира надорад. Ӯ худ, ки бо чунин маош деги маишаташро ҷӯшонд, чаро имрӯз барои дигарон аз ҳукумати ҷумҳурият чунин маошро дархост кунем, инқадар сӯфитарошӣ мекарда бошад?! Чунон ки шоири ҳақиқие фармудааст:

Ту оҳу нестӣ, ҷонам, гурозӣ...
Ту шоир нестӣ, таснифсозӣ.

Вагарна ба чашми ҳақиқат хок пошида ин қадар алломатарошӣ намекард ӯ.

Ҳайратам аз он ки ин риёкориро ӯ чи гуна ба худ муносиб донист!

Агар Зиё Абдулло баринҳо қобили идроки ин маънӣ нестанд, барои ҳаводорони адабиёт ва фарҳанги тоҷикон тавзеҳ кардан мехоҳам, ки адибони мо метавон гуфт, ки агар ба пули имрӯз баҳо кунем, қариб ки ба ройгон асар менависанд ва интишор мекунанд. Чаро дар баҳои ранҷу заҳмати шабонарӯзиаш адиб аз ҳукумати ҷумҳурият маош нагирад? Охир бисёр адибон мисли Зиё Абдулло дар идораи рӯзнома кор кардан намехоҳанду умри азизро сарфи кори эҷод намуданро афзал меҳисобанд.

Ба ғайр аз ин, ҳазор сол аз ин муқаддам заминдори давлатманд Фирдавсии тӯсӣ ҳам бо таъиноти амирони Сомонӣ ба навиштани "Шоҳнома" шурӯъ карда буд ва вақте ки Султон Маҳмуд дар ивази он шоҳкор пули кам дод, шоир сахт биранҷид. Магар Фирдавсӣ ҳам, ба қавли Зиё Абдуллои мо, тамаъкор буд? Дар воқеъ, нозими мо мақола навишта наметавонад, зеро барои мақолаи асоснок навиштан ҳам даставвал истеъдод ва афкори равшану мантиқи устувор лозим аст. Аслан, зиёӣ будани инсон ҳам дар хуни ӯ, дар фитрату сиришти ӯ махлут аст, аммо ин ҳақиқатро чигуна ба баъзе одамакон мефаҳмонед! Аз тухми гандумаки ёбонҳо ба парваришҳо ҳам гандуми сафедмағз намерӯяд, ки намерӯяд. Идеологияи коммунистӣ дар тӯли солҳои зиёд моро талқин мекард, ки ба тавассути парвариш аз ҳар як фарде инсони зиёӣ ва шарифу наҷиб сохтан метавон. Ғолибан, Зиё Абдулло ба ин дурӯғ сахт эътимод кардааст. Аммо ҳақиқат аз қавли Шайх ин аст: "Тарбият ноаҳлро чун гирдакон бар гунбаз аст".

Ғолибан, муроди ӯ дигар аст: ба ҷаноби Президент рӯ овардани ман ба ӯ намефорад ва кӯр-курона ба гиребони ин банда даст мезанаду ҳеҷ огаҳӣ надорад, ки дар боби баҳсу мунокиша ба балои замона вохӯрдааст. Қабл аз ин дар як мақолаам изҳор доштам ва он гуфтаро ба ночор боз мегӯям: Ин банда ба ҳеҷ яке аз ин гурӯҳбандиҳо ва фирқаву ҷамъиятҳои дирӯзаву имрӯза алоқамандие надорам ва минбаъд ҳам иртиботе доштан намехоҳам. Мардуми Тоҷикистон ҳар касеро бо раъйдиҳии хаққу ҳалол ба президентӣ интихоб кунад, ӯро эътироф мекунам ва эҳтиромашро ба ҷо меоварам. Аз ин ҷиҳат ба ман дарафтодани маҳалгароёни гуногунравиш як амали куллан бенатиҷа аст.

...Алқисса, баъди хитобаҳои зиёд аз хусуси зиёӣ будани худ Зиё Абдулло дар охир гуфтаҳои академик Сахаровро иқтибос мекунаду чунин меоварад: "Ин сухан барои дарёби ҳақиқат(?) дар дили халқ чӣ қадарҳо умед

мепарварад” — гӯён ба гумонаш хулосаи ҳикматомезе мебарорад шоири мо.

Бешак дар миёни адибон ҳар навъ одамон ҳастанд: мансабталошон, беҳунарони сафсаттафурӯш, риёкорони файласуфтақлид, маҳалгароёни сафросӯхта, девонамашрабон, дасисабозони сиёсатшиор... Аммо пеш аз он ки ба гиребони дигарон даровезед, бародаронам, боре гиребони худро бӯ кунед. Киву чи будани ҳар адиб, қимати осори онро халқ сарфи назар аз сафсаттафурӯшиҳо хеле равшан медонад. Ҳазор бор мушт ба сина кӯфта “ман зиёиам” гӯяду дар ному фамилиаш даҳто калимаи “Зиё” дошта бошад ҳам, афроди беинсофу риёкор зиёӣ буда наметавонад. Қабл аз ҳама ростию дурустӣ, инсоф ва виҷдони пок инсонро зиёе мебахшад.

Зиё Абдулло дар мақолааш ҳамчунон овардааст, ки дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маҳалгароӣ ривоҷ дорад. Сабаби якбора ба ин мавзӯъ гузаштани ӯ низ ба мо торик аст. Аз хусуси маҳалгароиҳо аз минбари анҷумани гузаштаи адибон гуфтем ва гуфтанд. Дар воқеъ, агар маҳалгароӣ набудӣ, ба ин минвол хомарониҳои бемантиқ ва афкори бебунёд магар Зиё Абдулло узви Иттифоқи нависандагон мегашт?!

Аслан, ман мехостам, агар аз дари баҳс дароям, бо ҳарифи шоистае, ки ҳадди мантиқро мешиносаду ба сар афкори равшане дошта, шахсияте бошад мубарро аз ғаразҳои беҳудаву ночиз, дар мубоҳиса бипечам, аммо чи кунам, ки ба ин афрод ба ҷуз талаби риояи мантиқ ва асоси даъвӣ дигар сухане афзудан маънӣ надорад.

***1992***

# МУНДАРИҶА


**МАҚОЛА, ТАҚРИЗ ВА ГУЗОРИШОТИ ДОИР БА АДАБИЁТ** .......... 5

БА ИСМИ НАКӮКОРӢ .......... 6
ҲИКОЯТ ЧИСТ ВА ЧИ ТАВР ОНРО МЕНАВИСАНД? .......... 10
ЧАРОҒИ МӮҶИЗА .......... 16
МУСОҲИБА БО МУХБИРИ РӮЗНОМАИ “КОМСОМОЛИ ТОҶИКИСТОН” .......... 23
МАРДИ КӮҲДИЛ ВА КӮҲПАЙКАР .......... 30
КИРО ДОВАР КУНАМ? .......... 34
ОИНАИ ФАРДОИ ФАРЗАНДОН .......... 41
МУРҒИ ПУХТАГӢ ЧАРО МЕХАНДАД? .......... 47
ТАЪСИРБАРДОРӢ .......... 51
КАЛОМИ МОДАРӢ .......... 57
ЭЗОҲ БА ЯК ЭЪТИРОЗ .......... 59
АЗ ДИЛИ ХУД СУХАНЕ ГӮ... .......... 62
ХАЛАЛ НАРАСОНЕД! .......... 64
ҚАТРАЕ АЗ САДАФИ АНДЕША .......... 74
ШЕЪРИ ХУБ ЧИ ГУНА АСТ? .......... 94
ҒАЛАТҲОИ КӮҲНАВУ НАВ .......... 104
ДАР ТАҶРИБАГОҲИ АДАБИЁТ .......... 117
ШЕЪРИ ТАБИӢ ВА ХУДРУСТА .......... 126
ЧАРО ПРОПАГАНДА ПАРУ ПО КАНДА ШУД? .......... 130
ДАРДИ НОХУШ... .......... 142
ШУҶОАТИ АДАБӢ .......... 145
“ҶУМЪАЮ ОДИНА ДАР МАЪНӢ ЯК АСТ...” .......... 154
МАТНИ СУХАНРОНӢ ДАР АНҶУМАНИ Х АДИБОНИ ТОҶИКИСТОН .......... 163
САБАҚИ УСТОД .......... 169

**ОЧЕРК ВА ПУБЛИСИСТИКА** .................................... 171

ДАР ТАЛОШИ ЗИНДАГӢ ........................................ 172
ДАР ҶУСТУҶӮИ ҚАҲРАМОН ........................................ 178
ЯК НАФАР АЗ ШАҲИДОНИ ИНҚИЛОБ ........................ 184
ДАР ЯК КОЛХОЗИ ДИЛВАРЗИН… ................................ 189
ЧАКРАЕ, КИ ЧАКИДУ ДАРЁ ШУД ................................ 214
ЧАРОҒИ САБЗ ........................................ 219
ҲИССИ ЛАТИФ ВА ТАБЪИ СОЛИМ ПАРВАРЕМ! 225
НОМ ВА НОМГУЗОРӢ ........................................ 229
ВАҚТИ МО – НАҚДИ МОСТ ........................................ 235
ГАПРАВӢ ҲАМ ҶИНОЯТ АСТ! ........................................ 242
БОҒУ ПОЛИЗИ ШАКАРРЕЗИ ДЕҲҚОН ........................ 246
КӮҲРО БА КӮҲ МЕЗАНАНД, ВАЛЕ… ............................ 253
ХАРИ КӮРУ ОҒИЛИ ТАНГ ........................................ 264
ҲУНАРИ ҶАҲОНБИНӢ ВА ........................................ 269
ДАРЁИ САФЕД ........................................ 279
НЕКӢ ВА НАКӮКОРӢ ........................................ 285
ХАРОБКОРОНИ АЛОҚА ВА АЛОҚАМАНДОНИ БЕЧОРА ........................................ 289
ДАЛЕРИИ ДУЗДРО БОИС ЧИСТ? ................................ 294
ДАР СӮҲБАТИ НАВРАСОНИ ДЕҲА ................................ 301
ГӮР СӮЗАДУ ДЕГИ ҚАЛАНДАР ҶӮШАД ........................ 314
МУҲАББАТ ВА ДИЛҶӮӢ ........................................ 317
ЭЙ ДИДА, ИБРАТЕ! ........................................ 323
ХОКИ МЕҲРАНГЕЗ ........................................ 331
АЙЁМЕ, КИ ИНТИЗОРАШ БУДЕМ ................................ 334
ДИДУ ВОДИДЕ МУБОРАК ........................................ 342
ФАСЛИ ИЗТИРОБҲО ........................................ 351
ДУҒИ КӢ ТУРШ АСТ? ........................................ 358
ЧАШМИ УМЕД МЕПАРАД… ........................................ 365
САГЕРО БАД НАГӮЯМ ........................................ 373
МЕХОҲАМ, КИ БИДОНАМ… ........................................ 381
МАГАР ИСЛОҲОТ АЗ БОЛО ПОЁН РАСИД? ............ 389
ТО БА КАЙ ДАР ҲОВАН ОБРО МЕКӮБЕМ? .............. 397
ДИЛАМ МЕСӮЗАД… ........................................ 406
НОМАИ САРКУШОДА БА ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИЯТИ ТОҶИКИСТОН РАҲМОН НАБИЕВ 412
ДАРЕҒ АЗ МАН… ........................................ 416
ГИРЕБОНИ ХУДРО БӮ КУНЕД! ........................................ 422
**МУНДАРИҶА** ........................................ 426

**БАҲРОМ ФИРӮЗ**
www.firuz.tj

# ВРАЩАЮЩАЯ СЦЕНА

(на таджикском языке)


Рассом Р.Абдурашитов
Муҳаррири техникӣ М.Саидова
Муҳаррири расмҳо В.Пулодов

БИ № 825
Ба матбаа 25.12.91 таҳвил гардид. Барои чоп 17.06.93 имзо шуд. Андозаи 84Х108 1/32. Коғази газетӣ. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 18,586. Ҷузъи рангаи шартӣ 18,904. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 19,204.
Адади нашр 4000. Супориши № 813.
Нашриёти “Адиб”, 734003, Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 37.
Комбинати полиграфии Кумитаи давлатии Тоҷикистон.
оид. ба матбуот. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126